В данной статье рассматриваются правовые основы развитого опыта организации и реализации налогообложения в развитых странах мира и их творческое применение в РТ. Для развития налогового законодательства приведены и обоснованные предложения.

**Ключевые слова:** конституционно-правовое регулирование налоговых правоотношений, конституция, разделение власти, принципы и основы конституционной деятельности налогообложения, Счетная палата.

Хулосабарориҳои таҳлилии вижагиҳои ташаккул ва таҳаввули қонунгузории соҳаи андоз дар Тоҷикистон баррасии ин масоилро на танҳо ба таври таърихии хронологӣ, балки аз ҷиҳати муқоисавию таърихӣ дар назар дорад. Муқоисаи таҷрибаи таърихии назария ва амалияи андозбандӣ дар худи Тоҷикистон ва инчунин бо таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи хориҷӣ дар самти фаъолияти андозбандӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он дар назар аст. Қиёсу таносуби на танҳо давлатҳои ҳамсоя балки ҳамаи дигар давлатҳо (ба хусус давлатҳои мутараққӣ) дар назар аст, агар таҷрибаи таносубшавандаи ин давлатҳо ба ин ё он андоза тамоюл ва масоили рушди ҳуқуқи андозро маълум созад[1].

Такмили қонунгузории соҳаи андоз яке аз вазифаҳои муҳими беҳдошти идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Зимни ин ҳатто давлатҳои таърихан иқтисодиёташон ташаккулёфта ба таҷрибаи худӣ маҳдуд нагашта, таҷриба ва методологияи шарикони хориҷиашонро фаъолона истифода мебаранд[2].

Омӯзиши таҷрибаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи андози хориҷӣ ва истифодаи эҷодкоронаи он дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки на танҳо низоми андозбандӣ ва қонунгузории амалкунандаи соҳаи андоз баҳогузорӣ гардад, балки самтҳои имконпазири такмили минбаъдаи он бо назардошти сиёсати иқтисодию ҳуқуқии давлатӣ муайян карда шавад.

И.Г. Гараев менависад, ки зимни такмилдиҳии низоми андозбандӣ истифодаи таҷрибаи хориҷӣ муҳим аст. Ин ҷо мумкин аст сухан дар бораи апробатсияи даврабадавраи қисман ва ё пурраи соҳаҳои алоҳидаи таҷрибаи мазкур равад[3].

---

[1] Ниг.: Графский В.Г. Национальные правовые системы в условиях глобализации и сохраняющегося плюрализма правовых культур // Национальные правовые системы в условиях глобализации и региональной интеграции: Материалы Международной конференции (19-20 ноября 2007 г., г. Душанбе). - Душанбе, 2007. –С. 28.

[2] Ниг.: Колесников А.А. Основополагающие аспекты организации налогового контроля // Вестник АКСОР. -2010. -№ 4.

[3] Ниг.: Правовые основы государственного и муниципального налогового контроля: Учебное пособие / И.Г. Гараев. – Казань: Издательство «Познание» Института экономики, управления и права (г. Казань), 2010. -С. 98.

Махсусан, истифода намудани таҷрибаи хориҷии танзими конститутсионии асосҳои муносибатҳои молиявию андозбандӣ дар Тоҷикистон хело муҳим аст, чунки таҷрибаи давлатҳои мутамаддин собит менамояд, ки заминаҳои фаъолияти молиявию андозбандӣ яке аз предметҳои асосии танзими конститутсияро ташкил медиҳанд. Дар ин маврид конститутсионалисти венгерӣ Андраш Шайо хеле дуруст қайд менамояд, ки «асосҳои буҷет ва андозбандӣ бешубҳа бояд ба матни конститутсия ворид карда шаванд»[1]. Зеро ба андешаи ӯ нуфузи воқеии ҳокимияти давлатӣ ба таври назаррас дар муқарраротҳои конститутсионии вобаста ба буҷет ва меъёрҳои андозу молиявӣ зоҳир мегардад[2]. Конститутсияи ҶТ соли 1994 низ дар муқаррарнамоии меъёрҳои заминавии андозу молия дар канор намондааст ва як қатор меъёрҳои бобҳои гуногуни он ба танзими ин ё он муносибатҳои муҳимтарини андозбандию молиявӣ бахшида шудааст.

Дар воқеъ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, ки дар таърихи миллати тоҷик бори нахуст ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст, инъикосгари беҳтарин дастовадҳои таърихи конститутсионализми мамолики мутараққӣ, таҷрибаи байналмилалии инкишофи демократия ва падидаҳои он, принсипҳои умумии байналмилалӣ ва консепсияи ҳуқуқи фитрӣ мебошад. Конститутсияи мазкур ба ташаккулу инкишоф ва комилгардии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ мусоидат намудааст. Мазмуни Конститутсияи соли 1994 имконият медиҳад, ки меъёрҳои онро ҳамчун асоси ҳамаи низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ эътироф намоем. Гузашта аз ин як қатор меъёрҳои он поягузори соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ – конститутсионӣ, маъмурӣ, гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ва ғ., аз ҷумла андозу молия мебошанд.

Дар ташаккули меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи андоз ва молия моддаҳои зиёди Конститутсияи ҶТ, ки барои танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ аҳамияти умумӣ доранд, таъсир мерасонанд. Муқаррароти конститутсионӣ оиди иҷтимоӣ будани давлат, таҷзияи ҳокимият, волоият ва мустақиман амал кардани Конститутсия аз қабили онҳоянд. Дар баробари ин меъёрҳои алоҳидаи Конститутсия махсус ба масъалаҳои молиявӣ ва зерсоҳаҳои он – андоз, буҷет ва ғ. бахшида шудааст.

Меъёри муҳими Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита ба ҳуқуқи андоз асоси заминавӣ аст моддаи 45-уми он мебошад. Дар фарқият аз конститутсияҳои пешина Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон бори нахуст ҳатмӣ будани супоридани андоз ва пардохтҳои бо қонун муайянгардидаро пешбинӣ мекунад. Намояндагони илми ҳуқуқи конститутсионӣ ин ҳолатро чунин шарҳ медиҳанд: «То ин вақт дар Тоҷикистон масъалаи андозсупорӣ ва андозғундорӣ он қадар масоили мураккаб набуд. Азбаски моликиятдори асосӣ – худи давлат буд, бинобар ин буҷети давлатӣ аз ҳисоби маблағи корхонаю ташкилотҳои сотсиалистӣ ташкил меёфт. Ҳиссаи андози аз шахсони воқеӣ рӯёнидашаванда ночиз буд ва он низ бевосита аз тарафи коргоҳе, ки шахс дар он меҳнат мекард, пардохта мешуд. Акнун дар шароити гузариш ба бозори иқтисодӣ ин таносуб тағйир ёфта, ҳиссаи андози аз шахс рӯёндашаванда дар таркиби буҷаи давлатӣ назаррас гардида истодааст»[3]. Аз ин сабаб дар Конститутсия ба низоми вазифаҳои асосӣ дохил намудани супоридани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ талаби замон буда, дар конститутсияҳои аксари кулли кишварҳои мутамаддин пешбинӣ гардидааст. Бояд ёдрас гардид, ки дар байни асосҳои конститутсионии танзими муносибатҳои андоз дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон салоҳияти истисноии парламент оид ба муқаррар намудани андозу дигар пардохтҳо мавқеи махсус дорад, зеро онҳо ба манфиати ҳамаи шаҳрвандон ва дигар

---

[1] Шайо Андраш. Самоограничение власти (краткий курс конституционализма): Пер. с венг. -М.: Юристъ, 1999. С. 194.

[2]Дар ҳамон ҷо. С. 191.

[3]Ниг.: Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе, Интишороти Оли Сомон, 1997. С. 194.

сокинони давлати марбута таъсир мерасонанд. Моддаи 155 Конститутсияи Албания ба василаи қонун муайян намудани боҷҳо, андозҳо, ӯҳдадориҳои молиявии миллӣ ва маҳаллӣ, паст кардан ва ё озод намудани гурӯҳи муайяни андозсупорандагонро аз пардохти онҳо, инчунин тарзу шеваи ҷамъоварии онҳоро пешбинӣ намуда, аз ин роҳ ба Парламенти кишвар ҳаққи истисноии муқаррар кардани онҳоро додааст. Дар айни замон, қисми 3 моддаи 157 ҳамин Конститутсия ба мақомоти маҳаллӣ ҳаққи муқаррар намудан ва ҷамъоварӣ кардани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дода, амали мақомоти мазкурро дар доираи талаботи қонун маҳдуд мекунад[1]. Салоҳияти Парламент ва дигар мақомоти намояндагии Белгияро ҷиҳати муайян кардани андоз ва дигар пардохтҳо моддаи 170 Конститутсияи ин кишвар чунин муқаррар кардааст: «§1. Ҳеҷ гуна андоз бо фоидаи давлат наметавонад ба ҷуз аз ба василаи қонун муқаррар карда шавад. §2. Ҳеҷ гуна андоз ба фоидаи ҷамъият ва ё минтақа наметавонад ба ҷуз аз ба василаи фармон ва ё меъёре, ки дар моддаи 134 пешбинӣ шудааст (фармонҳои дорои эътибори қонун, ки онҳоро мақомоти намояндагии минтақавӣ қабул мекунанд), муқаррар карда шавад. Дар робита ба андозбандие, ки дар қисми якум пешбинӣ шудааст, қонун истисноҳоро, ки зарурати онҳо асосноканд, муайян мекунад. § 3. Ҳеҷ гуна боҷ, ҳеҷ гуна андоз наметавонад аз ҷониби музофот муқаррар карда шаванд, ба ҷуз аз ба василаи қарори шӯрои он. Дар робита ба андозбандие, ки дар қисми якум пешбинӣ шудааст, қонун истисноҳоро, ки зарурати онҳо ба исбот расидаанд, муайян мекунад. Қонун метавонад пурра ва ё қисман андозбандие, ки дар параграфи якум пешбинӣ шудааст, бекор кунад. §4. Ҳеҷ гуна боҷ, ҳеҷ гуна андоз наметавонанд аз ҷониби иттиҳоди коммунаҳо ва ё коммуна муқаррар карда шаванд, ба ҷуз аз ба василаи қарори шӯроҳои онҳо. Дар робита ба андозбандие, ки дар параграфи якум пешбинӣ шудааст, қонун истисноҳоро, ки зарурати онҳо асосноканд, муайян мекунад»[2]. Ба ҳамин тартиб, муаллифони Конститутсияи Белгия бо дарназардошти сохти марзию ҳудудии кишвари худ сатҳҳои гуногуни мақомоти намояндагиро (парламент, шӯроҳои ҷамъият, минтақа, музофот, иттиҳоди коммунаҳо, коммуна) аз ҳаққи муқаррар кардани андоз ва дигар пардохтҳо бархӯрдор сохтаанд.

Мусаллам аст, ки аз аҳолӣ ҷамъ кардани андоз барои таъмини дастгоҳи давлатӣ ва некӯаҳволии ҷомеа буда, яке аз нишонаҳои фарққунандаи давлат аз ҳокимияти иҷтимоии тодавлатӣ мебошад. Дар ин хусус намояндагони назарияи шартномавии пайдоиши давлат чунин ақида доранд: «… одамон ҳокими худро барои хизмати хеш интихоб карда, дар назди ӯ вазифа мегузоранд, ки ҳуқуқҳо ва моликияти онҳоро ҳифз намояд. Одамон, дар навбати худ, андоз месупоранд, ки барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ сарф мешаванд. Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз ҷониби ҳокими давлат чунин шартнома бекор карда мешавад»[3].

Чун дигар меъёрҳои молиявӣ меъёрҳои муқарраркунандаи намудҳои андоз низ муносибатҳоеро танзим мекунанд, ки иштирокчиёни онҳо алоқаи омирона дошта, як тараф тобеи тарафи дигар аст ва андозсупорандагонро аз ҳуқуқ ба як қисми моликияташон яктарафа маҳрум мекунад. Бо назардошти ин дар банди якуми моддаи 45-уми Конститутсияи Тоҷикистон гуфта мешавад, ки «Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст вазифаи ҳар кас мебошад». Аз ин ҷо мо хулоса карда метавонем, ки якум *танҳо бо қонун* андозҳо муқаррар мешаванд (яъне *принсипи танҳо дар шакли қонун муқаррар шудани андоз ва пардохтҳо*), дуюм ин ки қонунҳоро Маҷлиси олӣ – парламенти ҷумҳурӣ қабул менамояд.

---

[1] Ниг.: Конституции государств Европы: В 3 т. Т. 1. / Под общей редакцией и со вступительной статьей директора Института законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации Л.А. Окунькова, - М.: Издательство НОРМА, 2001. С. 346-349.

[2] Ниг.: Конституции государств Европы: В 3 т. Т. 1. / Под общей редакцией и со вступительной статьей директора Института законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации Л.А. Окунькова, - М.: Издательство НОРМА, 2001. С. 232-235.

[3] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. Нашри 2-юм. Душанбе, 2002. С.77- 78.

Аз тарафи *мақомоти қонунгузор* ва *танҳо дар шакли қонун* муқаррар шудани андозҳо аз таҷрибаи таърихии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон маншаъ мегирад ва яке аз пояҳои ҳуқуқбунёд будани давлат ва кафолати ҳифзи ҳуқуқи моликияти инсону шаҳрванд буда, аз нишонаву хусусиятҳои худи қонун бармеояд. Зеро аввал ин ки қонун нисбат ба дигар санадҳои меъёрӣ қувваи баланд ва муҳлати амали зиёдтар дошта, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим мекунад, дигар ин ки он аз зери назари намояндагони бевоситаи халқ ва Президенти мамлакат мегузарад. Аз ин сабаб эҳтимолияти беадолатона будани қонунҳо нисбат ба дигар санадҳои зериқонунӣ камтар мебошад. Дар баъзе давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳатто намудҳои андоз бевосита дар конститутсияашон номбар гардидааст (масалан, дар Қонуни асосии Олмон, Швейтсария)[1], ки ин аз муҳимияти принсипи мазкур шаҳодат медиҳад.

Моддаи 45-уми Конститутсияи кишварамон ғайр аз ин чунин принсипҳои муҳимро эълон медорад, ба монанди а) *вазифаи ҳар кас будани супоридани андоз ва пардохтҳо*; б) *манъ будани қувваи бозгашти қонуне, ки андози навро муқаррар мекунад ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамояд*. Дар баробари ин, принсипҳои дигари муҳими фаъолияти андозбандиро, ки дар қонунгузории мамолики пешрафтаи ҷаҳон ҷой доранд ва қисми зиёди онҳо аз ҷониби олими шинохтаи соҳа дотсент С.П. Ҳаитов мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст имкон дорад ба таври эҷодкорона дар Конститутсия ва қонунгузории андози Тоҷикистон ворид карда шавад[2].

Меъёри дигари конститутсионӣ, ки аз таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи аврупоӣ сарчашма мегирад – ин ба салоҳияти Ҳукумат дахл доштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар соҳаи андоз ба ҳисоб меравад. Чунончи, тибқи сархати сеюми моддаи 59-уми Конститутсияи ҶТ лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад. Дар ИМА, Грузия, Бразилия ва як силсила кишварҳои дигар лоиҳаи ин гуна қонунҳоро ба парламент президентони онҳо пешниҳод мекунанд. Италия, Испания, Латвия, Литва, Полша ва гурӯҳи дигари кишварҳо ин ҳуқукро ба ҳукуматҳои худ додаанд. Дар Англия, Юнон ва як силсила кишварҳои дигар ин ҳуқуқ ба ӯҳдаи вазирони молияи онҳо вогузор шудааст[3].

Пешниҳоди лоиҳаи қонуни буҷет ба маҷлиси поёнии парламент, ки яке аз анъанаҳои паҳншудаи фаъолияти аксарияти парламентҳои давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад, паҳлӯи дигари хусусияти қабули қонуни буҷетро ифода мекунад. Дар кишварҳое, ки маҷлисҳои поёнии парламентҳояшон нисбат ба маҷлисҳои болоии онҳо афзалияту бартарӣ доранд, қонунҳои буҷетро амалан онҳо қабул мекунанд. Баъзе конститутсияҳо бошанд қабули қонуни буҷетро ба сифати ҳуқуқи истисноии маҷлиси поёнии парламент эътироф кардаанд. Масалан, моддаи 42 Конститутсияи Чехия чунин муқаррар кардааст: «1. Лоиҳаи қонун оид ба буҷети давлатӣ, инчунин лоиҳаи қонун оид ба иҷрои буҷети давлатиро Ҳукумат пешниҳод мекунад. 2. Лоиҳаи қонунҳои фавқулзикр дар ҷаласаҳои ошкоро мавриди баррасӣ қарор мегиранд ва қарор оид ба онҳо танҳо аз ҷониби Маҷлиси вакилон қабул мешавад»[2]. Ҳатто дар баъзе кишварҳое, ки маҷлисҳои парламенти онҳо баробарҳуқуқанд, лоиҳаи қонуни буҷет дар аввал ба маҷлиси поёнӣ ирсол мегардад. Қонуни асосии ИМА ба ин анъана оғоз гузошта, дар қисми 1 фасли 7 моддаи 1 худ пешниҳод шудани тамоми лоиҳаи қонунҳо оид ба воридоти давлатро ба Маҷлиси вакилон муқаррар кардааст[3]. Моддаи 166 Конститутсияи Бразилия бошад ирсоли лоиҳаи конунҳои накшаҳои бисёрсола, дастурҳои (директиваҳои) буҷетӣ, буҷети солона ва қарзҳои иловагиро ба ҳарду

---

[1] Ниг.: Ҳамидов Х. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷӣ. Қисми умумӣ. Ҷилди 2. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. С. 319.

[2] Ниг.: Хаитов С.П. Становление и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.). Душанбе: «Ирфон», 2012. С. 148-170.

[3] Ниг.: Конституции государств Европы: В 3 т. Т. 1. / Под общей редакцией и со вступительной статьей директора Института законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации Л.А. Окунькова, - М.: Издательство НОРМА, 2001. С. 342-344.

маҷлисҳои Конгресси миллӣ (Маҷлиси вакилон ва Сенати федералӣ) пешбинӣ мекунад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки лоиҳаи қонунҳои фавқулзикрро комиссияи доимии якҷояи Конгресси миллӣ, ки аз ҷумлаи сенаторон ва вакилон созмон дода мешавад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонунҳо ба Комиссияи якҷоя пешниҳод мешаванд ва он хулосаи ҳудро оид ба онҳо барои баррасӣ ба ҳарду маҷлисҳои Конгресси миллӣ ирсол медорад. Тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонун оид ба буҷети солона ва ё ба лоиҳаи қонуне, ки онро тағйир медиҳанд ба шарте метавонанд қабул гарданд, агар онҳо бо нақшаи бисёрсола ва қонун оид ба дастурҳои буҷетӣ мутобиқат дошта бошанд, инчунин онҳо маблағҳои заруриро нишон диҳанд. Дар мавриди ниҳоӣ танҳо он тағйиру иловаҳо имконпазиранд, ки онҳо аз беэътибор донистани хароҷот озоданд, ба истиснои маблағгузории пардохти ҳаққи меҳнати кормандон ва ёрдампулиҳои онҳо, пардохти қарзи давлатӣ ва фоизҳои он ва дар асоси муқаррароти конститутсионӣ додани воридоти андоз ба штатҳо, мунистипалитетҳо ва ҳавзаи федералӣ.

Тағйиру иловаҳо ба қонун оид ба дастурҳои буҷетӣ ба шарте метавонанд қабул шаванд, агар онҳо бо нақшаи бисёрсола дар мухолифат қарор надошта бошад. Президент ба василаи паёми худ ба Конгресси миллӣ метавонад ба он қисми лоиҳаи қонунҳои фавқулзикр тағйиру иловаҳо пешниҳод кунад, ки онро комиссияи якҷоя ҳанӯз ба овоздиҳӣ нагузоштааст. Лоиҳаи қонунҳо оид ба нақшаи бисёрсола, дастурҳои буҷетӣ ва буҷети солонаро ба баррасии Конгресси миллӣ Президент ирсол медорад.

Ба ҳамин тартиб, қабули қонунҳои молиявӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон аз роҳу тариқи мухталиф амалӣ гардида, хусусиятҳои онҳоро ифода мекунад. Дар тафовут аз қонунҳои буҷети давлатӣ қонунҳои андоз тибқи таомули умумипазируфташудаи қабули қонунҳои оддӣ қабул карда мешаванд. Аммо аз он ҷое, ки андозбандӣ манфиати ҳамаи сокинони кишвари марбутаро дахл мекунад, аз ин рӯ муқаррар кардани андозҳо аз ихтиёроти намояндагони миллат эътироф шудааст. Тасодуфӣ нест, ки як силсила қонунҳои асосии муосир бахшу фаслҳои алоҳидаи худро ба танзими андозбандӣ ва назорати андозу молия бахшидаанд (Албания, Белгия, Олмон, Грузия, Испания, Литва, Люксембург, Молдова, Полша, Руминия, Туркия, Финляндия, Бразилия, Швейтсария, Шветсия). Қонуни асосии Швейтсария, ки муносибатҳои вобаста ба андозбандиро мавриди танзими дақиқ қарор додааст дар моддаи 128 худ ҳатто андозаи андози мустақимро, ки ба фоидаи Иттиҳод ҷамъоварӣ мешавад, муқаррар кардааст. Тибқи муқаррароти моддаи мазкур аз даромади шахсони воқеӣ ситонидани андоз ба андозаи на зиёдтар аз 11,5 фоиз, аз фоидаи софи шахсони ҳуқуқӣ на зиёдтар аз 9,8 фоиз, аз сармоя ва захираҳои шахсони ҳуқуқӣ на зиёдтар аз 0,825 промил пешбинӣ шудааст. Зарурат ба таъкид аст, ки дар асоси талаботи бахшҳои интиқолии ҳамин санади ҳуқуқӣ, ки моддаи 196 он дар бар мегирад, мӯҳлати амали салоҳияти ситонидани андозҳои мустақими Иттиҳод дар охири соли 2006 хотима ёфтааст[1].

Дар баробари дастовардҳо, комёбиҳо ва муваффақиятҳои номбаршудае, ки солҳои истиқлолият бо назардошти таҷрибаи пешқадами давлатҳои мутараққӣ дар заминаи меъёрҳои андозию молиявии Конститутсияи ҶТ ба амал омаданд, инчунин баъзе масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти андозбандию молиявӣ, ки танзими конститутсиониро тақозо менамоянд, дар Конститутсия инъикос наёфтаанд, ки то андозае мавқеи онро дар ташаккули низоми андозбандӣ ва молиявӣ суст мегардонад ва дар оянда тағйиру такмил додани Конститутсияи мазкурро талаб менамояд.

Таҷрибаи давлатҳои мутамаддин собит менамояд, ки заминаҳои фаъолияти андозбандию молиявӣ, яке аз мавзӯъҳои асосии танзими конститутсияро ташкил медиҳанд. Конститутсияи ҶТ соли 1994 низ дар муқаррарнамоии меъёрҳои заминавии молиявӣ дар канор намондааст ва як қатор меъёрҳои бобҳои гуногуни он

[1] Ҳамидов Х. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷӣ. Қисми умумӣ. Ҷилди 2. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. С. 19.

ба танзими ин ё он муносибатҳои муҳимтарини молиявӣ бахшида шудааст. Аммо дар таркиби конститутсияи аксари мамолики пешрафтаи ҷаҳон ва кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил *боб ё фасли* алоҳида принсипу меъёрҳои заминавии фаъолияти андозбандию молиявиро муқаррар менамоянд. Масалан, дар конститутсияҳои Япония (боби VII. Молия)[1], Юнон (боби 6-уми фасли B-и қисми III. - Андозбандӣ ва идоракунии молияи давлатӣ)[2], Олмон ((X). - Молия)[3], Испания (фасли 7. - Иқтисод ва молия)[4], Белорусия (фасли 7. - Низоми молиявию кредитӣ)[5], Молдова (фасли 4. - Иқтисоди миллӣ ва молияи оммавӣ)[6], Гурҷистон (боби шашум - Молияи давлатӣ ва назорат)[7], Ӯзбакистон (боби 25 - Молия ва қарз)[8] ва ғ. боб ё фасли махсус ба танзими муносибатҳои андозию молиявӣ бахшида шудааст. Дар баробари ин дар конститутсияи баъзе аз онҳо ҳатто нисбати мақомоти махсуси давлатие, ки назорати андозу молияро бевосита ба амал мебароранд муқарраротва ё боби алоҳидае мавҷуд аст.

Дар таркиби конститутсияҳои Тоҷикистони Шуравӣ бошад оид ба буҷети давлатӣ боби алоҳида ҷой дошт (Конститутсияи с. 1929 - Боби 16. Дар бораи ҳуқуқи буҷетӣ[9], Конститутсияи с. 1931 - Боби 16. Дар бораи ҳуқуқи буҷетӣ[10], Конститутсияи с1937 - Боби 7. Дар бораи буҷети ҶШС Тоҷикистон[11], Конститутсияи с. 1978 - Боби 17. Буҷети давлатии ҶШС Тоҷикистон[12]).

Тавре маълум аст, яке аз давраҳои асосию хотимавии мурофиаи буҷетӣ - давраи *ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ* мебошад, ки шакли муҳими назорати парламентӣ нисбати ҳукумат маҳсуб меёбад[13]. Агар бо усули муқоисавӣ таҳлил намоем дар конститутсияи қариб ҳамаи давлатҳои пешрафта дар бораи ҳисоботдиҳанда будани ҳукумати иҷроия дар назди парламент оиди иҷроиши буҷет меъёр пешбинӣ шудааст. Чунки ҳисоботдиҳанда будани ҳокимияти иҷроия оиди иҷроиши буҷети давлатӣ дар назди ҳокимияти қонунгузор яке аз масоили асосии низоми боздорӣ ва мувозинаи шохаҳои ҳокимият ба шумор рафта, аз принсипи таҷзияи ҳокимият дар фаъолияти андозбандию молиявии давлат бармеояд. Дар Конститутсияи ҷумҳурӣ нисбати *ҳисобот оид ба иҷроиши буҷети маҳаллӣ* муқарраротмавҷуд аст[14], аммо дар он роҷеъ ба *ҳисоботи Ҳукумат оиди иҷроиши буҷети ҷумҳуриявӣ дар назди парламент* меъёре вуҷуд надорад, ки ба андешаи мо на он қадар дурусту мантиқӣ аст. Бо таъсири он ҳатто дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати ҶТ» аз 12 майи 2001 с., № 28[15], Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар

---

[1] Ниг.: Конституции зарубежных государств: Учебное пособие / Сост. проф. В.В. Маклаков - 2-е изд., исправ. и доп.- М.: Издательство БЕК, 1999. С. 432.

[2]Дар ҳамон ҷо. С. 387.

[3]Ниг.: Конституции государств Европы: В 3 т. Т. 1. / Под общей редакцией и со вступительной статьей директора Института законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации Л.А. Окунькова, - М.: Издательство НОРМА, 2001. С. 616-622.

[4] Дар ҳамон ҷо. Т.2. С. 78-80.

[5] Ниг.: Конституции государств участников СНГ. - М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА. М, 1999. С.140.

[6] Дар ҳамон ҷо. С.410-412.

[7]Дар ҳамон ҷо. С.220.

[8]Дар ҳамон ҷо. С.625.

[9] Ниг.: Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. – Душанбе, 2003. С. 340-341.

[10] Дар ҳамон ҷо. С. 363-364.

[11] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе, Интишороти Оли Сомон, 1997. С. 56.

[12] Дар ҳамон ҷо. С. 57.

[13] Масалан, ниг.: Бюджетное право и процесс: Учебник / В.А. Парыгина, А.А. Тедеев. –М.: Изд-во Эксмо, 2005. С. 217-218.

[14] Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунанд (сархати дуюми моддаи 77-уми Конститутсияи ҶТ).

[15] АМО ҶТ 2001 с., №4, м. 215.

бораи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 19 апрели 2000 с., № 1[1] ва Дастури Маҷлиси намояндагон ҶТ аз 7 ноябри 2001 с., № 437[2] низ дар ин масъала чизе гуфта намешавад ва танҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии ҶТ» аз 28 июни 2011 с., № 723[3] ин муносибатҳо танзим мегардад. Аз ин рӯ, ба Конститутсия ва қонунҳои номбурда бояд тағйироти дахлдор ворид гардад.

Дар аксари давлатҳо мақомоти махсуси назорати молиявии аз ҷиҳати ташкилию функсионалӣ мустақиле ки ба парламент ҳисоботдиҳанда аст, вуҷуд дорад ва асосҳои ташкилу фаъолияти он дар конститутсияи онҳо мустаҳкам мегардад. Масалан, дар ИМА мақомоти пуриқудрати назоратӣ-молиявӣ – Сарраёсати назоратӣ-молиявӣ, ки тибқи Қонун дар бораи буҷет ва ҳисобдорӣ аз 10-уми июни соли 1921 таъсис ёфтааст, ба қонунгузор тобеъ мебошад[4]. Дар Британияи Кабир функсияи мақомоти назорати буҷетию молиявии аз номи парламент амалкунандаро Раёсати назорати давлатӣ, ки ҳанӯз соли 1866 таъсис гардидааст, иҷро менамояд[5]. Таҷрибаи канадагии назорати молиявӣ дар заминаи ҳамкории мутақобилаи Кумитаи назорати молиявии Палатаи ҷамоа ва Офиси Аудитори генералӣ ташкил карда шудааст. Ба ин монанд дар Германия ва Шветсия кор дар парламент ба роҳ монда шудааст. Дар Федератсияи Русия Палатаи ҳисобдории Маҷлиси Федералӣ – мақомоти доимоамалкунандаи назорати давлатии молиявии Русия аст. Қариб ҳолати ба ин монанд дар Украина, Гурҷистон ва Озарбойҷон ҷой дорад[6]. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, мақомоти махсуси назорати молиявӣ, ки асоситарин аст, ба парламент тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, назорати парламентии молиявӣ танҳо дар ин сурат воқеият пайдо менамояд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо бояд дар Тоҷикистон Палатаи ҳисоб танҳо ба парламент масъулу ҳисоботдиҳанда бошад ва принсипу асосҳои ташкилу фаъолияти он дар Конститутсия пешбинӣ гардад.

Хуллас, вобаста ба талаби замони имрӯз Конститутсияи соли 1994 таъйиноти худро ҳамчун Қонуни асосии давлат дар муайян кардани самти инкишофи соҳаи қонунгузории андоз ва такмили мунтазами он ба таври кофӣ иҷро намудааст. Дар баробари ин баҳри ташаккули минбаъдаи давлати демократию ҳуқуқбунёди тоҷикон, инкишофи муқаррароти конститутсионӣ ва ислоҳоти конститутсионӣ дар самти сиёсати андозу андозбандӣ такмилу тағйири қонунгузории кишвар, ба хусус дар соҳаи андозбандӣ амри воқеӣ буда, амалигардонии он дар ташкили фазои ягонаи ҳуқуқӣ, устувории қонунгузорӣ, инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳад кард.

## ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ КОНСТИТУТСИОНИИ МУНОСИБАТҲОИ АНДОЗБАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақолаи мазкур вазъи кунунии таҷрибаи пешрафтаи ташкилу татбиқи фаъолияти андозбандӣ ва танзими ҳуқуқии конститутсионии муносибатҳои андозбандӣ дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон ва истифодаи эҷодкоронаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Баҳри такмили заминаҳои конститутсионии фаъолияти андозбандӣ дар Қонуни асосии Тоҷикистон пешниҳодҳои асоснок манзур гардидааст.



**Вожаҳои калидӣ:** танзими ҳуқуқии конститутсионии муносибатҳои андозбандӣ, конститутсия, таҷзияи ҳокимият, принсипҳо ва асосҳои конститутсионии фаъолияти андозбандӣ, Палатаи ҳисоб.


---

[1] АМО ҶТ 2000 с., №4, м. 108.

[2] АМО ҶТ 2001 с., №11, м. 682.

[3] АМО ҶТ 2011 с., №6, м. 436.

[4] Грачева Е.Ю. Проблемы правового регулирования государственного налогового контроля. Дисс... докт. юрид. наук. Москва, 2000. С.57.

[5] Дар ҳамон ҷо.

**THE WESTERN EXPERIENCE OF CONSTITUTIONAL-LEGAL REGULATION OF TAX RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Abstract**

In the article it is discussed the legal basis of the developed experience in the organization and implementation of taxation in the developed countries of the world and their creative application in Republic of Tajikistan. For the development of the tax legislation is given reasonable proposals.

**Key words:** constitutional legal regulation of tax relations, constitution, separation of powers, principles and basics of the constitutional activities of the taxation, Court of accounts.

**ФИЛИППОВ И.В.** - магистрант кафедры
"Экономика и Финансы",
Финансовый университет при Правительстве РФ,
Челябинский филиал

# ПРИНЦИП ДОЛЕВОГО УЧАСТИЯ КАК СОСТАВЛЯЮЩАЯ ФИНАНСИРОВАНИЯ МНОГОКВАРТИРНЫХ ДОМОВ

**Аннотация**

Строительство жилья в России, на основе договора долевого участия, пользуется большой популярностью, но имеет ряд недостатков, в особенности это касается частных инвесторов (дольщиков), чьи права зачастую нарушаются. В настоящей статье предложена новая модель финансирования строительных проектов, позволяющая уменьшить потенциальные риски частных инвесторов, без удорожания проекта для застройщиков.

*Ключевые слова: долевое участие, строительство, новая модель финансирования*

Зрелость экономики государства, в том числе характеризуется и таким параметром как инвестиционный климат. То есть наличие благоприятных условий для инвестирования в те или иные проекты, причем не только со стороны крупного бизнеса, но со стороны малого бизнеса и отдельных граждан страны. В последние десятилетия, большой популярностью среди населения нашей страны, пользуются инвестиционные проекты, связанные со строительством жилых многоквартирных домов. Популярность таких инвестиций обусловлена острой потребностью решения жилищного вопроса у множества наших соотечественников, не имеющих собственного жилья, и как правило, имеющих относительно небольшой доход. Заключение договора долевого участия в строящимся многоквартирном доме, примерно на 10 – 20% снижает стоимость квадратного метра жилья, чем в доме, введенном в эксплуатацию. Еще одним положительным фактором является краткосрочность вложений, так как по современным технологиям, дома возводятся в течение одного-двух лет. Даже без учета роста цен на недвижимость, приобретение квартиры дает отличный доход инвесторам, хорошую скидку тем, кто нуждается в жилье, а главное – двигает строительную индустрию вперед, а с ней множество попутных отраслей промышленности. Но при всех этих положительных моментах, имеются и риски, такие как:

- падение цен на недвижимость, что наблюдается во многих регионах, в связи с большим предложением на рынке и отсутствием спроса, вызванным нестабильной социально-экономической обстановкой в стране [3];
- банкротство застройщика;
- перенос сроков сдачи домов.

С 1 января 2014 года в Федеральный закон №214 «Об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости», внесли дополнения, предусматривающие три основных вида страхования инвесторов [1,2]:

- поручительство банка;
- соглашение со страховой компанией (страхованием гражданской ответственности застройщиков);
- членство застройщика в Обществе взаимного страхования (ОВС) застройщиков.

Анализируя, внесенные законодательством методы страхования инвесторов (участников долевого строительства), вкладывающих денежные средства в строящиеся объекты недвижимости, можно сказать о неэффективности данных методов:

- в первом случае, как показывает практика, банки оказались не готовы гарантировать инвесторам исполнение обязательств по договорам строительными компаниями, так как не все могут выдать такие гарантии, так как при наступлении неблагоприятных событий банк обязан нести ответственность за застройщика.
- в случае со страхованием гражданской ответственности застройщиков – последние не охотно идут на данные сделки, так как велика вероятность больших потерь, к тому же Центральный Банк (ЦБ) РФ предъявляет к страховщикам жесткие требования, а это может привести к росту цен на рынке новостроек.
- в последнем случае с Обществом взаимного страхования – не каждая строительная компания сможет попасть в это общество, к тому же нужно еще и взносы оплачивать, а в случае проблем у одного из членов, еще и нести дополнительную финансовую нагрузку.

С вводом в действие этих дополнений количество обманутых участников долевого строительства многоквартирных домов конечно сократилось, но они все равно есть, значит принятые меры недостаточно эффективны. В июле 2015 года правительство РФ заявило о готовящихся изменениях в 214-ФЗ, которые предполагают полный отказ от модели долевого строительства с 2020 года [3], что может привести к довольно масштабным негативным последствиям, так как в настоящее время практически 50 % жилых домов возводится с участием средств частных инвесторов [4]. Именно по этой причине следует задуматься о новом механизме финансирования строительных проектов с привлечением частных инвесторов, возможно даже не только в строительство жилых домов, но и других объектов. Данное направление достаточно актуально, так как затрагивает большой сектор промышленности, к тому же, строительные компании переживают сейчас итак не лучшие времена, а еще и лишить девелоперов практически «бесплатных» денег, тогда строительный сектор может вообще остановиться, что приведет к неблагоприятным последствиям для всей экономики России, а главное – к росту цен на жилье.

В настоящее время при существующей модели долевого участия строительные компании получают деньги от частных инвесторов как в полном объеме, так и частичной оплатой, то есть инвестор в большинстве случаев уплачивает застройщику полную стоимость объекта недвижимости, хотя дом может находится еще на стадии котлована. Естественно строительным компаниям выгодно иметь в распоряжении значительные средства на начальном этапе строительства, но в этом случае возникают значительные риски нецелевого использования денежных средств, как это случилось со скандально известной строительной компанией «Гринфлайт», возводившей жилой комплекс «АкадемРиверсайд» в Челябинске [5,6], а в исключительных случаях имеют место хищения. В таких условиях возникает большая вероятность остановки строительства, следовательно – потеря инвестиций, а в случае привлечения заемного капитала участником долевого строительства – еще и долг с процентами. Задачей данного исследования является создание новой схемы финансирования строительных проектов, которая бы в первую очередь обеспечила гарантиями инвесторов, и не привела к удорожанию проекта.

Предлагаем:

1. На базе Агентства по Ипотечному Жилищному Кредитованию (АИЖК) [7] или специальной организации, создать специализированный финансовый инструмент (ценная

бумага), а следовательно принципиально новую модель финансирования строительных проектов частными инвесторами. Потенциальный инвестор приобретая данный финансовый инструмент бронирует определенный объект недвижимости, оплачивая полную его стоимость, на любом этапе строительства, при необходимости используя ипотечный кредит. В этот момент у застройщика возникают обязательства перед инвестором по аналогии с договором долевого участия строительства многоквартирного дома. При этом на все полученные от инвесторов средства на строительство определенного дома открывается условное денежное обязательство, например аккредитив, в банке, где обслуживается застройщик. Следовательно, застройщик является получателем средств по этому обязательству. С этого аккредитива списываются деньги в пользу строительной компании поэтапно, по согласованному с застройщиком графику, то есть сначала оплачивается первая очередь строительства, например фундамент, затем – вторая, к примеру, каркас здания или коробка, и так далее. В этом случае застройщик поэтапно получает средства на строительство, то есть проект обеспечивается деньгами на каждом этапе. При завершении строительства и передачи объекта инвестору данный финансовый инструмент погашается, ввиду выполнения всех обязательств обеими сторонами. Основными задачами данной модели являются: предоставление инвесторам (участникам долевого строительства) гарантии получения объекта недвижимости в установленные сроки и надлежащего качества с одной стороны, и сохранность денежного потока застройщикам от инвесторов с другой, без удорожания.

2. Потенциальный инвестор открывает целевой депозит в банке, предназначенный для финансирования строительства определенного объекта, на сумму равную стоимости объекта недвижимости. В свою очередь банк начинает перечислять средства строительной компании поэтапно, по согласованному с застройщиком графику, как в первом варианте. В этом случае застройщик поэтапно получает средства на строительство, то есть проект обеспечивается деньгами на каждом этапе, банк имеет свободные, еще не использованные средства инвесторов, распоряжаясь ими – получает доход, а в случае привлечения ипотечного кредита, получает и проценты по кредиту. В случае худшего сценария, когда застройщик банкротится, инвестор, может потерять деньги, но не в полном объеме, к тому же часть строительных работ уже произведена, следовательно можно передать объект другой строительной компании и возобновить строительство, к тому же деньги на последующие этапы сохранились. Так же у застройщика не будет возможности финансировать строительство других сторонних объектов, например, высокой степени готовности, а строительство дома, для которого предназначены средства, заморозить на неопределенный срок, как это часто встречается в настоящее время.

Таким образом, основными преимуществами данной модели перед моделью договоров долевого участия являются:

- минимальные инвестиционные риски;
- проект обеспечен деньгами на каждом этапе;
- строительство финансируется деньгами частных инвесторов без удорожания.

Недостатками же данной модели являются:

- необходимость организации контроля этапов строительства и их реальное финансирование.

**Литература :**

1. Федеральный закон «Об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости» № 214-ФЗ от 30.12.2004

2. Федеральный закон "О внесении изменений в Федеральный закон "Об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости и о внесении изменений в некоторые законодательные акты Российской Федерации" и отдельные законодательные акты Российской Федерации" от 03.07.2016 N 304-ФЗ

3. http://www.rbc.ru – Официальный сайт РБК.

4. http://www.gks.ru – Федеральная служба государственной статистики.

5. http://domchel.ru – Сайт недвижимости Челябинска.

6. http://74.ru – Информационный портал Челябинска.
7. https://дом.рф – Официальный сайт Агентства по Ипотечному Жилищному Кредитованию.

## УСУЛҲОИ ИШТИРОКИ САҲМШАРИКӢ ҲАМЧУН УНСУРИ ТАРКИБИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХОНАҲОИ БИСЁРМАНЗИЛА

**Тавзеҳи мухтасар**

Сохтмони манзил дар Россия, дар асоси шартномаи иштироки саҳмшарикӣ бисёр маъруф мебошад. Бахусус ин тарзи қарордод ба сармоягузорони хусусӣ (саҳмдорон) хос аст, ки аксар вақт ҳуқуқҳои онҳо халалдор карда мешавад. Дар мақолаи мазкур тамсилаи нави маблағгузории лоиҳаҳои сохтмонӣ пешниҳод шудааст, ки имконият медиҳад хавфҳои эҳтимолии сармоягузорони хусусӣ бе он, ки лоиҳа барои сохтмончиён гарон афтад, нисбатан камтар карда шавад.

*Калидвожаҳо: саҳмшарикӣ, сохтмон, тамсилаи нави маблағгузорӣ*

## PRINCIPLE OF SHARE PARTICIPATION AS A COMPONENT OF FINANCING MULTI-QUARTER HOUSES

**Abstract**

Housing construction in Russia, based on the contract equity participation, is very popular, but has several disadvantages, especially individual investors (shareholders), whose rights are often violated. This article proposes a new model of financing construction projects to reduce potential risks of private investors, without the project cost for developers.

*Keywords: equity participation, construction, the new funding model*

**ПЕРЕВОЗОВА О.В.** – к.п.н., доцент кафедры
«Менеджмент и маркетинг»
Финансовый университет при Правительстве РФ,
Челябинский филиал
**РАХИМОВ И.Х.,** – магистрант кафедры
«Менеджмент и маркетинг»
Финансовый университет при Правительстве РФ,
Челябинский филиал

**RAKHIMOV I.H., PEREVOZOVA O.V.**
Financial university at Government of Russian Federation, Chelyabinsk branch

## СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕЦИИ КАДРОВОГО БРЕНДА В КРУПНЫХ КОМПАНИЯХ

**Аннотация**

Внедрение инновационных стратегий все более обуславливает повышенный спрос на квалифицированные человеческие ресурсы, способные обеспечить эффективность и конкурентоспособность организации. Для успешного экономического развития существенное значение имеют человеческий интеллект, знания и способности, которые должны трансформироваться в новые идеи, инновации, повышение производительности и качества труда, увеличение прибыли и рост конкурентных преимуществ. Эта ситуация получила название «рекрутинговый бум», который актуализировал вопросы повышения имиджа компании, имиджа работодателя и HR-бренда. Нетрудно заметить, что перечисленные вопросы в той или иной степени связаны с персоналом предприятия, поэтому к HR-бренду проявляется все больше и больше внимания.

***Ключевые слова:*** *HR-бренд, конкурентоспособность, инновации*

HR-бренд, или бренд работодателя (employer branding), как аспект научных исследований вошел в науку относительно недавно, но в последние годы достаточное количество работ посвящено ему. Обуславливается это положение тем, что в результате практических разработок доказана экономическая эффективность HR-бренда для различных участников трудовых отношений.

Первооткрывателями в данной области стали британские исследователи, которые в 90-е годы 20 века впервые обратились к вопросам рассмотрения HR-бренда. Основоположником данного направления стал Симон Бэрроу. В 1996 совместно с Тимом Эмблером, старшим научным сотрудником Лондонской школы бизнеса, они раскрыли суть HR-бренда в статье в Journalof Brand Management [1]. На текущем этапе многие известные мировые корпорации уделяют внимание построению HR-бренда, признавая его выгодность и значимость.

Российская история HR-брендинга началась позднее. Исследованиями, посвященные данному вопросу, занимались известные российские ученые, в частности Л. И. Иванкина, Н. М. Абрамов, А. А. Бежовець, Д. Лобанов, А. Я. Кибанова, Е. Балашова, Д.Г. Кучерова, Н. Осовицкая и другие. Кроме того, такие множество публикаций по данной теме можно встретить в таких журналах, как «HR-JOURNAL», «Директор по персоналу», на сайте «HeadHunter» и т.д. Кроме того, в России с 2006 года вручается премия «HR-бренд года», которая на сегодняшний день имеет международный статус [http://hrbrand.ru/]. За рубежом есть аналогичные премии, например, «BestCompanytoWorkFor», «Best Employer» и т.д. Наличие созданной в России отдельной системы оценки бренда работодателя говорит о существенном интересе различных участников трудовых отношений к данному вопросу.

Таким образом, обзор показал, что на текущем этапе вопросам HR-брендинга уделяется значительное внимание. Рассмотрим сущность данного явления.

Таблица 1 – Трактовка понятия HR-брендинг в исследованиях различных авторов

| Автор | Трактовка |
|---|---|
| С.Бэрроу<br>Т.Эмблер | Employer branding (HR-брендинг, развитие бренда работодателя) — совокупность усилий компании по взаимодействию с существующими и потенциальными сотрудниками, которое делает её привлекательным местом работы, а также активное управление имиджем компании в глазах партнёров, потенциальных сотрудников и других ключевых стейкхолдеров. [ 3] |
| О. Бруковская<br>Н. Осовицкая | HR-брендинг – способ, которым формируется идентичность бизнеса, начиная с базовых основ и ценностей, и инструменты, с помощью которых это доносится до заинтересованных лиц. |
| В.Д. Мишина | HR-брендинг – процесс создания благоприятного имиджа работодателя с помощью специфических инструментов, действие которых направлено на внешнюю и внутреннюю аудиторию |
| Р.Е Мансуров | HR-брендинг – комплекс целенаправленных мероприятий по формированию положительного имиджа работодателя с целью постоянного привлечения лучших из лучших специалистов в своей отрасли |
| Т. Ю.Арькова | Способ, которым бизнес строит свою идентичность, начиная с базовых основ и ценностей, и то, каким образом он доносит ее до всех заинтересованных лиц. Система транслируемых внешней и внутренней аудитории образов, идей и представлений об организации как о работодателе |
| С. М. Иванова | Известный образ, который сложился у работающих и потенциальных сотрудников организации, общественности, представителей профессионального сообщества, рекрутинговых компаний, государственных служб (например, занятости), коммерческих компаний относительно организации, обладающей уникальными качественными характеристиками на рынке труда, доведенными до сознания существующих и потенциальных сотрудников таким образом, |

| | |
|---|---|
| | чтобы единожды поступив на работу в данной организации, они стали ее приверженцами. |
| А.А. Дворников | HR-брендинг – это способ привлечь квалифицированных сотрудников, но не деньгами, а созданием более привлекательного имиджа работы в компании |

Таким образом, рассмотрев понятие HR-бренда и HR-брендинга, можно сделать следующий вывод относительно сущности данных явлений. Во-первых, HR-бренд представляет собой особый образ компании, сформированный в глазах различных заинтересованных категорий лиц, к числу которых относятся настоящие, бывшие и потенциальные работники, стейкхолдеры, клиенты, партнеры и т.д. Во-вторых, данный сформированный образ представляет собой совокупность различного рода выгод и преимуществ экономического, профессионального и психологического характера, которые может получить заинтересованное лицо, присоединившись к выбранной компании. В-третьих, HR-бренд представляет уникальную черту, благодаря которой формируется отличность данной компании от других для внешнего круга лиц и для заинтересованных участников. В-четвертых, все методы, способы и пути, которыми реализуется HR-бренд и его формирование, представляет собой именно HR-брендинг.

HR-брендинг представляет собой очень важный процесс в системе управления предприятием. В целом место HR-брендинга в системе управления предприятием можно представить в виде схемы (рисунок 1).




Рисунок 1 – Место HR-брендинга в системе управления предприятием

Процесс управления предприятием состоит из нескольких отдельных сфер: продажи, производство, финансовые ресурсы и потоки, информационные ресурсы и т.д. Данных сфер множество, все их невозможно отобразить н одной схеме, тем более для каждого предприятия их набор будет отличаться. Но в сущности HR-брендинг соединяет в себе две отдельно взятые области в сфере управления на предприятии. Он соединяет в себе элементы маркетинга и управления персоналом. Именно на стыке двух данных областей формируется HR-брендинг. Следовательно, техники, технологи и методы его формирования также представляют собой совокупности методов и техник из двух данных областей.

Далее необходимо рассмотреть основные элементы данных понятий. Бренд работодателя формируется из двух составляющих – внутренней и внешней. Именно то, кому адресован бренд, определяет его состав. Наглядно схема взаимодействия двух составляющих представлена на рисунке 2.

Внутренний HR-брендинг во многом определяет внешний. Официальной информации компании рынок труда доверяет не всегда. Согласно ряду исследований,

около 75% людей уверены, что реклама обманывает. При этом, отзывам настоящих и бывших сотрудников потенциальные кандидаты доверяют в значительно большей степени. То, как выглядит компания в глазах кандидатов, во многом определяется тем, как она выглядит в глазах сотрудников. Это влияние тоже не всегда может оставаться стихийным, есть и вполне распространенные инструменты взаимовлияния внутреннего и внешнего HR-брендов. Например, система премирования за рекомендации. Привлекая знакомых на работу в компанию, сотрудники компании укрепляют ее имидж как работодателя, и это поощряется.

Нельзя недооценивать и роль работы с уходящими сотрудниками – ведь именно их отзывы часто создают негативное мнение о компании. Правильно проведенное заключительное интервью, решение всех спорных вопросов, помощь в дальнейшем трудоустройстве превращают бывших сотрудников в лояльных проводников HR-бренда компании [4].




Рисунок 2 – Состав HR-бренда предприятия

Внешний HR-брендинг ориентирован на специалистов, которые пока находятся по ту сторону компании, то есть на потенциальных соискателей. Говоря маркетинговыми терминами, кандидаты являются в данном случае целевой аудиторией. Любой компании приходится позиционировать себя в качестве работодателя: на сайтах по поиску работы, досках объявлений, в печати, в кадровых агентствах и т.д. Однако не все делают это продуманно, в соответствии с выстроенной концепцией формирования бренда работодателя. Часто компании просто публикуют вакансии на job-сайтах, когда им нужны новые сотрудники, или обновляют корпоративный сайт, чтобы привлечь студентов, или печатают буклеты, если нужно презентовать себя на ярмарке вакансий [4]. В России не всегда данные акции продуманны, объявления привлекают именно целевую аудиторию, а мнение потенциальных работников соответствует действительности.

Преимущества наличия у компании собственного HR-бренда исследованы в различных аспектах. Так, ассоциация Greatplacetowork является составителем рейтинга 100 лучших работодателей журнала Fortune. По мнению данной ассоциации, сильный HR-бренд обеспечивает компаниям следующие важные конкурентные преимущества:

– устойчивость во время экономических спадов, что особенно актуально на текущем этапе экономической нестабильности и санкций в адрес России;

– более высокий уровень производительности труда работников;

– повышение рентабельности производства за счет привлечения большего числа высококвалифицированных кандидатов;

– более высокий уровень лояльности и удовлетворенности клиентов;

– сравнительно высокий уровень инноваций, креативности и инициативы на предприятии [1].

Если рассматривать в более узком аспекте, т.е. в сфере управления человеческими ресурсами, преимущества от HR-брендинга также очевидны:

– целенаправленная социально ориентированная кадровая политика;

– снижение затрат на привлечение персонала;

– повышение качественных характеристик кандидатов на вакансию, расширение возможностей выбора персонала для компании, так как HR-бренд действует как магнит для кандидатов из внешней среды и своего персонала;

– повышение скорости закрытия вакансий.

В конечном итоге в социально- экономическом аспекте это приводит к росту кадрового потенциала персонала и его конкурентоспособности, интеллектуального капитала и нематериальных активов компании, улучшению репутации на рынке труда, товаров и услуг, капитала [4].

Преимущество бренда работодателя можно показать при помощи соотношения положения компании на рынке, ее годовой прибыли и наличия HR-бренда как такового. В таблице представлены результаты исследования положения российских компаний по итогам премии «HR-бренд». Премия «HR-бренд года. Лучшие работодатели России» учреждена группой компаний HeadHunter в 2006 году и присуждается компаниям, имеющим наиболее привлекательную репутацию как в среде потенциальных соискателей, так и среди собственных сотрудников. Цель премии – в содействии развитию корпоративной культуры и продвижению современных методов рекрутмента (Таблица 2).

Таблица 2 – Положение на рынке и HR-бренд предприятия

| Компания | Бренд | Признание бренда | Положение на рынке |
|---|---|---|---|
| Группа компаний «ЧТПЗ» | «Сила белой металлургии» | Награда 3-ей степени в номинации «Регион» Премии «HR-бренд-2016» | Выручка компании в 2016 году - 135 млрд 456 млн рублей.<br>Чистая прибыль Группы ЧТПЗ по итогам 2016 года составляет 6 млрд 357 млн рублей.<br>Доля Группы ЧТПЗ в совокупных отгрузках российских трубных производителей составила 16,5%. |
| Банк ВТБ24 | Дети360 | Победитель премии «HR-бренд 2016» в номинации «Столица» | Банк ВТБ имеет наивысший для российских банков рейтинг международных рейтинговых агентств Moody'sInvestorsService, Standard&Poor's и Fitch. На сегодняшний день Банк является одним из лидеров в отечественной банковской индустрии |
| Вымпелком | Проект «BeeFREE» | Победитель премии «HR-бренд 2016» в номинации «Федерация» | Входит в большую тройку мобильных операторов России, доля рынка - более 25%. Выручка по итогам 2016 года – 202,8 млрд. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | руб. Чистая прибыль – 24,4 млрд. руб. |
Системаҳои компютерии ноҳиявӣ дар навбати худ бояд дар ҳайати худ пунктҳои абонентии ҷойҳои кори мутахасисонро дошта бошанд. Ҳамин тарик, сохти административии давлат топологияи иерархим (зинавии) шабакаи глобалиро барои органҳои молиявӣ, андозӣ ва бонки талаб менамояд. Зинаи аввал дар пойтахт, зинаи дуюми – узулҳои тегионалӣ ва зинаи сеюми – пунткҳои абонентии ноҳиявиро дар бар мегирад. Мубодилаи ахбори аз рӯи вертикал ба ҷо оварда мешавад. Ба ғайр аз ин бояд маркази идораи шабака ва баъзан барои интихоби маршрути оптималии гузаштани ахбор аз абонент ба абонент масъул аст.

Дар узелҳои шабака бояд МЭҲ –и комуникатсиони воқеъ гирифта бошанд, ки бо комплекси марказӣ ва пунктҳои абонентии коммунитатсияшаванда ва ё каналҳои алоқаи ҷудогардида пайвастанд. Эътимоднокии система баланд мешавад, агар қисми узелҳо бо канали алоқа байни ҳамдигар низ пайваст шуда бошанд. Дар узелҳои шабака ба ғайр аз МЭҲ-и коммутатсияви боз комплексҳои ҳисоббароре ҷойгиранд, ки дар онҳо коркарди ахбори органӣ регионалии мувофиқи (идораи молия, инспексияи андоз ва ғайра) ба ҷо оварда мешавад.

Барои муқарраркунии тартиби мубодилаи ахбор дар байни равандҳо созишҳо тартиб дода мешаванд, ки протокол ном доранд. Дар протоколҳо сигналҳои физикӣ, пай дар пайии онҳо дар вақт ва алгоритмӣ қабул, назорат ва интиқоли маълумотҳо ва қисмҳои онҳо, инҷунин ҳайати ахбори хизмати (протоколи)-и худи маълумотҳо нишон дода мешавад дар ҳайати шабакаи ҳисоббарор яке аз самтҳои оянданоки технологияҳои

ахбори ба шумор меравад. Дар ин шароитҳо зерсистемаҳои коркарди ахбори тамоми ноҳияҳо бояд бо комплекси марказӣ (шабакаи ҳисоббарори локалии марказӣ) бо шабакаи умумӣ (глобалӣ) пайваст карда шаванд.

Системаҳои компютерии ноҳиявӣ дар навбати худ бояд дар ҳайати худ пунктҳои абонентии ҷойҳои кори мутахасисонро дошта бошанд. Ҳамин тариқ, сохти административии давлат топологияи иерархим (зинавии) шабаакаи глобалиро барои органҳои молиявӣ, андозӣ ва бонки талаб менамояд. Зинаи аввал дар пойтахт, зинаи дуюми – узулҳои тегионали ва зинаи сеюми – пунткҳои абонентии ноҳиявиро дар бар мегирад. Мубодилаи ахбори аз рӯи вертикал ба ҷо оварда мешавад. Ба ғайр аз ин бояд маркази идораи шабака ва баъзан барои интихоби маршрути оптималии гузаштани ахбор аз абонент ба абонент масъул аст.

Барои муқарраркунии тартиби мубодилаи ахбор дар байни равандҳо созишҳо тартиб дода мешаванд, ки протокол ном доранд. Дар протоколҳо сигналҳои физикӣ, пайдарпайии онҳо дар вақт ва алгоритми қабул, назорат ва интиколи маълумотҳо ва қисмҳои онҳо, инчунин ҳайати ахбори хизмати (протоколи)-и худи маълумотҳо нишон дода мешавад.

**Адабиёт**

1. Г.А. Титоренко. Автоматизированные информационых технологии в экономике. Москва-Юнити 2002.

2. Раҳимов З.А. «Вычислительные машины, системы и сети». Душанбе: «Сино», 1999.

3. Раҳимов З.А. «Автоматизированные обработки информации в финансово кредитных органах».-Душанбе: «Сино», 1995.

## АВТОМАТИКУНОНИИ ҶОИ КОРИ МУҲОСИБОН ВА ТАШКИЛИ ОН ДАР МУҲИТИ ШАБАКАҲОИ ЛОКАЛӢ

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақолаи мазкур доир ба автоматикунонии ҳалли масъалаҳои муҳосибӣ ва роҳҳои рушди такмилдиҳии системаи идоракунии корхонаҳо сухан меравад. Фарқи ин системаи идоракунӣ аз коркарди дастии ахбори иқтисодӣ дар он мебошад, ки ин системаи идоракуниро, системаи омехта, яъне системаи одаму мошин меноманд.

**Калидвожа:** автоматикунонӣ, ҷои кори муҳосибон, шабакаҳои ҳисоббарор, системаи компютерӣ, базаи маълумотҳо, идораи корхона.

## AUTOMATION OF THE POSITION OF THE ACCOUNTANT AND ITS ORGANIZATION IN THE LOCAL NETWORK

**Abstract**

This article focuses on automated solution of accounting issues and ways to improve the management of the enterprise management system. The difference in the management system is the management of mobile media, which is called a management system, a mixed system, a human and automated system.

**Keywords:** automation, accounting firm, computer systems, computer system, database, enterprise management.

**ЗАРНИГОРИ Ҳиммат**
Магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди
Тоҷикистон ихтисоси андоз ва андозбандӣ
**ЗАРНИГОРИ Химмат**
Магистранка 2-го курса Финансовой и экономический институт
Таджикистана, специальностьи налоги и налогообложения
**ZARNIGORI Himmat**
Second-year Master of Science. Financial and economic Institute
of Tajikistan specialty accounting, tax and tax

# ИМТИЕЗҲОИ АНДОЗӢ-ОМИЛИ ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ

**Аннотация**

Вопрос привлечения прямых иностранных инвестиций имеет большое значение и предназначен для определения целей, поставленных в иностранных инвестициях. Принятие нового налогового кодекса и его использование с 2013 года позволят иностранным инвесторам использовать предусмотренные преференции. Эти и другие соответствующие вопросы будут рассмотрены в нашей статье. Кроме того, ускорение потока деятельности позволит заявителям практиковать пилотные рекомендации по устранению неблагоприятных условий, тактической обработки и постепенного перехода на рынок и искоренению деликатного экономического кризиса.

***Ключевые слова:*** *налог, привилегии, капитал, сельское хозяйство, предпринимательство, производство, предприниматель*

Ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар яке аз самтҳои муҳимиислоҳоти иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.Чи тавре,ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Пайёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд «......дар давоми солҳои охир ҷиҳати зина ба зина ноил шудан ба ҳадафҳои асосии рушди миллӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии кишвар беш аз 100 лоиҳаи муштараки сармоягузорӣ ба маблағи умумии 13 миллиард сомонӣ амалӣ карда мешавад.Ҷиҳати устувор гардонидани пешрафти иқтисодӣ дар шароити таҳдиду хавфҳои глобалии торафт афзоянда, ки ба иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонанд, ҷалби ҳарчи бештари сармоя ба соҳаҳои гуногун нақши муҳим мебозад». [3] Дар баромади худ Сарвари кишвар қайд намудан,ки бо мақсади ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои афзалиятноки мамлакат, аз ҷумла гидроэнергетика, соҳаҳои саноати маъдан, сабук ва хӯрокворӣ, инчунин кишоварзӣ, истифодаи қаъри замин ва туризм имкониятҳои кофӣ мавҷуданд ва истифодаи самараноки онҳо аз афзоиши сармоягузории мустақими дохиливу хориҷӣ ва воридоти техникаву технологияҳои муосир вобастагии калон дорад.Вобаста ба ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои соҳавӣ супориш дода шуд,ки ҳамкориҳои мустақимро бо сармоягузорон васеъ ба роҳ монда, ҷиҳати татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои афзалиятноке, ки бо ҷалби маблағҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ амалӣ мегарданд, чораҳои судманд андешад.

Инчунин бо мақсади суръат бахшидани диверсификатсияи иқтисодиёт ва боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузории мамлакат, таъмини ҳуқуқии кафолату имтиёзҳои сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва ҷорӣ намудани механизми пешбурди сиёсати ягонаи сармоягузорӣ Сарвари давлат, зарурияти таҳияи Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузориро масъалагузорӣ намуда ,ба мақомотҳои дахлдор супориш доданд ки, то охири сол лоиҳаи мазкур ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд. «Илова бар ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тавассути таъмини кафолатҳои ҳуқуқи молумулкӣ, эътирофи конвенсияҳо ва дигар санадҳои байналмилалӣ, ки ба ҳимояи сармоягузорон равона шудаанд, инчунин ҷорӣ намудани низоми беҳтари андозбандӣ ва имтиёзҳои қобили рақобат чораҳои зарурӣ андешад.» [3]

Яке аз унсурҳои асосии андозбанди –имтиезҳои андоз ба ҳисоб меравад.Мутобиқи

моддаи 17 сархатти 9 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст: « Имтиезҳои андоз афзалиятҳое,ки мутобиқи Кодекси мазкур шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,ки дорои муқаррароти вобаста ба андозбандӣ мебошанд,ба гуруҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон нисбат ба дигар андозсупорандагон фароҳам оварда шудаанд,аз ҷумла бе ягон таъсири манфӣ ба андозсупорандаи имтиездор додани имконияти напардохтан,дар ҳаҷми камтар, дар муҳлати нисбатан дертар супоридани андоз,эътироф карда мешаванд.» [1]

Дар солҳои охир бо максади беххар намудани фазои сармоягузорӣ, ташкил ва ба истифода додани корхонаҳои истехсолӣ дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ истихрочи сарватҳои зеризаминӣ ва ғайра аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои меъерӣ-ҳуқуқӣ ки ба пешравии он мусоидат менамояд қабул шуда истодаанд. Яке аз омилҳо ва фишангҳои муҳиме ,ки бевосита ба ҷараёни ҷалби сармояи хориҷӣ нақши калонро мебозад ,ин содда ва муккамал намудани қонунгузории марбут ба соҳаи андоз, бонк ва хисобдорӣ мебошад. ё Мавриди зикр аст ,ки дар Кодекси андози навқабулшуда имтиезҳои андозӣ пешбинӣ шудаанд,ки барои корхонаҳои азнавтаъсисефта мавриди истифода карор дода шуда метавонанд.Мисол:
мувофиқи моддаи 110-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар мӯҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои сармоягузориҳо ба мӯҳлатҳои муайян намудаи ҳамин модда аз пардохти андоз аз фоида озод мебошанд.

Мувофиқи моддаи 313-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои коркарди саноатии пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ ба мӯҳлати то 5 сол имтиёзи андозӣ пешниҳод намояд.

Мувофиқи моддаи 169- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда барои технологияҳои ҳозиразамон имтиёзҳои андоз дода шудааст воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд. Номгӯи таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилӣ ба он мутобиқи номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;воридоти молҳое, ки барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ (қарзӣ) амалӣ мешаванд;

Инчунин сохибкороне,ки дар ҷумҳуриамон корхонаҳои коркарди пурраи пахтаро яъне аз каллобаи пахта то маътои дузандагиро буньед намуданианд бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи Кодекси андози ҶТ аз пардохти андоз аз фоида,андоз аз амволи гайриманкул,андоз аз арзиши иловашуда ба муддати 12 сол озод карда мешаванд. Ҳамаи имтиёзҳои дар боло қайдшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтарнамоии фазои сармоягузории дохиливу хориҷӣ ба соҳибкорон кӯшиш ба харҷ дода, дар солҳои оянда низ ин тамоюлро тағйир нахоҳад дод.[3]

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Ирфон. 2012.
2. Тафсири мухтасари мукаррароти алохидаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав саҳ. 4.
3. Пайёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии ҶТ,20 апрел соли 2012

## ИМТИЕЗҲОИ АНДОЗӢ-ОМИЛИ ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ

**Тавзеҳи мухтасар**

Масъалаи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ аҳамияти нисбатан бузург дошта, барои муайянкунии мақсадҳое, ки дар соҳаи сармоягузории хориҷӣ гузошта мешавад, хизмат мерасонад. Кабули Кодекси андози нав ва мавриди истифода намудани он аз соли 2013 имконият медихад, ки ба сармоягузорони хоричие, ки дар ташкил намудани корхонахои истехсоли таввачух доранд аз имтиезхои пешбини намуда пурра истифода баранд. Ин ва дигар

масъалаҳои мутобиқ ба кишвари мо, ба таври густурда баррасӣ мегардад. Дар замми ин, тезонидани ҷараёни фаъолият имконияти асосноккунии тавсияҳои таҷрибавӣ ба корхонаҳооро оиди бартараф намудани шароитҳои номусоид, коркарди тактика ва стратегияи тадриҷан гузаштан ба бозор, бартараф намудани бӯҳрони амиқи иқтисодиро медиҳад.

**Калидвожаҳо**: *андоз, имтиёз, сармоя, кишоварзӣ, корхона, истеҳсол, соҳибкор*

**EXEMPTION FROM TAXES IS A FACTOR IN ATTRACTING FOREIGN CAPITAL**

**Abstract**

The issue of attraction of foreign direct investment is of great importance and is intended to identify the goals set out in foreign investment. he adoption of the new tax code and its use since 2013 will allow foreign investors to use the provided preferences. These and other relevant issues will be discussed in our article.In addition, accelerating the flow of activity will allow the applicants to practice the pilot recommendations to eliminate unfavorable conditions, tactical processing and gradual transition to the market and to eradicate the delicate economic crisis.

***Keywords:*** *tax, privileges, capital, agriculture, entrepreneurship, production, entrepreneur.*

**НАЗАРОВ Сунатулло**
Магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди
Тоҷикистон ихтисоси андоз ва андозбандӣ
**НАЗАРОВ Сунатулло**
Магистрант 2-го курса Финансовой и экономический институт
Таджикистана, специальностьи налоги и налогообложения
**NAZAROV Sunatullo**
Second-year Master of Science. Financial and economic Institute
of Tajikistan specialty accounting, tax and tax

## САМТҲОИ ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДӢ ХАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

Налоговая система является одним из ключевых экономических механизмов для всех секторов экономики, включая сельское хозяйство, и его низкого качества влияния на население страны. Для Таджикистана развитие и реализация всех секторов агропромышленного комплекса имеют решающее значение. Однако сельское хозяйство относительно слабо в агропромышленном комплексе, определяемом несколькими факторами. Это важные факторы, такие как: борьба с материально-техническими базами, излишний спад местных ресурсов, плохой старт его потенциала, низкие сельскохозяйственные ограничения для высоких рыночных условий.

***Ключевые слова:*** *сельское хозяйство, инвестиции, льготы, налоги, экономика, производство, предприятие.*

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон кишвари аграрӣ ба ҳисоб рафта боигарии асосии онро замин ташкил менамояд. Шуғли асосии сокинони ин кишвар ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд буда, асоси истифодабарии онҳоро заминҳои кишоварзӣ ташкил менамояд.

Солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди бахшҳои гуногуни кишоварзӣ 17 барномаи давлатӣ қабул гардида, ба соҳаи кишоварзӣ маблағҳои буҷавӣ ва грантӣ равона шудааст.

Ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ то ба имрӯз 9 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи беш аз як миллиард сомонӣ амалӣ гардида, танҳо дар 5 соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо бо дарназардошти қарзҳои имтиёзноки додашуда 2

миллиарду 340 миллион сомонӣ маблағҳо равона шудаанд. Айни ҳол боз 16 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1,2 миллиард сомонӣ мавриди татбиқ қарор дорад. [2]

Барои таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар татбиқи чорабиниҳои мушаххас доир ба истифодаи оқилонаи обу замин, баланд бардоштани ҳосилнокии он, аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои муосири ташкиливу ҳуқуқии хоҷагидорӣ зарур аст.

Низоми андоз яке аз механизмхои асосии танзими иктисодии рушди хамаи бахшхои иктисодӣ, аз чумла кишоварзӣ буда, номукаммалии он ба беҳбудии ҳолати аҳолии мамлакат таъсир мерасонад.Барои Тоҷикистон рушди мақсаднок ва амалкунии хамаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ хеле муҳим мебошад, ки ба ин ҳамаи шароитҳо ва заминаҳо муҳайёанд. Аммо кишоварзӣ звенои нисбатан заиф дар низоми комлекси агросаноатӣ мебошад, ки бо якчанд қатори омилхо муайян шудаанд. Нисбатан омилҳои муҳим инхо ба ҳисоб мераванд: қафомонии заминаҳои моддӣ-техникӣ, ихтисори якбораи захираҳои дохилии соҳа, шуруъи заифи имкониятҳои он, сатҳи хеле пасти мутобиқшавии кишоварзӣ ба шароитҳои гарони муҳити бозорӣ. Гуногунияти шароитҳои табиӣ-иклимӣ ва мавсимияти истеҳсолот, ки зарурияти ташаккул ва рушди низоми ҳимояи молистеҳсолкунандагони кишоварзиро тақозо менамояд. Мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ ба таври объективӣ ба пастравии нархи маҳсулоти он дар марҳилаи аввали истеҳсол ва зудвайроншавии он бошад имкон намедиҳад, ки маҳсулот захира ё нигоҳ дошта шавад, аз ин ҷост фуруши он дар муҳлати маҳдуд ва нисбатан бо нархҳои паст амалӣ карда мешавад. Ин мавсимият боиси афзоиши нарх ба захираҳои моддӣ- техникӣ ва хадамоти пешниҳодшавандаи ба кишоварзӣ зарурбударо замина мегардад. Сатҳи паст ва қисман номумкин будани инҳисорият дар соҳаи кишоварзӣ, дар муқоиса бо дараҷаи баланди инҳисорият дар таъминкунандагони захираҳо ва соҳаҳои хизматрасонӣ ҷой дорад.

Ҷолибияти заифи кишоварзӣ барои инвесторон дар асоси хусусиятҳон раванди азнавистеҳсолии он. Дар соҳаи кишоварзӣ асосан зудбоздеҳии сармояи гузошташударо интизор шудан номумкин аст, мӯҳлати аз ҳама камтарин як сол мебошад. Ғайр аз ин, вобастагии баланди кишоварзӣ аз шароитҳои табиӣ-иклимӣ ҷой дорад, ки гирифтани даромади накшавиро кафолат намедиҳад. Ҳамчунин, пешакӣ ва ба таври аниқ муайян кардани ҳаҷм ва андозаи ин самара ғайриимкон мебошад.

Аз сабаби он ки маҳсулоти кишоварзӣ асосан махсулоти истеъмолӣ мебошад, яъне новобаста ба худи одам ва ҳаёти он вобаста аст, бинобар ин аз ҷихати экологӣ тоза будани он аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Чуноне, ки маълум аст, хароҷотҳо барои экология боздеҳии пулӣ ва моддӣ надоранд. Он дар беҳгардии ҳаёт ва саломатии одамон намудор мегардад.

Тоҷикистон ҳолати ҷойгиршавии номусоиди геополитикӣ ва географиро дорост. Танҳо алоқаҳои наклиётӣ-иқтисодии он бо давлатҳои дар ҷониби шимол ҷойгиршуда нисбатан рушд ёфтаанд. Барои алоқахои дохилии наклиётӣ-иктисодӣ релефи кӯҳҳо мушкилиҳоро овардаанд. Ҳамаи ин имкон намедиҳад, ки саривақт маҳсулоти кишоварзӣ фурухта шуда, даромади баланд гирифта шавад, ҳамчунин, афзоиши манбаи андозбандии соҳаро низ танг мегардонад.

Ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда, ки асосан характери объективӣ доранд. дар маҷмӯъ амал карда, сектори аграриро дар муқоиса бо дигар соҳҳаҳои иқгисодиёт камтар рақобатпазир месозанд. Қайд кардан зарур аст, ки кишоварзӣ дар тамоми ҷахон аз ҷониби давлат бо воситаҳои моддию молиявӣ ва чораҳои гуногуни иктисодӣ дастгирӣ карда мешаванд, ки тамоман ба ғояҳои муносибатҳои бозории ҳозиразамон мухолиф намебошад.

Дар ҷойи охир, дар байни чунин шакли дастгирӣ андозбандии беамони хам худи кишоварзӣ ва ҳам соҳаҳои ба он алоқаманд, яъне ҳамаи комплекси агросаноатӣ ишғол менамояд. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, андозбандӣ дар муқоиса ба он. ки дар давраи идоракунии маъмурии иқтисодиёт буд, сифатҳои навро пайдо намуд. Ин ба як қатор ҳолатҳо муайян мешавад:Аввалан, акнун кӯмак ва мусоидати молиявии иттифоқии кишоварзӣ нест, ки дар замони дар ҳайати иттиҳоди шуравӣ будани

Тоҷикистон ҷой дошт. Кишоварзӣ бояд аз ҷониби давлат бо роҳи кам кардани намудҳои гуногуни андозҳо дастгирӣ карда шавад;

Дуюм, робитаи дутарафаи давлат бо молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бояд на бо усулҳои маъмурӣ, балки бо усулҳои иқтисодӣ амалӣ гарданд, ки дар шароити муносибатхои бозорӣ хеле муҳим мебошанд;

Сеюм, андозбандӣ бояд таҷдиди технология ва ташкилии корхонаҳои ҷудогонаи соҳаи мушаххаси комплекси агросаноатиро ҳавасманд намояд;

Чорум, низоми андозбандӣ бояд ба воридшавии босуръати сармоягузорӣ дар баландшавии ҳосилнокии замин, дурнамои мелиоратсияи он, ба воридшавии сармоя дар кишоварзӣ, аз ҷумла аз дигар соҳахо низ мусоидат намояд.

Баъзан корхонаҳои кишоварзӣ барои пардохти андоз маҷбуранд аз бонкҳои тиҷоратӣ бо фоизҳои баланд карзҳои кӯтоҳмуддат гиранд, ки ба афзоиши хароҷоти молиявӣ сабаб мегардад.

Ҳангоме, ки бо сабабҳои гуногун гирифтани қарзҳои кӯтоҳмуддат ғайриимкон мебошад, корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби воситаҳои гардони худӣ ин хароҷотҳоро пешпардохт менамоянд, ки аз варианти аввала хубтар нест. Ин ба пастравии ҳачми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад. Таҳлили ҳолати сектори кишоварзии иқгисодиёт нишон , ки тӯли даҳсолаи охир дар соҳаи кишоварзӣ чун пештара тамоюлоти бухронӣ ба назар мерасад. Сабабҳои асосии ҳолати бӯхронии кишоварзӣ инҳоянд: сатҳи иқтисодии беасоси нархгузорӣ, молиявӣ-карзӣ ва андозбандӣ; мубодилаи нобаробари маҳсулот байни кишоварзон соҳаҳои саноатие, ки барои истеҳсолоти кишоварзӣ воситахои техникиро таъмин менамоянд; истифодаи санадҳои ҳуқуқиву меъёрии номуносиб; инҳисорияти корхонаҳои истеҳсолкунанда, захиракунанда ва хизматрасон. Ҳамаи ин аз нокифоягии танзими давлатии иқтисодиёти соҳаи аграрӣ ва дастгирии молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ гувоҳӣ медиҳад.Қайд кардан зарур аст, ки низоми андозбандӣ барои иҷрои вазифаи асосӣ зарур аст: таъминотӣ - ҷамъоварии воситаҳо барои иҷрои буҷет; танзимӣ - бо воситаи сатҳи андозбандӣ сохтани шароитҳои мусоид барои рушди ин ё он намуди истеҳсоли маҳсулот ё хадамот; ҳавасмандӣ - аз ҳисоби андозбандии имтиёзӣ бо роҳи паст кардани меъёри андозҳо, ҳавасманд намудани соҳаҳои афзалиятдошта, истеҳсоли маҳсулоти камчин ва баракс, аз ҳисоби андозбандии баланд нигоҳдории рушди истеҳсоли маҳсулоти номатлуб.Ҳамин тавр, сохтори пардохтҳои андозӣ дар сектори кишоварзӣ дар маҷмӯъ, ба сохтори андозҳои мамлакатҳои иқтисоди бозор рушдёфта мувофиқ мебошад, аммо моҳиятан аз рӯи иҷрои вазифаҳои худ - таъмини даромади буҷети давлатӣ ва ҳавасманднамоии истеҳсолот ба куллӣ фарқ менамояд. Вазифаи асосӣ аз рӯи мукаммалнамоии низоми андозбандӣ бояд махсусан, ба ин самти охирин равона бошад.

Барои ҳалли масъалаи такмили сохтори пардохтҳои андозӣ ба таҳияи буҷети давлатӣ, дар арафаи коркард ва мувофиқаи он, ҷалб намудани коршиносоне, ки манфиатҳои табақаи гуногуни иҷтимоиро ба зимма доранд (фермерхо, сарварони хоҷагихои деҳқонӣ, олимон ва г.) мувофиқи мақсад мебошад. Ин чораҳо метавонад ҳамчун як қисми нисбатан васеи маросими ботамаддуни иштироки кишоварзон дар коркард, ташхис, муҳокимаи қонунҳо ва дигар қарорҳои муҳими давлатӣ бошад.Дар шароити иқтисоди бозорӣ андозҳо ҳамчун манбаи асосии воридоти даромади буҷет ва муносибатҳои молиявӣ баромад менамоянд. Андозҳо бо тафовути ҳаматарафагӣ метавонанд ҳамаи даромадгирандагон ва соҳибони амволро фаро гиранд. Дар ин нақши андозҳо хамчун танзимсозанда ва назораткунандаи фишангҳои иктисодӣ ифода мегардад. Бо ёрии сиёсати аидозӣ давлат таъсири қатъии худро ба ҳолати иқтисодиёт расонида, рушди босуботи иқтисодиро ҳавасманд менамояд. Дар ин вазифаи ҳавасмандии андозҳо ифода мегардад.Иҷрои бомуваффақияти ҳардуи ин вазифаҳои андозҳо аз сатҳу афзоиши пардохтҳои андозӣ вобаста мебошад.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таи 10 соли охир афзоиши сатҳи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба амал омад, ки ба он ҳам афзоиши меъёр ва намудҳои пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳам афзоиши ҳаҷми истеҳсол, фурӯш ва даромади молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ боис гардид.Чи тавре, ки мебинем вакти таҷдиди

назар намудани низоми андозбандӣ ба манфиати молистеҳсолкунанда - фермерҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва иҷоравӣ, агроширкатҳо, ассосиатсияҳову ҷамъиятҳои шарикӣ, ки новобаста ба истеҳсоли маҳсулот машғул мебошанд, расидааст.Қадами аввал ба ин самт бояд, дар намуди тафриқаи меъёрҳои андозҳо бо муқаррарнамоии имконияти камтари меъёрӣ барои корхонаҳои истеҳсолкунанда ва меъёри баландтарнн барои ташкилотҳое, ки маҳсулоти КАС-ро савдо мекунанду ба он хизмати миёнаравиро мерасонанд, гузошта шавад. Бояд андози ягона ба монанди меъёргузории андози даромад аз шахсони вокеӣ ва ААИ, ки то гирифтани даромади муайян ҳамчун низоми соддакардашуда пардохта мешавад, ҳисоб карда шавад. [1] Масалан, хоҷагиҳои масоҳати замини камтари киштдошта, бо меъёри пасттар бояд андозбандӣ шаванд, зеро даромади онҳо аз масоҳати кишт низ вобаста аст. Ин имкон медиҳад, ки хоҷагихои кӯчак доираи имкониятҳои хоҷагидории худро, хусусан истеҳсолкунандагони маҳсулоти пахта ба таври марҳилавӣ васеъ намоянд. Ҳамчунин, хоҷагиҳои зарарбинанда ва фоиданок дар ҳаҷми якхела андоз месупоранд, ки холи табохи хочагихои зарарбинандаро табохтар менамояд. Гузашта аз ин, имконияти мазкур метавонад ба ислоҳоти кишоварзӣ мусоидат намуда, раванди гузаштани заминашро дар шакли иҷора ба кишоварзони нисбатан бомуваффак вусъат дихад.Дар соҳаи кишоварзӣ ҳолати хосае ҷой дорад, ки ба он ҳаммонандро ёфтан мушкил аст. Ҳангоми пастравии яку якбораи истеҳсолот, дар шароити арзонии қувваи корӣ ва афзоиши ниҳоят баланди нарх ба маҳсулот, корхонаҳои кишоварзӣ ба васеънамоии истеҳсолот ва инвеститсияхо ҳавасманд нестанд. Дар 5 соли гузаронидани сиёсати «муоличаи садамавӣ» масоҳати ихтисороти инвеститсияҳо дар соҳаи кишоварзӣ ниҳоят аз масоҳати камшавии дигар нишондиҳандаҳои он баланд гардид. Ин маънои «кор» кардани соҳаи кишоварзӣ ба истеъмолоти ҷориро дошта, дар он замина барои рушди оянда гузошта намешавад. Гузашта аз ин, зудхаробшавии боигарии миллӣ дар соҳа ба амал меояд. Қайд кардан зарур аст, ки шиддатёбии бӯҳрон дар муҳити инвеститсионии соҳаи кишоварзии иқтисодиёти Тоҷикистон метавонад оқибатхои хеле фалокатовар барои ҳамаи иқтисодиёти чумхурӣ дошта бошад. Мӯхлати азсаргузаронии ин таназзул ниҳоят дарозмуддат ва гаронарзиш нисбат ба таназзули иқгисодиёт дар маҷмӯъ мебошад. Ин ба як қатор сабабҳои характери азнавистеҳсолӣ вобаста мебошад, ки инҳоянд:сохтори технологии сармояи гузошташаванда заиф гардидааст, хаҷми воситаҳои ҷалбшуда кам шуда, ҳаҷми инвеститсияҳои таъиноти ғайриистеҳсолидошта ва ҳаҷми унсурҳои пассивӣ дар сохтори технологии сармоягузории истеҳсолӣ афзоиш меёбад;

– ғайрифаъолӣ дар соҳаи инвесгитсиянамоӣ раванди ивазнамоии дастгоҳҳои истеҳсолии кӯҳна ва фарсудашударо мавқуф мегузорад;

– хориҷшавии катъии қисми фаъоли фондҳои асосии истеҳсолӣ идома ёфта, дар натиҷаи он ихтисори имкониятхои истеҳсолии ҳамаи комплекси агросаноатӣ ба вуқуъ меояд;

– соҳаи кишоварзии Тоҷикистон танҳо барои ҳалли масъалаҳои ҷорӣ бе ҳисобгирии дурнамои рушд равона гардидааст.

Дар ин шароит зарур аст, чораххе қабул шаванд, ки аз як ҷониб афзоиши таваррумро нигоҳ доранд, аз ҷониби дигар муҳити инвеститотонӣ ва истеҳсолотро эҳё намоянд, яъне лозим меояд ду масъалаи номувофиқ ҳал карда шаванд. Агар истеҳсолот рушд дода шавад, он гоҳ гузоиггани воситаҳои нав, қарзхо ва ғaĭpapo тақозо менамояд, ки дар навбати худ ин раванд таваррумро фаъол менамояд. Ҳамин тавр мешавад, агар ин масъалахо дар марҳилаи вақти кӯтоҳ ҳал карда шаванд. Агар ин дар марҳилаи нисбатан дароз амалӣ гардад (ақалан 3-4 сол), он гоҳ ин масъалаҳо пурра мувофик, мебошанд. Ислоҳоти аграрӣ қисми муҳиму ҷудонашавандаи азнавсозиҳои иқтисодӣ бозоргонӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз ҷузъҳои муҳими ислоҳоти аграрӣ ин ислоҳоти замин мебошад. Беҳтар гардидани сатҳи знндагии аҳолии деҳот ба чӣ тавр амалӣ гардидани ислоҳоти замин вобастагии калон дорад. Аз дигар ҷониб ислоҳоти замин на танҳо тақсимоти замин аст, балки вай ҳалли масъалаҳои муҳим ва як қаттор муаммоҳои мутаалики заминдорӣ ва заминистифодабариро низ дар бар мегирад. Танҳо дар ҳолати

дуруст ҳал кардани кулли чунин масоили мубрам ислоҳоти замин натиҷаҳои назаррас дода, рушду тараққиёти устувори соҳаи кишоварзиро таъмин карда метавонад.

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Ирфон. 2017.
2. Пайёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии ҶТ,20 апрел соли 2012


## САМТҲОИ ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДӢ ХАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тавзеҳи мухтасар**


Низоми андоз яке аз механизмхои асосии танзими иктисодии рушди хамаи бахшхои иктисодӣ, аз чумла кишоварзӣ буда, номукаммалии он ба беҳбудии ҳолати аҳолии мамлакат таъсир мерасонад.Барои Тоҷикистон рушди мақсаднок ва амалкунии хамаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ хеле муҳим мебошад, ки ба ин ҳамаи шароитҳо ва заминаҳо муҳайёанд. Аммо кишоварзӣ звенои нисбатан заиф дар низоми комлекси агросаноатӣ мебошад, ки бо якчанд қатори омилхо муайян шудаанд. Нисбатан омилҳои муҳим инхо ба ҳисоб мераванд:қафомонии заминаҳои моддӣ-техникӣ, ихтисори якбораи захираҳои дохилии соҳа, шуруъи заифи имкониятҳои он, сатҳи хеле пасти мутобиқшавии кишоварзӣ ба шароитҳои гарони муҳити бозорӣ.



***Калидвожаҳо:*** *кишоварзӣ, сармоягузорӣ, имтиёз, андоз, иктисод, истеҳсол, корхона .*


## AREAS OF IMPROVEMENT OF TAXATION AS A FACTOR OF AGRICULTURAL DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abstract**


The tax system is one of the key economic mechanisms for all sectors of the economy, including agriculture, and its low quality impact on the population of the country. For Tajikistan, the development and implementation of all sectors of the agro-industrial complex are crucial. However, agriculture is relatively weak in the agro-industrial complex, determined by several factors. These are important factors, such as: combating material and technical bases, excessive recession of local resources, poor start of its potential, low agricultural restrictions for high market conditions.



***Key words:*** *agriculture, investments, privileges, taxes, economy, production, enterprise.*





**ИСОЕВ Зулқайнар**
Магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**ИСОЕВ Зулкайнар**
Магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
**ISOEV Zulkaynar**
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan specialty accounting, analysis and audit


## ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВИИ ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗӢ

## АНАЛИЗ ФИНАНСОВОГО СОСТОЯНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ХОЗЯЙСТВ

**Аннотация**


В этой статье анализируется финансовое состояние сельскохозяйственных домохозяйств для адаптации к экономическим условиям рынка, что следует учитывать при анализе финансового положения, которое отличается в структуре доходов и расходов в торговле и таксономии, которые связаны с государством. Финансовое положение в сельскохозяйственном секторе влияет на эффективное использование ресурсов. В сельскохозяйственном производстве инструменты инструментов играют важную роль на всех этапах.

**Ключевые слова**: ресурс, стоимость, доход, оценка, деньги, цена, кредит, финансовая деятельность, продажи.

Баландшавии самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз корҳои молияви дар колхоз ва савхозҳо бар меояд.

Ҳолати молиявӣ корхонаҳои хоҷагии қишлоқ дар ҳисоби ҷамбастӣ фаъолияти хоҷагиҳо инъикос мекунад.

Ҳангоми таҳлили олоти молиявӣ бояд қайд кард, ки дар сохтори даромад ва хароҷот дар савхозу колхозҳо фарқ дорад,ки онҳо бо давлат алоқаманд мебошанд.

Иҷрошавии нақшаи молияви дар давоми сол дар асоси буғагалтери ҳисобот ва балансҳои моҳона ва кварталиро таҳлил мекунад. Ҳама таҳлили аниқ имконият мекунад, ки ҳисоботи солонаро созем, таҳлили иҷрошавии нақшаи молиявиро қисман меоранд,ки аз рӯи даромад ва хароҷот ва бо статияҳо гузаронида мешавад.

Иҷрошавии нақшаи колхозу савхозҳо аз рӯи барномаи истехсоли ва масъалахои оиди арзиши асли муайян мегардад. Барои хамаи захирахои зиёдшавии истехсолот ва камшавии арзиши аслии яквақта ва зиёдшавии даромадноки кори корхонаи хочагии қишлоқ ба хисоб меравад [1,34].

Ба ҳолати молияви дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ таъсири калонро самаранок истифодабарии воситаҳо мерасонад. Дар истеҳсолоти хоҷагиҳои қишлоқ гардиши воситаҳо дар ҳама стадияҳо роли муҳим мебозад.Ҳангоми гардиши воситаҳо колхозҳо назар ба колхозҳо дигархела мегузарад. Ин бо ак катор олоти чой дорад.

Масалан:

Фуруши махсулоти тайер пардохти музди мехнат таксимкунии даромад ва молиякунонӣ.

Таркиби асосии тахлили воситахои гардиши колхозу савхозхо ин муайнкунии пардохтхо ва самаранок истифодабарии онхо мебошад.

Ба воситахои гардиш талабот дошта аз омилхои зерин иборат аст: ҳаҷми истехсолот ва махсусгардонии хочаги арзиши аслии воситахои гардиши корхо ва хизматхо аст.

Дар протсеси тахлил мекунанд, ки чи кадар аник хачми алохидаи воситахои гардиш ки ин шарти зарури сарчашмахои худи ба хисоб меравад. Дар колхозхои алохида воситахои гардиши бокимонда мавчуданд ки ин ба пастшавии самаранокии истифодабари оварда мерасонад. Дигар хочагихо бошад нарасидани воситахои гардишро хис мекунанд. Ин сабаби мушкилихои молияви шуда метавонад.

Ҳар як хочагӣ бояд монанди воситахои гардишро дошта бошад. Онхо барои ташкил додани кисми захирахои истехсоли барои пушонидани харочот дар истехсолоти нотамом захирахои ъахсулоти тайер хисоббаробаркунихои нотамом ва дигар талаботхо заруранд.

Воситахои гардиши дар колхозу савхозхо ба ду гурух чудо мешаванд: истехсолии гардиши ва молҳои дар нигоҳ бин будаи хӯрока, тухмӣ, махсулоти нефт, сӯзишвориҳо ва фондҳои гардиши маҳсулоти таёр, воситаҳои пули, ҳисоб баробаркуниҳо ва дигар активҳо [2,142].

Ҳангоми тухми сохти воситаҳои гардиши дар соли базиси ва ҷори муқоиса карда ҳаракати онҳоро муайяан мекунанд.

Дар колхозу савхозҳо меъёри воситахои гардиши бо ҳисоби арзиши аслии кор, сентнер, хӯрока ва барои ҳисоби воситаҳои мутаносиб муайяан карда мешавад.

Меъёри нархҳои моли истеҳсолии хӯрока аз рӯи арзиши аслии нақшави муайян карда мешавад ва дар ҳисобот бо хароҷотҳои расми нишон дода мешавад. Инро дар вақти таҳлил ба ҳисоб гарифта, тухми ва молҳо мекардаги хароҷотҳо барои ҳосили оянда, чорво дар парвариш буда ва агар пастшавии

арзиши аслӣ баназар рассад, онгоҳ ин фаркро ба суммаи дар баланс нишон додашуда ҷамъ кардан лозим аст.

Дар вакти хариди як катор махсулоти дар колхозхо ҳисоб кардани ҳаҷми захираҳо пешкаш карда мешавад.

Бо чунин намуди воситахо гардиши захира аз накша зиёд мешавад. Ин захираҳоро таҳлил намуда бояд муайян кард, ки молҳои қиматнок хаст ё нест, ин захираҳо барои чи равона карда шудааст.

Дар як қатор бо омӯзиши нишондиҳандахои пули воситахои гардиши ба таҳлил диққат додан лозим аст. Қисми асосии сарчашмаҳои воситаҳои гардиши ин қарзи бонки мебошад, ки колхозу савхозҳо онро васеъ истифода мебаранд.

Дар протсеси таҳлил самаранокии истифодабарии қарзи бонкӣ омӯхта мешавад, ки чунин формула дорад:

$$I^{ЭФ} = \left(N_1 / \left(U_1^n + U_{KP}\right)\right) : \left(N^0 / (U_0^n + U_{деб})\right)$$

Дар ин ҷо

$I^{ЭФ}$ – индекси самараноки истифодабарии қарзи бонки миллӣ.

$N_1, N_0$ – маҷмӯи маҳсулоти давраи базисӣ ва ҷорӣ.

$U_1^n, U_0^n$ – қарздории миёна хронологӣ дар давраи ҳисобӣ ва базисӣ.

$U_{кр}, U_{деб}$ – зиёдшавии миёна хронологии ҳама қарзҳои кредиторӣ бар суммаи бар суммаи қарзҳои дебиторӣ.

Додашудаҳои формулаҳои овардашуда имкон медиҳад таъсири омилҳои асосиро ба бузургии индекси самараноки таҳлил кунем.

Корхонаҳои хоҷагии қишлоқ қарзҳои калони дебитори ва кредитори надошта бошанд.Чунки ин баъзан сабаби мушкилиҳои молияви шуда метавонад ва фаъолияти хоҷаги ва корхона ташкилотҳои онро дар савхозу колхозҳо қатор мегардонад.

Барои таҳлили олоти ҳисоббаробаркуниҳо дар крлхозу савхозҳо асосан додашудаҳои қисми активу пассиви балансро истифода мебарад

Ҳар як корхонаи хоҷагии қишлоқ бояд пардохт карда тавонад.Ба воситаҳо пардохта дохил мешаванд:маҳсулот,воситаҳои пули қарзҳои кредити ва ғайраҳо. Ӯҳдадории пардохткуни чунин мешавад :қарздорӣ аз рӯи музди меҳнат,қарздори органҳои ҳифзи иҷтимои ,қарзи бонки моли,ҳисоббаробаркуни бо мол таъминкунандагон ва пудратчиён ва дигар қарзҳо. Колхоз ва савхозҳо аз рӯи воситаҳоигардиши захираҳои истеҳсолиро месозанд,ки онҳо аз фазои нимтайёри ба маҳсулоти тайёр мубадал мегардад. Баъди фурӯши ин маҳсулот хоҷагиҳо даромади пулӣ мегиранд.Ҳамин тавр гардиши воситаҳо анҷом меёбад. [3,98].

Мақсади таҳлил – ёфтани захираҳо бо суръати гузаштани воситаҳои гардиши аз ҳамаи фазаи гирдгардиши мебошад.

Суммаи миёнаи соҳаҳои ҳамаи воситаҳои гардиши аз рӯи баланс ҳамчун бузургии миёнаи хронологи муайян мекунад.

Дар баланси моҳона аз суммаи умумии хароҷот дар истеҳсолот арзиши маҳсулоти баромадро тахр мекунанд.

Барои тезонидани гардиши воситаҳои гардиши зарӯр аст, ки даромадро зиёд кунем ва зхираҳои истеҳсолиро то худудҳои оптималӣ кам кунем. Лекин свaол оиди мақсаднок будани зиёдкунӣ ё камкунии намудҳои алоҳидаи захираҳои истеҳсолӣ дуруст ҳал кардан мумкиннест, агар ба онҳо нуқтаи назари ҳаракаташон назар наандозем. Масалан, камкунии саршумори говҳо ва захираи хӯрокаи чорво дар ҳолати конкрети метавонад. Нишондиҳандаҳои гардиш

хурдани воситаҳои гардишро зиёд кунад, лекин ин наметавонад аз нуқтаи назари иқтисодӣ қабул шавад, чунки хоҷагӣ имкониятҳои худро барои васеъ намудан истеҳсолотро дар соли оянда паст мекунад.

Барои нишон додани имкониятҳои тезонидани гардиши воситаҳои гардиши ҳаракати онҳоробояд таҳлил кард, дар намудҳои хӯрока, ғалла,маҳсулотҳои нефти вадигарҳо.

Таҳлили ҳолати молиявӣ бо баланс дар савхозҳо метавонад ҳар моҳ гузаранд, дарколхоз бошад ҳар квартал.

Дар баробари ин таҳлил хории натихаҳои молиявии кор ва баҳодиҳии пешакии ҳолаги молиявии колхоз ва совхозҳо метавонад аз мушкилотҳои молияви огоҳи диҳанд.

**Адабиёт**


*1.* Бабаев Ю. А. Теория бухгалтерского учета. Москва 2006

2. Данилов Е. Н. Заборников В. Е., Шипика Л. К. Анализ хозяйственной деятелъности бюджетных и научных учреждений. Минск, 000 Интерсервис Экопереспектива. 2005

3. Каримов Б. Х., Кодирова Г. Қаюмова Ф. Назарияи ҳисобдории бухгалтерӣ Душанбе-2007

4. ҚонуниҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702

5. Каримов Б. Х. Таҳлили иқтисодӣ. Ирфон 2005

6. Холиқова С., Турдиев М. «Баҳисобгирии муҳосибӣ-молиявӣ» -Душанбе 2010 с.


## ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВИИ ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗӢ


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таҳлили ҳолати молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ барои мутобиқат кардан ба шароити гузариши иқтисоди бозоргонӣ, ин ҳангоми таҳлили ҳолати молиявӣ бояд қайд кард, ки дар сохтори даромад ва хароҷот дар савхозу колхозҳо фарқ дорад,ки онҳо бо давлат алоқаманд мебошанд. Ба ҳолати молиявӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ таъсири калонро самаранок истифодабарии воситаҳо мерасонад. Дар истеҳсолоти хоҷагиҳои қишлоқ гардиши воситаҳо дар ҳама стадияҳо роли муҳим мебозад.



**Калидвожа:** захира, хароҷот, даромад, баҳодиҳӣ, пул, нарх, қарз, фаъолияти молиявӣ, фурӯш.


## ANALYSIS OF FINANCIAL STATUS OF AGRICULTURAL HOUSEHOLDS


**Abstract**

This article analyzes the financial state of agricultural households to adapt to the economic conditions of the market, which should be taken into account in analyzing the financial situation that differs in the structure of income and expenditure in trade and taxonomy that are related to the state. The financial situation in the agricultural sector affects the efficient use of resources. In agricultural production, tools tools play an important role at all stages.



**Keywords:** resource, cost, income, assessment, money, price, loan, financial activity, sales.

**ЛОЛАХОНОВ Мансурҷон**
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**ЛОЛАХОНОВ Мансуржон**
Магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана
специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
**LOLAKHONOV Mansurjon**
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit

# ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

# РАЗВИТИЕ УПРАВЛЕНИЯ ДЕПАРТАМЕНТОМ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ СТРОИТЕЛЬСТВА И СЛУЧАЙНОЙ КОНФИДЕНЦИАЛЬНОЙ ОРГАНИЗАЦИИ

**Аннотация:**

В научной статье рассмотрены вопросы организации бухгалтерского учета в строительных организациях. Объектом изучения также стало принятие управленческих решений, принимаемые по результатам анализа различных экономических факторов. Кроме того, в научной статье особое внимание направлено на изучение синтетического и аналитического учета капитального вложения в строительных организациях. По результатам исследования представлено рекомендации по совершенствованию учета вложения во внеоборотные активы.

**Ключевые слова:** строительные организации, инвестиционная деятельность, вложения во внеоборотные активы, учет долгосрочного вложения, синтетический и аналитический учет долгосрочного вложения, счета учета инвестиции.

Қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба амалинамоии сармоягузориҳо дар ширкатҳои сохтмонӣ бояд ба таври боварибахш қабул карда шавад, хусусан дар мавриди молиякунонии сармоягузорӣ аз ҳисоби воситаҳои қарзӣ (қарзҳо, вомбаргҳо ва ғ.). Масалан, агар сармоягузорӣ дар сохтмон ва хариди объектҳои нави воситаҳои асосӣ гузаронида шавад, даромаде, ки аз истифодабарии объекти нав ба даст меояд, бояд хароҷоти нигоҳубини воситаҳои асосӣ, хароҷоти фоизи қарзи барои сармоягузорӣ гирифташударо руйпӯш намояд ва баргардонидани маблағи қарзро дар мухлати муқарраргардида таъмин созад.

Ҳангоми амалигардонии маблағгузории асосӣ набояд фаромӯш кард, ки объектҳои сохташудаи воситаҳои асосӣ активҳои дарозмуддат ҳисоб мёбанд. Онҳоро дар муддати кӯтоҳтарин ба воситаҳои пулӣ табдил додан номумкин аст. Аз ин рӯ, дар сурати тағирёбии вазъи иқтисодӣ ва суст гаштани ҳолати молиявӣ фурӯши таъҷилии объекти сохтшуда барои пардохтани ухдадорӣ метавонад ба корхона мушкил эҷод намояд.

Мисоли оддӣ оид ба қабули қарори сармоягузорӣ меорем. Корхонаи «А» барои дастрас намудании масолеҳ барои истеҳсолот аз хизмати корхонаи автомобилӣ истифода мебурд. Бо мақсади кам кардани хароҷоти боркашонии масолеҳ, ки ба арзиши аслии моҳсулот дохил мешавад, корхонаи «А» қарор қабул кард, ки автомобили боркаши навро барои дастрас намудани масолеҳ харидорӣ кунад. Тарафҳои мусбӣ ва манфии қарори қабулшударо таҳлил менамоем.

Амалӣ намудани маблағгузории асосӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ бо роҳи харидани автомобили боркаш ба корхона шароит фароҳам меорад, ки хароҷоти дастрас кардани масолеҳро, ки ба арзиши аслии сохтмон дохил мешавад, барҳам

диҳад. Акнун, бар ивази ин корхона дигар хароҷоте, ки ба арзиши аслӣ ҳамроҳ мешаванд, амалӣ менамояд: фарсудашавии воситаҳои асосии харидашуда, музди меҳнати ронанда, хароҷоти таъмири ҷорӣ ва нигоҳубини автомобил, сузишворӣ, суғуртапулӣ ва ғ. Агар ҷамъи хароҷоти номбаршуда аз маблағи хароҷоти хизмати корхонаи нақлиётӣ камтар шавад, он гоҳ маблағгузории асосӣ ба автомобили харидашуда барои сарфа кардани хароҷот ва мувофиқан баланд шудани андозаи фоида мусоидат мекунад.

Илова бар ин ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки амалӣ кардани маблағгузории асосӣ дар сохтмон маблағи зиёди пулиро, ки гардиши онҳо ба корхона нафъи биштаре медиҳанд, ишғол мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми гузоришоти капиталӣ ҳолати молиявии корхона, паҳлӯҳои гуногуни самаранокӣ, зарарнокии объектҳои корхона ва захираҳои паст кардани арзиши аслиро ҳаматарафа бояд таҳлил намуд.

Омӯзиши ин масъалаҳо ба уҳдаи фанни баҳисобгирии молиявӣ ҳисобгирии идоракунӣ, таҳлилии фаъолияти хоҷагидорӣ ва ғайра вогузор карда шудааст.

Мувофиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2011 № 41 тасдиқ гардидааст, барои ширкатҳои сармоягузор дар сохтмони биною иншоот сармоягузории дарозмуддат дар қисми 11500 «Сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул» баҳисоб гирифта мешавад.

Мувофиқи ин ҳуҷҷат сармоягузорӣ чунин шарҳ дода шудааст: Сармоягузории моликияти ғайриманқул – моликияти ғайриманқул (замин, бино ё як қисми бино), ки дар ихтиёри молик ё иҷорагир аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ бо мақсади гирифтани пардохти иҷора, даромад аз афзуншавии арзиши сармоя ё ин, ки ҳам аз ину ҳам аз он, аммо на барои [1]:

а) истеҳсол ё таҳвили мол, хизматрасонӣ, барои мақсадҳои маъмурӣ;

б) фурӯш дар фаъолияти муқаррарии хоҷагидорӣ.

Субъектони идоракунандагони моликияти ғайриманқул аз рӯи ҳуқуқи моликият ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати чунин дороиҳо истифода мебаранд:

- моликияти ғайриманқули бо мақсади гирифтани даромад аз афзуншавии ё арзиши сармоя нигоҳдошташаванда;
- моликияти ғайриманқули ба иҷораи амалиётӣ бо мақсади гирифтани даромад дар намуди пардохти иҷора супурдашаванда;

Ба нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳида барои баҳисобгирии сармоягузориҳо аз гурӯҳҳои бештари ҳаммонанд:

11510 «Бино ва иншоот»

11520 «Таҷдиди объектҳои сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул» - пешбинӣ шудааст.

Аз рӯи дебети ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» хароҷотҳои воқеӣ барои харидорӣ (дарёфт) инъикос мешаванд. Хароҷоти воқеӣ барои харид, нархи харид ва хароҷоти воқеии дилхоҳ, вобаста бо хариди дороиро дар бар мегиранд, мисол арзиши хизмати миёнарав ва маслиҳатчиён, боҷи давлатӣ ва ҳоказо.

Хароҷоти воқеӣ барои сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул бо тарзи омодашудаи хоҷагӣ арзиши он ба санаи анҷом додани сохтмон (омодакунӣ) ё аз нав барқароркунӣ мебошад.

Аз рӯи ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» хароҷоти минбаъда вобаста ба сармоягузорӣ дар ҳисобот ифодашуда вақте, ки эҳтимолияти

гирифтани фоидаи иқтисодӣ зиёда аз нишондиҳандаҳои меъёрии аввал ҳисоб карда шуда вуҷуд дорад, арзиши тавозунии дороиро афзун мекунад.

Дар ширкатҳои сохтмонӣ баъд аз нахуст эътирофи сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул ё аз рӯи арзиши одилона ё аз рӯи хароҷоти воқеии фурӯш ба ҳисоб гирифта мешавад. Субъект бояд баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши яке аз намунаҳои баҳисобгириро интихоб кунад ва онро барои ҳамаи объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул истифода барад.

Баъд аз нахуст эътирофшавӣ ҳамаи объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул аз рӯи арзиши одилона ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани арзиши одилона, хароҷоти дар назар дошта шуда, ки бо фурӯши минбаъда ва дигар хориҷшавии дороӣ алоқамананданд, нархгузорӣ намешаванд ва тарҳ карда намешаванд. Таҷҳизоте, ки қисми ҷудонашавандаи биноро (мисол, лифтҳо ва системаи ҳавотозакунӣ) ташкил мекунад, ба таркиби сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул дохил карда мешавад ва алоҳида дар таркиби воситаҳои асосӣ инъикос карда намешавад[4]:

- аз рӯи дебети ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» ҳангоми зиёдшавии арзиши дороӣ;
- аз рӯи дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайрималиётӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ҳангоми камшавии арзиши дороӣ.

Ҳисобҳои 66070 ва 66170 аз тарафи субъектҳое истифода бурда мешаванд, ки барои онҳо амалиёт бо сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул фаъолияти амалиётӣ намебошад.

Дар поён ҷадвалҳои имконпазири мукотиботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии амалиёт аз рӯи фуруши объекти сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул, ба истифода супоридан ва ё дигар амалиёт ба ҳисоб гирифта шудааст, оварда шудааст (ҷадвали 1) [1].

Ҷадвали 1.

| **Мундариҷаи амалиёт** | **Рақами ҳисоби мукотиботӣ** | |
|---|---|---|
| | **дебет** | **кредит** |
| Пули фурӯш ба маблағе, ки бояд гирифта шавад (бе ААИ) | 10590, 10400 | 66060 |
| Пули фурӯш ба маблағе, ки бояд гирифта шавад (бе ААИ) | 66170 | 11500 |
| Хараҷот ҳангоми фуруш амалигардида (ба харидор бурда расонидан, таҷзия ва ғ.) | 66170 | 22010 ва дигар |

Ҳангоми истифода бурдани мукотиботи мураккаби ҳисобҳои баҳисобгири муҳосибӣ миқдори навишт (қайдҳо) хеле кам мешавад (ҷадвали 2) [1].

Ҷадвали 2.

| **НОМИ ҲИСОБ** | **№ ҳисоби мукотиботӣ** | **МАБЛАҒ** | |
|---|---|---|---|
| | | **Дебет** | **Кредит** |
| Дигар қарздории дебиторӣ | 10590 | *** | |
| Зарар аз хориҷ шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ зарар бошад) | 66160 | *** | |
| Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул | 11500 | | *** |
| Даромад аз хориҷ шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ фоида бошад) | 66060 | | *** |

Ҳангоми супурдани объекти сармоягузории амволи ғайриманқул ба иҷораи молиявӣ аз кредити ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ба дебети ҳисоби 11660 «Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат» маблағи сармоягузориҳои соф ба иҷора навишта мешавад. Фарқият байни сармоягузории соф ба иҷора ва арзиши тавозунии объект ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ инъикос карда мешавад (агар дигар ҳолат дар СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора», ки ба фурӯш аз иҷораи мутақобила дахл дорад, муқаррар нашуда бошад) (ҷадвали 3) [1].

Ҷадвали 3.

| НОМИ ҲИСОБ | № ҳисоби муросилотӣ | МАБЛАҒ | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат | 11660 | *** | |
| Зарар аз хориҷ шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хоричшавӣ зарар бошад) | 66160 | *** | |
| Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул | 11500 | | *** |
| Даромад аз хорич шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хоричшавӣ фоида бошад) | 66070 | | *** |

Гузаронидани объект ба гуруҳи «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул», ки аз рӯи арзиши одилона ё хориҷ кардан аз гурӯҳи мазкур инъикос мешавад, танҳо ҳангоми тағйирёбии таъиноти объект ба ҷо оварда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани объект ба гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ё «Захираҳо» ба сифати хароҷоти воқеӣ барои харидорӣ дар баҳисобгирии минбаъда арзиши одилонаи он ба санаи тағйирёбии таъиноти объект қабул карда мешавад. Арзиши одилона аз кредити ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ба дебети ҳисоби 11010 «Бино ва иншоот» ё ҳисоби 10700 «Захираҳо» навишта мешавад.

Агар амволи соҳибмулк (аз чониби молик истифодашаванда) аз гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гурӯҳи «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» гузаронида шавад, он гоҳ мавҷуд будани фарсудашавӣ ва эътирофи зарар аз коҳишёбии арзиш то санаи гузарониш давом мекунад. Фарқият байни арзиши тавозунии доройӣ ва арзиши одилонаи он ба санаи тағйирёбӣ ҳамон тавре, ба монанди аз нав нархмонӣ тибқи СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад:

**а)** камшавии арзиши тавозунӣ аз рӯи дебети ҳисоби 66170 «Дигар хараҷотҳои ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешавад.

**б)** зиёдшавии арзиши тавозунӣ аз рӯи кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» дар он андозае, ки он зарари пеш эътирофшударо аз рӯи фуромадани нархи объекти мазкур ҷуброн мекунад, инъикос карда мешавад. Қисми боқимондаи маблағи зиёдшавии арзиши тавозунӣ ба кредити ҳисоби 33120 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ» мансуб аст.

Гузаронидани объект аз гуруҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гуруҳи «Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул» ба тарзи зерин инъикос карда мешавад.

**а)** ба санаи тағйирёбӣ азнавбаҳодиҳии объект то арзиши одилона гузаронида мешавад, ҳамзамон фарсудашавии ба санаи азнавбаҳодиҳӣ ҳисоб карда шуда дар муқобили арзиши тавозунии доройӣ то нигоҳдории фарсудашавӣ бо тартиб додани мукотиботи ҳисобҳои зерин навишта мешавад.

*Д$^{Т}$ 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*

*К$^{Т}$ 11010 «Бино ва иншоот»*

Бузургии софи объекти гузаронидашаванда то арзиши одилона аз нав ҳисоб карда мешавад ва дар сурати камшавии арзиши тавозунӣ дар натиҷаи азнавбаҳогузорӣ ба фарқият чунин мукотиботи ҳисобҳо тартиб дода мешавад.

*Д$^{Т}$ 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ»*
*К$^{Т}$ 11010 «Бино ва иншоот»*

Дар сурати зиёдшавии арзиши тавозун дар натиҷаи азнавбаҳогузорӣ фарқият ба кредити ҳисоби 33120 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳогузории воситаҳои асосӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11010 «Бино ва иншоот» инъикос карда мешавад.

**б)** арзиши тавозунӣ (азнавбаҳододашуда) ба дебети ҳисоби мувофиқи 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» аз кредити ҳисоби 11010 «Бино ва иншоот» навишта мешавад.

Ҳангоми истифодабарии мукотиботи мураккаби ҳисобҳои муҳосибӣ шумораи навишт хеле кам мешавад. Мисол, ҳангоми гузаронидани объект аз гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гурӯҳи «Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул» агар арзиши одилонаи он аз арзиши тавозуниаш пасттар бошад, мукотиботи ҳисобҳои муҳосибӣ аз чунин навиштҳо иборат аст:

*Д$^{Т}$ 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул»*
*Д$^{Т}$ 33120 «Тасҳеҳот ба азнавбаҳогузории воситаҳои асосӣ»*
*Д$^{Т}$ 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ»*
*Д$^{Т}$ 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*
*К$^{Т}$ 11010 «Бино ва иншоот»*

Баъди нахуст эътироф тамоми объектҳои сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул аз рӯи хароҷоти воқеӣ барои харидорӣ бо нигаҳдории фарсудашавии ҳисоб кардашуда ва зарарҳои ҷамъшуда аз коҳишёбии арзиши воситаҳои асосӣ тибқи усусли асосии баҳисобгирӣ дар мувофиқат бо СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» тавсия дода мешавад, ки барои ҷамъбасти иттилоот дар бораи фарсудашавии объект ва камшавии арзиши он дар натиҷаи коҳишёбии арзиш ҳисобгирии фарсудашавиро аз рӯи ҳар як объект гурӯҳи объектҳои ба ҳам монанд гузаронанд.

**ХУЛОСА**

1.Мувофиқи стандартҳои байналхалқӣ ва миллии ҳисоботи молиявӣ ба корхонаҳо тавсия дода мешавад, ки сиёсати ҳисобдории корхонаро таҳия намоянд ва дар ин замина нақшаи мустақили ҳисобҳои муҳосибиро, ки ба нақшаи ҳисобҳои амалкунандаи аз тарафи вазорати молия тасдиқшуда зидмаъно набошад, тайёр кунанд.

Бинобар ин бо мақсади будани ҳисобгирии таҳлилии сармоягузорҳои дарозмуддат ба дороиҳои манқул ва ғайриманқул ва ташкили назорат оиди ҳолат ва рафти фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар нақшаи нави ҳисобҳои муҳосибӣ ҳисобҳои иловагии зерин кушода шавад:

- 11540 «Хариди объектҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ»;
- 55190 «Хароҷоти ба арзиши сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул ҳамроҳнашаванда»;
- 11560 «Хариди объектҳои ғайримоддӣ»;
- Дар қисми 11400 «Активҳои биологӣ»;
- 11470 «Гузаронидани навҷавонаҳо ба подаи асосӣ»

Дар ҳисобгирии муҳосибӣ кушодани ҳисобҳои мазкур барои дастрас намудани маълумотҳои таҳлилӣ кӯмаки амалӣ мерасонад.

2.Ба ақидаи мо ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом», ки дар қисми 11000 «Воситаҳои асосӣ» дар нақшаи нави ҳисобҳои муҳосибӣ ҷойгир кунонида шудааст, ба мақсад мувофиқ нест. Чунки сохтмони нотамом барои корхона ин хароҷоти корхона барои сохтмони объектҳои воситаҳои асосиро мефаҳмонад ва сохтмон ҳоло ба анҷом нарасидааст. Корхона чунин объектҳои нотамомро ҳамчун объекти воситаҳои асосӣ истифода бурда наметавонад. Марҳилаи сармоягузорӣ ҳоло ба

итмом нарасидааст. Аз ин ру хеле хуб мешуд, ки ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом» дар қисми 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ҷойгир кунонида шавад.

**Адабиёт**


1. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2011 № 41;
2. Адамов, Н.А. Бухгалтерский учет в строительстве. Учебное пособие / Н.А. Адамов.- 2-е изд. - СПб.: Питер, 2004.- 672 с.;
3. Каримов Б.Ҳ., Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ. / Каримов Б.Ҳ. ва диг. Душанбе: Ирфон, 2016. – 552 саҳ.;
4. Шоймардонов С.Қ. ва диг. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ. / Душанбе: Ирфон, 2017.– 468 саҳ.


## ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

**Тавзеҳи мухтасар**


Дар мақолаи илмӣ масъалаи ташкили баҳисобгирии сармоягузориҳо дар ширкатҳои сохтмонӣ баррасӣ гардидааст. Қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба фаъолияти сармоягузорӣ, ки дар натиҷаи таҳлили омилҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин дар мақола ба масъалаҳои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии сармоягузорӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардидааст. Муаллифон бо мақсади такмили баҳисобгирии сармоягузориҳо ба амволи ғайриманқул тавсию пешниҳоди муфидро баррасӣ намудаанд.



**Калидвожаҳо:** ширкатҳои сохтмонӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул, баҳисобгирии сармоягузориҳои дарозмуддат, баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии сармоягузориҳои дарозмуддат, ҳисобҳои баҳисобгирии сармоягузориҳо.


## DEVELOPMENT OF MANAGEMENT DEPARTMENT OF STATE INVESTMENTS IN CONSTRUCTION OF CONSTRUCTION AND INCIDENTAL CONFIDENTIAL ORGANIZATION

**Abstract**


The scientific article deals with the organization of accounting in construction organizations. The object of study was also the adoption of managerial decisions, taken on the basis of analysis of various economic factors. In addition, the scientific article focuses on the study of synthetic and analytical accounting of capital investments in construction organizations. Based on the results of the study, recommendations for improving accounting for investments in non-current assets



**Keywords:** construction organizations, investment activity, investments in non-current assets, long-term investment accounting, synthetic and analytical accounting of long-term investments, investment account.

**ШОДИЕВА Малика Бахтиёровна**
магистрант 2 – го курса ФЭИТ по спец .
финансы и кредит во внещноэкономической деятельности
**ШОДИЕВА Малика Бахтияровна**
Магистри курси 2-юми ДМИТ ихтисоси
молия ва қарз дар фаъолияти иқтисоди берунмарзӣ
**SHODIEVA Malika Bachtiyorovna**
Second-year Master of Science FEIT specialty
finance and credit in foreign economic activity

# К ВОПРОСУ СОЗДАНИЯ И РАЗВИТИЯ БАНКА МЕЖДУНАРОДНЫХ РАСЧЕТОВ

**Аннотация**

В данной статье автором раскрыты сущность и задачи банка международных расчетов, а также были установлены основные направления его деятельности. Указаны основные целы деятельности банка международных расчётов, которыми являются, содействие сотрудничеству между центральными банками, обеспечение благоприятных условий для международных финансовых операций, а также выполнение функций доверенного лица или агента при проведении международных расчетов.

***Ключевые слова:*** *банк международных расчетов, центральные банки, финансово-кредитные институты, валютно-кредитные отношения, международные финансовые операции.*

Банк международных расчетов (БМР) создан в 1930 г. и является старейшим международным финансово-кредитным институтом, деятельность которого направлена на развитие международного сотрудничества в сфере валютных отношений. Учредителями БМР выступили Бельгия, Великобритания, Германия, Швейцария,Италия, Франция и Япония.

Идея о создании банка возникла в связи с решением, а точнее с проблемой решения вопроса о репарационных платежах Германии странам- победительницам в первой мировой войне и о расчетах по займам.

Текущими делами банка руководит Совет директоров, в состав которого входят 8 управляющих центральными банками европейских стран: Англии, Германии, Франции, Бельгии, Италии, Швейцарии, Швеции и Нидерландов и 5 представителей финансовых, промышленных и торговых кругов, назначаемых этой восьмёркой. БМР имеет валютно-экономический отдел, осуществляющий исследования в области международных валютно-кредитных отношений. Выпускает ежегодный обзор, в котором даёт информацию и исследования международных валютно-кредитных отношений за год и текущий бюллетень.

Устав БМР запрещает выпускать банкноты, представлять ссуды правительствам, открывать на имя правительств текущие счета, держать в своем распоряжении акции и владеть недвижимым имуществом или устанавливать контроль над каким-либо предприятием.

Основными целями деятельности БМР являются содействие сотрудничеству между центральными банками, обеспечение благоприятных условий для международных финансовых операций, а также выполнение функций доверенного лица или агента при проведении международных расчетов его членов.

Ресурсы БМР формируются за счет акционерного капитала и привлеченных средств. Акционерный капитал банка принадлежит центральным банкам стран-членов (свыше 80 %) и частным акционерам. Акции БМР дают всем акционерам равные права на получение дивидендов, но частные акционеры, как правило, не имеют права голоса или представительства на общих собраниях[1].

БМР был создан как международный банк центральных банков, которые являются одновременно его учредителями и клиентами. Операции с коммерческими и другими банками, а также с частными лицами БМР может осуществлять только с согласия центрального банка той страны, резидентами которой являются потенциальные клиенты. Согласно уставу банка его операции должны соответствовать валютной политике стран, участвующих в этих операциях.

Основные направления деятельности БМР включают:

- проведение банковских операций -депозитных, ссудных, валютных, фондовых и др. БМР совершает операции по приему средств центральных банков на текущие счета и во вклады;
- по приему во вклады средств правительств - на основании соглашений, в которых он выступает доверенным лицом;
- купли-продажи и хранение золота (за собственный счет и за счет центральных банков);
- купли-продажи иностранной валюты и ценных бумаг, за исключением акций (за собственный счет и за счет центральных банков);
- по краткосрочному финансированию центральных банков и т.д.;
- выполнение роли координационного центра валютной и кредитной политики стран-членов.

В процессе деятельности БМР происходят регулярные встречи управляющих центральных банков, которые обсуждают ситуацию в валютно-кредитной сфере и другие вопросы, представляющие общий интерес, а также могут вырабатывать совместные решения по координации своей валютной и кредитной политики и проведению интервенций на валютных рынках, контроль за международной банковской деятельностью, которая не подпадает под национальное законодательство ни одной из стран.Деятельность БМР по выработке правил проведения международных банковских операций привела к созданию Базельского комитета по банковскому надзору, который является форумом для обсуждения специфических проблем надзора, осуществляет координацию распределения надзорных полномочий между национальными ведомствами в отношении иностранных филиалов банков, занимается вопросами укрепления надежности и стабильности международной банковской системы, выполнение роли информационно-исследовательского центра, в частности, содействие выработке теоретических основ функционирования международных валютно-кредитных и финансовых отношений, помощь в решении вопросов прикладного характера, касающихся развития международного банковского дела, организации систем управления в центральных банках и других вопросов, представляющих интерес для центральных банков. Годовые отчеты и квартальные бюллетени БМР считаются одними из лучших статистических источников и аналитических изданий в мире, техническая помощь центральным банкам стран с переходной экономикой, обучение банковских работников этих стран.

Банк международных расчетов - банк центральных банков.По Уставу он выполняет две основные функции:

- содействует сотрудничеству между центральными банками в области денежно-кредитной и валютной политики. В рамках данной функции, банк международных расчетов играл важную роль: в организации и осуществлении платежных соглашений европейских стран (1947-58); в выработке коллективных мер по преодолению спекулятивных атак на мировом валютном рынке (1960-71); в координации мер по обмену информацией о валютных рынках и валютной интервенции, интервенции на рынках золота в рамках Золотого пула (1961-68) с целью укрепления доверия к доллару; в обсуждении проблем евровалютного рынка, совершенствовании банковского надзора [2].
- организует обсуждение этих проблем и координирует меры по обеспечению надзора за деятельностью банков и их отделений (их ликвидностью и

платежеспособностью) во всем мире Базельский комитет по банковскому надзору – Committeeon Banking Regulation sand Super visory Practices (создан банк международных расчетов в декабре 1974), который опубликовал отчет по этому вопросу Basle Concordate (Базельский конкордат, 1975 и 1983 - обновлённая редакция) и обеспечил Базельское соглашение (1988) о минимальных международных стандартах и оценке достаточности капитала, которое ведущие международные банки обязаны соблюдать с конца 1992 года [3].

Таким образом, целями деятельности Банка международных расчётов является оказание помощи странам в укреплении и поддержании основных условий, которые необходимы для привлечения частных инвестиций и поддержания их на должном уровне.

Литература

1.Герчикова И.Н. Международные экономические организации: регулирование мирохозяйственных связей и предпринимательской деятельности. М., изд. АО «Консалтбанкир», 2001. С. 125-130

2. КудровВ.М., Мировая экономика. Учебник. М., «Дело», 2004. С. 89-91

3.Мировая экономика: глобальные тенденции за 100 лет. Под редакцией И.С. Королева, М., «Юристъ», 2003. С. 220-224.

4. Официальный сайт www.bis.org

## ОИДИ МАСЪАЛАИ ТАШКИЛЁБӢ ВА РУШДИ БОНКИ ҲИСОБҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф моҳият ва вазифаҳои бонки ҳисобҳои байналхалқӣ кушода шуданд ва самтҳои асосии фаъолияти он муқаррар гардидааанд. Нишон дода шуд, ки мақсадҳои асосии бонки ҳисобҳои байналхалқӣ ин дастгирии ҳамкорӣ байни бонкҳои марказӣ, таъминоти шароити мусоид барои гузаронидани амалиётҳои молиявии байналхалқӣ, инчунин иҷрои вазифаи шахси боваринок ё агент дар вақти гузаронидани ҳисобҳои байналхалқии аъзоёни он.

***Калидвожаҳо:*** *бонки ҳисобҳои байналхалқӣ, бонкҳои марказӣ, институтҳои молиявию қарзӣ, муносибатҳои асъорию қарзӣ, амалиётҳои молиявии байналхалқӣ.*

## ONTHE QUESTION OF CREATION AND DEVELOPMENT OF THE BANK OF INTERNATIONAL SETTLEMENTS

**Abstract**

In this article, the author reveals the essence and tasks of the bank for international settlements, as well as the main directions of its activities. The main objectives of the bank for international settlements are the promotion of cooperation between central banks, the provision of favorable conditions for international financial transactions, and the performance of the functions of a trustee or agent in the conduct with international payments of its members.

***Keywords:*** *bank for international settlements, central banks, financial and credit institutions, monetary and credit relations, international financial transactions.*

**ТАБАРОВ Аҳлиддин**
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит
**TABAROV Ahliddin**
Second –year Master of Sciencc. Financial and economis
Institute of Tajikistan specialty accounting and auditing

# ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ АНДОЗҲО ВА МУЗДИ МЕҲНАТ АЗ РӮИ БАРНОМАИ 1 С МУҲОСИБОТ ДАР КОРХОНАҲО

## ПОРЯДОК РАСЧЕТА НАЛОГОВ И ЗАРПЛАТЫ ПО ПРОГРАММЕ 1 С БУХГАЛТЕРИЯ В ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Аннотация**

Невозможно представить процесс экономической реформы страны и ее устойчивое развитие без формирования и развития налогообложения и налогообложения. Налогообложение является основным источником создания государственного бюджета и обеспечивает быструю финансовую систему государства в стране. Налогообложение является одним из столпов правового государства, неотъемлемой частью экономических отношений, а также чувства ответственности населения и предпринимателей, предприятий и учреждений в формировании и совершенствовании налогообложения и налогообложения в стране. Для государства важно обеспечить бюджет государства деньгами, особенно социальными сферами.

**Ключевые слова**: налог, бюджет, денежное средство, заработная плата, налогооблажение, бухгалтерия, финансы, отчет.

Бояд ёдовар шуд, ки сиёсати андоз ва такмил додани низоми андозбандӣ яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ буҷед буда, раванди содагардонии он, ҷорӣ кардани шакл ва намудҳои беҳтарини андоз, ки ба манфиати аҳолӣ ва дар маҷмуъ рушди иқтисодии ин кишвар нигаронидашуда дар маркази диққати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷтикистон мебошад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ислоҳоти андоз яке аз омилҳои асосии бомуваффакият сипарӣ шудани ин марҳилаи ҳассос мебошад. Зеро низоми андоз аз унсурҳои асосии иктисодӣ бозоргонӣ буда, заминаи дастовардҳои иқтисодӣ маҳсуб мешавад.

Қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2012 ва тағйиру иловаҳо ба санаи 01.01.2017 сол низоми андозбандиро дар ҷумҳурӣ тағйир дод.

Низоми андози ҷумҳурӣ бояд ба рущди соҳибкорӣ мусоидат намояд, аз ҳамин лиҳоз дар Кодекси нави андоз соҳибкории истеҳсолӣ соҳиби имтиёзҳои зиёди андозӣ гардида умуман миқдори андозҳо аз 21 намуд ба 10 намуд ихтисор карда шуданд.

Яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва объекти андозбандӣ дар ҷумҳурӣ ин корхонаҳои саноатии кишвар мебошад.

*Дар шароити муосир идоракунии корхона бе кампютер ва барномаҳои кампютерии муҳосибӣ, ки барои тартиб додани ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, ордерҳои даромад ва хароҷоти хазинавӣ, бурдани баҳисобгирии дохилшавӣ ва ҳаракати молҳо, пешниҳоди ҳисоб-фактураҳо ва дигар корҳо ғайри имкон мебошад.*

*«1С: Корхона» ба муҳосибон - иқтисодчиёни оянда омӯхтани принсипҳои нави баҳисобгирии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулӣ, таҳлил намудани ҳолатҳои аниқ, ки дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагии корхона ба амал меояд, кӯмак мерасонад.*

*Дар давраи иқтисоди бозорӣ ва гузариш ба СББМ имрӯза яке аз роҳҳои асосии рушди ҳисобдорӣ ва самаранок ба анҷом расонидани фаъолияти шӯъбаи муҳосибот -ин бо барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла бо барномаҳои махсусгардонидашудаи ҳисобдорӣ таъмин намудани шӯъбаи муҳосибот мебошад. Истифодаи ин барнома дар шӯъбаи муҳосибот аз бисёр ҷиҳатҳо манфиатовар мебошад, ки муҳимтаринаш инҳоянд:*

- *Саривақт ва хушсифат анҷом додани корҳо;*
- *Кам кардани хароҷоти молҳои конселярӣ ва дигар хароҷотҳои ташкилӣ;*
- *Ихтисори кормандон дар шӯъбаи муҳосибот ва ғайра.*

Шахсони вокеии резидент ва ғайрирезидент, ки мутобиқи моддаи 134 Кодекси андоз объекти андозбандишаванда доранд, супорандагони андоз аз даромад мебошанд.

Барои резидентно ба сифати объекти андозбандии даромад даромади андозбандишавандаи онҳо ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ дар соли тақвимӣ ва маблағи тарҳшудаи хароҷоти пешбининамудаи Кодекси андоз барои ҳамин давра муайян карда мешавад.

Даромади умумии андозсупоранда резидент аз даромадхое иборат мебошад, ки вай аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтааст.

Даромади умумии андозсупоранда - ғайрирезидент аз даромадҳое иборат мебошад, ки вай аз манбаъҳои вокеъ дар Ҷумҳурии Тоҳикистон гирифтааст.

Ҳамаи намуди даромадхои гирифташуда, ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам дар шакли асл (натуралӣ), ба истиснои даромадҳо, ки мувофиқи ҳамин Кодекс аз андози даромад (андози фоида) озод карда шудаанд, ба даромади умумӣ дохил карда мешаванд, аз чумла:

1) даромадҳое, ки ҳамчун музди мехнат гирифта шудаанд;
2) даромадҳо аз фаъолияте, ки кори кироя ҳисоб намешаванд;
3) ҳама гуна даромадҳои дигар.

Ҳама гуна пардохт ё манфиат, ки шахси воқей аз кори кироя гирифтааст, аз ҷумла дар шакли натуралӣ, даромади дар шакли музди меҳнат гирифташуда ба ҳисоб меравад, аз ҷумла, даромадҳо аз кори кирояи пешина дар шакли нафақа ё дигар шакл гирифташуда ё даромадхо аз кори минбаъдаи кироя.

Шахси воқей ҳуқуқ дорад барои ҳар моҳи соли андози дар ҳаҷми як музди меҳнати ҳадди ақали моҳона маблағ тарҳ намояд. Агар шахси воқей корманд бошад, тарҳи маблағ танҳо нисбати музди меҳнат дар ҷои кори асосиаш иҷозат дода мешавад.

Мукотибот оиди аз музди меҳнати коргарон пардохт намудани андоз аз даромади шахсони воқей барои пардохт чунин аст:

$Д_т$ 2 11 510 Музди меҳнати пардохтшаванда;

$К_т$ 2 11 670 Андоз аздаромади шахсони воқеи барои пардохт.

1. Андоз аз даромади шахсони воқейи ба ҲЯХ-и Буҷети маҳаллӣ дохил шуд

Дт ______________________ 1 11 220 --- 19529800 сомонӣ

Кт ______________________ 4 11 150 ---- 19529800 сомонӣ

Супорандагони андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ (минбаъд -«андоз аз фоида») корхонахои резиденти ва корхонахои хориҷи мебошанд. Объекти андозбандии корхонаи резидентп фоидаи он мебошад. Фоида фарки муҳосибии байни даромади умумии андозсупоранда ва маблағҳои тархшаванда мебошад.

Объекти андозбандии корхонаи хоричие, ки тавассути муасси-саи доимӣ дар Чумхурии Точикистон фаъолият менамояд, фонда аз чунин фаъолият ба хисоб меравад, яъне даромади умумии он аз манбаъхои Чумхурии Точикистон вобаста ба муассисаи доимӣ, ки ба маблаги тархшаванда нисбати чунин даромад пешбининамудаи Кодекси андози Чумхурии Точикистон кам карда шудааст.

Ҳамаи намуди даромадхои гирифташуда, хам дар шакли пули ва хам дар шакли асл (натуралӣ), ба истиснои даромадхо, ки мувофикӣ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андози даромад (андози фоида) озод карда шудаанд, ба даромади умумӣ доҳил карда мешаванд, аз ҷумла:

а) даромадхое, ки хамчун музди мехнат гирифта шудаанд;
б) даромадҳо аз фаълоияте, ки кори кироя ҳисоб намешаванд;
в) ҳама гуна даромадҳои дигар.

Меъёри андоз аз даромади шахсони хуқуқӣ *25°/о* аз даромади соф мебошад.

Барои ҳисоб намудани музди меҳнат дар барномаи 1 С Муҳосибот мо аз сатри «Музди меҳнат» (Зарплата)-и менюи «Ҳуҷҷатҳо» (документы) истифода мебарем.

Барои ҳисоб намудани музди меҳнат қисми «Ҳисобнамоии музди меҳнат» (начисление зарплата) – ро интихоб менамоем.

Ҷадвали 1




Дар қисми маълумот оиди ҳисобкунӣ (сведение о начислении) танҳо таърихи рӯз ва миқдори рӯзҳои кориро дохил мекунем.

Мо миқдори рузи кори коргаронро дар давоми моҳ 21 рӯз ва намуди ҳисобкуниро музди меҳнат (заработная плата) ба барнома ворид намудем.

Ҷадвали 2




Баъдан курсорро ба қисми кормандон (сотрудники) гузашта, тугмачаи «Пур кардан» (Заполнить)-ро пахш мекунем. Пас аз пахши ин тугмача рӯйхати кормандон ба қисми ҷадвалии равзана намудор мегардад.

Ҷадвали 3




| N | Сотрудник | Дни | По окладу | Доплаты | Больничный | Отпуск | Итого |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Табаров Ахлиддин Довудхочаевич | 21 | 8,000.00 | | | | 8,000.00 |
| 2 | Гиёсов Мехрочидин | 21 | 7,000.00 | | | | 7,000.00 |
| 3 | Камилов Аслиддин Шаропхонович | 21 | 1,800.00 | | | 500.00 | 2,300.00 |
| 4 | Мирзоев Аброр Лолович | 21 | 200.00 | | | | 200.00 |
| 5 | Муродова Ш Э | 21 | 5,000.00 | | 300.00 | | 5,300.00 |
| 6 | Саидов Бахтовар Абдучаборович | 21 | 5,000.00 | | | | 5,000.00 |
| 7 | Табаров Бехруз | 21 | 600.00 | | | | 600.00 |
| 8 | Гардаков Махмадсаид р | 21 | 1,000.00 | | | | 1,000.00 |

Бо пахши тугмачаи «Гузорониш» (Провести) ва «ОК» маълумотро ба базаи маълумотӣ интиқол медиҳем.

Ҷадвали 5

| | Дата | Документ | № | Начислено | К выплате | Выплачено |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 22.10.15 | Выплата зарплаты | 00000001 | | | 1,000.00 |
| | 22.10.15 | Выплата зарплаты | 00000002 | | | 7,000.00 |
| | 27.10.15 | Выплата зарплаты | 00000003 | | | 200.00 |
| | 27.10.15 | Выплата зарплаты | 00000004 | | | 500.00 |
| | 31.10.15 | Начисление зарплаты | 00000003 | 26,000.00 | 22,538.90 | |
| | 31.10.15 | Выплата зарплаты | 00000005 | | | 11,383.33 |
| | 31.10.15 | Выплата зарплаты | 00000006 | | | 10,507.42 |
| | 30.11.15 | Начисление зарплаты | 00000004 | 29,400.00 | 25,430.25 | |

Хусоса гузаштан ба системаи автомати дар тамоми соҳаҳо дар кишвар ба наза мерасад ва дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар тамоми фаъолияти худро бо ин система бароҳ модаистодааст, алал хусус пешниҳоди эъломияҳои андоз мебошад.

## ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ АНДОЗҲО ВА МУЗДИ МЕҲНАТ АЗ РӮИ БАРНОМАИ 1 С МУҲОСИБОТ ДАР КОРХОНАҲО

**Тавзеҳи мухтасар**

Раванди ислоҳоти иқтисодии мамлакат ва таъмини рушди устувори онро бе ташаккул ва рушди мукамалгардонии низоми андоз ва андозбандӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст. Андоз ягона манбаи асосии ташаккулёбии буҷети давлатӣ буда, низоми босуръати молиявии давлатро дар қаламравии кишвар таъмин менамояд. Андоз ҳамчун яке аз рукунҳои давлати ҳуқуқбунёд, ҷузъи муҳими муносибатҳои иқтисодӣ давлат буда, ҳисси масъулияти аҳолӣ ва соҳибкорон, корхонаву муассисаҳоро дар ташаккул ва такмил додани муносибатҳои андоз ва андозбандӣ кишвар мустаҳкам менамояд. Вай воситаи муҳими таъмини буҷети давлат бо воситаҳои пулӣ, махсусан соҳаҳои иҷтимоӣ давлат ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** андоз, буҷет, воситаҳои пулӣ, музди меҳнат, андозбандӣ, муҳосибот, молия, ҳисобот.

## PROCEDURE FOR THE CALCULATION OF TAXES AND SALARY ON PROGRAM 1 WITH ACCOUNTING IN ENTERPRISES

**Abstract**

It is impossible to imagine the country's economic reform process and its sustainable development without the formation and development of taxation and taxation. Taxation is the primary source of the state budget creation and provides rapid financial system of the state in the country. The taxation is one of the pillars of the legal state, an integral part of the economic relations, and the sense of responsibility of the population and entrepreneurs, enterprises and institutions in the formation and improvement of tax and tax relations in the country. It is important for the state to provide the budget of the state with money, especially the social spheres.

**Keywords**: tax, bydget, cash, wage, taxation, bookipping, finance, report.

**СОҲИБОВ Суннатулло**
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**СОХИБОВ Суннатулло**
Магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана, специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
**SOHIBOV Sunnatullo**
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan, specialty accounting, analysis and audit

# МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИ ВА ИҶТИМОИИ ХАРОҶОТИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДӢ БОЗОРГОНӢ

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЙ В ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

**Аннотация**

В контексте рыночной экономики эффективное использование товаров, полезных ископаемых и трудовых ресурсов является одним из факторов, повышающих экономику

предприятия и страны. Обеспечение экономического развития предприятия зависит от многих факторов, которые можно отнести к производственным, техническим, технологическим, управленческим, политическим, социальным и другим факторам.

**Ключевые слова:** стоимость, доход, бюджет, финансовая деятельность, продажи, деньги, кредит.

Яке аз унсурҳои асосии таъмини даромаднокии корхонаҳо ин кам кардани хароҷоти онхо мебошад. Аз ин лихоз, мунтазам кам кардани хароҷотҳо ва истифодаи сарфакоронаи яке аз масъалахои асосии иқтисодии мамлакат мебошад.

Агар хароҷоти истехсолии корхонаҳо, ширкатҳо ва сохторҳои тиҷорати кам шавад, онҳо метавонанд бе мушкили андозҳои пешбинишударо ба буҷет пардозанд, қарзҳои бонкҳоро пурра ва саривақт бо фоиз супоранд, пардохтҳои ғайрибуҷетиро пурра гузаронанд ва дар пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар саҳмгузор шаванд.

Дар ҳолати автоматикунонии баҳисобгирӣ дар асоси коркарди компютерии ахборот аз рӯи баҳисобгирии хароҷотҳо дар истеҳсолоти саноатӣ ин ахборотҳо қисми таркибии раванди баҳисобгирии муҳосибот аз рӯи ҳисобҳои баҳисобгирии истеҳсолот мебошад.

Аз ин хотир, омухтани моҳият ва аҳамияти кам кардани хароҷоти корхонаҳо ва муайян кардани самтҳои асосии инкишофи фаъолияти молиявии онҳо аҳамияти хоси назарияви ва амали дорад.

Дар шароити муносибатҳои бозори яке аз вазифаҳои аввалин дараҷаи корхона ин кам кардани хароҷотҳои истехсоли маҳсулот ба шумор меравад.

Хароҷотҳои истеҳсол ва фуруши маҳсулот, ки арзиши аслии онро ташкил медиханд, яке аз омилхои фаъолияти иқтисодии корхона ба ҳисоб мераванд. Дараҷаи ин хароҷотҳо ҳаҷми фоида, даромаднокии маҳсулот ва дигар нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии корхонаро муайян менамояд.Мақсади асосии корхонаҳо ба даст овардани фоида мебошад, ҷунки маҳз фоида сарҷашмаи асосии пардохти хароҷотҳо, зиёд намудани дивиденди саҳмдорон ва дигар иштирокдорони корхонаҳо мебошад. Ин мақсад ба тавассути истифодаи оқилонаи омилҳои истеҳсолот, сарфаи воситаҳои пули ва хароҷотҳо ба даст меояд.

Хароҷот ин ифодаи пулии харҷи омилхои истехсоли мебошад, ки барои ба амал баровардани фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхона ҷиҳати истеҳсол ва фуруши маҳсулот ба кор меравад. Агар ба тарзи умуми гуем, хароҷоти истеҳсол ва фуруши маҳсулот истифодабарии захираҳои табии, ашеи хом, масолеҳ, сузишвори, энергия, фондҳои асоси, захираҳои меҳнати ва дигар харҷхо мебошанд [1,89].

Муайян намудани ин хароҷотҳо ва арзиши асосии маҳсулот як катор вазифаҳои муҳимро дар пеш мегузорад:

- ба ҳисобгирй ва назорат аз болоии хароҷотҳои истеҳсол ва фуруши маҳсулот;
- аниқ намудани дараҷаи нархҳои яклухт барои махсулоти корхона;
- аз ҷиҳати иктисоди асоснок кардани мувофики максаднок будани маблағгузориҳои ҳакики барои таҷдиди техника, аз нав сози, васеъ кардани корхона;
- муайян кардани андозаи дурусти корхона;
- асосноккунии иктисоди ва кабули карори дахлдори идоракуни ва гайра.

Бо назардошти вазъи иктисоди – иҷтимои аҳмияти кам кардани арзиши аслии маҳсулот дар ҷунин шароитҳо ифода меебад:

- дар зиедшавии фоида, ки дар ихтиёри корхона мондааст, ҳамин тарик, имкониятҳои ба вуҷуҷ омадаи на танҳо такрористеҳсоли одди инҷунин такрориристееҳсолкуни васеъ;
- дар пайдо шудани имкониятҳои васеъ барои ҳавасмандкунии моддии коргарон ва ҳалли масъалаҳои зиеди иҷтимоии колективи корхона;
- дар беҳтар гардидани вазъи молиявии корхона ва паст кардани дараҷаи хавфи муфлисшавй;

- дар имконияти паст кардани нархи фуруши маҳсулоти худ, ки имконият медихад рақобатнокии маҳсулот афзуда ҳаҷми фуруш зиед шавад.

Ҳамин тарик паст кардани сатҳи хароҷот дар корхона талили шароит ва омилхои ба арзиши аслии маҳсулот таъсиррасонандаро такозо менамояд. Аз ин ру, масъалаи ба таври мукаммал омухтани таснифоти хароҷоти истеҳсоли ба миён меояд.

Дар амалия ба максади таҳлил, ҳисоб ва ба накшагирии тамоми намуди хароҷоте, ки ба таркиби арзиши аслии маҳсулот дохил мешаванд, ду намуди таснифоте, ки якдигарро пурра мекунанд, истифода бурда мешавад:

1) Таснифот аз руи унсурҳои иқтисоди.

2) Таснифот аз руи моддаҳои ҳисоббарорй.

Дар мавриди аввал, тақсими хароҷот аз руи таркиби иктисоди новобаста ба он, ки дар куҷо ва бо кадом максад сарф мешаванд, анҷом мегирад. Ин тариқи гурухбандии хароҷот барои тартиб додани харҷнома ( смета ) истифода мегардад. Барои корхонахои тамоми соҳаҳои саноат номгуи зерини хароҷоти истехсоли муқаррар карда шудааст:

1) Хароҷоти модди (бо тарҳ кардани арзиши партовҳои кобили истифода);

2) Хароҷоти музди мехнат;

3) Бардоштҳо барои эҳтиеҷоти иҷтимои;

4) Бардошти истеҳлокии фондҳои асос;.

5) Дигар хароҷот;

Ба хароҷоти модди дохил мешаванд; ашёи хом, масолеҳи асоси, масолеи нимтаери харида шуда, масолеҳи комплекси, масолеҳи ёридиҳанда, сузишвори, энергия, асбобҳои кам арзиш ва тез хурдашаванда[2,66].

Ба бардоштҳо барои эҳтиеҷоти иҷтимои, пардохтҳо ба фонди нафақа, фонди бимаи иҷтимои, бимаи тибби дохил мешавад. Ба бардошти истеҳлоки фондҳои асоси тамоми хисоббаробариҳои истехлоки аз руи воситахои асоси марҳалаи хисоботи дохил мешаванд.

Дигар хароҷотҳо пардохто барои фоиз, хурдашавии дороиҳои гайримодди, хароҷот барои рухсати, хароҷоти интихоби, хароҷот барои реклама, хароҷот барои тайеркунии кадрхо ва гайра мебошанд.

Дар шароити муносибатҳои бозори яке аз масъалаҳои асосии иктисоди кам кардани хароҷот мебошад, ҷи микдор хароҷоти корхона кам шавад ҳамон кадар даромад ва фоидаи корхонаҳо зиёд мешавад. Кулли хароҷоти корхона, ки ба истеҳсол ва фуруши маҳсулот алокаманд бошанд, арзиши асли номида мешавад. Арзиши аслии маҳсулот нишондиҳандаи сифати муҳимест, ки ба натиҷаи фаъолияти истеҳсоли тиҷорати ва молияви ширкат баҳо медихад. Сатҳи ҳосилнокии меҳнат дараҷаи истифодабарии сармояи асоси ва гардони корхона дар арзиши аслии маҳсулот ифода меёбанд.

Арзиши аслии маҳсулот имкон медихад, ки фаъолияти ширкат яъне самаранокии фаъолияти вай мукоиса карда шавад, аз болои хароҷоти воситахои пули ва модди назорат ташкил карда шавад.

Пеш аз хама қайд кардан зарур аст, ки роҳбарият ва менеҷерони корхона бояд донанд, ки идоракунии хароҷотҳои истехсолот ва фуруши маҳсулот бо максади паст кардани хароҷот яке аз кисмҳои таркибии идоракунии тамоми корхона аст. Барои ҳал кардани масъалаи паст кардани хароҷотҳои истеҳсолот ва фуруш бояд барномаи умуми кор карда бароварда шавад, ки бо назардошти тагийротҳои вазъияти корхона хар сол дида баромада мешавад.

Бояд кайд намуд, ки муайянсозии самаранокии иктисодии хароҷот аз руи марҳалаҳои ҷорикуни ва самтҳояш хусусияҳтои худро дорост. Масалан, хангоми баҳодиҳии самаранокии хароҷот барои бунёди асоси модди – техникии корҳои илми- тадкикоти ва таҷрибави – конструктори ки ба такмили истеҳсолоти модди

равон шудааст, дар баробари натиҷаҳои иҷтимои ва экологи низ зоҳир мешаванд, Ин натиҷахоро наметавон бо баҳои арзиши ифода намуд:

- аз байнравии меҳнати душвори ҷисмони
- баланб бардоштани дараҷаи техникаи беҳатари
- бартарафсозии ҷарохатгирии истехсоли ва беморихои касби
- беҳсозии вазъи муҳити атроф , тараққиёти илми – техники
- ҷори намудани усулҳои нави ташкили мехнат, истехсолот ва идоракуни.

Омили муҳмимтарини баландбардории самаранокии истеҳсолот тараққиёти илми – техники буд ва мемонад. То замонҳои охир тараққиёти илм ва техника бо роҳи таҳаввулоти инкишоф меёфт, ба такмили техналогияи ҷори, таҷдиди мошину таҷхизотхо аҳмияти бештар медоданд.

Сарҷашмаи асосии манбаи кам кардани хароҷоти истеҳсоли воҳиди маҳсулот ба ҳисоб мераванд, аз он ҷумла:

1. Зиёд кардани хаҷми истеҳсоли маҳсулот аз ҳисоби бештар истифода бурдани иктидори истеҳсоли корхона;

2. Кам кардани хароҷоти истеҳсоли маҳсулот аз ҳисоби баланд бардоштани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат, сарфакорона истифодабарии аше, маводҳо, неруи барк, сузишвори таҷҳизот кам кардани хароҷотҳои гайриистеҳсоли, нуксони истҳсоли ва гайра. [3,52].

Аз ин ҷихат масъалаи хароҷот аз кадим то инҷониб дар маркази диккати на танҳо назарияҷиёни иктисоддон, балки субъктҳои иктисоди, яъне ҳоҷагидорон меистад.

Перомуни хароҷот ақидахои гуногун вуҷуд доранд. Вобаста ба сатҳи тараккиети кувваҳои истеҳсолкунанда хислат ва неруи низомҳои миллию таърихи ва гайра хароҷотҳои иктисоди дар ҳар як макону замон, хар хеласурат мегиранд.

Тахлили нисбатан аник ва илмии хароҷот аз ҷониби классикони иктисоди сиёси огоз меёбад. Намояндагони ин мактаб тахлили хароҷот , нарх, арзиши фоида ва дигар масъалаҳоро, ки яке бидуни дигаре арзи вуҷуд дошта наметавонад,аз нигоҳ ва диди нигоҳи давраи худ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Масалан А. Смит фаҳмиши хароҷоти мутлақ ва Д. Рекардо хароҷоти муқоисавиро ҷори кардаанд.

Таҳти « хароҷот» онҳо масрафи миёнаи ҷомеавиро ба ҳар як воҳиди маҳсулот, ташкили арзиши воқеъи маҳсулоти алоҳида ба ҳисоби миёна дар корхона ё худ ташаккули масрафи миёнаи маҳсулот дар доираи соҳа дар назар доштаанд.

Назарияи А.Смит ва Д. Рекардо минбаъд аз ҷониби К. Маркс дасгири, такмил ва инкишоф дода шаудааст. Тибқи ақидаи К. Маркс хароҷоти истеҳсолот ҳамҷун кулли масрифоти капиталист, ки барои харидани сармоя ва қувваҳои коргари, яъне масрафи сармояи собит ва сармояи тагйиребанда, сарф карда мешавад, сурат мегирад.

К. Маркс хароҷоти воқеии истехсоли мол, арзиши молро ба вуҷуд меоварад ва хароҷоти холиси истеҳсолоти капиталистиро аз ҳам фарк мекунад. Ин тарзи хосаи таксимбандии хароҷоти истеҳсолот ҳамҷун масрафи меҳнат ва масрафи сармоя яке аз заминахои ташаккули принсипи марксисти таҳлили такрористеҳсоли капиталисти дониста мешавад.

К. Маркс дар асоси тафрикбандии хароҷот ба хароҷоти кувваи коргари ва хароҷоти воситаҳои истеҳсолот, максади асосии истеҳсолоти капиталисти - истисмори мехнат ва ба даст овардани арзиши изофа, фоида ва минбаъд фоидаи миёнаро ошкор гардондааст [4,252 - 253].

Субъектони хоҷаги бо назардошти низомномаи мазкур ва хусусияту истеҳсолу фуруши маҳсулот кору хизматрасони, низомномаҳои соҳҳавиро оиди

калкулятсия кардани арзиши аслии маҳсулот бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иктисод ва робитаҳои иктисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ мекунанд.

Хулоса:

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ самаранокии иқтисодиети корхонаҳоро бештар дар натиҷаи истифодаи низому усулҳои ҳозиразамони идоракунӣ таъмин карда мешавад. Дар шароити иқтисодиёти бозори масоили хароҷоти корхонаҳо ва роҳҳои асосии кам кардани онхо яке аз мавзуъҳои актуали ва рузмарра ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити рақобати шадиди иқтисоди корхонҳао кушиш менамоянд, ки бо истифодаи роҳу усулҳои самаранок хароҷоти истеҳсолии худро кам намуда, сатҳи баланди даромаднокиро таъмин созанд.

**Адабиет**

1. Зарипов Э.Ш. Баҳисобгирии муҳосибии идоравӣ. Душанбе-2012
2. Низомов С.Ф., МирзоалиевА.А., Рахимов С.Х «Баҳисобгирии идоракунӣ» . – Душанбе: «Ирфон» 2017
3. Бобоев М.У. Баҳисобгирии идоравӣ. Душанбе-2012
4. Раҳимов Р.К. Назарияи иқтисодӣ. Душанбе-2009

## МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИ ВА ИҶТИМОИИ ХАРОҶОТИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДӢ БОЗОРГОНӢ

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ истифодаи самараноки захираҳои молию масолеҳӣ ва меҳнатӣ яке аз омилҳои баланд бардоштани иқтисодиёти корхона ва ҳам мамлакат мебошад. Таъмини рушди иқтисодии корхона аз бисёр омилҳо вобастаги дорад, ки он ҳоро ба омилҳои истеҳсолӣ, техникию технологӣ, идоракунӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва дигар омилҳо ҷудо кардан мумкин аст

**Калидвожа:** хароҷот, даромад, буҷет, фаъолияти молиявӣ, фурӯш,пул, қарз.

## ECONOMIC AND SOCIAL CONSIDERATIONS OF ENTERPRISES IN THE ECONOMIC CONDITIONS

**Abstract**

In the context of the market economy, the effective use of goods, minerals and labor resources is one of the factors that increase the enterprise's economy and the country. Providing economic development of the enterprise depends on many factors, which can be attributed to production, technical, technological, management, political, social and other factors.

**Keywords:** value, income, budget, financial activity, sales, money, credit.

**ШОЕВ Шохрух**
магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси андоз ва андозбандӣ
**ШОЕВ Шохрух**
Магистрант 2-го курса Финансово-экономического института Таджикистана, специальности налоги и налогообложения
**SHOEV Shohrukh**
Second-year Master of Science. Financial and economic Institute of Tajikistan specialty accounting, tax and tax

## ТАЪРИХ ВА ПАЙДОИШИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ДАР ТОҶИКИСТОН
## ИСТОРИЯ И ВОЗНИКНАВЕНИЯ НАЛОГА НА ДОБАВЛЕННУЮ СТОИМОСТЬ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Аннотация**

В статье рассмотрена история возникновения и развития налогов, а также налога на добавленную стоимость на современной территории Таджикистана. В то же время, дается характеристика процесса изменений налогов на различных этапах становления налоговой системы Республики Таджикистан.
**Ключевые слова:** сельское хозяйство, водные структуры, племенные ассоциации, система налогообложения, налог

Чӣ тавре аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, онҳо оид ба нахустин давлатҳо дар марзи Тоҷикистони имрӯза маълумоти дақиқ бобати ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодӣ ҷониби ҳамагон бо пуррагӣ эътироф гардидаро дар бар намегиранд.

Донишманди тоҷик Иброҳим Умарзода пас аз таҳқиқи Авесто, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Тарҷумаи Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ ва дигар сарчашмаҳо ба хулоса омадааст, ки нахустин давлат дар таърихи башар маҳз дар Осиёи Миёна ба миён омадааст. Ин давлат аз ҷониби қабилаи Туррониён–асосгузорони тамаддуни ориёӣ бунёд гардида буд. Қабилаҳои туронӣ–чун қабилаи ориёӣ дар ҳазораи даҳуми пеш аз милод дар Осиёи Миёна ташаккул ёфт. Шоҳони давлати Турон–Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Манучеҳр ва дигарон буданд. Дар замони ҳукмронии Манучеҳр давлати Турон ба ду қисм ҷудо гардид ва дар давраҳои минбаъда байни онҳо ҷангҳои давомдоре баргузор мешуданд. [4.] Дар манбаҳои дигар мавҷудияти сулолаи Туроиён эътироф шудааст, вале замони ба сари қудрат омадани онҳо дертар, яъне байни ҳазораҳои IV ва III пеш аз милод дониста шудааст.[1.]

Аз мавҷудияти давлатҳо дар Осиёни Миёна дар байни ҳазорсолаҳои X–III пеш аз милод иншооти обие гувоҳӣ медиҳанд, ки дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ дарёф гардиданд ва дар бораи онҳо академик Б. Ғафуров маълумот додаст: «Дар ҷануби Туркманистон, дар он ҷое, ки дарёҳову наҳрҳои зиёде вуҷуд доштанд, кишоварзон дар оғози кор аз обанборҳои табиӣ истифода мекарданд. Ба замин дона мекоштанд. Дар ҳазораи VI пеш аз милод (охири давраи неолит) нахустин иншооти обӣ–қадимтарин дар Шарқи Наздик шуданд. Обанборри дастсохте кашф шудааст, ки то 3,5 ҳазор кубометр об дар он ҷой мегирифт. Канали обрасоне кашф гардидааст, ки тақрибан дар ҳазораҳои IV-III пеш аз милод сохта шудааст ва аз он тақрибан 150 га заминаҳои киштзори ҷануби Туркманистон ба воситаи наҳрҳои аз он ҷоришаванда шодоб мегардиданд. Маълумоти мӯътамад дар бораи сохта шудани каналҳои обрасон дар Хоразм ва Фарғона дар ҳазораи II пеш аз милод вуҷуд доранд» [2.]

Инчунин, бояд гуфт, ки дар Осиёи Миёна дар давраи бронз (охири ҳазораи III--асрҳои IX–VIII пеш аз милод) аксари қабилаҳо ба хоҷагии истеҳсолӣ гузашта буданд, нахустин деҳаҳо (қарияҳо) пайдо шуданд, дар охири ҳамин давра нобаробариҳои мулкӣ ва иҷтимоӣ ба миён омаданд ва барои гузариш ба ҷомеаи табақавӣ (синфӣ) замина муҳайё намуданд. Дар ҳудуди ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз милод табдил ёфтани оилаҳои калони матриархалӣ ба оилаҳои патриархалӣ, ҷамоаҳои қабилавӣ ва деҳавӣ ба назар мерасад. Ин раванд дар айни замон маънои табдили иттиҳодияҳои қабилавиро ба шаклҳои давлатӣ ва пайдоши андозро дошт. Зарурати сохтмонҳои дастаҷамъӣ ва истифода аз иншооти обрасон-яке аз унсурҳои ҳаётан муҳим дар шароити Осиёи Миёна-боиси пайдоиши давлатҳо гардиданд.

Аз гузориши чунин ҳол таърихӣ хулоса метавон кард, ки аввалан, дар тӯли тамоми асри бронз (аз охири ҳазораи III то милод то асрҳои IX-VIII то милод) дар Осиёи Миёна давраи барҳам хӯрдани ҷамоаи ибтидоӣ ва барқароршавии тарзи истеҳсоли «Осиёӣ» идома ёфтааст, ки ин ҷараён хусусиятҳои зеринро дар бар мегирад:

- хоҷагии қишлоқи заминдории навъи осиёӣ, ки ба мақоми баланд бардоштани меҳнати дастаҷамъӣ ва пешрафти тақсими меҳнат дар дохили ҷомеа асос ёфтааст;
- моликияти давлат будани замин ва иншооти обрасон; истифодаи шахсони алоҳида ва ё гурӯҳи одамон аз онҳо;
- тобеъ будани истеҳсолкунандагони аслӣ аз иттиҳодия ва давлат ба сабаби дар инҳисори (монополияи) давлат будани воситаҳои асосии истеҳсолот (замин, ва заминаҳои он);

- хусусияти аграрӣ доштани иқтисодиёт (имтиёз доштани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бар дигар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ);

- бевосита аз ҳисоби омилҳои воқеӣ ва табиӣ таъмин намудани маҳсулнокии меҳнат (беҳсозии иншооти обрасон ва коркарди замин, истифодаи босамар аз муддати киштукор, яъне то ҳадди имкон ба кор андохтани «мошинаи атокардаи табиат» -замин);

- ба тавассути мақомоти иттиҳодия то ҳадди имкон ситонидани рента--андоз аз истеҳсолкунандагони асосӣ, ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо;

- истибдоди мутлақият чун шакли давлатдорӣ.

Дуюм, хулоса он аст, ки шаклҳои давлатдорӣ ва баъдан андозу андозситонӣ дар Осиёи Миёна аз охири ҳазораи III то милод сар карда, вобаста ба оғоз ёфтани ҷараёни фурӯпошии ҷомеаи ибтидоӣ пайдо шуданд. Нахустин шаклҳои давлатдории пароканда, вале дар атрофи ягон иншооти обрасон муттаҳидашуда ва дар ҳамсоягӣ қарордошта дар доираи як қабилаи алоҳида амал мекарданд. Вазифаи онҳо таъмини ҳифзи давлатдорӣ буд. Аз ҷумла аз душманони хориҷӣ ва ташкили кори сохтмон ва нигаҳдории фаъолияти иншоотҳои обрасон. Баъдан, ҷараёни дар як марказ муттаҳид шудани давлатҳо ва ташкил гардидани давлати бузург сурат мегирифт. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар он давра давлатҳои «Хоразми бузург» (иттиҳодияи қабилаҳои эронии шарқӣ), Шоҳии Бохтар--мавзеи пайдоиши зардуштия ва навишта шудани баъзе бахшҳои Авесто вуҷуд доштанд. Нахустин давлати бузург дар таърихи башарият Давлати Элам мебошад, ки дар минтақаи ҷанубу ғарбии Эрон дар нимаи дуюми ҳазорсолаи III пеш аз милод пайдо шудааст.

Қайд кардан ба таври аст, ки дар Шарқ, аз он ҷумла, дар Осиёи Миёна ва Эрони Шарқӣ ғуломон нерӯи асосии истеҳсолкунанда ба шумор намерафтанд. Дар ин давра ҷамоаи хоҷагии қишлоқ то барқарор шудани муносибатҳои феодалӣ вайрон нашуда буд. Ҷомеаи ғуломдорӣ ба ин шакли классикии аврупоиаш дар Шарқ зуҳур накарда буд.

Вале ин маънои онро надорад, ки ғуломдорӣ умуман дар Осиёи Миёна вуҷуд надошт. Ғуломдории патриархалӣ дар Шарқ дар ҳудуди ҳазораҳои IX-III то милод пайдо шуда, то замони шикасти Аморати Бухоро (ибтидои асри XX) идома ёфтааст. Дар Осиёи Миёна муносибатҳои ғуломдорӣ аз замони барҳам хӯрдани ҷамоаи қабилавӣ фақат ба шакли як сохти зиндагӣ (уклад) вуҷуд доштанд. онҳо шакли асосии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ--таъинкунандаи тарзи истеҳсолотро дар бар намегирифтанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки нахустин ташкилотҳои давлатмонанди Осиёи Миёна, ки то ворид шудан ба ҳайати Давлати Ҳахоманишиён (асри VI пеш аз милод) на давлатҳои ғуломдорӣ, балки давлатҳои мустақили истибдодии дорои тарзи истеҳсолоти «осиёӣ» буданд. Ҳатто фармонфармоии давлатҳои муқтадири ҷаҳон (Ҳахоманишиён, Юнониён, Форсҳо) тарзи хоҷагидории Осиёи Миёна тарзи истеҳсоли осиёиро, ки дар он аз замонҳои қадим вуҷуд дошт, аз байн бурда натавонистанд. К. Маркс ин гуна давлатҳоро тавсиф намуда қайд намудааст, ки онҳо шаклан ба ҳамдигар монананд, барҳам бихӯранд ҳам боз ба ҳамон шакл аз нав ба миён меоянд ва ҳатто номашон тағйир намеёбад. Ба сохтори ин гуна давлатҳо ҳеҷ гуна ҳодисаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсир расонида наметавонистанд. [3.]

Ба ҳамин тариқ, андоз ва низоми андозбандӣ дар Осиёи Миёна пас аз барҳам хӯрдани иттиҳодияи қавмӣ ва пайдоиши давлатҳо ба миён омаданд. Барои фаҳмидани хусусияти андозҳо донистани навъ ва чигунагии сохтори давлат хело зарур аст. Маҳс ҳамин ҳолатҳои номбурда водор месозад, ки чунин таҷрибаи таърихиро омӯхта барои равнақ додани хоҷагии истеҳсолӣ замин, андоз, хоҷагии қишлоқ, иқтисод, чорабиниҳои таъсирбахш пешниҳод намояд.

**Адабиёт**

1. Гафуров Б. Г. Таджики. Кн. 1, Душанбе, 1989, стр. 25 – 26
2. Маркс К., Энгельс Ф. Соч., 2-е изд., т. 23, стр. 371.
3. Маркс К., Энгельс Ф. Соч., 2-е изд., т. 23, стр. 371.
4. Таърихномаи мухтасар.– «Экономика и жизнь», 2006, № 12, стр.10 – 11.

## ТАЪРИХ ВА ПАЙДОИШИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ДАР ТОҶИКИСТОН

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақола заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди андозхо, аз чумла андоз аз арзиши иловашуда дар Точикистони сохибистиклол баррасӣ карда шудааст. Хамзамон, чараении тағйироти андозхо дар мархилахои рушди низоми андозбандии Чумхурии Точикистон.

**Вожаҳои калидӣ:** кишоварзӣ, иншоотҳои обӣ, иттиҳодияҳои қабилавӣ, низоми андозбандӣ, рента-андоз

## HISTORY AND PROMOTION TAX FOR ADDED VALUE IN TAJIKISTAN

**Abstract**

In the article the history of the emergence and development of elements of taxation is confirmed and the connection between tribal associations and forms of state structure and taxation is substantiated, at the same time the material basis of these relations is presented.

**Key words:** agriculture, water structures, tribal associations, taxation system, tax-tax.

**КАРИМОВ Абдураҳим Хурсандович**
магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси андоз ва андозбандӣ
**КАРИМОВ Абдураҳим Хурсандович**
магистрант 2-го курса Финансово - экономического института Таджикистана, специальности налоги и налогообложения
**KARIMOV Abdurahim Khursandovich**
graduate student of the 2 nd year financial and economic Institute of Tajikistan, specialty taxes and taxation

# ТАҲЛИЛИ ВОРИДОТИ АНДОЗӢ АЗ ҲИСОБИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ ПАРДОХТШАВАНДА ДАР ҚИСМИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# АНАЛИЗ НАЛОГОВЫХ ПОСТУПЛЕНИЙ ОПЛАЧИВАЕМЫЙ ИНДИВИДУАЛЬНЫМИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЯМИ В ЧАСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

В данной статье рассматриваются анализ налоговых поступлений индивидуальными предпринимателями которые взымается в части государственного бюджета Республики Таджикистан. Основываясь на анализе литературы, автор определяет доходы индивидуальных предпринимателей на основании патента и сертификата. Кроме того, роль и статус индивидуальных предпринимателей анализируются в бюджете государственного бюджета Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** налог, государственный бюджет, бизнес, инвестиции, патент, сертификат, технология, экономика.

Сиёсати иқтисодии давлат дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошад. Қобили қайд аст, ки ба натиҷагирӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ, нақши ҳалкунандаро низоми андози амаликунанда мебозад.

Бинобар ин, устувории ҳолати молиявии соҳибкорро бе таъсиси сиёсати андоз, ки бояд доимо дар такмил бошад, тассаввур намудан ғайри имкон аст.

Дар ҷумҳурии мо қайди давлатии соҳибкорони инфиродӣ хусусияти озод дошта, дар доираи талаботи бобби 5 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2010 сол

таҳти № 508 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 656 аз 02.12.2009 сол «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии шахсони воқеи, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд ва муқарар намудани шахси ҳуқуқӣ намебошад» амали карда мешавад[1].

Бо тартиби нави муқараргардида, яъне аз рӯи принсипи «Равзанаи ягона» шахси воқеӣ аз тарафи бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар маҳаллӣ фаъолияти чунин шахс дар муддати то 3 рӯзи корӣ дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зайл ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта мешавад.

- ариза дар шакли тасдиқгардида;
- нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, инчунин ду дона расми андозаи 4х6;
- нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеи ҳориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣдар ҳудудӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақаидгирӣ, иҷозатномаи иқомат);
- пардохтномаи (квитансия) – боҷи давлатӣ;
- пардохтномаи (квитансия) – и пешпардохти маблағӣ Патент барои ҳуқуқӣ амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродиро дар асоси (тибқи) Патент.

Андозбандии даромади умумии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом медиҳанд дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд"ба роҳ монда мешавад.

Соҳибкори инфиродӣ наметавонад дар як вақт фаъолиятро дар асоси ду варақаи патент, ду варақаи шаҳодатнома ё варақаҳои патент ва шаҳодатнома анҷом диҳад.

Шахси воқеие, ки дар амал фаъолияти соҳибкориро анҷом дода, аз бақайдгирии давлатӣ нагузаштааст, бо мақсадҳои андозбандӣ соҳибкори инфиродӣ дониста мешавад.

Соҳибкори инфиродӣ то он лаҳзае, ки фаъолияти ӯ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда қатъ карда нашудааст, ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти соҳибкории худро давом медиҳад ва дар назди буҷет ӯҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад[3,4].

Дар солҳои 2014-2015 – ум шумораи соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷадвали № 1 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали № 1**

**Маълумот**
**оиди шумораи соҳибкорони инфиродӣ аз Феҳристи ягонаи давлатӣ**

аз 01.01.2014 то 01.01.2015

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Таъсисёбӣ | | | | Азнавбақайдгирӣ | | | | Барҳамдодашуда | | | | Фаъолияткунанда | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ |
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **38 604** | **54 133** | **121 755** | **214 492** | **13 620** | **7 716** | **27 760** | **49 096** | **16 596** | **694** | **78 529** | **95 819** | **35 635** | **61 158** | **70 964** | **167 757** |
| В М Б К | 708 | 48 | 2 952 | 3 708 | 385 | 2 | 520 | 907 | 234 | 2 | 1 421 | 1 657 | 859 | 48 | 2 051 | 2 958 |
| Вилояти Сугд | 8 200 | 12 859 | 43 275 | 64 334 | 4 586 | 3 489 | 8 831 | 16 906 | 2 517 | 77 | 27 160 | 29 754 | 10 269 | 16 271 | 24 922 | 51 462 |
| Вилояти Хатлон | 8 820 | 27 080 | 25 704 | 61 604 | 2 248 | 571 | 8 656 | 11 475 | 2 542 | 307 | 16 909 | 19 758 | 8 526 | 27 344 | 17 451 | 53 321 |
| Нохияхои тобеи Чумхури | 6 687 | 14 130 | 20 865 | 41 682 | 2 144 | 3 649 | 5 317 | 11 110 | 3 856 | 301 | 14 687 | 18 844 | 4 982 | 17 481 | 11 496 | 33 959 |
| Шахри Душанбе | 14 189 | 16 | 28 959 | 43 164 | 4 257 | 5 | 4 436 | 8 698 | 7 447 | 7 | 18 352 | 25 806 | 10 999 | 14 | 15 044 | 26 057 |

**Сарчашма:** Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили Ҷадвали № 1 нишон медиҳад, ки соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси (тибқи) Шаҳодатнома фаъолият менамоянд, дар қаламрави Ҷуҳурии Тоҷикистон дар соли 2015-ум шумораи онҳо ба 35635 нафар баробар аст. Дар соли 2015 ум бошад шумораи андозсупорандагон яъне соҳибкорони инфиродие, ки типқи Патент фаъолият мекунад, шумораи онҳо ба 70964 расидааст ва шумораи хоҷагии деҳқонӣ бошад ба 61185 расидааст, ки шумораашон сол то сол зиёд шуда истодааст.

Дар солҳои 2014-2015 – ум шумораи соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ машғул буда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷадвали № 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали № 2**

**Воридоти андозҳо аз фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015 (бо ҳисоби ҳазор сомонӣ).**

| | **Нақшаи соли 2014** | **Воридот соли 2014** | **Фоизи иҷро** | **Нақшаи - солонаи соли 2015** | **Воридот ба соли 2015** | **Фоизи иҷро** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Воридоти андозҳо** | **5584535036** | **5848888639** | **104,7** | **6970994235** | **7176307602** | **106,1** |
| Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ | 66730281 | 67585233 | 101,3 | 86786335 | 89797796 | 103,0 |
| **Андози бо услуби соддакардашуда пардохтшаванда** | **106913168** | **118189890** | **110,5** | 874566528 | 944904752 | 89,3 |
| Андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад | 106913168 | 118189890 | 110,5 | 1993217000 | 2132111681 | 134,3 |

**Сарчашма:** Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз Ҷадвали № 2-юм хулоса бар меояд, ки дар солҳои охир ҳаҷми даромади буҷети мамлакатамон аз ҳисоби соҳибкорони хурд ва миёна афзоиш ёфтааст.

Дар солҳои 2014-2015 – ум даромади андозӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ тибқи Патент ва Шаҳодатнома дар кишвар машғул ҳастанд дар Ҷадвалҳои № 3-4 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали № 3**

**Маълумоти таҳлили**

**оид ба фаъолият тибқи Патент дар ҷумҳурӣ дар 12-моҳи соли 2015 ва 12-моҳи соли 2016**

(ҳазор сомонӣ)

| № | Номгӯи мақомотҳои ҳудудӣ | ПАТЕНТ | | | | | | Маблағи андоз ба ҳисоби миёна ба як соҳибкор дар як моҳ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 12-моҳи соли 2015 | | 12-моҳи соли 2016 | | фарқият(+;-;) | | | |
| | | шумора | Маблағ | шумора | маблағ | Шумора | Маблағ | 12 моҳи соли 2015 | 12 моҳи соли 2016 |
| 1 | ВМБК | 2214 | 1249,5 | 2090 | 2233,1 | -124 | 983,6 | 47,0 | 89,0 |
| 2 | Хатлон | 19851 | 19891,3 | 18376 | 29916,9 | -1475 | 10025,6 | 83,5 | 135,7 |
| 3 | Суғд | 27535 | 34422,0 | 25664 | 41083,4 | -1871 | 6661,4 | 104,2 | 133,4 |
| 4 | ш. Душанбе | 15977 | 19168,0 | 16531 | 22749,4 | 554 | 3581,4 | 100,0 | 114,7 |
| 5 | НТҶ | 12830 | 11560,6 | 11540 | 13863,2 | -1290 | 2302,6 | 75,1 | 100,1 |
| 6 | ҲАМАГӢ | 78407 | 86291,4 | 74201 | 109846,0 | -4206 | 23554,6 | 91,7 | 123,4 |

**Сарчашма:** Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷадвали № 4

Маълумоти таҳлили

оиди СИ бо Шаҳодатнома тибқи низоми соддакардашуда фаъолияткунанда

дар миқёси ҷумҳурӣ дар 12-моҳи соли 2015 ва 12-моҳи соли 2016

(ҳазор сомонӣ)

| № | Номгӯи мақомотҳои ҳудудӣ | ШАҲОДАТНОМА | | | | | | Маблағи андоз ба ҳисоби миёна ба як соҳибкор дар як моҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 12-моҳи соли 2015 | | 12-моҳи соли 2016 | | Фарқият(+;-;) | | |
| | | шумора | маблағ | шумора | маблағ | Шумора | Маблағ | 12 моҳи соли 2016 |
| 1 | ВМБК | 862 | 1405,1 | 867 | 2208,9 | 5 | 803,8 | 135,8 |
| 2 | Хатлон | 4186 | 21048,5 | 5589 | 25088,5 | 1403 | 4040 | 419,0 |
| 3 | Суғд | 9223 | 89836,2 | 10 021 | 64 971,6 | 798 | -24865 | 811,7 |
| 5 | ш. Душанбе | 12116 | 63477,0 | 10445 | 75813,7 | -1671 | 12336,7 | 436,6 |
| 6 | НТҶ | 4584 | 36471,3 | 4735 | 25786,1 | 151 | -10685,2 | 663,0 |
| Х | ҲАМАГӢ | 30971 | 212238,1 | 31657 | 193868,8 | 686 | -18369,3 | 571,1 |

**Сарчашма:** Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз рӯи маълумоти Ҷадвали № 3 муайян шуд, ки дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ соҳибкороне, ки дар асоси Патент фаъолият мекунанд, шумораашон ба 78407 нафар расидааст ва маблағи аз ҳисоби Патент ба буҷет воридгардида ба маблағи 86291,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2016-ум бошад шумораи соҳибкорне, ки дар асоси Патент фаъолиятмекунанд ба 31657 нафар расидааст ва маблағи он ба 109846,0 ҳазор сомонӣ рост меояд, ки нисбати соли гузашта 23554,6ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин маблаги андоз ба хисоби миёна ба як сохибкор дар як моҳ дар соли 2015 агар 71,5 сомониро ташкил мекард, пас дар соли 2016 ин ба 100,1 сомон расидааст.

Дар Ҷадвали № 4 бошад соҳибкорони инфиродие, ки дар ҷумҳурӣ дар асоси Шаҳодатнома фаъолият менамоянд, дар соли 2015-ум шумораи онҳо ба 30971 нафар баробар буд, ки аз ҳисоби он ба маблағи 212238,1 ҳазор сомониро ташкил медод. Дар соли 2016 ум бошад шумораи андозсупорандагон яъне соҳибкорони инфиродие, ки тибқи Шаҳодатнома фаъолият мекунад, шумораи онҳо ба 31657 нафар ва маблағи умумие, ки аз ҳисоби Шаҳодатнома ба буҷети давлат ворид мегардад 193868,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати соли гузашта шумораи соҳибкорон 686 нафар зиёд гардидааст.

Ин таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки татбиқи пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бечунучаро дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ пеш аз ҳама рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорон, ҷалби сармоя ва воридоти технологияҳои пешрафта ва дар ин замина ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Тадқиқоти ҷараёни батанзимдарории андозии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифода намудан аз таҷрибаи дигар давлатҳо дар самти батанзимдарории андозии фаъолияти соҳибкорӣ, имконияти дар давраҳои минбаъда такмил додани системаи андоз ва ноил гардидан ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳодҳои зеринро қайд карда ҷоиз аст, аз ҷумла:

1. Паст будани нишондоди ҷамъоварии андозҳои алоҳида аз ҷой доштани номукаммалӣ дар қонунгузории андоз ва ба манфиатҳои ғайриқонунии худ истифода гардидани он аз ҷониби андозсупорандагон шаҳодат медиҳад.
2. Паст намудани гаронии андоз (аз ҷумла муқаррар кардани меъёрҳои пасттар ва додани имтиёзҳо нисбати андозҳои алоҳида) ва аз байн рафтани иқтисоди пинҳонӣ мусоидат намуда, ҳамзамон ба зиёдшавии потенсиали андозӣ оварда мерасонад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2010 сол таҳти № 508
2. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015».
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд».


## ТАҲЛИЛИ ВОРИДОТИ АНДОЗӢ АЗ ҲИСОБИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ ПАРДОХТШАВАНДА ДАР ҚИСМИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тавзеҳи мухтасар**


Дар мақолаи мазкур таҳлили воридоти маблағҳои андозӣ аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ, ки дар қисми даромади буҷети давлати пардохта мешавад, дида баромада шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёт муаллиф маблағҳои воридшудаи соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатномаро муайян намудааст. Инчунин нақш ва мақоми соҳибкорони инфиродӣ дар қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** андоз, буҷети давлатӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, патент, шаҳодатнома, технология, иқтисодиёт.

**ANALYSIS OF TAX INCOME WHICH IS BEING MANUFACTURED BY INDIVIDUAL ENTREPRENEURS IN PART OF STATE BUDGET OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Abstract**

The article deals with the analysis of tax income that is made by individual entrepreneurs in the part of the state budget of the Republic of Tajikistan. Based on the analysis of literature, the author determines the incomes of individual entrepreneurs on the basis of a patent and a certificate. In addition, the role and status of individual entrepreneurs are analyzed in the budget of the state budget of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** tax, state budget, business, investment, patent, certificate, technology, economics.

**ҚАДРИДДИНИ Қамариддин.**

*Магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси андоз ва андозбандӣ.*

***КАДРИДДИН Камариддин***

*Магистрант 2-го курса Финансово-экономическего иниститута Таджикистана, специальность Налоги и налогообложения.*

***QADRIDDIN Qamariddin.***

Second-year Master of Science. Financial and economic Institute of Tajikistan specialty accounting, tax and tax

## МАВҚЕЪ ВА АҲМИЯТИ НИЗОМИ АНДОЗИ МИЛЛӢ ДАР ПЕШРАВИИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

## РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ В РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

**Аннотация**

В настоящей статье исследованы роль и значение национальной налоговой системы в развитие национальной экономики. Отмечено, что проведённые за последние годы изменения в налоговом законодательстве способствовали созданию производственных предприятий. Автором представлены некоторые предложения и рекомендации для дальнейшего совершенствование национальной налоговой системы.

**Ключевые слова** национальная налоговая система,налоговые льготы,производственные предприятие,прямые налоги, налог на добавленную стоимость,предпринимательская деятельность,налоговое законодательство, внутренний рынок, внешне-экономическая деятельность.

Низоми андози давлатамон дар зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул ёфтааст ва табиист,ки он аз низоми андози дигар давлатҳо бо шумора ва меъёрҳои андоз,тартиби ситонидан,щумораи имтиёзҳо ва дигар аломатҳо фарқ мекунад.Вале,сиёсати андоз бояд чунин таҳия ва роҳандозӣ гардад,ки ҳамеша ба пешравии корҳо,афзоиши истеҳсолот,ободии Ватан ва баланд рафтани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намояд. Механизми амалии сиёсати андози ин ё он давлат гуногун мебошад.Дастуру роҳнамоиҳо ва ҳидоятҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,вохӯрию мулоқотҳои ӯ бо соҳибкорон аз он гувоҳӣ медиҳад,ки дар якҷоягӣ ва бо ҳамдигарфаҳмӣ фаъолият бурдани кормандони мақомоти андоз ва соҳибкорон кафили ноил шудан ба комёбиҳои назаррас мебошад.

Бояд гуфт, ки боназардошти Кодекси андоз дар меъёрҳои қонунгузории андоз аниқтар гардида, системаи андози ҷумҳурӣ такмил дода шуда, барои ба буҷети давлатӣ сари вақт ва пурра ворид карда шудани маблағҳои пешбинишудаи даромадҳои андозӣ шароити мусоиди андозсупорӣ муҳайё карда мешавад. Инчунин қонунгузории андоз,

давраи гузариши пурра ба муносибатҳои бозаргонӣ нисбатан устувор гардида, барои субъектҳои соҳибкории хурд низоми муккамалтари соддакардашудаи андозбандӣ ҷорӣ мегардад. Дар шароити таъмини болоравии иқтисодиёти миллӣ яке аз омилҳои авалиндараҷаи он-ин инкишофи оянда ва такмили низоми андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.Мавриди зикр аст,ки дар 10 соли охир тағиротҳои куллӣ дар қонунгузории андоз амалӣ карда шудаанд,ки дар натиҷа дар солҳои 2005 ва 2012 Кодекси андози нав қабул шуда мавриди истифода қарор дода шудаанд.Дар он солҳо бо мақсади амалӣ намудани вазифаи ҳавасмандии андозҳо ва мунтазам кам намудани гаронии андозбандии соҳибкорон меъёрҳои андозҳо тадриҷан паст карда мешуданд.Масалан, бо пешниҳоди Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон меъери андоз аз  фоида ва андоз аз арзиши иловашуда мутаносибан аз 25% ба 15% ва аз 20% ба 18% паст карда шуд.

Дастгирии соҳибкорӣ ва дар навбати аввал соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.Ҳукумати кишвар то имрӯз бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя ислоҳоти иқтисодиро бомаром идома бахшид, ки дар натиҷа Тоҷикистон тибқи арзёбии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба рӯйхати 10 кишвари пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дохил гардид.Соли 2014 аз ҷониби бонкҳо ба соҳибкорон 8,2 миллиард сомонӣ, аз ҷумла ба соҳибкории истеҳсолӣ 5,1 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 17 фоиз зиёд мебошад.Дар 5 соли охир аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии соҳибкории хурду миёна беш аз 720 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шудаанд.Дар ин давра аз ҳисоби бонкҳо ба соҳибкорон 31 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст ва тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои дастгирӣ ва пешрафти соҳибкорӣ 16 миллиард сомонӣ равона гардидааст.[1] Мавриди зикр аст, ки дар қонунгузории андоз барои корхонаҳои саноатӣ имтиёзҳои андоз муқаррар шудааст. Масалан, тибқи моддаи 313 Кодекси андози амалкунанда воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. Содироти молҳое, ки корхонаҳои навтаъсис истеҳсол мекунанд, аз андоз, аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. Корхонаҳои навтаъсис аз андоз, аз фоида, андози низоми содакардашуда ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул озод мешаванд. Хушбахтона аз чунин имтиезҳои пешбинишуда сохибкорони дохиливу хориҷӣ бо маврид истифода бурда чунин корхонахоро ба истифода доданд. Мисол:  корхонаҳои зерин ба монанди Хима-Текстили ноҳияи Ёвон,Олим-Текстайли ноҳияи Мастчоҳ ва Коттон-Текстайли шаҳри Сарбанд,аз пардохти андозҳо ва мӯҳлати дар боло қайдшуда озод мебошанд.[2]Инчунин бо қабули тағирот ва илова ба Кодекси андози амалкунанда вазифаи ҳавасмандии андоз баръло дар амал мавриди татбиқ қарор дода шуда истодааст.Масалан баъди ворид намудани тағиру иловаҳо  ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 313 корхонаҳои истеҳсолкунандагони хӯроки омехтаи парранда ва чорво ва хоҷагиҳои паррандапарварӣ аз супоридани андозҳои зерин ба муддати 12 сол озод карда мешаванд:

-андоз аз фоида;

-андоз аз арзиши иловашуда;

-андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомабилгард;

-андоз аз молу мулки ғайриманқул;

[1] **Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 январи соли 2015**

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.04.2010 сол таҳти №390

андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳо[1].

Мутобиқи қонуни мазкур ду корхонаи ватанӣ ҶДММ “Мурғи ҳилол”-и ноҳияи Файзобод ва ҶДММ “Нутристар Тоҷикистон”-и шаҳри Душанбе аз имтиёзҳои дар боло қайдшуда бо пуррагӣ метавонистанд истифода баранд.Валле аз маълумотҳои оморӣ бармеояд,ки қисми ин корхонаҳо аз кор бозмонданд.

Бинобар ҳамин мақомотҳои дахлдори давлатӣ зарур аст,ки ҳолати самаранок ва мақсаднок пешниҳоди истифодабарии имтиёзҳои андозиро омузанд ва дар асоси он ба қонунгузории андози кишвар тағиру иловаҳо ворид намоянд.

Дар солҳои охир бо қабули Кодекси андози нав ва мавриди истифода қарор додани он аз 1 январи соли 2013 мунтазам меъёри андоз аз арзиши иловашуда паст карда шуда истодааст,ки ин бевосита ба пешравии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ мусоидат менамояд. Масалан:дар Кодекси нави андоз дар қисмати андоз аз арзиши иловашуда ҳадди даромад барои мақсадҳои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз 500 хазор то 1миллион сомонӣ баланд карда шуд. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда барои истеҳсол ё фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ, хизматрасониҳои савдои яклухт ва чакана, захиракунӣ, хариду фурӯш, фаъолияти сохтмонӣ ва таҳвили маҳсулоти худи кишоварзӣ 5% муқаррар карда шуд. Дар қисмати фаъолияти ин гурӯҳи андозсупорандагон ҳангоми татбиқи меъёри 5%-и ААИ баҳисобгирии ААИ татбиқ карда намешавад.Ҳаммаи имтёзҳои пешниҳодшуда бевосита ба паст шудани гаронии андоз,мусоидат ба пешравии фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Дар байни андозҳои ғайримустақим бартарияти бештаро андоз аз арзиши иловашударо дорост.Омӯзиш ва таҳлили гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар давраи нӯҳ моҳи соли 2016 бинобар сабаби идома ёфтани ноустувории вазъияти молиявӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва вазъияти сиёсӣ дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла пастравии рушди иқтисодиёти шарикони асосии тиҷоратӣ, талабот ба як қатор молу маҳсулоти содиротию воридотӣ кам гардидаст. Дар ин замина, гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои соли 2015 то инҷониб давра ба давра коҳиш ёфта, коҳишёбии он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,2%-ро ташкил намуд.Коҳиш ёфтани воридоти молҳое, ки истеҳсолашон дар дохили ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст. Озод намудани воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ, заминаи устуворро барои ба роҳ мондани истеҳсоли моли ватанӣ муҳайё намуда, то андозае ниёзи бозори дохилиро аз моли хориҷӣ маҳдуд намуд ва дар натиҷа давра ба давра воридоти молҳои истеҳсолашон дар кишвар ба роҳ мондашуда аз қабили семент, маҳсулоти кишоварзӣ, орд, макарон, маҳсулоти қаннодӣ, тухм, гӯшти мурғ ва ғайра, коҳиш ёфтаанд.

Воридоти пардохтҳои гумрукӣ дар соли 2017 аз руи афзоиши гар- диши савдои хориҷӣ ба андозаи 9 фоиз ба маблаги 4300,6 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, нисбати Буҷети соли 2016-ум 500,6 млн. сом. зиёд мебошад ё ки 34,3 % ҳаҷми даромади Буҷетро ташкил медиҳад,аз ҷумла, андоз аз арзиши иловашудаи берунӣ 3310,4 млн. сомонӣ, нисбат ба соли 2016 ба андозаи 14,2 %ё ин ки ба маблағи 410,4 млн. сомонӣ зиёд. Дар соли 2017 воридоти андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ бо дарназардошти афзоиши реалии ММД ба маблағи 1700,3 млн. сомонӣ муайян карда шудааст.

Чи тавре,ки қайд намудем дар ташаккулёбии буҷети давлатӣ саҳми андозҳои ғайримустақим калон мебошад, вале он дар солҳои охир тамоюли пастравиро дорад. Аз рӯи натиҷаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва аз сӯҳбат бо соҳибкорон чунин бармеояд, ки яке аз сабабҳои асосии амали ғайриқонунӣ ва ба қочоқ даст задани баъзе соҳибкорон, ин зиёд будани меъёрҳои андозбандии моли воридотӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.12.2013 таҳти №1372

Яке аз сабабҳои кам шудани вазни қиёсии андоз аз арзиши иловашуда дар сохтори маблағҳои андозӣ ин тафовути калони меъёри андозбандӣ дар мамлакатҳои ҳамҷавор ва то ҳол шаффоф мондани сарҳад миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон. Масалан, меъёри андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридоти мол дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба андозаи 12 фоиз муқаррар гардида, ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 фоиз ва аз ин ҳисоб фарқият 6 фоизро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин, тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Қирғизистон воридоти молҳои истифодаи мактабӣ (дафтару китоб), хӯроки бачагона, гандум, маводи доруворӣ, нуриҳои минералӣ, тухмии растанӣ, чорвои хушзот, таҷҳизоти технологӣ барои ташкили фондҳои асосӣ ва ғайраҳо, аз супоридани андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳангоми воридоти аксари ин номгӯи молҳо меъёри андоз аз арзиши иловашуда 18 фоиз ситонида мешавад, ки ин омил низ ба интиқоли ғайриқонунии мол таъсири худро мерасонад.Бинобар ҳамин зарур мешуморем,ки меъёри андози мазкур ба сатҳи меъёри давлатҳои ҳамсоя наздик карда шавад.

**Адабиёт**


1.Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, нашриёти «Ирфон» 2012.
2.Улугходжаева Х. Налоги и налогообложение Республики Таджикистан. - Душанбе, 2010
3.Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение: Учебник.- 2-е изд., перераб. и доп .- .: ИНФРА-М, 2003. - 576 с.
4.Маҷаллаи «Молия ва ҳисобдорӣ». №1- №6. 2017. Вазорати молияи ҶТ
5.Сайти http://www.slal.ti Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон


## МАВҚЕЪ ВА АҲМИЯТИ НИЗОМИ АНДОЗИ МИЛЛӢ ДАР ПЕШРАВИИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Тавзеҳи мухтасар**


Дар мақолаи мазкур оид ба мавқеъ ва аҳмияти низоми андози миллӣ дар пешравии иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳлил қарор ёфтааст.Қайд карда шудааст,ки тағиротҳои дар солҳои охир дар қонунгузории андози миллӣ гузаронидашуда ба ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ мусоидат намудааст.Инчунин аз тарафи муаллиф дар самти такмили минбаъдаи қонунгузории андози миллӣ якчанд пешниҳод тавсия гардидааст.



**Калид вожаҳо** низоми андози миллӣ,имтиёзи андоз,корхонаҳои истеҳсолӣ,андозҳои мустақим,андоз аз арзиши иловашуда,фаъолияти соҳибкорӣ,қонунгузории андоз,бозори дохилӣ,тиҷорати хориҷӣ.


## THE ROLE AND IMPORTANTCE OF NATIONAL TAX SYSTEM IN THE DEVOLOPING COUNTRY ECONOMY

**Abstract**


In persisting article explored role and importance of the national tax system in development of the national economy. It Is Noted that called on in recent years changes to tax legislation promoted creation production enterprise. The Author are presented some offers and recommendations for the further improvement of the national tax system.



**Keywords**: national tax system, tax privileges, production enterprise, direct taxes, value added tax, business activity, tax legislation, market, economic activity.

**ШОЕВ Фуркат Хусейнович**
*Магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-40010202-технология ва низоми Иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон.*
**ШОЕВ Фуркат Хусейнович**
*Магистрант 2-го курса специальност: 1-40010202- информационный технологии в экономике.Финансовой экономический институт Таджикистана.*
**SHOEV Furqat Huseynovich**
*Magistrant 2-year specialty:1-40010202 -information technology in the Economy. Financial Economic institute of Tajikistan.*

# АВТОМАТИКУНОНИИ ҶОИ КОРИ КОРМАНДИ МАҚОМОТИ МОЛИЯ ДОИР БА ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ НОҲИЯ (ДАР МИСОЛИ БАРНОМАИ SGB.Net)

# АВТОМАТИЗАЦИЯ РАБОЧЕГО МЕСТА СПЕЦИАЛИСТА ФИНАНСОВОЙ СФЕРЫ В РАСЧЕТЕ ПРИБЫЛИ И РАСХОДОВ БЮДЖЕТА РАЙОНА (В ПРИМЕРЕ ПРОГРАММЫ SGB.Neт)

**Аннотация**

Использование программы SGB.Net в работе специалиста финансовой сферы дает возможность качественно на высоком уровне исчислять прибыли и расходы бюджета района. В данной статье мы коротко изложили правила входа в программу, возможности уплаты контролирования входящих финансовых операций, формирование платежных поручений, расчет заработных платы, подготовку бухгалтерской справки, а также безналичного расчета в электронной форме в банках.

**Ключевые слова:** Платеж, бюджет района, автоматизация, расход, заработная плата, программа SGB.Net, платежное поручение, банковски отдел , бухгалтерская справка, заявка на расход, казначейство.

Барои ворид шудан ба барномаи SGB.NET мутахассиси корхонаи буҷетӣ чунин нишонаро интихоб намуда https://10.10.80.29 баъд“**ENTER**”-ро бояд пахш менамояд, ки чунин экран пайдо мешавад.




Баъди пайдо шудани экран дар ҷойхои холие, ки нишон дода шудааст яке **“Логин”** ва дигар **“Пароль”** мебошад кодҳои махфии худро бояд гузорад. Баъди гузоштани кодҳои махфии худ “**Enter**” ё тугмачаи “**Вход**”-ро пахш менамоед ки чунин равзана пайдо мешавад.




Пас аз ин дар экрани кушодашуда ба ҷойҳои нишондодашуда коди махфии худро мегузорад.Ин чунин тарз мегирад:

1. Коди махфии истифодамешуда (Текущий парол)-ро мегузорад.
2. Коди нав мегузорад.
3. Коди навро такроран мегузорад.

Баъд из ин тугмачаи **«Смена пароля»** -ро пахш менамоед ки чунин шаклро мегирад.




Ин экрани асоси ном дорад, ки дар ин экран эълонҳое, ки ба истифодабарандагон зарур ва муҳим мебошад бо тариқи барнома эълон мегарданд ва ҳар як истифодабарондаи ин барнома дида метавонад.Ивазнамоии коди махфи дар муҳлатҳои муайяне, ки мутахассисонӣ барномасози КВД “Маркази Дастгирии амалиётҳои молиявии байни буҷетӣ» Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштаанд ва аз тарафи худи истифодабарандаи барнома иваз карда мешавад, ҳатми мебошад.

**Пардохт ва ворид намудани маблағи музди меҳнат дар барномаи SGB.NET** чунин сурат мегирад:

Сармуҳосиби мақомоти буҷети барои ворид намудани маблағи музди меҳнат бояд дар экрани асосии барномаи **SGB.NET** функсияи (Меню) **“Расходы”** ва зерфунксияи **“Ввод расхода”** –ро интихоб намуда пахш менамояд.




Дар равзанаи кушодашуда сармуҳосиби мақомоти буҷети маълумотҳои зарурироо оиди пардохти маблағи музди меҳнати кормандони асоси ё кормандони шартномави бояд дохил намояд. Мо дар ин ҷо барои намунаи пардохти маблағи музди меҳнати кормандони асосиро интихоб намудем:

1. Номи мақомоти буҷетӣ (Организация) интихоб карда мешавад.
2. Тугмачаи “Выборка бюджетные заявка”-ро пахш намуда сметаи хароҷотӣ интихоб карда мешавад.
3. Намуди хароҷот (Имя процесс “Расходы на персонал, Основная заработная плата” агар шарномави бошад “Оплата по трудовому договору”) интихоб карда мешавад.
4. Маълумоти мухтасар оиди хароҷот ворид карда мешавад.
5. Маълумоти пурра оиди хароҷот ворид карда мешавад.

Баъди интихоб ва ворид намудани маълумотҳои нишондодашуда тугмачаи **“Запуск процесса”**-ро пахш менамояд.Баъди пахш намудани тугмачаи **“Запуск процесса”** дар қисми поёнии экран маълумотҳо пайдо мешавад.Маълумотҳое,ки дар қисми поёни экран пайдо шудааст, ҳар якро пурра бо маълумотҳои дурусте, ки дар даст дорад бояд пур намояд.

1. ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)
2. Супоришномаи пули (Платежное поручение)
3. Маълумотномаи муҳосибавӣ (Бухгалтерская справка)

Баъди ин дар болои номгӯи “Ҳисоби музди меҳнат” (Рсчет зарплаты) пахш менамояд, ва натиҷаи он дар экран пайдо мешавад.Пас тугмачаи **“добавить новый расчет**”-ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд, ки чунин экран пайдо мешавад.




Дар экрани кушодашуда барои пайдо намудани маълумотҳо оиди ҳисоби музди меҳнат дар экрани якум тугмачаи тарафи рости “Мыш”- ро дар ҷои холии экран пахш менамояд,пас  зерфункцияи “добавит” ва “удалит” пайдо мешавад, аз инҳо зерфункция “добавит” ро интихоб намуда пахш менамоед ки чунин экран пайдо мешавад.




Аз ин экрани хурди пайдошуда зерфункцияи “Заработная плата и преравненные к ней выплаты” ва Социальное страхавание (25%) – ро бо тугмачаи сабзе, ки дар охири ҳар як зерфункция ҳаст интихоб менамояд.Баъд аз ин дар экрани болоии тарафи рост ҳам бо ҳамин тарз қабулкунандаҳои маблағро интихоб менамояд.Баъд аз ин ҳамаи маблағҳои муайяншудаи музди меҳнатро бо намуди ҳисобшудаашон мегузорад.Баъди гузоштани маблағҳои ҳисобшудаи музди меҳнат экрани сеюм бояд пур карда шавад. Барои экрани сеюмро пур намудан дар экрани дуюм маблағҳоро дар пункти “К оплаты” мегузорад ва дар экрани сеюм бо ГИБ (статия) –и муайян таксим менамояд.Баъди пур намудани экранҳо бояд маблағи ҳамаи экранҳо баробар бошад, баъд аз ин рақам ва

таърихи рӯзи **Ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)** –ро, ки дар қисми болои экран ҳастанд гузошта тугмачаи **“Сохранить” ва “Готово к утвердению”** –ро сармуҳосиби корхонаи буҷетӣ пахш менамояд.Баъди ба итмом рисидани дохилкунии **Ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)** аз тарафи сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ, **Ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)** ба зинаи розиги додан аз тарафи роҳбари мақомоти буҷетӣ бо тарзи электронӣ мегузарад. Роҳбари мақомоти буҷетӣ бо кодҳои махфии худ ба барномаи SGB. NET ворид шуда, дар экрани асосӣ функсияи **“Расходы”** зерфунксияи **“Реестр ведомостей по зарплате”** – ро интихоб намуда пахш менамояд. Пас аз он зерфунксияи **“Реестр ведомостей по зарплате”**-ро пахшменамоед, ки чунин экран пайдо мешавад.




Дар экрани кушодашуда рохбари мақомоти буҷетӣ таърихи муайяни **Ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)**, номи корхонаи буҷетӣ ва статуси **“Готово к утверждению”**-ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”**-ро пахш менамояд. **Ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)** –и вориднамудаи сармуҳосиб пайдо мешавад. Баъд **Ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)** -и аз тарафи сармуҳосиб равоншударо интихоб намуда дар тарафи чапи экран галочка мегузорад ва тугмачаи **«Утвердить»** баъд **“Принять к исполнению”**- ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Вақте, ки роҳбари мақомоти буҷетӣ розигии худро доданд, ба сармуҳосиб имконияти Супоришномаи пулиро тайёр **(Сформировать платежное поручение)** намудан пайдо мешавад.Сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ ба қисми **Ҳисоби музди меҳнат (Рсчет зарплаты)** ворид шуда тугмачаи **“Сформировать платежное поручение”**-ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Баъд аз ин ба процесси худ баргашта пункти дуюмро иҷро менамояд.Пас аз он пункти дуюм “**Супоришномаи пулӣ” (Платежное поручение)** –ро интихоб намуда дар болои номугуяш пахш менамояд. Дар экран бошад аломате, ки бо ранги зард **(Редактировать)** аст бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамоед, чунин шаклро мегирад.



Дар ин ҷо **“Супоришномаи пулӣ” (Платежное поручение)** тайёр шудааст,ки дурустии супоришномаи пулиро сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ тафтиш менамояд ва тугмачаҳои **«Сохранить»** ва **“Готово к утверждению”**-ро**,** ки дар қисми поёни экран нишон дода шудааст, бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.Баъди аз ин розигӣ додан барои пардохти супоришномаи пулӣ ба Роҳбари мақомоти буҷетӣ бо тариқи барнома, электронӣ мегузарад.Роҳбари мақомоти буҷетӣ бо кодҳои махфии худ ба барномаи SGB. NET ворид шуда, дар экрани асосӣ функсияи **“Расходы” зерфунксияи “Реестр платежных поручений (Сомони)”** – ро интихоб намуда пахш менамояд. Баъд аз ин экрани **“Реестр платежных поручений”** пайдо мешавад.



Дар ин экрани кушодашуда Роҳбари мақомоти буҷетӣ таърихи муайяни супоришномаи пулӣ, номи мақомоти буҷетӣ ва статуси **“Готово к утверждению”**-ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Супоришномаи пулии тайёрнамудаи сармуҳосиб дар экрани**“Реестр платежных поручений”** пайдо мешавад.Роҳбари мақомот ба ҳар як **“Супоришномаи пулӣ”**-и интихобкардаи худ дар тарафи чапи экран галочка бо тугмачаи чапи “Мышь” гузошта тугмачаи **«Утвердить» -** ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Вақте, ки Роҳбари мақомоти буҷетӣ **“Супоришномаи пулӣ”**-ро тасдиқ намуд, **“Супоришномаи**

**пулӣ”** ба зинаи розигӣ додан аз тарафи Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории марказӣ бо тариқи барнома мегузарад.Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории марказӣ ба монанди роҳбари мақомоти буҷетӣ бо коди махфии худ ба барномаи **SGB. NET** дохил шуда дар экрани асоси функсияи **“Расходы”** ва **зерфунксияи “Реестр платежных поручений”**-ро интихоб намуда бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.Баъди ин дар экрани кушодашудаи **Реестр платежных поручений** Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории марказӣ таърихи муайяни супоришномаи пулӣ, номи мақомоти буҷетӣ ва статуси **“Утверждено”**-ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории марказӣ ба ҳар як **“Супоришномаи пулӣ”**-и интихобкардаи худ дар тарафи чапи экран бо тугмачаи чапи “Мышь” галочка гузошта тугмачаи **“Принять”**-ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.

Вақте, ки Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории марказӣ ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро дод, **“Супоришномаи пулӣ”** ба зинаи розиги додан аз тарафи Сардори Шӯъбаи СХМ бо тариқи барнома (электронӣ) мегузарад. Сардори Шӯъбаи СХМ бо коди махфии худ ба барномаи **SGB. NET** даромада дар экрани асоси функсияи **“Расходы”** ва зерфунксияи **“Реестр платежных поручений “**–ро интихоб намуда бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Баъди ин дар экрани кушодашуда Сардори Шӯъбаи СХМ таърихи муайяни рӯзи корӣ ва статуси **“Принято к исполнению”** -ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.Сардори Шӯъбаи СХМ ба ҳар як **“Супоришномаи пули”**-и интихобкардаи худ дар тарафи чапи экран бо тугмачаи чапи “Мышь” галочка мегузорад.Сардори Шӯъбаи СХМ розигии худро баъди интихоби галочка дар экрани **“Реестр платежных поручений”** бо тугмачаи**“Праверено”** бо тугмачаи чапи “Мышь” пахшнамуда розигии худро барои пардохти супоришномаи пулӣ медиҳад. Вақте, ки Сардори Шӯъбаи СХМ ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро оиди пардохти **“Супоришномаи пулӣ”** дод, ба зинаи розигӣ додан аз тарафи роҳбари СХМ бо тариқи барнома (электронӣ) мегузарад.

**Роҳбари хазинадорӣ**

Роҳбари СХМ бо коди махфии худ ба барномаи **SGB. NET** ворид шуда функсияи **“Расходы”** ва зерфунксияи **“Реестр платежных поручений”**-ро интихоб намуда бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.Баъди ин дар экрани кушодашуда Роҳбари СХМ статуси **“Принято к исполнению”** -ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.Роҳбари СХМ ба ҳар як **“Супоришномаи пулӣ”**-и интихобкардаи худ дар тарафи чапи экран гузошта, тугмачаи **“Оплатить”**-ро пахшнамуда розигии худро барои пардохти супоришномаи пулӣ медиҳад. Вақте, ки Роҳбари СХМ ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро оиди пардохти **“Супоришномаи пулӣ”** дод, ба зинаи пардохт намудан ба шуъбаи Бонкии СХМ бо тариқи барнома (электронӣ) мегузарад.

**Шӯъбаи Бонкии СХМ**

Шӯъбаи Бонкии СХМ вакте, ки мебинад Роҳбари СХМ ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро оиди пардохт додааст, **“Супоришномаи пули”** –ро мавриди пардохт қарор медиҳад.

Ҳоло мо **баровардан ва дидани фехристи бонкӣ (выписка) ва ҳисоботҳоро ба воситаи барномаи SGB.NET.** дида мебароем.

Сармуҳосиби корхонаи буҷетӣ барои дидани фехристи бонкӣ ва ҳисоботҳои худ дар функсияи (Меню) **“Отчеты”** зерфунксияи **«Отчеты по исполнение бюджета»** –ро интихоб намуда бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Баъди пахш намудани зерфунксияи **«Отчеты по исполнение бюджета»,** дар экран акс пайдо мешавад. Дар экрани кушодашуда барои дидани ҳисоботи “Анализ” мутахассиси корхонаи буҷетӣ боя дчунин маълумотҳоро интихоб намояд.

1. Соли муайяни ҳисоботӣ
2. Интихоби таърихи аввали давраи ҳисоботӣ (Дата начала)
3. Интихоби таърихи охири давраи ҳисоботӣ (Дата окончание)
4. Манбаи маблағгузорӣ
5. Интихоби номгуи корхонаи буҷетӣ (ПБС)
6. Интихоби сметаи хароҷотӣ (БЗ)

Баъди дохил намудани маълумотҳо тугмачаи **“Печать Exctl”** ё **«Печать PDF»** -ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд, пас ҳисобот пайдо мешавад. Дар ҳолати пайдо шудани ҳисобот сармуҳосиби корхонаи буҷетӣ метавонад барои пешбарии кори ҳисоботии худ чоп карда гирад.Барои дидани феҳристи бонкӣ (Выписка) дар экрани **«Отчеты по исполнение бюджета»**, бояд чи кор кард.Дар экрани кошодашуда сармуҳосиби корхонаи буҷетӣ барои дидани феҳристи бонкӣ (Выписка) бояд тугмачаи “Выписка по БЗ” -ро пахш намуда маълумотҳои нишондодашударо интихоб намояд.

1. Интихоби номи корхонаи буҷетӣ (ПБС).
2. Сметаи хароҷотӣ (БЗ)
3. Интихоби таърихи аввали давраи ҳисоботӣ (Дата начала)
4. Интихоби таърихи охири давраи ҳисоботӣ (Дата окончание)

Баъди дохил намудани маълумотҳо тугмачаи **“Выписка Exctl”** ё **«Выписка PDF»** -ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд, то ки боз ҳисобот пайдо мешавад. Дар ҳолати пайдо шудани ҳисобот сармуҳосиби корхонаи буҷетӣ метавонад барои пешбарии кори ҳисоботии худ чоп карда гирад.

Ҳоло мо **пардохт ва ворид намудани маблаги накдиро (бо воситаи чек ё корти пластики) дар барномаи SGB.NET.** дида мебароем.

Сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ барои ворид намудани ҳуҷҷатҳои маблағи накдӣ бояд дар экрани асосии барномаи **SGB.NET** функцияи (Меню) **“Расходы”** ва зерфункцияи **“Ввод расхода”** –ро интихоб намуда пахш менамоед.



Баъди пахши зерфункцияи **“Ввод расходы”** акс дар экран пайдо мешавад.Дар экрани кушодашуда сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ маълумотҳои заруриро оиди пардохти маблағи накдӣ бояд дохил намояд. Мо дар ин ҷо барои намуна пардохти маблағи накдӣ оиди хариди молҳои хоҷагидориро интихоб намудем.

1.Номи мақомоти буҷетӣ (Организация) интихоб карда мешавад.

2.Тугмачаи **“Выборка бюджетные заявка”-**ро пахш намуда сметаи хароҷотӣ интихоб карда мешавад.

3.Намуди хароҷот **(Имя процесс “Расчеты с подотчетными лицами” ва “Выдача наличных денежных средств”(агар корти пластики бошад “Перевод денежных средств на карточку”)** интихоб карда мешавад.

4.Маълумоти мухтасар оиди хароҷот ворид карда мешавад.

5.Маълумоти пурра оиди хароҷот ворид карда мешавад.

Баъди интихоб ва ворид намудани маълумотҳои нишондодашуда тугмачаи **“Запуск процесса”**-ро пахш менамояд. Баъди пахш намудани тугмачаи **“Запуск процесса”** дар қисми поёни экран маълумотҳо пайдо мешавад.Маълумотҳое, ки дар қисми поёни экран пайдо шудааст, ҳар якро пурра бо маълумотҳои дурусте, ки дар даст дорад бояд пур менамоям.

1.Дархости хароҷотӣ (Заявка на расход)

2.Супоришномаи пулӣ (Платежное поручение)

3.ҳисобот оиди пешпардохтҳо (Авансовый отчет)

4.Маълумотномаи муҳосибавӣ (Бухгалтерская справка)

Баъди ин дар болои номи Дархости хароҷотӣ **(Заявка на расход)** пахш мекунед, ки чунин экран пайдо мешавад.



Дар ин экрани кушодашуда ҳамаи пунктҳои пайдошударо пур менамояд.

1. Рақами Дархостӣ хароҷотиро мегузорад.
2. Таърихи Дархостӣ хароҷотиро мегузорад.
3. Маълумот оиди хароҷот
4. Тугмачаи **“Дабавить строку”** –ро пахш менамояд ва бо “Лупа” ГИБ (статия) баъд маблағи муаяншудаи пулӣ накдиро мегузорад.

Баъди пур намудани маълумотҳои **Дархости хароҷотӣ (Заявка на расход)** тугмачаи **“Сохранить” ва “Готово к утвердению”** –ро сармуҳосиби корхонаи буҷетӣ пахш менамояд. Баъди ба итмом рисидани дохилкунии маълумотҳои **Дархости хароҷотӣ (Заявка на расход)** аз тарафи сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ, **Дархости хароҷотӣ (Заявка на расход)** ба зинаи розиги додан аз тарафи роҳбари мақомоти буҷетӣ бо тариқи электронӣ мегузарад. Роҳбари мақомоти буҷетӣ бо кодҳои махфии худ ба барномаи **SGB. NET** ворид шуда, дар экрани асоси функсияи **“Расходы”** зерфунксияи **“Реестр расходных заявок”** – ро интихоб намуда пахш менамояд. Баъди пахш намудани зерфунксияи **“Реестр расходных заявок”** акс дар экран пайдо мешавад. Дар ин экрани кушодашуда роҳбари мақомоти буҷетӣ таърихи муайяни **Дархости хароҷоти (Заявка на расход)**, номи корхонаи буҷети ва статуси **“Готово к утверждению”**-ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”**-ро пахш менамояд. **Дархости хароҷоти (Заявка на расход)** –и вориднамудаи сармуҳосиб пайдо мешавад. Баъд **Дархости хароҷоти (Заявка на расход)** -и аз тарафи сармуҳосиб равоншударо интихоб намуда дар тарафи чапи экран галочка гузошта тугмачаи **«Утвердить»** баъд **“Принять к исполнению”-** ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Вақте, ки роҳбари мақомоти буҷетӣ розигии худро доданд, ба

сармуҳосиб имконияти Супоришномаи пулиро тайёр **(Сформировать платежное поручение)** намудан пайдо мешавад. Тарзи тайёр (Сформировать платежное поручение) намудани супоришномаи пули дар экран акс меёбад. Сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ чи хеле, ки дар боло нишон дода шудааст ба экрани **Дархости харочоти (Заявка на расход)** ворид шуда тугмачаи **“Сформировать платежное поручение”**-ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.Баъд аз ин ба процеси худ бар гашта қулфи пункти якумро маҳкам карда дар болои номгуи пунти дуюм пахш менамояд. Баъди пахш намудани пункти дуюм ин дар экран пайдо мешавад. Дар ин экран бошад аломате, ки бо ранги зард **(Редактировать)** аст, бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Дар ин ҷо **“Супоришномаи пулӣ” (Платежное поручение)** пули тайёр шудааст, дурустии супоришномаи пулиро сармуҳосиби мақомоти буҷетӣ тафтиш менамояд ва тугмачаҳои **«Сохранить»** баъд **“Готово к утверждению”**-ро, ки дар қисми поёни экран нишон дада шудааст бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Баъди ин супоришномаи пули барои розиги додани пардохт ба Роҳбари мақомоти буҷетӣ бо тариқи барнома, электронӣ мегузарад.Роҳбари мақомоти буҷети бо кодҳои махфии худ ба барномаи **SGB. NET** ворид шуда, дар экрани асоси функсияи **“Расходы” зерфунксияи “Реестр платежных поручений (Сомони)”** – ро интихоб намуда пахш менамояд. Баъд аз ин экрани **“Реестр платежных поручений”** пайдо мешавад. Дар равзанаи кушодашуда Роҳбари мақомоти буҷетӣ таърихи муайяни супоришномаи пулӣ, номи мақомоти буҷетӣ ва статуси **“Готово к утверждению”**-ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Супоришномаи пулии тайёрнамудаи сармуҳосиб дар экрани **“Реестр платежных поручений”** пайдо мешавад.




Роҳбари мақомот ба ҳар як **“Супоришномаи пули”**-и интихобкардаи худ дар тарфи чапи экран галочка гузошта тугмачаи **«Утвердить» -** ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Вақте, ки Роҳбари мақомоти буҷетӣ **“Супоришномаи пулӣ”**-ро тасдиқ намуд, **“Супоришномаи пулӣ”** ба зинаи розиги додан аз тарафи Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории маркази бо тариқи барнома электронӣ мегузарад.Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадори маркази ба монанди роҳбари мақомоти буҷетӣ бо коди махфии худ ба барнома **SGB. NET** дохил шуда, дар экрани асоси функсияи **“Расходы”** ва зерфунксияи **“Реестр платежных поручений”**-ро интихоб намуда бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Баъди ин дар экрани кушодашудаи **Реестр платежных поручений** Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории маркази таърихи муайяни супоришномаи пулӣ, номи мақомоти буҷетӣ ва статуси **“Утверждено”**-ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории маркази ба ҳар як **“Супоришномаи пулӣ”-и**

интихобкардаи худ дар тарафи чапи экран галочка гузошта тугмачаи **“Принять к исполению”**-ро пахш намуда розигии худро барои пардохти супоришномаи пулӣ медиҳад. Вақте, ки Сарпарасти (Куратор) мутасадии Сарраёсати хазинадории маркази ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро дод, **“Супоришномаи пулӣ”** ба зинаи розиги додан аз тарафи Сардори Шӯъбаи СХМ бо тарики барнома (электронӣ) мегузарад.

**Сардори Шӯъбаи СХМ**

Сардори Шӯъбаи СХМ бо коди махфии худ ба барномаи **SGB. NET** даромада дар экрани асоси функсияи **“Расходы”** ва зерфунксияи **“Реестр платежных поручений “**–ро интихоб намуда бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Баъди ин дар экрани кушодашуда Сардори Шӯъбаи СХМ таърихи муайян рузи кори ва статуси **“Принять”** -ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд.

Сардори Шуъбаи СХМ ба хар як **“Супоришномаи пулӣ”**-и интихобкардаи худ дар тарафи чапи экран галочка гузошта тугмачаи **“Праверено”**-ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш намуда розигии худро барои пардохти супоришномаи пулӣ медиҳад. Вақте, ки Сардори Шӯъбаи СХМ ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро оиди пардохти **“Супоришномаи пули”** дод, ба зинаи розиги додан аз тарафи роҳбари СХМ бо тарии барнома (электронӣ) мегузарад.

**Роҳбари хазинадори**

Роҳбари СХМ бо коди махфии худ ба барномаи **SGB. NET** ворид шуда, дар экрани асоси функсияи **“Расходы”** ва зерфунксияи **“Реестр платежных поручений”**-ро интихоб намуда бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Баъди ин дар экрани кушодашуда Рохбари СХМ статуси **“Принято к исполнению”** -ро интихоб намуда тугмачаи **“Список”** – ро бо тугмачаи чапи “Мышь” пахш менамояд. Роҳбари СХМ ба хар як **“Супоришномаи пулӣ”**-и интихобкардаи худ дар тарафи чапи экран гузошта, тугмачаи **“Оплатить”**-ро пахш намуда розигии худро барои пардохти супоришномаи пули медиҳад. Вакте, ки Роҳбари СХМ ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро оиди пардохти **“Супоришномаи пули”** дод, ба зинаи пардохт намудан ба шӯъбаи Бонкии СХМ бо тарики барнома (электронӣ) мегузарад.

**Шӯъбаи Бонкии СХМ**

Шуъбаи Бонкии СХМ вақте, ки мебинад Рохбари СХМ ба **“Супоришномаи пулӣ”** розигии худро оиди пардохт додааст, **“Супоришномаи пулӣ”** –ро мавриди пардохт қарор медиҳад.

**Адабиёти истифодабурдашуда**:

1. Барномаи дарсӣ оиди иҷроиши маблағҳои хароҷотии бучет бо функсияҳои нави Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумхурии Тоҷикистон дар барномаи нави SGB.NET . ш.Душанбе; 2015 с. Муаллифон Ҳакимов И. ва Раҳмонов С.
2. Программа обучение по информационным технологиям
для региональных сотрудников ГУП «ЦПМОФ» на 24 часа. Г.Душанбе; 2015 год .
3. Маводи таълимӣ оиди иҷроиши маблағҳои хароҷотии буҷет бо функсияҳои нави Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи нави SGB.NET . ш. Душанбе; 2015 с . Муаллиф Рахмонов С.

## АВТОМАТИКУНОНИИ ҶОИ КОРИ КОРМАНДИ МАҚОМОТИ МОЛИЯ ДОИР БА ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ НОҲИЯ (ДАР МИСОЛИ БАРНОМАИ SGB.Net)

**Тавзеҳи мухтасар**

Истифодабарии барномаи SGB.NET дар кори корманди мақомоти молия имконият медиҳад, ки даромад ва хароҷоти буҷети ноҳия, дар сатҳи баланд ба ҳисоб гирифта шавад. Дар мақолаи мазкур мо оид ба тарзҳои воридшавӣ ба барнома, имкониятҳои пардохт ва назоратро дар болои муомилотҳои молиявӣ, ташаккули супоришномаҳои пулӣ, ҳисобгирии музди меҳнат, маълумотномаи мусоҳибавӣ, инчунин пардохтҳоро дар шакли электронӣ дар бонкҳо пешниҳод кардем.

**Калимаҳои калиди:** Пардохт, буҷети ноҳия, автоматикунонӣ, хароҷот, музди меҳнат, барномаи SGB.NET, супоришномаи пулӣ, шӯъбаи бонкии, маълумотномаи муҳосибавӣ, дархости хароҷотӣ, хазинадорӣ.

## AUTOMATION OF THE WORKPLACE OF A FINANCIAL SPECIALIST IN CALCULATING THE PROFIT AND EXPENSES OF THE DISTRICT BUDGET (IN THE SAMPLE PROGRAM SGB.Net)

**Abstract**

The use of the SGB.Net program in the work of a specialist in the financial sector makes it possible to calculate the profits and expenditures of the district budget qualitatively at a high level. In this article, we briefly outlined the rules for entering the program, the possibility of paying control over incoming financial transactions, the formation of payment orders, the calculation of wages, the preparation of an accounting certificate, and also the non-cash payment in electronic form in banks.

**Key words:** Payment, district budget, automation, comsumption, wage, program SGB.Net, payment order, banking department, accounting information, application for consumption, treasury.

**ТОИРОВ Эшонҷон Юсуфович**
магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва
иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси андоз ва андозбандӣ
**ТОИРОВ Эшонҷон Юсуфович**
магистрант 2-го курса Финансово - экономического
института Таджикистана, специальности налоги и налогообложения
**TOIROV Eshonjon Ysufovich**
graduate student of the 2 nd year financial and economic
Institute of Tajikistan, specialty taxes and taxation

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ УЛУЧШЕНИЯ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

В статье рассматриваются основные направления улучшения налогообложения малого и среднего бизнеса в Республике Таджикистан. Основываясь на анализе литературы, автор определил направление налогообложения на основе патента и сертификата. Также проанализирован роль и статус малого и среднего бизнеса в государственном бюджете Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** налог, государственный бюджет, бизнес, инвестиции, патент, сертификат, технология, экономика.

Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, ҷиҳати иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда доир ба таъмини нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» ва барои вусъат бахшидан ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ва дар маҷмуъ мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ, чораҷӯӣ намуданд.

Тибқи маълумоти пешакӣ “дар соли 2016 нақшаи тасдиқшудаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ (бе назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 100,5 фоиз таъмин карда шуда, ба ҷойи 6 938,0 млн. сомонӣ ба буҷет зиёда аз 6971,0 млн. сомонӣ

ворид карда мешавад, ки он нисбат ба нақшаи пешбинишуда 33,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад” [1,9].

Ҳамзамон, мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ дар соли 2016 нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ дар ҳаҷми зиёда аз 88,0% таъмин гардида, ба ҷойи 1 550,0 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 1 360,0 млн. сомонӣ ворид карда мешавад, ки нисбат ба нақша 190,0 млн. сомонӣ кам мебошад.

Иҷрои нақшаи аниқшудаи андозҳо ва пардохтҳо дар ВМКБ – 113,5%, вилояти Хатлон – 100,5%, вилояти Суғд – 101,5% ва шаҳри Душанбе – 86,0% дар назар дошта шудааст.

Нақшаи воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2016 дар қисмате, ки ба мақомоти андоз тааллуқ дорад, ба андозаи 100,5% таъмин гардида, ба ҷойи 2 848,0 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷет зиёда аз 2 860,0 млн. сомонӣ ворид карда мешавад, ки нисбат ба нақша зиёда аз 12,0 млн. сомонӣ бештар ва нисбат ба соли гузашта 131,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Мутобиқи маълумотҳо ба ҳолати 1 декабри соли 2016 дар мақомоти ҳудудии андоз 91333 адад соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба Буҷети давлатӣ 159,8 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардида, шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2015 адад зиёд гардида, маблағи андозҳо ба андозаи 19,7 млн. сомонӣ зиёд ҷамъоварӣ карда шудааст.

Дар баробари ин, нақшаи воридоти андозҳо аз ҳисоби патент дар 11 моҳи соли 2016 ба андозаи ҳамагӣ 94,0 фоиз иҷро гардидааст, ки аз нақшаи пешбинишуда 10,2 млн. сомонӣ кам мебошад.

Нақшаи пешбининамудаи патент дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 66,3 фоиз, вилояти Хатлон 101,4 фоиз, вилояти Суғд 100,0 фоиз, дар нозиротҳои андози шаҳри Душанбе дар маҷмуъ 87,3 фоиз, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 80,6 фоиз таъмин карда шудааст.

Мутаассифона, новобаста аз мактубҳои дастурию тавзеҳотӣ, таъкидҳои пайваста, ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ масъалаи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент то ҳанӯз ҳалли худро наёфта, нишондиҳандаи мазкур дар аксарияти мақомоти ҳудудии андоз рӯ ба афзоиш дорад.

Мақсади асосии татбиқи барномаи компютерӣ Системаи иттилоотии андоз “Баҳисобгирии андозҳо-Патент” (Тафсири 3) ин баланд бардоштани сифати назорати иҷрои ӯҳдадориҳои андозии соҳибкорони инфиродӣ ва сари вақт ҷамъоварӣ намудани маблағи патент ба ҳисоб меравад. Аммо тамоюли афзоиш ёфтани бақияи қарз аз он шаҳодат медиҳад, ки кормандони мақомоти ҳудудии андоз нисбати иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти корӣ бемасъулиятӣ зоҳир намуда, корро дар ин самт дуруст ба роҳ намонда, барои пешгирӣ намудани афзоиши қарзи андозҳо чораҷӯӣ наменамоянд. Ҳол он ки бақияи қарзи андозҳои соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда аз 2 то 3 сол ва зиёда аз онро ҳам ташкил медиҳад.

Мутобиқи барномаи компютерии “Баҳисобгирии андозҳо- Патент” (Тафсири 3) дар ҷумҳурӣ (бе назардошти ВМКБ) ба ҳолати 01.12.2016 маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бо назардошти изофапулиҳо) 28,1 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ маблағи изофапулиҳо дар маҷмуъ ба андозаи 503,6 ҳазор сомонӣ ва маблағи қарзи андозҳо ба андозаи 8,6 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин, коркарди маълумотҳо нишон медиҳад, ки маблағи бақияи қарзи андозҳо дар 11 моҳи соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби 45 Нозироти андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба андозаи 9,7 млн. сомонӣ ва маблағи изофапулиҳо аз ҳисоби 26 Нозироти андоз ба андозаи 1,5 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Таҳлили ҳолати иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз тарафи соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз нишон медиҳад, ки аз

тарафи на ҳамаи соҳибкорон пардохти саривақтии маблағи патент ба буҷет таъмин карда мешавад.

Бинобар ин, бо мақсади сари вақт ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо маъмурияти бозорҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидор бо мақсади сари вақт ба маълумоти шаҳрвандон ва соҳибкорон расонидани моҳияти қонунгузории андоз, аз ҷумла пардохти саривақтии маблағи патент дар ҳудуди бозорҳо, марказҳои калони савдо, таваққуфгоҳҳои хатсайрҳои мусофиркашонию боркашонӣ барои дар мӯҳлати то санаи 5-уми моҳи минбаъда пардохт намудани маблағи андозҳо ва тартиби қатъи фаъолият аз рӯи патент корҳои фаҳмондадиҳиро ҷоннок намуда, маблағи воридоти андозҳоро аз ҳисоби ин гурӯҳи соҳибкорон зери назорати доимӣ қарор диҳанд[2,15].

Қисмати дигари соҳибкорони инфиродиро соҳибкороне ташкил медиҳанд, ки тибқи шаҳодатномаи соҳибкорӣ фаъолият менамоянд.

Тибқи маълумотҳо ба ҳолати 1 декабри соли 2016 дар миқёси ҷумҳурӣ 32152 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб дар давраи ҳисоботӣ ба буҷет 226,5 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардида, шумораи чунин соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар маҷмуъ 42 нафар ва маблағи андозҳо аз ин ҳисоб 15,1 млн. сомонӣ зиёд ҷамъоварӣ карда шудааст.

Таҳлили ҳисоботҳо нишон медиҳад, ки ҷамъоварии маблағи андозҳо аз чунин соҳибкорон дар як қатор шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор дошта, маблағи воридоти андозҳо дар 11 моҳи соли 2016 нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ коҳиш ёфтааст. Аз ҷумла, камшавии бештари маблағи андозҳо асосан ба шаҳру ноҳияҳои зерин рост меояд, аз ҷумла, Хоруғ -182,4 ҳазор сомонӣ, Қубодиён -181,0 ҳазор, Шаҳритус -212,0 ҳазор, Данғара -246,8 ҳазор, Ашт -226,3 ҳазор, Мастчоҳ -234,2 ҳазор, Ҷ. Расулов -698,0 ҳазор, И. Сомонӣ -2,1 млн. ва Сино -498,1 ҳазор сомонӣ.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андозро мебоист, ки камшавии шумора ва фонди музди меҳнати коргарони кирояи соҳибкорони инфиродиро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, ҳангоми қабули ҳисоботҳо оид ба асоснокии кам гардидани шумора ва фонди музди меҳнати коргарони кироя аз андозсупорандагон маълумотҳои заруриро талаб намуда, дар муқоиса бо маълумотҳои гумрукӣ ва дигар маълумотҳои дастрасгардида дар фаъолияти андозсупорандагон пайваста назорати камералӣ гузаронида, дар ҳолати пайдо шудани фарқиятҳо баҳри бартараф намудани камбудиҳо чораҷӯӣ намоянд.

Пурра ба қайд гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо бо назардошти серш умор будани хоҷагиҳо ва дар заминаи барҳамхӯрии хоҷагиҳои калон ба миён омадани хоҷагиҳои зиёди нав ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти мақомоти андоз табдил ёфтааст.

Мутобиқи маълумотҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ба ҳолати 01.10.2016 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки соҳиби Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин гаштаанд, дар маҷмуъ 165181 ададро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора аз рӯи маълумотҳои барномаи компютерии Системаи иттилоотии андоз «Равзанаи ягона» то санаи 11.12.2016 ҳамагӣ 141852 адад хоҷагии деҳқонӣ бақайдгирии давлатиро гузашта, аз ин 162 адад ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 55749 адад ба вилояти Хатлон, 56260 адад ба вилояти Суғд ва 29681 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Муқоисаи маълумотҳои Кумитаи замин бо маълумотҳои мақомоти андоз оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар санаи зикргардида нишон медиҳад, ки дар маҷмуъ 23327 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ дар қайди мақомоти андоз намебошанд. Аз ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 12440 адад, вилоятҳои Хатлон - 8467 адад, Суғд - 4258 адад, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Нуробод – 363 адад,

Рашт -180 адад, Файзобод -232 адад, Варзоб - 171 адад, Роғун - 122 адад, Сангвор - 67 адад, Тоҷикобод -457 адад ва Лахш -199.

Бо мақсади пурра ба қайд гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дуруст ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 21.07.2016 (№265) ба тасвиб расида, тибқи он мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шудаанд, ки аз ҳисоби кормандони нозирот гурӯҳҳои корӣ ташкил намуда, ҷиҳати аз байн бурдани номутобиқатии маълумотҳо ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта чораҷӯӣ намоянд.

Ҷиҳати иҷрои Фармоиши мазкур то моҳи декабри соли 2016 дар мақомоти ҳудудии андоз 3392 адад парвандаи бақайдгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ омода карда шуда, 3142 адади он ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонии дар давраи амали Фармоиш бақайдгирифташуда 19 адад ба ВМКБ, 1006 адад ба вилояти Суғд, 1190 адад ба вилояти Хатлон ва 927 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Бо мақсади ба танзим даровардани феҳристи ягонаи давлатии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва дар ҳамин асос дуруст ба роҳ мондани назорати ҳисоб ва пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар ҳудуди ҷумҳурӣ, Фармоиши муштарак байни Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 19 сентябри соли 2016, доир ба таҳияи “барномаи компютерии бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва табодули мутақобилаи маълумотҳо байни Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Кумитаи андоз” ба имзо расонида шуд.

Дар асоси Фармоиши зикргардида бо мақсади таҳия ва мавриди истифода қарор додани барномаи компютерии мазкур, аз ҳисоби мутахассисони ҳарду мақомот гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгардида, ки амалӣ намудани он дар ду марҳала дар назар дошта шудааст, корҳо идома доранд.

Тибқи нақша-чорабиниҳои Кумитаи андоз дар марҳалаи якум омода намудани бизнес – ҷараёнҳо доир ба барномаи компютерӣ оид ба бақайдгирии амволи ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва дар ин асос ба роҳ мондани табодули маълумотҳо дар шакли электронӣ байни Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Кумитаи андоз ва дар марҳалаи дуюм аввал дар Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва пас аз он байни мақомотҳо ба роҳ мондани табодули маълумотҳо ба нақша гирифта шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки айни замон марҳалаи якуми он амалӣ карда шуда, корҳо дар самти таҳия ва татбиқи барномаи компютерӣ идома доранд.

Чихеле, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар барои дастгирии соҳибкорӣ қайд карда буданд: «Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини Ҳукумати кишвар таъмини рушди соҳибкории хурду миёна ва хусусан соҳибкории истеҳсолӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки солҳои охир таваҷҷӯҳи Ҳукумати Тоҷикистон ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳамории фазои мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ афзуда, дар ин замина ислоҳоти зиёде рӯи кор оварда шуд»[3].

Давлат ҳарчанд кӯшиш ба харҷ медиҳад то аз тарафи ҳуқуқӣ, молӣ ва маънавӣ соҳибкоронро дастгирӣ кунад, аммо бо вуҷуди ин мушкилиҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ зиёд буда, ба рушди он монеа мешавад.

Яке аз мушкилиҳои асосӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ монеа мешавад ин супоридани андоз аст. Гарон будани меъёри андоз ва зиёд будани шумораи он ҳамеша садди роҳи фаъолияти соҳибкорӣ шуда, соҳибкорро маҷбур месозад то даромадҳои бадастомадаашро пинҳон кунад. Дар ин ҳолат соҳибкор на аз паи ҷустуҷӯи роҳҳои нави васеъ кардани фаъолияти худ, балки мекӯшад роҳи кам нишон додани даромад ё кам супоридани андозро ёбад.

Баланд будани меъёри андоз агар ба фаъолияти соҳибкорон монеа шавад инчунин таъсири худро ба буҷети давлатӣ низ мерасонад. Чунки аз ин соҳибкор ҳавасманд набуда, нишондиҳандагоне, ки ба супоридани андоз дахл дорад кам нишон медиҳад, ва дар натиҷа ба буҷет маблағ кам ворид мешавад.

Дастрас набудани техника ва технологияи навин барои соҳибкор ба паст шудани сифати мол, самаранокии он ва тоб наовардан ба рақобати молҳои хориҷӣ оварда мерасонад, ки ин ҳам аз мушкилотҳои асосист. Яъне барои ба даст овардани техникаю технология аввал аз ҳама маълумот лозим буда, хароҷоти зиёдеро талаб мекунад.

Пеш аз ҳама барои рушди соҳибкорӣ, дастгирӣ кардани он аз тарафи молиявӣ ва ҳуқуқӣ, бартараф кардани монеаҳо ва мушкилиҳо бояд шароити мусоид фароҳам овард. Барои соҳибкорон, ки онҳо бояд барои зиёд намудани моли истеҳсоли ватанӣ, қонеъ гардонидани мардум бо моли баландсифат, ҷидду ҷаҳд баҳри ободии кишвар кӯшиш кунанд, пеш аз ҳама шароит фароҳам овардан лозим аст. Аммо дар мамлакати мо ин шароитҳо ба хубӣ фароҳам набуда, қувваи барқ ва газ, ки барои истеҳсоли молу хизматрасонӣ яке аз чизҳои зарурист, намерасад. Мавсимӣ фаъолият кардани соҳибкоронро ҳавасманд гардонида наметаваонад ва онҳо мекӯшанд ба корӣ доимӣ машғул шаванд.То ҳол дар Ҷумҳурии мо он шароити дилхоҳе, барои соҳибкорон зарур аст ва барои пешрафти кори онҳо мусоидат мекунад ба қадри даркорӣ фароҳам оварда нашудааст. Чунки яке аз камбудиҳои асосии мо ин ба истиқлолияти энергетикӣ то ба ҳол комёб нашудан аст, ки қувваи барқ яке аз омилҳои зарурӣ барои истеҳсолот мебошад. Аммо ҷидду ҷаҳди Ҳукумати мамлакат барои аз ин бӯҳрони энергетикӣ баромадан хеле зиёд буда, имконияти дар муҳлати наздик ин монеаро бартараф кардан ҳаст.

Бо вуҷуди ин камбудиҳо ва мушкилиҳои номбаршуда дар фаъолияти соҳибкорӣ инчунин пешравиҳо низ кам нестанд, ки яке аз онҳо ин қабули қонун қонун «Дар бораи бащайдгирии давлатӣ бо принсипи «РАВЗАНАИ ЯГОНА»» ( аз 19-уми майи соли 2009 таҳти №508) буд. Ин барои рушди соҳибкорӣ як такони ҷиддие бхшида, барои соҳибкорон як ҳавасмандиро таъмин намуд. Чунки қонун «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ» (аз 22-юми апрели соли 2003 таҳти №4) барои соҳибкорони бақайдгиранда якчанд мушкилиҳо ва муаммоҳоро пеш меовард. Бо қонуни нав ҳам мӯҳлати бақайдгирӣ ва ҳам номгӯи ҳуҷҷатҳо кам карда шуда, инчунин раванди бақайдгирӣ осон шуд.

Барои бартараф кардани камбудӣ ва монеаҳо Ҳукумату давлат бояд чораҳои қатъӣ андешанд, ки зарурӣ ва аввалиндараҷа инҳоянд:

1. Паст кардани меъёри андоз ё истифода бурдан аз меъёри регресивӣ, ки бо афзоиши ҳаҷми даромад кам мешавад то соҳибкорон барои ба даст овардани фоидаи дилхоҳ кӯшиш кунанд. Инчунин ба мӯҳлати муайян озод кардан аз чанд номгӯи андоз махсусан барои соҳибкории хурду миёна.

2. Мақомоти махсусе ташкил карда шавад, ки ҳама салоҳияту ваколатҳо ба ӯҳдаи вай гузошта шавад. Бақайдгирӣ, танзим ва назорат ба воситаи ин мақомот ба анҷом расонида шавад ва дар ҳолати фишороварӣ аз тарафи дигар мақомотҳо ё шахсони алоҳида соҳибкоронро ҳимоя кунад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» таҳти № 1257

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд».

3.Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-www.prezident.tj

## САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақола самтҳои асосии такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудаанд. Дар асоси таҳлили адабиёт муаллиф самтҳои такмили андозбандӣ тибқи патент ва шаҳодатномаро муайян намудааст. Инчунин нақш ва мақоми соҳибкории хурду миёна дар қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** андоз, буҷети давлатӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, патент, шаҳодатнома, технология, иқтисодиёт.

## MAIN DIRECTIONS FOR IMPROVING TAXATION OF SMALL AND MEDIUM BUSINESS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abstract**

The article examines the main directions of improving the taxation of small and medium-sized businesses in the Republic of Tajikistan. Based on the analysis of literature, the authors determined the direction of taxation on the basis of a patent and a certificate. The role and status of small and medium business in the state budget of the republic of Tajikistan is also analyzed.

**Keywords:** tax, state budget, business, investment, patent, certificate, technology, economics.

**МАДАМИНОВА Фахрия Музаффаровна**
Магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-40010202 – “Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт”-и ДМИТ
**МАДАМИНОВА Фахрия Музаффаровна**
Магистрант 2-го курса специальности 1-40010202 – “Информационные системы и технологий в экономике” ФЭИТ.
**MADAMINOVA Fakhriya Muzaffarovna**
A magician 2 year course specialty 1-40010202- «Information technology and system in economy» of FEIT

# НАҚШИ СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## РОЛЬ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

Данная статья направлена на исследование в определение роль гидроэнергетического сектора в развитии экономики страны. Также было рассмотрено динамика структуры ВВП по отраслям экономики в период 2011 – 2015 годы для анализа доля гидроэнергетического сектора. В заключение исследования предложено необходимые меры для уменьшения потери электроэнергия в республике.

**Ключевые слова:** ВВП, доля гидроэнергетики, гидроэнергетические ресурсы, выработка электроэнергии, потери электроэнергия, реальный рост.

Манбаҳои анъанавии энергия аз қабили нафту газ бинобар маҳдуд будани захираҳо ва баландшавии нарх дар ҷаҳон минбаъд пурра дастнорас мегарданд. Бинобар ин гидроэнергетика метавонад дар мамлакати мо ҷиҳати имкониятҳои табиӣ ва захираҳои обии кифояткунанда ҳамчун соҳаи пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ гардад.

Дар Стратегияи рушди иқтисодиёти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи энергетика яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Вобаста ба ин ҳуҷҷати стратегӣ мақсади Ҳукумат низ аз баландбардории саҳми соҳаи саноат дар сохтори ММД иборат мебошад, яъне дар оянда сохтори иқтисодиёти кишвар тавассути гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ тағйир меёбад.

Иқтидорҳои азими гидроэнергетикие, ки то имрӯз дар ҷумҳурӣ сохта шудаанд ва дар ҷараёни сохмон қарор доранд, аз ҷиҳати экологӣ бартарӣ дошта, дар рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим мақоми ҳалкунандаро ишғол хоҳанд кард. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба он кушишу ғайрат дорад, ки рушди босуботи соҳаи энергетикаро таъмин намояд. Дар доираи ин ҳадафҳо солҳои охир дар кишварамон бо ёрию дастгирии сармоягузорони дохиливу хориҷӣ иншоотҳои бузурги гидроэнергетикӣ оғоз гардида, сохтмони бисёр неругоҳҳои хурди барқӣ ба истифода дода шудаанд, зеро яке аз омилҳои (асосии) муҳими рушди соҳаи энергетика ин ҷалби инвеститсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ буда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар навбати худ барои маблағгузорон ва ташкилотҳои байналмиллалӣ шароити хуб ва кафолатҳои лозимиро фароҳам овардааст. (2)

Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар кишвар, дар давраи солҳои 2010-2015 ҳаҷми истеҳсоли ММД 2.2 маротиба афзун гардидаст, ки дар ин самт соҳаи саноат саҳми назаррасро гузоштааст. Сохтори ММД-ро аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт таҳлил намуда, афзуншавии саҳми соҳаи гидроэнергетикиро низ эҳсос кардан мумкин аст. Дар ҷадвали зерин динамикаи саҳми соҳаи саноат дар ММД нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи сохтори ММД дар давраи солҳои 2011-2015 аз рӯи % .**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| I. Истеҳсоли молҳо | 46.3 | 45.4 | 43.5 | 45.7 | 46.4 |
| *Аз ҷумла:* | | | | | |
| Саноат | 14.6 | 13.7 | 12.6 | 12.0 | 13.3 |
| *Аз ҷумла:* | | | | | |
| *Истихроҷи кӯҳӣ* | 2.1 | 1.9 | 1.8 | 1.6 | 1.7 |
| *Коркардшаванда* | 9.7 | 9.5 | 8.7 | 7.6 | 8.7 |
| *Истеҳсол ва тақсимоти қувваи барқ, газ ва об* | 2.8 | 2.3 | 2.1 | 2.8 | 2.9 |
| Хоҷагии қишлоқ, ҷангал ва шикор | 23.8 | 23.3 | 20.4 | 23.4 | 21.9 |
| Сохтмон | 7.9 | 8.4 | 10.4 | 10.2 | 11.1 |
| Намудҳои дигари фаъолият доир ба истеҳсоли мол | 0 | 0 | 0.1 | 0.1 | 0.1 |
| II. Хизматрасонӣ | 41.1 | 42.0 | 43.6 | 40.1 | 40.8 |
| *Аз ҷумла:* | | | | | |
| Савдо, таъмири нақлиёт, молҳои маишӣ ва ашёи истифодаи шахсӣ. | 11.8 | 10.2 | 11.3 | 10.3 | 11.4 |
| Нақлиёт, алоқа ва хоҷагии анбор | 14.5 | 15.3 | 15.2 | 14.3 | 12.4 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 1.3 | 3.7 | 3.1 | 3.7 | 3.5 |
| Идоракунии давлатӣ, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 3.5 | 2.8 | 2.7 | 2.6 | 3.3 |
| Маориф | 4.7 | 4.0 | 4.5 | 4.1 | 4.1 |
| Тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ | 2.0 | 2.0 | 2.2 | 1.9 | 1.9 |
| Хизматрасонии коммуналӣ, иҷтимоӣ ва фардӣ | 3.0 | 3.8 | 4.3 | 3.1 | 3.9 |
| Намудҳои дигари хизматрасонӣ | 0.3 | 0.2 | 0.3 | 0.1 | 0.3 |
| III. Андоз | 12.6 | 12.6 | 12.9 | 14.2 | 12.8 |

Манбаъ: Маҷмуаи омории “Система национальных счетов 2016”.

Аз маълумоти дар ҷадвали 1. овардашуда бар меояд, ки саҳми соҳаи саноат, дар сохтори ММД, дар солҳои охир афзун гардидааст ва ҳамзамон истеҳсоли қувваи барқ низ афзун гардидааст, ки он дар соли 2014 12% ва дар соли 2015 13,3%-ро ташкил дод.




Расми 2. Истеҳсоли қувваи барқ дар давраи солҳои 2010-2015.

Дар ҷумҳурӣ истеҳсоли қувваи барқ асосан дар неругоҳҳои обии барқӣ (НОБ) ба роҳ монда шудаанд, ки иқтидори НОБ-ҳо дар соли 2015 дар маҷмӯъ 6180 ҳаз.кВт.-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2010 ба 21,9% афзун гардидааст.

Чӣ тавре аз сарчашмаҳои оморӣ маълум аст, соли 2015 қувваи барқ дар ҳаҷми 17119,2 млн. кВт/соат истеҳсол карда шуд, ки он нисбат ба соли 2010 4,2% зиёд мебошад. Маврид ба қайд аст, ки тақрибан 94%-и иқтидор ва 98%-и истеҳсоли қувваи барқ дар ҷумҳурӣ ба НОБ таалуқ дорад. Дар давраи солҳои 2010-2015 иқтидори истгоҳҳои барқии ҷумҳурӣ 23,5% афзун гардидаанд.[3]

Дар ҷумҳурӣ асоси истеҳсоли потенсиалии қувваи барқро истгоҳҳои барқии истифодаи умум ташкил медиҳанд. Ба онҳо 90%-и иқтидорро маҳсуб медонанд ва боқимонда бошад сарчашмаҳои энергетикии ғайримарказонидашуда мебошанд. Бояд қайд намуд, ки дар соли 2015 аз хориҷ ба кишвар қувваи барқ воридот карда нашуд. Тибқи созишномаҳои байнидавлатӣ, дар давраи таҳлилӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи барқро дар ҳаҷми зиёда аз в объеме более 1406,5 млн. кВт/соат содирот намуд, ки 4,9 маротиба зиёд нисбат ба соли 2010 мебошад. Ҳамин тариқ, ҳаҷми солонаи содирот аз ҳаҷми воридот зиёдтар мебошад.




Диаграмма 1.

Чӣ тавре дар диаграмма нишон дода шудааст, саҳми истеҳсоли қувваи барқ дар

сохтори умумии саноати кишвар солҳои охир афзун гардида, тақрибан ба ҳисоби миёна 20%-ро ташкил медиҳад ва ин рақам дар ояндаи наздик пас аз ба кор даровардани агрегати аввали бузургҳаҷми гидроузели НОБ-и Роғун метавонад зиёд гардад. Ба ғайр аз ин, ин иқдом метавонад иқтидори содиротии кишварро баланд бардошта, соҳаҳои дигари иқтисодиётро рушд диҳад ва инчунин махсусан қайд намудан мумкин аст, ки норасоии қувваи барқро дар давраи зимистон бартараф месозад.

Хуллас, мавриди қайд аст, ки кишвари мо дорои захираҳои бузурги обӣ-энергетикӣ мебошад, ки дар айни замон 10%-и ин захираҳо мавриди истифода қарор доранд. Истифодаи самараноки ин захираҳо ба мо имконият медиҳад, на фақат талаботи дохилиро, балки талаботи минтақаро пурра таъмин намоем, ки дар айни ҳол бо эҳтиёҷоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Инчунин масъалаи ҳалталаби дигари рӯз дар ин самт иборат аз кам намудани потерияи қувваи барқ мебошад, ки он тақрибан ба 17%-и истиҳсоли умумии қувваи барқ баробар мебошад.

Аз рӯи тадқиқот дар самти паст кардани талафоти қувваи барқ чораҷӯиҳои зеринро пешниҳод менамоям:

- азнавсозии зинагии техника ва технологияи системаи барқӣ;
- ҷорӣ намудани усулҳои навини идоракунӣ дар ин соҳа;
- истифодаи таҷҳизоти муосири электрикӣ, техникаи назоратӣ ва бехатарии беҳтарин дар ситемаи таминоти барқии кишвар;
- гузаронидани омӯзиши яквақтӣ ва ташкили амалҳои таблиғотӣ доир ба истифодабарии сарфакоронаи таҷҳизоти маишӣ дар байни аҳолӣ.

Адабиёт

1. Статистический сборник Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2016.
2. Официальный сайт Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан www.stat.tj.
3. Стратегия национального развития Республики Таджикистан в период до 2030 г.

## НАҚШИ СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тавзеҳи мухтасар**

Мақолаи мазкур ба тадқиқи муаяннамоии нақши соҳаи гидроэнергетика дар рушди иқтисодиёти кишвар равона карда шудааст. Инчунин дар ин мақола динамикаи сохтори ММД аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи солҳои 2011-2015 барои муайян намудани саҳми соҳаи гидроэнергетика мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ниҳояти кор ҷиҳати паст намудани талафоти қувваи барқ дар кишвар пешниҳодҳо оварда шудаанд.

**Калимаҳои калидӣ:** ММД, нақши гидроэнергетика, захираҳои гидроэнергетикӣ, истеҳсоли қувваи барқ, талафоти қувваи барқ, рушди реалӣ.

## THE ROLE OF HYDROENERGY IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abstract**

This article is aimed to research definition of the contribution of the hydro-energy sector in the development of the country's economy. Also, considered the dynamics of the structure of GDP by branches of the economy in the period 2011-2015 for analyze the share of the hydropower sector. In conclusion of the study, the necessary measures were proposed to reduce the loss of electricity in the republic. (1)

**Key words:** GDP, share of hydro-energy, hydro-energy resources, electricity generation, loss of electricity, real growth.

**ШАРИПОВ** Наджмиддин Махмадсохибович
Магистрант 2-го курса Финансово-
экономического института Таджикистана
по специальности 1-250111-аудит и ревизия
**ШАРИПОВ** Наҷмиддин Маҳмадсоҳибович
Магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-250111
аудит ва ревизияи Донишкадаи молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
**SHARIPOV** Najmiddin Mahmadsohibovich
Second-year Master of Science Financial
and economic Institute of Tajikistan,
specialty audit and inspection

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ АУДИТ КАК СИСТЕМА УПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СФЕРОЙ

**Аннотация**

В статье рассматриваются вопросы исследования роли государственного аудита как одного из инструментов государства и общества в решении сложных задач по развитию отечественной экономики с использованием всех имеющихся ресурсов государства и общества. Автор показывает, что развитый институт государственного аудита может стать для государства и общества в целом эффективным механизмом для реализации задач в социально-экономической сфере.

***Ключевые слова:*** государство, финансовый контроль, государственный аудит, бюджетная сфера, бюджетные средства, государственная собственность.

Государственный аудит это новое явление в системе государственного управления. Он объединяет в себе, во-первых, внешний финансовый контроль, осуществляемый специальными органами государственного управления, в целях контроля за исполнением бюджетов. И, во-вторых, контроль результатов в области политики, экономики, социального развития, экологии и духовной сферы, получаемых как итог деятельности органов государственной власти в ходе использования публичных ресурсов, то есть в области полномочий органов государственной власти, определённых Конституцией Республики Таджикистан, и Законами РТ. [1]

Государственный аудит представляет собой обособленную часть государственного финансового контроля, которая отличается организационно-правовой и функциональной спецификой. Государственный аудит можно определить и как систему мероприятий, направленных на осуществление внешнего и, соответственно, реально независимого публичного аудита за деятельностью органов публичной власти по управлению и использованию материальных и финансовых ресурсов. Принципы контрольной деятельности при государственном аудите схожи с принципами государственного финансового контроля, так же как и методы.[4]

Переход к экономике, построенной на знаниях, закладывает новую модель экономического роста. Ей присуща своя форма накопления, собственная структура богатства и особые критерии эффективности развития/

Основной задачей государственного финансового контроля является выявление соответствия фактического расходования средств объемам и целям, предусмотренным в бюджете. В рамках государственного аудита эта задача сохраняется, но у органов государственного аудита появляется новая задача, связанная с анализом эффективности и результативности использования бюджетных средств и всей государственной собственности.

Новые подходы государственного аудита и государственных финансов это подходы к оценке доходов и расходов. Новая система рыночных отношений нацеливает на полноценное участие государства в инвестиционных процессах и ориентирует на прогнозирование более длительных перспектив развития. Увеличение масштабов ресурсов, которыми владеет и

распоряжается государство, их доля в общем объеме ресурсов страны обусловливают рост влияния государственного аудита на социально-экономическое развитие страны в целом.[5]

Масштабы и доля сектора государственного управления характеризуются рядом показателей, отражающих различные аспекты экономики, что предопределяет важную роль государственного аудита как инструмента обратной связи в системе государственного управления.

В условиях современных процессов глобализации экономики и, как следствие, взаимозависимости социальных и экономических систем расширяются рамки необходимого информационного обеспечения государственного аудита. На всех без исключения уровнях государственного и муниципального управления требуется информация о деятельности государственного сектора экономики и его структурных подразделений.

Итогом деятельности органов государственного аудита должна служить информация, представляемая законодательным и исполнительным органам государственной власти, а также населению об эффективности работы органов государственного управления по использованию бюджетных средств и государственной собственности, оценки социально-экономического положения страны, регионов и муниципальных образований, предложения для принятия экономически обоснованных законопроектов и решений на перспективу.

Действенно работающий системы государственного аудита, осуществляет профилактические меры и выявляет случаи нарушения законодательства Республики Таджикистан в использовании бюджетных средств и государственной собственности, вносит огромный вклад в борьбу с противодействием коррупции, другими нарушениями законодательства Республики Таджикистан.

В этих условиях эффективность функционирования органов государственного аудита, независимо от их статуса, особенно зависит от актуальности, полноты и надежности используемой ими информации, глубины и качества ее анализа. Все счетные палаты Таджикистана без исключения испытывают острый недостаток в сведениях, дефицит которых связан с отсутствием полноценной системы регистрационное - учетных функций государства и слабой разработанностью научно обоснованных подходов к определению характера и объема данных, необходимых для мониторинга использования общественных ресурсов.

Принципиально важный вывод о том, что дееспособный, современный, обладающий уникальными информационными ресурсами институт государственного аудита способен выполнять как регулятивные, так и конструктивные функции, помогая государству и обществу не только в проведении эффективных институциональных изменений, но и в выборе перспективных направлений развития страны.

Следует отметить, что многие теоретические выводы, касающиеся, например, вопросов становления эффективной системы противодействия коррупции, аудита в сфере государственно и частного партнерства, контроля реализации приоритетных национальных проектов подкреплены богатым фактическим материалом, обобщающим результаты деятельности Счетной палаты Республики Таджикистан.[6]

Вместе с тем анализ практики государственного аудита показывает его тесную связь с учетом и отчетностью, являющимися важными средствами осуществления его функций. Это обусловлено, в частности, тем, что предметом учета являются факты, имеющие экономическую и юридическую природу, а сам учет служит средством, методом и формой контроля.

Важное значение имеет также экономико-статистическая информация, которая, как и система бухгалтерского учета, занимает исключительно важное место для оценки количественных и качественных результатов деятельности экономических субъектов, итогов выполнения утвержденных в установленном порядке проектов, целевых программ и других приоритетных направлений. Однако на разных уровнях бюджета возможности получения сведений от экономических субъектов ограничены по причинам организационного и

методического характера, а также в силу отсутствия законодательной базы, регулирующей процесс информационного взаимодействия сторон.[7]

Действующая система государственной отчетности, методология сбора и разработки статистических показателей в рамках республиканской программы статистических наблюдений, слабо приспособлены для республиканского и еще в меньшей степени для местного уровня. Кроме того, для использования имеющейся и часто неполной статистической информации необходимы специальные знания, профессиональные навыки, способность четко сформулировать задачу и сделать грамотный запрос о предоставлении определенных данных, что зачастую отсутствует у многих специалистов и руководителей, занятых в сфере управления, в том числе в органах государственного аудита.

**Литература**

1. Закон РТ «Об аудиторской деятельности». № 993, 22.07.2013 года. - Режим доступа: http://www.ммк.tj, свободный. - Заглавие с экрана по годам. - Яз. Русский, таджикский.
2. Закон РТ «О счетной палате Республики Таджикистан», №749 от 28.06.2011 года. - Режим доступа: http://www.ммк.tj, свободный. - Заглавие с экрана по годам. - Яз. Русский, таджикский.
3. Закон РТ «О внутреннем аудите в государственном секторе», №631 от 21.07.2010 - Режим доступа: http://www.ммк.tj, свободный. - Заглавие с экрана по годам. - Яз. Русский, таджикский.
4. Степашин С. В. Государственный аудит и экономика будущего / С. В. Степашин. М. : Наука, 2008. - 608 с.
5. Воронин Ю. М. Государственный финансовый контроль: вопросы теории и практики / Ю. М. Воронин. - М. : Дело, 2005. - 431 с.
6. Рябухин С. Н. Аудит эффективности использования государственных ресурсов / С. Н. Рябухин. - М. : Вершина, 2004. - 284 с.
7. Орзуев П.Дж., Мавлонов В.Х. Роль и место государственного аудита в системе управления социально-экономической сферой, Аудити давлатӣ (Официальный журнал Счетной палаты РТ ), №2-2016, С.33-36;

## АУДИТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақола масъалаҳои тадқиқотии нақши аудити давалатӣ ҳамчун яке аз воситаҳои давлат ва ҷамъият барои ҳалли масъалаҳои мураккаб оид ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо истифодаи тамоми захираҳои доштаи давлат ва ҷомеа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки институти аудити давлатӣ барои мамлакат ва ҷомеа умуман метавонад чун механизми самаранок барои баамалбарории вазифаҳои соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бошад.

***Калидвожаҳо***: давлат, назорати молиявӣ, аудити давлатӣ, соҳаҳои буҷетӣ, воситаҳои буҷетӣ, моликияти давлатӣ

## THE GOVREMENT AUDIT AS A SYSTEM FOR MANAGING OF THE SOCIAL-ECONOMIC SPHERE

**Abstract**

The issues of research of a role of the state audit as one of tools of the state and society in the decision of challenges on progress of the Tajik economy using all existing resources of the state and a society are considered in the article. The author shows that the developed college of the state audit can become the effective mechanism for realization of problems in social and economic area for the state and a society.

***Key words:*** the state, the financial control, the state audit, budgetary area, budgetary funds, state ownership.

**УБАЙДЗОДА** Ғайратшоҳ
магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**УБАЙДЗОДА** Гайратшо
магистр 2-ого курса Финансово - экономического института Таджикистана, специальность
бухгалтерский учет, анализ и аудит
**UBAIDZODA** Gairatshoh
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit

# ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ ДАР КОРХОНАҲО
# ОСОБЕННОСТИ УЧЕТА НЕМАТЕРИАЛЬНЫХ АКТИВОВ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Аннотация**

Сегодня трудно представить себе деятельность компаний и организаций без нематериальных активов. Нематериальные активы включаются в активы нерезидента и удовлетворяют всем условиям неденежных активов.

В этой статье дается краткое описание объекта нематериальных активов, ключевые особенности их счета, также рассматривается амортизация, снижение стоимости и исключение неденежных активов в соответствии с МСФО.

**Ключевые слова:** нематериальные активы, активы, бухгалтерский учет предприятия, доходы, амортизация, прибыль, убыток.

Дар шароити васеъшавии муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ ва ҳукмрон будани иқтисодиёти бозорӣ имконияти истифодабарии дороиҳои гуногун пеш омад, ки аз истифодаи ин дороиҳо корхонаҳо даромади иқтисодӣ ба даст меоваранд.

Дар шароити имрӯза дар баробари дигар дороиҳо, дороиҳои ғайримоддӣ низ мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд.

Дороиҳои ғайримоддӣ ба дороиҳои ғайригардони корхона дохил шуда, мӯҳлати дурру дароз (зиёда аз 12 моҳ) дар фаъолияти кории корхона истифода бурда мешаванд.

Мувофиқи СБҲМ 38: Дороии ғайримоддӣ (intangible assets) – ин дороии ғайрипулии шинохташавандае, ки шакли ҷисмонӣ надорад ва ҳангоми истеҳсол ё пешниҳоди молу хизмат, барои иҷорадиҳӣ ё мақсадҳои маъмурӣ истифода мегардад [3, 123].

Аз истифодаи ин дороиҳо корхонаҳо бурди иқтисодӣ мегиранд, аммо набояд фаромӯш кард, ки гирифтани даромад аз истифодаи ин намуди дороии корхона танҳо дар сурати истифодаи самаранок мебояд. Бо ин мақсад дар назди баҳисобгирии муҳосибӣ вазифаи назоратӣ аз болои дуруст истифодабарии дороиҳои ғайримоддӣ ташкил кардан зарур аст.

Баҳисобгирӣ – ҳамчун воситаи назораткунии тамоми паҳлӯҳои ҳаракати дороиҳо баромад карда, баҳри истифодаи самараноки дороиҳои корхона хизмат мекунад.

Дороиҳои ғайримоддӣ – дороиҳое мебошанд, ки бо таври куллан аз дигар дороиҳои корхона фарқ мекунанд. Фарқияти асосии дороиҳои ғайримоддӣ - мавҷуд набудани шакли моддӣ мебошад. Корхонаҳо даромадро аз истифодаи ин дороӣ дар шакли истифодаи ҳуқуқӣ мегиранд.

Ба мақсади самаранок истифодабарии дороиҳои ғаймоддӣ дарёфти роҳҳои дурусти ҳисобкунию назоратии ин дороиҳо зарур аст.

Дар шароити мавҷудияти рақобат корхонаҳо кӯшиш мекунанд, ки роҳҳои истифодаи даромаднокро барои дороиҳои ғайримоддӣ дарёфт кунанд.

Барои ноил гаштан ба чунин мақсад такя кардан ба илми баҳисобгирӣ мавриди қобили қабул мебошад. Чунки заминаи қабули қарорҳои идоракунӣ – ин маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Дороиҳои ғайримоддӣ - чӣ гунае, ки дар боло қайд кардем, дороиҳое мебошанд, ки шакли моддӣ надоранд, ин дороиҳо даромадро ба корхонаҳо дар мӯҳлати истифодаи тулонӣ меоранд. Аслан гирем корхонаю муассисаҳо дорои ғайримоддиро аз мақомотҳои болоӣ дастрас мекунанд. Ба монанди франшиза, иҷозатнома, патент ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Корхонаи гирандаи ин ҳуҷҷатҳо ҳуқукро барои машғул шудан ба ин ё он фаъолият танҳо дар асоси ин ҳуҷҷатҳо дастрас мекунад.

Дороиҳои ғайримоддӣ бо роҳи харид кардан, мустақилона бунёд кардан, гузоришҳои муассисон ба сармояи оинномавӣ, ҳадя гирифтан ва дигар роҳҳо ба корхона ворид мешаванд. Барои баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ дар муҳосибот варақаи афзолӣ кушода мешавад. Варақаи афзолӣ барои ҳар як объекти дороиҳои ғайримоддӣ дар як нусха тартиб дода шуда, дар асоси ҳуҷҷатҳо оид ба воридшавӣ ва ҷойивазкунии дороиҳои ғайримоддӣ пур карда мешавад. Дар варақа ҳармоҳа маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда нишон дода мешавад. Дар бахши "Тавсифи мухтасари объекти дороиҳои ғайримоддӣ" фақат нишондиҳандаҳои асосии объект зикр карда мешавад.

Ҳангоми ба баҳисобгирии муҳосибӣ қабул кардани дороиҳои ғайримоддӣ шаҳодатномаҳои ҳуқуқи истифодабарии ин ё он объект, патентҳо, шартномаҳои муаллифӣ ва литсензиявӣ, санадҳои қабулкунии корҳо оид ба таҳияи таъминоти барномавии компютерӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо истифода мешаванд [2, 402].

Мувофиқи СБҲМ 38 "Дороиҳои ғайримоддӣ" ҳисоб кардани истеҳлок ба дороиҳои ғайримоддӣ хос аст. Истеҳлок бо оғози истифодабарии дороӣ ба амал бароварда мешавад. Ширкат вобаста аз графики бадастории фоидаи иқтисодӣ аз дороӣ, арзиши онро бо усули мувофиқ истеҳлок менамояд.

Иситфодабарии усули мунтазам (ростхатта) афзалтар аст, боз дигар усулҳо метавонанд дар ҳолатҳои мушаххас истифода бурда шаванд [4, 243].

Дар афзалият аз воситаҳои асосӣ, нисбати дороиҳои ғайримоддӣ методикаи мустақими ҳисобкунии истеҳлокро истифода мебаранд, яъне ҳисоби аксулактивии ҷамъкунии истеҳлок истифода намешавад [1, 135].

Дар ҳолати зиёд будани арзиши воқеӣ аз фоиданокии иқтисодӣ, фарқиятро (арзиши истеҳлокношударо) ба зарар бо мақсади камкунии арзиши дороӣ мегузаронанд, ки ин чараёнро коҳишёбии арзиши дороиҳои ғайримоддӣ меноманд.

Арзиши истеҳлокношудаи дороии ғайримоддиро аз тавозуни муҳосибӣ ҳангоми хориҷшавии он дар ҳолати интизорӣ набудани гирифтани фоидаи иқтисодӣ аз истифодабарӣ ё хориҷшавии минбаъдаи он мебароранд. Фоида ё зарар аз барҳамдиҳӣ ё хориҷшавии дигари дороӣ ҳамчун фарқи байни даромади софи хориҷшавӣ ва арзиши тавозунии дороӣ муайян карда мешавад. Ва он ҳамчун даромад ё хароҷот аз фаъолияти ғайриасосӣ (ғайриамалиётӣ) дар "Ҳисобот оиди фоида ва зарар" шинохта мешавад.

Хулоса, ҳамин тавре, ки дар боло қайд кардем дороиҳои ғайримоддӣ чунин хосиятҳоро дорост ва ҳамчун дороии барои корхонаю муассисаҳо фоидаовар ба ҳисоб мераванд.

**Адабиёт**

**1.** Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ – Душанбе: «Контраст», 2011 – 315 саҳ.

**2.** Каримов Б. Ҳ., Ойев Н. А., Бобиев И. А., Шоймардонов С. Қ. Баҳисобирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016 – 550 саҳ.

**3.** Раҳимов С. Х., Ҳусейнова Д. К. Баҳисобгирии молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: «Эр граф», 2012 – 316 саҳ.

Шобеков М., Бобоев М. У., Ҷонбеков Т. Т. Ҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе, ҶДММ «Дақиқӣ», 2014. – 400 саҳ.

## ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ ДАР КОРХОНАҲО


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар шароити имрӯза фаъолияти корхонаву ташкилотҳоро бе иштироки дороиҳои ғайримоддӣ тасаввур кардан душвор аст. Дороиҳои ғайримоддӣ ба қатори дороиҳои ғайригардони корхона дохил шуда, ба ҳама шартҳои дороиҳои ғайригардон ҷавобгӯ мебошад.

Дар мақолаи мазкур тавсифи мухтасари объекти дороиҳои ғайримоддӣ, хусусиятҳои асосии баҳисобгирии онҳо инчунин истеҳлок, коҳишёбии арзиш ва хориҷшавии дороиҳои ғайримоддӣ мувофиқи СБҲМ баррасӣ шудааст.



**Вожаҳои калидӣ**: дороиҳои ғайримоддӣ, дороиҳо, баҳисобгирии муҳосибӣ, корхона, даромад, истеҳлок, фоида, зарар.


## FEATURES OF ACCOUNTING FOR INTANGIBLE ASSETS IN ENTERPRISES


**Abstract**

Today, is difficult to imagine activities of the companies and organizations without intangible assets.

Intangible Assets they included in the non-resident assets and the all conditions of non-cash assets.

In this article, the brief description of object in non-material assets, of the key features in their account are also considered as depreciation, reduction the value and exclusion in non-monetary assets according to IAS.



**Key words**: intangible assets, assets, accounting, enterprises, income, depreciation, profit, loss.





МИРЗОЕВ Талабшо
магистри курси 2-юми
ДМИТ ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт
МИРЗОЕВ Талабшо
магистр 2-го курса ФЭИТ специальность технология и
информационная система в экономике
MIRZOEV Talabsho
Second-year Master of Science, Feit
Specialty Technology and information system in economic


## ДУРНАМОИ ВОРИДОТИ МАБЛАҒҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ
## ПРОГНОЗИРОВАНИЕ ДЕНЕЖНЫХ ПЕРЕВОД МИГРАНТОВ С ПОМОШЬЮ ИНФОРМАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ


**Аннотация**

Поток денежных переводов мигрантов из за рубежам имеет особое место в развитие экономики страны. В данной статье дается краткосрочный прогноз поступления денежных средств мигрантов и его влияние на ВВП страны.



**Ключевые слова:** трудовые мигранты, денежные переводы, банковские, денежные потоки, ВВП, мировой финансовый кризис, эконометрические методы, модель временных рядов, информация, технология.


Истифодабарии сели маблағҳо дар бонкҳо ин фаъолияти ҳамарӯзаи фаъолияти онҳо мебошад. Бонк- ташкилоти қарздиҳандае мебошад, ки аслан барои ташкил ва идоракунии муомилоти пулии мамлакат таъсис дода мешавад. Аз тарафи дигар барои

рушди иқтисодиёти миллӣ хизмат мерасонад. Ба замми он пойгоҳи иқтисодиётро дар тамоми раванди давлатдорӣ қонунҳои иқтисодии амалкунанда асос мегузоранд, ки яке аз чунин қонунҳо, қонуни муомилоти пул мебошад. Муомилоти маблағҳои пулӣ бевосита ба муассисаҳои молиявӣ таъсир мерасонад ва дар навбати худ муомилоти пул дар алоқамандии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ҷараён мегирад.

Аз охири асри XX ва ибтидои асри XXI шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар аксари кишварҳои дунё, ки барои дарёфти маблағ сафарбар шуданд, шумораи онҳо доимо меафзояд. Тибқи маълумотҳои Созмони Милали Муттаҳид (СММ), шумораи муҳоҷирон дар ҷаҳон ба 200 млн нафар расидаанд, ки дар хориҷи кишвари худ кор ва зиндагӣ мекунанд.

Барои ҳаракати озодонаи қувваи корӣ аз як мамлакат ба мамлакати дигар имкониятҳои хуб фароҳам омаданд, ки интиқоли пул аз кишварҳои хориҷӣ барои хонаводаҳо манбаи асосии даромад гардид.

Пӯшида нест, ки шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар минтақаҳои мухталифи Федератсияи Россия кору зиндагӣ менамоянд. Тавре маълум аст, баъди пошхурии Иттиҳоди шӯравӣ ҷараёни муҳоҷират рӯ ба афзоиш ниҳод. Аксари муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон барои пайдо намудани ҷои кории мувофиқ ба Федератсияи Россия рафтанд. Ин ҷараён то ба имрӯз идома ёфта истодааст.

Мӯҳочирати қувваи корӣ аз Тоҷикистон аслан аз соли 1995 шурӯъ шуда, он сол то сол афзоиш ёфт ва танҳо дар охири соли 2014 ва ибтидои соли 2015 коҳиш ёфт. Агар яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани муҳоҷират ба Федератсияи Россия бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ бошад, сабабҳои дигар ин заифшавии иқтисоди Россия, камшавии ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирон, беқурбшавии рубл нисбати асъори ҷаҳонӣ дар давраи пастравии нархи нафт, таҳримҳои пайдарпаи Иттиҳоди давлатҳои Европаю Ғарб нисбати Федератсияи Россия, муносибати байни Федератсияи Россия ва Украина, талаботҳои иловагӣ нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ (масалан, иҷозати шумораи муайяни муҳоҷирон аз давлатҳои хориҷ аз тарафи сохторҳои марбути Федератсияи Россия) ва ғайраҳо гардиданд. Дар натиҷа, ин омилҳои манфӣ, ба кишварҳои боқимондаи ҷаҳон, ки байни худ робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва молиявӣ доранд, таъсир расонид.

Маблағи интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ барои рушди иқтисоди кишвар ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ саҳмгузор мебошад, чунки он ба афзоиши истеъмол ва зиёд намудани маблағгузорӣ ба сармояи воқеӣ ва инсонӣ мусоиддати муфид менамояд. Инчунин, метавон гуфт, ки ба шарофати ин бахши хизматрасониҳои таълимӣ дар мамлакат беҳтар гардида, барои заминагузорӣ ба сармояи инсонӣ дар мамлакат маблағҳои зарурӣ равона карда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки бахши хусусӣ як қисми вазифаҳои давлатро дар самти маблағгузорӣ бахши хусусӣ иҷро хоҳанд кард. Масалан, соҳибкорон дар бунёди мактабҳо, боғчаҳои томактабӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ маблағгузорӣ менамоянд. Онгоҳ маблағҳои буҷет ба дигар соҳаҳои муҳим равона карда мешаванд.

Дар навбати худ ин маблағҳо дар таъмини амнияти озуқаворechии мамлакат, баланд бардоштани қобилияти мудофиавии он, инчунин ба таъмини рушди устувори иқтисод бо роҳи амалисозии барномаҳои давлатӣ оид ба рушди бахши хусусии иқтисод диққати ҷиддӣ дода мешавад. Нишондиҳандаҳои иҷтимоии мамлакат дар натиҷаи сарф намудани маблағҳои ба даст овардашуда барои эҳтиёҷоти гуногун беҳтар гардиданд. Иқтисоди мо интиқоли пулро ба сифати манбаи ҳавасмандгардонии истеъмол самаранок истифода бурд, ки дар натиҷа мо ба ММД-и кишвар таъсири мусбат расонидани интиқоли пулро мушоҳида намудем.

Бояд қайд кард, ки маҳз воситаҳои молиявии аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ имрӯз сарчашмаи асосии даромад гаштааст. Масалан, тибқи маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ, то соли 2015 воситаҳои молиявии дар ивази меҳнати муҳоҷирон дар як худи Федератсияи Россия буда 13-15% ММД-ро ташкил медиҳад.

Тоҷикистон дар байни мамлакатҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷиҳати ҳиссаи интиқоли пул нисбати ММД-и мамлакат ҷои намоёнро ишғол менамояд. Масалан, дар соли 2016-ум интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 30%-и ММД-ро ташкил дод. Дараҷаи баландтаррини он солҳои 2008-2014 мушоҳида карда шуда буд, ки вай 50%-и ММД-ро ташкил медод. [3, 11]

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки афзоиши ММД-и мамлакат бевосита аз ҳисоби маблағҳои берунӣ дар шакли интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи назаррас таъмин мегардад.

Агар дар Тоҷикистон барои рушди вазъи иҷтимоию иқтисодӣ маблағгузории мустақим аз хориҷи кишвар мавқеи асосиро дошта бошад, пас мавқеи дуюмро бошад, дар он маблағи интиқолгардидаи муҳоҷирони меҳнатӣ дорост. Ба таври хулоса гуфтан мумкин аст, ки барои Тоҷикистон маблағи интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки натиҷаи бевоситаи муҳоҷирати онҳо ба ҳисоб меравад, маблағгузории назаррас дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ чумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар диаграммаи 1. маълумотҳои омории интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои 2005-2016 оварда шудааст.

Аз диаграммаи сохташуда дида мешавад, ки барои дурнамои ММД ва маблағҳои муҳоҷирони меҳнати муодилаи регрессияи ғайрихаттии полиномиалӣ истифода бурда мешавад.

Акнун барои пешгӯикунии маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, модели қатори вақтии трендро истифода мебарем. Барои баҳо додани параметрҳои муодилаи тренд дар намуди параболаи тартиби дуюм

$$y_t = a_0 + a_1 t + a_2 t^2 \quad (1)$$




Диаграммаи 1. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои 2005-2016

системаи муодилаҳои нормали зеринро бо ёрии методи квадратҳои хурдтарин ҳал кардан зарур аст [6]:

$$\begin{cases} \sum y_t = na_0 + a_1 \sum t + a_2 \sum t^2 \\ \sum y_t t = a_0 \sum t + a_1 \sum t^2 + a_2 \sum t^3 \\ \sum y_t t^2 = a_0 \sum t^2 + a_1 \sum t^3 + a_2 \sum t^4 \end{cases} \quad (2)$$

Дар ҷадвали зерин қиматҳои суммаҳои номаълумро муайян менамоем:

Ҷадвали 1.

Ҷадвали ёрирасон барои муайянкунии параметрҳои модели регресионӣ

| *Солҳо* | *Ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ* $y_t$ | *Тренд* *t* | $t^2$ | $t^3$ | $t^4$ | $y_t\,t$ | $y_t\,t^2$ | $\widehat{y}_{t\ хисоби}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2005 | 1450 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1450 | 1450 | 385,5 |
| 2006 | 3348 | 2 | 4 | 8 | 16 | 6696 | 13392 | 2957,6 |
| 2007 | 5181 | 3 | 9 | 27 | 81 | 15543 | 46629 | 5301,3 |
| 2008 | 8038 | 4 | 16 | 64 | 256 | 32152 | 128608 | 7416,6 |
| 2009 | 6716 | 5 | 25 | 125 | 625 | 33580 | 167900 | 9303,5 |
| 2010 | 6110 | 6 | 36 | 216 | 1296 | 36660 | 219960 | 10962,0 |
| 2011 | 13111 | 7 | 49 | 343 | 2401 | 91777 | 642439 | 12392,1 |
| 2012 | 15978 | 8 | 64 | 512 | 4096 | 127824 | 1022592 | 13593,8 |
| 2013 | 18839 | 9 | 81 | 729 | 6561 | 169551 | 1525959 | 14567,1 |
| 2014 | 19002 | 10 | 100 | 1000 | 10000 | 190020 | 1900200 | 15312,0 |
| 2015 | 10256,3 | 11 | 121 | 1331 | 14641 | 112818,8 | 1241006 | 15828,5 |
| 2016 | 16116,6 | 12 | 144 | 1728 | 20736 | 193399,2 | 2320790 | 16116,6 |
| Сумма | 124146 | 78 | 650 | 6084 | 60710 | 1011471 | 9230926 | 124137 |

Манбаъ: қиматҳои ҷадвал натиҷаи ҳисоби муаллифон мебошад.

Ҳамин тариқ, системаи муодилаҳо нормалӣ намуди зеринро мегирад:

$$\begin{cases} 124146 = 12a_0 + 78a_1 + 650a_2 \\ 1011471 = 78a_0 + 650a_1 + 6084a_2 \\ 9230926 = 650a_0 + 6084a_1 + 60710a_2 \end{cases}$$

Мутаносибан муодилаи тренд дар намуди параболаи тартиби дуюм шакли зеринро мегирад:

$$\hat{y}_t = -2008{,}6 + 2618{,}4 \cdot t - 76{,}9 \cdot t^2 \quad (3)$$

$$R^2 = 0{,}863$$

Аз қимати ҳосилшудаи коэфитсиенти детерминатсия- $R^2 = 0{,}863$ бар меояд, ки модели ҳисобии (3) босифат буда барои пешгӯикунӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Бо истифода аз модели ҳисобии (3) ва методҳои эконометрикӣ, пешгӯии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатиро барои солҳои 2017-2019 иҷро намудем, ки натиҷаи он дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

Масъалаи мазкур аз таҳияи модели пешбинии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар асоси модели қатори вақтии тренд иборат буда, мувофиқи маълумотҳои оморӣ (солҳои 2005-2016) модели ғайрихаттии полиномиалӣ сохта шуд, ки тавассути он ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои солҳои 2017-2019 пешбинӣ шудааст.

Аз рӯи маълумотҳои пешбинишуда маълум аст, ки дар се соли оянда зиёдшавии воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд. Афзоиши нисбии воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ чунин аст: *соли 2017 нисбат ба соли 2016-15,1%, соли 2018 нисбат ба соли 2017-10,9% ва соли 2019 нисбат ба соли 2018-10,4%*.




Диаграммаи 2. Динамикаи пешгӯии ММД ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои давраи солҳои 2017-2019

Хулоса: Тибқи ақидаи мо, Федератсияи Руссия натанҳо аз шарикони асосии рушди иқтисодиёти кишварҳои пасошӯравӣ, балки берун аз ҳудуди он низ маҳсуб меёбад, ба мо ва ҳамсоякишварҳо бетаъсир нахоҳад буд. Бинобар ин, бо назардошти таҳлилҳои овардашуда, вазъи иқтисодии онро мо нисбати давраи бӯҳрон дар ҳолати хуб арзёбӣ мекунем.

Баъд аз тадқиқу таҳлили нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда гуфтан мумкин аст, ки муносибати гуногунҷабҳаи иқтисодии Федератсияи Русияву Ҷумҳурии Тоҷикистон чун муносиботи қаблӣ дар ҳоли муътадил қарор мегирад ва зиёдшавии воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан устувор ба назар мерасад.

**Адабиёт**

1. Всемирный Банк. 2015. Глобальные экономические прогнозы: 2013.
2. Всемирный Банк. 2013. Глобальные экономические перспективы: Наличные и использованные финансового пространства. Вашингтон, Дистрикт колумбия.
3. Дастгирии тадқиқоти мустақили таҳлилӣ ва ҷалби ҷомеаи академӣ. Силсилаи мақолаҳо. Душанбе-2017.
4. Четыркин Е.М., Васильева Н.Е. Финансово-экономические расчеты: учеб. пособие. - М.: Финансы и статистика, 1990. - 319 с.

## ДУРНАМОИ ВОРИДОТИ МАБЛАҒҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

**Тавзеҳи мухтасар**

Ҷараёни интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷи кишвар барои рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муҳимро мебозад. Дар мақолаи мазкур дурнамои гардиши воситаҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба ММД-и кишвар дида баромада шудааст.

**Вожаи калидӣ:** Муҳоҷирони меҳнатӣ, интиқоли пул, бонк, селаи пулӣ, ММД, ҳаракати маблағҳои пулӣ, буҳрони ҷаҳонии молиявӣ, методҳои эконометрикӣ, модели қатори вақтӣ, иттилоот, технология.

## FORECASTING MONEY TRANSFER OF MIGRANTS WITH THE HELP OF INFORMATION TECHNOLOGY

**Abstract**

The flow of money transfer of migrants from abroad has a special place in the development of the country's economy. This article provides a short-term forecast of the flow of money from migrants and its impact on the country's GDP.

**Key words:** labor migrants, money transfers, banking, cash flows, GDP, movement money, world financial crisis, econometric methods, model, time series model, information, technology.

**МИСКИНОВ Сайвали Абдуллоевич**
Магистранти курси 2- юми ихтисоси 1-40010202 – технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
**МИСКИНОВ Сайвали Абдуллоевич**
Магистрант 2-го курса специальности 40010202 - система информационных технологий в экономике Финансово – экономического института Таджикистана

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ ҲИФЗИ ИТТИЛООТ ДАР СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ МЕТОДОВ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЗАЩИТЫ ИНФОРМАЦИИ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЯ

**Аннотация**

В этой статье рассматриваются теоретические аспекты методов обеспечения защити управленческих информаций предприятия, также было предложено защиты информационной системы предприятия от неформального доступа и обеспечения информационной безопасности.

**Ключевые слова:** информация, безопасность, защита информации, нарушители информационной безопасности.

Дар ҷаҳони муосир иттилоот яке аз воситаҳо ва захираҳои муҳим арзёбӣ мегардад, зеро тавассути он ҷанги байни давлатҳо амалӣ гардида, интихоботҳо барпо карда мешаванд ва ҳамчунин миллионҳо шартномаҳо баста мешаванд. Имрӯз иттилоот дар ҳама самт нақши калидиро мебозад. Тағйири ғайрирасмӣ ё сохтакорӣ, зараррасонӣ ё худ нобудсозии қисми муаяни иттилоот баробар ба вайронкунии ҷараёни коркард ва интиқоли он дар системаҳои иттилоотӣ-идорӣ шуморида мешавад, зеро ингуна амалҳо ба субеъктҳои дар ҷараёни алоқаи иттилоотӣ ширкаткунанда ҳам зарари моддӣ ва ҳам маънави мерасонад. Айнан ҳамин омилҳо муҳимияти ҳифзи иттилоотро муаян месозад.

Ҳифзи иттилоот ин таъмини амнияти иттилоот аз мудохилаи фавқулода ё худ пешакӣ ба нақша гирифташуда мебошад, ки он метавонад ба доранда ё худ соҳиби иттилоот зарар орад. Дар ин ҳолат ҳам инсон ва ҳам корхона дар назар дошта мешавад.[1]

Илова ба гуфтаҳои боло, қайд кардан ба маврид аст, ки амнияти иттилоотӣ дар корхонаҳо на танҳо аз ҳифз намудани иттилоот аз мудохилаи фавқулода ё худ пешакӣ ба нақша гирифташуда иборат мебошад, балки иборат аз таъмини бехатарӣ дар тамоми қисматҳои система мебошад, чунки тавассути дастгоҳҳои махсуси дастрасӣ ба маълумоти интиқолшаванда аз як объект ба объекти дигар ва паҳнсозии ғайрирасмии иттилоот низ ба амнияти иттилоот мудохила кардан имконпазир мебошад.

Бо дараҷаи пешрафти корхона, ҳамзамон системаи иттилоотии он низ мураккаб мегардад, ки муҳимтарин вазифаи ин система иборат аз таъмини пурсамари пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ дар шароити рақобатпазирӣ мебошад. Бинобар сабаби вобастагардии корхонаҳо аз системаҳои иттилоотӣ сатҳи таваккал (риск) низ меафзояд ва масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ аввалиндараҷа мегардад. [2]

Мутобиқи талаботи қонунҳои зикршуда ҳимояи иттилоот тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо равона карда шудаанд ба:

- таъмини ҳимояи иттилоот аз дастрасии ғайриқонунӣ, нобудсозӣ, ташаккул, муҳосира, нусхабардорӣ, паҳнкунӣ ва инчунин аз амалҳои ғайриқонунии дигар;
- риояи тартиботи кор бо маълумоти дастрасии маҳдуд;
- амалӣ намудани тартиботи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот.

Масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар системаи идоракунии корхонаҳои хурду бузург муҳимтарин мавзӯи рӯз буда, нисбати бартараф намудани хатарҳои дар ин самт ҷойдошта ҳамарӯза роҳҳои гуногуни чораҷӯиҳо мавриди амал қарор дода мешаванд. Тадбирҳои таъминоти амнияти иттилоотиро ба се категорияи зерин ҷудо кардан мумкин аст, ки дар алоқамандӣ бо ҳамдигар системаи мукаммали устуворро ташкил медиҳанд.

Тадбирҳои ташкилӣ характерӣ маъмурӣ ва амалиётӣ дошта, ҷараёни амалигардии системаи иттилоотӣ ва фаъолияти кормандонро ба танзим медарорад. Ҳамин тариқ, тадбирҳои ташкилиро ба маъмурӣ ва амалиётиӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Тадбирҳои барномавӣ – техникӣ бошанд, яъне тадбирҳои ба назорати моҳияти компютерҳо равонакардашуда яке аз категорияҳои муҳими тадбирҳои амнияти иттилоотиро ташкил медиҳанд. Доир ба амалӣ намудани тадбирҳои мазкур дар корхонаҳо шуъбаи техникӣ, шӯъбаи бехатарии иқтисодӣ ва дигар шӯъбаҳо ҷавобгӯ мебошанд.

Дар самти тадбирҳои ҳуқуқӣ қонунҳои аз тарафи давлату Ҳукумат ба тавсибрасида нақши калидиро мебозанд. Вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо, аз ҷумлаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иттилоот” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” ба тавсиб расонида шудаанд, ки тавассути онҳо ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ҳимояи ҳуқуқи маллиф ва дигар масъалаҳои марбут ба ҳифзи иттилоот таъин ва идора карда мешавад. [3] [4]




Расми 1. Алоқаи байниҳамдигарии тадбирҳо доир ба таъмини амнияти иттилоотӣ.

Дар ниҳояти тадқиқот бояд қайд намоям, ки имрӯз аксари корхонаҳо ва ҳатто шахсони алоҳида таёранд маблағи калонро пардохт намоянд, то ин ки сирри рақибони худ ва ё шахсони машҳӯрро ба даст оранд. Аз ин рӯ ҷорӣ намудани системаи амнияти иттилоотӣ яке аз масъалаҳои асосие маҳсуб меёбад, ки мебояд то давраи кушодашавии ташкилоту корхонаҳо муқаррар карда шавад.

Аз нигоҳи ман, таъмини амнияти иттилоотии корхона танҳо ҳангоми бо роҳҳои системавӣ ва маҷмӯавӣ ҳимоя намудани маълумот имконпазир мебошад.

Вобаста ба тадқиқоти гузаронидашуда ҳимояи иттилоотро ба панҷ зинаҳои алоҳида ҷудо кардан мумкин аст:

- Қонунгузорӣ – дар сатҳи қонунҳо, меъёрҳо, санадҳо ва ғайраҳо;
- Маъмурӣ – дар сатҳи маъмурияти корхона;
- Дастгоҳӣ – барномавӣ – дар сатҳи барнома ва дасстгоҳҳои махсус;
- Физикӣ – дар сатҳи монеаҳои электронӣ – механикӣ;
- Зеҳнӣ – этикӣ – дар сатҳи меъёрҳои рафтору кирдори кормандон.

Танҳо чунин тадбирҳо, ки барои бартараф намудани таҳдидҳои бехатарӣ равона карда шудаанд, метавонанд системаи ҳимояи иттилоотиро ташкил диҳанд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи риоя намудани талаботи тадбирҳои зикршуда системаи идоракунии амнияти иттилоотӣ бояд ба критерияҳои зерин мувофиқат намоянд:

- маблағи хароҷотӣ дар самти ҳимояи иттилоот бояд камтар аз арзиши зарари пешоянда бошад;
- ҳимоя онгоҳ босамар ҳисобида мешавад, агар амалинамоии он содда бошад;
- дар фавқулҳолатҳо бояд ба таври оддӣ таваққуф кунад;
- истифодабарандагон набояд дорои ҳуқуқи кории аз ҳад зиёд бошанд;
- мутахассисони бо система сарукордошта бояд пурра онро сарфаҳм раванд.

**Адабиёт**


1. Промышленные предприятия: два пути автоматизации. Management.com: http://www.management.com.ua/ims/ims099.html
2. Википедия – свободная энциклопедия: httpps://ru.wikipedia.org/wiki/ Информационная безопасность
3. Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 6, мод.469).
4. Қонуни ҶТ”Дар бораи иттилоот” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, №7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1164)


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ ҲИФЗИ ИТТИЛООТ ДАР СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО

**Тавзеҳи мухтасар**


Дар ин мақола ҷанбаҳои назариявии усулҳои таъмини ҳифзи иттилооти идоракунии корхонаҳо дида баромада шуда, ҷиҳати ҳифз намудани системаи иттилоотии корхона аз дастрасии ғайрирасмӣ ва таъмини амнияти иттилоотии он пешниҳодҳо оварда шудаанд.



**Калимаҳои калидӣ**: иттилоот, бехатарӣ, ҳифзи иттилоот, халалдоркунандагони бехатарии иттилоот.


## THEORETICAL ASPECTS OF METHODS OF SUPPORT OF INFORMATION SECURITY IN MANAGEMENT SYSTEM OF THE ENTERPRISE

**Abstract**


In this article considered theoretical aspects of methods to ensure the protection of management information of enterprise. Also proposed to protect the enterprise information system from informal access and ensuring information security.



**Key words:** information, security, information protection, infringers of information security.

НАЗАРАМОНОВА Мадина
магистрант 2 курса специальность финансы и кредит
во внешнеэкономической деятельности
NAZARAMONOVA Madina
second year master student FEIT
specialty finance and credit in foreign economic activity

# РЫНОК БАНКОВСКИХ СЛИЯНИЙ И ПОГЛОЩЕНИЙ В ПЕРИОД КРИЗИСА И ЕГО ДАЛЬНЕЙШИЕ ПЕРСПЕКТИВЫ

**Аннотация**

В статье автор рассматривает особенности развития мирового рынка слияний и поглощений в период кризиса, и какие могут быть перспективы банковской сферы в посткризисный период. Приводятся результаты исследования ряда ученых, которые показывают характер развития рынка слияний и поглощений. Отдельное внимание статьи направлено на выявление тенденций и перспектив мирового рынка банковских слияний и поглощений, его роли в общеотраслевом рынке, а также на определяющие его развитие факторы.

***Ключевые слова:*** *банковские слияния и поглощения, мировой рынок, конкуренция, стоимость сделки, капитал, организация, финансовый кризис, стратегической планирование.*

В условиях интенсификации в мировом масштабе уровня конкуренции между компаниями различных отраслей, проблема обеспечения непрерывного роста организации перед ее руководителями и собственниками встает все актуальнее. В связи с этим, ключевым элементом конкурентоспособности компании выступают отлаженный процесс стратегического планирования, позволяющий максимально точно понимать текущее состояние и перспективы рынка, на основе которых разрабатывается, и реализуются стратегические альтернативы. В последние несколько десятилетий все большую популярность приобретают слияния и поглощения (“M&A” от англ. mergers and acquisitions) – один из самых сложных и относительно молодых инструментов, служащих для реализации стратегии роста организации. Основное отличие слияния от поглощения заключается в том, что под слиянием понимается возникновение нового юридического лица за счет передачи ему всех прав и обязанностей двух или нескольких юридических лиц с прекращением последних, а под присоединением – прекращение существования одного или нескольких юридических лиц с передачей всех их прав и обязанностей другому юридическому лицу [1., с 28].

И последнее время, в связи с возросшей актуальностью, проблеме исследования рынка слияний поглощений уделяется все больше и больше внимания. Основным открытием теоретиков и практиков данной области явилась цикличность развития данного рынка. В частности, было установлено, что рынок слияний и поглощений в своем развитии подобен экономике и развивается волнообразно, а возникновение волн обусловлено «шоком» экономического окружения, вызванным появлением новых технологий, изменением законодательства, падением цены заемного капитала и т. д.

Говоря о тенденциях рынка банковских слияний и поглощений, помимо общего для всей отрасли слияния и поглощения, необходимо принимать, во внимание и специфику развития банковского сектора.

В результате финансового кризиса 2008 г. активность компаний существенно сократилась и на данный момент рынок еще не достиг, даже докризисного уровня (рис. 1). Так, по итогам посткризисного периода объем рынка составил $2,2 трлн. или 54% от объема докризисного года. В то же время, вместе с падением совокупных объемов глобального рынка, падение продемонстрировала и средняя по рынку стоимость сделки.




**Рис.1. Объем мирового рынка слияний и поглощений**

Из этого можно сделать вывод, что снижение объемов рынка во всем мире было обусловлено уменьшением как средней стоимости, так и общего числа заключенных сделок. Анализ активности банков в области слияний и поглощений показал, что с наступлением финансового кризиса произошел серьезный структурный сдвиг рынка, выразившийся в снижении доли банковских M&A в общей суммарной стоимости совершенных во всех отраслях интеграционных сделках. Если на начало 2008 г. на долю банковских сделок приходилось 10,8% от всего рынка, то по итогам последующих лет данная величина составила только 2,6%. Еще одним интересным фактом, явилась разница в средней стоимости сделок по рынку и банковскому сектору.

Выше обозначенная статистика свидетельствует о том, что с наступлением финансового кризиса 2008 г. риск банков во всем мире значительно уменьшился, и банки начали с большей осторожностью и избирательностью подходить к использованию слияний и поглощений в качестве инструмента реализации стратегии роста. От части данная ситуация была также вызвана посткризисным восстановлением, сопровождающимся замедленным темпом экономического роста, и новыми мировыми стандартами в области банковского регулирования.

Говоря о перспективах рынка банковских M&A в контексте той или иной страны, или же мира в целом, нельзя не отметить, что основным рычагом роста данного рынка являются темпы роста банковского сектора, которые, в свою очередь, зависят от двух факторов: общего состояния производственного сектора экономики страны и изменений в области регулирования деятельности банков со стороны надзорных органов [2., с.49]. Учитывая прогнозные темпы роста основных экономик мира (табл. 1), урок кризиса 2008 г., а также напряженную ситуацию в Европе, при прочих равных условиях (в отсутствии «шока» экономического окружения), в течение ближайших десяти лет следует ожидать медленного, но уверенного восстановления рынка банковских услуг.

Еще одним важным моментом является то, что определяющая роль в развитии рынка банковских M&A в период 2014-2020 гг. будет отведена экономикам развивающихся стран (Китай, Турция, Индия, Бразилия и др.) ввиду их относительной (по сравнению в Западной Европой) не аккредитованности, высоких темпов роста и благоприятной демографической ситуации [3., с56].

Проведенный анализ показал, что с наступлением финансового кризиса объемы рынка банковских M&A существенно снизились, а на общемировом рынке интеграционных сделок произошел структурный сдвиг. Принимая во внимание существенное падение объемов миро-

вого рынка, так и американского рынков, можно сделать вывод, что на текущий момент наступила новая волна M&A активности, за которой возможно последует двухлетний спад.

**Таблица 1.**

**Среднегодовые темпы роста реального ВВП экономик мира в %.**

| | 1995-2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013П | 2014П | 2018П |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мир** | 3,6 | 4,6 | 5,3 | 5,4 | 2,8 | -0,6 | 5,2 | 4,0 | 3,2 | 3,3 | 4,0 | 4,5 |
| **Развитые экономики** | 2,8 | 2,6 | 3,0 | 2,8 | 0,1 | -3,5 | 3,0 | 1,6 | 1,2 | 1,2 | 2,2 | 2,5 |
| США | 3,3 | 3,1 | 2,7 | 1,9 | -0,3 | -3,1 | 2,4 | 1,8 | 2,2 | 1,9 | 3,0 | 2,9 |
| Зона Евро | 2,2 | 1,7 | 3,2 | 3,0 | 0,4 | -4,4 | 2,0 | 1,4 | -0,6 | -0,3 | 1,1 | 1,6 |
| Япония | 1,1 | 1,3 | 1,7 | 2,2 | -1,0 | -5,5 | 4,7 | -0,6 | 2,0 | 1,6 | 1,4 | 1,1 |
| Прочие | 3,7 | 3,6 | 3,9 | 4,2 | 0,9 | -2,1 | 4,5 | 2,6 | 1,4 | 1,9 | 2,8 | 3,1 |
| **Развивающиеся экономики** | 4,9 | 7,3 | 8,3 | 8,8 | 6,1 | 2,7 | 7,6 | 6,4 | 5,1 | 5,3 | 5,7 | 6,2 |
| Центральная и Восточная Европа | 4,1 | 5,9 | 6,4 | 5,4 | 3,1 | -3,6 | 4,6 | 5,2 | 1,6 | 2,2 | 2,8 | 3,8 |
| СНГ | 2,9 | 6,7 | 8,8 | 8,9 | 5,3 | -6,4 | 4,9 | 4,8 | 3,4 | 3,4 | 4,0 | 4,0 |
| Азия | 7,1 | 9,5 | 10,4 | 11,6 | 7,9 | 6,9 | 9,9 | 8,1 | 6,6 | 7,1 | 7,3 | 7,7 |
| Лат. Америка и Карибский бассейн | 2,6 | 4,7 | 5,7 | 5,8 | 4,2 | -1,5 | 6,1 | 4,6 | 3,0 | 3,4 | 3,9 | 3,9 |
| Ближ. Восток, Сев. Африка, Афганистан и Пакистан | 4,6 | 6,1 | 6,7 | 6,3 | 5,0 | 2,9 | 5,3 | 3,9 | 4,7 | 3,1 | 3,7 | 4,5 |
| Южная Африка | 4,5 | 6,2 | 6,4 | 7,0 | 5,6 | 2,7 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 5,6 | 6,1 | 5,5 |

Дальнейшее развитие банковского сектора в целях повышения его конкурентоспособности и эффективности в условиях глобализации на международной арене напрямую будет связано с процессами слияний и поглощений как инструмента, способствующего созданию устойчивой и высоко капитализированной банковской системы. Консолидация банковского сектора должна происходить в условиях создания прозрачной и стабильной экономической среды, в которой банкам будет выгодно объединять активы, и в условиях усиления конкуренции на рынке банковских услуг.

**Литература**


1. Владимирова И.Г. Слияния и поглощения компаний // Менеджмент в России и за рубежом. – 1999. - № 1
2. Горелая И.В. Слияния и поглощения как формы реорганизации коммерческих банков: автореферат. – М., 2007г.
3. Жарковская Е.Л. Банковское дело. – 6-е изд. – М.: Омега – Л, 2007г.


## БОЗОРҲОИ ЯКҶОЯ ВА ХАРИДИ БОНКӢ ДАР ДАВОМИ БӮҲРОН ВА ДУРНАМОИ МИНБАЪДАИ ОН

**Тавзеҳи мухтасар**


Дар мақолаи муаллиф хусусиятҳои рушди бозори ҷаҳонӣ дар як давраи бӯҳрон баррасӣ карда мешавад ва дурнамои он дар соҳаи бонк метавонад дар давраи баъди бӯҳронӣ бошад. Натиҷаҳои тадқиқоти як қатор олимон, ки хусусияти рушди бозори муттаҳидкунӣ ва хариди молиро нишон медиҳанд, пешниҳод карда мешаванд. Диққати махсуси ин мақола ба ошкор намудани тамоюлот ва дурнамои бозори ҷаҳонӣ дар бораи ҳамоҳангсозӣ ва хариди бонкӣ, нақши он дар бозори умумӣ, инчунин омилҳое, ки рушди онҳоро таҳия мекунанд, равона шудааст.



***Калидвожаҳо***: *якҷояшавии бонк ва харид, бозори ҷаҳонӣ, рақобат, арзиши аҳд, сармоя, ташкилот, бӯҳрони молиявӣ, банақшагирии стратегӣ.*


.

## THE MARKET OF BANK MERGERS AND ACQUISITIONS DURING THE CRISIS AND ITS FURTHER PROSPECTS

**Abstract**

In the article the author considers the features of the development of the world market of mergers and acquisitions in the period of crisis, and what prospects for the banking sphere can be in the post-crisis period. The results of research of a number of scientists that show the nature of the development of the market of mergers and acquisitions are presented. The separate attention of the article is aimed at revealing the trends and prospects of the world market of banking mergers and acquisitions, its role in the general industry market, as well as factors determining its development.

***Keywords:*** *bank mergers and acquisitions, world market, competition, transaction value, capital, organization, financial crisis, strategic planning.*

**ҲОҶИМАТОВ Абдуманон Зиёрҷонович**
Магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-40010202 – “Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт”-и Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**ХОДЖИМАТОВ Абдуманон Зиёрджонович**
Магистрант 2-го курса специальности 1-40010202 – “Информационные системы и технологий в экономике” Финансово-экономического института Таджикистана.

**HOJIMATOV Abdumanon Ziyorjonovich**
A magician 2 year course specialty 1-40010202-«Information technology and system in economy» of Finance and economics institute of Tajikistan

# РОҲҲОИ МАЪМУРСОЗИИ СИСТЕМАИ ИТТИЛООТӢ
# ПУТИ АДМИНИСТРИРОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ СИСТЕМ

**Аннотация**

Данная статья направлена на исследование в определение ценности информации и ее роли в управленческой системе. В заключение исследования предложены пути администрирования информационных систем.

**Ключевые слова:** информация, информационная система, информационные ресурсы, информационная безопасность.

Дилхоҳ системаи иттилоотии муосир, тибқи қоида, бо худ усули истифодабарии хоси худро дорад ва масъалаи дар фаъолият ҷорӣ намудани чунин системаҳо – ин масъалаи дарк, азхудкунӣ ва татбиқи маданияти идоракунӣ мебошад.[1] Барои бештари муҳити предметӣ татбиқи технологияҳои иттилоотӣ доир ба сифати кор ва устувории истифодабарӣ талаботи баланд дорад. Талаботҳои мазкур ба проблемаҳои бо маъмурсозии системаи иттилоотӣ алоқамандидошта таълуқ дошта, захираҳои шабакавии иттилоотӣ- дастгоҳиро дарбар мегиранд.

Имрӯз иттилоот дар ҳама самт нақши калидиро мебозад, зеро тағйири ғайрирасмӣ ё сохтакорӣ, зараррасонӣ ё худ нобудсозии қисми муаяни иттилоот ба субеъктҳои дар ҷараёни алоқаи иттилоотӣ ширкаткунанда ҳам зарари моддӣ ва ҳам маънавӣ мерасонад ва чунин амалҳо омили муаянкунандаи муҳимияти мавзӯро ташкил медиҳад.

Маъмурсозии системаи иттилоотӣ як навъ амалиёти идоракунӣ буда, аксари ҷараёнҳо ва ё қисми онҳоро ба танзим медарорад. Дар навбати худ, он мафҳуми бехатаргардонӣ ва идоракунии системаи иттилоотиро дар бар мегирад, ки нафари идоракунанда вобаста ба маҳдудиятҳои ҷойдошта имконияти истифодабариро ба даст

меорад.[2] Мақсад ва вазифаҳои маъмурсозӣ дар системаҳои иттилоотӣ иборат мебошад аз:

- ба истифодабарандагон фароҳам намудани ҳуқуқи мувофиқи истифодабарии имкониятҳои кор бо система (база ва бонки маълумотҳо);
- таъмини бутунияти маълумот ва ҳамчунин бунёди барномаҳои бисеристифодабаранда.

Маъмурсозии системаи иттилоотӣ аз ҷониби шахсоне амалӣ карда мешавад, ки системаи мазкурро идора менамояд. Чунин шахсиятро маъмури системаи иттилоотӣ меноманд. Дар мавриди бузургҳаҷм будани системаи иттилоотӣ ӯҳдадориҳои мазкурро метавонанд якчанд нафар иҷро намоянд (гурӯҳи маъмурон).

Барои маъмурсозии системаи иттилоотӣ, ки муҳимтарин бахши идоракунии корхонаро дар бар мегирад, аз роҳҳои гуногуни тадбиқнамоии он истифода менамоянд. Яке аз роҳҳои маъмурсозии системаи иттилоотӣ ин истифода намудан аз таъминоти барномавии махсусан ба ин масъала равона кардашуда мебошад. Имрӯз он таъминоти барномавии системавие, ки гурӯҳи асосии истифодабарандагони корхонаву муассисаҳо истифода менамоянд, ин системаҳои амалиётии хусусияти истифодаи оффисидошта мебошанд. Чунин системаҳои амалиётӣ имконияти коркарди маълумотро доранд, лекнин барои маъмурсозии кулли таҷҳизотҳои техникии системаи иттилоотии корхона номувофиқ мебошанд. Аз ин рӯ, аз тарафи ширкатҳои истеҳсолкунандаи системаҳои амалиётӣ, навъи махсуси системаҳои амалиётии серверӣ истеҳсол карда шудаанд, ки имконияти маъмурсозии барномавии системаи иттилоотии корхонаву муассисаҳоро доро мебошанд. [3]

Ҳамин тариқ, дар ин мақола яке аз роҳҳои маъмурсозиро дида мебароем, ки қисми таркибии системаи амалиётиро ташкил дода, барои идоракунии захираҳои иттилоотӣ дар муҳити шабакаи компютерӣ равона карда шудааст ва Firewall ном дорад.

Firewall барномаи таркибии хизматрасонии системаи амалиётӣ буда, барои тамоми онҳое, ки шабакаи Интернетро истифода мебаранд зарур мебошад. Набудани чунин восита Web-серфинг (сайру гашт дар Интернет-саҳифаҳо)-ро барои компютери истифодакунандаи хизматрасонии шабакаи Интернет хатарнок мегардонад. Инчунин Firewall компютери истифодабарандаро аз ҳама гуна хатарҳои дар шабака пайдошаванда ҳимоя то қадри имкон муҳофизат менамояд. Аксарияти чунин хатарҳо асосан бо вируснависон ва хакерҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ заифшуда алоқаманд мебошанд, ки кори мӯътадили истифодабарандагони шабакаро халадор месозанд. Сабаб дар он аст, ки системаҳои амалиётӣ то ҳол мутлақо мукаммал нашудаанд ва хакерҳо ҷойҳои номукаммали системаи оператсиониро ғаразнок истифода мебаранд. Тавассути чунин ҷойҳои номукаммали системаи амалиётӣ вирусҳо ва троянҳо ба компютер ворид шуда, амалиётҳои зараровари худро – рабудани файлҳои муҳим, вайрон намудани системаи амалиётӣ, тоза кардани диски сахт ва ғайраро иҷро намуда метавонанд. Инчунин он як қатор функсияҳои иловагиро дар бар мегиранд, ки имкониятҳои созгори кор бо Интернетро медиҳанд, ба монанди – манъи эълонҳо ва оинаҳои кушодашавандаи иловагӣ, кэширонии DNS ва ғайраҳо.[4]

Хуллас, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар системаи идоракунии корхонаҳои хурду бузург муҳимтарин мавзӯи рӯз буда, он тадбирҳое, ки барои таъмини амнияти иттилоотӣ равона карда шудаанд, воситаҳои муҳими маъмурсозии системаи иттилоотиро ташкил дода, ҷиҳати ҳифзи маълумоти ҳаётан муҳим истифода бурда мешаванд.

Дар ниҳоят бояд қайд намоям, ки ба маъмури системаи иттилоотӣ, ки мубодила ва коркарди иттилоотӣ муҳим ва арзишнокро таҳти назорат дорад, ӯҳдадориҳои зеринро вогузор намудан саривақтӣ мебошад:

- омодасозӣ ва сабти нусхаи захиравии маълумот, азназаргузаронии даврӣ ва нобудсозии қисмати нолозими онҳо;

• насб ва батанзимдарории навовариҳои лозимаи системаи амалиётӣ ва барномаҳои истифодашаванда;
• насб ва батанзимдарории таъминоти дастгоҳӣ - барномавии навин;
• бунёд намудан ва дар ҳолати фаъол нигоҳ доштани саҳифаҳои истифодабарандагон;
• ҷавобгарӣ ба бехатарии иттилоотӣ дар корхона;
• бартарафкунии монеаҳо дар система;
• банақшагирӣ ва амалӣ намудани тадбирҳо доир ба васеътар намудани сохтори шабакаи корхона;
• ҳуҷҷатикунонии тамоми амалҳои иҷрошуда.

Дар ташкилотҳои ҳайъати кории бузургдошта ӯҳдадориҳои зикршударо байни якчанд маъмурон тақсим намудан роҳи оқилонаи кор мебошад.

Адабиёт


1. Бекмуродов Ф. Рисолаи бакалаврӣ, китобхонаи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2015
2. Рассел Ч., Кроуфорд Ш. Microsoft Windows 2000 Server. Справочник администратора: М.: Эком, 2003.
3. Мирзоахмедов Ф., Воҳидов У., Соҳибов Ф., Информатика. Дастури таълимӣ. Ирфон-Душанбе 2012.
4. Википедия – энсклопедияи озод: httpps://ru.wikipedia.org/wiki/ Информационная безопасность.


## РОҲҲОИ МАЪМУРСОЗИИ СИСТЕМАИ ИТТИЛООТӢ


**Тавзеҳи мухтасар**

Мақолаи мазкур ба тадқиқи муаяннамоии арзиши иттилоот ва нақши он дар системаи иттилоотии идоракунӣ равона карда шуда, дар ниҳояти тадқиқот роҳҳои маъмурсозии системаи иттилоотӣ пешниҳод карда шудаанд.



**Калимаҳои калидӣ:** иттилоот, системаи иттилоотӣ, захираҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ.


## WAYS OF ADMINISTRATION OF INFORMATION SYSTEM


**Abstract**

This article is aimed to research the definition of the value of information and its role in the management system. In conclusion, the study suggests ways to administer information systems.



**Key words:** information, information system, information resources, information security.





САИДОВ Аҳлиддин
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
САИДОВ Ахлиддин
Магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана
специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
SAIDOV Ahliddin
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit


## БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ АСОСИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ
## БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ ОСНОВА РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВЫХ ОТНОЩЕНИЙ

**Аннотация**

В этой статье рассматривается важность учета в развитии рыночных отношений, определение ее устойчивости на рынке интенсивной конкуренции.
**Ключевые слова:** рыночные отношения, собственность, рынок, материальные ресурсы, деньги, деятельност.

Дар замони фаъолияти муносибатҳои бозоргонӣ, ки асоси онро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад, баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти беандоза дорад, зеро он ифодагари дурусти ҳар як намуди фаъолият аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар натиҷаи баҳисобгирии дурусти захираҳои моддӣ ва ғайримоддии корхона ҳолати молиявии он муайян карда шуда, устуворӣ ва ё нустувории он дар давраи рақобати шадиди бозор, ки пур аз бархурди фаъолияти ҷонибҳо аст айён мегардад.

Баҳисобгирии молиявӣ, дар шароити ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ, чун яке соҳаҳои ояндадори илми иқтисодӣ ва ихтисоси бонуфузи муосир зери табаддулоти калон қарор дорад. Ин бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба истеҳсолот, фароҳамоварии рӯшанӣ дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот, зарурати наздиккунии усули баҳисобгирии ватанӣ бо стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) вобастагӣ дорад.

Дар зери мафҳуми ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар маҷмӯъ низоми шароитҳо ва элементҳои сохтани раванди баҳисобгирӣ бо мақсади ба даст овардани иттилооти боваринок ва саривақтӣ оид ба фаъолияти хоҷагидории корхона ва бурдани назорат аз рӯи истифодаи оқилонаи амволи корхона фаҳмида мешавад. Маҷмӯи элементҳои асосии низоми ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ аз баҳисобгирии ибтидоӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо, нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, шаклҳои ташкили корҳои баҳисобгирию ҳисобӣ, ҳаҷм ва таркиби ҳисобот, ташкили масъулиятноки сиёсати ҳисобдории корхона иборат аст.[1.112]

Раванди идоракунии гардиши захираҳои моддӣ ва ғайримоддии корхона дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ», ки аз санаи 25 марти соли 2011, №702 қабул карда шудааст, ба танзим даровarда мешавад.

Ин асноди ҳуқуқӣ шароити фаъолияти муътадилии корхонаҳо ва шакли ҳуҷҷатгузории муҳосиботии онҳоро, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд ба низом медарорад.

Идоракунии низоми молиявӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлатӣ ба ҳисоб рафта, асоси иқтисодӣ ва симои рушди онро муайян мекунад. Молия ҳамчун зербинои иқтисодӣ шароити мусоидро ҷиҳати рушди соҳаҳои давлатӣ ба вуҷуд оварда, давлатро идора мекунад. Баҳисобгирии муҳосибӣ, ки асоситарин ҷузъи таркибии низоми молиявӣ аст, метавон ифодагари зербиноии молия номид.

Дуруст ба ҳисоб гирифтани гардиши дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии корхона аз ба роҳ мондани баҳисобгирии ин дороиҳо иборат мебошад. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозоргони идораи дурусти дороиҳои корхона аз муҳосибон вобаста мебошад. Муҳосиб бояд дорои дониши баланди назарияви ва амали дар низоми баҳисобгирии молу воситаҳо ва амвол, инчунин низоми молияви бошад.

Мавҷуд набудан, ё худ, риоя накардан ва истифодаи нодурусти асосҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои муқарраргардида, метавонад ба оқибатҳои ғайричашмдошт, инчунин, косташавии рағбати моликон, давлат ва дигар иштирокчиёни бозор оварда расонад.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ аз маҷмӯаи тарзу усулҳои муоинаи амалиётҳои хоҷагӣ ва ҷараёни он, ченкунӣ ва бақайдгирии онҳо, коркарди маълумот ва ирсоли он ба истифодабарандагони манфиатдор барои қабули қарорҳои идоракунанда ва нигоҳдории маълумот бо тартиботи хронологӣ иборат аст. Системаи муосири идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо босаводии амалӣ, балки саводнокии назариявиро низ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳуқуқ тақозо мекунад. Баҳисобгирии бухгалтерӣ забони байналмилалии соҳибкорӣ буда, донишҳои муайянеро

дар соҳаи риёзиёт, омор, молия, ҳуқуқ, андозбандӣ, технологияи компютерӣ ва фанҳои дигар талаб мекунад, ки онҳо дар ниҳояти кор боиси ташаккули насли нави кормандони баҳисобгирӣ – менеҷерони молиявии ширкат мегарданд. Беҳуда нест, ки роҳбарони аксарият корпоратсияҳои транснатсионалӣ дорои маълумоти бухгалтерӣ ва ё собиқ бухгалтеронанд. [2.200]

Мувофиқи Консепсияи СБҲМ, мақсади ҳисоботи молиявӣ аз пешниҳоди маълумот оиди вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият ва тағйиротҳо дар вазъи молиявии ширкат иборат аст. Қарорҳои иқтисодии аз ҷониби истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ қабулмешуда, баҳодиҳиро нисбати қобилияти ширкат оиди бунёди воситаҳои пулӣ ва эквивалентҳои он, ҳамчунин саривақтӣ ва устувории ин амалро талаб мекунанд.

Вазъи иқтисодии ширкат аз захираҳои иқтисодии мавҷудбуда, сохтори молиявии он, бозоргирӣ (ликвидность) ва қудрати пардохт доштани он, ҳамчунин ба шароити муҳит созгор шудани он вобастагӣ дорад. Маълумот оиди захираҳои иқтисодӣ барои пешгӯии қобилияти ширкат вобаста ба бунёди воситаҳои пулӣ ва эквиваленти онҳо дар оянда муфид аст. Маълумот оиди сохтори молиявӣ барои пешгӯии талаботҳои минбаъда ба воситаҳои қарзӣ ва тақсимоти фоидаи дар оянда ба дастмеомада байни мулкдорон зарур аст. Маълумот оиди дараҷаи бозоргирӣ ва қудрати пардохтадокунӣ барои пешгӯии қудрати ширкат дар саривақтии иҷроиши ӯҳдадориҳо зарур аст. Вазъи молиявӣ (финансовое положение -financial position) ин мавҷудияти захираҳои иқтисодии (economic resources) ба ширкат тааллуқ дошта ва тамоми сармояи (equities) ба онҳо муқобилгузашта аст.[3.183]

Аз гуфтаҳои мазкур бар меояд,ки дар низоми фаолияти корхонаву ташкилотҳо,махсусан низоми молиявии он гардиши дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии дуруст ба нақша гирифта шуда таъмини босифати хизматрасониҳои молию пули ба роҳ монда шавад.

**Адабиёт**


1. Бобомуродов П. Х. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012 – 216 саҳ.
2. Каримов Б. Ҳ., Ойев Н. А., Бобиев И. А., Шоймардонов С. Қ. Баҳисобирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016 – 550 саҳ.
3. Раҳимов С. Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Китоби дарсӣ. –Душанбе: «Ирфон», 2016 - 332 саҳ


## БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ АСОСИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои аҳамияти баҳисобгирии муҳосибӣ дар рушди муносибатҳои бозоргонӣ, муайяннамоии ҳолати устувории он дар давраи рақобати шадиди бозор баррасӣ шудааст.



**Вожаҳои калидӣ**: муносибатҳои бозоргонӣ, моликият, бозор, захираҳои моддӣ, пул. фаъолият.


## ACCOUNTANCY IS THE BASIS OF THE DEVELOPMENT OF FINANCIAL CONTEXTS


**Abstract**

This article discusses the importance of considering the development of market relations, the definition of its resistance to intense competition in the market.



**Key words**: market relations, property, market, material resources, money. activity

НАСИРЛОЕВА Соҷида Одилбоевна
Магистрант: 2 - курси ДМИТ, ихтисоси аудит ва ревизия
НАСИРЛОЕВА Соджида Одилбоевна
Магистрант 2-го курса ФЭИТ по специальности Аудит и ревизия
NASIRLOEVA Sojida
Graduate student Second-year Master of Finance and Economics of Tajikistan, specialty: Audit and Auditing.

# ПУЛИ МИЛЛӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОНАНДА
# НАЦИОНАЛЬНАЯ ВАЛЮТА И ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА НЕЕ

**Аннотация**

В статье проводится анализ состояния национальной валюты и влияющих на него факторов. Автор дает характеристику денежно-кредитной политики, выявляет причины падения курса сомони по отношению к иностранным валютам, указывает некоторые способы его предотвращения.

**Ключевые слова**: валюта, национальная валюта, иностранная валюта, курс валюты, денежно-кредитная политика, банковская система, экономический кризис, денежные переводы, покупательная способность.

Баланд бардоштани қурби пули миллӣ дар сиёсати иқтисодии мамлакат яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Бояд қайд намоем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои охир ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Дар баробари ин муваффақиятҳо, низоми бонкӣ ҳам хело тараққӣ намуд, зеро бонкҳо иштирокчии асосии муносибатҳои асъорию қарзӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар шароити имрӯза аксарияти соҳибкорон тавонистанд бо истифода аз муносибатҳои асъорию қарзӣ мавқеъи худро дар бозор ёбанд. Вобаста ба ин чандин нишондиҳандаҳоро оид ба қурби асъори миллӣ ва сиёсати асъории мамлакат овардан мумкин аст.

Асъори хориҷӣ гуноногун буда аз байни онҳо доллари ИМА тавонист, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол қурби худро нисбати асъори миллӣ баланд намояд. Агар аз соли 2009 ва аввалҳои соли 2011 муқоиса намоем, дар бораи вобастагии нарху наво аз қурби асъори хориҷӣ гуфтанием, ки ин вобастагӣ бисёр ночиз аст. Масалан, соли 2009 қурби доллар 27 фоиз боло рафт, вале нарху наво ҳамагӣ 5 фоиз тағйир ёфту халос. Соли 2010 бошад, қурби доллар бетағйир буд, вале нархҳо қариб 10 фоиз боло рафтанд. Ҳамон тавре ки дар боло қайд намудем, болоравии имсолаи нархҳои дохилӣ ба истифодаи боҷҳои иловагии гумрукӣ ҳангоми воридот боиси болоравии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ ва хушксолии бемисл вобастагӣ дорад. Масалан, дар аввали соли 2009 1 доллар ба 3,4556 сомонӣ баробар буд, дар охири ҳамин сол 1 доллар то ба 4,3710 сомонӣ боло рафт, ки он ба қурби асъори миллӣ таъсири калон расонид. Бинобар ин, бисёре аз кишварҳои дунё, аз ҷумла ИМА, бо роҳи паст намудани қурби асъори худ молистеҳсолкунандагони дохилиашонро дастгирӣ мекунанд. Молистеҳсолкунандагони дохилӣ онҳое мебошанд, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил дода, намегузоранд, ки кишварашон аз давлатҳои хориҷӣ вобаста бошад. Ва аз рӯи ҳамин нишондиҳанда метавонанд қурби асъори миллии худро устувор нигоҳ доранд.

Вазъи номуътадили асъори миллӣ боиси баланд шудани сатҳи нархҳо дар бозор мебошад, ки он соли 2011 боиси афзудани фишори таваррум гардида, то андозае ба раванди рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонид.

Дар ин давра қурби пули миллӣ ба вазъи бозори дохилии асъор нисбат ба асъори хориЉӣ тамоюли коҳишёбӣ дошт. Раванди мазкур боиси зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфтани талабот ба асъори хориҷӣ дар бозори дохилии асъор гардид, ки бевосита ба устувории асъори хориҷӣ мусоидат намуд. Вобаста ба ин, қурби расмии сомонӣ нисбати доллари ИМА, ки бештар дар савдои берунаи мамлакат истифода мегардад, шадидан

поин рафт. Агар дар асоси таҳлилҳо аз соли 2011 то инҷониб муқоиса намоем, тағирёби қурб чунин аст. (Нигаред ба ҷадвали 1.)

Ҷадвали 1

| № | Соли 2011 (аввали сол) | Соли 2012 (аввали сол) | тағирот | Соли 2013 (аввали сол) | Соли 2014 (аввали сол) | тағирот | Соли 2015 (аввали сол) | Соли 2016 (аввали сол) | тағирот | Соли 2017 (аввали сол) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | январ | апрел |
| 1. | 4,4029 | 4,7585 | 0,3556 | 4.7639 | 4.7741 | 0,0102 | 5.3074 | 7.1101 | 1,8027 | 7.8762 | 8.4891 |

Аз таҳлили ҷадвали 1 бармеояд, ки дар давоми солҳои сипаригардида тағирёбии қурб бо суръати баланд ба чашм мерасад.

Дар ин замина бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки фаъолияти бонкии кишварро дар самти хизматрасониҳо пурзӯр намоянд. Масалан, дар давоми соли 2011 фаъолияти низоми бонкдории кишвар пеш аз ҳама ба устувории вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ, боло бурдани эътимоди аҳолӣ, рушди маблағгузории дарозмуддат, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва ҷалби сармояи хориҷӣ равона гардид. Дар ин раванд тибқи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи апрели соли 2012 таҳти рақами №78 «Тартиби таъсиси воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо» тасдиқ карда шудааст. Мақсад аз таъсис додани он васеъ намудани доираи фазои ширкаткунандагони муносибатҳои асъорию қарзӣ бахусус, дар минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ мебошад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” оид ба сиёсати молиявию иқтисодӣ ва сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин нигоҳдории рушди муътадили ҳаҷми пул, таъмини фаъолияти солим ва устувори низоми бонкии кишвар барои солҳои 2012 муайян карда шудааст. Аз рӯи ин нишондиҳанда гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои наздик ба туфайли назорати доимии Бонки миллии Тоҷикистон байни иштирокчиёни муносибатҳои асъорию қарзӣ ва дигар амалиётҳои вобаста ба он бояд хубтар шавад.

Чуноне ки маълум аст, ба қурби асъор омилҳои гуногун ҳангоми истифодабарӣ таъсир мерасонанд ва истифодабарандагонро зарур аст, ки дар ин самт ҳангоми истифодаи асъори миллӣ, қурби онро устувор нигоҳ дошта, фаъолияти худро дуруст ба роҳ монанд. Сиёсати асъорӣ қисми ҷудонашавандаи иқтисоди ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун муқаррароти идоракунандаи амалиётҳои асъорӣ фаҳмида мешавад.

Аз рӯи нишондиҳандаҳо гуфтан мумкин аст, ки ба қурби асъори миллӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ба монанди:

- Паст будани истеҳсолоти дохилӣ;
- Меъёрҳои фоизӣ;
- Баланд будани сатҳи нарх;
- Воридоти молҳои ниёзи мардум аз хориҷи мамлакат.

Таҳлили ин шароитҳо дар мисоли маводҳои аниқи (конкрети) ҷумҳурӣ бо муқоиса ба амалиётҳои ташкили бозори асъорӣ ва хулосабарориҳо пешниҳод карда шудааст.

Сиёсати асъории Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо баҳри ташаккули минбаъдаи фаъолияти бозор равона гардидааст, ки он аз таъмини устовории асъори миллӣ шаҳодат медиҳад.

**Аз навиштаҳои боло чунин хулоса бармеояд:**

1. Қурби асъори миллиро ҳифз бояд кард;

2. Эҳтироми асъори миллӣ нисбати асъори хориҷӣ баланд бардошта шавад;

3. Рушди таҳкими низоми бонкӣ бо истифода аз амалиётҳо ба роҳ монда шавад;

4. Меъёрҳои фоизӣ дар амалиётҳо бо асъори миллӣ нисбати асъори хориҷӣ ба танзим даровард шаванд;

5. Назорати доимии хариду фурӯши асъори хориҷӣ ба роҳ монда шавад;

Аз ин лиҳоз, масъалаи интихоби ҳудуди мавқеи асъори хориҷӣ дар ҳамбастагӣ ба дигар меъёрҳои бонкӣ барои комёб шудани фаъолияти босуботи ҳар бонк ва ё ташкилоти қарзӣ муҳим мебошад.

Омӯзише, ки барои баҳодиҳии ҳолати мавқеи асъори миллӣ дар бонкҳои ватанӣ ва сатҳи идоракунии дороиҳои асъорӣ барои маҳдуд намудани таъсири қурб гузаронида мешавад, нишон дод, ки на ҳамаи бонкҳо сиёсати худро ба тамоюлҳои дар шароити кунунӣ ҷойдошта мутобиқ намудаанд. Бо ин мақсад, дар ду санаи ниҳоии давраи нӯҳ моҳи ҳисоботӣ мавқеи воқеии асъории бонкҳо дар маҷмӯъ ва дар алоҳидагӣ таҳқиқ карда шуд, ки он ба рушди таҳкими сиёсати асъорӣ ва қарзӣ мавқеъи намоёнро нишон дод. Агар дар тӯли солҳои 2009-2014 қурби харидории пули миллӣ нисбати доллари амрикоӣ ҳамаги 15% паст шуда бошад (соли 2009-1 дол.=4,14 сомонӣ, аввали соли 2014-1 дол.=4,77 сомонӣ), пас танҳо дар соли 2015 аз январи 2015 то 1 январи 2016 қурби расмии харидории пули миллии мо – сомонӣ нисбат ба асъори серталаби хориҷӣ – доллари амрикоӣ якбора 31,1% паст гардид (1.01.15 - 1 доллар = 5,3 сомонӣ, 1.06.15 1 дол. = 6,26 сомонӣ). Мавриди қайд аст, ки раванди пастшавии қобилияти харидории пули миллӣ на танҳо дар давлати мо, балки солҳои охир дар тамоми давлатҳои ҳамсоя ба назар мерасад. Барои муқоиса, танҳо дар соли 2014 коҳишёбии қурби асъори дигар кишварҳои минтақа низ нисбат ба долари ИМА дида мешавад, масалан, гривнаи Украина 92,6 фоиз, рубли Руссия 71,6 фоиз, тангаи Қазоқистон 19,6 фоиз, рубли Беларус 25,2 фоиз, соми Қирғизистон 19,7 фоиз ва сӯми Ӯзбекистон 10,3 фоиз коҳиш ёфтанд. [3] Сарфи назар аз сатҳи шиддатнокии тағйирёбии қурби асъор дар миқёси ҷаҳонӣ соли 2015 нархи ҷаҳонии 1 унсияи тилло нисбат ба соли 2014-ум 8,4 фоиз, нуқра 17,1 фоиз коҳиш ёфт. Тахмин меравад, ки ин тамоюл ба зиёд будани пешниҳодот нисбат ба талабот дар бозорҳои ҷаҳонӣ вобаста буда, он аз ҳисоби монетизатсия гардидани захираҳои тиллои баъзе кишварҳо, ки дар соли ҳисоботӣ бо мақсади нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ ва таъмини бозори мубодила бо асъори хориҷӣ аз ин имконият истифода намуданд, ба миён омадааст.

Дар давоми соли 2015 қурби пули миллии кишварҳои ИДМ ва Балтика, Хитой ва Туркия, ки ҳамшарикони асосии тиҷоратии кишвари мо ба ҳисоб мераванд, тамоюли коҳишёбӣ дошт. Аз сабаби зиёд гардидани фишорҳои қурбӣ, инчунин бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ аксарияти ин давлатҳо ба татбиқи қурби озоди шинокунанда рӯ оварданд.

Маълумот доир ба сатҳи коҳишёбии қурби пули миллии кишварҳои ИДМ ва Балтика дар диаграммаи № 1 нишон дода шудааст.

**Диаграммаи № 1. Коҳишёбии қурби пули миллии кишварҳои ИДМ ва Балтика дар соли 2015 (бо фоиз)**




Соли 2015 мутобиқи маълумоти Оҷонсии рейтингии «Bloomberg» соли 2015 қурби пулии миллии 24 кишвари рӯ ба тараққӣ нисбат ба солҳои қаблӣ коҳиш ёфтааст ва эҳтимолияти идома ёфтани ин раванд дар соли 2016 пешгӯӣ шудааст. Яке аз омилҳои асосии идома ёфтани раванди мазкур ин берунравии сармоя аз ин кишварҳо ба ҳисоб меравад.

Сабаби асосӣ якбора паст гардидани харидории пули миллии мо нисбати асъори серталаби амрикоӣ ин пеш аз ҳама вазъи сиёсӣ дар арсаи ҷаҳони мебошад. Дар соли 2014 шарики сратегии мо Федератсияи Россия хост мавқеи худро дар майдони сиёсӣ пурқувват намояд ва ба майдони геополитикии яккутба, ки асосан ИМА онро идора мекард, хотима бахшад. Аммо ин сиёсати Россия ба ИМА ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо маъқул нашуд ва ба барномаҳои сиёсӣ ва иқтисодии онҳо халал ворид намуд. Аз ин лиҳоз давлатҳои Ғарб тасмим гирифтанд, ки нисбати Федератсияи Россия таҳримҳои иқтисодӣ (санксия) ҷорӣ намоянд, ва ин бевосита ба иқтисодиёти Россия, ки бе ин ҳам дар ҳолати бӯҳронӣ қарор дорад, таъсири бад расонид. Бо назардошти он ки Россия шарики стратегии давлати мо мебошад, бевосита вазъи иқтисодии ин давлат ба вазъи иқтисодии ҷумҳурии мо низ таъсири худро мерасонад. [1]

Қисми зиёди савдои хориҷии ҷумҳурии мо маҳз бо ҳамин давлат аст (қариб 30 % воридоти молу маҳсулот ба ҷумҳурӣ аз Россия мебошад). Федератсияи Россия таъминкунандаи ҷойи корӣ барои муҳоҷирони мо мебошад (мувофиқи маълумоти Хадамоти федералии муҳоҷирати Федератсияи Россия имрӯз дар ҳудуди ин давлат расман 1000723 муҳоҷири тоҷик ба фаъолияти меҳнатӣ машғул аст, ахбори ғайрирасмӣ бошад, рақами аз ин ҳам калонтар - беш аз 1,5 млн. нафарро нишон медиҳад).

Ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулии аз ин давлат ба ҷумҳурии мо воридшаванда дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии мо қариб ба 50 фоиз мерасад (соли 2014 ба 3,9 млрд. доллари амрикоӣ расид).

Бинобар ин, муташанниҷ шудани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Федеретсияи Россия яке аз сабабҳои асосии паст шудани қобилияти харидории пули миллии мо нисбати асъори хориҷӣ гардид. Мавриди қайд аст, ки дар баробари бекурб шудани асъори мо нисбати доллари амрикоӣ ҳамзамон пули миллии мо дар соли 2014 нисбати рубли Россия 10%

- Функсияи ЧПС, ки барои муаян намудани пардохтҳо аз як қатор аргументҳои "значение1, значение2, ..." истифода менамояд, ҳангоми ворид намудани маълумот иттминон дошта бошед, ки пардохтҳо ва воридотҳои шумо аз рӯи тартиботи дуруст амалӣ карда шудаанд.
- Аргументҳое, ки онҳо катакчаи холӣ, қимати мантиқӣ ва ё ифодаи матнии рақам, ифрдаи хатогиҳо ва ё матн буда, ба адад мудал намудани онҳо ғайриимкон мебошад, инкор карда мешаванд.
  - Агар аргумент массив ва ё иқтибосро ташкил кунад, онгоҳ танҳо адади массив ва ё иқтибос ба инобат гирифта мешавад. Катакчаҳои холӣ, қиматҳои мантиқӣ, матн ва ифодаи хатогиҳо дар массив ва ё иқтибос низ инкор карда мешаванд.

Функсияи стандартии дигари ҷадвали электронии MS Excel ба масъалаи ҳисоб намудани маблағи пардохтҳои даврии қарзҳои кӯтоҳмуддат бахшида шудааст, ки он функсияи стандартии ПЛТ() мебошад. Дар шароити имрӯза қарзҳои истеъмолии кутоҳмуддати дар асоси баланси боқимонда ҳисобшаванда, ки пардохти даврии онро тавассути формулаи *аннуитет* ҳисоб мекунанд, байни мардум серталаб гардидаанд. Дар муассисаҳои молиявӣ барои ҳалли автоматикии ин масъала аз функсияи стандартии ПЛТ()-и барномаи MS Excel истифода менамоянд, ки тарзи татбиқи онро дар мисоли зерин дида мебароем. [3]

Агар маблағи қарзӣ 10000 сомонӣ, меъёри фоизи даврии моҳона 3,5% ва муҳлати қарз 18-давраи ҳисобро ташкил диҳад, онгоҳ мо метавонем онро дар ҷадвали электронии MS Excel ба тavри дар расми зерин овардашуда (Расми 1.) ҳисоб намоем.




| | |
|---|---|
| P | 10000 |
| i | 3,50% |
| t | 18 |

| Moh | Boqi | HP | Hi | Annuit | PP |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 9 592 TJS | 408 TJS | 350 TJS | 758 TJS | |
| 2 | 9 169 TJS | 422 TJS | 336 TJS | 758 TJS | |
| 3 | 8 732 TJS | 437 TJS | 321 TJS | 758 TJS | |
| 4 | 8 280 TJS | 453 TJS | 306 TJS | 758 TJS | |
| 5 | 7 811 TJS | 468 TJS | 290 TJS | 758 TJS | |
| 6 | 7 326 TJS | 485 TJS | 273 TJS | 758 TJS | |
| 7 | 6 825 TJS | 502 TJS | 256 TJS | 758 TJS | |
| 8 | 6 305 TJS | 519 TJS | 239 TJS | 758 TJS | |
| 9 | 5 768 TJS | 537 TJS | 221 TJS | 758 TJS | |
| 10 | 5 212 TJS | 556 TJS | 202 TJS | 758 TJS | |
| 11 | 4 636 TJS | 576 TJS | 182 TJS | 758 TJS | |
| 12 | 4 040 TJS | 596 TJS | 162 TJS | 758 TJS | |
| 13 | 3 423 TJS | 617 TJS | 141 TJS | 758 TJS | |
| 14 | 2 785 TJS | 638 TJS | 120 TJS | 758 TJS | |
| 15 | 2 124 TJS | 661 TJS | 97 TJS | 758 TJS | |
| 16 | 1 440 TJS | 684 TJS | 74 TJS | 758 TJS | |
| 17 | 733 TJS | 708 TJS | 50 TJS | 758 TJS | |
| 18 | -0 TJS | 733 TJS | 26 TJS | 758 TJS | |

**Расми 2. Муаян намудани маблағи даврии қарзҳои истеъмолӣ тавассути функсияи стандартии ПЛТ().**

Дар ин ҷо P - қимати ҷории қарз; i - меъёри фоизи моҳона; t – муҳлати қарз ё шумораи давраҳои пардохтии он; Moh – рақами тартибии моҳҳо ва ё давраҳои пардохт; Boqi – маблағи боқимондаи қарз дар давраҳо; HP – ҳиссаи маблағи асосии қарз, ки дар давраҳои ҳисоб пардохт гардидааст; Hi –ҳиссаи маблағи фоиз, ки дар давраҳои ҳисоб пардохт гардидааст; Annuit – қимати пардохти даврӣ; PP – пардохти пеш аз муҳлат; $_n$ – катакчаи сатри ҷорӣ; $_{n-1}$ – катакчаи як сатр боло.

Ҳамин тариқ, тавассути иваз намудани қимати се тағйирёбандаи асосӣ, яъне P, i, t метавонем натиҷаи муносибро дар вақти кутоҳтарин ва ба таври автоматӣ вобаста ба қимати ин тағйирёбандаҳо ба даст орем. Лекин дар расми овардашуда сутуни PP, яъне пардохти пеш аз муҳлат илова карда шудааст, ки бо он ягон амал иҷро карда нашудааст ва ҳатто нисбати ҷиҳати самаранокии он маълумоти мушаххас низ оварда нашудааст. Бояд қайд кард, ки ҳангоми аз тарафи қарзгиранда пешпардохт гардидани маблағи қарзи асосӣ ё қисме аз он, онгоҳ дар ҷараёни ҳисоб намудани маблағҳои даврии пардохтии давраҳои навбатӣ маблағи пешпардохт ба инобат гирифта шуда, онро аз бузургии дар сутуни Boqi тарҳ менамоем ва пас аз он қимати аннуитетро ҳисоб менамоем, ки дар амал онро дар расми 3 дида мебароем. [4]

Дар мавриди дуруст амалӣ намудани талаботи дар расми 3 овардашуда, натиҷаи аниқро ба даст овардан мумкин аст. Масъалан, дар расми 4 оварда шудааст, ки маблағи қарзӣ 10000 сомонӣ, меъёри фоизи даврии моҳона 3,5% ва муҳлати қарз 18-давраи ҳисобро ташкил медидиҳад ва маблағи пардохти даврии он 758 сомонӣ дар ҳар як давра мебошад.




| Moh | Boqi | HP | Hi | Annuit | PP |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 9 592 TJS | 408 TJS | 350 TJS | 758 TJS | |
| 2 | 9 169 TJS | 422 TJS | 336 TJS | 758 TJS | |
| 3 | 8 732 TJS | 437 TJS | 321 TJS | 758 TJS | |
| 4 | 3 780 TJS | 453 TJS | 306 TJS | 758 TJS | 4 500 TJS |
| 5 | 3 566 TJS | 214 TJS | 132 TJS | 346 TJS | |
| 6 | 3 344 TJS | 221 TJS | 125 TJS | 346 TJS | |
| 7 | 3 115 TJS | 229 TJS | 117 TJS | 346 TJS | |
| 8 | 2 878 TJS | 237 TJS | 109 TJS | 346 TJS | |
| 9 | 2 633 TJS | 245 TJS | 101 TJS | 346 TJS | |
| 10 | 2 379 TJS | 254 TJS | 92 TJS | 346 TJS | |
| 11 | 2 116 TJS | 263 TJS | 83 TJS | 346 TJS | |
| 12 | 1 844 TJS | 272 TJS | 74 TJS | 346 TJS | |
| 13 | 1 563 TJS | 282 TJS | 65 TJS | 346 TJS | |
| 14 | 1 271 TJS | 291 TJS | 55 TJS | 346 TJS | |
| 15 | 970 TJS | 302 TJS | 44 TJS | 346 TJS | |
| 16 | 657 TJS | 312 TJS | 34 TJS | 346 TJS | |
| 17 | 334 TJS | 323 TJS | 23 TJS | 346 TJS | |
| 18 | -0 TJS | 334 TJS | 12 TJS | 346 TJS | |

**Расми 3. Истифодаи функсияи мантиқии Если().**

Лекин ҳангоми амалӣ намудани пардохтҳои даврӣ, дар давраи чоруми тартиби пардохт, мизоҷ боз илова тан 4500 сомониро пешпардохт намудааст ва дар ин асос қимати маблағҳои пардохтии навбатӣ ба таври автоматӣ тағйир ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар моҳи дувоздаҳуми пардохтҳои даврӣ мизоҷ ҳам маблағи пардохти даврӣ ва ҳам маблағи мувозинатии боқимондаро пурра пардохт намудааст, ки дар натиҷа катакчаҳои моҳҳои навбатӣ қимати нулро гирифтаанд, яъне мизоҷ аз ӯҳдадории қарзӣ озод гардидааст.

| | A | B | C | D | E | F | G | H | I |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | | | | | | | | | |
| 3 | | P | 10000 | | | | | | |
| 4 | | i | 3,50% | | | | | | |
| 5 | | t | 18 | | | | | | |
| 6 | | | | Moh | Boqi | HP | Hi | Annuit | PP |
| 7 | | | | 1 | 9 592 TJS | 408 TJS | 350 TJS | 758 TJS | |
| 8 | | | | 2 | 9 169 TJS | 422 TJS | 336 TJS | 758 TJS | |
| 9 | | | | 3 | 8 732 TJS | 437 TJS | 321 TJS | 758 TJS | |
| 10 | | | | 4 | 3 780 TJS | 453 TJS | 306 TJS | 758 TJS | 4 500 TJS |
| 11 | | | | 5 | 3 566 TJS | 214 TJS | 132 TJS | 346 TJS | |
| 12 | | | | 6 | 3 344 TJS | 221 TJS | 125 TJS | 346 TJS | |
| 13 | | | | 7 | 3 115 TJS | 229 TJS | 117 TJS | 346 TJS | |
| 14 | | | | 8 | 2 878 TJS | 237 TJS | 109 TJS | 346 TJS | |
| 15 | | | | 9 | 2 633 TJS | 245 TJS | 101 TJS | 346 TJS | |
| 16 | | | | 10 | 2 379 TJS | 254 TJS | 92 TJS | 346 TJS | |
| 17 | | | | 11 | 2 116 TJS | 263 TJS | 83 TJS | 346 TJS | |
| 18 | | | | 12 | 0 TJS | 272 TJS | 74 TJS | 346 TJS | 1 844 TJS |
| 19 | | | | 13 | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | |
| 20 | | | | 14 | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | |
| 21 | | | | 15 | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | |
| 22 | | | | 16 | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | |
| 23 | | | | 17 | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | |
| 24 | | | | 18 | -0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | 0 TJS | |
| 25 | | | | | | | | | |

**Расми 4. Пешпардохт ва натиҷаи он.**

Ин намуди ҳисобкунии қарзҳои истеъмолӣ дар аксари муассисаҳои молиявии кишвар басо назаррас буда, барои ҳам қарзгиранда ва ҳам қарздиҳанда (дар ҷалби мизоҷон) муфид арзёбӣ мегардад.

Хуллас, усулҳои татбиқи имкониятҳои MS Excel дар ҳалли масъалаҳои молиявӣ

**Адабиёт**


1. Сомонаҳои расмии иттилоотӣ-ҷустуҷӯии глобалӣ.
2. Мирзоахмедов Ф., Воҳидов У.М., Соҳибов Ф.Ҳ., Информатика (Дастури методӣ), Ирфон - Душанбе 2012.
3. Овчаренко Е. К., Ильина О.П., Балыбердин Е. В. Финансово-экономсические расчеты в Excel. 2-е издание. М.: Информационно-издательский дом «Филинъ», 1998.
4. Четыркин Е. М. Методы финансовых и коммерческих расчетов. 2-е изд. М.: Дело Лтд., 1995.


## УСУЛҲОИ ТАТБИҚИ ИМКОНИЯТҲОИ MS EXCEL ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МОЛИЯВӢ

## МЕТОДЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОЗМОЖНОСТИ MS EXCEL В РЕШЕНИЯ ФИНАНСОВЫХ ЗАДАЧ

## METHODS OF USING THE POSSIBILITY OF MS EXCEL IN SOLUTIONS OF FINANCIAL TASKS


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақолаи мазкур ҳисобкуниҳои молиявӣ бо истифода аз формулаҳои математикӣ ва функсияҳои стандартӣ дар муҳити ҷадвали электронии MS Excel дида баромада шудааст. Инчунин дар мақолаи мазкур мисолҳои мушаххас бо истифода аз функсияҳои стандартии молиявии MS Excel ҳалли худро ёфтаанд.



**Калимаҳои калидӣ:** аннуитет, функсияҳои молиявӣ, фоизҳо, қарзи истеъмолӣ, давраи пардохт, барнома.



**Abstract**

This article discusses financial reports using mathematical formulas and standard functions of MS Excel. Also in this article, have been solved specific examples using a standard financial function of MS Excel.



**Key Words**: annuity, financial functions, interest, credits, period of payment, program.

КАРИМОВ Бахромҷон Исматуллоевич
Магистранти курси 2 – юми ихтисоси 1-25010401 – молияи ДМИТ
КАРИМОВ Бахромджон Исматуллоевич
Магистрант 2-го курса специальности
1-25010401 – Финансы ФЭИТ
KARIMOV Bahromjon Ismatulloevich Magister of 2 courses, FEIT,
specialty finance

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# АНАЛИЗ МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ В РЕСПУПБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

В данной статье был проведен анализ макроэкономического положения Республики Таджикистан, который выявил, что Республика Таджикистан находится на стадии развития. Несмотря на то, что в странах Европы и Россия продолжается финансовый кризис, его влияние на экономику Республики Таджикистан незначительно.

В статье доказывается, что на данный момент все важнейшие экономические сферы Республики Таджикистан ведут устойчивую деятельность. Также сопоставление макроэкономических показателей прошлого и нынешнего года выявило их рост.

**Ключевые слова:** бюджет, доходы бюджета, расходы бюджета, бюджетирование, ориентированный на результат, эффективность бюджетных средств, межбюджетные трансферты, дотация.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузорӣ молияи давлатиро мақомотҳои зерин идора менамоянд:

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бонки миллии Тоҷикистон;
- Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ;
- Мақомати иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
- Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Идоракунии молиявиро пеш аз ҳама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти болоии қонунбарор ба амал мебарорад, ки ин Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин тарзи идоракунӣ ҳангоми дида баромадан ва тасдиққунии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи он оиди иҷроиш ҷой дода шудааст. Инчунин, қонунҳоро оиди андозҳо, боҷҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ муқаррар мекунад.

Мақомоти муҳимтарини бавуҷудомадаи идоракунии молия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои он дар ҳукуматҳои маҳаллӣ мебошад.

Идоракунии молиявиро мақомоти ӯҳдадор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ мемонанд.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкилии идоракунии молияи давлатӣ, тартиб додани системаи буҷети гурӯҳбандии он, ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои марказонидашудаи маблағҳои пулиро муайян намуда, муносибатҳои молиявию байни буҷетиро танзим менамоянд.

Қонун ҳамчун накши мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, дигар иштирокчиёни рафти буҷетро дар бобати таҳия, баррасии лоиҳаи буҷет, тасдиқ ва аз болои рафти иҷрои онҳо назорат ва ҷавобгариро барои вайрон кардани

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар менамояд. Қонуни мазкур аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми декабри соли 2002 тахти №77 қабул шудааст, ки он ҳамчун қонун аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми апрели соли 2003 тахти №648 қабул гардидааст.

Новобаста аз идома ёфтани бухрони иктисодию молиявӣ дар Аврупо ва Россия, паст шудани нархи ашёи хому баландшавии нархи озуқаворӣ, таҳлили пешакии нишондиҳандаҳои макроикдисодӣ дар соли 2017 аз рушди воқеии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Маҷмуӣ маҳсулоти дохилӣ истеҳсолшуда дар соли 2017 аз рӯи маълумоти фаврӣ 58,910млрд. сомониро ташкил дода, ки нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2016 бо нархҳои муқоисавӣ 109,4 фоизро ташкил медиҳад. (ё 7 млрд доллари ИМА) бо афзоиши реалии 9,4 фоиз баробар гардида аст, ки нисбати нишондихандаи соли 2015 –10,5 млрд. сомонӣ ё 8,4 фоиз зиёд шудааст.

[1] Идораи молияи давлатӣ соли 2014-2015 Мирбобоев Р.М., Иброҳимов И. Р., Гадоев Ф. И., Ғуломносиров Н.

**Диаграммаи 1.**

**Қиёси афзоиши нишондиҳандаҳои Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешаки дар соли 2015-2017**




2.**Сарчашма:** Конфренсияи илми – амали чумҳурияви дар мавзӯъи самараноки идоракуни молияи давлати дар шароити иқтисоди кушодаи ҶТ.

Рушди иктисодиёт дар бахши махсулоти саноатӣ 4,9 фоиз, маҳсулоти умумии кишоварзӣ 11,6 фоиз, хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ 14,7 фоиз ва гардиши савдои чакана 24,3 фои з чараён гирифт.

Дар Ҷумхури Тоҷикистон соҳаи саноат яке аз соҳаҳо афзалятноки ба ҳисоб рафта нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро ба як меъёр муаян нигоҳ дошта, барои пешрафти иқтисодиёт накши муҳимро мебозад;

Дар чумхурӣ соли 2017 ба маблағи 19173,4 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбати моҳои январ-декабри соли 2015 16,2 афзудааст.

Вазни қиёсии маҳсулоти саноати нисбат ба ММД дар соли 2017 ба 28,3 фоиз баробар гардидааст.

[1]Дар диаграмаи 2 чунин нишон дода шудааст, ки соҳаи саноат соҳаи афзалятноки кишвар ба ҳисоб рафта, нисбати солҳои гузашта хело рушд кардаст.

**Диаграммаи 2.**

**Таносуби суръати рушди соҳаи саноат ва зерсоҳаҳои он дар соли 2015-2017**




**Маҳсулоти умумии кишоварзӣ**

Дар соли 2017 дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ 31577,8 млн. сомониро (бо нархҳои ҷорӣ) ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2015-ум 6,2 фоиз зиёд мебошад.

Вазни қиёсии маҳсулоти кишоварзи нисбат ба ММД дар соли 2017- 58,910 фоизро ташкил намуд.

Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 6,6 фоиз ба соҳаи растанипарварӣ ва 58,3 фоиз ба бахши чорвопарварӣ рост меояд.

Дар ин давра дар сохаи растанипарвари 34623,8 млн. сомони ё 5,4 ва дар сохаи чорвопарварӣ бошад 8954,1 млн. сомонӣ ё 9,2 маҳсулот нисбати соли 2015 зиёд гардидааст.

**Диаграммаи 3**

**Таносуби суръати рушди соҳаи кишоварзӣ ва зерсоҳаҳои он дар моҳҳои январ-декабри соли 2017-2015**

3.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.




4.Идораи молияи давлатӣ соли 2014-2015 Мирбобоев Р.М., Иброҳимов И. Р., Гадоев Ф. И., Ғуломносиров Н.

Дар соли 2017 сармоягузории сармояи асоси аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои сармоягузори 22 млиард сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 - ум 51,2 зиёд гардидааст.

Дар соли 2017 намуди фаъолияти энергетика афзалиятнок ба ҳисоб рафта 98 фоизи ҳаҷми умумии сармоягузориҳои аз худ гардидаро ташкил мекунад. Дар сохтмони иншоотҳои энергетики 38 млрд.сомонӣ нисбат ба соли 2015 9,8 фоиз сармоягузориҳои сармояи асоси аз худ карда шудаанд.

Дар натиҷаи сатҳи таварруми дар соли охир 7,3 фоизро ташкил дода, дар давраи нишондиҳандаи дар дурнамои пебинӣ гардида нишон додашудааст.

Умуман, дар давраи мазкур идомаёбии тамоюли коҳишёбии нархҳои ҷаҳонии мол ва ашёи хом, ки ба ҷумҳурӣ ворид мегардад (бахуус, моводи сӯзишворӣ), ба мутадилии фишорҳои таваррумии марбута мусоидат намуд.

Аммо, аз дигар тараф раванди коҳишёбии воридоти интиқолҳои пулӣ ва дар миқёси ҷаҳон устуворшавии қурби доллари ИМА боиси пастравиҳои қурбӣ ва афзоиши фишорҳои таваррумӣ гардид.[1] Дар натиҷа, омилҳои мазур таъсири худро ба болоравии нархи маҳсулоти воридотӣ, аз ҷумла маҳсулоти асосие ки чандирии талабот ба онҳо нисбатан паст аст (ба монанди орд, равған, моводи шустушӯй ва доруворӣ) расонид. Зеро атрофи 65 фоизи маҳсулоти сабади истеъмолиро маҳсулоти воридшаванда дар бар мегирад.

Мувофиқи баҳодиҳӣ дар 6 маҳи соли равон саҳми афзоиши нархҳои воридотӣ 2,8 банди фоизии таварруми ба вуқуъ омадаро ташкил дод.

5.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.

**Диаграммаи 4.**

**Сатҳи таваррум, индекси нарх ва тарофаҳо дар моҳи сентябри соли 2017 нисбат ба моҳи декабри соли 2015 (%)**




6.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.

Сарфи назар аз ин, дар нимсолаи якуми соли ҷори меъёри таварум 3,6 фоизро ташкил дод (барои маълумот: дар ҳамин давраи соли қабли нишондоди соли мазкур 4,5 фоиз буд), ки ин нишондод асосан аз ҳисоби нархҳои молҳои хӯрокворӣ 2,7 фоиз маводи ғайри хуроквори 7,3 бо фоиз хизматрасонӣ 3,4 бо фоиз ҳосил гардид.

Меъёри солонаи таварум низ раванди пастравӣ дошта, дар интиҳои давра (моҳи июн) 5,5 фоиз расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қабли 1,1 б.ф. кам мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мувофиқи дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои соли 2017 ҳадафи ниҳоии Бонки миллии Таҷикистон нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи то 7,5 фоиз муайян гардидааст. Тибқи таҳлилҳо ва баҳодиҳӣ интизор меравад, ки то охири соли ҷорӣ сатҳи таварруми солона дар доираи нишондиҳандаи пешбини гардида ҷамбаст хоҳад ёфт.[1]

Дар соли 2017 вазни қиёсии содирот ва воридот мутаносибан ба 13,6 фоиз ва 58,5 фоизи ММД рост меояд.

Бахши макрофискали даромади бучети давлатӣ хаҷми умумии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ракамҳои пешакӣ ба ҳолати 1 январи соли 2017 - 100,0 фоиз таъмин ва ба он зиёда аз 11,5 млрд. сомонӣ маблағ ворид гардид, ки он нисбат ба накша 5,0 млн. сомонӣ ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1955,3 млн. сомони зиёд буда, ба 28,4 фоизи ММД баробар мебошад.[2]

**Диаграммаи 5. Тамоюли иҷрои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ дар соли 2016-2017**

---

7.Идораи молияи давлатӣ соли 2014-2015 Мирбобоев Р.М., Иброҳимов И. Р., Гадоев Ф. И., Ғуломносиров Н.

7. Таҷикистон дар рақамҳо, Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.




Аз чумла аз ҳисоби маблағҳои махсус 676,2 млн. сомонӣ, грантҳо 740,7 млн.сомонӣ, қарзҳо барои амали намудани лоиҳаҳои муштараки инвеститсиони 358,5 млн. сомони чалб гардидаанд.

Ичроиши даромади чории Бучети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад 100,0 фоиз ичро гардида, ба он 9,5 млрд. сомонӣ маблағ ворид гардид, ки ин нисбат ба нақша - 4,9 млн. сомонӣ зиёд ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1551,6 млн.сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2016 даромадҳои чории Бучети давлати ба 37,5 фоизи ММД баробар гардидаанд.

Дар соли ҷорӣ аз ҳисоби фаъолияти иқтисодии беруна (Хадамоти гумрук) ба бучет 3215,1 млн. сомонӣ ворид гардид, ки ин 100,5 фоизи нақшро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 496,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби даромадҳои андозии дохилӣ бошад ба бучет 5809,2 млн. сомонӣ маблағ ворид гардид, ки ин ба 100,2 фоизи нақша баробар буда, нисбати нашақ 12,6 млн. сомони ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 915,0 млн. сомони зиёд мебошад.

Маблағгузори аз ҳисоби бучети давлатӣ дар соли ҷорӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бучети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017" ва дар доираи даромадкои воқеии бучет амали гардида, қисми харочоти Бучети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 101 фоиз таъмин ва ба иқтисодиёти кишвар зиёда аз 19,860 млн. сомонӣ равона гардидааст, ки нисбат ба соли 2016 ба маблағи , 1,млард 555млн сомонӣ ё 10,8 фоиз зиёд мебошад ва ҳиссаи он дар ММД ба 37,5 фоиз баробар гардидааст.

Аз чумла маблаггузории секторҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ба андозаи 97,6 фоиз (913,4 млн. сомонӣ), мудофиа - 98,8 фоиз (403,9), мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, - 99,9 фоиз (6515 ҳазар.сомонӣ), маориф - 99,0 фоиз (554685 ҳазор.сомонӣ), тандурустӣ - 98,6 фоиз (215197 ҳазор.сомонӣ), ҳифзи иҷтимоӣ - 96,8 фоиз (35339 ҳазор.сомонӣ), хоҷагии манзилию коммунали - 96,4 фоиз (1583,1 ҳазор.сомонӣ), соҳаи фарҳанг ва варзиш - 98,7 фоиз (288683 ҳазор.сомонӣ), комплекси сузишвории энергетикӣ - 91,7

фоиз (1131,2 млн.сомонӣ), кишоварзӣ 98,7 фоиз (124995 ҳазор.сомонӣ), наклиёт ва коммуникатсия 97,6 фоиз (128417 млн.сомонӣ) таъмин карда шудааст.[1]

Дар соли 2017 меъёри таваррум 6,5 фоизро ташкил намуда, ин нишондиханда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 9,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2017 Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ аз руи афзоиши реалӣ ба андозаи на камтар аз 9,4 фоиз ба маблағи 3млард990 млн. сомонӣ, индекси дефлятор - 8,0 фоиз, меъёрӣ ва қурби миёнаи солонаи асъори миллӣ нисбати 1 доллари амрикои 8,88 сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар соли 2016 бошад Маҷмуи маҳсулоти дохили 53млрд,828млн сомони бо афзоиши реалии 6,5 фоиз ба маблағи 5,08млрд. сомонӣ ва дар соли 2017 бо афзоиши реалии 9,4 фоиз ба маблағи 53млрд,828млн сомони дар назар дошта шудааст.

Дар ин давра меъёри индекси дефлятор дар доираи афзоиши реалии Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ ба инобат гирифта шуда, дар соли 2017-9,4 фоиз ва соли 2016 бошад ба андозаи 6,5 фоиз пешбини гардидааст.

**Адабиёт**.


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №7, 2011.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои соли 2017
3. Оймаҳмадов Г.Н. Молияи корхона (корпаративӣ) / Китоби дарсӣ.- Душанбе: ДМИТ, 2016. - 452с.
4. Идораи молияи давлатӣ соли 2014-2015 Мирбобоев Р.М., Иброҳимов И. Р., Гадоев Ф. И., Ғуломносиров Н.
5. Таҷикистон дар рақамҳо, Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.


## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақолаи зерин таҳлили вазъи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда, маълум карда шудааст, ки дар замони ҷорӣ Ҷумҳурии Тоҷистон дар ҳолати рушд ҷойгир мебошад. Новобаста аз он, ки дар мамлакатҳои Аврупо ва Россия буҳрони молиявӣ идома ёфта истодааст, таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар назаррас мебошад.

Дар мақола исбот карда шудааст, ки айни ҳол тамоми соҳаҳои муҳими иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташонро мустаҳкам бурда истодаанд. Инчунин қиёси нишондиҳандаҳои макроиқтисодии соли зерин нисбат солҳои гузашта оид ба афзоиши онҳо гувоҳӣ медиҳад.



**Вожаҳои калидӣ:** буҷет, даромадҳои буҷет, хароҷоти буҷет, буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда, самаранокии маблағҳои буҷетӣ, трансфертҳои байнибуҷетӣ, дотатсия.


## THE ANALYSIS OF MACROECONOMIC STATE IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Abstract**

In this article the analysis of macroeconomic situation of Republic of Tajikistan were carried out which revealed that Republic of Tajikistan is on a state of development. Despite of the fact that in European countries and Russia the financial crisis is still lasts, it’s influence on Republic of Tajikistan’s economic is small.

In this article is proved that at a current moment all the important economic fields of Republic of Tajikistan are leading a steady activity. Also the comparison of last years and current years macroeconomic indices revealed their growth.


---

8.Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.

**Keywords:** budget, budget revenues, budget expenditures, results-oriented budgeting, efficiency of budget funds, intergovernmental transfers, subsidies.

ИСМОНОВ Эмомалӣ.
магистри курси 2, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси молия
ИСМОНОВ Эмомали.
магистр 2 курса, Финансово-экономического института Таджикистана, специальность финансы
ISMONOV Emomali.
Magister of 2 courses, Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty finance

## БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗИИ МИНТАҚА
## ОЦЕНКА НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕГИОНА

**Аннотация**

В статье раскрыта экономическая сущность налогового потенциала региона, по последовательности предложена модели расчета налогового потенциала региона. Проанализировано следующие методы оценки налогового потенциала региона: с использованием показателей добавленной стоимости; упрощенная; аддитивная.

**Ключевые слова:** налоги, налоговый потенциал, налогообложение, регион, оценка налогового потенциала, методы, местный бюджет.

Солҳои охир дар сатҳи минтақаҳо оиди баҳодиҳӣ ва таҳияи имкониятҳои афзоиши иқтидори андозӣ, ки воридоти андозҳоро дар ҳар як минтақа инъикос менамояд, диққати махсус зоҳир карда мешавад [1].

Иқтидори андозии аксар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз талаботи зарурии сифати некӯаҳволии аҳолиро таъмин накарда, ба талаботи мақомоти ҳокимият мувофиқ намебошад, чунки имкон намедиҳад онҳо вазифаҳои идоракунии худро пурра иҷро намоянд. Чунин вазъият зарурати ҳавасмандкунии афзун намудани иқтидори андозии минтақаҳоро, чун асосии рушди босуръати ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ, ба вуҷуд меорад.

Барои ташкили низоми рушди иқтидори андозии минтақа, баланд бардоштани самаранокии истифодаи он баҳодиҳии ҳамаи селаҳои молиявии минтақа ва таъмини идоракунии бонизоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ зарур мебошад. Бояд қайд кард, ки шароити муосир аҳамияти ҷӯстуҷӯи роҳҳои сифатан нав ва инноватсионии ба рушди иқтидори андозии минтақа таъсиррасонанда меафзояд [2].

Новобаста аз аҳамияти муҳим ва ҳалкунанда доштани иқтидори андозӣ дар ҳалли мушкилоти минтақа, то ҳанӯз манбаи назариявӣ ва амалии усулҳои баҳодиҳии иқтидори андозии минтақа таҳия нашудааст. Сабаби он номукаммал будани таҳлили мушкилот, мавҷуд набудани маҷмӯи тавсияҳои илмӣ мебошад.

Дар шароити муосир бо мақсади идоракунии самараноки захираҳои молиявии минтақаҳо масъалаи баҳодиҳии миқдории имкониятҳо ва иқтидорҳои воқеии минтақаҳо хело муҳим гардидааст. Низоми ватании таҳлилҳо, чун қоида, ба баҳодиҳии нишондиҳандаҳои буҷетӣ асос ёфтааст. Дар низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон модели баҳодиҳии иқтидори андозии минтақа таҳия нагардидааст.

Модели ҳисобкунии иқтидори андозии минтақаро бо пайдарҳамии зерин ташкил намудан мумкин аст [3]:

1. Муайян намудани иқтидори андозӣ: сарчашмаҳои андозӣ ва ғайриандозӣ; ҳаҷми андозҳои ва пардохтҳои ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети маҳаллӣ ҳисобкардашуда.

2. Муайян кардани ҳаҷми маблағҳое, ки дар шакли трансфертҳои байнибуҷетӣ ворид шудаанд.

3. Ҳисобкунии ҳаҷми хароҷоти умумии минтақа мувофиқи ваколатҳои ба он додашуда.

4. Ҳисобкунии афзоиши иқтидори буҷетӣ-андозӣ.

Дар шароити муосир усулҳои сершумори баҳодиҳии иқтидори андозии ин ё он минтақа вуҷуд дорад. Мисол, усули баҳодиҳӣ бо истифодаи нишондиҳандаи арзиши иловашуда; усули соддакардашудаи баҳодиҳии иқтидори андозӣ ва ғайра [4]. Нишондиҳандаи иқтидори андозӣ метавонад на танҳо чун қисми ҷудонашавандаи иқтидори молиявии минтақа, балки чун нишондиҳандаи мустақил низ муҳокима карда шавад.

Ҳамин тавр, усули баҳодиҳии иқтидори андозии минтақа бояд ба таҳлили сохт ва ҳаҷми манбаҳои андоз такя намояд.

Яке аз усулҳои муҳиме, ки имкон медиҳад хусусиятҳои хоси ташкил ва ҷобаҷокунии манбаҳои андоз муайян карда шавад, усули аддитивии (лотинӣ additio илова намудан) баҳодиҳии иқтидори андозӣ ба шумор меравад. Мувофиқи усули мазкур иқтидори андозии ин ё он минтақа ба ҷамъи иқтидорҳои намудҳои алоҳидаи андозҳо баробар аст. Усули аддитивии баҳодиҳии иқтидори андозии минтақа имкон медиҳад имкониятҳои минтақа оиди ҷамъоварии даромадҳои андозӣ дар шароити қонунгузории амалкунанда бо назардошти се омил баҳогузорӣ карда шавад [5]:

- ҳаҷми манбаҳои андозӣ;
- дараҷаи меъёрҳои андозбандӣ;
- ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ.

Ҳамчунин бояд он далел ба инобат гирифта шавад, ки на ҳамаи даромадҳои дар минтақа ҷамъоваришаванда бо мақсади рушди ин минтақа равона карда мешавад. Як қисми ин даромадҳо ба ихтиёри мақомоти давлатии болоӣ дода мешавад. Дар чунин ҳолат бояд на дар хусуси иқтидори андозии минтақа, балки дар хусуси иқтидори андозии буҷетҳои маҳаллӣ сухан ронем. Гузариш аз баҳодиҳии иқтидори андозии минтақа ба баҳодиҳии нишондиҳандаи иқтидори андозии буҷетҳои маҳаллӣ бо истифодаи коэффитсиентҳои тақсимкунии манбаъҳои андозӣ байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, ки дар тақсимкунии андозҳо байни зинаҳои низоми буҷети давлатӣ нишон дода мешавад, сурат мегирад. Формулаи ҳисобкунии иқтидори андозиро аз рӯи намуди алоҳидаи андоз чунин ифода намудан мумкин аст [6]:

$$ИА_i=МА_i \times N_i \times K_{ni} \quad (1)$$

дар ин ҷо,

$ИА_i$ - иқтидори андозии минтақа аз рӯи андоз;

$МА_i$ - манбаи андоз аз рӯи андоз;

Ni - меъёри умумии андоз;

Kin - коэффитсиенти имтиёз ба андоз, ки ҳамчун таносуби ҳаҷми манбаи андозбандишаванда аз андоз i ба ҳаҷми умумии манбаи андоз аз андози мазкур ҳисоб карда мешавад.

Формулаи мазкурро барои ҳисобкунии ҳаҷми иқтидори андозӣ истифода намуда, бояд мафҳуми манбаи андозбандишавандаро аз мафҳуми манбаи андоз фарқ кард. Ҳаҷми манбаи андозбандишаванда оид ба андози мушаххас бо назардошти маблағи имтиёз аз ин андоз ҳисоб карда мешавад. Бо ибораи дигар, ҳаҷми манбаи

андозбандишаванда ҳамчун фарқи байни ҳаҷми манбаи андоз ва маблағи имтиёз, ки мувофиқи санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи андоз ҳисоб карда шудааст, муайян карда мешавад.

Иқтидори андозӣ бошад асосан дар самти танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ мавриди истифода қарор дораду халос [7].

Мувофиқи қонунгузории буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори андозӣ яке аз нишонаҳои пешниҳод намудани кӯмаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ буда, дар самти тадбиқи усулҳои баробаркунии буҷети ноҳияҳо ба сифати нуқтаи ҳалкунанда дониста мешавад.

Нишондиҳандаи иқтидори андозӣ метавонад на танҳо чун қисми ҷудонашавандаи иқтидори молиявии минтақа, балки чун нишондиҳандаи мустақил низ муҳокима карда шавад.

**Адабиёт**


1. Горский И.В. Налоговый потенциал в механизме межбюджетных отношений // Финансы 2014, №6. - С. 27-30.
2. Мешков Р.А., Механизм регулирования налоговой задолженности: формы реализации и показатели эффективности // Налоговая политика и практика. – 2016. - №11. - С. 148-153.
3. Коломиец А.Л. Анализ концептуальных подходов и методов оценки налогового потенциала региона // Налоговый вестник. 2015. №2. - С. 3-6.
4. Гордеев А.В. Методика комплексной оценки деятельности региональных налоговых органов // Налоговая политика и практика. - 2014. - №10. - С. 121-128.
5.. Истомина Н.А., Одинокова Т.Д. Оценка налогового потенциала по бюджетообразующим налогам // Налоговая политика и практика. - 2015. - №1. - С. 214-220.
6. Кадочников П.Р., Луговой О.М. Моделирование динамики налоговых поступлений и оценка налогового потенциала территорий. - М.: ИППП, 2014. – 423 с.
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №9, соли 2012.


## БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗИИ МИНТАҚА


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақола моҳияти иқтисодии иқтидори андозии минтақа шарҳ дода шуда, модели ҳисобкунии иқтидори андозии минтақа бо пайдарҳамӣ пешниҳод карда шудааст. Усулҳои зерини баҳодиҳии иқтидори андозии минтақаҳо таҳлил шудааст: бо истифодаи нишондиҳандаи арзиши иловашуда; соддакардашуда, аддитивӣ.



**Калидвожаҳо:** андоз, иқтидори андозӣ, андозбандӣ, минтақа, баҳодиии иқтидори андозӣ, усулҳо, буҷети маҳаллӣ.


## ESTIMATION OF THE TAX CAPACITY OF THE REGION


**Abstract**

In article is revealed economic essence of the tax potential of the region, on the sequences is offered models of the calculation of the tax potential of the region. Will analyses following methods of the estimation of the tax potential of the region: with use the factors of the added cost; simplified; additive.



**Keywords:** tax, tax potential, taxation, region, estimation of the tax potential, methods, local budget.

**ҚОСИМОВА** Қаламнисо магистри
курси 2-юми ихтисоси молия,
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**КАСИМОВА** Каламнисо магистр
2-го курса, специальность финансы,
Финансово-экономический институт Таджикистана
**QOSIMOVA** Qalamniso master
2-nd year, specialty finance,
Financial and Economic Institute of Tajikistan

# МУАММОҲОИ БА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА САТҲИ ЗИНДАГӢ АЛОҚАМАНД

# ПРОБЛЕМЫ КАСАЮЩИЙСЯ СОЦИАЛЬНОГО ХРАНЕНИЯ И УРОВНЯ ЖИЗНИ

**Аннотация**

В статье анализированы проблемы касающийся социального хранения и уровня жизни. Автор в исследовании темы статьи указывает уровень жизни как социально-экономическую категорию. Автор отмечает, что уровень жизни зависит от теоретической оценки региональной особенности и развития региона.

**Ключевые слова:** уровень жизни, качества жизни, образ жизни, благополучие, бедность, социальное хранения, действующие экономические законы, экономическая категория, экономические закономерности.

Бо бавуҷудоии давлат ва тарзу усули идораи он ҳифзи иҷтимоӣ ва алоқамандии он бо сайтҳои зиндагӣ мавриди омӯзиш ва баррасиҳо қарор гирифтанд.

Ҳамаи давлатҳои ҷаҳони имрӯза новобаста аз модели иҷтимоӣ – иқтисодии инкишофашон як қисми маҷмуи маҳсулоти дохилаашонро ба таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва бо сатҳи муайяни зиндагӣ таъминнамоии онҳо сафарбар намуда, хатарҳои он эҷоднамояндаро ҳадди ақал менамоянд.

Сатҳу дараҷаи фарогирии ҳифзи иҷтимоӣ ва доираи муносибатҳои бо он алоқаманд ҳануз натанҳо дар миқёси давлатҳо, балки дар байни олимони соҳахои гуногуни иқтисодиёт баҳои якхелаи хешро наёфтааст, бинобар ҳамин ҳифзи иҷтимоӣ ва алоқамандии он бо сатҳи зиндагӣ худ муаммаои ҳамаи давру замонҳо маҳсуб меёбад. Ҳамон мусаллам аст, ки доираи фарогирии ҳифзи иҷтимоӣ бо сатҳи зиндагӣ дар хар як давлат пеш аз ҳама аз сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи он ва имконятҳои иқтидори иқтисодии онҳо нисбати ташкилу бараҳмонии ҳифзи иҷтимоӣ аз як тараф вобаста бошад аз тарафи дигар, ба вазъияти демографии дар мамлакат ҷой доштаю зарурриятҳои танзими он алоқаманд аст.[1]

Дар адабиёти илмии иқтисоди баҳсҳо на танҳо нисбати доираи фарогирии ҳифзи иҷтимоӣ, таркиб, сохтор ва шаклҳои баамал барории он, балки нисбати сатҳи зиндагию омилҳои онро муайянкунанда ва ба кадом категория бурда шавандагии он то ба имрӯз идома доранд.

Сатҳи омӯхта будани шаклҳои баамалбарории ҳифзи иҷтимоию ба кадом категорияи бурда шуданашон на танҳои муҳимияти мавзуро инъикос менамояд, балки сатҳи баҳснокии онро нисбати як гушаи ҳаёти ҷамъияти инъикос менамояд.

[1] Оймаҳмадов Г.Н. Автореферат диссертации на тему Региональные проблемы роста уровня жизни населения. Душанбе 1989

**Олимони ҳамаи мактабҳои иқтисодӣ, яъне :**

1. Меркanталистон дар асрҳои XYI – XYII
2. Физократҳо дар асри XYШ
3. Иқтисоди сиёсии классикони англис дар асри XYII - XYШ
4. Иқтисоди сиёсии марксистӣ дар асри - XIX
5. Маржиналлистон дар асри - XIX
6. Неоклассикҳо дар асри - XYШ
7. Кейнсгариён дар асри - XX
8. Монетаристон бо намояндагии Фрейман дар асри - XX[1]

Дар мавриди таҳқиқ ба ин паҳлуи хаёти ҷамъиятӣ эътибори хосе додаанд.

Сатҳи зиндагӣ категорияҳои аз ҷиҳати илми хело таҳқиқ кардашуда аст, бинобар он ба ӯ зиёда аз дусаду панҷоҳ таъриф вобаста ба нуқтаву назар ва самти таҳқиқ пешниҳод шудааст, ки муҳимияти мавзуъро боз як маротиба қайд менамояд.

Як хусусияти таҳқиқи сатҳи зиндагию ҳифзи иҷтимоӣ ба он алоқаманд аст, ки дар ҳар як минтақа вобаста ба сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаю мувофиқати он ба муносибатҳои истеҳсоли – амалӣ Қонунҳои иқтисодии амалкунанда хусусиятҳои зоҳиршавии худро доранд, ки ба сатҳу сифати зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимои таъсири бевоситаи хешро мерасонад, ки бояд мавриди баҳисобгирӣ бошад.

Олимони варзидаи давлатҳои муштараку манофеъ ба монанди И.А. Анчишкин, Н.И, Бузляков, О,Е. Губараева , Е.И.Капустин, В.Ф.Майер, Г.С. Саркиенс, А.О. Орипов, Г.Н. Оймаҳмадов, Т.Х Мирзоев, Ш. Дустбоев, Х.У. Умаров, О.Т. Тошев ва дигарон нисбати мавзуи мазкур таҳқиқотҳои илмиро анҷом дода таклифу пешниҳодҳои судмандии умумиинсони доштаро нисбати кам кардани сатҳи камбизоатӣ пешниҳод кардаанд.

Олимон нисбати сатҳи зиндагӣ ва ба кадом категория мансуб будани он то ба имрӯз баҳси илми худро идома дода истодаанд.

Як гуруҳ ба мисли Н.И. Бузлеков, О.Е. Губорова, бар ақидаан, ки сатҳи зиндагӣ категорияи иқтисодӣ буда бо ҳаҷми истеъмоли шахсӣ муайян карда мешавад.

Қисми зиёди олимони дигар бар ақидаанд, ки сатҳи зиндагӣ категорияи иҷтимоӣ иқтисодӣ буда бо таъмин будани ҳаётгузаронӣ бо хизматрасониҳои иҷтимоию сатҳи қонеъ будани он муайян карда мешавад.

Мо ҳам ба ақидаи олимони гуруҳи дуюм, ки сатҳи зиндагиро ҳамчун категорияҳои иҷтимоӣ иқтисоди эътироф карда ба он баҳо додаанд ҳамроҳ шуда татқиқотҳои хешро идома додани ҳастем.

Паҳлуи иҷтимоии сатҳҳои зандагӣ дастрасии ҳамаи табақаҳои аҳолиро ба таълиму тарбия, тандурустӣ, варзиш, таъмин будани аҳолии қобили меҳнат бо ҷои кор , кам будани сатҳи бекорӣ ва бо воситаҳои рӯзгузаронии ҳадди ақал таъмин будани бекорон, таъмин будани нафақахӯрон бо зиндагии шоиста, дастрасии манзил ба ҳар як оилаи навбунёд ва бо меъёрҳои тиббии байналхалқи муайян кардаи ҳаҷм ва сифати предметҳои истъемолӣ инъикос менамояд.

---

[1]Исмоилов Султонмурод. Таърихи назариёти иқтисодӣ. Душанбе 2008.

Як паҳлуи муҳими баҳсҳоро нисбати категорияи иҷтимоӣ, иқтисоди сатҳи зиндагӣ бо сифати зиндагию, тарзи зиндагӣ ва некуаҳоли алоқаманд карда фаҳмондани онро ҳам дар бар мегирад.

Ба ҳамаи ин муаммоҳо нигоҳ накарда хусусиятҳои ноҳиявии зоҳиршавии сатҳи зиндагӣ пурра омӯхта нашудааст.

Омилҳое, ки сатҳи иҷтимоӣ иқтисодии зиндагиро муайян мекунанд баҳо дода нашудаанд, ба ғайр аз ин нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки муайянкунандаи сатҳи иҷтимоӣ – иқтисодии зиндагӣ ҳастанд баҳо дода нашудаанд. Табақабандии аҳолӣ вобаста ба фарогири бо шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ анҷом дода нашуда, баҳо дода нашудааст.

Муаммои дигаре, ки бо паҳлуи иҷтимоӣ иқтисодии сатҳи зиндагӣ алоқаманд аст, бо он алоқаманд аст, ки онро аз нигоҳи хурд, яъне бо таъмин будани аҳоли бо ҷои кору пардохти бекорпулиҳо ва таъмин будани пиронсоли баҳо медиҳанд, ки аз нигоҳи мо маънои бениҳоят маҳдуд карда нишон додани он мебошад.

Категорияи иҷтимоӣ иқтисодии сатҳи зиндагӣ бо маънои васеъаш сатҳи таъмин будани ҳамаи табақаҳои аҳолиро бо маорифу тандурустӣ , суғуртаи иҷтимоию ҳифзи иҷтимоии дасраст ва бо шуғл фарогирии аҳолии қобили кор мебошад.

Муаммоҳои овардашуда моро ба хулоса овард, ки паҳлуи иҷтимоии иқтисодии сатҳи зиндагӣ бо ҳамаи паҳлуҳои иқтисодиёту ҳаёт гузаронидани инсон алоқаманд буда барои баҳои воқеии илмии он татқиқотҳои илмии самтҳои гуногун дошта бояд анҷом дода шавад.

Мувофиқӣ ақидаи мо таҳқиқоти иҷтимоӣ иқтисоди сатҳи зиндагӣ бо маънои васеъаш зиёдтар ҷавобгӯи ҳалли мушкилотҳои мавзуъ буда метавонад.

**Адабиёт**


1. Исмоилов Султонмурод. Таърихи назариёти иқтисодӣ. Душанбе 2008.
2. Орипов А.О. Уровень жизни населённая в Таджикистан ССР Душанбе 1987
3. Пушкарёва В.М. История финансовой мысли и политики налогов. Москва ИНФРА-М 1996
4. Муртазоев Н.А. Даромадҳои аҳолӣ ва сарчашмаҳои ташакули он. Маҷмӯи осори илмии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ № 2 Душанбе 2000.
5. Мирзоев Т.Х., Дустбоев Ш. Роҳҳои пастнамоии сатҳи камбизоати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2001.
6. Оймаҳмадов Г.Н. Автореферат диссертации на тему Региональные проблемы роста уровня жизни населения. Душанбе 1989.
7. Экономическая теория. Под редакцией Камаева В.Д. Москва ВЛАДКЕ 1999.


## МУАММОҲОИ БА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА САТҲИ ЗИНДАГӢ АЛОҚАМАНД


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақола муаммоҳои ба ҳифзи иҷтимоию сатҳи зиндагӣ алоқаманд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Дар тадқиқи мавзӯъ муаллиф бо онҳое ҳамфикр гардидааст, ки сатҳи зиндагиро ҳамчун категорияи иҷтимоии-иқтисодӣ баҳо додаанд.

Ба муаллиф муяссар шудааст, ки баҳои назариявии хусусияти ноҳиявӣ доштани сатҳи зиндагӣ ва ба инкишофи ноҳия вобаста будани онро пешниҳод намояд.

**Калидвожаҳо**: сатҳи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, тарзи зиндагӣ, некӯаҳволӣ, камбизоатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, қонунҳои иқтисодии амалкунанада, категорияи иқтисодӣ, қонуниятҳои иқтисодӣ,

## PROBLEMS OF CONCERNING SOCIAL STORAGE AND LEVEL OF LIFE

**Abstract**

In the article is analyzed problems related to social storage and living standards. The author in the study of the topic of the article indicates the standard of living as a socio-economic category. The author notes that the standard of living depends on a theoretical evaluation of the regional peculiarity and development of the region.

**Keywords:** standard of living, quality of life, lifestyle, well-being, poverty, social storage, current economic laws, economic category, economic patterns.

**ГАДОЕВ Некруз Чамшедович.**
магистри курси 2, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси молия
**ГАДОЕВ Некруз Джамшедович.**
**магистр 2 курса, Финансово-экономического института Таджикистана, специальность финансы**
**GADOEV Nekruz Jamshedovich.**
Magister of 2 courses, Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty finance

# ТАШКИЛИ НИЗОМИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР БАХШИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОРГАНИЗАЦИЯ ЭЛЕКТРОННОЙ СИСТЕМЫ В СФЕРЕ ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

В статье рассмотрены сущность и значение электронного правительства, обоснована необходимость ее организации и развития в Республике Таджикистан, определены предпосылки возникновения концепции электронного правительства. Автором объяснено порядок использования электронного правительства.

**Ключевые слова:** электронная правительства, обмен информации, финансовые услуги, государственные услуги, цифровой электронный подпись, электронный документ, субъекты обмена электронных документов.

Низоми электронӣ ё ҳукумати электронӣ дар бахши молия - ин низомест, ки дар он маҷмӯи робитаҳо ва ҷараёнҳои ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ дастгирӣ карда шуда, бо технологияҳои иттилоотӣ-компютерии мувофиқ таъмин карда мешавад. Дар зери мафҳуми «ҳукумат» сохти ҳокимияти ҳамаи сатҳҳо фаҳмида мешавад: аз ҳукумат, вазоратҳо то маъмурияти маҳаллии ҳокимият.

Ташкили ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои бо ҳам алоқаманди зеринро дар бар мегирад [1]:

- беҳтар намудани таъсири тарафайн дар дохили худи системаи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар асоси гардиши беқоғази ҳуҷҷатҳо;
- таъмини иҷрои аксари вазифаҳои идоракунии давлатӣ, ки барои робитаи тарафайни дастгоҳи давлат бо субъектҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, нигаронида шудааст.

Иҷрои самараноки вазифаҳое, ки дар Барномаи «Ташкил ва рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян шудааст, дар навбати аввал мавҷудияти системаи рушдкардаи мубодилаи иттилоотро байни ҳамаи субъектҳои давлат (мақомоти ҳокимияти давлатӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва ё шахсони воқеӣ) пешбинӣ менамояд.

Натиҷаҳои татбиқи барномаи мазкур ба беҳтар намудани сифат ва маҳдуд кардани муҳлати пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо, таъмини дастрасӣ ба манбаи иттилоотии мақомоти давлатӣ, бо назардошти такмил додани системаи маъмурӣ, дар оянда ташкил кардани дастгоҳи давлатиро оварда мерасонад.

Мафҳуми «ҳукумати электронӣ» аз калимаи англисии «Electronic Government» или «e-government» гирифта шуда, бо якчанд маъно истифода мешавад, аз ҷумла, ҳамчун - идоракунӣ ва ё идоракунӣ чун амал ё ҷараён. Мафҳуми «ҳукумати электронӣ» маҳз бо чунин маъно истифода бурда мешавад. «E-government» ҳамчун «истифодабарӣ» (шабакаи Интернет), «усул» (пешниҳод намудани иттилоот ва хизматрасонӣ), «таъмин кардан» (дастрасӣ ба иттилоот ва хизматрасонӣ) истифода мегардад [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми созмон додан ва истифода бурдани имзои электронии рақамӣ дар ҷараёни ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар шакли инъикоси электронӣ тавассути системаи иттилоотии автоматикунонидашуда ва телекоммуникатсионӣ, воситаҳои барномавию техникӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим медарорад.

Давлат дар шахси мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқукии хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар соҳаи имзои электронии рақамӣ ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Муносибат байни субъектҳо дар соҳаи муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути шартномаҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад.

Дар замони муосир истилоҳи «e-Government» ҳамчун мафҳуми байналмилалӣ қабул шудааст ва истифодаи васеи он дар ҳама давлатҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад. Мафҳуми «e-Government» хусусияти пайдоиши америкоӣ дорад. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соли 1997 фонди Миллии илмӣ дар доираи барномаҳои оид ба таҳлили истифодабарии технологияи нав, бо мақсади баланд бардоштани кори маъмурияти федералӣ, ташкил карда шуд ва аввалин маротиба мафҳуми «ҳукумати рақамӣ» (digital government), ки дар охир ба моҳияти «ҳукумати электронӣ» (e-Government) иваз шуд, истифода гардидааст. Дар баъзе адабиётҳои иқтисодӣ ва техникӣ ба ғайр аз истилоҳи «ҳукумати электронӣ» метавон боз бо истилоҳи «ҳокимияти рақамӣ» вохурд.

Ҳукумати электронӣ дар маънои маҳдуд истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар фаъолияти мақомоти давлатӣ (дар расонидани хизмат ба аҳолӣ ва тиҷорат, ташкили хариди давлатӣ, ба амал овардани амалиёти молиявӣ, бадасторӣ ва пешниҳоди ахборот), нишон медиҳад.

Ҳукумати электронӣ дар маънои васеъ ҳамчун ҷараёни тағйирёбии ҳамкории дохилӣ ва берунӣ дар низоми идоракунии давлатӣ дар натиҷаи воридкунии воситаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ бо мақсади мувофиқгардонии идоракунӣ, хуб кардани сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ ва таъминоти ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон, фаҳмида мешавад.

Моҳияти маҳдуди истилоҳи «ҳукумати электронӣ» ба доираи зиёди вазифаҳои таҷрибан истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ, ҷавоб медиҳад. Муайянкунии монандии истифодаи васеъ дар барномаҳо ва лоиҳаҳо рушди ҳукумати электронӣ, масъалаи асосӣ дар воридкунии технологияи

иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва тиҷорат, мебошад.

Ҳукумати электронӣ ба ғайр аз воридкунии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, дигар чизе нест. Ин пеш аз ҳама ҳамчун консепсияи нави идоракунии давлатӣ мебошад, ки тағйирёбии мутақобилаи байни давлат ва ҷамъият буда, реинжиниринги ҷараёни идоракуниро дар сохторҳои давлатӣ, навкунӣ бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва усулҳои ба амал овардани вазифаҳои давлатӣ, тараққиёти асоси демократии идоракунии давлат, таъмини принсипҳои кушод ва ҷамъияти зери ҳисоб қарор додштаро дар бар мегирад [3].

Манфиати ин консепсияи ҳукумати электронӣ дар гузариш ба шакли нави мутақобила дар низоми идоракунии давлатӣ, ба ташкили устуворӣ, тамоюл ба донишҳо, тағйирёбии принсипҳои дохилии кори сохтори ҳукумат мебошад. Ҳамчунин, аз нуқтаи назари реинжинирингӣ ҷараёни қабул ва истифодаи ҳалли мақомотҳои ҳукуматӣ вазифаи асосии ҳукумати электрониро метавон чунин тавсиф кард: «Гузариш аз модели идоракунии бюрократӣ ба омӯзиши модели ташкили идоракунии мақомотҳои идоракунии давлатӣ».

Ба принсипҳои калидӣ дар доираи ҳукумати электронӣ инҳо дохил шуда метавонанд:

- афзоиш хизматрасониҳои давлатӣ бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, тамоюли зиёд шудани хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагон;
- васеъкунии дастрасии иттилоот ва хизматрасониҳои давлатӣ;
- ҳамроҳ шудани аҳолӣ ба ҷараёни идоракунии давлатӣ;
- истифодаи самараноки иттилоот бо мақсади афзоиш додани сифати идоракунии давлатӣ.

Асосҳои консептуалии ҳукумати электронӣ дар раванди тараққиёти он кӯшода мешавад. Маҷмӯи ин равандҳо механизми коркарди принсипҳои ҳукумати электрониро муайян мекунанд. Яке аз олимони машҳури англис Ричард Хикс се раванди асосии рушди ҳукумати электрониро нишон додаст: идораи электронӣ, сатҳи ҳамкории электронӣ бо шаҳрвандон, инчунин рушди ҷамъияти иттилоотӣ.

Ҷадвали 1.

Заминаҳои пайдоиши консепсияи ҳукумати электронӣ

| **Гурӯҳҳо** | **Заминаҳо** |
|---|---|
| Иқтисодӣ | Рушди талабот ба хизматрасониҳои сектрои давлатӣ ва мушкилшавии мушкилот ҳангоми дар як вақт баландравии талабот ба муайяният ва сифати ҳалномаи он<br>Маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва инсонӣ, ки муайянкунандаи ғайриимкони ҳалли муаммоҳои идоракунии қобилияти пешина (куҳан) |
| Иҷтимоӣ | Баамалоии демократӣ, рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ ва иттилоотӣ<br>Норозигии шаҳрвандон аз натиҷаи кори сохтори ҳукуматӣ ва талаби ба паландбардории самаранокии онҳо |
| Технологӣ | Пайдоиш ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуниктсионӣ (аз он ҷумла, технологияҳои маҳворавӣ) |

*Шартҳои эътирофи баробарии имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷатҳои электронӣ ба имзои дастӣ дар ҳуҷҷатҳои ҳомили қогазӣ.* Имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба имзои дастӣ дар ҳуҷҷати ҳомили қоғазӣ ҳангоми иҷро гардидани шартҳои зерин баробар дониста меашвад:

- сертификати калиди имзои электронии рақамӣ марбут ба ҳамин имзои электронии рақамӣ эътибори худро гум накардааст;
- аслӣ будани имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ тасдиқ карда шудааст;

- имзои электронии рақамӣ дар муносибатҳое истифода бурда мешавад, ки дар онҳо дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мебошад.

Истифодабарандаи системаи иттилоотӣ метавонад соҳиби чандин сертификатҳои калиди имзои дорои аҳамияти ҳуқуқии баробар ё мухталиф бошад ва ин ба имконияти ҳуқуқии соҳиби он дар муносибатҳое, ки истифода бурда мешаванд, вобаста аст. Маълумоти зарурӣ оид ба аҳамияти ҳуқуқии истифодаи ҳар як имзои электронии рақамӣ дар сертификатҳои дахлдори калиди имзо инъикос карда мешавад.

*Воситаҳои имзои электронии рақамӣ.* Созмон додани калидҳои имзои электронии рақамӣ дар системаи иттилооти истифодаи умум аз ҷониби иштирокчии он ё ҳангоми муроҷиати ӯ аз ҷониби маркази тасдиққунанда дар системаи корпоративии иттилоотӣ тибқи тартибе, ки ҳамин система муқаррар намудааст, амалӣ мегардад.

Ҳангоми созмон додани калидҳои имзои электронии рақамӣ барои истифода дар системаи иттилоотии истифодаи умум бояд танҳо воситаҳои сертификатсияшудаи имзои электронии рақамӣ истифода бурда шавад. Ҷуброни зарар, ки вобаста ба созмон додани калидҳои имзои электронии рақамӣ бо воситаҳои сертификатсиянашудаи имзои электронии рақамӣ расонида шудааст, бояд мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи созмондиҳанда ва паҳнкунандаи ин воситаҳо гузошта шавад.

Истифодаи воситаҳои сертификатсиянашудаи имзои электронии рақамӣ ва калидҳои имзои электронии рақамии созмондодаи онҳо дар системаи корпоративии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода намешавад.

Сертификатонии воситаҳои имзои электронии рақамӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Воситаҳои имзои электронии рақамӣ ҳамчун воситаҳои рамзгузории иттилоот ба ҳисоб мераванд ва бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман сертификатонида шаванд.

Воситаҳои имзои электронии рақамӣ бояд инҳоро таъмин кунанд :

- нодирии калидҳои созмондодаи пӯшида ва кушода;
- мураккабии дахлдори ҳисобкушоҳ ва муайян намудани калиди пӯшида ва имзои электронӣ;
- махфияти калиди имзои пӯшида;
- калиди кушодаи имзои электронии рақамӣ;
- номгӯи воситаҳои имзои электронии рақамӣ, ки бо онҳо ҳамин калиди кӯшодаи имзои электронии рақамӣ истифода бурда мешавад;
- ном ва маҳалли ҷойгиршавии маркази тасдиққунанда, ки сертификати калиди имзоро додааст;
- маълумот дар бораи муносибатҳое, ки ҳангоми иҷрои онҳо ҳуҷҷати электронӣ бо имзои электронии рақамӣ дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мебошад.

Ҳангоми зарурат дар сертификати калиди имзои электронии рақамӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда мансаб (бо зикри ном ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилоте, ки дар он чунин мансаб муқаррар гардидааст) ва тахассуси соҳиби сертификати калиди имзо, инчунин дар асоси аризаи ӯ дар шакли хаттӣ дигар маълумоте, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ карда мешаванд, зикр мегарданд.

Санҷиши аслӣ будани имзои электронии рақамӣ. Санҷиши аслӣ будани имзои электронии рақамӣ тавассути воситаҳои сертификатсияшудаи имзои электронии рақамӣ бо истифодаи сертификати калиди кушодаи таҳиякунанда, ки ҳуҷҷати электрониро имзо намудааст, анҷом дода мешавад.

Калидҳои пӯшида ва кушодаи имзои электронии рақамӣ. Калидҳои пӯшида ва кушодаи имзои электронии рақамӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ таъсис дода мешавад.

Шахси воқеӣ калиди пӯшида ва кушодаро бо истифодаи воситаҳои имзои электронии рақамӣ мустақилона созмон медиҳад. Созмон додани калиди пӯшида ва калиди кушодаи ба он марбут дар як вақт анҷом дода мешавад.

Шахси воқеӣ метавонад соҳиби ҳама гуна миқдори калидҳои пӯшида ё кушодаи имзои электронии рақамӣ бошад. Калиди пӯшидаи имзои электронии рақамӣ танҳо аз ҷониби соҳиби он, тавре, ки дастрасии он ба дигар шахс истисно гардад, нигоҳ дошта ва истифода бурда мешавад. Калиди кушодаи имзои электронии рақамӣ дар маркази тасдиқкунанда нигоҳ дошта мешавад ва барои ҳамаи субъектҳои муомилоти электронии ҳуҷҷатӣ дастрас мебошад.

**Адабиёт**

1.Консепсияи ташкили ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011. №643.

2.Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2004. №468.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №7, 2007.

**ТАШКИЛИ НИЗОМИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР БАХШИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақола моҳият ва аҳамияти ҳукумати электронӣ муҳокима шуда, зарурати ташкил ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, заминаҳои пайдоиши консепсияи ҳукумати электронӣ муайян карда шудааст. Муаллиф тартиби истифодаи имзои электронии рақамиро фаҳмонидааст.

**Вожаҳои калидӣ:** ҳукумати электронӣ, мубодилаи иттилоотӣ, хизматрасониҳои молиявӣ, хизматрасониҳои давлатӣ, имзои электронии рақамӣ, ҳуҷҷати электронӣ, субъектҳои муомилоти электронии ҳуҷҷатӣ.

**ORGANIZATION OF THE ELECTRONIC SYSTEM IN THE SPHERE OF FINANCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN Abstract**

The essence and importance of e-government are considered in the article, the necessity of its organization and development in the Republic of Tajikistan is substantiated, the preconditions for the emergence of the concept of e-government are determined. The author explains the use of e-government.

**Key words:** electronic government, information exchange, financial services, government services, digital electronic signature, electronic document, subjects of electronic documents exchange.

**МАВЗУНАИ** Олимхон
Магистранти курси 2-юми
ихтисоси 1-25010401-Молияи
шуъбаи Магистрантураи ДМИТ
**МАВЗУНАИ** Олимхон
Магистрант 2-го курса спец.1-25010401-
Финансы ФЭИТ
**MAVZUNAI** Olimkhom Magister of 2 courses.
FEIT specialty finance

## НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДӢ

## РОЛЬ ИНВЕСТИЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ СТОЙКОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

**Аннотация**

В статье анализирована роль инвестиции в обеспечении экономического развития,

возможность привлечения внешних инвестиций в Республике Таджикистан и инвестиционные показатели в экономике Республики Таджикистан в основе статистических информаций и нормативно-правовых актов.

**Ключевые слова:** инвестиции, внешние инвестиции, инвестиционный климат, экономика, финансовые ресурсы, дополнительные финансовые ресурсы, рыночная экономика.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ сармоягузориҳои хориҷӣ ба сифати сарчашмаи иловагии маблағгузориҳои ба иқтисодиёти кишвар, васеъшавӣ ва азхудкунии истеҳсоли шаклҳои нави молу хадамот, мукаммалгардонии технология, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок баромад мекунанд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 талаб менамояд, ки захираҳои молиявии гуногун аз ҷумла сармоягузориҳо самаранок истифода бурда шаванд. Ин моро водор менамояд, ки манбаъҳои молиявии иловагиро дар шакли сармоягузориҳои мустақим ва ғайримустақимро ҷалб намоем[1].

Таҷриба ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки тамоми кишварҳои пешрафта маҳз бо ташкил намудани фазои сармоягузории мусоид ва ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба сенменти муайяни бозори ҷаҳонӣ соҳиб гардида рақобатпазирии молҳои тавлидотиро дар асоси истифода аз инноватсия таъмин намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, тағйир ёфтани вазъи иқтисодии шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бамаротиб зиёд гардидани фишорҳои қурбӣ ба пули миллӣ то андозае ба иқлими сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфи расони.

**Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016.**




[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Чумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.

2.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: 2017.

Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007-2016, 7 млрд. 513,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз онҳо 3 млрд. 318,7 млн. долл. ИМА сармоягузориҳои мустақим, 4 млрд. 193,1 млн. долл. ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ва 1,8 млн. долл. ИМА-ро сармоягузории портфелӣ мебошанд (график №1)

Дар соли 2016 бошад, воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ 842,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 434,2 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим, 408,4 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ва 47 ҳаз. доллари ИМА сармоягузории портфелӣ (ҷомадонӣ) мебошанд (диаграмма №1).

**Диаграмма №1**

**Сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016[1]**




Зимнан бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 135,2 млн. доллари ИМА коҳиш ёфтааст.

Тибқи моделҳои инкишофи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардида, ҳиссаи саноат дар истеҳсоли ММД бояд 5,1 маротиба афзун гардида, маблағи 29-31 миллиард сомониро ташкил диҳад. Барои расидан ба ҳадафи мазкур зарур аст, ки аз усулҳои экстенсивӣ ва интенсивии таъмини раванди такрористеҳсол бо назардошти баҳисобгирии имконияти захираҳои молиявии дохила ва таъмини шароити мусоди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ истифода бурда шавад. Ин нуқта дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои милат Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ садо дода буд, ки қайд намуда буданд: нақши муҳимро

[1]Идораи молияи давлатӣ соли 2014-2015 Мирбобоев Р.М., Иброҳимов И. Р., Гадоев Ф. И., Ғуломносиров Н.

дар таҳкими иқтидори истеҳсолии мамлакат, такмили сиёсати саромоягузорӣ мебозад. Бе ҷалби сармоягузориҳо басо мушкил хоҳанд буд, ҳалли масоили афзоиши суръати рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ, таъмини аҳолии ниёзманд бо ҷойҳои корӣ, ташкили корхонаҳои нави саноатӣ ва коркарди ашёи хом то зинаи табдили он ба маҳсулоти тайёр.

Қайд кардан ба маврид аст, ки сармоягузориҳои хориҷӣ метавонанд бо роҳи ташкили корхонаҳои муштарак ва корхонаҳое, ки пурра ба инвеститсияҳои хориҷӣ тааллуқ доранд, ҷойҳои нави кориро таъмин кунанд, маҳсулот истеҳсол намоянд, ба буҷет андоз супоранд ва бо ҳамин воридшавии даромадҳои пулии лозимаро ба буҷет таъмин намоянд. Ин даромадҳоро давлат дар навбати худ метавонад барои субсидиякунонии соҳаҳои содиротӣ равона кунад. Инкишофи соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда воридоти асъорро таъмин намуда, ба тавозуни пардохт таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамаи ин комилан имконпазир буда, ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад, яъне ба мақсади ниҳоии сиёсати иқтисодии давлат - таъминнамоии ҳифзи иҷтимоӣ, сатҳи баланди некӯаҳволии халқ ва устувории иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ.- 2007.- №4
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Чумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.
3. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои милат Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ
4. Лоиҳаи «Дастгирии ҳамоҳангсозии самараноки миллӣ ва мониторинги кӯмаки беруна»
5. «Сузуки М., Саидмуродов Л.Ҳ. Солиев А.А. Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ. –Душанбе, «Деваштич», 2007
6. Тағоев Ҷ.Ҳ., Мирсаидов М.Н., Сафаров А.А. Фаъолияти сармоягузорӣ, маводҳои конфронси ҷумҳуриявӣ Кулоб-2016.


## НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДӢ


**Тавзеҳи мухтасар**

Муаллиф дар мақола кушиш намудааст, ки нақши сармоягузориҳоро дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, имкониятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои сармоягузориҳоро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси маълумотҳои оморӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ таҳлил намояд.



***Калидвожаҳо:*** ***с***армоягузориҳо, сармоягузориҳои хориҷӣ, иқлими сармоягузорӣ, иқтисодиёт, захираҳои молиявӣ, захираҳои иловагии молиявӣ, иқтисоди бозорӣ.


## THE ROLE OF INVESTMENT IN ENSURING SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT


**Abstract**

In the article is analyzed the role of investment in ensuring economic development, the possibility of attracting foreign investment in the Republic of Tajikistan and investment indicators in the economy of the Republic of Tajikistan in the basis of statistical information and regulatory legal acts.



**Keywords:** investment, external investment, investment climate, economy, financial resources, additional financial resources, market economy.

**БУХОРИЕВ М.Ҳ.**
**ассистенти кафедраи муносибатҳои**
**молиявӣ қарзии байналхалқии**
**Донишкадаи молия ва иқтисоди**
**Тоҷикистон**

# БАРАСИИ ДАРОМАД АЗ ФУРӮШ ВА ДИГАР НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА ТИБҚИ СБҲМ

## АНАЛИЗ ВЫРУЧКИ И ДРУГИХ ФИНАНСОВЫХ РЕЗУЛЬТАТОВ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЯ СОГЛАСНО МСФО

**Аннотация**

В статье рассмотрены теоретические аспекты анализа доходов от продаж и других источников дохода. Также исследуются расспределение дохода между субъектами хозяствования и основные формы дохода от продажи ценных бумаг, которые в данный момент соответствуют всем требованиям рыночной экономики. С изучением доходов от продажи, ее интеграции, реализации трудностей экономических отношений, ее можно эффективно управлять, чтобы обеспечить устойчивый экономический рост.

*Ключевые слова:* дивиденд от акции, денежные средства от продажи, доход, инвестиция, реальная цена.

Маблағи фурӯш ва фоида – нишондиҳандаҳои асосии натиҷаи ниҳойии фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботӣ мебошанд. Дар бунёдшавии натиҷаҳои молиявӣ даромад аз фаъолияти амалиётӣ (маблағи фурӯш) саҳми муҳим дорад. Корхонаҳо инчунин аз фаъолияти ғайриамалиётӣ низ даромад гирифта метавонанд, ки дигар даромадҳо ном доранд.

Принсипҳои байналмилалии тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ даромадҳои корхонаҳоро ба маблағи фурӯш ва дигар даромадҳо ҷудо мекунанд. Ба таври умумӣ даромадҳо афзуншавии арзиши дороиҳо, ё камшавии уҳдадориҳо, ё ҳамҷоягии ҳар дуи инҳоро, ки ба афзуншавии сармояи корхона, новобаста аз гузоришҳои соҳибони вай ва илова бар он меоранд, ифода мекунанд [4, с. 292].

Бо мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ эътироф кардан манбаъи гирифтани маблағи фурӯши ширкат муайян карда мешавад, лаҳзаи эътирофи он ҳамто (идентификатсия) карда мешавад, усулҳои дурусти баҳисобгирии маблағи фурӯш барои дар ҳисоботи молиявии ширкат инъикоскунии вай истифода бояд шаванд.

Барои баҳисобгирии маблағи фурӯш барои амалиётҳои фурӯши молҳо, адокунии хизматҳо ва истифодабарии дороиҳои ширкат аз ҷониби дигар шахсон, ки фоизҳо, пардохтҳои литсензиявӣ ва дивидендҳо меоранд, мафҳуми даромад истифода мешавад.

Хизматҳо метавонанд дар давоми зиёда аз як давра адо карда шаванд, масалан, аз рӯи шартномаҳои паймонкорӣ (пудратӣ) [4, с. 293].

Фоизҳо гуфта, дар ин маврид пардохт барои истифодабарии воситаҳои пулии ширкат ё ҳамарзишҳои онҳо фаҳмида мешавад; пардохтҳои литсензиявӣ (иҷозатномавӣ) – пардохт барои истифодабарии дороиҳои дарозмуҳлати ширкат (ҳуқуқҳои муалифӣ, патентҳо, нишони молӣ, таъминоти барномавии компютерӣ ва ғайра); дивидендҳо – маблағи фоидаи дар байни соҳибони сармояи саҳмиявии ширкат мутаносибан бар иштироки онҳо дар сармоя тақсимшуда мебошад. Бояд қайд кард, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дивидендҳо - ҳама гуна тақсимоти восита ё молу мулки шахси ҳуқуқӣ байни иштирокчиёни (саҳмдорони) он, ба истиснои даромади дар шакли саҳмияҳои худро дар байни саҳмдорон тақсим намудани шахси ҳуқуқӣ-эмитент бадастовардаи иштирокчӣ (саҳмдор), ки он

(тақсимот) таносуби фоизии (ҳиссаи) саҳмияҳои саҳмдоронро дар сармояи саҳҳомии (шарикии) шахси ҳуқуқӣ-эмитент тағйир намедиҳад, мебошанд, аз ҷумла [4, с. 293]:

- даромаде, ки саҳмдор (иштирокчӣ) аз шахси ҳуқуқӣ - эмитент ҳангоми тақсимоти фоидаи ҳарсолаи баъди андозбандӣ боқимонда мутаносибан ба миқдори (ҳиссаҳои) саҳмияҳои саҳмдор дар сармояи оинномавии (саҳҳомии, ҷамъшавандаи) ин шахси ҳуқуқӣ гирифтааст;

- суди саҳмияе (дивиденде), ки саҳмдор (иштирокчӣ) таҳти дигар пардохтҳои пардапӯшшуда гирифтааст;

- даромаде, ки саҳмдор (иштирокчӣ) аз тақсими маблағ ва молу мулк тибқи тартиби аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ - эмитент харидани саҳмияҳои худ гирифтааст ва даромаде, ки саҳмдор (иштирокчӣ) аз

тақсими молу мулки шахси ҳуқуқӣ ҳангоми барҳамдиҳӣ гирифтааст, бо тарҳи (дар ҳарду маврид) арзиши молу мулке (саҳмияҳое), ки муассис дар шакли саҳм ба сармояи оинномавӣ (сармояи саҳҳомӣ) гузаронидааст[1].

Даромад чун унсури ҳисобот оид ба фоида ё зарар афзоиши нафъҳои иқтисодиро дар давраи ҳисоботӣ ифода мекунад, ки дар шакли воридшавии дороиҳо ё камшавии ӯҳдадориҳо ба миён омада, ба афзуншавии сармояи бо гузоришҳои соҳибмулкон алоқаманд набуда меоварад.

Бахши муҳими даромади корхона - даромад аз фаъолияти амалиётӣ (асосӣ) мебошад, ки дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз фурӯши молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ба даст меояд. Корхонаҳои истеҳсолӣ инчунин аз фаъолияти ғайриамалиётӣ (сармоягузорӣ, молиявӣ) низ даромад гирифта метавонанд (чун фоизҳо, дивидендҳо).

Даромадҳое, ки аз фаъолияти асосии корхона ба миён омада, вале аз даромади фурӯш фарқ мекунанд (даромад аз иҷораи амалиётӣ, даромад аз пардохтҳои иҷозатномавӣ, ҷаримаҳо, пеняҳо ва ноустуворахои вобаста ба фаъолияти амалиётӣ гирифташуда ва ғ.) чун дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ ҳисобида мешаванд [5, с. 496].

Агар амалиёти оварандаи фоизҳо ва дивидендҳо чун фаъолияти асосии корхона бошанд, пас даромадҳо аз ин амалиёт чун даромад аз фаъолияти амалиётӣ ҳисобида мешаванд. Дар акси ҳол онҳо даромад аз фаъолияти ғайриамалиётӣ мебошанд.

Ба даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ инчунин даромадҳои аз фарқҳои қурбии дар натиҷаи фаъолияти ғайриасосӣ бамиёномада, даромадҳо аз ивазкунии асъор, даромадҳо аз хориҷшавии дороиҳои ғайриҷорӣ низ мансуб донистa мешаванд.

Маблағҳои аз номи дигар ҷонибҳо гирифташуда (андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), аксизҳо, маблағҳои ҳангоми амалиёти миёнаравӣ гирифташаванда) аз даромади фурӯш тарҳ карда мешаванд. Дар

мавриди фаъолияти миёнаравӣ бурдан фақат маблағҳои подоши комиссионии гирифтаи корхона чун даромад ҳисобида мешаванд [5, с. 36].

Хароҷот чун унсури ҳисобот оид ба фоида ё зарар камшавии нафъҳои иқтисодиро дар давоми давраи ҳисоботӣ ифода мекунад, ки дар шакли хориҷшавии дороиҳо ё зиёдшавии ӯҳдадориҳо ба миён омада, ба камшавии сармояи ба тақсимот дар байни соҳибмулкон алоқаманд набуда меоварад.

Хароҷоти корхона аз хароҷоти амалиётӣ (фаъолияти асосӣ) ва хароҷоти ғайриамалиётӣ иборат аст.

Хароҷоти амалиётӣ инҳоро дар бар мегирад [5, с. 37]:

- арзиши аслии фурӯш (арзиши аслии истеҳсолӣ);

- хароҷоти фурӯш (хароҷоти реклама ва мусоидат ба фурӯш, музди меҳнати кормандони ба савдо машғулбуда ва андозҳо аз он, хароҷоти нигоҳдорӣ ва

[1] Нигаред: Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 17, банди 28

кашонидани сарватҳои моддӣ, хароҷоти истеҳлок ва иҷораи воситаҳои асосии дар фаъолияти савдо истифодашаванда ва ғ.);

- хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ (музди меҳнати кормандони маъмурӣ ва андозҳо аз он, хароҷоти иҷораи воситаҳои асосии дар идоракунии корхона истифодашаванда, хизматрасониҳои касбӣ, сафари хизматӣ, ҷаримаҳо ва ғ.).

Хароҷоти ғайриамалиётӣ инҳоро дар бар мегирад [5, с. 37-38]:

- хароҷот дар намуди фоиз (фоизҳои ҳисобузамшуда барои қарзҳо ва қоғазҳои қиматноки баровардаи корхона, хароҷоти (фоизҳои) иҷораи молиявии иҷорагир, маблағи тахфифҳои пулии истифоданашудаи аз ҷониби таъминкунанда барои пардохти сариваќтӣ ва пешазмуҳлат пешниҳодшуда);

- зарар аз сармоягузорӣ (аз коҳишёбии арзиш, хориҷшавӣ ва азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо ба қоғазҳои қиматнок);

- зарар аз коҳишёбии арзиши воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва сармоягузориҳо ба амволи ғайриманқул;

- зарар аз фарқҳои қурбии дар рафти фаъолияти ғайриасосӣ (сармоягузорӣ ва молиявӣ) бамиёномада;

- зарар аз ивазкунии асъор;

- зарар аз хориҷшавии воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва сармоягузориҳо ба амволи ғайриманқул;

- барқароркунии қарздории кредитории пештар соқиткардашуда ва ғ.

Мебояд мафҳуми хароҷотро аз мафҳуми масрафҳо фарқ намуд. Масрафҳо арзиши сарватҳои барои ягон мақсад харидашуда, вале харҷнашуда буда, хароҷот - масрафҳоеанд, ки алакай харҷ шудаанд [5, с. 38].

Натиҷаи молиявии фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботӣ бо муқоиса кардани даромад ва хароҷот муайян карда мешавад. Агар даромадҳо зиёд бошанд – фоида ва агар хароҷот зиёд бошад – зарар эътироф карда мешавад.

**Адабиёт**


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, Душанбе, 2011

2.Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 42). – http://minfin.tj

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоқикистон "Дар бораи Ҷамъиятҳо саҳомӣ" аз 5 марти соли 2007, № 237. – http://mmk.tj.

4.Каримов Б.Ҳ., Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, Ирфон, 2016. – 550 с.

5.Қодирова Г.Т., Акрамова Ҳ.А., Қаюмова Ф.А. Баҳисобгирии молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 412 с.


## БАРАСИИ ДАРОМАД АЗ ФУРӮШ ВА ДИГАР НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА ТИБҚИ СБҲМ


**Тавзеҳи мухтасар**

Дар мақола ҷиҳатҳои назариявии таҳқиқи даромад аз фурӯш ва дигар манбаҳои мухталифи даромад дида баромада мешавад. Тақсимоти даромад байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва шаклҳои асосии даромадҳо аз қоғазҳои қиматнок низ тадқиқ карда мешавад, ки айни ҳол бо талаботи нави бозорӣ ба тағйиротҳои азим рӯ ба рӯ шудаанд. Бо омӯзиши даромад аз фурӯш, ба ҳампайвастагии он, шароити амалишави чараёни мушкили муносибатҳои иқтисодиро дарк карда, онро самаранок идора намудан мумкин аст, ки он рушди устувори иқтисодиро таъмин мекунад.



*Калидвожаҳо*: суди саҳмия (дивиденд), маблағи фурӯш, даромад, сармоягузорӣ, арзиши аслӣ.

**ANALYSIS OF REVENUE AND OTHER FINANCIAL RESULTS OF ENTERPRISE ACTIVITIES UNDER IFRS**

**Abstract**

The article research the theoretical aspects of income from sales and other sources of income. Also, the distribution of income between the subjects of domination and the main forms of income from the sale of securities, which at the moment correspond to all the requirements of a market economy, is investigated. In studying the income from sales and its implementation, one must take into account the condition of economic relations between the subjects, then it can be effectively used to ensure a sustainable economy.

**Keywords**: Dividend from the stock, monetary resources from a sale, profit, investment, real price.

**МИРЗОҚУРБОНОВ** Наҷибулло
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Ихтисоси аудит ва ревизия
**МИРЗОКУРБОНОВ** Наджибулло
Магистр 2-го курса финансово-экономического института Таджикистана
Специальности аудит и ревизия
**MIRZOQURBONOV** Najibullo
The 2-nd cours master of the financial-economic Institute of Tajikistan
Speciality audit and revision.

# РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ
# ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕНОГО БЮДЖЕТА В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

Конечно, устойчивое развитие правление государств в коротком промежуточном времени невозможно, для ее осуществления нужно время и соответствующие социально-экономические и образовательные условия. В связи с этим, с целью совершенствования устойчивого развития экономики и более обогащении дохода государственного бюджета, нам необходимо модернизировать пути дохода государственного бюджета и его источники.

**Ключевые слова:** бюджет, доходы, расходы, экономика, баланс, целевые фонды, налоговые поступления, неналоговые поступления, гранты.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози даврони Истиқлолият то ба имрӯз, баҳри баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва ба ин васила таъмини рушди босуботи иқтисодӣ кушишҳои зиёде ба харҷ дода истодааст. Пӯшида нест, ки то ба имрӯз дигаргуниҳои куллии муносибатҳои ҷаъмиятӣ, гузариш аз низоми нақшавӣ (планӣ) ба низоми иқтисодиёти бозорӣ ҷараён дорад. Қобили зикраст,ки барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо буҷети давлатӣ нақши асосиро мебозад.

Буҷети давлатӣ – ин нақшаи молиявии давлат буда, ки он дар шакли тавозунӣ (балансӣ) даромадҳо ва хараҷотҳо тартиб дода мешавад, давраҳои пасиҳами азнавтақсимкунии арзиши маҳсулоти ҷамъиятиро ифода намуда, дар ихтиёри давлат ҷамъ меоянд.[1] Бо назардошти ҷой доштани мушкилиҳо дар самти таъмин намудани иҷроиши нақшаи даромадҳои буҷети давлатӣ, инчунин бо назардошти вазъи имрузаи иқтисодӣ иҷроиши пасти қисми даромади буҷет баназар мерасад. Барои ин ба мо зарураст, ки сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ, риояи интизоми молиявӣ дар байни субъектони хоҷагидорӣ, бонкҳо ва шахсони инфиродиро ба роҳ монем. Дар баробари ин барои пурра таъмин намудани қисми даромади буҷет зарур аст, ки Вазорати молия дар якҷояги бо мақомоти андоз

ва гумрук ҷиҳати пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани тамоми манбаъҳои даромад ба буҷет, пурра ворид намудани бақияпулиҳо, инчунин баланд бардоштани ҳисси масъулият ва ҷавобгарии роҳбарони корхонаву ташкилотҳое, ки уҳдадориҳои худро дар назди буҷет таъмин намекунанд чораҳои зарури андешанд.

Ҳамин тавр, буҷети маҳаллӣ қисми таркибии буҷети давлатӣ буда барои молиякунонии чорабиниҳои пешбини шудаи органҳои Ҳокимияти маҳалҳо, алалхусус барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии маҳаллҳо ва нигоҳ доштани органҳои ҳокимияти давлатии маҳалҳо ва дигар чорабиниҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта истифода карда мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло таъкид намуда зарур мешуморем, ки раванди татқиқотро дар зинаи поёни яъне буҷаи маҳалӣ дар мисоли шаҳри Душанбе дида бароем, ба ин раванд пешазҳама сохтори хароҷот ва даромади он вобаста мебошад. Ба буҷети маҳалҳо дохил мешавад: буҷетҳои ноҳиявӣ, шахри ва ғайра. Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ органҳои маҳаллӣ барои молиякунонии муасиссаҳои то мактабӣ, мактабҳо, ташкилотҳои тандурусти ва сфераи иҷтимоии ноҳияҳо инчунин барои амали намудани барномаҳои иқтисодию иҷтимоии маҳалҳо истифода карда мешавад. Аз ин рӯ ба мо зарур аст, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва иҷроиши буҷетҳои маҳалиро таҳлил намуда ва ҷамоварии онро дуруст бароҳ монем,барои мисол метавонем динамикаи иҷроиши қисми даромади буҷети шаҳри Душанберо дида бароем.

**Динамики 5-солаи (2012-2016) иҷроиши қисми даромади буҷети ш. Душанбе**

| № | Сол | Нақша | иҷроиш | Камомад (дефитсит) | Барзиёд (профитсит) | Бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2012 | 972255673 | 1023025493 | | 50769820 | 105% |
| 2 | 2013 | 2084509025 | 2013572945 | 70936080 | | 97% |
| 3 | 2014 | 2510884696 | 2542268197 | | 31383501 | 101% |
| 4 | 2015 | 2851286594 | 2717570505 | 133716089 | | 95% |
| 5 | 2016 | 3190647333 | 2779865363 | 410781970 | | 87% |

Сарчашма: ҳисоботи солонаи сараёсати Молияи шахри Душанбе солҳои 2012-2016

Қобили зикр аст, ки нақшаи даромадҳои буҷети маҳалӣ дар шаҳри Душанбе баро соли 2012 972255673 сомонӣ пешбини шуда буд ва қисми иҷроиши он бошад 1023025493 сомниро ташкил дод, ки барзиёди 50769820 сомонӣ ё 5%-ро ташкил медиҳад. Бояд тазакур дод, ки дар соли 2016 нақшаи қисми даромадҳои буҷети шаҳри Душанбе 3190647333 сомонӣ пешбини шуда буд, аммо қисми иҷроишаш бошад 2779865363 сомонӣ ташкил дод, ки камомад 410781970 сомонӣ ё 13%назарас мебошад. Сабаби асосии ичро нагардидани ин, андоз аз тарафи андозсупорандагони андоз аз шахсони ҳуқуқӣ мебошад ва инчунин аз рӯи баъзе сарчашмаҳо дар шаҳри Душанбе андоз таъмин карда нашуд, аз он ҷумла:

-андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ

-андоз аз молумулки ғайриманқул;

-андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

-низоми махсуси андозбандӣ;

-боҷи давлатӣ;

Яъне бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои беруна, буҳрони молиявӣ дар Федератсияи Русия, ки бевосита таъсираш ба рушди иқтисодии кишвар расид, андозҳои зикршуда бо пурраги пардохт нашуданд. Нишондиҳандаҳои дигаре, ки ба иқтисодиёт таъсир расондаанд, ин кам шудани вориди асъори хориҷӣ аз тамоми манбаҳо, коҳиш ёфтани ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, маҳдудшавии дастрасии ташкилотҳои қарзӣ ба қарзҳои асъории бонкҳои хориҷӣ инчунин ноустувории рушди иқтисодиёти кишварҳои шарикони асосии савдо мебошад.

Албатта, рушди устувори давлату давлатдорӣ дар фосилаи кӯтоҳи таърихи аз имкон берун буда, барои амали намудани он вақт ва шароити муносиби иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарур аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони истиқлолият ба иҷрои вазифаҳои тибқи се ҳадафи стратегии миллӣ пешбинишуда-таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳои аз бунбасти комуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ саъю кушишҳои зиёде намуда истодааст. Қобили зикраст, ки танҳо дар 15 соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 300 милион сомонӣ ба 18 милиард сомонӣ зиёд гардидааст,[2] дар баробари ин бо мақсади такмил додани рушди устувори иқтисодиёт ва боз ҳам ғанигардонидани даромади буҷети давлатӣ мо зарур мешуморем, ки роҳҳои мукаммал гардонидани даромадҳои буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои даромади онро тақвият диҳем:

1. Баланд бардоштани фарҳанги андозсупорандагон (ташкил кардани курсҳои кӯтоҳмуддат барои соҳибкорон)
2. Назорат аз болои даромадҳои ғайриандозӣ ва пардохти саривақтии онҳо ба буҷет.
3. Дуруст ва самаранок истифодабарии грантҳои давлатӣ

Табиист, ки рушди устувори иқтисодиёти давлатҳо аз мунтазам фаъолият намудани соҳибкории хурду миёна вобаста мебошад, аз ин лиҳоз дастгирӣ ва шароит фароҳам овардан барои соҳибкории хурду миёна дар кишвар саҳми арзанда мегузорад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди сохтори асосии буҷет ва ҷараёни буҷет» аз 15 майи соли 1997 №423.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 22 декабри соли 2016
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: “Шарқи озод”, 2012
4. Молия ва ҳисобдорӣ. // Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. №№1-12, 2016, 1-3, 2017
5. www.minfin.tj Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон


## РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ


**Аннотатсия**

Албатта, рушди устувори давлату давлатдорӣ дар фосилаи кӯтоҳи таърихи аз имкон берун буда, барои амали намудани он вақт ва шароити муносиби иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарур аст. Дар баробари ин бо мақсади такмил додани рушди устувори иқтисодиёт ва бозҳам ғанигардонидани даромади буҷети давлатӣ бо мо заруraст, ки роҳҳои мукаммал гардонидани даромадҳои буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои даромади онро тақвият диҳем.



**Калидвожаҳо:** буҷет, даромад, хароҷот, иқтисодиёт, тавозун, фондҳои мақсаднок, даромадҳои андозӣ, даромадҳои ғайриандозӣ, грант.


## THE WAYS OF IMPROVING OF STATE BUDGET IN A MARKET EKONOMY


Of course, sustainable development of the government of states in a short intermediate time is not possible. Thereupon, in order to improving of the sustainable development of the economy and more enriching the revenue of the government budget, we have to modernize the ways of revenue of government budget and source of it.



**KEY WORDS**: budget, revenue, expense, economy, purposeful funds, tax, tax-free, grant.

**БОБОЁРЗОДА Зинатуллои Ҷунайд**
Магистранти курси 2- юми ихтисоси 1-40010202 – технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
**БОБОЁРЗОДА Зинатуллои Джунайд**
Магистрант 2- го курса по специальности 40010202 - система информационных технологий в экономике Финансово экономический институт Таджикистана
**BOBOYORZODA Zinatulloi Junayd**.
Master degree of the 2-nd year, specialization 1-40010202 - Information technology system in the economy, Financial and Economic Institute of Tajikistan

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ МУОСИР ДАР ИДОРАКУНИИ КОРХОНА

## РОЛЬ СОВРЕМЕННЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УПРАВЛЕНИИ ПРЕДПРИЯТИЕМ

В данной статье рассмотрена роль современных информационных технологий в управлении предприятием и эффективная работа персонала предприятия, а также автоматизация управления системой управления предприятием и пути ее организации.

**Ключевые слова:** информационные технологии, автоматизация, предприятие, автоматизированное рабочее место .

Корхона яке аз воҳидҳои муҳими иқтисодӣ ба шумор рафта, роҳҳои қабули мустақилонаи қарор, истифодаи самаранокии омилҳои истеҳсолоти навовариҳо, таъмини истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, афзунгардонии фоида дар он амалӣ карда мешавад, ки имрӯз барои пешбурди фаъолияти корхона аз воситаҳои техникӣ – барномавӣ васеъ истифода менамоянд. Аз ин ру, ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи самараноки фаъолияти он бе истифода аз технологияи иттилоотии муосир ногузир мебошад.

Яке аз роҳҳои баланд барадоштани маҳсулнокии меҳнати кормандони корхонаҳо автоматикунонии системаи идоракунии онҳо ба ҳисоб меравад. Имрӯз пешрафти илму техника тақозо менамояд, ки роҳбарияти корхонаҳои истеҳсолӣ бояд идоракуниро бо татбиқи технологияи навин дар корхона ҷорӣ намоянд. Бо ин мақсад як қатор ширкатҳо дар ин самт кушиш доранд саҳми сазовори худро гузоранд: 1С, SGB net, Microsoft Dynamics CRM, bpm’online bank sales ва дигар барномаҳо.

Агар барномаҳои дар боло зикршуда танҳо барои идора намудан ва назорати фаъолияти кории кормандон пешбинӣ шуда бошанд, онгоҳ барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби мутахассисони соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ низ барномаҳо таҳия карда шудаанд, ки онҳоро ҷои кори автоматикунонидашуда (ҶКА) меноманд. Ҷои кории автоматикунонидашуда, ҳамчум маҷмуи манбаъҳои иттилоотӣ, барномавӣ ва техникӣ муайян кардан мумкин аст, ки он коркарди ададӣ ва автоматикунонии функсияҳои идоракунии соҳаи конкретиро таъмин менамояд.

Татбиқи ҶКА имконият медихад, ки баъди кабули иттилоот коркарди фаврии он иҷро карда шавад ва натиҷаи коркард муддати тулонӣ дар барандаҳо сабт карда шавад. Дар шароити амалигардонии ҷараёни идоракунӣ, мақсади тадбиқи ҶКА иборат аз ҷоннок кардани муттаҳиднамоии функсияҳои идоракунӣ мебошад, ки ҳар яке аз ҷои кори “интлектуалӣ” бояд корро дар реҷаи бисёрфунксионалӣ таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, муҳаё кардани ҶКА дар асоси истифода аз компютерҳои фардӣ, бояд чунин функсияҳоро таъмин менамояд:

- истифодаи оддӣ, фазои кушоди мувофиқ барои истифодабаранда;
- мутобиқати оддӣ ба функсияҳои конкретии истифодабаранда;
- ҷобаҷогузории компактӣ ва талаботҳои на он қадар баланд нисбати шартҳои истифодабарӣ;
- боэтимодӣ;
- ташкили хизмати техникии оддӣ.

Ҷорӣ намудани шаклҳои нави технологияи иттилоотӣ раванди хело мураккаб буда, яке аз роҳҳои асосии ба мақсад расидани роҳбарияти корхона ба ҳисоб меравад. Асосан ин ду проблемае, ки монеаи ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ мегардад, қисми таркиби ташкили стратегии корхона мебошад. Бинобар ин муваффақияти ҷорӣ намудани навоварӣ дар навбати аввал аз худи роҳбарияти корхона талаботи зеринро мехоҳад:

**1.** хоҳиши қабул намудани технология ва системаи нави ахбориро доштан;

**2.** фаҳмида тавонистани бартарияти системаи нав ва дарк карда тавонистани он;

**3.** фаҳмонда додани бартарияти система дар назди роҳбарият ва истифодакунандагони системаи нав;

**4.** ҳавасманд будани кормандон барои қабули системаи нав.

Дар шароите, ки омилҳои дар боло номбаркардашуда мусбат ҳал шаванд, омили дигаре, ки монеаи навоварии системаи иттилоотӣ мебошад, ин коргароне, ки бо ин система сарукор доранд. Мушоҳида ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки истифодабарандагон ё худ коргароне, ки бо системаи нав кор мекунанд зиддиятҳои зеринро доранд:

**1.** Нобоварӣ ба системаи нав, бо сабаби он ки иттилооти пурра надоранд ё ин ки фаҳмиш надоранд.

**2.** Системаи нав хоҳ-нохоҳ аз онҳо дониши нав талаб мекунад ва на ҳамаи коргарон хоҳиши донишашонро баланд бардоштанро доранд.

**3.** Системаи нав аллакай аксари корҳоеро, ки онҳо худашон дастӣ иҷро мекарданд, аз байн мебарад.

**4.** Албатта ҷорӣ намудани системаи нав миқдори коргаронро дар шӯъбаҳо кам мекунад, бинобар ин коргарон ҳеҷ гоҳ намехоҳанд, ки ҷои кории худро аз даст диҳанд.

**5.** Баробари ҷорӣ кардани системаи нав шиддатнокии кор меафзояд, ки аз коргар қобилияти баланди корӣ ва кордониро талаб мекунад. Аксари коргароне, ки дар кор танбал ҳастанд, намехоҳанд, ки суръати корашонро тағйир диҳанд.

Технологияи нави иттилоотӣ як қатор бартариро дар кори корхона пеш мегузорад, ки дар ҷамъ кори корхона хеле самаранок гашта, доираи фаъолияти он васеъ мегардад. Асосан ин пешравиҳо чунинанд:

1. Усул ва сохтори ташкилии корхона тағйир меёбад. Шӯъбаҳои зиёдатӣ ва кори дубора аз байн меравад.
2. Самаранокии кори корхона ва ҳар як аъзои коргарони идоравӣ пурра маълум мегардад. Коргари идоравие, ки аз ӯҳдаи кор намебарояд, аллакай худаш корро тарк мекунад ё худ донишашро сайқал медиҳад.
3. Идоракунӣ характери ғайримарказонида гирифта, дар он тамоми табақаҳои идоракунӣ иштирок менамоянд.
4. Қоидаи менеҷмент дар як системаи муайяни ахборӣ ҷорӣ гашта, омилҳои бюрократиро аз байн мебардорад.
5. Қоидаи демократии идоракунӣ мавқеи худро бевосита дар фаъолияти роҳбари корхона мустаҳкам менамояд. Аксари истифодабарандагон ба ахбори

корхона имконоти шинос дошта метавонанд, барои беҳтар шудани он пешниҳод ва таклифҳои нав гӯянд.

6. Дар кадом давраи ҳисоботие, ки набошад таҳлили фаъолияти корхона ва назорати идоракунӣ куллан (доимӣ) буда, дар муддати кӯтоҳ камбудиҳо ва монеаҳо муайян ва ислоҳ карда мешаванд. [1]

Проблемаи дигаре, ки садди роҳи ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотиро мегардад, ин пушонидани хароҷотҳо ва гирифтани фоида мебошад. Таҳлили илмии мактаби менеҷменти А. Слоуни институти технологияи Масачутсӣ нишон дод, ки ҳар як долларе, ки дар маблағгузории «Компютер» истифода шудааст, солҳои 1987-1991 ба ҳисоби миёна 50 сент даромад овардааст. Дигар шаклҳои маблағгузорӣ бошад ба ҳисоби миёна 6-7 сент дар як сол фоида оварданд. Маълум аст, ки ҳар як навоварӣ камбудию проблемаҳои худро дорад, аммо фоиданокии онҳо дар маҷмӯи хароҷот ва камбудиҳоро пурра рӯйпуш менамоянд. Яке аз проблемаҳое, ки технологияи нави иттилоотиро ба миён меорад, ин зиёд шудани шумораи иттилоот мебошад. Дар ҳолате, ки менеҷменти корхона ӯҳдаи идора кардани ахборро надорад, албатта ба мушкилиҳо дучор мегардад.

Дар ин ҳолат менеҷменти корхона бояд гурӯҳи таҳлилии худро дошта бошанд, ки коркарди пурраи ахборро дар корхона таъмин карда тавонад. Аз тарафи дигар ҳар як коргари идоравӣ дониши хуби касбии истифодаи компютерро дошта бошад. Бо мақсади то дараҷаи минималӣ кам кардани монеаҳо ва ҷорӣ намудани технологияи пешқадами ахборӣ менеҷментро зарур аст, ки стратегияи зина ба зина ҷорӣ намудани навовариро пеш гирад.

Ҳамин тариқ, самаранокии ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотиро аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳо додан мумкин аст:

1. Сифати система:

- дар кадом зина система корро иҷро мекунад;
- кадом масъалаҳоро дар бар мегирад;
- дурустӣ ва ахбори пурраи ҳодисаҳо;
- сифати ахбор, шакл ва намуди пешниҳоди он;
- арзишнокии ахбор барои фаъолияти менеҷмент ва умуман корхона.

2. Сифати истифодаи технологияи нав:

- дарахаи истифодаи ахборе, ки бо воситаи система ба даст оварда мешавад;
- фоиданокии ахбори нав барои пешравии фаъолияти менеҷмент;
- таъмин кардани талаботи истифодабаранда;
- мустаҳкамии ахбор;
- баҳои истифодабарандагони системаи иттилоотӣ ба ҷараёни кории технологияи нав.

3. Моҳияти индивидуалии система:

- дараҷаи таъсири системаи нав ба шиддатнокии кори коргарон ва менеҷмент;
- таъсири система ба инкишофи дониш ва баландшавии ҳосилнокии меҳнати ҳар як истифодабаранда;
- таъсири ташкилии система. Кам кардани табақаҳои зиёдатӣ ва хароҷотҳои зиёдатии корхона.

**Адабиёт**


1. Раҳимов Ф. Низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт, Душанбе 2012, 221-саҳ
2. https://nauchforum.ru/studconf/tech/xxv/7901- Молодежный научный форум: технические и математические науки, Москва 2015, 110 страница , 18-24

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ МУОСИР ДАР ИДОРАКУНИИ КОРХОНА

**Тавзеҳи мухтасар**

Дар ин мақола нақши технологияҳои иттилоотии муосир дар идоракунии корхонаҳо ва роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнати кормандони корхонаҳо, инчунин автоматикунонии системаи идоракунии корхона оварда шуда, роҳҳои ташкили он пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо**: технологияҳои иттилоотӣ, автоматикунонӣ, корхона , ҷои кори автоматикунонидашуда.

## THE ROLE OF MODERN INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE MANAGEMENT OF THE ENTERPRISE

**Abstract**

This article examines the role of modern information technologies in enterprise management and the effective work of the enterprise personnel, as well as the automation of the management of the enterprise management system and the ways of its organization.

**Key words:** Information technology, automation, company, automated workplace.

**ТОҶИДДИНИ Тағай**
Магистранти курси 2-юми ихтисоси
1-40010202- “Технология ва низоми
иттилоотӣ дар иқтисодиёт”-и
Донишкадаи молия ва иқтисоди
Тоҷикистон.
**ТОДЖИДДИНИ Тагай**
Магистрант 2-го курса специальности
1-40010202- “ Информационные
системы и технологии в экономике ”
Финансово экономического институт
Таджикистана.
**TOJIDDINI Tagay**
A magician 2 year course specialty
1-40010202 “Information technology
and system in economy” of finance
and institute Tajikistan

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ

## НЕОБХОДИМОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ НА УЧЕБНОЕ ЗАВЕДЕНИЕ

В этой статье, современный период развития общества характеризуется сильным влиянием на него компьютерных технологий, которые проникают во все сферы человеческой деятельности, обеспечивают распространение информационных потоков в обществе, образуя глобальное информационное пространство. Неотъемлемой и важной частью этих процессов является компьютеризация образования.

**Ключевые слова:** информационная технология, телекоммуникационная сеть

Ҷомеаи информатсионӣ барпо намудани соҳаи-индустралии информационӣ ва табдил додани маводи ахборотӣ/информационӣ ба мол, ба таъғиротҳои ҷиддии сотсиалии ҷомеъа оварда расонид, ки дар натиҷа он аз ҷомеаи индустралӣ ба информатсионӣ табдил гашта истодааст. Мафҳуми ахборотҳои соҳави тамоми ҳаёти

ҷаъмият ва иқтисодиётро фаро гирифтааст, аз он ҷумла назорати соҳаи маориф, ки ба вай информатсияи маърифатӣ мансуб мебошад.

Хизматрасонии сифатан нави протсессҳои информатсионӣ фаъолияти инсон аз он ҷумла хизматрасонии маърифатӣ бо истифода аз техникаию технологияи электронӣ-ҳисобарорӣ ҳозиразамон, системаи телекоммуникатсионӣ, ташкил намудани шабакаи компютерӣ вобаста мебошад. Тараққиёти босуръати бозори хизматҳои маърифатӣ, ҳамчун таккони бузург, барои пешрафти протсессҳои информатсионӣ ва ҷори намудани техногияҳои муосир дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷаъмияти гаштааст.

Ҳоло муносибат ба баҳои мавқеъи ахборот ва хизмати ахборотии маърифатӣ, фаъолияти идоракунӣ ва категорияҳои гуногуни истифодабарандагон тағйир ёфтааст. Ҷамъияти мо ҷаъмияти кушод аст, барои ҳамин талабот ба маълумотҳои аниқ, хозиразамон, пурра ва намуди ба истифодабаранда қулай овардашуда зиёд гаштааст. Ахборот тамоми тарафҳои фаъолиятҳои субъектҳои соҳаи маорифро фаро гирифтааст, ки он ба менеҷменти қабули карор (шахсоне, ки имконияти қабули қарорро дар сатҳи боло дороанд) механизми бемамонияти идоракуниро фароҳам меоварад, дар ҳолати дуруст гузоштани масъала ва интихоби асосноки ҳалли технологии он.

Дар натинҷаи фаъолиятҳои қонунгузорӣ ва батанзимоварии давлат, талабот ба дурусти ахборот, сари вақти ва қонунияти ҳисоботҳои ахбороти характери статистикӣ дошта, ки дар сатҳи гуногуни системаи маориф коркард мешаванд, зиёд гаштааст.

Доштани ахбороти аниқ оиди рафти кабули ҳалли масъалаҳои соҳаи маориф фароҳам меоварад, ки он шарти асосии пешрафти давлати соҳибистиклолро муайян менамояд. Давлат истифодабарандаи авввалини маълумотҳои гуногун, аз он ҷумла маълумотҳои аниқ ва дуруст ҷо ба ҷо гузошташудаи соҳаи маориф дар тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои мухталиф мебошад. Барои сохторҳои гуногуни соҳаи маориф доштани ахбороти соҳавӣ хело зарур мебошад, чунки номуайяни нисбати муҳити атроф хело афзудааст, ки он баъзан ба пешрафти фаъолияти муассисаҳои ба сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуббуда халал мерасонад.[1] Қабули беасоси қарор дар ҳар як сатҳи идоракунӣ, метавонад ба муассисаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари калон расонад.

Талаботи калон ба ахборот нисбати пешбурди идоракунӣ ва тарқиёти ҳарҷонибаи просессҳои информатсионӣ дар мади назар, пеш аз ҳама лоиҳаи сохтани компонентаҳои инфрасохтори информатсиониро дар назар дорад. Инфрасохтори информатсионӣ номгӯи чунин таҳҷизотҳоро дар бар мегирад: *техникаи ҳисоббарор, васоити коммуникатсионӣ, таҳҷизоти программавӣ ва методӣ, технологӣ ва дигар намуди фаъолиятҳои ёрирасон.*

Бо мақсади дар сатҳи муайян таъмин будан, бо техникаи ҳисобарор, протсесси воридоти бозор бо компютерҳои фардии истеҳсоли мамлакатҳои хориҷа, ки нархашон на он қадар баланд буда ба талаботи ҳозиразамони техникӣ ва технологӣ ҷавобгӯ мебошанд амалӣ гашта истодааст. Баланд гаштани ҳаҷми ахброти илмӣ-техникӣ, сиёсӣ, иктисодӣ ва ғайра, ки барои кори пурмаҳсул дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ зарур, зарурияти истифодабарии васеъи технологияи информатсиониро дар соҳаи идоракунӣ, пеш меоранд. Ҳамин тариқ, қимат ва талабот ба сохтани системаҳои автоматикунонидашуда чӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ ва чӣ дар соҳаи маориф баланд мегардад. Зиёд гаштани чунин системаҳо, ки ороиши сифатан баландро дороанд, нишонаи истифода аз технологияи нави ҳозиразамон ва шабакаи интернет (компютерҳои фардии баланд суръат) мебошанд ва инчунин даст кашидан аз истифодаи технологияи кӯҳнашудаи мошинаҳои электронӣ-ҳисобарор, назаррас мебошад.

Сохтани шабака ва системаҳои информатсионии ҳозиразамон ба васоити телекоммуникатсионӣ зич алоқамананд. Хизмати телекоммуникатсионӣ бо додугирифт аз ададҳо, тавассути шабакаи хусусӣ (локалӣ) ва глобалӣ амалӣ гардонда мешаванд. Ҳамоно агар, шабакаи хусусӣ, микдори муайяни компютерҳо ва дар асоси онҳо ҷойҳои автоматикардашудаи сохташударо дар миқёси як бино, ва ё офис дар бар гиранд, пас шабакаи глобалӣ додугирифти ахборотро байни шабакаҳои хусуси таъмин менамояд. Шабакаи глобалӣ алоқаи байни давлатҳо ва китъаҳоро, тавассути почтаи электронӣ, интернет, телетайп ва телекс таъмин менамояд.[2]

Имрӯз роҳбар ва хизматчӣ дар ҷойи кори худ метавонанд, амалан дар як муддати кутоҳ, ахброти лозимаро дастрас намояд, ки он барои таҳлили ҳолатҳои мушаххаси ба истеҳсолот ва ё бозор алоқаманд зарур мебошад. Чунин табадуллот дар ташкили кори идоракунӣ, тавассути ҷори намудани технологияи нави ҳозиразамон амалӣ гашт. Кор бо ҷараёни ахборот, тадбиқи усулҳои коркарди маълумот, сохтани базаи доимиҳо, ин ҳама роҳҳои тадбиқи конкретии технологияи ҳозиразамони информатсиониро дар бар мегиранд.

Гузаштани протсесси информатсионӣ ба асоси индустрали ташакули худи соҳаи информатсиониро тезонид, сохтан ва тадбиқи технологияи програмавиро ба як намуди бизнес (тиҷорат) мубадал гардонид, ки дар ин ҷода системаи маориф хам аз манфиат холӣ нест. Ба ин қомат афрудани сохтори бозори дохилаи компютер, ки тавассути воридоти техника, технологияи компьютерии ва таъминоти программавӣ он аз мамлакатҳои хориҷа сабаб гашт.

Ҳамаи ин боиси баамалоии система ва технологияи автоматикунонидашуда гашт, ки он аллакай қариб тамоми соҳаҳои мухталифро аз он чумла соҳаи маорифро дар бар гирифтааст. Агар пештар дар замони Шуравӣ, тамоми ҷидду ҷаҳд барои коркарди мошинии ахборотҳо равона карда шуда бошад, пас ҳоло тамоми ҷидду ҷаҳд ба он равона карда шудааст, то ки қабули қарори дуруст оиди ин ва ё он масъалаи ҳалталаб бо тезӣ ба даст оварда шавад. Барои ин аз методҳои иқтисоди-математикии ва дигар моделҳои аналитикӣ бе чуну-чаро истифода мебаранд. Чунин тариқи кор ва корбари талаботи навро оиди тайёр кардани кадрҳои баландихтисос пеш меоранд.

Ҳамин тариқ, информатизатсияи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷаъмияти-иқтисодӣ бечуну чаро зарур мебошад. Талабот ба коркард ва тадбиқи амалии программаҳои (барномаҳои) компютерӣ ва технологӣ, имрӯз хело зиёд шуда истодааст.[3]

Воридоти тартиб дар системаи бесару сомонии бозор ин якум ва на он қадар дарк шудаи заррурияти субъектҳои фаъолияти корчалонӣ мебошад. Дар ин ҷо низ технологияи компютерӣ хело зарур аст, чунки он имконияти ёфтани функсияи оптималӣ ва ратсионалии идоракуниро дар асоси тадбиқи васоити нави ҷаъмоварии маълумот, коркард ва табодили ахборотро таъмин менамояд. Тариқи нави корбарӣ дар соҳаи идоракунии системаи маориф, бе истифода аз системаҳои технологияи информатсионӣ дар замони хозира имконнопазир мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Баромаи давлатии рушди Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015. Душанбе, 2009.

2. Абдуллаев Высшая школа Таджикистана (1931-1991 гг.). -Худжанд, 1995.

Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования: Для высш. пед, завед. - 2-е изд. перераб. и доп. - М.: Просвещение, 1990. - 141 с.

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2007, №166)

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ

Дар ин мақолаи мазкур, истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар донишкадаҳои таълимӣ давраи муосири рушди ҷомеа бо таъсири технологияи компютерӣ, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъсир мерасонад, тавсеаи паҳншавии сели иттилоотиро дар ҷомеа, ташкили фазои иттилоотии ҷаҳонӣ оварда шудааст. Қисми ҷудонашавандаи ин равандҳо компютерикунонии таълимӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ, шабакаи телекоммуникатсионӣ

## NEED TO USE INFORMATION TECHNOLOGY TO INSTITUTION

In this article, the modern period of development of society characterized by a strong influence on his computer technologies, which pervade all spheres of human activity, provide a flow of information in society, forming a global information space. An integral and important part of these processes is the formation of computerization.

**Keywords:** information technology, telecommunication network

**ГУРЕЗОВ** Шарифхон
Магистрти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси 1 – 25 01 04 02 «Кори бонкӣ »
**ГУРЕЗОВ** Шарифхон
Магистр 2- курса Финансово экономического института Таджикистана
по специальности 1 – 25 01 04 02 «Банковское дело »
**GUREZOV** Sharifkhon
Master of 2-course of Financial and Economic Institute of Tajikistan,
specialty 1 - 25 01 04 02 "Banking"

## ТАҲЛИЛИ НИЗОМИ ПУЛӢ УСТУВОРИ ВА МУАММОҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

## АНАЛИЗ ДЕНЕЖНОЙ СИСТЕМЫ ЕЕ РАЗВИТИЕ И ПРОБЛЕМЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Аннотация**:

В статье проведен полный анализ денежной системы Республики Таджикистан. Выявлены основные проблемы устойчивости национальной валюты. Предложены пути устойчивого развития национальной денежной системы. Доказано значимость Национального банка Таджикистана в достижении устойчивости национальной валюты.

Ключевые слова: деньги, денежная система, Национальный банк Таджикистана, денежно кредитная политика.

Дар шароити гузариш ба низоми муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт масъалаҳои муҳиме пайдо мешаванд, ки ба нақша нагирифтани онҳо барои рушду камоли ҷомеа монеа эҷод мекунад. Ин масъалаҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ба монанди суръати гардиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, шуғли пурраи аҳолӣ бо ҷойи кор, ҳиссаи содирот ва воридот, устувории низоми буҷет ва тағйирёбии қурби асъор дар шароити иқтисодиёти кушод буда метавонанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2016 идома ёфтани низоъҳои геосиёсӣ боиси зиёдшавии хавфҳои иқтисодию молиявӣ дар ҷаҳон гардида, ба суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳон, пеш аз ҳама, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф таъсири манфӣ расонид. Вазъи ноустувори сиёсӣ-иқтисодӣ ба тағйирёбии қурби асъор ва шохиси нархҳои ҷаҳонии ашёи хом, аз ҷумла болоравии қурби доллари ИМА ва коҳишёбии нархи нафт, инчунин рушди савдои ҷаҳонӣ сабаб гардид. Ҳолати ба вуқуъ пайваста бо дарназардошти мавҷудияти омилҳои хусусияти сохторию давридошта ба ҷараёни

маблағгузорӣ ва гардиши сармоягузориҳои хориҷӣ дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф монеа гардида, фаъолнокии иқтисодиёти ҷаҳонро заиф намуд, ки дар навбати худ ин ба пастравии унсури талабот (хусусан сармоягузорӣ ва истеъмолот) таъсир расонид. Дар натиҷа, нархи молу ашёи хом дар бозорҳои ҷаҳонӣ раванди поёнравиро соҳиб гардид, ки ин ба мувозинати ҳолати тавозуни пардохти аксари кишварҳои содироткунандаи мол ва ашёи хом таъсири манфӣ расонид.

Ҳамзамон чараёни мазкур барои суръатнокии рушди иқтисодиёт монеа гардида ва боиси беқурбшавии пулҳои миллӣ шуд. Тибқи маълумоти Хазинаи байналмилалии асъор дар соли ҷорӣ рушди иқтисодиёти ҷаҳон коҳиш ёфта, пешбини гардидааст, ки дар он коста гардидани иқтидори заминавии рушди бештари кишварҳои рӯ ба инкишоф мушоҳида мегардад. [1С.86]

Инчунин номуътадилии сиёсию иқтисодӣ дар минтақа ба тағйирёбии бардавоми шохиси дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, шиддатнокии фишорҳои қурбӣ, ҳолати тавозуни пардохт ва суръати рушди иқтисодиёти хурд ва кушода, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро мерасонад. Аз ҷумла, таназзули иқтисодиёти Русия ҳамчун яке аз шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон тавассути коҳишёбии интиқолҳои пулӣ ва савдои тарафайн боиси пастравии даромадҳои ҳақиқии дар ихтиёрдоштаи аҳолӣ ва маҷмӯи талабот гардид. Бинобар ин моҳияти иқтисодии назарияи пулро аз нуқтаи назари олимони иқтисодӣ ёдовар шуда дар натиҷаи ба миён омадани тағйирёбии миқдори пул дар муомилот ва сатҳи таваррум чораҳои мусоид бояд андешид.

Нақши пул дар иқтисодиёти бозорӣ ҳамеша муҳим мебошад, ки намояндагони мактабҳои иқтисодӣ ба он эътибори хоса дода, аксаран вақт онро дар асоси вазифаҳои бо ҳам муқобил пешниҳод намуданд. Намояндагони мактаби асъор (Д. Рикардо, С. Оверстон, Р. Торренс ва Дж. Норман) ба он ақидаанд, ки сабаби аслии тағйирот дар иқтисодиёт арзиши пулӣ ба ҳисоб меравад. Намояндагони ин тамоюл баҳс доштаанд, ки масъалаи васеъ намудани қайдҳо, барзиёдии захираи тиллоӣ боиси афзоиши истеҳсолот ва паст кардани буҳрони иқтисодӣ мегардад. Тарафдорони мактаби бонкӣ (Т. Тук, Дж. Фуллартон, Дж. С. Милл) қайд менамоянд, ки пул дар иқтисодиёт нақши фаъол ё ғайрифаъолро иҷро менамояд. [2С.149]

Моҳияти назарияи миқдории пул низ собит менамояд, ки миёни тағйирёбии миқдори пул дар муомилот ва сатҳи таваррум мутаносибии роста мавҷуд аст. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон, ки дорои ҳуқуқи истисноӣ эмиссияи пули нақд мебошад, ба сифати мақсади асосии худ нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат интихоб намудааст.

**Ҷадвали 2.1.1.**

**Арзёбии суръати гардиши пули дар солҳои 2006-2015**
**мувофиқи формулаи Фишер:** $V = \frac{P*Y}{M} = \frac{ММД}{M}$

| Нишондиҳандаҳо | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ММД номинали** | 9272,2 | 12779,7 | 17609,3 | 20668,8 | 24704,7 | 30069,3 | 36161,1 | 40524,5 | 45600,0 | 48600,0 |
| **М2** | 1 027 | 1 410 | 1 955 | 2 602 | 2 972 | 3 864 | 4 743 | 5 626 | 5 822 | 5 452 |
| **ДММД** | 112,5 | 119,7 | 111,8 | 105 | 109,8 | 109,3 | 106,4 | 103,7 | 106,0 | 106 |
| **ММД ҳақиқӣ** | 8241,9 | 10676,4 | 15750,7 | 19684,5 | 22499,7 | 27510,8 | 33986 | 39078,5 | 43018,8 | 45849,0 |
| **Суръати гардиши пул %** | 9,0 | 9,1 | 9,0 | 7,9 | 8,3 | 7,8 | 7,6 | 7,2 | 7,8 | 7,9 |

**Нақша ҳисоб карда шудааст:** Агентии омори назди Призиденти ҶТ, Душанбе, 2016. – С. 195, 326, 330; Ҳамчунин, 2014. – С. 202, 333, 337; Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2007/12 (113); Ҳамчунин. 2006/12 (137); ҳамон ҷо 2012/10 (195). Маҷмуаи оморӣ Тоҷикистон: 20-соли Истиқлолияти давлати Душанбе, 2016.

Суръати гардиши пул ин муносибати байни маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пулиро мефаҳмонад. Суръати гардиши пул ба сатҳи амалиёти бозор, хусусан ба маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар алоқамандии зич дорад. Аз ҳамин лиҳоз барои арзёбии нишондиҳандаҳо бояд ММД-и номиналӣ, агрегати пулии М2, шохиси нархҳои истеъмолӣ, ММД-и ҳақиқӣ ва суръати гардиши пулро мувофиқи формулаи Р.Дж. Фишер мавриди таҳлил қарор дод.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фишори буҳрони молиявии ҷаҳонӣ нигоҳ накарда, дар соли 2015-ум устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро нигоҳ дошт, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёда аз 48 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиши он бошад, ба 6 фоиз баробар шуд.

Тағйирёбии суръати гардиши пул дар ҳолати афзоиш ёфтани амалиётҳои иқтисодӣ меафзояд. Бинобар ин сабаби паст гардидани ҳаракати муҳоҷирони меҳнатӣ, сустшавии суръати рушди иқтисодиёт дар кишварҳои шарикони асосии савдо (Русия, Туркия, Чин ва Қазоқистон) ва коҳиш ёфтани ҳаҷми содироти ватанӣ ба рушди ММД-и кишвар таъсир мерасонад. Инчунин аз таҳлилҳои пешакӣ муайян гардид, ки бо сабабҳои вайрон шудани муносибатҳои иқтисодию сиёсии давлатҳои тараққикарда ва қабул намудани таҳримҳо боиси суст шудани воридоти сармояи муҳоҷирони меҳнатӣ мегардад. [3С.134].

Тибқи маълумоти расмии омории БМТ, интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2014 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда 3,83 млрд. доллари ИМА-ро ташкил дод, дар соли 2015 бошад, ин нишондиҳанда ба 1 млрд. 278 млн. доллар расида, **се маротиба ва ё худ ба андозаи 66% коҳиш ёфтааст.**

Дар панҷ соли охир татбиқи сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи қонунгузориҳои амалкунандаи бонкӣ, аз ҷумла, дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид.

Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир асосан ба таъмини талаботи барномаҳо, консепсияҳо ва нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳкими бахши иқтисодию молиявӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо роҳи нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо, рушди боэътидоли ҳаҷми пул ва таъмини фаъолияти солим ва устувори низоми бонкӣ нигаронида шуда буданд.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н., Маҳмадкаримов Х., Пул, қарз,бонк, Душанбе 2010с. Саҳ-86
2. Ш.Раҳимзода., Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе 2008 Саҳ -149
3. Иброҳиомов И. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе 2012 Саҳ-134


## ТАҲЛИЛИ НИЗОМИ ПУЛӢ УСТУВОРИ ВА МУАММОҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Тавзеҳи мухтасар**


Дар маърӯза таҳлили пурраи низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои он дар шароити имрӯза мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Роҳои устуворнамоии пули миллӣ пешниҳод карда шудаанд. Нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар устуворнамоии пули миллӣ мавриди омӯзиш ва пешниҳод қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо**: пул, низоми пуллӣ, асъор, Бонки миллии Тоҷикистон, сиёсати пулию қарзӣ.


## SYSTEM ANALYSIS ITS DEVELOPMENT AND PROBLEMS IN MODERN CONDITIONS

**Abstract**


The article contains a full analysis of the monetary system of the Republic of Tajikistan. The main problems of the stability of the national currency are revealed. The ways of sustainable development of the national monetary system are suggested. The importance of the National Bank of Tajikistan in achieving the stability of the national currency has been proved.

**Key words**: money, monetary system, National Bank of Tajikistan, monetary policy.

**САФАРОВ** Маҳмадраҷаб
Магистрти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси 1 – 25 01 04 02 «Кори бонкӣ »
**САФАРОВ** Махмадрачаб
Магистр 2- курса Финансово экономического института Таджикистана по специальности 1 – 25 01 04 02 «Банковское дело »
**SAFAROV** Mahmadrachab
Master of 2-course of Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty 1 - 25 01 04 02 "Banking"

# РАВАНДҲОИ ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ ВА ҶОРӢ НАМУДАНИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ИПОТЕЧНОГО КРЕДИТОВАНИЯ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**
В статье изучены и рассмотрены основные положения и направления ипотечного кредитования. Выявлены основные проблемы в развитии данного метода кредитования коммерческими банками в Республике Таджикистан, а также роли государства в развитии данного метода кредитования. Изучен и представлен опыт развитых стран в области ипотечного кредитования.
**Ключевые слова**: государство, коммерческие банки, ипотечное кредитование, инвестиции.

Агар ба таърихи намудҳои қарз назар афканем, қарзи ипотекиро дар Юнони Қадимислоҳотчӣ ва арбоби машҳур Солон дар асри VI то милодӣ ворид намудааст. Албатта системаи қарздиҳии гаравдор аз тарафи судхӯрон ва шахсони сарватманд ба роҳмондашуда, то ин ҳам вуҷуд дошт, лекин дар аввалҳо қарзгиранда худ чун предмети гарав баромад мекард. Дар юнони қадим унсурҳои қарздиҳӣ вуҷуд дошт, вале он чунин амалӣ мешуд. Шахси қарзгиранда дар ҳолати напардохтани қарз дар вақти муайяншуда ба ғуломи қарздиҳанда табдил меёфт. Ин ғулом маҷбур буд вобаста ба ҳаҷми қарз онро коркард намуда адо намояд.Солон бошад ба сифати чунин гарав амволи қимматноки манқул ва ғайриманқули шаҳрвандро барои истифода бурдан пешниҳод намуд. Барои тасдиқи ин амалиёт дар замини қарзгиранда сутуни махсус мешинонданд, ки дар он номи қарздиҳанда ва қарзгиранда, маблағи қарз ва шартҳои он нишон дода мешуд. Баровардан ва фурӯхтани амвол аз минтақаи мазкур то рӯйпӯши қарз манъ буд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки принсипҳои асосии баъзе унсурҳои қарзбандии замони муосир дар ҳамон давра пайдо шуда будааст. [1,С-189]

Чунин сутунҳои «гапзананда»-ро ипотека – «hypotheka» меномиданд, ки дар тарҷума ба забони тоҷикӣ тиргак, танба маъно дорад. Баъдтар аз истифодабарии сутунҳо даст кашиданд, ба ҷои онҳо китобҳои махсус пайдо шуданд, ки ипотекӣ ном гирифтанд, аммо худди принсипи қарзбандӣ бо гарави амволи ғайриманқул (на танҳо) омӯхта шуд ва ташакули навро аллакай дар давраи империяи Римӣ пайдо намуд.

Дар сомонаи шабакаи ҷаҳонии энсиклопедияи Википедия қарзи ипотекӣ чун қарзи дарозмуддат, ки барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз тарафи бонк бо гарави амволи ғайриманқул дода мешавад.

Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар кишвар алилии якчанд соҳаҳои хоҷагидориро муайян намуда истодааст. Аммо, ба ин камбудиҳо нигоҳ накарда робитаҳои пулию молии иқтисодӣ баркамол, мунтазам ва оҳиста-оҳиста инкишоф ёфта истода, байъномаи моликияти нисбат ба солҳои сукутиро, таърихан воло хоҳад бардошт. [2,С-29]

Дар воқеъ, қайд кардан лозим аст, ки дар замони кунунӣ, шаклҳои системаи молиявӣ-қарзии кишвар бисёрбанд аст ва яке аз бандҳои он, ин қарзи ипотекӣ мебошад.

Дар Тоҷикистон мафҳуми қонунии ин намуди қарз соли 2008 ҷорӣ шуд, ки дар қонун «Дар бораи ипотека» маънои луғавии истилоҳот ба шарҳи зайл аст:

• ипотека – гарави молу мулки ғайриманқул, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз қайди давлатӣ гузаштааст;

• гарав – тарзи таъмини иҷрои ӯҳдадориест, ки вобаста ба он кредитор оид ба ӯҳдадории бо гарав таъмингардида (гаравгир) ҳуқуқ дорад дар ҳолати иҷро накардани ин ӯҳдадорӣ аз ҷониби қарздор аз арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда нисбат ба дигар кредиторони шахсе, ки ин молу мулк аз они ӯст (гаравдеҳ), талаботашро афзалиятнок қонеъ гардонад, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун;

• гаравдеҳ - шахсе, ки дорои ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ба гарав гузошташуда мебошад;

• гаравгир - шахсе, ки талаботи ӯ оид ба ӯҳдадории асосӣ бо гарав таъмин шудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии муносибатҳоро вобаста ба пайдоиш, амал ва қатъи ипотека танзим менамояд. [3,С-233]

Мақсади ин қонун беҳтар намудани сатҳи некӯаҳолии халк дар мусоидатнамоии харидан ва сохтани хона, бӯстонсарой ва ғайра мебошад. Барои мисол, дар ҷумҳурӣ, дар шароити иқтсиодиёти бозоргонӣ, ки музди меҳнати миёнаи моҳонаи аҳолӣ 446.23 сомониро (дар соли 2011) ташкил медиҳад харидан ё сохтмони хона, ғайриимкон аст, аз ин лиҳоз варианти беҳтари соҳиби хона, замин, иншоот ва ғайра шудан, ин истифода бурдан аз қарзҳои ипотекӣ мебошад, ки дар давоми аз 15 то 25 солро дар бар мегирад.

Агар қарзгир қарзи ипотекӣ гирифта бошад, ӯ бояд ҳар моҳ фоизҳои қарзиро ва инчунин маблағе, ки Бонк ба ӯ дода буд, яъне маблағи қарзи асосиро (ҚА) бипардозад. Бо ҳамин роҳ қарзгир ҳар моҳ пардохт менамояд, ки аз 2 қисм иборат аст: фоизҳо (Ф) ва пардохти ҳиссаи қарзи асосӣ (ҲҚА). Дар баъзе Бонкҳо пардохтҳои ҳармоҳа аз 3 қисм иборатанд: пардохти қарзи асосӣ (ҚА), фоизҳо (Ф) ва инчунин комиссияи пешбурди ҳисоби қарзӣ (КПҲҚ).

Пардохти ҳармоҳа = Ф + ҲҚА + КПҲҚ

Пардохтҳои ҳармоҳаи қарзи ипотекӣ ё дар шакли пардохтҳои аннуитетӣ ё дар шакли пардохти маблағи қарзи асосӣ бо ҳиссаҳои баробар амалӣ мегарданд. Ҳар дуи ин намудҳои шаклҳои пардохтҳоро дар алҳоидагӣ дида мебароем

Пардохти аннуитетӣ чунин шакли пардохти қарзи ипотекӣ мебошад,
ки маблағи ҳармоҳаи пардохт дар давоми тамоми мӯҳлати қарз доимист. Дар навбати худ маблағи фоизҳои пардохтшаванда ва маблағи пардохти қарзи асосӣ ҳар моҳ дигар мешавад.

• шакли аннуитетии пардохт:

Қарзгир ба маблағи 40 000 доллари ИМА ба мӯҳлати 25 сол бо 16% солона қарзи ипотекӣ гирифт. КПҲҚ аз тарафи Бонк гирифта намешавад. Пардохт аз рӯи қарз – аннуитетӣ. Моҳи аввал Қарзгир 543,56 доллари ИМА мепардозад, ки аз он 10,22 доллари ИМА – маблағи пардохти қарзи ӯ (ҲҚА) ва 533,33 доллари ИМА – фоизҳо (Ф). Моҳи дуюм Қарзгир ҳамин маблағро (543,56) мепардозад, аммо аз ин пардохт 10,36 барои пардохти қарз (ҲҚА) ва 533,20 доллари ИМА – фоизҳо (Ф). Пас

аз 300 моҳи гирифтани қарз (баъди 25 сол) Қарзгир бояд инчунин 543,56 доллари ИМА бипардозад, аммо дар ин ҳол пардохти маблағи қарзи асосӣ (ҲҚА) 536,40 буд, ва ҳамагӣ 7,15 доллари ИМА пардохти фоизҳо (Ф) мебошад. Баъди 301 моҳи гирифтани қарз Қарзгир аз рӯи қарз пардохт намекунад, чунки дар ин вақт ҳамаи қарзи ӯ дар назди Бонк пурра пардохта мешавад.

• Дар шакли пардохт бо ҳиссаҳои баробар мисоли зеринро овардан мумкин аст:

Қарзгир ба маблағи 40 000 доллари ИМА ба мӯҳлати 25 сол бо 16% солона қарзи ипотекӣ гирифт. КПҲҚ аз тарафи Бонк гирифта намешавад. Пардохт аз рӯи қарз – бо ҳиссаҳои баробар. Моҳи аввал Қарзгир 666,67 доллари ИМА мепардозад, ки аз он 133,33 доллари ИМА – маблағи пардохти қарзи ӯ (ҲҚА) ва 533,33 доллари ИМА – фоизҳо (Ф). Моҳи дуюм Қарзгир 664,89 долл. США мепардозад, аммо дар ин пардохт 133,33 доллари ИМА барои пардохти қарз (ҲҚА) (ин маблағ то охири қарз тағирнаёбанда аст) ва 531,56 доллари ИМА – фоизҳо (Ф). Дар моҳи охирини мӯҳлати қарз Қарзгир бояд 135,11 доллари ИМА бипардозад, аммо дар ин ҳол 133,33 доллари ИМА ба ҳисоби пардохти қарз (ҲҚА) ва ҳамагӣ 1,78 доллари ИМА ба сифати пардохти фоизҳо (Ф) пардохт мегарданд. Пас аз 301 моҳи гирифтани қарз Қарзгир аз рӯи қарз пардохт намекунад, чунки дар ин вақт ҳамаи қарзи ӯ дар назди Бонк пурра пардохта мешавад.

Мувофиқи Паёмҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва қабули қонун дар бораи ипотека, ин намуди қарзҳо дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудаанд, аммо ба таври бояду шояд амал наменамоянд, зеро онҳо дар таъсири як чанд омилҳои объективию субъективӣ қарор доранд. Ба омилҳои объективӣ дохил мешаванд гаронии масолеҳи сохтмон, нобоварии аҳолӣ ба бонкҳо ва сохтмони ипотекӣ, зеро он дар ҷамъият ҷои худро наёфтааст. Ба омилҳои субъективӣ дохил мешаванд набудани ширкатҳои қарзӣ, ки бо соф амалиётҳои ипотекӣ машғул мешаванд, набудани имтиёзҳои андозӣ барои шахсони бо ипотека хона месохта в ғ.

Ҷараёни истифодабарии қарздиҳии ипотекӣ дар давоми 10-15 соли охир ба назар мерасад, ки он аз тарафи ташкилотҳои байналхалқӣ якҷоя бо ҳукумати кишвар (дар шаҳри Хуҷанд) ба роҳ монда шуд ва он ба кормандони соҳаи буҷавӣ пешниҳод шуда буд (алалхусус ба кормандони соҳаи тиб ва маориф). Соли 2004 ба устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров муясар шуд, ки аз ин қарз истифода баранд ва бинои баландошёнаи нотамоми (саршавии сохтмони он дар давраи Шӯравӣ оғоз шуда буд ва бо пошхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ он бозмонда буд) назди донишгоҳ пурра ба онҳо бо ифтитоҳи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон супурда шуд.

Сохтори қарзи ипотекӣ аз мавҳумҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ иборат мебошад, ки хусусияти зерсохторӣ дорад. Ин мафҳумро чунин таҳлил намудан мумкин аст: Дар марҳилаи аввал, вазъи қонунгузорӣ бояд асос шавад ва якчанд институтҳои ҳуқуқӣ рушд ёфта бошанд ва нисбатан ҳамон қадар барномаи иқтисодӣ вусъатдиҳанда мегардад. Қонуни «Дар бораи ипотека», ки дар соли нахустини ислоҳоти иқтисодӣ қабул гашта буд, даврони марҳилаи оғозӣ буд. Аммо амалиёти он ба шаклҳои урфу одати миллии кишвар кунунан таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Мутаассифона, қайд кардан лозим аст, ки дар ин қонун баъзе анбӯҳи номуайян ба назар мерасад. Амсол, дар боби 8, моддаи 44, як чанд бандҳо мутобиқати таффакури мардуми кишвар намебошанд. Маҳз, барои ин аз тарафи ашхосони қонундон ва масъул бояд аз нав таҳлил ва баррасӣ гардад, то ки мардумро ба унсурҳои касодӣ равона насозад.

Инак, чи бояд қайд кард, ки мутлақияти иқтисодии ҳар як субъекти хоҷагидорӣ дар он таҷассум ёбад, то ки давлат бо воситаи қонунгузорӣ меъёри ҳуқуқиро танзим намояд ва ҳавсмандии моддӣ (пулӣ) ва имтиёзҳои андозиро ҷорӣ намояд. Пеш аз ҳама ин зарур аст ба рушди қарзи ипотекӣ дар ҷумҳурӣ, ки сатҳи некӯаҳолии халқро ба зинаи нави беҳбудӣ хоҳад расонид.

Дар мамоликҳои муттараққии ҷаҳон ба монанди ИМА, Олмон, Фаронса, Италия ва амсоли онҳо, танзими давлатии қарзи ипотекӣ зиёдтар мебошанд. Аммо ин, дар навбати худ ба ғайр аз ҷабхаҳои мусбӣ ҷабҳаҳои манфӣ низ дорад. Барои он мисол шуда метавонад, бӯҳрони соли 2008, ки дар ИМА авҷ гирифт, бо ин намуди қарз вобаста буд ва якчанд ширкатҳои ипотекии (монанди, Фреди Мэй) ин мамлакат ба кулли бесариштагиҳоро ба бор овард. Дар натиҷа садҳо миллион мардум аз мавзеи кории худ ҷудо гаштанд.

Ба фикри мо, барои инкишофи равандҳои қарзи ипотекӣ якчанд мансубаҳоро ҷорӣ намудан лозим аст:

1. Ҳиссаҷудокунӣ аз буҷети давлат ба муассисаҳои ипотекӣ;
2. Ташкил намудани фонди хавасмандӣ ба қарзи ипотекӣ, қисман аз тарафи давлат ва қисман аз тарафи сармоягузорини хориҷӣ ва ватанӣ;
3. Имтиёзнок намудани мӯҳлати пардохти қарзи ипотекӣ;
4. Ҷалб намудани кулли аҳолӣ ба таблиғоти саҳеҳи фаъолияти қарзи ипотекӣ;
5. Аз тарафи давлат мустаҳкам намудани муассисаҳои қарзӣ барои сарҷамъии фаъолияти ипотекӣ.

Ин гуна, омилҳоро барои амалӣ шудани қонунҳои ипотекӣ дар замони муосир бояд дастгирӣ намуд. Инчунин, дар навбати худ, ҳар як давлат, субъекти хоҷагӣ ва дигар унсурҳои фаъоли иқтисодии кишвар барои амалӣ шудани Қонунҳои ипотекӣ талош варзад.

Инак, дар шароити муосир, ба мардуми инкишофёфтаистодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нав ба иқтисоди бозоргонӣ рӯ овардаистодааст қарзҳои ипотекӣ аҳмияти назаррас дорад, ки намуди қарзи ипотекӣ ба ҳарду ҷониб манфиатовар аст. [4,С-327]

Дар замони кунунӣ, яке аз самтҳои асосии ҳукумати кишвар ин, ба роҳ мондани амалиёти қарзи ипотекӣ аст. Аммо, дар навбати худ, пардохтҳои аввалиндараҷа аз арзиши авалаии объектҳо на бояд аз 10-15% зиёд бошанд. Дар ин бобат аз таҷрибаи кории ҷумҳуриҳои ҳамсоя ибрат гирифтан айни замон аст. Чунончи, дар сохаҳои гуногуни зиёдҷанбаи иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Федератсияи Россия қарзҳои ипотекӣ зиёданд. Барои пардохти қарзҳои ипотекӣ аз 15 то 25 сол мӯҳлат бояд дод, чунончи пардохти нахустини объектҳои сохтмонию заминҳои холӣ, арзиши аслиаш 10%-ро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ маблағгузориҳои қарзии бонкҳо оиди қарзи ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз соли 2010 мушоҳида карда мешавад.

Бояд гуфт, ки ипотека дар Ҷумҳурии Точикистон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» ва дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин дастурамал ва қонунҳоеро, ки Бонки Миллии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ба танзим даровarда мешавад.

**Адабиёт:**


1. Белоглазова В.Г. Банковское дело и банковские операции М-2011 Саҳ- 189
2. Паёми Президенти ҶТ. Душанбе 2015с.Саҳ -29
4. Лаврушин О.И. Банковские операции М- 2009. Саҳ-233
5. Эдвин Джю Долан. **Деньги, банковское дело и денежно – кредитная политика.** Спб: «Санкт – Петербург ОРКЕСТР», 2009. Саҳ-327


## РАВАНДҲОИ ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ ВА ҶОРӢ НАМУДАНИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Шарҳи мухтасар**

Дар маърӯза масъалаҳои такмили қарздиҳии ипотекӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар маърӯза муаммоҳои ҷойдошта дар самти иҷрои ин амалиёт аз ҷониби бонкҳои тиҷоратиии кишвар мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Нақши давлат низ дар вусъат бахшидани ин амалиёт мавриди омӯзиш қарор дода шуда, роҳҳои густариш додани он пешниҳод карда шудааст.
Калидвожаҳо: Ҳукумат, бонкҳои тиҷоратӣ, қарздиҳии ипотекӣ, сармоягузорӣ.

## ROLE AND IMPORTANCE OF MORTGAGE CREDITING IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Annotation**:

The main position and direction of mortgage lending was studied and considered in the article. The main problems in the development of this method of lending by commercial banks in the Republic of Tajikistan and the role of the state in the development of this lending method are revealed. The experience of developed countries in the field of mortgage lending has been studied and presented.
**Keywords**: state, commercial banks, mortgage lending, investments.

**САМАРИДИНИ** Шоҳназар
Магистрти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси 1 – 25 01 04 02
«Кори бонкӣ »
**САМАРИДИНИ** Шоҳназар
Магистр 2- курса Финансово экономического института Таджикистана по специальности 1 – 25 01 04 02 по специальности «Банковское дело»
**SAMARIDINI** Shokhnazar
Master of 2-course of the Financial and Economic Institute of Tajikistan on the specialty 1 - 25 01 04 02 "Banking"

## УСУЛҲОИ БАҲОГУЗОРӢ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

## УПРАВЛЕНИЕ БАНКОВСКИМИ РИСКАМИ И МЕТОДЫ ИХ ОЦЕНКИ

**АННОТАЦИЯ:**

В статье изучены основные операции, проводимые коммерческими банками на территории Республики Таджикистан. Выявлены основные виды риска которые характерны для банковской системы. Рассмотрены и представлены способы оценки банковских рисков и пути их преодоления.
**Ключевые слова**: коммерческие банки, банковские операции, банковские риски.

Дар фаъолияти амалии бонкӣ истиснои хавф умуман муҳим набуда, балки пешбинии он, баҳогузорӣ ва идоракунии он асосӣ мебошад. Дар ҳама ҳолатҳо хавф бояд муайян карда шавад. Дар натиҷаи баҳогузориҳои нодурусти хавфҳо ва ё мавҷуд набудани имконияти ба онҳо муқобил гузоштани ягон гуна чораҳои амалӣ, барои бонк оқибатҳои манфиро ба бор меорад.

Баҳогузории сатҳи хавф яке аз марҳилаҳои асосии идоракунии хавфҳо мебошад, чунки барои идоракунии хавфҳо онро зарур аст, ки дар навбати аввал таҳлил ва баҳогузорӣ намуд.

Зери баҳогузории хавф раванди мунтазами ошкорсозии омилҳо ва намудҳои хавф ва баҳогузории миқдории онҳо фаҳмида мешавад.

Сарчашмаҳои маълумот, ки барои таҳлили хавф пешбинӣ гардидаанд, инҳо мебошанд:

- баҳисобгирии бухгалтерии бонк;
- сохтори ташкилӣ ва рӯйхати сохтории бонк;

- харитаи ҷараёнҳои технологӣ;
- шартномаҳо;
- нақшаҳои молиявӣ-хоҷагидории бонк.

Ду марҳилаи баҳогузории хавф ҷудо карда мешаванд;
- таҳлили сифатнокӣ;
- таҳлили миқдорӣ.

Вазифаи **таҳлили сифатнокии** хавф – ин ошкорсозии сарчашмаҳо ва сабабҳои хавф мебошад, ки онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои бонкӣ ба миён меоянд, яъне:
- муайянсозии доираҳои эҳтимолии хавф;
- ошкорсозиие, ки ба фаъолияти бонк вобастагӣ доранд;
- пешгӯии фоидаҳои амалӣ ва оқибатҳои имконпазири манфии инъикос гардидании хавфҳои ошкоршуда.[1.С-56]

Мақсади асосии таҳлили миқдорӣ – ин ошкорсозии намудҳои асосии хавфҳо, ки ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории бонк бо баҳисобгирии тахассуси он таъсир мерасонад.

Аҳамияти чунин муносибат ба баҳогузории хавф аз он иборат аст, ки аллакай дар марҳилаи ибтидоии таҳлил роҳбарияти бонк метавонад дараҷаи хавфҳоро аз рӯи таркиби сифатнокии хавфҳо баҳогузорӣ намояд ва дар ин марҳила аз татбиқи қарори муайян даст кашад. Натиҷаҳои ниҳоии таҳлили сифатнокии хавф, дар навбати худ ҳамчун иттилооти аввалин барои гузаронидани таҳлили миқдорӣ хизмат намоянд, яъне имкон медиҳанд, ки корҳоро оиди баҳогузорӣ танҳо бо он т хавфҳое, ки дар ҳақиқат ҳангоми амаликунии амалиётҳо оид ба қабули қарор аз рӯи амалиёти аниқи бонкӣ ҷой доранд, маҳдуд созад.

Дар марҳилаи таҳлили миқдории хавф маъниҳои рақамии бузургиҳоии алоҳида ва хавфи объект умуман ҳисоб карда бароварда мешаванд. Инчунин зарари имконпазир ошкор карда шуда, баҳогузории арзишӣ аз ошкор гардидани хавф дода мешавад. Марҳилаи ниҳоии баҳогузории миқдорӣ – ин коркарди системаи чорабиниҳо мебошад, ки ба камкунии хавф ва ҳисоб карда баровардани эквиваленти арзишнокии он равона карда шудааст.

Якчанд усулҳои асосии баҳогузориии бонкиро ҷудо кардан мумкин аст: оморӣ, баҳогузории экспертӣ, усули таҳлилӣ ва усули шабоҳатӣ.

**Усули оморӣ.**

Усули оморӣ аз он иборат аст, ки омори талафотҳо ва даромадҳои дар гузашта, ки ҳангоми қабули қарорҳои шабоҳатӣ ҷой доштанд, омӯхта мешавад, андоза ва суръати бадастории ин ё он боздеҳи иқтисодӣ муқаррар гардида, баъд таҳлили эҳтимолӣ гузаронида, пешгӯии рафтори минбаъда дар бозори хидматгузориҳои бонкӣ тартиб дода мешавад.

Бартарияти усули оморӣ ин имконияти таҳлил ва баҳогузории вариантҳои гуногуни инкишофи воқеъаҳо ва баҳисобгирии омилҳои гуногуни хавфҳо дар чаҳорчубаи як муносибат мебошад.

Камбудии асосии ин усул дар он аст, ки дар он чунин таснифотҳоеро бояд истифода бурд, ки ҷой дошта метавонанд, лекин ҳатмӣ нестанд. Аз ҷумла, чунин таснифотҳо ба монанди: баҳогузории эҳтимолияти иҷроиш, таҳлили тақсимоти эҳтимолии мураттабии пардохтҳо, моделикунонии қалбакии хавфҳо.

Баҳогузории эҳтимолияти иҷроиш имкон медиҳад, ки баҳогузории омории оддӣ кардашудаи иҷрои ягон гуна қарор бо роҳи ҳисоб карда баровардани ҳиссаи қарорҳои иҷрошуда ва иҷронашуда бо маблағи умумии қарорҳои пештар қабулгардида, дода шавад.[2. С- 121]

Таҳлили тақсимотҳои эҳтимолии ҷараёнҳои пардохтҳо имконият медиҳад, ки ҳангоми тақсимоти маълуми сенарияҳои имконпазир барои ҳар як ҷузъи ҷараёни пардохтҳо тамоилҳои имконпазири арзишҳои ҷараёнҳои пардохтҳо аз ҷараёнҳои

чашминтизор баҳогузорӣ карда шаванд. Ҷараёнҳо ба тамоилҳои хурдтарин бо хавф хеле кам алоқаманд ҳисоб карда мешавад.

Моделкунонии қалбакӣ яке аз усулҳои самараноки таҳлили системаи иқтисодӣ мебошад. Он ҳамчун раванди гузаронидани таҷрибаҳо дар МЭҲ (мошинҳои электронии ҳисоббарор) бо моделҳои математикии системаҳои мураккаби ҷаҳони воқеӣ фаҳмида мешавад.

Моделкунонии қалбакӣ дар он ҳолатҳо истифода бурда мешавад, ки гузаронидани озмоишҳои воқеӣ (масалан, бо системаҳои иқтисодӣ) аз рӯи хирад нест ва он хароҷати зиёдро талаб намуда, дар амал иҷронашаванда аст. Бисёр вақт амалан иҷронашаванда аст ва ё дар рафти ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳо хароҷотҳои зиёдро талаб менамояд. То ки ба ин роҳ дода нашавад, дар чунин ҳолатҳо маълумотҳои мавҷуднабудаи воқеӣ бо бузургиҳое, иваз карда мешаванд, ки дар раванди моделкунонии қалбакӣ ба даст омадаанд.

**Усули баҳогузориҳои экспертӣ**

Усули баҳогузории экспертӣ дар заминаи омӯзиши баҳогузориҳо, ки аз ҷониби экспертҳо гузаронида шудаанд, асос меёбад ва аз тартибдиҳии баҳогузориҳои ҷамъбасткунандаи экспертӣ иборат аст. Дар ин ҳолат имконияти истифодаи ҳисси гувоҳии пешакӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва касбии иштирокчиёни пурсиш ба миён меояд. Усул, агар норасоӣ ва ё набудани маълумот имкон надиҳад, ки дигар имкониятҳоро истифода барем дар он ҳолат истифода карда мешавад. Усул аз гузаронидани пурсиши якчанд экспертҳои мустақил замина мегирад, масалан бо мақсади баҳогузории сатҳи хавф ва ё муайянсозии таъсири омилҳои гуногун ба сатҳи хавф. Баъд маълумоти бадастомада таҳлил карда шуда, барои бадастории мақсади гузошташуда истифода мешавад.

Ба ин усул метавонем баҳогузории рейтинги қарзро баргардонида тавонистани мизоҷони бонк, усули риояи меъёрҳои иқтисодии системаи бонкӣ, ҳисоббаробаркунии андозаи хавф аз рӯи сандуқи қарзии бонки тиҷоратӣ ва муайянсозии ҳаҷми захираи барои бонк зарурӣ барои рупӯш намудани талафотҳои имконпазир аз ин хавфҳои қарзӣ, гурӯҳбандии қарзҳо вобаста аз дараҷаи хавф таносуб диҳем.

**Усули таҳлилӣ**

Усули таҳлилӣ ташхиси давраҳои хавфро бо муқаррарсозии хавфи муносиб барои ҳар як намуди амалиёти бонкӣ ва маҷмӯи онҳо пешбинӣ менамояд.

Имкон медиҳад, ки эҳтимолияти ба миёноии талафотҳо дар асоси моделҳои математикӣ муайян карда мешавад ва асосан барои ташхиси хавфи лоиҳаҳои инвеститсионӣ истифода мешавад. Истифодаи чунин усулҳо ба монанди ташхиси дақиқӣ, усули тасҳеҳи меъёри дисконӣ бо баҳисобгирии хавф, усули эквивалентҳо, усули сенарияҳо.

Ташхиси дақиқӣ аз тадқиқи вобастагии баъзе аз нишондиҳандаи ниҳоӣ аз лаппишҳои аҳамиятии нишондиҳандаҳо иборат аст, ки дар муайянсозии он иштирок менамоянд. Яъне, ин усул имкон медиҳад, ки ба саволҳои намуда ҷавоб гирем: бо бузургии ниҳоӣ чи рӯй медиҳад агар маънии як миқдор андозаи ниҳои тағйир ёбад?

Усули тасҳеҳи меъёри дисконт бо ба ҳисобгирии таваккалият хеле оддӣ мебошад ва дар натиҷаи ин дар амалия зиёдтар истифода мешавад. Ғояи асосии он аз тасҳеҳи як миқдори меъёри базавии дисконт иборат аст, ки он ғайри хавфи ва ё ҳадди ақал қобили қабул ҳисоб мешавад. Тасҳеҳ бо роҳи изофа кардани бузургии мукофотпулии талабшаванда барои хавф амалӣ карда мешавад. [3. С- 327]

Бо ёрии усули эквивалентҳои боэътимод тасҳеҳи маъниҳои чашминтизори ҷараёни пардохтҳо бо роҳи воридсозии коэффитсиентҳои махсуси пасткардашуда бо мақсади овардани воридотҳои чашминтизор ба бузургиҳои пардохтҳо амалӣ карда мешавад, ки бадастории онҳо амалан шубҳаовар нест ва маънии онҳо аниқ муайян карда мешаванд. Мақсади асосии идоракунии активҳо ва пассивҳо аз дастгирии

даромадҳои фоизӣ ва вазъи асъории бонк дар диапазонҳои додашуда бо шарти нигоҳдории маблағҳои бозоргир дар ҳудудҳои имконпазир мебошад. Усулҳои аз ҳам зиёд паҳнгардидаи идоракунии активҳо ва пассивҳо инҳоянд:
- ба як шакл даровардани активҳо ва пассивҳо аз рӯи мӯҳлатҳои адокунии онҳо;
- якҷоякунии онҳо аз рӯи мӯҳлатҳо;
- хеджикунонӣ;
- секюритизатсия.

Диверсификатсия – ин тақсимоти сармояҳои пули маблағгузоришаванда байни объектҳои гуногуни маблағгузориҳо бо мақсади пасткунии хавфи талафотҳои имконпазири сармоя ва ё даромадҳо аз он. Аз ҷумла, ҳамчун намунаи диверсификатсия тақсимоти сармояи қарзӣ байни шумораи зиёди мизоҷон мебошад.

Хеджикунонӣ – истифодаи як фишанг барои пасткунии хавф, ки бо таъсири номусоиди омилҳои бозорӣ ба нархи дигар, ё бо фишанги якум, ва ё ба ҷараёнҳои куллии он ҳосилкунанда алоқаманд аст. Хеджикунонӣ аз бисёр ҷиҳат на барои зиёдкунии даромад, балки барои пасткунии хавфҳои эҳтимолӣ истифода бурда мешавад.

Суғуртакунӣ – дар ҳолати хароҷотҳои ногаҳонӣ, ки онро шахс бояд содир намояд ва ё бояд барои бартарафсозии зарари расида ва ё инчунин дар ҳолати ба даст наовардани даромадҳои чашминтизор амалӣ карда шавад.

Вобаста аз намудҳои аниқи хавфҳо бояд механизми идоракунии онҳо муайян карда шавад. Мумкин аст, кушиш намуд стандартҳои умумии идоракунии хавфҳои барои бонк хос бударо ошкор намуд.

**Адабиёт**


3. Ашуров Н. Идора кардани хатари бонкӣ Душанбе 2008с. Саҳ-56.
4. Белоглазова В.Г. Деньги, кредит, банки. М-2011 Саҳ -121.
3.Жарковская Е.П. Банковское дело Спб: «Санкт – Петербург ОРКЕСТР», 2009. Саҳ-327


## УСУЛҲОИ БАҲОГУЗОРӢ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ


ШАРҲИ МУХТАСАР:

Дар маърӯза фаъолияти бонкҳои тиҷоратии кишвар ва амалиётҳои онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин дар маърӯза намудҳои хавҳо, ки дар низоми бонкии кишвар ба назар мерасад мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода шудааст. Роҳҳои баҳогузорӣ тибқи стандартҳои байналмиллалӣ дар самти идоракунии хатар пешниҳод гардидааст.



Калимаҳои калидӣ: бонкҳои тиҷоратӣ, амалиётҳои бонкӣ, хавфҳои бонкӣ,


## BANK RISK MANAGEMENT AND METHODS OF THEIR ASSESSMENT


ANNOTATION:

The article deals with the main operations conducted by commercial banks in the Republic of Tajikistan. The main types of risk that are typical for the banking system are identified. The ways of assessing banking risks and ways to overcome them are considered and presented.



Keywords: commercial banks, banking operations, banking risks.




**СОЛИҲОВ** Солеҳ
Магистрти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси 1 – 25 01 04 02
«Кори бонкӣ »
**СОЛИҲОВ** Солеҳ
Магистр 2- курса Финансово экономического института Таджикистана по
специальности специальности 1 – 25 01 04 02 «Банковское дело»
**SOLIHOV** Soleh
Master of 2-course of Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty 1 - 25 01 04 02, specialty 1 - 25 01 04 02 "Banking"

# АМАЛИЁТҲОИ ҚАРЗИИ БОНКИ ДАВЛАТИИ АМОНАТГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «АМОНАТБОНК»

# КРЕДИТНЫЕ ОПЕРАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО СБЕРЕГАТЕЛЬНОГО БАНКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН "АМОНАТБОНК"

**Аннотация:**

В статье изучены и рассмотрены основные направления финансовой деятельности банка. Доказанна существенная роль банка в развитии и подержки малого и среднего бизнеса в республике. Предложены пути совершенствования финансовой деятельности банка в области инвестирования государственных и частных предприятий.

**Ключевые слова:** государство, экономика, кредитование, финансирование, инвестиции.

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» (минбаъд Бонки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» номида мешавад) мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Ойинномаи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», қарорҳои амалкунандаи Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар дастуру ҳуҷҷатҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва Амонатбонк дар соҳаи муносибатҳои пулию қарзӣ ва Низомномаи худ барои ашхоси ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликияташон, ашхоси воқеӣ ва гурӯҳи қарзгирон, ки минбаъд «қарзгиранда» ва ё «қарзгир» ёдрас мешаванд, қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат пешниҳод менамояд.

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» қарзҳоро бо мақсадҳои зерин пешниҳод менамояд:

- истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (боғу токпарварӣ, занбӯрпарварӣ, чорводорӣ, зироаткорӣ ва ғайра);
- рушди соҳибкории хусусӣ, асосан қарзҳои хурд;
- зиёд кардани маблағҳои гардишии корхонаҳо;
- қонеъ гардонидани зарурати иҷтимоӣ;
- харидорӣ намудани воситаҳои асосӣ;
- қарзҳои байнибонкӣ;
- дигар мақсадҳои зарурӣ.

Қарзҳо аз тарафи Амонатбонк ҳамчунин дар асоси қарорҳои алоҳидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маблағи онҳо аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ ва дигар мақомотҳо ҷудо карда мешавад, аз рӯи тартибу шартҳои Низомномаи қарзии Амонатбонк ва қоидаҳои бо ин мақомотҳо мувофиқа гардида, пешниҳод карда мешаванд.

Манбаъ барои додани қарзҳо: маблағҳои худии бонк, маблағҳои ба пасандозҳои аҳолӣ ҷалбшуда, маблағҳои аз ҳисоби фурӯши қоғазҳои қиматнок бадастомада, инчунин маблағҳои ашхоси ҳуқуқии буҷавию ғайрибуҷавие, ки ҳамчун маблағҳои озод дар ҳисобҳои депозитии бонк мавҷуданд ба ҳисоб мераванд.Қарзҳо ба қарзгироне, ки қарзи қаблан гирифтаашонро пардохт накардаанд ва ё қарздории фоизи доранд, дода намешаванд.

Вобаста ба ин, қарзҳо метавонанд ба таври зайл дода шаванд, ки намудҳои он аз тарафи Раёсати бонк тасдиқ карда мешаванд:

а) дар шакли додани қарз – дар ҳолате, ки бонк аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва ё маблағҳои ҷалбнамудааш маблағҳои пулиро ба қарзгир қарз медиҳад,

б) дар шакли қарзи амонатӣ – дар ҳолате, ки бонк дар асоси шартнома миёнравии байни ду муштариёнашро, ки таҳти назорати бонк хоҳиши ба якдигар муваққатан додани маблағҳои пулиро доранд, хавфи баргардонидани ин маблағҳоро ба зиммаи худ мегирад,

Додани қарз ба қарзгир ба таври ғайринақдӣ аз суратҳисоби қарзӣ ба воситаи супоришномаи пардохтӣ амалӣ карда мешавад. Дар сурати тавассути созишномаи факторингӣ додани қарзҳои депозитӣ ва ё қарзҳои блонкавӣ (боваринок) маблағи қарз ба суратҳисоби қарзгир гузаронида мешавад. Меъёри фоизии барои истифодаи қарз ва тартиби пардохти онҳо вобаста ба мӯҳлати истифодабарии қарз, дараҷаи хавфи пардохтпазирии қарзгир, дараҷаи таъминнокии қарз, меъёри бозтамвилии Бонки миллии Тоҷикистон, арзиши маблағҳои ҷалбшуда бо дарназардошти ба ҳисоб гирифтани таъмини даромаднокии бонк дида баромада мешавад.[1.С- 123]

Меъёрҳои фоизӣ метавонанд доимӣ ва ё тағйирёбанда шаванд. Меъёри фоизии доимӣ барои тамоми давраи истифодабарии қарз як хел монда, меъёри фоизии тағйирёбанда бошад, вобаста ба зиёдшавии талабот нисбат ба қарз, ҳолати воқеии иқтисодиёт, гардиши маблағҳои пулӣ метавонад дигар шавад, ки дар ин бора қарздор ҳатман огоҳ карда мешавад.

Дар сурати аз тарафи қарздор сари вақт пардохт нагардидани маблағи қарз ва фоизҳои ҳисобшудаи он, бонк метавонад меъёри фоизии қарзи додашударо ба андозаи 2 баробар зиёд намуда, маблағи онро аз қарзгир ҳамчун ҷарима (пеня) ситонад.

Фоизи қарз барои мӯҳлати ҳақиқии истифодабарии он ҳисоб карда мешавад, ки он аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$С = К \text{ х } \frac{П}{100} \text{ х } \frac{Д}{360}$$

ки дар ин ҷо, С - маблағи фоизи қарз, К - бақияи қарз, П - фоизи қарз, 360 - шумораи рӯзҳо дар сол, Д - шумораи рӯзҳои истифодабарии қарз.

Дар вақти ҳисоб намудани фоизи қарз барои қарзҳои кӯтоҳмуддат (то 1 сол) шумораи рӯзҳо дар як сол 360 рӯз гирифта мешавад.

Таҳлили сатҳи фаъолияти Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»

Таҳлили дороиҳои (активҳои) бонк. Дар соли 2012 сармояи бонк 1 248 067 ҳаз. сомониро ташкил медод, дар сол 2013 бошад он ба 1 633 670 ҳаз. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2012 385 603 ҳаз. сомонӣ зиёд аст. Сарчашмаи асосии зиёд гардидани сармояи ойинномавии бонк ин пеш аз ҳама аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани андозаи сармояи ойинномавӣ ва ба даст овардани фоидаи соф дар соли ҷамъбастӣ муайян шудааст.

Дороиҳои бонк дар соли 2013 - 1 633 670 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки тақрибан 2 маротиба зиёдтарро дар соли ҷамъбастии 2011 нишон дод. Чуноне, ки дар саволҳои қаблӣ шарҳ додем Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» - бонки мардумӣ буда, дар баробари фаъолият намудан дар зинаи бонкҳои тиҷоратии амалкунанда бо хизматрасониҳои рангоранг ва хело мардумӣ нақш ва мароми намоён дорад. Ин гуфтаҳо алалхусус дар хизматрасониҳои зерин маънидод мешаванд:

1. хизматрасонӣ ба нафақахӯрон;
2. хизматрасонӣ ба ташкилотҳои буҷетӣ;
3. пардохти кумакпулиҳо ба оилаҳои камбизоат;
4. қабули пардохтҳои об, барқ, газ ва хизматрасониҳои коммуналӣ;
5. барориш ва фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ;

6. қабули маблағи андозҳо, боҷҳо ва дигар ҷаримаҳое, ки ба буҷети давлатӣ ворид мегарданд ва ғайраҳо.
2. Хизматрасониҳои молиявӣ ба шаҳрвандон ва субъекҳои хоҷагидорӣ. Амонатбонк дар шароити имрӯза ба 3182 муассисаи буҷетӣ ва 4798 ташкилоти ғайрибуҷетӣ хизмат мерасонад. Танҳо дар соли 2012 ба суратҳисобҳои муассисаҳои буҷетӣ 466,8 млн. сомонӣ ва маблағҳои воридгардида ба суғуртаи иҷтимоӣ 89,2 млн. сомониро ташкил дод. Дар ҳамин давра шӯъбаҳои бонк ба таври нақдӣ ба корхонаҳои буҷетӣ 134,3 млн. сомонӣ маблағ пардохт намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2011 37,3 % зиёдтар мебошад. Ба оилаҳои камбизоат барои пардохти ҳаққи газ ва барқ 9,5 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст. [2. С- 26]

Бақияи амонатҳои гузоштаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соли 2012 237,2 млн. сомониро ташкил дод, ки аз ин маблағ 79,8 млн. сомонӣ амонатҳои шахсони воқеӣ буда, дар муқоиса дар ҳамин давраи соли 2011ба 96 фоиз баробар аст.

Муассисаҳои Амонатбонк дар ин давраи ҳисоботи аз хизматрасониҳои коммуналӣ ба маблағи 30,4 млн. сомонӣ пардохт ҷамъ намуданд, ки нисбати соли гузашта 70,5 фоиз зиёд мебошад. Дар соли 2012 ҳаҷми маблағҳои интиқолнамуда 95 млн. доллари ИМА –ро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 2 маротиба зиёд аст.

Амонатбонк имрӯзҳо ба 513 ҳазор нафақахурон хизмати молиявӣ мерасонад.Дар семоҳаи аввали соли 2012 муассисаҳои Амонатбонк ба 7463 мизоҷ ба маблағи зиёда аз 86 млн. сомонӣ қарз доданд, дар санаи 1марти соли 2013 бошад бақияи қарздорони бонк 167 млн. сомониро ташкил дод.

Қарзи Амонатбонк асосан ба чунин соҳаҳо равона гардидааст: ба саноат – 564 000 сомонӣ, ё 0,9 %, барои сохтмон – 1174 ҳазор сомонӣ ё 1,8 %, ба хоҷагии қишлоқ 38 705,6 ҳазор сомонӣ ё 60%, ба соҳаи соҳибкории хурду миёна – 17807,9 ҳазор сомонӣ ё 27,4 %, қарзи истеъмолӣ – 5469 ҳазор сомонӣ ё 8,4 %, ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт – 1332,8 ҳазор сомонӣ ё 2,2 фоиз.

Чуноне, ки дар саволҳои болоӣ дида баромадем Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ягона бонке мебошад, ки қариб дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ шӯъба ва намояндагиҳо дорад ва ҳатто дар хориҷи кишвар низ агентҳои Амонатбонк фаъолият менамоянд. Дар ин асос нишондодҳои ҷадвали болоӣ шабеҳи он мебошанд, ки раванди фаъолияти бонк назаррас ва муътадил буда, солҳои таҳлилшавандаро бо фоида (190 500 сомонӣ) анҷом додааст.[3. С- 496]

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» солҳои охир тартиби пешниҳоди намудҳои нави қарздиҳӣ, аз қабили тартиби пешниҳоди қарзҳои хурд (микрокредит), пешниҳоди қарзҳои истеъмолӣ, ҷиҳати харидорӣ намудани молҳои ниёзи мардум, пешниҳоди қарзҳо барои пардохтҳои гумрукӣ, роҳ ва дигар пардохтҳои ба он баробар, пешниҳоди қарзҳои хурд ба соҳибкорони хурду миёнаи ноҳияҳои минтақаи кӯҳистон, ки ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ машғуланд кор карда баромада, мавриди истифода қарор дод, ки айни замон аз рӯи онҳо фаъолияти қарздиҳии бонк бомуваффақият пеш рафта истодааст.

Ҳаминтавр, Амонатбонк чун бонки давлатӣ доимо бар он талош дорад, то намудҳои нави қарздиҳиро, ки пешниҳоди онҳо на аз ҳисоби маблағҳои худӣ балкӣ аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷ сармогузоришуда амалӣ мегарданд пешниҳод намояд ва ҷалбкунии маблағҳо хусусияти мақсадноки худро доранд.

**Адабиёт**


1. Жуков А.Ф. Деньги, кредит, банки. Москва 2008 Саҳ-123.
2. Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон № 176 Саҳ-26
3. Эдвин Джю Долан. **Деньги, банковское дело и денежно – кредитная политика.** Спб: «Санкт – Петербург ОРКЕСТР», 2008. – 496 ст


## АМАЛИЁТҲОИ ҚАРЗИИ БОНКИ ДАВЛАТИИ АМОНАТГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «АМОНАТБОНК»

## ШАРҲИ МУХТАСАР:

Дар маърӯза нақши БДАҶТ “Амонатбонк” мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар маърӯза фаъолияти молиявии бонк мавриди омӯзиш қарор дода шуда, нақши бонкд дар дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо**: ҳукумат, иқтисод, бонк, қарздиҳӣ, молия, сармоягузорӣ.

**CREDIT OPERATIONS OF THE STATE SAVINGS BANK OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN "AMONATBONK"**

**Annotation**:

The main direction of the bank's financial activity has been studied and considered in the article. The Bank has shown a significant role in the development and support of small and medium-sized businesses in the republic. The ways of improving the financial activity of the bank in the field of investment of state and private enterprises are suggested.

**Keywords**: state, economy, crediting, financing, investments.

**ДАВЛАТОВ** Улфатшоҳ
Магистрти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси 1 – 25 01 04 02 «Кори бонкӣ »
**ДАВЛАТОВ** Улфатшоҳ
Магистр 2- курса Финансово экономического института Таджикистана по специальности 1 – 25 01 04 02 «Банковское дело»
**DAVLATOV** Ulfatshosh
Master of 2-course of Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty 1 - 25 01 04 02, "Banking"

## ЗАРУРИЯТ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛИЁТҲОИ СЕЙФӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

## МЕХАНИЗМЫ ПРОВЕДЕНИЯ СЕЙФОВЫХ ОПЕРАЦИЙ КОММЕРЧЕСКИМИ БАНКАМИ

АННОТАЦИЯ:

В статье рассмотрены основные положения и направление деятельности коммерческих банков в области проведение сейфовых операций. Рассмотрены правовые основы проведения сейфовых операций коммерческими банками. Предложены пути усовершенствования данной операции, а так же обоснованно экономическая основа проведения таких операций.

Ключевые слова; коммерческие банки, сейфовые операции, Национальный банк Таджикистана, банковские операции и услуги.

Тартиби аз ҷониби бонкҳогузаронидани амалиёти сейфиро (ба иҷора додани қуттиҳои сейфӣ ё азшахсони воқеию ҳуқуқӣ – резидентҳо ва ғайрирезидентҳо(минбаъд дар матн - муштарӣ) қабулкардани дороиҳоро (минбаъддар матн - ашёи нигаҳдошт) бароинигаҳдорӣ) муайянмекунад. Дастуруламал ӯҳдадорию масъулияти кормандони бонкро, ки фаъолияти онҳо аз хизматрасонии бонкӣ ба муштариён иборат буда, хоҳиши ба иҷора гирифтани қуттиҳои сейфиро дар бонкҳо барои нигаҳдории дороиҳои худ доранд, муайян мекунад. Қуттиҳои сейфӣ сейфҳои (блокҳои) зиреҳ пӯши дорои қуттиҳои алоҳидаи рақамдори гуногун ҳаҷм мебошанд, ки бо қулф маҳкам карда мешаванд ва ду калид доранд. Дар дохили ҳар як қуттӣ барои ҷойгир, нигаҳдорӣ ва ҳамлу нақли дороиҳо дар бинои бонк (хазина) контейнер гузошт ашудааст.

Қуттиҳои сейфӣ дар ҷойи (хазинаи) махсуси муҷаҳҳазшуда, ки дари зиреҳ пӯши маҳкамшаванда дорад ва бо васоити сигналдиҳии ҳифозатию сӯхторнишонӣ таъмин аст, гузошта мешаванд. Барои хизматрасонӣ ба муштариён ҳангоми ба қуттиҳои сейфӣ гузоштани дороиҳо, гирифтан, ё аз назар гузаронидан онҳо хона ё утоқҳои алоҳидаи аз ҳам ҷудо муҷаҳҳаз карда мешаванд, ки онҳо фаъолияти озоди муштарӣ ва махфӣ будани дороиҳои барои нигаҳдорӣ супурдаро таъмин мекунанд.

Бонк амалиёти сейфӣро тавассути ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ муваққатан ба мӯҳлати аз 1 рӯзто 1 сол ва бештар аз он ба иҷорадодани қуттиҳои сейфии инфиродии гуногун ҳаҷм анҷом медиҳад. Бонк барои нигаҳдории пул, дороиҳо, ҳуҷҷатҳо, коғазҳои қиматнок ё дигар ашё ба муштариёне, ки ба бонк барои ба иҷора додани як ё якчанд қуттиҳои сейфии инфиродӣ муроҷиат кардаанд, аз рӯи шартҳои ба қоидаҳои бонкӣ ва талаботи пешбиникардаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ қуттиҳои андозаашон муаянро пешниҳод мекунад. Дар сурати ба иҷора додани қуттиҳо миёни бонк ва муштарӣ барои нигаҳдории дороиҳо мутобиқи замимаи № 1 ин Дастуруламал шартномаи иҷораи қуттии сейфии инфиродӣ баста мешавад. Муштарӣ бо қоидаҳои истифодабарии сейфи инфиродии бонкӣ (замимаи№ 2 ба шартнома, ки дар ин Дастуруламал оварда шудааст) шинос мегардад. Шартнома дар шакли хаттӣ дар ду нусхаи дорои эътибори ягонабаста мешавад. Як нусхаи он ба муштарӣ бонк дода мешавад ва нусхаи дигари он дар бонк нигоҳ дошта мешавад. Ҳангоми бастани шартномаи иҷора (қуттииинфиродии сейфӣ) ҳамзамон бонк дар як нусха корти шахсии муштариро бо варақаи замимаи он аз рӯи шакли муқарраршуда(замимаи №2 ба Дастуруламали мазкур) пур мекунад. Дар корти шахсӣ номи хонаводагӣ, ном, номи падари муштарӣ ва ҳамчунин барои ҳифозати бештари дороиҳо аз дастёбии берухсат - маълумоти шиноснома, нишонӣ ва телефони алоқа ҳатман сабт карда мешаванд. [1.С-32]

Пас аз он, ки корманди бонк маълумоти дахлдорро оид ба муштарӣ сабт мекунад, муштарӣ бо имзои худ дурустии навиштаҷотро (сабтҳоро) тасдиқ менамояд. Корманди бонк маблағи пардохти хизматрасонии бонкиро дар варақаи замимаи корти шахсӣ ба ҳисоб мегирад. Маблағи ҳаққи хизматрасонӣ и бонк барои иҷорадиҳии қуттии инфиродии сейфӣ, ки дар он дороиҳо нигаҳдорӣ мешаванд, мутобиқи тарифи тасдиққардаи Раёсати бонк вобаста ба андозаи қуттӣ ва мӯҳлати нигаҳдориии дороиҳо муқаррар карда мешавад. Мӯҳлати пардохт низ дар шартнома муайян карда мешавад. Андозаи ҳаққихизматрасонӣ барои истифодабарии қуттии сейфӣ, ки дар он дороиҳо нигаҳдорӣ мешаванд, метавонад дар асоси мувофиқаи тарафҳо бо созишномаи иловагӣ тағйирдода шавад. Агар муштарӣ ба мӯҳлати муқарраршудаи шартнома нигоҳнакарда барои гирифтани дороиҳои ба нигаҳдорӣ супурдаи худ муроҷиат кунад, он гоҳ шартномаи иҷораи қуттии сейфӣ бо хоҳиши муштарӣ метавонад ҳар вақт тамдид ё бекор карда шавад. Дар ин маврид иҷора пули ба бонк пардохткардаи муштарӣ баргардонида намешавад, агар ин дар шартномаи иҷора пешбинӣ шуда бошад. Муштарӣ пули истифодабарии қуттии сейфиро аз рӯи давраҳое, ки дар шартнома нишон дода шудаанд, пардохт мекунад. Муштарӣ дар сурати сари вақт пардохт накардани ҳаққи хизматрасониии сейфӣ ҷаримаи пулӣ(пеня) месупорад, ки он дар шартнома нишон дода шудааст.

Ҳаққи хизматрасонӣ бо пули накд ба кассаи бонк пардохт карда мешавад, ки дар ин маврид эъломия пур карда мешавад, ё бо роҳи аз ҳисоби амонатии муштарӣ (иҷорагир) дар дохили бонк ё аз дигар бонк интиқолдодани маблағ сурат мегирад. Иҷора пули сейф барои тамоми давраи иҷора якбора супорида мешавад. Иҷорапулӣ ҳангоми пеш аз мӯҳлат холи шудани сейф ба муштарӣ баргардонида намешавад.Ҳангоми дар бонк ба ҳисобгирифтани пардохти ҳаққи хизматрасонӣ интиқолияи зерини ҳисобдорӣ анҷом дода мешаванд:

Пас аз ворид кардани маблағ бонк қуттии сейфиро дар асоси санади қабулу супурд (замимаи № 1 ба Шартнома, ки дар ин Дастуруламал оварда шудааст) ба муштарӣ вогузор намуда, корти ҳуқуқи иҷозат ба хазинаро ба вай месупорад.Дар ҳолати истифода кардани қуттии сейфии инфиродӣ пас аз тамомшавии мӯҳлати муқаррар кардаи шартнома дороиҳо аз ҷониби бонк то пурра пардохт гардидани иҷорапулӣ вопас дода намешаванд.[2.С-123]

Муштарӣ дороиҳоро дар ҷои ба таври махсус муҷаҳҳаз шуда ё дар утоқи махсус ҳангоми набудани шахсони бегона ва корманди масъули бонк ба контейнери қуттии сейфӣ ҷойгир мекунад. Баъд аз ин контейнер дар ҳузури корманди бонк ба қуттии сейфӣ гузошта шуда, бо калиди муштарӣ қулф карда мешавад ва маҳкам будани қуттии сейфӣ санҷида мешавад. Қуттиҳои сейфӣ бо як калиди ягона ва ду дона калиди якхелаи рақамдор таъмин шудаанд.

Қуттии сейфӣ бо ду калид кушода мешавад (аввал бо калиди ягона ва баъд бо калиде, ки ба муштарӣ дода шудааст). Қуттии сейфӣ танҳо бо як калид - калиди муштарӣ қулф карда мешавад. Ҷавобгарии калиди ягона ба зиммаи корманди бонк, ки ба муштарӣ хизмат мерасонад, вогузор мегардад. Аз ду калиди якхелаи қуттии сейфӣ якеаш дар бастаи махсуси бо ду сурғуч мӯҳршуда бо рӯйхати муфассал барои нигаҳдорӣ дар бонки асосӣ ба сардори шӯъбаи якум, дар филиалҳо бошад, ба хазинаи филиали бонк супурда шуда, ҷавобгарии он ба зиммаи шахси бо фармони роҳбари бонк ваколатдоршуда вогузор мегардад ва калиди дуюм ба муштарӣ дода мешавад. Бастаи (лифофаи) дубликати калидҳо аз ҷониби бахшҳо барои нигаҳдорӣ ба анбори хазина супорида шуда, бо тартиби муқаррардар ҳисоби № 93301 «Дигар ҳисобҳои ғайритавозунӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Муштарӣ вазифадор аст, ки ба корношоям шудани ҳолати сейф, осеб дидани қулф ва калидҳои он роҳ надиҳад. Муштарӣ дар хусуси ҳар гуна нуқсони қуттии сейфӣ ҳамчуниндар ҳолати гум шудани калид ва дигаршавии маълумоти дар банди 3.4. нишондода фавран бонкро огоҳкарда, онро дар шакли хаттӣ тасдиқ менамояд. То тамомшавии мӯҳлати иҷораи сейф муштарӣ уҳдадораст, ки ашёи нигаҳдоштро вопасгирад ва корти дастёбӣ ба қуттии сейфиро аз рӯи санади қабулу супурд ба корманди бонк супорад. Ҳар боре, ки муштарӣ ё шахси ваколатдори вай барои кушодани қуттии сейф ба бонк муроҷиат мекунад, бо баробари тамомшавии мӯҳлати шартнома, аз назаргузаронӣ, гирифтан ё дубора гузоштани дороиҳо корти дастёбӣ ё шиносномa пешниҳод гардида, маълумоти ин ҳуҷҷатҳо бо нивиштаҷоти шартнома ва корти шахсии муштарӣ муқоиса карда мешавад. Корманди бонк барои ба ҳисобгирии ҳар як муштарӣ парвандаи алоҳида мекушояд, ки дар он шартнома бо замимаҳо, корти шахсии муштарӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пардохт дӯхта мешаванд. [3.С-320]

Дар қуттиҳо нигоҳ доштани силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, захр, химикатҳо, маводи тарканда, маводи зуд даргиранда, радиоактивӣ, маводи мухаддир ва дигар маводе, ки метавонад ба амволи бонк ва ё ашёи даруни қуттиҳои сейфӣ зарар расонад, ба муштариён (иҷорагирон) манъ кардамешавад. Дар ҳолати гумонбар шудан (ҳангоми мавҷуд будани бӯй, нишондоди металлодетекторҳо) муштарӣ вазифадор аст, ки ашёи барои нигаҳдорӣ супурдаро барои аз назар гузаронӣ нишондиҳад.

Ба ғайр аз ин бонк ҳуқуқ дорад. ки дар ҳолатҳои фавқулода (сӯхтор, обхезӣ, садама), дар ҳолати гумонбар шудан (пайдо шудани бӯй, ёосеб дидани қуттии сейфӣ аз ашёҳое, ки барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд), ва ҳамчунин дар ҳолатҳои пешбини кардаи шартнома сейфро дар ҳузури муштарӣ кушояд.Маҷбуран кушодани сейф аз ҷониби комиссия сурат мегирад, ки он аз намояндагони ваколатдори бонк иборат аст. Аз рӯи далели кушодани сейф ва холӣ карда гирифтани ашёҳои нигаҳдошт санад таҳия мегардад. ки он рӯйхати ашёи нигаҳдоштро дар бар мегирад. Санадро аъзоёни комиссия имзо мекунанд.

Муштарӣ ҳуқуқ дорад дороиҳои худро тавассути намояндаи худ ё шахси боэътимоди худ ихтиёрдорӣ кунад. Ҳар як шаҳрванди мукаллаф (қобили фаъолият) дар асоси розигии хаттии муштарӣ, ки дар ҳузури шахсии вай дар бонк дар корти шахсии аз рӯи шакли дар замимаи № 2 Дастуруламали мазкур оварда шуда қайд ворид мекунад, метавонад намояндаи муштарӣ бошад. Ин корти шахсӣ ба вай аз ҷонибибонк кушода мешавад. Вай метавонад калиди сейфро ба шахсе, ки ба вай санади ваколат дода шудааст, супорад. Он ваколатномае, ки муштарӣ таҳия намуда ба бонк пешниҳод мекунад, дар нотариус тасдиқ карда мешавад. Шахси боэътимоди муштарӣ дар асоси аризае, ки ба он роҳбари бонк раводид гузоштааст ва дар асоси дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор аз сейфӣ инфиродӣ истифода мебарад. Ҳангоми дар мӯҳлати муайян кардаи шартнома шахсан ба бонк барои гирифтани ашёи нигаҳдошт омада натавонистан. Ҳамчунин дар ҳолати дигар шудани нишонии ҳуқуқӣ, ҷои истиқомат ва дигар мушаххасот муштарӣ вазифадор аст дар ин хусус ба бонк хабар диҳад. [4.С-234]

Дар ҳолати фавтидани муштарӣ қуттии сейфии вайро шахсе, ки дар васиятнома нишон дода шудааст новобаста аз мӯҳлати мурури даъво барои гирифтани дороиҳо муроҷиат кардааст, метавонад ихтиёрдорӣ кунад. Шахси номбаршуда бояд нусхаи хати вафоти муштариро, ки дар нотариус тасдиқ шудааст, ҳамчунин шиносномаи худ, корти дастёбӣ ва калиди сейфро пешниҳод кунад. Дар сурати набудани васиятнома ворисони муштарӣ ҳуқуқ доранд, ки бо пешниҳод намудани нусхаи хати вафоти дар нотариус тасдиқшуда, калиди қуттии сейф, ҳуқуқи иҷозат, ҳамчунин бо пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳое, ки шахсиятро тасдиқ мекунанд, сейфро ихтиёрдорӣ намоянд. Ташкили нигаҳдории дороиҳо дар қуттиҳои сейфӣ. Бонк барои таъмини ҳаматарафаи ҳифзу нигаҳдорӣ шудани дороиҳои дохили қуттиҳои сейфӣ, ҳамчунин барои фош накардани маълумот дар бораи муштарӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории амалкунанда чораҳо меандешад. Дороиҳое, ки муштариён дар қуттиҳои сейфии аз бонк ба иҷора гирифта гузоштаанд, дар ҷои ба таври махсус муҷаҳҳазшуда (хазина), ки ҷавобгарияш ба зиммаи роҳбар ё корманди ба муштарӣ хизматрасони бонк вогузор шудааст, нигаҳдорӣ мешаванд. Корманди ба муштарӣ хизматрасон ба ин вазифа дар асоси фармони роҳбари бонк таъин мегардад. Бо баробари тамом шавии вақти корӣ корманди масъул якҷоя бо роҳбари бонк комилан нигаҳ дорӣ шудани ҳамаи сейфҳо ва қуттиҳоро тафтиш мекунанд. Пас аз ин дари хазинаро бо ду калид қулф мекунанд. Дари хазина дар ҳузури милитсионери навбатдор ё посбони хазина бо ду мӯҳри сурғуҷдор мӯҳр карда мешавад. Тартиби нигаҳдорӣ, кушодану қулф кардани дари хазинае, ки дар он қуттиҳои сейфӣ бо дороиҳои муштариён нигаҳдорӣ шудаанд, ба мисли тартиби нигаҳдории кушодану қулфкардани анбори хазинаи пули нақд ва дигар дороиҳои бонк сурат мегирад. Бонк дар сурати осеб дидани амволе, ки (қуттиҳои сейфие, ки) ба иҷора дода шудааст, фавран дар ин хусус ба муштарӣ хабар медиҳад. Дар ҳолати ҳозир нашудани муштарӣ ҳангоми тамомшавии мӯҳлати шартнома бонк ҳифзу нигаҳдории сейфро таъмин мекунад ва моҳе ду бор дар шакли хаттӣ муштариро дар хусуси тамомшавии мӯҳлати шартнома огоҳ мекунад ва дар мавриди зарурат сабаби ҳозир нагардидани вайро маълум месозад.

**Адабиёт**


5. Дастурамали БМТ «Дар бораи иҷрои амалиётҳои сейфӣ» Саҳ-32
6. Лаврушин О.И., Банковское дело. Москва-2009. Саҳ-123
6. В. В. Иванов **Анализ надёжности банков**. М.: Русская деловая литература, 2006/ 320 ст.
7. Ҷӯраев Б.М. Фаъолияти бонкӣ. Душанбе- 2013 Саҳ- 234

**ЗАРУРИЯТ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛИЁТҲОИ СЕЙФӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ**

ШАРҲИ МУХТАСАР:

Дар маърӯза масъалаҳои марбут ба иҷрои амалиётҳои бонкӣ, аз ҷумла амалиёти сейфӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар маърӯза тарафҳои ҳуқуқии иҷрои ин амалиёт мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин роҳҳои мукаммал гардонии ин намуди амалиёт мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мавриди пешниҳод қарор гирифтаанд.

Калимаҳои калидӣ: бонкҳои тиҷоратӣ, амалиётҳои сейфӣ, Бонки милли Тоҷикистон, амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ.

**ECHANISMS FOR CARRYING BANK SAFE OPERATIONS**

ANNOTATION:

In the article the main provisions and the direction of the activity of commercial banks in the field of performing operations of securities are considered. The legal basis for carrying out securities operations by commercial banks is considered. The ways of improvement of this operation are suggested, as well as the economic basis of such operations is justified.

**Keywords**; commercial banks, securities operations, the National Bank of Tajikistan, banking operations and services.

**ФИРУЗИ** Саидалам
Магистрти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси 1 – 25 01 04 02 «Кори бонкӣ »
**ФИРУЗИ** Саидалам
Магистр 2- курса Финансово экономического института Таджикистана по специальности 1 – 25 01 04 02 «Банковское дело »
**FIRUZI** Saidalam
Master of 2-course of the Financial and Economic Institute of Tajikistan in the specialty 1 - 25 01 04 02 "Banking"

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶТ

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ЭЛЕКТРОННЫХ ВЗАИМОРАСЧЕТОВ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РТ

**Аннотация:**

В статье рассмотрено и изучено основное направления развития электронных взаиморасчетов в РТ, а также их правовое положения.

Проведен все-сторонний анализ роли электронных взаиморасчетов в развитии банковской системы Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Национальный банк Таджикистана, банковская система РТ, банковская деятельность, корреспондентские отношения, электронные взаиморасчеты.

Асосҳои ҳуқуқии ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ дар низоми бонкии ҶТ тавассути дастурамалҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», моддаи 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» таҳия шуда, муносибату талаботи умумиро ба ташкили низоми ҳисоббаробаркуниҳои байни ташкилотҳои қарзие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, танзим ва муайян менамояд.

Дар асоси ҳуҷҷати пардохти электронӣ, ки аз Бонки пардохткунанда ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид шудааст, маблағҳо аз суратҳисоби (зерсуратҳисоби) муросилотии бонки пардохткунанда хориҷ карда шуда, ба суратҳисоби (зерсуратҳисоби) муросилотии бонки пардохтгиранда гузаронида мешаванд.

Ҳуҷҷати пардохти электронӣ бо тартибе, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳуҷҷатҳои пардохтӣ муқаррар кардааст, дар бойгонии электронӣ нигоҳ дошта мешаванд.[1. С-87]

Дар ҳуҷҷати пардохти электронӣ бояд ҳатман мушаххасоти ҳуҷҷати пардохтӣ, ки дар асоси он тартиб дода шудааст, дарҷ гардад, яъне:

- рақами ҳуҷҷат;
- санаи ҳуҷҷат
- рақами мушаххаси андозсупоранда ва номи пардохткунанда;
- маблағи пардохт (бо ҳарф ва рақам);
- рақами суратҳисоби пардохткунанда;
- номи бонки пардохткунанда;
- рамзи мушаххаси бонки пардохткунанда;
- суратҳисоби (зерсуратҳисоби) муросилотии Бонки пардохткунанда;
- номи бонки пардохтгиранда;
- рамзи мушаххаси бонки пардохтгиранда;
- суратҳисоби (зерсуратҳисоби) муросилотии Бонки пардохтгиранда;
- рақами мушаххаси андозсупоранда ва номи пардохтгиранда;
- рақами суратҳисоби пардохтгиранда; - навъи ҳуҷҷат;
- рамзи таъини пардохт;
- матни таъини пардохт.

Бо баробари ворид шудани ҳуҷҷати пардохти электронӣ, бонки пардохтгиранда вазифадор аст дар давоми рӯзи ҷории амалиётии бонк маблағҳои пулиро ба суратҳисоби муштарӣ гузаронад.

Муштарӣ маблағҳои пулие, ки ба суратҳисоби вай гузаронида шудаанд, метавонад аз лаҳзаи ворид шудан истифода барад. Тартиб ва тарзи хабардор кардани муштарӣ аз маблағи пулие, ки ба суратҳисоби вай ворид шудааст, дар шартномаи байни Бонк ва муштарӣ қайд мегардад.

Бонки пардохтгиранда дар асоси ҳуҷҷати пардохти электронӣ барои ба суратҳисоби муштарӣ гузаронидани маблағҳои пулӣ нусхаи коғазии ҳуҷҷати пардохти электрониро тартиб медиҳад, ки дар он маълумоти ҳуҷҷати аввалияи пардохтӣ дарҷ гардидааст.

Нусхаҳои коғазии ҳуҷҷати пардохти электронӣ бо имзои шахси ваколатдор ва мӯҳри дорои навиштаҷоти «Ҳуҷҷати электронӣ»-и Бонки пардохтгиранда тасдиқ гардида, ҳамчун замима ба беруннависи суратҳисоб ба пардохтгирандаи маблағ дода мешавад. Ҳангоми дар шакли коғазӣ пеш бурдани бойгонӣ як нусхаи коғазии ҳуҷҷати пардохти электронӣ дар бастаи ҳуҷҷатҳои рӯзи амалиётии Бонк дӯхта мешавад.

Маблағҳои пулие, ки саҳван ба суратҳисоби муросилотии бонки пардохтгиранда ворид шудаанд ва бонки пардохтгиранда онҳоро ба суратҳисоби номаълум гузаронидааст, на дертар аз рӯзи амалиётие, ки баъд аз рӯзи ба суратҳисоби муросилотӣ ворид шудани онҳо меояд, ба Бонки пардохткунанда бояд баргардонида шаванд. [2. С-124]

Маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби муросилотии Бонки пардохткунанда танҳо бо супориши соҳиби суратҳисоби (зерсуратҳисоби) муросилотӣ хориҷ карда мешаванд, агар бо қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Баъди аз суратҳисоби муросилотии бонки пардохткунанда хориҷ кардани маблағҳои пулӣ ва гузаронидани онҳо ба суратҳисоби муросилотии бонки пардохтгиранда,

ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ ниҳоӣ ва бебозхонд ба ҳисоб рафта, бекор карда намешаванд.

Ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои мустақими муросилотӣ, бонкҳо вазъи молиявии якдигарро таҳлил карда, дар асоси қарори мақомоти ваколатдори худ шартномаи дутарафа дар бораи муносибатҳои мустақими муросилотӣ мебанданд.

Бонкҳо барои анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ ба якдигар зерсуратҳисобҳои муросилотӣ мекушоянд. Барои кушодани зерсуратҳисоби муросилотӣ бонкҳо ба якдигар нусхаи оиннома, нусхаи иҷозатнома барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ, дархост барои кушодани зерсуратҳисоби муросилотӣ, нусхаи тавозун барои соли охирини ҳисоботӣ, варақа бо намунаи имзо ва нақши мӯҳрро пешниҳод мекунанд. Шартнома дар бораи муносибатҳои мустақими муросилотӣ бояд дар сохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон ба қайд гирифта шавад.[3.С132]

Ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои мустақими муросилотӣ бо якчанд Бонк, барои ҳар як Бонк зерсуратҳисобҳои муросилотии алоҳида кушода мешаванд.

Бонкҳо ҳамаи амалиётҳоро аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ бояд дар асоси ҳуҷҷатҳои пардохтии дар шакли электронӣ таҳияшуда, бо истифодаи воситаҳои таъмини амнияти иттилоот анҷом диҳанд.

Бонкҳо метавонанд ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкиро тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ бо роҳи кушодани зерсуратҳисобҳои муросилотии дуҷониба, яъне дар ҳар як Бонк зерсуратҳисобҳои муросилотии Ностро ва Лоро кушода мешаванд ва ё бо роҳи ҳисоббарбаркунии талабот ва ӯҳдадориҳои мутақобил, яъне клиринг, ба анҷом расонанд.

Дар ҳолати кушодани зерсуратҳисобҳои муросилотии дуҷониба бонки пардохткунанда молики маблағҳои дар зерсуратҳисоби муросилотии ностро мебошад ва мустақилона онҳоро истифода менамояд. Амалиёти хориҷ намудани маблағҳои пулӣ аз зерсуратҳисоби муросилотии лоро аз ҷониби бонки пардохтгиранда мувофиқи супоришномаҳои пардохтии бонки пардохткунанда ва дар ҳудуди маблағи дар зерсуратҳисоби муросилотӣ мавҷудбуда, амалӣ мегардад. Бонки пардохткунанда пурра намудани зерсуратҳисоби муросилотии худро дар бонки партохтгиранда бояд тавассути низоми пардохтии бонки миллии Тоҷикистон амалӣ намояд. Бақияи умумии зерсуратҳисобҳои муросилотии ностро дар бонк, бояд аз бақияи дар суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон буда, зиёд набошад.

Дар ҳолати амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ ба воситаи клиринг ҳисоббаробаркуниҳои ниҳоӣ аз рӯи мавқеи кушода дар низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегарданд. Бонкҳо дар шартномаҳои дар бораи муносибатҳои мустақими муросилотӣ маблағи зиёдтарини (максималии) мавқеи кушодаи дебетие, ки дар давоми рӯзи амалиётӣ ба вуҷуд омада метавонад, бояд муайян намоянд.

Ҳангоми дар мавқеи кушодаи кредитӣ қарор доштани Бонк, он бояд то охири рӯзи амалиётӣ, мавқеи кушодаи дебетии Бонки муросилро тавассути низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон, пардохт намояд.

Бақияҳо дар зерсуратҳисобҳои муросилотӣ аз рӯи муносибатҳои мустақими муросилотии бонкҳо дар охири рӯзи амалиётӣ бояд ба сифр (0) баробар бошанд.

Бонк вазифадор аст пардохтпазирии заруриро дар суратҳисоби муросилотии худ дар Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳисоббаробаркуниҳои ниҳоӣ тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ таъмин намояд. Бонк бехатарии хатҳои алоқа ва фаъолияти низоми ҳифзи иттилоотро, ки истифода мебарад, дар ҳар як давраи коркарди ҳуҷҷати пардохти электронӣ бояд таъмин намояд

**Адабиёт**

7. Махшулов С.Ҷ. Муносибатҳои мукотибавии байнибонкӣ Душанбе 2015с. Саҳ-87
8. Махшулов С.Ҷ. Хоҷаев Б.Б. Инноватсия дар бонкҳо Душанбе 2016с. Саҳ-124
3. Иброҳимов И. Ниёзов М. Амалиётҳои бонкҳои тиҷоратӣ Душанбе – 2008. Саҳ- 132

**АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶТ**

Шарҳи мухтасар:

Дар маърӯза масъалаҳои марбут ба ташкили ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ дар низоми бонкии кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар маъруза маълумоти мухтасар доир ба рафти ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ ва нақши онҳо дар пешрафти низоми бонкӣ пешниҳод карда шудаанд.

Калимаҳои калидӣ: Бонки миллии Тоҷикистон, низоми бонкии ҶТ, бонкҳои тиҷоратӣ, суратҳисобҳои мукотибавӣ, ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ.

**LEGAL BASES OF ELECTRONIC MUTUAL SETTLEMENTS IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

Annotation:

The main directions of development of electronic settlements in the Republic of Tatarstan, as well as their legal status, are reviewed and studied.

A comprehensive analysis of the role of electronic settlements in the development of the banking system of the Republic of Tajikistan was conducted.

Key words: National Bank of Tajikistan, banking system of the Republic of Tatarstan, banking, correspondent relations, electronic mutual settlements.

**ЧАҚАЛОВ** Кароматулло
Магистрти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси 1 – 25 01 04 02 «Кори бонкӣ »

**ЧАКАЛОВ** Кароматулло
Магистр 2- курса Финансово-экономического института Таджикистана по специальности 1 – 25 01 04 02 по специальности «Банковское дело»

**CHAKALOV** Karomatullo
Master of 2-course of Financial and Economic Institute of Tajikistan on specialty 1 - 25 01 04 02 on specialty "Banking"

## ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДЕНЕЖНЫЕ ПЕРЕВОДЫ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РТ

**АННОТАЦИЯ:**

В статье рассмотрены и изложенны правовые и экономические основы проведения данной операции. Изученно роль мигрантов и миграционной политики Республики Таджикистан, в увеличении потока денежных переводов. Доказанно значимость потока денежных переводов для развития экономики страны.

Ключевые слова: денежные переводы, банковские операции, коммерческие банки, миграционная политика.

Дар мамлакатҳои зиёди дорои иқтисодиёти гузариш масъалаи диверсификтсияи қувваи корӣ яке аз самтҳои муҳими ташаккулдиҳии механизми

хоҷагидорҷ ба ҳисоб меравад. Ин масъалаи мавҷудияти қувваи кории хубро инъикос намуда, аз аҳолии фаъоли иқтисодӣ иборат мебошад. Ҷараёни такористеҳсолӣ ҳамнгоми ин бояд ба ҳамон мутобиқ кунонида шавад, ки он ба манфиати марҳилаи гузариш хизмат намояд, инчунин натиҷаҳои аз ҳама серҳаракатро таъмин намуда секторҳои дорои технологияи баландро бо арзиши иловааш тавлид кунонида тавонад. Бо ин мақсад, сиёсати давлатӣ ба баланд бардории сифати маориф ва барномаҳои таълимӣ, инчунин бунёди ҳавас барои муҳоҷират бо маълумоти олӣ равонакадашуда аҳамияти ҳалкунанда доранд. Ҳангоми ин, муҳоҷирон метавонанд маҳорати аниқи тахассусиро баргардонанд ва ҷалбкунии даромадҳои хориҷӣ аз муҳоҷирати меҳнатҷӣ аз ҳама самаранок гардад. Муҳоҷират инчунин метавонад «интиқоли ичтимоии пули»-ро ҳосил намояд, айнан бо ҳамин роҳ гирифта додан то донишҳои муосир, бизнес-маданиятҳо ва ташкили бизнес-шабакаҳоро низ оварда расонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар мамлакатҳои ИДМ (Иттиҳоди давлатҳои мустақил) таъҷилияти қувваи корӣ таи 23 соли охир, аз рӯзи якӯми гузариш сар карда тамоюли афзоиш дорад. Аввали соли 1990 низоъҳои минтақавӣ қисми зиёди аҳолиро ба муҳоҷират маҷбур сохт, аммо вақтҳои охир омилҳои иқтисодӣ қувваи ҳаракатдиҳанда гаштанд. Инкишофи устувор дар давоми як чанд соли охир сатҳи ҳаётро дар бисёр мамлакатҳои баланд намуд ва дар натиҷа дар ҷараёнҳои миграционӣ баъзе гардишҳо рӯй доданд. Роберт Шелберн ва Хосе Паласин дар кори хеш тамоюл ва қонуниятҳоро дар ҷараёнҳои интиқоли пулӣ аз мамлакатҳои дорои иқтисодиёти гузариш ташхис намуда, барои мамлактҳои истиқоматии онҳо аҳамияти интиқоли пулиро аз муҳоҷирати меҳнатӣ асоснок намуданд. Муаллифон ба хулосае меоянд, ки дар ин мамлакатҳо бо мақсади баланд бардоштани таъсири навбатӣ ба инкишофи интиқоли маблащҳо муҳити институтсионалӣ ва молиявӣ бояд беҳтар карда шавад, аз он ҷумла бо воситаи сиёсати давлатие, ки ба камкунии хароҷотҳои трансаксионии интиқоли воситаҳои пулӣ ва ба ташкили ҳавасмандӣ барои шабакакунонии ин воситаҳое, ки онҳо дар инвеститсияи маҳсулнок ва ташкили ҷойҳои кории нав ифодаи худро меёбанд, равона карда шудааст. [1.С-145 ]

Азбаски, диверсификатсия ба инкишофи васеъ меорад, ин метавонад ба камшавии қашшоқӣ ва нобаробарӣ дар мамлакат таъсир расонад.

Дар ҶТ баъди ба даст даровардани истиқлолият камбизоатӣ якбора афзоиш ёфт. Дар ҳақиқат гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ барои бисёрии одамони ҳамаи мамлакатҳои дорои иқтисодиёти гузариш душвориҳои зиёд овард, хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҷо даромадҳои пасти аҳолӣ ба чашм мерасид. Авали солҳои 90-ум сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат 83 %-ро ташкил намуд. Сатҳи камбизоатӣ то соли 2009 ҳамчун муаммо боқӣ монд, зеро дар инкишофи иқтисодӣ давоми солҳои 2003-2008 импулси (ҳракати мутаассил) назаррас гардид. Сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат якчанд маротиба паст рафт, аммо дар ин ҳолат ҳам баланд мемонад ва камкунии камбағалӣ бояд яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлат гардад. Сиёсати фаъол оид ба бартарафёбии камбизоатӣ ва нобаробарӣ низ инкишофи бозори дохилӣ ва сатҳи баланди сармояи инсониро, ки он дар навбати худ ба ҷараёни диверсификатсияи иқтисодӣ мусоидат мекунад, дастгирӣ мекунад. Вале, ин сиёсат бояд ба хусусияти хоси ҷумҳурӣ мутобиқкунонидашуда бошад. Хусусан бартарафкунии миқёси миграцияи меҳнатӣ бар нигоҳи мо аз икишофи хоҷагии кишоварзӣ вобаста аст, ки дар инкишоф ва камкунии миқёси камбизоатӣ нақши марказиро мебозад. Бо ин асос ислоҳоти замин ва азнавташкилкунии хоҷагӣ амалӣ карда шуда буданд, аммо ҳоло ин самараи заруриро таъмин накард. Дар ҷумҳурӣ ислоҳотҳои иловагӣ ва силсилаи чорабиниҳо мавҷуд мебошанд, ки бо мақсади ҳавасмандкунии хоҷагии кишоварзӣ ва иқтисодиёти хонавода амалӣ гардонида мешаванд. Ба сиёсате, ки дар сифати афзалияти мамлакат ба сектори хоҷагии кишоварзӣ равона карда шудааст, муассисаҳои молиявӣҷ, иҷораи замин ва ёрии

техникӣ барои истеҳсолкунандагҳони маҳсулотҳои хоҷагии кишоварзӣ дохил мешаванд.

Тасдиқоти дар боло овардашуда аз он мебарояд, ки масъалаи умумии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар шароити иқтисодиёти трансформатсионӣ васеъкунии базаи инкишофёбии худ ба ҳисоб меравад. Бо кӯшишҳои худ инро иҷро намудан душвор аст ва ҳалли масъалаҳо ба сиёсати аз ҳама фаъоли дохилӣ ва дастгирии байналмилалҷӣ эҳтиёҷ дорад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- беҳтаргардонии дастрасӣ ба бозор бо воситаи сиёсати савдоӣ ва дар як қатор ҳолатҳо дар асоси принсипҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС);
- сиёсати фаъоли сектори воқеъӣ, аз он ҷумла беҳтаркунии инфрасохторҳо;
- чораҳо оид ба ҷалбкунии инвеститсияҳои хориҷӣ ва технологияҳои нав;
- идоракунии ҷараёнҳои миграционӣ ва ҳавасмандкунӣ барои истифодаи маҳсулнокии фоидаҳо ба воситаи интиқолҳои пули муҳоҷирон.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи СУС, ҳавасмандкунии навбатӣ аз ҷониби СУС метавонад оид ба беҳтаркунии мезанизмҳои муносибатҳои савдоӣ-иқтисодӣ, беҳгардонии дастрасӣ ба бозори Аврупоӣ Ҷанубӣ – Шарқӣ ва ИДМ, ҳаракат додани содироти фаъолияти инвеститсионӣ дар ҷумҳурӣ, фароҳам оварда шавад. Дастгирӣ метавонад дар таъмини мизоҷони иқтидорнок ва ҳамкорони корӣ барои содиротчиён ва дар сарфарозгардонии шабакаҳои чакана дар бозорҳои пурқувват зоҳир гардад.

Дуюм, ҳангоми ҷорӣ намудани сиёсати фаъоли саноатӣ, нақши ҳалкунандаро инкишофи инфрасохтор, аз он ҷумла робитаҳои минтақавии коммуникатсионӣ мебозанд. Ин бештар ба муваффақияти модернизатсияи саноатҳо ва барои баландкунии самаранокии савдои хориҷии ҷумҳурӣ таъсир мерасонад. Аммо, дар самти мазкур монеъаҳои муайян мавҷуданд, ки ҳалли онҳо сафарбаркунии мутаносибии захираҳоро талаб мекунад. Дар ин ҷо аҳамияти хос ба инкишофи ояндаи телекомуникатсия ҷудо карда шудааст, ки сатҳи дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои телекоммункиаатсионӣ то ҳол ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намебошанд. Илова бар он, дар ҷумҳурӣ норасоии қувваи барқ мавҷуд мебошад, ки он инкишофи умумии иқтисодиётро бозмедорад. [2. С-23]

Масъалаи мазкур ба нигоҳи мо, дар ояндаҳои наздик бояд ҳалли худро ёбад, чи тавре ки дар ҷумҳурӣ амалинамоии лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» рафта истодааст.

Сеюм, барои ҷалби инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ, ки он ҷараёни инкишофро дастгирӣ намуда, воридоти техналогияҳои инноватсиониро таъмин мекунад, замимаҳои зарурӣ мавҷуд намебошад.

Сухан дар бораи ташаккулёбии иқлими мусоиди иқтисодӣ меравад ва ин бо роҳи ислоҳоти васеи институтсионалӣ таъмин ҳоҳад шуд.

Чорум, зарурияти ҳалкунии масъалаҳои ҳимояи муҳоҷирони меҳнатӣ ва пурзӯркунии мубориза бар зидди савдои одамон мавҷуд мебошад. Инкишофи навбатии системаи бонкӣ, инчунин хизмати ғайрибонкии таъвил дар минтақаҳо, барои камкунии хароҷотҳои трансаксионии амалӣ намудани интиқолҳои пулӣ аз ҷониби муҳоҷирон лозим мебошад.

Панҷум, сиёсати аграрӣ бояд рушди устуворро таъмин намояд. Ин сиёсат бояд чораҳо оид ба ҳалли заифии молиявии ташкили ниҳоии бозори замин, оид ба камкунии хароҷотҳои трансаксионии савдои дохилиминтақавӣ, оид ба беҳтаркунии сохтори хоҷагӣ ва дастгирии самараноки техникии истеҳсолкунандагони хоҷагии кишоварзиро дарбар гирад. Дар Тоҷикистон, ислоҳоти замин дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ (солҳо 1993-1997) бо душворӣ гузаронида шуд. Ба натиҷаҳои аз ҳама назаррас баъди пойдоршавии сулҳ дар мамлакат муваффақ шуданд. Авали соли 2000 – ум аз ним зиёди хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ ба хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) тақсим карда шуда буданд ва наздики 45 %-и заминҳои кишт дар дасти хоҷагии

деҳқонӣ (фермерӣ) буданд. Соли 2005 аз майдони умуиии 4,7 млн. га 23300 хоҷагии деҳқонӣ шуморида шуда буд, дар соли 2015 бошад шумораи онҳо то 91888 воҳидрасид. [3. С-156]

Дар давоми 25 соли баъди ба даст овардани истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки бо ислоҳоти заминҳо назар ба Узбекистон ва Туркменистон пеш равад. Бо вуҷуди он, ислоҳот на бопуррагӣ аст ва дар беҳтаркунии базаи институтсионалӣ шумораи зиёди монеъаҳо ҳоло низ мавҷуданд, хусусан дар сектори пахтакорӣ.

Маълумотҳи охирин нишон медиҳад, ки саҳми асосии заминҳои кишти таъиноти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагии деҳқонҷӣ идора карда мешавад. Ҳамаи ин самтҳои сиёсати иқтисодӣ ба шароити аниқ ва хусусиятҳои хоси мамлакат бояд мутобиқ карда шаванд ва дар **консенсуси** иҷтимоӣ, ки дар мамлакат дар натиҷаи таъқиби нишони дарозмуҳлат сарфарозгаштааст, нигоҳ доштани суръати баланди инкишоф ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ташкил карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Ҷӯраев Б.М., Фаъолияти бонкӣ. Душанбе 2013. Саҳ 145
2. Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи интиқоли маблағҳои пулии шахсони воқеӣ». Саҳ-23
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омор дар назди Президенти ҶТ, Душанбе, 2015. Саҳ-156.


## ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН УМОМИЛИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


ШАРҲИ МУХТАСАР:

Дар мақола асосҳои ҳуқуқию иқтисодии ин амалиёт мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Ҳамчунин дар мақола нақши муҳоҷирони меҳнатӣ дар вусъат ва афзоиш додани интиқоли маблағҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ба замми ин дар мақола нақши муҳоҷирони меҳнатӣ дар баланд бардории нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.



Калимаҳои калидӣ: интиқоли маблағ, бонкҳои тиҷоратӣ, амалиётҳои бонкӣ, муҳоҷират, иқтисод, сармоягузорӣ.


## MONETARY TRANSFERS OF LABOR MIGRANTS AS THE MAIN FACTOR OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


ANNOTATION:

The article considers and describes the legal and economic bases for conducting this operation. The role of migrants and the migration policy of the Republic of Tajikistan has been studied, and the flow of remittances has increased. The importance of the flow of money transfers for the development of the country's economy has been proven.



Key words: money transfers, banking operations, commercial banks, migration policy.

**ХАЛИЛОВА** Умедаҷон Олимҷоновна
магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-40010202–“Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт”-и Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**ХАЛИЛОВА** Умедаджон Олимджоновна
магистрант 2-го курса специальности 1-40010202–“Информационные системы и технологий в экономике” Финансово-экономического института Таджикистана.
**KHALILOVA** Umedadzhon Olimdzhonovna
master of 2-year specialization 1-40010202- "Information systems and technologies in economics" of the Financial and economics Institute of Tajikistan.

## ЗАРУРИЯТИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ МУҲОСИБӢ

## НЕОБХОДИМОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССАХ ОБРАБОТКИ БУХГАЛТЕРСКОЙ ИНФОРМАЦИЙ

В данной статье рассматривается необходимость использования современных информационных технологий в процессах обработки бухгалтерской информации. Также в заключение исследования представлены рекомендации по улучшению процесса обработки информации в данной сфере.

**Ключевые слова**: технология, информационная технология, бухгалтерия, бухгалтерские данние, программа SGB.Net, бухгалтерские программы.

Дар замони муосир равандҳои технологӣ бо ёрии компютерҳо ва дигар воситаҳои техникӣ амалӣ мегарданд. Аз ин рӯ, ҳангоми дар бораи компютеронии раванди коркарди маълумоти муҳосибӣ сухан рондан айнан ҳамин бахши фаъолияти идоравии раванди технологӣ дар назар дошта мешавад. Гарчанде бо пешравии техника ва технология пешомадҳои татбиқи компютерҳо дар равандҳои қабули қарорҳои идоракунӣ ба назар мерасанд, ҳоло дар соҳаҳои иқтисодиёт воситаҳои муосири техникии коркарди ахборро дар навбати аввал барои ҳалли масъалаҳои мухталиф истифода мебаранд, алалхусус дар муҳосибот.

Зарурияти компютеронии идораи иқтисодиёт ва ҷузъҳои онро масъалаи осонкунии меҳнати кормандони идоравӣ, камгардонии шумораи онҳо ба миён меоварад. Татбиқи компютерҳо барои беҳгардонии ташкили идора, баландгардонии самаранокии он ва хусусан барои бадастории фаврияти идора зарур мебошад, зеро дар натиҷаи мураккабгардии робитаҳои истеҳсолӣ ҳаҷми идоравӣ меафзояд ва коркарди маҷмуи маълумоти соҳа бе истифодаи воситаҳои техникӣ душвор мегардад.[1]

Умуман, дар ҷараёни ташкил намудани системаҳои муҳосибӣ ба тартибдиҳии раванди технологии оқилонаи коркарди иттилоот диққати муҳим дода мешавад. Инчунин гуфтан мумкин аст, ки раванди технологии бо ҳам алоқаманди табдилдиҳии итилоотро фаҳмидан мумкин, ки аз лаҳзаи пайдоиш то ба лаҳзаи истифодабарии он иҷро мекунад. Ҳангоми тартибдиҳии раванди технологӣ зарур аст, ки принсипҳои эътимоднокии амалкунии раванд, камгардонии хароҷотҳои моддӣ, меҳнатӣ ва вақтӣ ба роҳ монда шавад ва ҳамзамон таъмини автоматонии аксари амалиётҳо ва пайдарҳамии иҷроиши онҳо риоя карда шаванд. Бо дарназардошти он, ки истифодабаранда, яъне иқтисодчӣ на ҳамеша дорои донишҳои аниқ оиди технология ва техникаи ҳисоббарор мебошад, бояд ин раванди коркарди иқтисодӣ ба ҳадди кофӣ содда бошад ва амалиётҳое, ки истифодабаранда аз рӯи технология ба ҷо меорад, бояд пуртафсил ва дорои эзоҳҳои аниқ бошад. Давраи асосии раванди технологии коркарди маълумоти иқтисодӣ амалиёти технологии дохилимошиниро дар бар мегирад, ки амалиётҳои асосии технологии дохилимошинӣ инхоянд: ғункунӣ, навъбандӣ, истилоҳдорорӣ, коркарди бевосита ва пешкашкунии иттилоот, зеро ин амалиётҳо ҷавҳари раванди технологии коркарди иттилоотро ташкил

медиҳанд. Ғункунии иттилоот ин амали пурра намудан ва дохил кардани итилоот ба массивҳо бо мақсади гирифтани маълумот аз фосилаҳои муайян мебошанд. Ҳангоми навъбандии матнҳо мурратабсозии тақсимкунӣ ва мутаҳидкунии маълумот дар массивҳо иҷро карда мешаванд. Ислоҳдорорӣ ин амали дигаргунсозӣ ва навкунии мундариҷаи маълумоти пештар дар массивҳо воридгардида мебошад, ки дар натиҷаи иҷрои ин амал вазъи иттилоот бо шароитҳои ҳақиқӣ мувофиқ гардонида мешаванд. Дар вақти ислоҳдорорӣ амалҳои иловакунӣ, хориҷкунӣ ва тағйирдиҳии навиштаҷоти массивҳо иҷро карда мешаванд. Коркарди бевоситаи иттилоот ин иҷрои амалҳои арифметикӣ ва мантиқӣ аз болои малумоти массивҳои дар асоси алгоритмҳои ҳалли масъалаҳо мебошанд. Дар муҳосиба- барои ташкили оқилонаи раванди технологии коркарди иттилоот усули муайян намудани тартиби ҳамкории истифодабаранда бо системаи ҳисоббарор истифода мегардад, ки режимҳои коркарди иттилоот меноманд. Режимҳои асосии коркарди иттилооти иқтисодӣ инҳоянд: даставӣ ва фавқул-фаъолӣ (диалогӣ). Ҳангоми истифодаи режими даставии иттилоот дархостҳои истифодабарандагон дар давоми муддати муайяне ғун карда шуда, пас барои коркард ба маркази ҳисоббарории ахбор (МҲА) ирсол карда мешаванд. Дар ин шароит худи истифодабаранда дар раванди коркарди иттилоот иштирок намекунад ва аз ин сабаб ӯ наметавонад ба рафти иҷроиши раванди ҳалли масъалаҳои худ таъсири фаврӣ расонад. Дар ин вақт истифодабаранда танҳо вазифаҳои ба гурӯҳҳо ҷудо карда, омода намудани масаъалаҳо ва ба МҲА равон кардани онҳоро иҷро менамояд.

Дар шароитҳои истифодаи режими фавқул-фаъолии коркарди иқтисодӣ истифодабаранда худ бевоситадар раванди коркард иштирок менамояд ва ба рафти ҳалли масъалаҳои худ дахолати фаъолона карда метавонад. Яке аз омилҳои муҳими татбиқи равандҳои технологӣ ва режимҳои коркарди иттилоот ин ташкили базаи маълумотҳои объекти идорашаванда мебошад.

Имрӯз яке аз роҳҳои сарфа намудани вақт ҳангоми коркарди маълумот ин автоматикунонии кор тавассути истифодабарии барномаҳои амалӣ ва бунёдкунии базаи маълумотҳо мебошад, ки чунин роҳҳо имконият медиҳанд корбарӣ ва дастраскунии маълумоти аз тарафи истифодабарандагон дархостшуда ба тарзи марказонидашуда бо ёрии воситаҳои программавии махсус, яъне системаҳои идоракунии базаи маълумотҳо (СИБМ) ба ҷо оварда шавад. Дар адабиёт ду намуди идоракунии базаҳои маълумотҳо ишора карда мешавад: марказонидашуда ва тақсимкардашуда.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анъанаҳои деринае дорад ва дар ҳозира шароит коркард дар асоси стандартҳои хусусии баҳисобгирии муҳосибавии байналхалқие зарур мебошад, ки ба ивази ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳозира меоянду базаи методологии баҳисобгирии ба таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқро ташкил медиҳанд.

Яке аз роҳҳои дигаргунсозиҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибавӣ ҷорикунии он ба системаи усулҳое мебошад, ки таъмини коркарди босифати ҳаҷми иттилоототҳои ибтидоиро дар муҳлатҳои муқарраргашта ва ирсоли иттилооти натиҷавиро ба дигар зинаҳои роҳбарият имконият медиҳад.[2] Пуррагӣ, ҳаққоният ва фаврият талаботҳои асосӣ нисбат ба иттилооте ба ҳисоб меравад, ки базаи қабули қарорҳои идоракунии асоснок кардашударо ташкил медиҳад. Ба сифати асоси техникии роҳи баёншуда техникаи электронии ҳисоббарори ҳозиразамон ва ҳамчун асоси методологӣ технологияҳои нави иттилоотӣ хизмат мекунанд.

Равнақи ҳозираи пурзӯрнамоии коркарди ғайримарказонидашуда дар системаи идоракунӣ сабабҳои объективии барои коркард зарур ва пайдоиши комплексҳои ҳисоббарории ҳозира оварда расонд. Дар шароити имрӯза баҳисобгирии муҳосибавӣ ба забони тиҷорат гузашта истодааст ва истифодаи онро бе истифодаи

компютерҳои пуриқувват ва технологияи нави иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад.

Хуллас, ҳамарӯза муаммоҳо доир ба зарурияти татбиқи технологияи иттилоотӣ дар раванди коркарди маълумоти муҳосибӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҳолат корхонаҳоро лозим аст, ки на танҳо таъминоти техникӣ, балки тамоми инфрасохтории технологияҳои иттилоотии худро ба талаботи замон мутобиқ намоянд.

Инчунин мавриди қайд аст, ки ҷиҳати сарфаи вақт, пешгирии амалҳои коррупсионӣ ва автоматонии ҷараёни коркарди маълумоти молиявӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани талаботҳои Барномаи Ҳукумати электронӣ ба тамоми муассисаҳои буҷетӣ супориш дода шудааст, ки аз барномаи низоми электронии идоракунии амалиётҳои молиявӣ SGB.Net истифода намоянд, зеро аксари корхонаҳо ва муассисаҳо аз таъминоти барномавии ғайримарказонидашуда истифода менамоянд ва ин амал дастрасии фаврии маълумотро ғайриимкон менамояд. [3]

Дар ниҳоят, доир ба интихоби барномаҳои амалӣ дар самти пешбурди фаъолияти муҳосибӣ дар корхонаву муассисаҳои кишвар чунин пешниҳодҳоро пешкаш менамоям:

- вобаста ба мавқеъ ва макони ҷойгиршавии муассиса ташкил намудани системаи автоматонидашудаи ягона;
- истифодаи пакети барномаҳои амалии муҳосибии навин;
- ташкили системаи иттилоотии марказонидашуда.

**Адабиёт**

1. Раҳимов З.А.,Технологияи коркарди ахбори иқтисодӣ. 2004.
2. Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2011, № 643.
3. Сомонаи расмии Интернетии Энсклопедиаи озод Wikipedia.org, www.ru.wikipedia.org/

## ЗАРУРИЯТИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ МУҲОСИБӢ

Дар ин мақола тарафҳои истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир дар коркарди маълумоти муҳосибӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, зарурияти татбиқи он дар раванди коркарди маълумоти муҳосибӣ муайян карда шудааст. Инчунин натиҷаи тадқиқот хулосабандӣ карда шуда, ҷиҳати беҳтар намудани раванди коркарди маълумоти соҳа пешниҳодҳо низ оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо**: технология, технологияи иттилоотӣ, муҳосибот, маълумоти муҳосибӣ, барномаи SGB.Net, барномаҳои муҳосибӣ.

## NECESSITY OF USE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESSES OF PROCESSING OF ACCOUNTING INFORMATION

This article considers the need to use modern information technologies in the processing of accounting information. Also, in conclusion, the study presents recommendations for improving the processing of information in this field.

**Keywords**: technology, information technology, accounting, accounting data, SGB.Net program, accounting programs.

**ИСЛОМОВ Парвиз Раҷабович** магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-40010202 - технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**ИСЛОМОВ Парвиз Раджабович** магистрант 2-го курса специалности 1- 40010202 - информационные системы и технологий в экономике Финансого экономического института Таджикистана.
**ISLOMOV Parviz Rajabovich** A magician 2-year course specialty 1-40010202- Information technology and system in economy of Finance and economics institute of Tajikistan

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАДБИҚИ КИТОБХОНАИ ЭЛЕКТРОНӢ

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ ЭЛЕКТРОННОЙ БИБЛИОТЕКИ

В настоящей статье рассматривается теоретические основы электронной библиотеки. Вхождение Республики Таджикистан в информационное общество требует, чтобы все библиотеки фокусировались на разнообразных потребностях студентов в области литературной грамотности. Целью автоматизации информационных процессов библиотеки является ряд ключевых вопросов. Одним из ключевых вопросов в этой области является работа учреждений по повышению эффективности их работы по привлечению инвестиций для будущего развития.

Имрӯз мо дар замони тараққиёти босуръати технологияи иттилоотӣ ва телекамуникатсионӣ қарор дорем, ки онҳо ба ҳамаи соҳаҳои ҷамъияти ҳамроҳшуда, муносибати ҷамъиятиро дигаргун сохтаанд. Дар ин ҷода талабот ба маълумотҳои дақиқ ва ахбороти фаврӣ афзоиш меёбад. Зина ба зина гузариш аз усули ананави ба муосири автоматикунонии фаъолияти соҳаҳои алоҳида. Ин як масъалаи глобалии ҷамъияти имруза буда, ягон мамлакати тараққикарда ва ё рӯбатараққиро дар канор намегузорад.

Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи иттилоотӣ имрӯз тақозо мекунад, ки тамоми китобхонаҳо барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти мухталифи хонандагон ҷиҳати адабиёти ниёзи хониш самту ҳадафи худро дар он равона созанд. Ба хусус дар таҳияи нави китобшиносӣ, феҳристҳои электронӣ ва китобҳои соҳавӣ саҳмгузор бошанд. Илова бар ин, истифодаи технологияҳои муоссири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо ва инкишофи низоми тарғиби электронӣ иттилоот имкон медиҳад,ки талаботи иттилоотӣ истифодабарандагон дар вақту замон қонеъ гардад ва онҳо бо навтарин дастовардҳои илмию фарҳангии соҳа ошно шаванд. Барои мувофиқу созгор намудани самтҳои афзалиятноки китобхонаҳои электрони ба ҷомеаи иттилоотии имрӯза мутахасисони соҳаро зарур аст ки дар ҳалу фасли масоили зерин ҳарчи бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд:

Ҷумҳурии Тохикистон низ дар қатори дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун мамлакати ру ба тарақӣ дар канор нест. Лекин дар айни замон норасогии назараси Ҷумҳуриамон аз дигар мамлакатҳои мутарақи карда аз хиҳати саноат ва аз ҷиҳати донишу малакаҳои информатсионии ҷомеа ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ китобхонаҳо ақибмони ба назар мерасад [1]. Инчунин дар чумҳурии мо таъмини ҷустуҷӯии шабакаҳои телекамуникатсионӣ ва иттилоотии гуногун аз ҷумла интернет монеа эҷод мекунад. Барои мутобиқ намудани фаъолияти кории китобхонаҳои элктронӣ ба ҳамаи талаботҳои замони имруза ба таври автоматикунонӣ як қатор вазифаҳо муҳим мебошад. Аз ҷумла китобҳои электронӣ, китобҳои аз тарафи шахсони масъул пешниҳод шаванда, инчунин китобҳое, ки тарафи муаллифон ба китобхонаи

электронӣ пешниҳод мешаванд, қобили қабул аст. Аз ин ру барои мутобиггардонии мувафақнамоии фаъолияти кории автоматикунонии системаҳои информатсионии китобхонаҳо масъалаи асосӣ, ин сохтани феҳристи электронӣ мебошад. ҳоло бошад мо дар замони гузариш аз усули аънанавӣ ба муосир карор дорем, ки насли имрӯз хеле фаъол гардидаанд, ки қобилияти онҳоро ба инобат гирифта тарзи химатрасонӣ ва истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва коркарди онро дуруст ба роҳ монем. Имрӯзҳо кормандони китобхонаҳо фикри насли имрузро дарк карда сифати хизматрасонӣ ва ба онҳо бо суръати баланд ва бо усулҳои замонавӣ расонидани маълумоти лозимаашонро дар назар дорад. Аз ҳама роҳӣ амали кардани ин стратегия, самаранок истифода бурдан аз технологияҳои информатсионӣ мебошад, ки барои истифода бурдан барномаи махсус лозим аст. Ҳамин тариқ, итминони комил дорем , ки пас аз сохтани ингуна барномаҳо барои пешрафти илму фарҳанг кумак расонида ба насли наврас албатта таъсири мусбии худро мерасонем. Ҷавонони мо, ки ояндасози миллату давлатамон ҳастанд, бояд аз ин гуна барномаҳо бохабар бошанд. Имрӯз мо дар ҷомеаи иттилоотӣ қарор дорем, ки муносибатҳои ҷамияти дигар гашта талабот ба маълумотҳою ахбороти фаври афзоиш ёфтааст. Барои он, ки китобдор дониши баланд дошта бошад ва аз технологияҳои замонавӣ бохабар шавад, зарур аст, ки фаъолияти худро такмил диҳад. Китобдор дар он вақт ба мо кумак расонда метавонад, ки вай бояд дар сафи пеши ҷомеаи иттилоотӣ қарор дошта бошад, аз ин лиҳоз Ҷумҳури Тоҷикистон низ, ки ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ворид шудааст, мо ҷавононро ҷалб менамояд,ки аз китобхонаҳои ҷаҳонӣ бархурдор бошем. Фавҷи азими иттилоотие, ки имрӯз системаи нави технологӣ ва телекамуникатсионӣ пешкаш менамояд афзоиши босуръати захираҳои электронӣ мебошанд. [2]

Мақсади автоматикунонии равандҳои информатсионии китобхона аз як қатор масъалаҳои муҳим иборат мебошад. Яке аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ, дар ин раванд кори муассисаҳо бо мақсади баландбардории натиҷабахши кори онҳо самаранок бурдани ҷалби сармоягузорӣ барои рушди оянда мебошад. Дар чунин шароитҳо танҳо кишварҳои ба рушди ҳаматарафа мувафақ шуда метавонанд, ки аз имконоти воситаҳои иттилоотӣ муосир хуб истифода намоянд. Кишвари мо низ баҳри мувафақ гаштан аз тарафи ҳукумати Ҷумҳури назаррас мебошанд. Алалхусус дар маҷлиси машваратӣ оиди технологияҳои информатсионӣ ва комуникатсионии бевосита дар назди Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Милли, Пешвои Миллат, Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҷори кардани ҳукумати идоракуни электрониро муайян карданд. Китобхонаи замонавӣ ба сифати стратегияи худ шавқ ва рағбати истифодабарандаро қонеъ карда тавонанд, балки натанҳо пуркардани фондҳои худ бошад.

Имрӯз истифодаи тенологияҳои муоссири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо ва инкишофи низоми тарғиби электронии иттилоотӣ имкон медиҳад, ки талаботи иттилоотӣ хонандагон сари вақт қонеъ гардад ва онҳо ба навтарин дастовардҳои илмию фарҳангии ҳозиразамони соҳа аз наздик ошно шаванд. [3]

**Адабиёт**


1. Ҳасанов М.М., Қосимова М.И., Шарипова М.М., Алимухаммедов М.Р. Системаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда.
2. Ф.С.Комилов, Д.С.Шарапов. Информатикаи татбиқӣ. – Душанбе, 2002.
3. ***Шариф Комилзод.*** Нақши Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар рушду нумӯи илми китобдории тоҷик.


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАДБИҚИ КИТОБХОНАИ ЭЛЕКТРОНӢ

Дар ин соҳа, асоси назариявии китобхонаи электронӣ баррасӣ карда мешавад.Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи иттилоотӣ талаб мекунад, ки ҳамаи китобхонаҳо ба талаботи толибилмон дар соҳаи илм диққат дода шавад. Мақсади автоматикунонии равандҳои информатсионии китобхона аз як қатор масъалаҳои муҳим иборат мебошад. Яке аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ, дар ин раванд кори муассисаҳо бо мақсади баландбардории натиҷабахши кори онҳо самаранок бурдани ҷалби сармоягузорӣ барои рушди оянда мебошад.

**THE ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN E-LIBRARY DEVELOPMENT**

In this paper, the theoretical basis of the electronic library is considered. The entry of the Republic of Tajikistan into the information society requires that all libraries focus on the diverse needs of students in the field of literacy. The purpose of automation of library information processes is a number of key issues. One of the key issues in this area is the work of institutions to improve their effectiveness in attracting investments for future development.

**РОЗИҚОВ** Бахтиёр Ҳайдарович
магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва
иқтисоди Тоҷикистон ихтисоси андоз ва андозбандӣ
**РОЗИКОВ** Бахтиёр Хайдарович
магистрант 2-го курса Финансово - экономического
института Таджикистана, специальность налоги и налогообложения
**ROZIQOV** Bakhtiyor Haydarovich
graduate student of the 2 nd year financial and economic
Institute of Tajikistan, specialty taxes and taxation

## НАҚШИ ПАРДОХТҲОИ ҶОРИИ АНДОЗ ДАР ҶАРАЁНИ ҲИСОБИ АНДОЗ АЗ ФОИДА

## РОЛЬ НАЛОГОВЫХ ТЕКУЩИХ ПЛАТЕЖЕЙ В ПРОЦЕССЕ УЧЕТА НАЛОГА НА ПРИБЫЛЬ

**Аннотация**

В данной статье рассматривается роль налоговых текущих платежей в процессе учета налога на прибыль. Основываясь на анализе литературы, автор определил улучшения направления налога на прибыль в Республике Таджикистан. Также проанализирован метод решений проблем в анализе и порядок исчисления, уплаты налога на прибыль.

**Ключевые слова:** прибыль, юридическое лицо, предприятие, экономика, налог, государственный бюджет, бизнес, инвестиции.

Дар аввали солҳои 90-ум низоми андоз ба талаботи амалкарди иқтисодиёти бозорӣ ҷавоб намедод ва дар кутоҳтарин муҳлат зарурият барои ҷорӣ кардани низоми нави андоз, бо намудҳои он ба миён омад. Яке аз намудҳои андозе, ки ба низоми андози Тоҷикистони соҳибистиқлол, дар нимаи дуюми соли 1993, дохил шуд - ин андоз аз фоидаи корхонаҳову ташкилотҳо мебошад. Бояд, қайд кард, ки андоз аз фоидаи корхонаҳову ташкилотҳо ба номгӯи чор намуди андозҳое, ки дар соли 1998 беш аз 67% воридоти андозҳоро ташкил медоданд, дохил мешуд.

Тағйироти имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат аҳли ҷомеаро ба муносибатҳои андоз беш аз пеш ҳавасманд мегардонад. Аз ҷониби қонунгузорону иқтисоддонон ҷустуҷу шудани як модели системаи андоз, ки муносиби ҳам манфиати давлат ва ҳам соҳибкорон бошад, масъалаҳои нав ба нави қонунгузории бо он вобастаро ба миён меоваранд. Ба ин вобастагии сатҳи буҷети давлатӣ аз даромадҳои андозӣ, ки он усули бо андоз танзимгардонии давлатии иқтисодиётро яке аз усулҳои муҳимтарини

системаи идораи бозор ва ҳам рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият гардондааст, мусоидат менамояд.

Андоз аз фоида ба яке аз намудҳои андозҳои мустақим дохил шуда, бевосита аз фоидаи корхона ситонида мешавад. Воридот аз он дар қисми даромадҳои буҷети давлатӣ дар соли 2016-2384514,3 ҳазор сомонӣ ва ба ҳисоби фоиз низбат ба ММД-4,4%-ро ташкил медиҳад[2,447].

Новобаста аз ин, камбудиҳои назаррас оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз фоида вуҷуд доранд, ки ҳалли худро металабанд.

Ба андоз аз фоида зерфасли 2-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он унсурҳои ин андоз шарҳ гардидаанд. Лекин қайд кардан лозим аст, ки бисёри масъалаҳои оид ба ҳисоби андоз дар қонунгузории ба андозсупорандагон нофаҳмо мебошанд ва ҳамчунин баъзе масъалаҳо ба таври муффасал ва равшан дарҷ нагардида аз мадди назар дур мондаанд.

Супорандагони андоз аз фоида, ба истиснои шахсоне, ки Кодекси андоз (низомҳои махсус) андозбандӣ мешаванд, вазифадоранд пардохти ҷории ҳармоҳаро ба буҷет на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, анҷом диҳанд.

Супорандагони андоз аз фоида, ба истиснои шахсоне, ки дар баҳисобгирии нозироти андози андозсупорандагони калон мебошанд ва шахсоне, ки маблағи андоз аз фоидаи онҳо барои соли гузаштаи тақвимӣ аз маблағи муайяннамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ зиёд мебошад, вазифадоранд ҳар семоҳа пардохти ҷориро ба буҷет на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъди семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, анҷом диҳанд.

Андозсупорандагони андози фоида, ки ба рӯйхати Нозироти андозсупорандагони калон дохил карда шуданд ва андозсупорандагоне, ки дар давраи пешинаи ҳисоботӣ даромади андозбандишавандашон зиёда аз 3 000 000 (се миллион) сомонӣ мебошад, вазифадоранд ҳар моҳ пардохти ҷориро ба буҷет на дертар аз санаи 15-уми моҳи минбаъдаи баъди моҳи ҳисоботӣ фаро расида, анҷом диҳанд.

Маблағи ҳар пардохти ҷории моҳона (семоҳа) дар давраи 12-моҳа, ки ҳар 15-уми апрел оғоз меёбад, наметавонад аз ҳар як маблағҳои зерин камтар бошад:

а) аз дувоздаҳ як қисми (аз чор як қисми) маблағи андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз, ки ба коэффитсенти 1,1 зиёд карда шудааст;

б) 1 фоизи даромади умумии моҳи (семоҳаи) ҳисоботӣ.

Пардохтҳои ҷории андоз аз фоида ба маблағи ин андози барои соли тақвимӣ пардохтшаванда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳама гуна пардохтҳои барзиёди ҷории андоз аз фоида дар муқоиса бо ӯҳдадорӣ доир ба ин андоз барои соли тақвимӣ ба ҳисоби ӯҳдадориҳо оид ба дигар андозҳо гирифта мешаванд ё ба андозсупоранда баргардонида мешаванд[1,126].

Пардохтҳои ҷорӣ аз рӯи андоз аз фоида пардохтҳои ҳатмӣ буда, барои сари вақт напардохтани онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд.

**Мисол:** ҶДММ «Арзон» дар соли 2015 андозҳоро тибқи низоми соддакардашуда пардохт намуда, бинобар аз ҳадди муқарраршуда гузаштан дар соли 2016 ба низоми умумии андозбандӣ гузашта, супорандаи андози фоида гардид.

Бинобар он ки Ҷамъият дар соли 2015 супорандаи андози фоида набуд, пас аз дувоздаҳ як қисми (аз чор як қисми) маблағи андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз, ки ба коэффитсенти 1,1 зиёд карда шудааст, ба сифр баробар аст:

$0/12 * 1,1 = 0$

Аз ин рӯ, Ҷамъият дар соли аввал баъди аз низоми соддакардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ гузаштан аз дувоздаҳ як қисми маблағи андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз, ки ба коэффитсенти 1,1 зиёд карда шудааст, пардохт намекунад.

Новобаста аз чунин ҳолат Ҷамъият вазифадор аст, ки аз январи соли 2016 сар карда ҳамчун пешпардохти ҷории андози фоида на камтар аз 1 фоизи даромади умумӣ, ки ҳамчун маблағи андози фоида барои соли тақвимӣ ҳисоб мешавад, пардохт намояд.

**Соли 2016**

| моҳ | даромади умумӣ | пардохти ҷории андоз | 1% -и даромади умумӣ | пардохти воқеӣ ба буҷет |
|---|---|---|---|---|
| Январ | 80 000 | 0 | 800 | 800 |
| Феврал | 70 000 | 0 | 700 | 700 |
| Март | 120 000 | 0 | 1200 | 1200 |
| Апрел | 95 000 | 0 | 950 | 950 |
| Май | 130 000 | 0 | 1300 | 1300 |
| Июн | 0 | 0 | 0 | 0 |
| июл | 60 000 | 0 | 600 | 600 |
| август | 140 000 | 0 | 1400 | 1400 |
| сентябр | 70 000 | 0 | 700 | 700 |
| октябр | 50 000 | 0 | 500 | 500 |
| ноябр | 200 000 | 0 | 2000 | 2000 |
| декабр | 180 000 | 0 | 1800 | 1800 |
| | **1 195 000** | | **11 950** | **50** |

1) Фарз мекунем, ки тарҳҳои Ҷамъият дар соли 2016 маблағи 950 000 сомониро ташкил медиҳад.

1 195 000 – 950 000 = 245 000 сомонӣ – фоидаи андозбандишаванда;

245 000*25% = 61 250 – андози ҳисобшудаи фоида дар соли 2016;

61 250 – 11950 (пардохти ҷории андоз) = 49300 сомонӣ маблағи андози фоида, ки бояд ба буҷет пардохт карда шавад.

2) Фарз мекунем, ки тарҳҳои Ҷамъият дар соли 2016 маблағи 1 200 000 сомониро ташкил медиҳад.

1 195 000 – 1 220 000 = -5 000 сомонӣ – Ҷамъият зарар гирифт.

**<u>Соли 2017</u>**

| Моҳ | Даромади умумӣ | Пардохти ҷории андоз 61 250/12* 1,1 = 5615 | 1% даро-мади умумӣ | Муқоисаи ду бузургӣ, калон-тари онҳо ҳамчун пардохти ҷорӣ пардохта мешавад | Пардохти воқеӣ ба буҷет |
|---|---|---|---|---|---|
| январ | 56 000 | 0 | 560 | 0<560 | 560 |
| феврал | 99 000 | 0 | 990 | 0<990 | 990 |
| Март | 320 000 | 0 | 3200 | 0<3200 | 3200 |
| апрел | 600 000 | 5615 | 6 000 | 5615<6000 | 6000 |
| Май | 700 000 | 5615 | 7 000 | 5615<7000 | 7000 |
| Июн | 145 000 | 5615 | 1450 | 5615>1450 | 5615 |
| Июл | 60 000 | 5615 | 600 | 5615>600 | 5615 |
| август | 140 000 | 5615 | 1400 | 5615>1400 | 5615 |
| сентябр | 200 000 | 5615 | 2000 | 5615>2000 | 5615 |
| октябр | 50 000 | 5615 | 500 | 5615>500 | 5615 |
| ноябр | 30 000 | 5615 | 300 | 5615>300 | 5615 |
| декабр | 0 | 5615 | 0 | 5615>0 | 5615 |
| | **2 400 000** | | **24 000** | | **57 055** |

Маблағи андози фоида барои соли 2016 як фоизи даромади умумии Ҷамъият, яъне 11 950 сомониро ташкил медиҳад.

Тартиби ҳисоб намудани пардохтҳои ҷории андози фоида дар соли 2017-ро дида мебароем. Фарз мекунем, ки андози фоидаи Ҷамъият дар соли 2016 маблағи 61 250 сомониро ташкил медиҳад.

61 250 / 12 * 1,1 = 5615 сомонӣ

1) Фарз мекунем, ки тарҳҳои Ҷамъият дар соли 2017 маблағи 2 000 000 сомониро ташкил медиҳад.

2 400 000 – 2 000 000 = 400 000 – фоидаи андозбандишавандаи Ҷамъият

400 000* 25% = 100 000 – маблағи ҳисобшудаи андози фоида дар соли 2017.

100 000 – 57 055(пардохти ҷории андоз) = 42 945 сомонӣ маблағи андози фоида, ки бояд ба буҷет пардохт карда шавад.

2) Фарз мекунем, ки тарҳҳои Ҷамъият дар соли 2017 маблағи 2 500 000 сомониро ташкил медиҳад.

2 400 000 – 2 500 000 = - 100 000 сомонӣ – Ҷамъият зарар гирифт.

Маблағи андози фоида барои соли 2017 як фоизи даромади умумии Ҷамъият, яъне 24 000 сомониро ташкил медиҳад.

Барои содда ва фаҳмо намудани андозбандии андоз аз фоида хулосабарорӣ ва пешниҳодҳои зерин оварда шудааст:

- Андоз аз фоида ба категорияи андозҳои мустақим марбут буда, нақши он дар қисми даромадҳои буҷети давлатӣ дар соли 2016-2384514,3 ҳазор сомонӣ ва ба ҳисоби фоиз низбат ба ММД- 4,4%-ро ташкил медиҳад, ки ин хеле кам мебошад.

- Ҳамчун андозсупорандаи андоз аз фоида шахсони ҳуқуқи эътироф мешаванд. Мутаассифона, дар Кодекси андоз мафҳуми шахси ҳуқуқи шарҳ дода нашудааст. Мафҳуме, ки Кодекси граждании муайян кардааст, бояд мавриди баҳс қарор дода шавад, бо сабаби он, ки новобаста аз машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, шахси ҳуқуқӣ уҳдадор аст ҳамчун супорандаи андоз аз фоида эътироф карда шавад.

- Объекти андозбандии андоз аз фоида маблағи даромади умуми бо назардошти тарҳи маблағҳои тарҳшаванда мебошад. Қайд мекунем, ки тибқи қонунгузории амалкунанда аз даромади умуми тарҳи маблағҳои зерин иҷозат дода намешавад: хароҷоти сафари хизматии корманд зиёда аз меъёри муайян карда; хароҷоти хариди мол аз соҳибкороне, ки тибқи патент андозбандӣ мешаванд ва хароҷоти марбут ба мошинҳои сабукрав, вале ин хароҷотҳои зикргардида андозбандӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, ба фикри мо маблағи тарҳшавандаи ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ ва маблағи тарҳи хароҷоти таъмири воситаҳои асосиро дар асоси моддаи 118 ва 119 Кодекси андоз муайян намудан ғайри имкон аст. Ҳамчунин, дар дастурамали андоз аз фоида маблағи тарҳшвандаи хароҷоти таъмири воситаҳои асоси нодуруст ҳисоб шудааст.

- Меъёри андоз аз фоида барои шахсони ҳуқукие, ки ба истеҳсолот машғул мебошанд 13%, вале на кам аз 1% даромади умумӣ ва барои шахсони ҳуқуқие, ки ба дигар намуди фаъолият машғул мебошанд 23%, вале на кам даромади умумӣ ташкил медиҳад. Ба фикри мо меъёри 1% на кам аз даромади умумӣ аз руи адолат муайян нашудааст. Бинобар он, ки ин аз натиҷаи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ вобастаги надорад.

- Андоз аз фоида дар давоми сол ҳамчун пардохти ҷорӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ пардохт карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо назардошти тағйиру иловаҳо то 01.01.2017сол) нашриёти “Шарқи озод” Душанбе 2017.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2017. Нашриёти ҶДММ «ТоРус» Душанбе 2017.

## НАҚШИ ПАРДОХТҲОИ ҶОРИИ АНДОЗ ДАР ҶАРАЁНИ ҲИСОБИ АНДОЗ АЗ ФОИДА

**Аннотатсия**

Дар мақолаи мазкур нақши пардохтҳои ҷории андоз дар ҷараёни ҳисоби андоз аз фоида дида баромада шудаанд. Дар асоси таҳлили адабиёт муаллифф самтҳои такмили андозбандии андоз аз фоидаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд. Инчунин роҳҳои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта нисбат ба тартиби ҳисоб ва пардохти андоз аз фоида мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** фоида, шахси ҳуқуқӣ, корхона, иқтисодиёт, андоз, буҷети давлатӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ.

## THE ROLE OF TAX CURRENT PAYMENTS IN THE PROCESS OF ACCOUNTING THE TAX TO PROFIT

**Annotation**

The article examines the role of tax current payments in the process of accounting for income tax. Based on the analysis of the literature, the authors determined the improvement of the direction of the tax on profits in the Republic of Tajikistan. The methods of solving problems in the analysis and the procedure for calculating and paying income taxes were also analyzed.

**Key words:** profit, legal entity, enterprise, economy, tax, state budget, business, investments.

**НИГМАНОВА** Нигора
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит

**НИГМАНОВА** Нигора
Магистрант 2-го курса Финансово-экономического института Таджикистана
по специальности бухгалтерский учет

**NIGMANOVA** Nigora
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit

## МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ УҲДАДОРИҲОИ КӮТОҲМУДДАТ ВА ДАРОЗМУДДАТ

## СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ УЧЕТА КРАТКОСРОЧНЫХ И ДОЛГОСРОЧНЫХ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ

**Аннотация**

В этой статье основное внимание уделяется особенностям и характеру долгосрочных и краткосрочных обязательств.

Изучая этот вопрос, важно заключить, что краткосрочные и долгосрочные обязательства служат источником собственных активов компании, и невозможно представить себе прогресс предприятия без их использования.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, долг, долгосрочные и краткосрочные обязательства, капитал, оплаты труда.

Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат сармояи ҷалбшудаи ширкат буда дар оянда аз даст рафтани даромадҳои иқтисодӣ ҳангоми дар гузашта ҷой доштани ӯҳдадориҳо оид ба додани дороиҳои моддӣ дар оянда ё ин ки пешниҳод кардани хизматрасониҳо ба субъекти муайян мебошанд.

Хусусиятҳое, ки ба ӯҳдадориҳои корхона мансуб ҳастанд, тавсиф медиҳем:

1) Иҷрои ӯҳдадориҳо дар натиҷаи интиқоли дороиҳо ё ин ки хизматрасониҳо дар оянда;
2) Ҳодисае, ки сабаби пайдоиши ӯҳдадориҳост, ба амал меояд;
3) Пайдоиши ӯҳдадориҳо аз эҳтимол дур нест;

Ӯҳдадориҳо ҳамчун объектҳои баҳисобгирӣ, ки муҳлати иҷрои онҳо муайян карда мешаванд,аммо субъект, ки дар атрофи он ухдадориҳо пайдо мешаванд ҳамчун шахси ҳуқуқи ё гурӯҳи шахсони ҳуқуқӣ индентификатсия карда мешавад. [1,95].

Қарзҳое, ки муҳлати пардохташон дар давоми як сол ё ки як цикли хоҷагӣ ба нақша гирифта шудаанд, ӯҳдадориҳои кутоҳмуддат мебошанд.Ғайр аз ин нишонаи муҳими қарзҳои кӯтоҳмуддат дар он аст, ки онҳо бо захираҳое, ки дар амалиёти ҷории корхона истифодашаванда пардохт карда мешаванд.Намудҳои асосии ухдадориҳои кӯтоҳмуддати корхонаҳо инҳоянд: қарзи кредиторӣ ба таъминкунандагон векселҳои додашуда қарз аз рӯи дивидентҳо, пардохтҳои андоз ва дигарон.

Ӯҳдадориҳо оид ба пардохти қарзи кредиторӣ, ки бояд то охири соле, ки баъди санаи охирини тавозуни мухосибӣ қарздор меоянд, ба ухдадориҳои дарозмуддат мансуб ҳастанд.Дар байни онҳо облигацияҳои дарозмуддат, гаравҳо, векселҳои дарозмуддат, кредити ипотекӣ, иҷораи дарозмуддат ва ухдадориҳои нафақавӣ ҷудо карда мешаванд. [2,115].

Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ҳамон вақт ҳақиқи ҳисобида мешаванд, ки онҳо аз рӯи шартнома бо риояҳои қоидаҳои қонун тартиб дода шудаанд.Маблағи қарз дар онҳо дақиқ ҳисоб карда мешавад.Қарзи кредитории молтаъминкунандагони молҳо, корҳо, хизматрасониҳо ва маҳсулот дар тавозун тахти «Ҳисобҳои пардохтшаванда» инъикос меёбанд.

Векселҳои кутоҳмуддат барои пардохти маҳсулот ва хизматрасониҳо дар фаъолияти корхона истифода бурда мешаванд.Хосияти асосии муносибати векселӣ дар он аст, ки векселҳо бо амволи муайяни корхона таъмин карда мешаванд.Векселҳо ду намуд мешаванд фоизнок ва бефоиз мешаванд. [3,215].

Дар векселҳои фоизнок миқдори фоиз аз рӯи қарзи молӣ нишон дода мешаванд.

Дар векселҳои бефоиз миқдори фоиз мутобиқи даромаднокии миёнаи сармоягузории кутоҳмуддати молиявӣ қайд карда мешаванд.

Фоизҳо аз рӯи векселҳои додашуда метавонанд аз нархи вексел ҷудогона дода шаванд ё ки метавонанд сари вақт пардохт шаванд.

Агар фоиз аз рӯи вексел ҷудогона аз вексел қайд шуда бошад, ҳангоми додани вексел бар ивази маҳсулот дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ҳам нархи вексел ва ҳам фоизҳои он қайд карда мешаванд.

Векселҳои бефоизи қарзгир арзиши номиналии худро доранд, ки ба он суммаи фоизҳо аз рӯи векселҳо дохил аст.Қарзгир аз рӯи вексел дар намуди фоиз фарқи байни арзиши номиналии вексел ва суммаи фоизҳоро мегирад.

Қарзҳо аз рӯи дивидентҳо дар саҳмияҳои оддӣ ҳамон вақт пайдо мешаванд, ки шӯрои директорони ширкати саҳомӣ дар бораи пардохти пурраи қарзҳои саҳмдорон эълон кунад.Он бояд дар давраи ҳисобдорӣ ё дар давраи амалиёти фаъолияти корхона пардохт карда шавад ва дар ҳисоботи ҳисобдорӣ ва молиявӣ ҳамчун ухдадориҳои кутоҳмуддат инъикос меёбад.

Аз рӯи саҳмияҳои тартиби дивидентҳо эълон карда намешаванд, зеро онҳо арзиши нисбатан муътадил доранд, аммо дар ҳисоботи молиявӣ нишон дода мешаванд.Манбаи дивидентҳо ин як қисми фоидаи ширкат аст ва ба саҳмдорон тибқи қарорӣ шӯрои директорони ҷамъияти саҳомӣ тақсим карда мешаванд.

Қисми кунунии ухдадориҳои дарозмуддати корхона дар муддати як даври тиҷоратӣ ё дар тули як сол пас аз тавозуни охирини аз ҳисоби дороиҳои ҷорӣ пардохт карда мешавад.Суммаи ухдадориҳои дарозмуддат ба андозаи оне, ки ба қатори ухдадориҳои кутоҳмуддат мегузаранд, танзим карда мешаванд.

Даромади давраҳои оянда (даромади пешпардохтшуда) ҳамон вақт пайдо мешаванд, ки дар асоси шартномаи ширкат бо назардошти хизматрасониҳои оянда, корҳо ва ба харидор расонидани маҳсулот аз харидор аванс мегирад.

Яке аз намудҳои муҳими уҳдадориҳои кутоҳмуддати корхонаҳо қарзҳои музди меҳнат мебошад.Маоши ба коркунон гузаронидашуда яке аз хароҷотҳои асосӣ буда таҳти назорати коркунон, роҳбарони корхона ва мақомоти молия қарор дорад.[4,321]

Музди меҳнат ба се гурӯҳи қарзҳои кӯтоҳмуддат ҷудо мешаванд:

1) Қарз оид ба пардохти музди меҳнат;
2) Уҳдадориҳо оид ба андоз аз музди меҳнат;
3) Қарзҳо оид ба дигар намудҳои боздоштҳо аз музди меҳнат;

Қарзҳо аз пардохти музди меҳнат аз вақти корӣ ё аз соатҳои муқарраршудаи корӣ ё дар асоси истеҳсолӣ воқеии маҳсулот таъсис дода мешаванд.Нисбати персонали роҳбарикунанда музди меҳнат аз рӯи вақти корӣ бо таъсиси музди омҳона ё солона ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми аз меъёр зиёд кор кардан ба коркунони корхона аз рӯи қонунгузорӣ музди иловагӣ дода мешавад.Корҳои аз меъёр зиёд дар ҳаҷми якуним баробар ва дар рӯзхои истироҳат ва ид дар ҳаҷми ду баробар пардохт мешаванд.Тартиби чунин пардохтҳо бо созишномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои иттифоқи касаба оиди музди меҳнат муайян карда мешаванд.

Андоз аз музди меҳнати кормандон ба манфиати мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад.Чунин андозҳо ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ, андози давлатӣ аз даромад.Аз ҳисоби фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ нафақа ба пиронсолон, нафақаи маъюбон, нафақа барои расонидани кӯмаки тиббӣ барои шахсони то 65 сола пардохта мешавад.Ба ғайр аз нигоҳ доштани андозхои ҳатмӣ аз музди меҳнати кормандон бо дархости онҳо ба фонди нафақа, пардохти суғурта ба мақомоти ҳифзи тандурустӣ ба суратҳисобҳо дар бонк пардохт карда мешаванд.

Ҳамаи ҳисобҳо ба тарафҳо оиди музди меҳнат ба ҳар як корманд ба қайд гирифта мешаванд.Барои пардохти музди меҳнат ведемости ҳисобҳо тартиб дода мешавад, ки дар он маблағи иловаҳо ва нигоҳдорӣ оиди ҳар корманд, рақами чек, ки аз рӯи он музди меҳнат дода шудааст, қайд карда мешавад.Маълумотҳои ведемости ҳисоби барои тартиб додани ҳисобҳои муҳосибӣ дар китоби асосӣ ё китоби музди меҳнат қайд карда мешаванд.

Дар қатори андозҳое, ки аз музди меҳнат нигоҳ дошта мешаванд, соҳибкорон аз ҳисоби хароҷоти корхона андозро аз музди меҳнат пардохт мекунанд.

Андоз аз ҳисоби кормандони корхона ва соҳибони он ҳар моҳа ва ё семоҳа вобаста ба сумма ва намуди андоз пардохт карда мешаванд.

Уҳдадориҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддат ҳамчун сарчашмаи пайдоиши дороии корхона хизмат мекунанд ва бе истифода бурдани онҳо пешравии корхонаро тасаввур кардан ғайри имкон аст.

**Адабиёт**

*1. Б.Ҳ.Каримов Н.А.Ойев И.А.Бобиев С.Қ.Шоймардонов«Баҳисобгирии муҳосибӣ молиявӣ» Душанбе 2016 сол.*

*2. Институти ҷамъиятии бухгалтерон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Баҳисобгирии молиявӣ» Душанбе 2011сол.*

*3.Качалин В.В «Ҳисоботи молиявӣ» Москва 1998г*

*4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» №702 аз 24-уми марти соли 2011.*

## МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ УҲДАДОРИҲОИ КӮТОҲМУДДАТ ВА ДАРОЗМУДДАТ

**Аннотатсия**

Дар мақолаи мазкур масъалаи моҳият ва хусусияти ӯҳдадориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат мавриди омузиши илмӣ қарор гирифтааст.

Ҳангоми омузиши ин масъала ба хулоса омадан лозим аст, ки ӯҳдадориҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат ҳамчун сарчашмаи пайдоиши дороии корхона хизмат мекунанд ва бе истифода бурдани онҳо пешравии корхонаро тасаввур кардан ғайри имкон аст.

**Калидвожа:** баҳисобгирии муҳосибӣ, қарз, уҳдадориҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддат,сармоя,музди меҳнат.

## THE NATURE AND NATURE OF SHORT-TERM AND LONG-TERM LIABILATIES, CAPITAL, SALARY

**Annotation**

This article focuses on the field of science and nature of long-term and short-term liabilities.

While studying this issue, it is important to conclude that the short-term and long-term liabilaties serve as the souree of the company s own assets and, without the use of it, it is possible to imagine the progress of the enterprise

**Keywords:** careful accounting, debt, short-term and long-term liabilaties, capital, salary.

**ОДИНАЕВ** Фирузчон Давлахмадович
магистри курси 2, Донишкадаи молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси молия ва карз
**ОДИНАЕВ** Фирузджон Давлахмадович
магистр 2 курса, Финансово-экономического
института Таджикистана, специальность финансы и кредит
**ODINAEV** Firuzjon Davlahmadovich
Magister of 2 courses, Financial and Economic
Institute of Tajikistan, specialty finance

# БУҶЕТИКУНОНИИ БА НАТИҶА НИГАРОНИДАШУДА ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

## БЮДЖЕТИРОВАНИЕ ОРИЕНТИРОВАННОЕ НА РЕЗУЛЬТАТ КАК ИНСТРУМЕНТ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ

**Аннотация**

В статье обоснована необходимость перехода к системе бюджетирования, ориентированного на результат, как инструмента повышения эффективности использования бюджетных средств в Республике Таджикистан, рассмотрена сущность и значение бюджетирования, ориентированного на результат. На основе изучения опыта зарубежных стран, автором разработаны несколько предложений по переходу к системе бюджетирования, ориентированного на результат в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** бюджет, доходы бюджета, расходы бюджета, бюджетирование, ориентированный на результат, эффективность бюджетных средств, межбюджетные трансферты, дотация.

Яке аз шартҳои муҳимтарини тезонидани рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир ташаккули системаи самараноки идоракунии давлатии ҷараёни буҷетӣ дар ҳамаи сатҳҳо ба шумор меравад. Татбиқи вазифаҳои аввалиндараҷа дар соҳаи сиёсати буҷетӣ ворид намудани тағйироти куллӣ дар ин соҳа ва таҳияи стратегияи нави идоракунии муносибатҳои молиявиро, на танҳо дар сатҳи давлатӣ, балки дар сатҳи маҳаллӣ низ, талаб менамояд.

Дар навбати аввал мукаммал намудани асосҳои назариявӣ ва методологӣ дар соҳаи идоракунии молияи ҷамъиятӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои барномавии буҷетикунонӣ зарур аст, зеро дар шароити имрӯза усулҳо ва воситаҳои парокандаи идоракунии молияи ҷамъиятӣ мавҷуданд, ки дар системаи ягона муттаҳид набуда, аз нигоҳи илмӣ-методӣ асоснок карда нашудаанд [1].

Дуюм, ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҷомеаи пас аз индустриалӣ бояд талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои давлатӣ ва маҳаллӣ - аҳолиро ба назар гирад. Ғайр аз ин, зарурати баланд бардоштани

самаранокии идоракунии буҷетҳои сатҳи гуногун таҳияи усулҳои нави баҳодиҳии истифодаи молияи мақомоти давлатиро талаб мекунад [2]. Иҷрои қисми зиёди ин талабот ба доираи вазифаҳое дохил мешавад, ки дар асоси системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда, ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, иҷро карда мешавад.

Ҷорӣ намудани системаи мазкур қисми ҷудонашавандаи ислоҳоти буҷетии дар мамлакат гузаронидашаванда мебошад, ки имкон медиҳад ҳавасмандкунии рушди иқтисодӣ ва пешрафт дар соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби зич алоқаманд намудани хароҷоти буҷетӣ бо афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат, чӣ дар сатҳи давлатӣ ва чӣ маҳаллӣ, таъмин карда шавад [3].

Масъалаи татбиқи системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда аз ҳама бештар дар сатҳи ихтиёрдорони асосии маблағҳои буҷетӣ қарор дорад, ки онҳо бевосита хосияти мақсадноки хароҷоти маблағҳои буҷетӣ, ҳамчунин истифодаи мақсадноки онҳоро мувофиқи системаи нави буҷетикунонӣ таъмин менамоянд. Дар шароити муосир муассисаҳои буҷетӣ ҳадафҳои стратегии худро ташаккул намедиҳанд, ки дар натиҷа фаъолияти онҳо бо ҳадафҳои муайяни стратегии ихтиёрдорони асосии маблағҳои буҷетӣ суст алоқаманд мебошад.

Системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда имкон медиҳад хароҷот ва натиҷаҳо чен карда шуда, роҳҳои хело самараноки хароҷоти маблағҳои буҷетӣ интихоб карда шуда, сатҳи ноил шудан ба натиҷаҳои банақшагирифташуда ва сифати онҳо саривақт баҳогузорӣ карда шавад [4].

Ҳадафи системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда на танҳо назорат ба мувофиқатии захираҳои харҷшуда ва натиҷаҳои мустақим ва иҷтимоӣ, балки баҳодиҳӣ ва назорат ба аҳамият, самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии ин ё он намудҳои фаъолият, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад ва ҳамчунин баланд бардоштани мустақилият ва масъулияти қабулкунандагони буҷетӣ ба шумор меравад.

Усули мавҷудаи буҷетикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз ислоҳи он дар солҳои охир, ташаккули системаи самараноки идоракунии молияи давлатиро таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, ҷорӣ намудани усулҳои нави буҷетикунонӣ, аз ҷумла, системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда зарур аст, ки ба хароҷоти самараноки маблағҳои буҷетӣ мусоидат карда, бехатарии субъектҳои иқтисодиро таъмин мекунад.

Дар зери мафҳуми системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда мо маҷмӯи чорабиниҳоро, аз як тарарф, ҳамчун ҷараёни истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ, аз тарафи дигар, ҳамчун ҷараёни пасткунии хавфҳои объективӣ ва субъективӣ барои хароҷоти мақсадноки маблағҳо, мефаҳмем.

Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар бораи зарурати муносибати эҳтиёткорона ба ворид намудани тағйирот ба ҷараёни буҷетӣ шаҳодат медиҳад. Бе омодагӣ татбиқ кардани усулҳои нав дар ҳолати хуб ба натиҷаҳои назаррас наоварда, дар ҳолати бадтарин метавонад ба системаи фаъолияткунанда таъсири манфӣ расонад.

Системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда кам кардани хароҷотро дар назар надошта, он барои истифодаи самараноки маблағҳо, бо мақсади ноил шудан ба комёбиҳои баланд, равона карда шудааст. Дар системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда барои даромадҳо самтҳои муайян мавҷуд аст, ки он аз самтҳои даромадҳо ҳангоми банақшагирии хароҷот фарқ мекунад. Аз ин ҷост, ки дар системаи мазкур қисми даромад монанди қими хароҷот унсури муҳимтарини идоракунии буҷет ба шумор меравад [5].

Таҷрибаи хориҷӣ ва ватании мавҷудбударо ҷамъбаст карда, мо чунин хулоса намудем, ки татбиқи усулҳои нави буҷетикунонӣ бояд дар заминаи системанокӣ,

илман асоснокшуда, бо роҳи омӯзиши тадриҷии кормандони маъмурииии ҳудуди муайян амалӣ карда шавад.

Ҳангоми ташкили ҷараёни буҷетӣ бо истифодаи усулҳои муосири буҷетикунонӣ, бояд дастовардҳо ва хатогиҳои мамлакатҳое, ки усулҳои мазкурро истифода мебаранд ба инобат гирифта шавад. Натиҷаҳои таҳлили таҷрибаи хориҷиро оиди татбиқи усулҳои муосири буҷетикунонӣ, аз ҷумла, буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда ҷамъбаст карда, чунин хулоса намудан мумкин аст:

1) қисми даромади миллӣ, ки аз ҷониби давлат аз нав тақим карда мешавад чӣ қадаре зиёд бошад, истифодаи буҷетикунонии барномавӣ-мақсаднок барои баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ ҳамон қадар бартаринок мегардад;

2) ғояҳои назариявии буҷетикунониро ба принсипҳои методологии идоракунии молияи корхонаҳо асоснок кардан мақсаднок аст: тавсияти дурурсти миссия ва таҳияи стратегияи оқилона, буҷетикунонӣ «аз сифр», истифодаи нишондиҳандаҳои самаранокии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамчун ифодакунандаи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, баҳисобгирии хавфҳо;

3) дар ҷараёни буҷетикунонӣ  татбиқи воситаҳои самараноки менеҷменти молиявӣ зарур аст;

4) ҷорӣ намудани ченкунакҳои натиҷанокии кори мақомоти давлатӣ ба монади ченкунакҳое, ки дар ширкатҳои хусусӣ мавҷуд аст, зарар мебошад (баҳо додани пардохтпазирӣ, ликвиднокӣ, самаранокӣ).

Дар раванди ислоҳоти идоракунии молияи ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба ҷорӣ намудани назарияи нави буҷетикунонӣ пайдо гардидааст, ки имкон медиҳад камбудиҳои банақшагирии барномавӣ-мақсаднок барҳам дода шуда, ислоҳоти маъмурӣ дар мамлакат бомуваффақият анҷом дода шавад: банақшагирии захираҳои молиявии субъектҳои иқтисодӣ бояд ба воситаи буҷетикунонии самаранок, бо мақсади таъмини бехатарии молиявии онҳо, амалӣ карда шавад.  Бо мақсади истифодаи боз ҳам самараноки захираҳои молиявии мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, расонидани кӯмаки молиявӣ ба буҷетҳои зинаҳои поёнӣ, бо шарти ба таври барномавӣ асоснок кардани самтҳои истифодаи оқилонаи трансферҳои байнибуҷетӣ, зарур мебошад [6].

Новобаста аз он, ки ба буҷетҳои ҳамаи зинаҳои низоми буҷетии мамлакат мустақилият дода шудааст, вале дар сохтори буҷетӣ масъалаи муносибатҳои байнибуҷетӣ, яъне муносибатҳои тарафайни буҷети марказ ва минтақаҳо, хело муҳим ва мураккаб боқӣ мемонад. Мавҷудияти шаклҳои мухталифи трансфертҳои байнибуҷетӣ ба хароҷоти самараноки маблағҳои буҷетӣ мусоидат накарда, баъзан мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатиро ба ҳолати  интизоршавандагӣ оварда мерасонад.

Мо пешниҳод мекунем, ки  дар доираи системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда механизми пешниҳоди трансфертҳои байнибуҷетӣ аз буҷети зинаи болоӣ ба буҷетҳои зинаи поёнӣ дар асоси барнома ба роҳ монда шавад. Ин маънои онро дорад, ки қабулкунандаи кӯмаки молиявӣ бояд барномаеро таҳия намояд, ки дар он мақсад, самтҳои истифодаи захираҳои молиявии аз буҷети зинаи болоӣ гирифтааш, чорабиниҳои банақшагирифташаванда ва нишондиҳандаҳои натиҷаҳои интизорӣ нишон дода шавад. Назорат ба ҷараёни истифодаи оқилонаи захираҳои молиявии гирифташуда низ бояд дар асоси барнома ба роҳ монда шавад.

Тамоми шаклҳои пешниҳоди кӯмаки молиявиро аз буҷети як зина ба буҷети зинаи дигар, ки қонунгузории буҷетӣ иҷозат додаст муҳокима намуда, мо ба хулосае омадем, ки як қисми шаклҳои мавҷудаи расонидани кӯмаки молиявӣ бояд ба таври дигар (кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) барои баробар намудани таъминоти буҷетӣ) пешниҳод карда шавад. Қисми дигари шаклҳои кӯмаки молиявӣ (мусоидати молиявӣ ва кӯмаки молиявӣ)  бояд дар асоси баҳодиҳии натиҷаҳои истифодаи трансфертҳои гирифтаи буҷет пешниҳод карда шавад.

Ба андешаи мо, системаи андози мамлакат барои мувофиқат намудан ба системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад:

- системаи андоз барои фаъолияти худ хароҷоти зиёдро талаб накунад;
- сода намудани маъмурикунонии андоз;
- ба таври ниҳоӣ кам кардани имкониятҳои саркашӣ аз пардохти андозҳо;
- таносуби оқилонаи азнавтақсимкунии марказонидашудаи қисми даромадҳои андозӣ ва вобаста намудани қисми дигари он ба ихтиёри буҷетҳои маҳаллӣ.

**Адабиёт**.

1. Никитина Е.Н. Организация финансирования муниципальной образовательной системы на основе бюджетирования, ориентированного на результат: автореф. дис. ... канд. экон. наук. - М., 2014.
2. Кленикова М.Д. Управление доходами и расходами муниципального образования на основе бюджетирования, ориентированного на результат: автореф. дис. канд. экон. наук. М., 2012.
3. Траченко М.Б. Бюджетирование в системе управления финансами: автореф. дис. д-ра экон. наук. - М., 2012.
4. Жигалов Д.В., Чалая Ю.Ю. Применение инструментов бюджетирования, ориентированного на результат, как метода программно-целевого управления в разрезе государственных программ // Имущественные отношения в Российской Федерации. 2013. №12.
5. Чернобровкина Е.Б. Применение бюджетирования, ориентированного на результат, как метода программно-целевого управления в разрезе государственных программ // Налоги. 2015. № 13.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №7, 2011.

## БУҶЕТИКУНОНИИ БА НАТИҶА НИГАРОНИДАШУДА ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

**Аннотатсия**

Дар мақола зарурати гузариш ба системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, моҳият ва аҳамияти буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда шарҳ дода шудааст. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ муаалиф барои гузариш ба системаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд таклифҳо пешниҳод кардааст.

**Вожаҳои калидӣ:** буҷет, даромадҳои буҷет, хароҷоти буҷет, буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда, самаранокии маблағҳои буҷетӣ, трансфертҳои байнибуҷетӣ, дотатсия.

## RESULT-BASED BUDGET RESULTS AS A TOOL FOR IMPROVING THE EFFICIENCY OF USING BUDGETARY FUNDS

**Annotation**

The article substantiates the necessity of transition to a budgeting system focused on the result, as a tool for increasing the efficiency of using budgetary funds in the Republic of Tajikistan, and examines the essence and significance of results-based budgeting. Based on the study of the experience of foreign countries, the author has developed several proposals for the transition to a budgeting system focused on the result in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** budget, budget revenues, budget expenditures, results-oriented budgeting, efficiency of budget funds, intergovernmental transfers, subsidies.

**САИДОВ** Баҳодур
Магистранти курси 2
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосиби, таҳлил ва аудит
**САИДОВ** Баходур
Магистрант 2-го курса
Финансово-экономического института Таджикистана
специальность бухгалтерский учет,анализ и аудит
**SAIDOV** Bahodur
2nd year Master's Degree
Finance and Economics Institute of Tajikistan
speciality accounting, analyse and audit

# ТАҲЛИЛ ВА ИСТИФОДАИ САРМОЯИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ВА ДУРНАМОИ ОН ДАР МИСОЛИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАКИ ҶТ

## АНАЛИЗ И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ, ЗАРУБЕЖНЫХ ПРЯМЫХ ИНВЕСТИЦИИ И ЕЕ ПЕРСПЕКТИВЫ НА ПРИМЕРАХ СОВМЕСТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РТ

## АННОТАЦИЯ

В статье рассмотрены и анализированы важные вопросы зарубежных инвестиций в совместные предприятия РТ.

**Ключевые слова:** капитал, инвестиция, прямые инвестиции предприятие, совместное предприятие, производство.

Яке аз намунаҳои васеъ паҳншудаи истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ ин ташкили корхонаҳои муштарак ва корхонаҳои фаръи (филиалҳо ва намояндагиҳо) мебошад.

Аз рӯи гӯфтаҳои олимони иқтисодчии тоҷик иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони иқтисодӣ қарор дорад. Қисман ин масъаларо бо роҳи ҷалб ва истифода намудани сармояҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳал кардан мумкин аст. Шакли асосии иштироки сармояҳои хориҷӣ ташкили корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ ба ҳисоб рафта, ки рӯз то рӯз ҳиссаи онҳо дар иқтисодиёти мамлакат зиёдтар шуда истодааст.Оиди ин масъала ягон ақида вуҷуд надорад [1, 113].

Дар ин ҳолат бояд дар назар дошт, ки шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ вуҷуд доранд, аз ҷумла:

Кооператсияи байналхалқии истеҳсолӣ дар асоси технологияи пешқадам бо ташкилиояндаи моликияти муштарак,ҳамкории устувор бо институтҳои байналхалқии молиявӣ бо мақсади гирифтани қарзҳои дарозмуддат, гирифтани таҷҳизоти хориҷӣ бо воситаи лизинг, молиякунонии нақшаҳои муштарак дар асоси ҷуброн, ҷалби сармояи хориҷӣ бо роҳи ташкили корхонаҳои муштарак бо ҳиссаҳои гуногуни корхона, аз ҷумла:

- бо роҳи фурӯши саҳмияҳо ба сармоягузорони хориҷӣ;
- Ташкили корхонаҳои тозаи хориҷӣ;
- Ҳамкори бо корхонаҳои хориҷӣ дар соҳаи тараққиёти истеҳсолот дар асоси шартномаҳо бе иштироки давлат;
- Ҷалби сармояи хориҷӣ дар асоси консепсияҳо ва созишномаҳо оиди тақсимоти маҳсулот;
- Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғайраҳо.

Ҳамаи шаклҳои ҷалб ва иштироки сармояи хориҷӣ тавсифи дарозмуддат доранд. Агар шароити ҳозираи иштироки сармояи хориҷиро дида бароем, он гоҳ қайд кардан мумкин аст, ки асосан ду намуди иштироки сармояи хориҷӣ дар ҷумҳурӣ вуҷуд доранд

1 ) қарзи байналхалқӣ.

2) ташкили корхонаҳои муштарак.

[2 138]

Ташкили корхонаҳои муштарак амалигардонии муштараки лоиҳа аз тарафи шарикон (ташкилдиҳандагон)-ро дар назар дорад. Дар ин ҳолат шарикон ҳамаи шарту шароитҳои ташкил ва фаъолияти корхона, инчунин шартҳои барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳии онро дида мебароянд. Ба ғайр аз ин, дар марҳилаи аввал масъалаҳои танзими баҳсхо дида баромада мешаванд. Айни замон дар аксар ҳолатҳо ташкили корхонаҳои муштарак шакли ҷамъияти саҳомиро доро аст.

Ба воситаи корхонаҳои муштарак ҶТ метавонад ба технологияи нав роҳ ёбад. Ташкилдиҳии корхонаҳои муштарак дар он соҳаҳое мувофиқи максад аст, кӣ корхонаҳо бо иштироки 100% сармояи хориҷӣ ташкил мешаванд, инчунин дар соҳаҳои истеҳсолоти илмталаб, ҳангоми хусусигардонии корхонаҳои соҳаҳои «экология захиракунанда».

Миқдори зиёдтарини корхонаҳои муштарак (КМ)дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 амал мекарданд – 283 адад. Баъдан миқдори онҳо кам гардида то соли 2012 ба 101 адад КМ расид, лекин боз то соли 2013 миқдори онҳо то 162 адад КМ зиёд гардид. Дар соли 2015 тамоюли кам шудани миқдори онҳо ба назар расида миқдори онҳо то 121 адад КМ расид (ниг. Ба ҷадвали зер). Миқдори зиёди корхонаҳои басташуда ба корхонаҳои муштараки ш. Душанбе рост меояд, ки дар як сол 42 адад кам гардидаанд.

Миқдори корхонаҳои муштараки амалкунанда, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Ҷадвали 1.

| | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаги дар ҷумҳурӣ аз ҷумла: | 278 | 224 | 228 | 108 | 105 | 101 | 151 | 162 | 121 |
| ВМБК | 1 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Вилояти Суғд | 77 | 71 | 78 | 40 | 34 | 29 | 27 | 26 | 30 |
| Вилояти Хатлон | 31 | 6 | 5 | 3 | 6 | 8 | 11 | 9 | 6 |
| Ш. Душанбе | 145 | 130 | 129 | 62 | 63 | 60 | 107 | 121 | 79 |
| НТБ | 24 | 17 | 16 | 3 | 2 | 4 | 6 | 6 | 6 |

[3].

Ба воситаи корхонаҳои муштарак ҶТ метавонад ба технологияи нав роҳ ёбад. Ташкилдиҳии корхонаҳои муштарак дар он соҳаҳое мувофиқи максад аст, ки корхонаҳо бо иштироки 100% сармояи хориҷӣ ташкил мешаванд, инчунин дар соҳаҳои истехсолоти илмталаб, ҳангоми хусусигардонии корхонаҳои соҳаҳои «экология захиракунанда».

Барои фаъолияти сармояи хориҷӣ қонунҳо қабул карда шуда имтиёзҳои андози муқаррар шудаанд. Имтиёзҳои андози оиди ташкили режими мусоиднамоии зиёдтарини Ҳукумати ҶТ ба воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат шаҳодат медиҳанд.

Ба инвесторони хориҷӣ қонунгузории ҶТ кафолат аз реквизитсия, милликунонӣ ва дигар амалиётҳои маҷбурӣ, кафолати даҳсола оиди истифодаи қонунгузории дар қайди корхонаҳои муштарак амалкунандаро пешниҳод мекунад, дар ҳолате, ки қонунгузории минбаъда шароитҳои сармоягузори ва фаъолияти корхонаҳоро бо иштироки сармояи хориҷӣ мушкил намояд.

Тағйиротҳои гуногун дар системаи идоракунии иқтисодӣ ба вучуд омадаанд, ки дар рафти он ба иқтисодиёти бисёрсохт (многоукладная) такя карда шудааст.

Ҷалби сармояи хориҷӣ бештар шакли сармоягузориҳои мустақими хориҷиро қабул мекунанд. Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда будем ташкили корхонаҳои муштарак яке аз намудҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад.[4.86]

Айни замон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 418 корхона ба сармоягузориҳои хориҷӣ ба кайд гирифта шудааст, ки 355 тояш корхонаҳои муштарак, 43 тояш пурра ба сармоягузорони хориҷӣ тааллуқ дошта, 19 корхонаҳои фаръи мебошад. Ташкилкунандаҳои корхонаҳои муштарак аз ҷониби шарикони хориҷӣ ширкатҳои мамлакатҳои Аврупо, Шарқи Наздик, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ , ИМА, Канада ва мамлакатхои ИДМ мебошанд. Ба самтхои асосии фаъолияти ин корхонаҳо соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук ва молҳои истеъмолии умум, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, амалиётҳои содиротию воридоти-тичорати дохил мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2014 низоми имтиёзнок амал накарда бошад ҳам, маблағи зарари тавозунии ин корхона нисбат ба солҳои гузаштаи имтиёзнок кам шудааст.

Ҳаминро бояд қайд намоем, ки аз аввали оғози фаъолияташ нисбат ба корхонаи мазкур аз рӯи андоз аз истифодабарандагони қарзи замин ҳамчун дастгирии молиявии давлатӣ низоми имтиёзнок қабул карда шудааст.

Корхонаҳои мазкур то имрӯз аз пардохти имтиёзноки андоз аз истифодабарандагони қарзи замин истифода бурда истодаанд.

ҶММ КМ «Тарор» дар соли 2014 - 9811,2 ҳазор сомонӣ андоз, 6722,7 ҳазор сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва 2460,9 ҳазор сомонӣ пардохтҳои иҷтимоӣ дар маҷмӯъ- 18 994,8 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид намудааст, ки вазни қиёсии пардохти андозҳо нисбати маблағи фурӯши маҳсулот (18994.8: 72356,6 ) 26,2 фоизро ташкил дод.[5]

**Адабиёт**


1. Рахимов Р.К. Назарияи Иқтисодӣ. Душанбе-2009
2. Аҳророва А. Д. «Проблемы эффективности энергетического комплекса Таджикистан». Душанбе – «Дониш»-1998г.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе 05.12.1990.
4. Гулмирзоев Д.Г. «Менеҷменти молиявӣ». Душанбе – «Маориф ва фарҳанг» -2001г.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш.Душанбе 21.02.1991.


## ТАҲЛИЛ ВА ИСТИФОДАИ САРМОЯИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ВА ДУРНАМОИ ОН ДАР МИСОЛИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАКИ ҶТ

**Анотатсия**


Дар макола масъалаҳои мубрами истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар корхонаҳои муштараки ҶТ бараси ва таҳти тадқиқот қарор гирифтааст



**Калидвожаҳо**.сармоя,сармоягузори,сармояи мустақим,корхона,корхонаҳои муштарак,истеҳсолот.


## ANALYSE AND USIING OF FOREIGN DIRECT INVESTMENT AND ITS OUTLOOK IN JOINT ENTERPRISE IN THE RT

**ANNOTATION**


The article analyses the important issues of foreign direct investments and its outlook in the joint enterprise in the Republic of Tajikistan.



**Keywords:** capital, investment, direct investments, joint enterprise, production

**МУМИНОВ** Сайдали Сабзаалиевич
магистранти курси 2
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси ҳуқуқи иқтисодӣ
**МУМИНОВ** Сайдали Сабзаалиевич
магистрант 2-го курса
Финансово-экономического института Таджикистана
Специальность экономическое право.
**MUMINOV** Saydali Sabzaaliavich Second year student
of Master deqree curses of Economis riqlt department.

## ҲИФЗИ СУДИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## СУДЕБНАЯ ЗАЩИТА ПРАВ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Автор в своей статье рассматривает один из способов защиты прав и свобод человека и гражданина, то есть судебной защиты прав и свобод гражданина в Республике Таджикистан. Судебная защита прав и свобод гражданина является национальным механизмом защиты прав гражданина, которая занимает особое место в Республике Таджикистан среди других национальных механизмов защиты прав человека. В этом механизме судебная система играет важную роль в защите прав и свобод человека и гражданина.

**Ключевые слова**: права, свобода, человек, гражданство, механизм, судебная власть, закон, Коран, Авасто, Декларация прав человека.

Ҳуқуқи инсон арзиши муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад ва ҳар як инсон аз рӯзи аввалини ба дунё омаданаш дорои чунин арзиши муҳимтарин мебошад.

Арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқҳояш маънои онро дорад, ки акнун танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти инсон ва ҳуқуқҳояш, бо истифодаи усулҳои бештар диспозитивии танзими ҳуқуқӣ (озодиву мустақилияти иштирокчиёни онҳо), имкониятҳои танзими шартномавӣ, баҳри инсон ва қонеъгардонии талаботаш сурат мегирад [4, 85].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи ҳимояи ин арзиши муҳимтарини тамаддуни ҷаҳони, яъне ҳуқуқи инсонро яке аз масъалаҳои умдатарин ва аввалиндараҷа чи дар сатҳи ҷаҳони ва чи дар сатҳи давлатҳо гузоштааст* [1].Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар пайравӣ аз ин иқдоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рӯзҳои аввали бадаст овардани истиқлолият ба масъалаи ҳуқуқи инсон ва ҳимояи он аҳамияти махсус дода истодааст. Агар ба таърихи давлатдории тоҷикон низ назар андозем маълум мегардад, ки дар он давру замонҳо низ масъалаи ҳуқуқи инсон ва ҳимояи он аз мадди назар дур намондааст ва бо истифода аз сарчашмаҳои мухталиф мавриди тавсиф ва ҳимоя қарор гирифтааст. Дар ҳар давру замон чи татбиққунандагони ҳуқуқ ва чи мардуми оддӣ ба сарчашмаҳои муайян такя намуда, ҳуқуқҳои худро муаррифӣ ва ҳифз менамуданд. Дар таърихи миллати тоҷик, ки аз миллатҳои қадимаи ориёист, намудҳои мухталифи сарчашмаҳои таърихӣ барои эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон баромад кардаанд аз ҷумла: Авасто (бо қисмати Вандидод); Хвешкори редагон; Шояст

* ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро ҳамчун вазифаи тамоми халқҳо ва тамоми давлатҳо эълон медорад, то ҳар фард ва ҳар мақоми давлатӣ онро доиман дар мадди назар дошта бошад ва ҷидду ҷаҳд намояд, ки тавассути омӯзишу таълим ва бо тадбирҳои пешрафтаи миллию байналмилали эътирофу иҷрои умумию самарабахши онҳоро чи дар миёни халқҳои давлатҳои узви Созмон ва чи дар миёни халқҳои қаламрави таҳти тобеияти ҳуқуқии онҳо қарордошта ба эҳтироми ин ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини онҳо мусоидат намояд. (Пешгуфтори **Эломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10.12.1948)**

нашояст; Эъломияи Куруши кабир; Қонунномаи Сосониён; Қуръон; ҳадисҳо; асарҳои олимони илми ҳуқуқ; Насиҳатномаи Тоҳир ибни Ҳусейн; фармонҳои амирон ва ҳокимон.

Сарчашмаҳои мазкур ба давраҳои гуногуни таърихӣ ростмеоянд. Сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихии Тоҷикистонро ба:

Даврони низоми ҳуқуқии зардуштӣ;

Даврони низоми ҳуқуқии мусулмонӣ;

Даврони низоми ҳуқуқии шӯравӣ ҷудо кардаанд.

Ҳар кадоме аз ин давраҳо вобаста ба талаботи давру замон ва табиати тамаддунҳои динӣ сарчашмаҳои дар боло зикршударо дарбар мегирад. Махсусияти сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шарванд дар аввал мисли қонунгузории имрӯза дар шакли санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ баромад намекарданд. Қисми зиёди онҳо дар ҳамбастагӣ бо сарчашмаҳои динӣ ифода ёфта буданд. Сарчашмаҳои динии чи исломӣ ва чи зардуштӣ дар қатори меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ, инчунин дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ низ мебошанд. Барои ҳамин ҳам Авасто, Қуръон ва ҳадисҳо сарчашмаҳои ҳам динӣ ва ҳам ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳатто дар аҳди зардуштӣ муқаррароти судӣ низ ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқӣ баромад мекарданд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар аҳди қадим низ нақши суд дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон назаррас будааст. Дар аҳди тамаддуни ислом бошад,Қуръони карим ва фатвоҳои фақеҳон, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи бахшида шуда буданд,ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ баромад мекарданд.

Дар илми шӯравӣ ҳуқуқҳои инсон (асосан ҳуқуқҳои фитрии инсон), ки зуҳуроти илми буржуазӣ ҳисоб мешуданд, мавриди омӯзиш қарор намегирифтанд. Дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ, аз ҷумла дар илми ҳуқуқи давлатӣ ҳуқуқҳои позитивии (муқарарнамудаи давлат) дар заминаи категорияи "ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрванд" аз нигоҳи назарияи шӯравии меъёрӣ ва дар чорчӯбаи ҳуқуқшиносии позитивӣ, чун «маҳсули» (нишондоди меъёрии) давлат, бидуни табиати фитриашон (инсониашон) омӯхта мешуданд[4,82]. Аз инҷо маълум мегардад, ки дар даврони низоми ҳуқуқи шӯравӣ масълаи омӯзиш, эътироф ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон на батариқи табиати фитриашон, балки ба таври позитивӣ (нишондоди меъёри ҳамчун ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрванд) амалӣ карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз даврони шӯравӣ як марҳилаи наве дар эътирофнамоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бавуҷуд омадааст ва ин ҳам бошад бо шарофати бадаст овардани истиқлолият, ва эълон гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Яке аз нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёд ин эътироф, риоя ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низҳамчун давлати ҳуқуқбунёдҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд, ки асоси ҳуқуқии он дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст.

Барои амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар илми ҳуқуқи инсон чунин анъанае вуҷуд дорад, ки тибқӣ он кафолатҳои амалишавии ҳуқуқу оздиҳои инсонро ба умумӣ ва махсус (ҳуқуқӣ) ҷудо менамоянд. зери кафолатҳои умумӣ маҷмӯи шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайраро дар назар доранд, ки воқеӣ гаштани ҳуқуқҳои инсонро таъмин менамояд,яъне барои дар амал татбиқ гаштани онҳо мусоидат менамояд.Баъзе аз олимон ин гурӯҳи кафолатҳоро "кафолатҳои моддииҳуқуқҳо" номидаанд. Ба ин гуруҳи кафолатҳоро кафолатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мафкуравӣ дохил мешаванд. Ба зумраи кафолатҳои махсус бошад, кафолатҳои ҳуқуқиро дохил менамоянд,ки онҳо аз қонунҳо ва сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ манша мегиранд [3,11-12]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин заминаҳо то ҳадди кофӣ вуҷуд доранд, аммо барои ҳар чи хубтару беҳтар бароҳ мондани амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқ озодиҳо ҳар як шахсро низ зарур аст, ки дорои сатҳи хуби шуури ҳуқуқӣ бошад, барои амалишави ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ аз чунин кафолатҳо истифода намояд.

Барои амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яккатор механизмҳои миллие вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо ин механизми ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.Дар мамлакатҳои пешрафтаи демократӣ низ дар низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон мавқеи аз ҳама волоро ҳокимияти судӣ ишғол менамояд ва ба нақши он дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баҳои баланд дода шудааст.Ҳатто санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ мавқеи аз ҳама баланд доштани ин шохаи ҳокимиятро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф кардаанд. Масалан, мувофиқи моддаи 8 Эъломияи ҳуқуқи башар ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣҳақ дорад. Ин шохаи ҳокимият натанҳо баҳсҳои байни худи шаҳрвандон, балкӣ шаҳрвандон ва давлатро низ тавассути амалисозии адолати судӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл менамояд. Далели ин гуфтаҳо амалияи судии Аврупо ва ИМА баҳсҳои байни Мейер (шаҳрванд) бар зидди Небраска, Андрес (шаҳрванд) бар зидди Австрия мебошад. Ҳангоми исбот ва тасдиқ шудани далели аз ҷониби давлат вайрон карда шудани ҳуқуқҳои инсон суд давлатро водор месозад, ки ҳуқуқҳои вайронкардашударо барқарор созад. Мақсади асосии ҳокимияти суди ин амалисозии адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Адолати судӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар рафти баррасӣҳалли парвандаҳо аз ҷониби суд амалӣ карда мешавад.

Мақомоти асосие, ки дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нақши муассир дорад, мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад. Зеро танҳо мақомоти судӣ адолати судиро ба амал бароварда, ҳақро ба ҳақдор мерасонад. Тавассути мақомоти судӣ ва ҳимояи судӣ, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон- ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ амалӣ сохта мешавад. Ҳуқуқшиноси тоҷик З.Ҳ.Искандаровроҷеъ ба муайян шудани ҳимояи судӣ чун ҳимояи афзалиятноки давлатӣ якчанд сабабҳоро матраҳ менамояд:

Аввал, ин ки вазифаи ягона ва конститутсионии суд ба амал баровардани адолати судӣ буда, ин фаъолият баҳри ҳимоя намуданиҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсону шаҳрванд равона карда шудааст. Маҳз ва танҳо суд ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои мубоҳисакунандародарнатиҷаи гузаронидани фаъолияти махсуси мурофиавӣ муайян намуда, нисбати ин кор метавонад адолатро ба миён оварад.

Дуюм, ҳокимияти судӣ аз нигоҳи сохтор ва намуд чунон ташкилкарда шудааст, ки хизматрасонии он тамоми қаламрави ҷумҳуриро фаро гирифта, ҳар кас метавонад, аз он истифода намояд ва ҳангоми аз қарори суд норизо будан метавонад ба суди болоӣ шикоят орад. Дар моддаи 84 КонститутсияиҶумҳури Тоҷикистон низоми судии ҷумҳурӣ муайян карда шудааст: «Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд».

Сеюм, суд дар асоси принсипҳое ташкил ва фаъолият мена-моял, ки афзалияти онҳоро аз дигар мақомотҳо таъмин менамояд. Суд ҳокимияти судиро мустақил аз номи давлат дар асоси принсипи ошкорогӣ, мубоҳисавӣ будани мурофиа ва баробарии тарафҳо ба амал мебарорад (моддаи 88 Конститутсия). Судҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст [2,57-58].

Унсури судии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар асоси принсипҳои маъмули адолати судӣ амалӣ мегардад. Ба ин принсипҳо ҷиҳатҳои демократӣ ва инсондӯстонаи мурофиа хосанд, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мусоидат мекунанд. Принсипи демократии адолати судӣ ба ҳар касе, ки ҳуқуқҳояшро вайроншуда меҳисобад, имконият медиҳад, дар ҷамъомади ошкорою баробарии судӣ баромад карда мавқеи худро тавассути овардани далелҳо ҳимоя кунад ва ба суд ҳақ будани худро исбот кунад. Суд адолати судиро дар асоси арзёбии

беғаразонаи дархостҳо ва пешниҳодот амали гардонида, бар асоси муътақидии ботинии худ бо дарназардошти донишҳои юридикии худ қарор қабул мекунад [5,278].

Яке аз масъалаҳои дигар дар ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин воситаи конститутсионию судии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад [3]. Воситаи конститутсиони-судии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ин имконияте мебошад, ки барои муроҷиат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад ва тартиби онро қонуни коститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқарар менамояд.

Хулоса, таърихи инсоният исбот кардааст, ки ҳифзи судӣ яке аз роҳҳои беҳтари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби суд дар он ҳолат амали мегардад, агар суд адолати судиро дуруст бароҳ монад.

**Адабиёт:**


1. Эломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10.12.1948 www mmk.tj
2. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. Душанбе :«Эҷод», 2007. 136 саҳ
3. Ойев Х., Сафаров Б. А. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд Душанбе, 2013. 256 саҳ.
4. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ҷилди 2 Душанбе, 2013. 389с.
5. Ҳуқуқи инсон/ гуруҳи муаллифон. Зери таҳрири умумии М. А. Маҳмудов, Т. Н. Зиёев, А. Г. Холиқов, Е. Н. Павленко ва С. Сайфулоев Душанбе, 2007. 319с


## ҲИФЗИ СУДИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Анотатсия**

Муаллиф дар мақолаи худ яке аз роҳҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, яъне ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ кардааст. Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд механизми милии ҳимояи ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни дигар механизмҳои милии ҳимояи ҳуқуқи инсон мавқеи махсусро ишғол менамояд. Ҳокимияти судӣ нақши асосиро дар ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебозад.



**Калидвожаҳо**: ҳуқуқ, озодӣ, инсон, шаҳрванд, механизм, ҳокимияти судӣ, Авасто, қонун, Қуръон, Эъломияи ҳуқуқи башар.


## JUDICIAL PROTECTION OF HUMAN RIGHTS AND CITIZENSHIP IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The author in his article discusses one of the ways to protect the rights and freedoms of man and citizen, that is, judicial protection of human and citizen rights and freedoms in the Republic of Tajikistan. Judicial protection of human and citizen's rights and freedoms is a national mechanism for the protection of human and citizen's rights, which occupies a special place in the Republic of Tajikistan among other national mechanisms for the protection of human rights. In this mechanism, the judicial system plays an important role in the protection of human and citizen rights and freedoms.



**Keywords**:rights, freedom, human beings, citizenship, mechanism, judicial authority, law, Koran, Avasto, Human Rights Declaration




**НАЗАРОВ** Шодибек магистранти курси 2-юми ихтисоси молияи ДМИТ
**НАЗАРОВ** Шодибек, магистр 2-го курса специальности финансы, ФЭИТ
**NAZAROV** Shodibek, master of 2-year specialty finance, FEIT

# БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ҚИСМИ АСОСИИ ИДОРАНАМОИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ
## ГОСУДАРСТВЕННЫЙ БЮДЖЕТ ОСНОВНАЯ ЧАСТЬ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ ФИНАНСАМИ

**Аннотация:**
В статье рассматривается роль и значение государственного бюджета в управление государственных финансов и его влияние на экономическое развитие страны в целом. Также классифицируется государственная финансовая система и разъясняется направления деятельности его структурных подразделений. В статье особое значение уделяется на содержание структуры доходов и расходов государственного бюджета за последнее два года, и указывается социально-экономические аспекты госбюджета. В конце дается предложение и рекомендации относительно устойчивого экономического развития и повышения уровня благосостояния населения страны.

**Ключевые слова:** финансовая система, государственный бюджет, государственные финансы, доходы, расходы, уровень благосостояния, социально-экономическое развитие.

Дар шароити бозор молияи давлат доираи асосии системаи молиявии мамлакатро ба миён оварда, давлатро бо манбаҳои молиявии зарурӣ таъмин менамояд. Вай имкон медиҳад, ки вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ба дӯш доштаи давлат дар амал татбиқ карда шаванд.

Давлат дар шароити бозор муайянкунандаи қоидаи рафтор буда, бо моликияту манбаҳои молиявии дар ихтиёри хеш дошта, на танҳо ӯҳдадориҳои худро амалӣ мегардонад, балки ҳамчун соҳибкоре, ки манфиати худ ва субъектҳои иқтисодиётро ҳифз менамояд, баромад мекунад. Давлат ҳамчун вазифадору соҳибкор як қисми боигарии миллии мамлакатро дар ихтиёри хеш нигоҳ дошта, онро вобаста ба ҳалли сиёсати иқтисодӣ тақсим ва аз нав тақсим менамояд ва ҳолати иқтисодию сиёсии инкишофи иқтисодро ба маҷрои талаботи ҷамъиятӣ мувофиқ гардонда, сатҳи муайяни рақобатро таъмин менамояд. Молияи давлат нисбат ба буҷети давлатӣ муносибатҳои васеътари иқтисоди молиявиро ифода менамояд. Муносибатҳои молиявии давлатӣ на танҳо муносибатҳои буҷетию таваккал, балки муносибати суғуртавию моликияти давлатиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт дар бар мегирад. Молияи давлат вобаста ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда зудҳаракат буда, рафти пешрафти илмию техникиро ифода менамояд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба моҳияти иқтисодӣ молияи давлат муносибатҳои пулиро нисбат ба тақсиму азнавтақсими арзиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (ММҶ) ва қисми боигарии миллиро ифода менамояд. Давлат ва корхонаҳои ба он тааллуқдошта, на танҳо сарчашмаи фароҳамоварии захираҳои молиявӣ, балки манбаи васеънамоии истеҳсолот, қонеъгардонии болоравии талаботи иҷтимоию мадании аъзои ҷамъият, талаботи мудофиаи мамлакат ва идораи он ба ҳисоб меравaнд. Муносибатҳои молиявии мазкурро ба тариқи зайл чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст.

Нақшаи 1. Системаи молияи давлат




Дар системаи молияи давлат мавқеи асосиро буҷети давлатӣ ишғол менамояд. Механизми буҷетӣ вобаста ба талаботи бозор воситаи бавуҷудорандаи сохти таркибии иқтисодиёти дорои сатҳи муайяни рақобатпазир мебошад. [1]

Вобаста ба сатҳи инкишоф ва такомули техникию технологӣ ба корхонаҳои дар ихтиёри давлат буда на танҳо масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии худи корхонаҳо, балки масоили миллӣ ва иқтисодии ҷаҳон, яъне раванди ҳамгирой, супориш ва фармоишҳои давлатӣ, қарзи давлат, хариди давлатӣ, сатҳу дараҷаи рушд, воридоту содирот ва ғайра дохил мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои фаъолияти молияи давлатӣ дар он аст, ки агар давлат аз як тараф барои таъмини фаъолият манбаҳои молиявии таъиноти хоси истифодабарӣ доштаро фароҳам оварад, аз тарафи дигар, манбаҳои молиявии фароҳамовардашударо вобаста ба талаботи давлатӣ аз рӯи мақсади муайян истифода менамояд. Дар шароити бозор андӯхти даромадҳои давлатӣ ба ихтиёри Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад. Хароҷоти ин манбаҳо асосан бо ёрии буҷети давлат ба роҳ монда мешавад.

Даромадҳои давлатӣ аз рӯи хусусиятҳои ҷамъоваришавандаашон ба даромадҳои мутамарказ - манбаҳои молиявии дар буҷетҳо ҷамъ овардашуда ва манбаҳои молиявии ғайримутамарказ - маблағҳо ва пардохтҳои дар ихтиёри корхонаву ташкилотҳои давлатибуда ҷудо карда мешаванд.

Даромадҳои мутамаркази давлат асосан аз ҳисоби андоз, пардохтҳои ғайриандозӣ, фоида аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва пардохтҳои аҳолӣ ташкил карда мешавад. [2]

Даромадҳои ғайримутамаркази давлатӣ бошанд, аз ҳисоби даромадҳои пулӣ ва андӯхти корхонаҳо ташкил меёбанд.

Мақсад аз тақсими даромадҳои давлатӣ ба даромади мутамарказ ва ғайримутамарказ - муайян намудани таносуби сарчашмаҳои талабот ва ҳавасмандии умумидавлатӣ ва коллективӣ мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии имрӯза таъмин намудани таносуби мувофиқи тақсими даромадҳои давлат бо мақсади амалӣ намудани талаботи гуногуни давлатӣ ва баланд бардоштани таъсири даромадҳои давлатӣ ба самаранокии хоҷагидорӣ мебошад.

Даромадҳои давлатии ҷамъоваришаванда сохти таркибӣ ва унсури даромадҳои давлатиро ташкил медиҳанд. Онҳо тибқи методҳои муайян ба роҳ монда мешаванд. Системаи даромадҳои давлатӣ на танҳо вазифаҳои ба даст даровардани даромад ва усулҳои гуногуни ситонидани онҳо, балки вазифаҳои ҳавасмандгардонии рушди истисодӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва суръатбахши пешрафти илму техникаро низ ҳал менамояд.

Ҳаллу фасли ин вазифаҳо тақозо менамояд, ки дар мавриди иҷрои вазифаи хазинафизоии системаи даромадҳои давлатӣ на бояд устувории молиявии зинаҳои ибтидоии иқтисодӣ (корхона, иттиҳодия ва ташкилот) вайрон карда шавад. [2]

Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ба 17,5 млрд. сомони, ва ё 32,1% ММД баробар гардид. Дар соли 2015 ин нишондиханда 16,1 млрд. сомони, ва ё ба 33,2%-и ММД баробар буд. Аз ин лиҳоз, бо ифодаи номинали буҷет дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 дар хаҷми 9% афзоиш ёфта, бо ифодаи реалӣ (%-ММД) бошад ба андозаи 1,1 банди фоизи коҳиш ёфт.

Хароҷотҳо дар соли 2016 18,4 млрд. сомониро ташкил намуда, он ба 33,8%-и ММД баробар гардид. Чи тавре, ки дар соли 2015 хароҷотҳо ба 15,7 млрд. сомони баробар буд, он 32,4%-и ММД-ро ташкил намуда буд, аммо дар соли 2016 хароҷотҳо бо ифодаи номиналӣ дар ҳаҷми 17,6% афзоиш ёфта, бо ифодаи реалӣ бошад ба андозаи 1,4 банди фоизӣ афзоиш ёфтанд.

Дар натиҷа соли 2016 камомади буҷети давлатӣ дар ҳаҷми қариб 1 млрд. сомонӣ, ва ё 1,7% ММД ташкил гардид.

Дар соли 2015 камомади буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 386 млн. сомонӣ ва ё 0,8%-и ММД баробар буд.

**Сохтори даромади буҷети давлатӣ**

| Номгӯй | Хамаги ворид шуд. млн.сомони | | Ба хисоби фоиз нисбат ба чамъбаст | | Хамаги ворид шуд дар мохи декабр млн.сомони | | Фарқият бо маблағ (2016-2015) | Фоиз (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2015 | 2016 | 2015 | 2016 | 2016 | 2016 |
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ | 16060.9 | 17483.8 | 100,0 | 100,0 | 2258,3 | 2023,2 | 1422.9 | 8.86 |
| 1. Даромадҳои умумӣ ва грантҳо (2+7) | 12529.2 | 12757.2 | 78,0 | 73,0 | 1540,7 | 1371,8 | 228 | 1.82 |
| 2. Даромадҳои умумӣ (3+6) | 12119.2 | 12757.2 | 75,5 | 73,0 | 1172,7 | 1371,8 | 638 | 5.26 |
| 3. Даромадҳои ҷорӣ (4+5) | 12119.2 | 12757.2 | 75,5 | 73,0 | 1172,7 | 1371,8 | 638 | 5.26 |
| 4. Воридоти андозҳо | 10648 | 11244.4 | 66,3 | 64,3 | 932,3 | 1147,8 | 596.4 | 5.60 |
| 1. Андоз аз даромад ва аз фоида | 2310.6 | 2379 | 14,4 | 13,6 | 201,1 | 278,7 | 68.4 | 2.96 |
| 2. Андози иҷтимоӣ | 1372.2 | 1383.4 | 8,5 | 7,9 | 124,5 | 137,3 | 11.2 | 0.82 |
| 3. Андози молу мулки ғайриманқул | 206.9 | 241.8 | 1,3 | 1,4 | 17,2 | 22,5 | 34.9 | 16.87 |
| 4. Андоз аз фурӯш, аз арзиши иловашуда ва гардиш | 5544.7 | 5678.8 | 34,5 | 32,5 | 481,4 | 551,8 | 134.1 | 2.42 |
| 4.1. Андоз аз фурӯш | 104.8 | 64 | 0,7 | 0,4 | 15,5 | 0,8 | -40.8 | -38.93 |
| 4.2. Андоз аз арзиши иловашуда | 4940.5 | 5086.4 | 30,8 | 29,1 | 419,7 | 498,7 | 145.9 | 2.95 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4.3. Андози бо услуби соддакардашуда пардохтшаванда | 489.3 | 528.3 | 3,0 | 3,0 | 46,2 | 52,4 | 39 | 7.97 |
| 5. Аксизҳо | 326.6 | 338.9 | 2,0 | 1,9 | 25,2 | 27,1 | 12.3 | 3.77 |
| 6. Андозҳои дигари берунӣ барои савдо ва амалиётҳо | 450.8 | 599.5 | 2,8 | 3,4 | 44,5 | 67,1 | 148.7 | 32.99 |
| 7. Андозҳои дигари дохилӣ аз молу хизматҳо | 436.3 | 623 | 2,7 | 3,6 | 38,2 | 63,3 | 186.7 | 42.79 |
| 8. Воридоти ғайриандоз | 1471.1 | 1512.8 | 9,2 | 8,7 | 240,4 | 223,9 | 41.7 | 2.83 |
| 9. Воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ | 290.4 | 253.3 | 1,8 | 1,4 | 133,4 | 77,7 | -37.1 | -12.78 |
| 10. Боҷ ва пардохти маъмурӣ | 106.7 | 94.9 | 0,7 | 0,5 | 5,4 | 8,2 | -11.8 | -11.06 |
| 10. Пинаҳо,ҷаримаҳо ва танбеҳҳо (санксияҳо) | 672.5 | 702.3 | 4,2 | 4,0 | 78,7 | 74,6 | 29.8 | 4.43 |
| 11. Ҳақдиҳӣ ба фондҳои нафақа | - | - | - | - | - | - | | |
| 12. Воридоти дигари ғайриандоз | 342.3 | 394.4 | 2,1 | 2,3 | 17,1 | 49,8 | 52.1 | 15.22 |
| 13. Даромад аз сармоя | - | - | - | - | - | - | | |
| 14. Грантҳо | 410 | 2.5 | - | - | 368,0 | - | -407.5 | -99.39 |

Дар ҳаҷми умумии даромадҳо ва грантҳо соли 2016 ҳиссаи воридотҳои андозӣ 88%-ро ташкил намуд. (дар соли 2015 бошад 85% буд). Дар сохтори воридотҳои андози ҳиссаи калонро андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва дигар андозҳо аз молҳо – 51% ташкил медиҳад, аз ҳаҷми умумии ҳамаи андозҳо бошад, ААИ андоз аз арзиши иловашуда 45%-ро ташкил медиҳад. Андоз аз даромад ва андоз аз фоида бошад 21%-ро дар даромадҳои андозӣ ташкил намудааст. Пардохтҳои иҷтимоӣ, яъне андози иҷтимоӣ 12%-ро ташкил додааст.

***Хароҷоти давлатӣ ва аҳамияти иқтисодию иҷтимоии онҳо***

Муносибатҳои молиявӣ оид ба истифодаи даромадҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази давлат ҳамчун шакли зоҳирӣ ва ифодакунандаи хароҷоти давлат сурат мегиранд.

Хароҷоти давлатӣ бо ёрии буҷет, фондҳои мақсадноки давлатӣ ва хароҷоти корхонаҳою ташкилотҳои бахши давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Мақсади асосии хароҷоти давлатӣ васеъ намудани истеҳсолот ва дар заминаи он қонеъгардонии талаботи иҷтимоӣ мебошад.

Дар шароити имрӯза давлат сиёсати иқтисодиеро пеш мегирад, ки асоси онро қоидаи бозӣ дар иқтисодиёт ташкил медиҳад. Хароҷоти давлат хароҷоти гузариш ба бозор, хароҷоти ташкили иқтисодиёт, зерсохти иқтисодию иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Хароҷоти давлат дар асоси нақшаи стратегии инкишофи мамлакат ба роҳ монда шуда, дар асоси усулҳои ягонаи умумииқтисодӣ ба амал бароварда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳоанд:

* ба мақсади муайян истифода бурдани манбаҳои молиявӣ;
* сурати бозгашт надоштани хароҷоти манбаҳои молиявӣ;
* сарфакорона истифодабарии манбаҳои молиявӣ.

Хароҷоти давлат танҳо ба мақсади мушаххас истифода шуда, дар нақшаи молиявӣ инъикос карда мешавад. Онҳо дар ниҳояти кор ба афзунгардонии даромади миллӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунанд.

Сарфакорона харҷ намудани манбаҳои молиявии давлатӣ маънои онро дорад, ки хароҷот натиҷаи зиёдтареро нисбат ба ҳолати аввалаи иқтисодиёт таъмин карда тавонад.

Сарфакорона истифодабарии манбаҳои молиявӣ маънои ҳимоя кардани манфиатҳои давлат ва бо хароҷоти камтарин ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи иқтисодию молиявиро дорад. [3]

Хароҷоти давлатӣ дар асоси усулҳои худтаъминкунӣ, маблағгузории буҷетӣ ва аз ҳисоби қарз таъмин кардани онҳо ташкил карда мешаванд. Дар иқтисодиёт хароҷоти давлатӣ бояд босамар истифода карда шавад. Барои омӯзиш ва таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ менигарем ба ҷадвали дар зер овардашуда.

**Иҷрои хароҷоти буҷети давлатӣ (млн.сомонӣ)**

| | Нақшаи аниқшудаи солона | | Ҳамагӣ иҷро шуд | | Фоизи иҷро | | Фарқият бо маблағ (2016-2015) | Фоиз (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2015 | 2016 | 2015 | 2016 | 2016 | 2016 |
| 2. Ҳаҷми умумии хароҷотҳо | 16772,9 | 19599,7 | 15674.6 | 18429.4 | 93,5 | 94,0 | 2754.8 | 17.6 |
| 1.Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ | 1436,7 | 1679,7 | 1351.1 | 1186.9 | 94,0 | 70,7 | -164.2 | -12.2 |
| 4. Маориф | 2602,3 | 3265,4 | 2464.7 | 3140 | 94,7 | 96,2 | 675.3 | 27.4 |
| 5. Тандурустӣ | 1040,7 | 1215,2 | 966.2 | 1158.2 | 92,8 | 95,3 | 192 | 19.9 |
| 6. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 3109,1 | 3161,7 | 2688.4 | 2739.3 | 86,5 | 86,6 | 50.9 | 1.9 |
| 7. ХМК, экология ваxоҷагии ҷангал | 1264,7 | 1359,7 | 1141.5 | 1296.1 | 90,3 | 95,3 | 154.6 | 13.5 |
| 8. Фарҳанг ва варзиш | 585,7 | 597,6 | 570.3 | 591.3 | 97,4 | 98,9 | 21 | 3.7 |
| 9. Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ | 3093,6 | 3494,5 | 3092.7 | 3493.3 | 100,0 | 100,0 | 400.6 | 13.0 |
| 10. Хоҷагии қишлоқ , моҳидорӣ ва шикор | 313,5 | 457,4 | 311.4 | 450.9 | 99,3 | 98,6 | 139.5 | 44.8 |
| 11. Саноат , сохтмон | 229,6 | 593,3 | 224.7 | 596.4 | 97,9 | 100,5 | 371.7 | 165.4 |
| 12. Нақлиёт ва коммуникатсия | 977,7 | 1027,2 | 928 | 980.2 | 94,9 | 95,4 | 52.2 | 5.6 |
| 13. Фаъолияти дигари иқтисодӣ ва хизматрасонӣ | 37,4 | 27,1 | 23.9 | 24.1 | 63,9 | 88,9 | 0.2 | 0.8 |
| 14. Хароҷотҳои ба дигар гурӯҳ дохилнашуда | 684,0 | 1247,9 | 626.9 | 1379.9 | 91,7 | 110,6 | 753 | 120.1 |
| | | | | | | | | |

Дар сохтори харочотхои бучети давлатӣ соли 2016 вазни зиёдро харочотхо барои комплекси сузишворию-энергетики (КСЭ-ТЭК) – 19% аз хачми хамаи харочотхоро ташкил намудааст. Харочотхо барои маориф 17% аз хамаи харочотхоро ташкил додааст, ва ё 5,8%-и ММД мебошад. Сатхи харочотхо ба маориф дар Точикистон хеле калон мебошад, сатхи миёнаи харочотхо ба маориф дар мамлакатхои ТҲИР (Ташкилоти хамкорихои иктисоди ва рушд) ОЭСР танхо ба 4,5%-и ММД дар соли 2015 баробар буд.

**Адабиёт**

1. Оймаҳмадов Г.Н. Молия., «Нодир», Душанбе 2005.
2. Мирбобоев Р.М., Иброҳимов И.Р., Мирзоева Е. Идоракунии молияи давлатӣ., Душанбе 2014.
3. Гуруҳи муаллифони ПИТ «Молия», Буҷет ва низоми буҷети ҶТ, Душанбе 2014.
4. Маҷмӯаи омори солонаи ҶТ 2016. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.


## БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ҚИСМИ АСОСИИ ИДОРАНАМОИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ


**Мӯҳтаво:** дар мақола оид ба нақш ва мақоми буҷети давлатӣ дар идоранамоии молияи давлатӣ ва аҳамияти он дар рушди иқтисодиёти мамлакат дида баромада шудааст. Инчунин гуруҳбандии низоми молияи давлатӣ ва самтҳои фаъолияти сохтори таркибии он шарҳ дода шудааст. Аҳамияти махсус дар сохтори таркибии даромадҳо ва хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар ду соли охир дода шуда, паҳлуҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии буҷетӣ давлатӣ нишон дода шудааст. Дар охир пешниҳодҳо нисбат ба рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардории сатҳи некуаҳволӣ дар кишвар баён гардидааст.



**Калид вожаҳо:** низоми молиявӣ, буҷети давлатӣ, молияи давлатӣ, даромадҳо, хароҷотҳо, сатҳи некуаҳволӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ.


## THE STATE BUDGET IS THE MAIN PART OF PUBLIC FINANCE MANAGEMENT


**Annotation**: The article has considired the role and importance of the state budget in the management of public finances and on the economic development of the country. Also, the state financial system is classified and the directions of activity of its structural subdivisions are explained. Particular attention is paid to the content of the structure of revenues and expenditures of the state budget for the two last years, and indicates the socio-economic aspects of the state budget. At the end, the proposal and recommendations for sustainable economic development and improving the welfare of the country's population are given.



**Keywords**: financial system, state budget, public finances, incomes, expenditures, welfare level, social and economic development.



**НАРЗИЕВ** Ансор
магистри курси 2-юми, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси молия

**НАРЗИЕВ** Ансор
магистр 2 –го курса, Финансово-экономического института Таджикистана, специальность финансы

**NARZIEV** Ansor
Magister of 2 courses, Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty finance


## МЕХАНИЗМҲОИ ИМКОНПАЗИРИ МУЪТАДИЛСОЗИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

## ВОЗМОЖНЫЕ МЕХАНИЗМЫ ФИНАНСОВОЙ СТАБИЛИЗАЦИИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ


**Аннотация**

В статье обоснован риск банкротства предприятия, необходимость разработки и реализации мероприятий по предупреждению его банкротства. Также с использованием эмпирических методов определены основные механизмы финансовой стабилизации предприятия, основные этапы предотвращения его неустойчивости.



**Ключевые слова:** предприятия, банкротства, финансовая устойчивость, платежеспособность, финансовая стабилизация предприятия, санация, антикризисная управления.

Муайян намудани сатҳи устувории молиявӣ ва пардохтпазирии корхона дар шароити иқтисоди бозорӣ ба гуруҳи масъалаҳои муҳими молиявӣ дохил мешавад, зеро устувории молиявии нокифоя одатан ба он оварда мерасонад, ки дар корхона барои такрористеҳсол маблағ намерасад ва корхона пардохтнопазир мегардад.

Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявии корхона ва кам кардани эҳтимоли ба муфлисшавӣ расидани он, корхонаро зарур аст маҷмӯи чорабиниҳоро оиди зуд муайян намудан ва бартараф кардани ҳолатҳои буҳронӣ ва кам кардани оқибатҳои манфии он саривақт анҷом диҳад. Менеҷери молиявӣ чунин чорабиниҳоро метавонад тавассути истифодаи усулҳои ташхиси муфлисшавии корхона амалӣ намояд [1].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, қайд кардан мумкин аст, ки такмили усулҳои ташхиси хавфи муфлисшавии корхонаҳо ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад.

Дар системаи идоракунии зиддибуҳронӣ диққати асосӣ ба истифодаи васеи механизмҳои устувории молиявӣ дода мешавад. Сабаби ин дар он аст, ки истифодаи самараноки ин механизмҳо имкон медиҳад на фақат хавфи муфлисшавӣ бартараф карда шавад, балки шароит фароҳам меорад, ки вобастагии фаъолияти корхона аз сармояи қарзӣ кам карда шуда, суръати рушди иқтисодии он тезонида шавад [2].

Мӯътадилсозии молиявӣ дар шароити буҳронӣ ба таври тадриҷӣ ва пай дар пай дар асоси марҳилаҳои зерин амалӣ карда мешавад (ҷадвали 1).

1. *Бартарафсозии пардохтнопазирӣ.* Новобаста аз дараҷа ва ҳаҷми буҳронии фаъолияти корхона вазифаи муҳим ва таъҷилӣ дар системаи мӯътадилсозии ҳолати молиявии корхона барқарор намудани қобилияти пардохтпазирии он аз рӯи уҳдадориҳои ҷориаш буда, имкон медиҳад пайдо шудани ҳолати муфлисшавӣ пешгирӣ карда шавад.

2. *Барқарор намудани устувории молиявӣ.* Иҷрои ин амал имкон медиҳад хавфи муфлисшавӣ на фақат барои давраи кутоҳ, балки барои давраи тӯлонӣ низ аз байн бурда шавад [3].

Ҷадвали 1.

Механизмҳои асосии муътадилсозии молиявии корхона [4].

| Марҳилаҳои муътадилсозии молиявӣ | Механизмҳои муътадилсозии молиявӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Фаврӣ | Тактикӣ | Стратегӣ |
| Бартараф кардани пардохтнопазирӣ | Маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои истифодаи принсипи даст кашидан аз хароҷоти зиёдатӣ равона гардидааст. | | - |
| Барқарор кардани устувории молиявӣ | - | Маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои истифодаи моделҳои баробарии молиявӣ равона шудааст. | - |
| Тағйир додани стратегияи молиявӣ бо мақсади тезонидани болоравии иқтисодӣ | - | - | Маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои истифодаи моделҳои дастгирии молиявӣ тезонидани суръати рушд равона шудааст. |

Ҳар як марҳилаи мӯътадилсозии молиявии корхона бо механизмҳои муайян мувофиқат менамояд, ки онҳоро дар кори амалии менеҷменти молиявӣ ба гуруҳҳои зерин ҷудо менамоянд: фаврӣ; тактикӣ; стратегӣ.

3. *Тағйирдиҳии стратегияи молиявӣ бо мақсади тезонидани рушди иқтисодӣ.* Танҳо дар ҳамон ҳолат пурра ба мӯътадилии моливӣ ноил шудан мумкин аст, агар корхона тавонад паст намудани арзиши сармояи истифодашаванда ва пайваста баланд бардоштани арзиши бозории худро таъмин карда тавонад. Бояд қайд намуд, ки иҷрои ин вазифа тезонидани суръати рушди иқтисодии корхонаро дар асоси ворид намудани тағйироти муайян ба стратегияи молиявии амалкунандаи корхона талаб менамояд. Стратегияи молиявии ислоҳшуда бояд суръати баланди рушди истеҳсолии корхонаро таъмин карда, дар як вақт хавфи муфлисшавии онро бартараф кунад.

Механизми фаврии мӯътадилсозии молиявӣ, ки ба принсипи «дур шудан аз чизҳои зиёдатӣ» асос меёбад, воситаи ҳимояи ҷавобии корхона аз ҳаргуна хавфҳо мебошад ва имкон медиҳад, ки корхона қарорҳои идоракуниро ба таври фаврӣ қабул кунад.

Механизми тактикии мӯътадилсозии молиявӣ бо истифодаи чорабиниҳои муайяни ҳимоявӣ моҳиятан воситаи мубориза барои бартараф кардани тамоюли номатлуб дар рушди молиявии корхона ба шумор меравад [5].

Механизми стратегии мӯътадилсозии молиявӣ воситаи муборизаи стратегии корхона барои роҳ надодан ба пайдоиши ҳолати буҳронӣ буда, ҳадафи он тезонидани суръати рушди иқтисодии корхона ба шумор меравад.

Пайдарҳамии марҳилаҳои бартарафкунии ноустувории корхона дар ҷадвали 2 инъикос карда шудааст.

Ҷадвали 2.

Пайдарпаии марҳилаҳои бартараф кардани ноустувории корхона [5].

| № Мар-ҳила | Сатҳи идоракунӣ | Ҳадафи зерсистемаҳои идоракунии ҷараёнҳои бартарафсозии ноустуворӣ | Воситаҳо / Объекти таъсиррасонӣ | Нишонаҳои ноил шудан ба ҳадаф (самаранокӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Фаврӣ | Барқарокунии муқобилиятнокӣ | Зерсистемаҳои молиявӣ ва иқтисодии корхона; таъсир расонидан ба ҳама ҷиҳатҳои ҳолтаи молиявӣ (пеш аз ҳама фоиданокӣ ва бозоргирии бизнес) | Сохти қаноатбахши баланс |
| 2 | Тактикӣ | Барқарокунӣ ва дастгирии баробарии молиявӣ | Тавозуннокии бозоргирии бизнес | Нишонаи пасти натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ |
| 3 | Стратегӣ | Таъмини рушди тавозуннок ва устувори арзиши бизнес (роҳ надодан ба вайроншавӣ) | Идоракунии суръати рушди бизнес, омилҳои заминавии арзиш, сармоягузории рушд | Рушди устувор – болоравии арзиши заминавӣ |

Бо мақсади пешгирии муфлисшавии ташкилотҳо муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ, молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ то замони ба суд додани ариза оид ба муфлис эътироф намудани қарздор тадбирҳое меандешанд, ки ба беҳбудии молиявии қарздор нигаронида шуда бошанд [5]. Тадбирҳои барои беҳбудии молиявии қарздор нигаронидашударо кредиторон - шахсони дигар низ метавонанд дар асоси созишнома бо қарздор пешбинӣ намоянд.

*Санатсияи тосудӣ.* Молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ, муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ , кредиторони қарздор - шахси ҳуқуқӣ ва шахсони дигар дар доираи тадбирҳо оид ба пешгирии муфлисшавӣ метавонанд ба қарздор дар ҳаҷме, ки барои пардохт намудани ӯҳдадориҳои пулӣ, пардохтҳои ҳатмӣ

ва барқарорсозии қобилияти пардохтии қарздор (санатсияи тосудӣ) кифоягӣ мекунад, кӯмаки молиявӣ расонанд (5].

Расонидани кӯмакҳои молиявиро ҳамзамон қабули ӯҳдадориҳо аз тарафи қарздор ё шахсони дигар ба манфиати шахсони кӯмаки молиявӣ расонида ҳисобидан мумкин аст.

Гузаронидани санатсияи тосудиро аз ҳисоби буҷети давлатӣ қонун дар бораи буҷети давлатӣ барои соли дахлдор муқаррар менамояд. Гузаронидани санатсияи тосудиро аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Расмиёти мушоҳида барои субъектҳои хурду миёна ва дигар шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) - ба муҳлати як моҳ ва барои субъектҳои соҳибкории калон ба муҳлати то ду моҳ амалӣ мегардад [5].

Аз лаҳзаи аз ҷониби суд баровардани таъинот оиди қабули ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор:

- талабҳои амволиро нисбат ба қарздор танҳо бо риояи тартиби пешниҳоди талабҳо ба қарздор, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» муқаррар кардааст, пешниҳод намудан мумкин аст;

- бо илтимосномаи кредитор пешбурди парвандаҳои вобаста ба рӯёнидани маблағҳои пулӣ ва дигар амвол аз қарздор боздошта мешавад [6].

Кредитор дар чунин ҳолат ҳуқуқ дорад мутобиқи тартиби дар қонун муқарраршуда талабҳои худро ба қарздор пешниҳод намояд:

- қонеъ гардонидани талабҳои иштирокчии қарздор - шахси ҳуқуқӣ дар бораи ҷудо карда додани ҳиссааш (пай) аз амволи қарздор бинобар аз ҳайати иштирокчиён баромаданаш манъ аст.

- иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷроия оид ба ситонидани амвол, ба истиснои иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷроия, ки онҳо дар асоси ҳалномаи суд дар бораи аз қарздор ситонидани қарзи музди меҳнат, додани подоши аз рӯи шартномаи муаллифӣ, алимент, инчунин баргардонидани зиёни ба ҳаёту саломатӣ расондашуда ва зиёни маънавӣ, ки то лаҳзаи аз ҷониби суд қабул шудани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор дода шудаанд, боздошта мешавад [6].

Бо мақсади таъмин намудани амали тадбирҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бори муфлисшавӣ» пешбинӣ шудаанд, таъиноти судӣ оиди қабули ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ба бонк ва дигар муассисаҳои кредитӣ, ки дар онҳо қарздор суратҳисоби бонкӣ дорад, инчунин ба дигар судҳои дахлдор, мақомоти андоз ва мақомоти дигари ваколатдор фиристода мешавад [6].

Ҳамин тариқ, бояд чунин хулоса намуд, ки мӯътадилсозии молиявӣ дар шароити бӯҳронӣ тавассути марҳилаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- бартараф намудани пардохтнопазирӣ;

- тағйир додани стратегияи молиявӣ бо мақсади тезонидани суръати рушди иқтисодӣ;

- барқарор кардани устувории молиявӣ.

**Адабиёт**

1.Комилов С.Ҷ., Давлатзод У. Иқтисоди корхонаҳо. - Душанбе: Диловар - ДДМТ, 2000. - 140 с.

2. Давлатзод У., Кодиров Ф.А. Ҷамъиятҳои саҳомӣ (дар саволу ҷавоб). - Душанбе: Ирфон, 2009. - 208 с.

3. Комилов С.Ҷ., Низомова Т. Д. Иқтисоди корхонаҳо / Китоби дарсӣ. - Душанбе: Диловар - ДДМТ, 2001. - 244 с.

4. Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот. - Душанбе: Диловар -ДДМТ, 2001. - 120 с.

5. Низомова Т.Д, Ҳоҷиев А. Истилоҳномаи иқтисоди хурд. Ду-шанбе: Диловар - ДДМТ, 2001. - 185 с.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №12, 2003.

## МЕХАНИЗМҲОИ ИМКОНПАЗИРИ МУЪТАДИЛСОЗИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ


**Аннотатсия**

Дар мақола хавфи муфлисшавии корхона, зарурати таҳия ва амалӣ намудани чораҳо оид ба пешгирии муфлисшавии он таҳлил карда шудааст. Ҳамзамон механизмҳои асосии муътадилсозии молиявии корхона,  марҳилаҳои асосии бартарафкунии ноустувории он бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ пешниҳод гардидааст.



**Вожаҳои калидӣ:** корхона, муфлисшавӣ, устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ, мӯътадилсозии молиявии корхона, санатсия, идоракунии зиддибуҳронӣ.


## POSSIBLE MECHANISMS FOR THE FINANCIAL STABILIZATION OF INDUSTRIAL ENTERPRISES


**Annotation**

The article substantiates the risk of bankruptcy of an enterprise, the need to develop and implement measures to prevent its bankruptcy. Also, using the empirical methods, the main mechanisms of financial stabilization of the enterprise, the main stages of preventing its instability, are defined.



**Keywords:** enterprises, bankruptcy, financial stability, solvency, financial stabilization of the enterprise, sanitation, anti-crisis management.



**ДАВЛАТОВ Фируз Юсуфович** Магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-40010202 – “Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт”-и Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**ДАВЛАТОВ Фируз Юсуфович** Магистрант 2-го курса специальности 1-40010202 – “Информационные системы и технологий в экономике” Финансово-экономического института Таджикистана.

**DAVLATOV Firuz Usufovich** A magician 2 year course specialty 1-40010202- «Information technology and system in economy» of Finance and economics institute of Tajikistan


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ


В данной статье изучена роль современных информационных технологий в развитии системы образования и науки Республики Таджикистан. Также были предложены меры по реализации целей Национальной стратегии развития Республики Таджикистан до 2020 года.



**Ключевые слова:** образования, информационная технология, роль информационных технологий, законы, стратегия.


Маориф дар ҷаҳони имрӯза ба захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал мегардад. [1]

Сарвари давлат низ ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳоиислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, қайд намуда буданд, ки «…дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…».[2]

Вобаста ба татбиқи талабот, мақсад ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки иборат аз рушди пурсамари соҳаи маориф дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ва бо дарназардошти шароиту дурнамои рушди кишвар таҳия гардидааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои истиқлолият анъанаҳои ғаниро нигоҳ дошта, дар соҳаи маориф бо роҳи гузарониданиислоҳоти мухталиф, аз он ҷумла андешидани тадбирҳои зерин, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид:

- заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардид;
- заминаи қонунгузорӣ аз нав таҳия гардид;
- стандартҳои давлатии таълимии нави таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таҳия ва қабул гардиданд, низоми дузинагии таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат ва магистратура, бо нигоҳ доштани ихтисоснокӣ дар ҳолатҳои алоҳида) ҷорӣ гардид, нақшаву барномаҳои нави таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳия ва дар амал ҷорӣ карда шуданд;
- Консепсияҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни идоракунии низоми маориф ва фаъолияти таълимӣ таҳия ва қабул гардиданд;
- таҷрибаи иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти таълимӣ, инчунин аттестатсияи давлатӣ ва ваколатдиҳӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шуд;
- таъмири асосии мактабҳо ва сохтмони мактабҳои нав анҷом дода мешавад;
- шабакаи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ инкишоф меёбад;
- китобҳои дарсии нави замонавӣ таҳия ва интишор гардиданд.

Дар баробари ин ҳама технологияҳои иттилоотӣ низ дар ҷаҳони муосир яке аз воситаи фароҳамоварандаи шароит барои гузариши ҷамъият ба тамаддуни информатсионӣ гардидааст. Инчунин технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар тағйир додани характери ташкили ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ имкон фароҳам оварда, таълимгирандаро пурра ба муҳити иттилоотӣ – таълимӣ равона месозанд ва дар ин асос сифати таълимро баланд намуда, ҷараёни дарки маълумот ва азхудкунии донишро такомул медиҳанд.[3]

Ҷиҳати муаян намудани нақши технологияи иттилоотии муосир дар рушди системаи маорифи кишвар ва вобаста ба иҷрои талаботҳои нақшаи миёнамӯҳлати амалиёти Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 барои солҳои 2012-2014, қайд кардан ба маврид аст, ки имрӯз як қатор амалҳо мавриди иҷроиш қарор ёфтаанд, аз ҷумлаи ҷорӣ намудани қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи натиҷаи тестгузаронии миллӣ, таъсиси китобхонаҳои электронӣ, ташкили шабакаҳои компютерии замонавӣ, таъсиси таҳсилоти фосилавӣ ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, нақши технологияи иттилоотии муосир дар рушди соҳаи маорифи кишвар, ки ҳам дар коркарди маълумот ва ҳам дар мавриди дастрасӣ ба он аз фосилаҳои гуногун сарфаи вақтро ба миён меорад, назаррас мебошад.

Нақши технологияи иттилоотии муосирро дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқот қарор дода, ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 самтҳои асосии истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир дар муассисаҳои таълимиро ба тариқи зайл пешниҳод менамоям:

- таҳияи воситаҳои барномавии педагогии вазифаҳои гуногундошта;
- таҳияи web – сомонаи хусусияти таълимидошта;
- таҳияи маводҳои методӣ ва дидактикӣ;
- амалинамоии идора тавассути обектҳои воқеӣ;
- ташкил ва гузаронидани озмоишҳои компютерӣ;

- ташкили шароити ҷустуҷӯи мақсадноки маълумот дар шабакаҳои локалӣ ва глобалӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва интиқоли он;
- коркарди натиҷаи озмоишҳо.

Лекин бояд боз як нуқтаи дигарро қайд намоям, ки баланд бардоштани сатҳи дониши компютерии омӯзандагон, зиёд намудани шумора ва навъҳои гуногуни воситаҳои барномавии дарсӣ, истифодабарии технологияи иттилоотии навин дар илм ва соҳаи маориф яке аз самтҳои такомулдиҳандаи мактабҳои миёна, махсус ва олӣ дар кишвар мегардад.

**Адабиёт**

1. Стратегияи миллии рушди Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. 2012, №334.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010.
3. Деденёва А.С., Аксюхин А.А. Информационные технологии в гуманитарном высшем профессиональном образовании // Педагогическая информатика. Научно-методический журнал ВАК. № 5. 2006. С. 8-16.

**НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ**

Дар ин мақола нақши технологияи иттилоотии муосир дар рушди соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқот қарор дода шуда, ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 тадбирҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** маориф, технологияи иттилоотӣ, нақши технологияи иттилоотӣ, қонунҳо, стратегия.

**THE ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN DEVELOPMENT OF THE EDUCATIONAL SYSTEM**

At this article studied the role of modern information technologies in the development of the system of education and science of the Republic of Tajikistan. Also, measures were proposed to implement the goals of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2020.

**Key words**: education, information technology, the role of information technology, laws, strategy.

**ДАВЛАТОВ** Ҳоким Ҷумъаевич.
магистри курси 2-юми, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси молия
**ДАВЛАТОВ** Хоким Джумъаевич.
магистр 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана, специальность финансы
**DAVLATOV** Hokim Jum'aevich.
Magister of 2 courses, Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty finance

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОЛИЯВИИ ИННОВАТСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФИНАНСОВОЕ СТИМУЛИРОВАНИЕ ИННОВАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

В статье раскрыта сущность инновации, отражены основы государственной инновационной политики, определены методы налогового воздействия на инновационные процессы. Проанализированы системы льготного налогообложения, действующего в Республике Таджикистан, с целью налогового стимулирования инвестиционной и инновационной деятельности.

**Ключевые слова:** инновация, налог, инвестиция, инкубатор, технологический парк, система льготного налогообложения, налоговое стимулирование.

Инноватика - соҳаи илм буда, назарияҳои гуногуни навоварӣ, ташаккули навигариҳо, паҳншавии онҳо, омилҳои ба навоварӣ таъсиррасонанда, коркарди қарорҳои инноватсионӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Фаъолияти инноватсионӣ ин чараёне мебошад, ки ба амалисозии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва коркардҳои анҷомёфта ва ё дигар дастовардҳои илмӣ-техникӣ, маҳсулоти нав ва ё такмилёфта, такмили ҷараёнҳои технологӣ ва инчунин, тадқиқот ва коркардҳои иловагии ба он алоқаманд, равона карда шудааст [1].

Инноватсия (навоварӣ) - натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ буда, дар шакли маҳсулоти нав ва ё такмилёфтаи дар бозор фурӯхташаванда ва ё ҷараёни технологии нав ва такмилшудаи дар фаъолияти корхона истифодашаванда, амалӣ карда мешавад.

Иқтидори инноватсионии корхона (соха, минтақа, давлат) - ин маҷмӯи намудҳои гуногуни захираҳо, аз ҷумла, захираҳои моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ, илмӣ-техникӣ ва ғайра мебошад, ки барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ зарур аст. Соҳаи инноватсионӣ - соҳаи фаъолияти истеҳсолкунандагон ва ё истеъмолкунандагони маҳсулоти (кор, хизмат) инноватсионӣ мебошад, ки ба сохтан ва паҳнкунии инноватсия алоқаманд аст. Инфрасохтори инноватсионӣ ташкилотест, ки фаъолияти инноватсиониро (марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, технопаркҳо, марказҳои таълимӣ-корӣ ва дигар ташкилотҳои махсус) амалӣ месозад [2].

Дар байни сохторҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд, технопаркҳо сохтори муҳим ба ҳисоб рафта, дар биноҳои начандон калон ҷойгир шуда, 2-3 намуди хизматрасониро фаро мегиранд. Инчунин, технополис ва минтақаҳои илм низ мавҷуданд, ки муҷтамеъҳои бузурги иқтисодии самтнокии навоварона доштаи минтақаро дар бар мегиранд. Аз рӯи дараҷаи инкишоф, сохторҳои технопаркӣ бо тартиби зерин ҷойгир мешаванд: инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, технополис, минтақаи илм ва технология.

Инкубаторҳо сохтори мураккаби бисёрфунксионалие мебошанд, ки номгӯи васеи хизматҳои инноватсиониро амалӣ намуда, як ва ё якчанд биноро ишғол менамоянд. Ширкати инноватсионӣ вобаста аз шакли технологӣ аз инкубатор ин ва ё он маҷмӯи хизматрасониҳои инноватсиониро иҷора мегирад, ки ба он иҷораи бино низ дохил мешавад. Давраи инкубатсионии ширкат одатан 2-3 сол ва баъзан 5 сол давом мекунад. Бо фаро расидани ин мӯҳлат ширкати инноватсионӣ инкубаторро тарк карда, фаъолияти ба мустақилона шурӯъ менамояд [3].

Паркҳои технологӣ ин муҷтамеи илмӣ-истеҳсолии сохтори мураккаби функсионалидоштае мебошад, ки ҳадафи асосии он ташаккули шароити мусоид барои инкишофи корхонаҳои хурди илмғунҷоишашон зиёд мебошад. Воҳиди сохтории технопаркҳо марказҳо ба ҳисоб мераванд, ки муҳимтарини онҳо: маркази тадқиқотӣ, инкубатор, комплекси илмӣ-технологӣ (маркази инноватсионӣ), минтақаи саноатӣ, маркази бозоршиносӣ, маркази таълим ва ғайра мебошад. Ҳар як маркази номбаршуда маҷмӯи махсуси хизматрасониро амалӣ месозад, масалан, хизматрасониҳо барои гузаронидани корҳои тадқиқотӣ ва ё азнавтайёркунии мутахассисон аз рӯи ягон самти муайяни технологӣ.

Технополис сохтори томи илмӣ-истеҳсолӣ буда, дар заминаи шаҳри алоҳида, ки дар иқтисодиёти он нақши технопарк ва инкубаторҳо зиёд аст, ташкил карда мешавад. Маҳсулоти нав ва технологияе, ки дар марказҳои илмӣ таҳия мегарданд барои ҳалли мушкилоти соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳр истифода карда мешаванд. Технополисҳо ҳам дар асоси шаҳрҳои нав бунёд ёфта истода ва ҳам дар заминаи шаҳрҳои таҷдидшаванда бунёд мешаванд. Инчунин, технополисҳои намуди «шусташуда» мавҷуданд. Онҳо дар базаи шаҳрҳои калон, ки бо набудани сарҳадҳои минтақаҳои баландтехнологӣ сохторҳои инкишофёфтаи инноватсионӣ доранд, ташкил карда мешавад.

Асосҳои сиёсати давлатии инноватсиониро инҳо ташкил медиҳанд:
- стратегияи рушди инноватсионӣ;
- барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ, ки мутобиқи стратегияи рушди инноватсионӣ таҳия шуда, аз вазифаҳо барои давраи муайян, нишондодҳои назоратшаванда, номгӯи чорабиниҳои алоҳида ва чораҳои дастгирии давлатие иборат мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод мегарданд;
- иттилоот оид ба натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки барои ҳар як барномаи алоҳида асоси низоми мониторинги татбиқи сиёсати инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Стратегияи рушди инноватсионии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дар асоси барномаҳои дарозмӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон таҳия гардида, ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади рушди фаъолияти инноватсионӣ дар асоси стратегияи рушди инноватсионӣ барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ таҳия карда мешаванд. Тартиби бақайдгирии давлатӣ, ташкилу гузаронидани ташхис ва озмуни лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки бо мақсади ворид намудан ба барномаи мақсадноки инноватсионӣ пешниҳод мегарданд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад [4].

Сиёсати андозии давлат қисми муҳими сиёсати иқтисодии он буда, барои ҳавасмандкунии рушди иқтисодӣ ва фаъолгардонии ҷараёни инноватсионӣ дар мамлакат равона гардидааст. Истифодаи усулҳои андозии таъсиррасонӣ ба ҷараёнҳои инноватсионӣ имкон медиҳад усулҳои ғайримустақими идоракунии иқтисодиёт ба таври васеъ ва самаранок истифода бурда шавад. Хусусиятҳои хоси усулҳои мазкур гуногунӣ, умумият, таъсиррасонӣ ба манфиатҳои моддӣ ва мунтазамии онҳо мебошад. Ғайр аз ин, вазифаи ҳавасмандкунӣ ба таври объективӣ хоси андозҳо буда, андозҳо воситаи асосии идоракунии иқтисодиёт ба шумор меравcomponent [5].

Дар шароити муосирислоҳоти системаи андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба паст намудани фишор ва гаронии андозҳо ба иқтисодиёт равона карда шудааст. Вале, бояд гуфт, ки то ҳанӯз системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан вазифаи фискалиро иҷро карда, дар ҳавасмандкунии рушди иқтисодӣ ва дар заминаи он васеъ кардани манбаи андозбандӣ нақши муҳимро намебозад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ бошад нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои рушди фаъолияти инноватсиони бе истифодаи усули ғайримустақим ва самараноки идоракунии давлат, чун андозҳо, имконнопазир мебошад.

Дар ҳамаи мамлакатҳои мутараққӣ системаи андоз яке аз воситаҳои самаранок ва дархостшавандаи таъсиррасонӣ ба ҷараёнҳои иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар давраи рушд ва болоравии иқтисодиёт давлат барои соҳаҳое, ки дар иқтисодиёти миллӣ афзалиятнок мебошанд имтиёзҳои андозӣ ҷорӣ мекунад. Ҳангоми пастравии сатҳи истеҳсолот бошад давлат барои сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ имтиёзҳои андозӣ муқаррар карда, гаронии андозро барои аҳолӣ паст менамояд, то ки талаботи истеъмолиро дастгирӣ намояд [5].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз афзоиши нисбии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар солҳои охир, таносуби сармоягузорӣ ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ паст боқӣ мемонад. Ҳамчунин суръати нав кардани фондҳои асосӣ дар аксари соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ хело паст мебошад. Бинобар ин, бо мақсади таъмини усулҳои устувори ҳавасмандкунӣ барои рушди фаъолитяи инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои субъектҳои хоҷагидорие, ки ба бахши воқеии иқтисодиёт сармоягузорӣ мекунанд имтиёзҳои андозӣ пешниҳод карда шавад. Дар Кодекси андози андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳавасмандгардонии

андозии фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ якчанд низоми имтиёзноки андозбандӣ муқаррар карда шудааст (расми 1).




Расми 1. Низоми имтиёзноки андозбандии фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [6].

Такмили механизми андоз бо истифодаи оқилонаи маъмурикунии андоз, баланд бардоштани самаранокии назорати андоз дар асоси татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, маҳдуд ва сода намудани ҳисоботи андоз, гузариш ба муносибатҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи муносибатҳои андозӣ алоқаманд мебошад. Такмили маъмурикунии андоз инчунин барои паст кардани сатҳи гаронии андоз аз субъектҳои иқтисодӣ бо ёрии бозсозии сохтории системаи андоз, баланд бардоштани вазифаҳои он мусоидат менамояд [5].

Мутобиқи моддаи 110-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳо чунин имтиёзҳои андозӣ оиди андоз аз фоида муқаррар шудааст:

1. Корхонаҳо, ба истисноӣ корхонаҳое, ки ба фаъолияти савдо, миёнаравӣ, таъминотӣ - фурӯш ва захиракунӣ машғуланд, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

а) на камтар аз 50 фоизи шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд;

б) на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст.

2. Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.

3. Суди саҳмияҳое (дивидендҳое), ки корхонаҳои резидентӣ аз корхонаҳои резидентӣ мегиранд.

4. Корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар мӯҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дар поён пешбинигардидаи сармоягузориҳо ба мӯҳлати:

а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошанд;

б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошанд;

в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА бошанд;

г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошанд.

2. Озодкунӣ аз андоз аз фоида (таътили андоз) дар ҳолати аз нав бақайд гирифтани корхона ё азнавташкилдиҳии он, тағйирёбии моликони корхона, тағйирот дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва дигар чунин тағйирот татбиқ карда намешаванд [6].

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5, соли 2007.

2. Леонтьев В.Е., Бочаров В.В., Радковская Н.П. Инвестиции. Учебное пособие. М.: Магистр; ИНФРА-М, 2010. - 420 с.

3. Марупов Д.М. Оценка инвестиционного климата и условий привлечения инвестиций организациями РТ // Вопросы экономики, №12, 2013. С. 45-52.

4. Курбанов С.И. Улучшения инвестиционного климата и политика продвижения прямых иностранных инвестиций в переходной экономике (на примере РТ) // Известия Академии Наук РТ. 2008. - №2 (6). С. 23-29.

5. Ҷумабоев Х.Қ., Усмонов М., Шодиев Ф.Т., Усмонов А.М. Васоити таълимӣ «Буҷети давлатӣ» Душанбе. Ирфон 2012. - 150 с.

6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №9, соли 2012.


## ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОЛИЯВИИ ИННОВАТСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Аннотатсия**

Дар мақола моҳияти инноватсия шарҳ дода шуда, асосҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ нишон дода шуда, усулҳои андозии таъсиррасонӣ ба ҷараёнҳои инноватсионӣ муайян карда шудааст. Низомҳои имтиёзноки андозбандӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳавасмандгардонии андозии фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ муқаррар шудааст, таҳлил гардидааст.



**Вожаҳои калидӣ:** инноватсия, андоз, сармоягузорӣ, инкубатор, парки технологӣ, низоми имтиёзноки андозбандӣ, ҳавасмандкунии андозӣ.


## FINANCIAL INCENTIVE PROMOTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Annotation**

In article the essence of innovation, reflects the fundamentals of the state innovation policy, methods of tax effects on innovation processes. Analyzed the system of preferential taxation in force in the Republic of Tajikistan with a view to tax incentives for investment and innovation.



**Keywords:** innovation, tax, investment, incubator, Technology Park, the system of preferential tax treatment, tax incentives.



**НАСРУЛЛОЕВ** Қурбонали
магистранти курси 2-уми ихтисоси кори бонкӣ ДМИТ
**НАСРУЛЛОЕВ** Курбонали,
магистр 2-го курса специальность банковский дело, ФЭИТ
**NASRULLOEV** Qurbonaly,
master degree the 2-nd courses banking speciality, FEIT


# РАҚОБАТПАЗИРИИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ШАРОИТИ БӮҲРОНИ МОЛИЯВӢ

# КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ ИСЛАМСКИХ БАНКОВ В УСЛОВИЯХ ФИНАНСОВОГО КРИЗИСА


**Аннотация**

В статье автор подчеркивает важность исламской банковской системы и возможность рассмотреть финансовый кризис в мировой экономике с учётом обзора и внедрения исламской финансовой системы в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** исламская банковская система, банковская инновация, финансовый кризис, конкурентоспособность, исламский банкинг, банковские услуги, исламский финансовые институты.

Яке аз таҳавулотҳои бузургтарини башарият дар ҷомеа имрӯзаи инсонӣ ин ташаккулёбии фаъолияти бонкдории исломӣ мебошад. Низоми бонкдории исломӣ бо хусусиятҳои хос ва фарққунандаи худ дар кишварҳои тараққикардаи ғарб ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ, алалхусус кишварҳои ғайриисломӣ аз ибтидои фаъолияти хеш бо суръат рушд карда ба фаъолшавии фаъолияти соҳибкории хурду миёна мусоидат карда истодааст.Агар ба таърихи бонкдории исломӣ ҷаҳон назар афканем,хоҳем дид ки ин тарзи бонкдори дар миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта дар Шарқи Миёна ба вуҷуд омадааст.Муҳаммад ал-Файсал бародарзодаи шоҳи Арабистони Сауди аввалин бонкҳои исломиро дар Арабистони Сауди, Миср ва Судон бунёд гузоштааст.Дар тадқиқоти таърихӣ, бонкдории исломӣ баъзе аз муҳаққиқон ақида доранд, ки талошҳои нахустин барои исломӣ кардани бонкдори дар аввали солҳои 40-уми асри 20 анҷом ётаанд.Вале аввалин муассисае, ки бонкдории исломиро дар фаъолияти худ пурра роҳандози карда буд соли 1963 дар Миср ифтитоҳ шуда буд.

Фаъолияти бонкҳои исломӣ, ки сарчашмаи асосии оншариат (Қуръон)ба ҳисоб меравад судро ҳаром ҳукм намудааст. Албатта ин бе ҳикмат нест. Дар ин шабу рӯз ва пас аз чандин қарни нозил шудани ин ҳукм, олимон ва донишмандони ғарбро мебинем, ки судро ҳамчун омили поёнравии иқтисод медонанд.Дар бӯҳрони молӣ, ки соли 1929 рӯх дод, донишманди соҳаи иқтисод ва файласуфи бритониёӣ Кейнс пешниҳод намуда буд, ки барои баромадан аз бӯҳрон ва ҳали мушкилоти бекорӣ, фоизи суд ба ҳадди сифр расонида шавад. [1,28] Донишманди фаронсавӣ ва иқтисодшинос, барандаи ҷоизаи Нобел дар соли 1988, Маурис Алаэс (Maurice Allais), барои баробарӣ дар бозор ва рушди иқтисод ду шарт мегузорад; якум андозбандӣ на бештар аз 2% ва дуюм ба ҳадди сифр овардани фоизи суд. Низоми бонкдории исломӣ аз омӯзаҳои ислом манша мегирад, ки мафҳуми адолатро возеҳу равшан таъриф карда ва дар назар дорад, ки таввакал дар ҳар сурат бояд миёни тарафҳо баробар тақсим карда шавад.Бонкдории исломӣ барои амонат ва қарз гирифтану пардохти он ситонидани фоизро ҳаром медонад.Ин ба маънои он аст, ки тибқи фаҳмиши шаръи пул ҳамчун воситаи муомилот,додугирифт ва воҳиди пардохт (хариду фурӯши маҳсулот) пешбини шудааст, на воситаи ҷамъкуни бо мақсади ба даст овардани фоида (дар шакли фоиз). [2,84-85]

Замоне, ки аввалин сохтори бонкдорӣ дар Халиҷи Форс дар заминаи меъёрҳои ислом ба роҳ монда шуда буд, нахустин муштариёнаш мусалмонҳои эътиқодманде буданд, ки мехостанд фаъолияти бонкҳо ҷавобгӯи арзишҳои мазҳабӣ бошанд. Яъне холи аз рибо, қарздиҳӣ бар ивази сӯд ва сармоягузорӣ ба тиҷоратҳои ғайриахлоқӣ, ба мисли хариду фурӯши алкоҳол ва фаҳшо ё дигар амалҳои ғайриахлоқӣ бошад.Аммо имрӯз бонкдории исломӣ таваҷҷӯҳи густардаи ғайримусалмонҳоро низ ба худ ҷалб кардааст. Ба он хотир ки дари бонкҳои исломӣ newбаста аз мазҳабу боварихо, ба рӯи ҳама боз аст ва онҳо аз бухрони умумиҷаҳонии молиявӣ бидуни осеб берун шудаанд. Дар ҷараёни бӯҳрон ҳеҷ як аз муассисаҳои молиявии исломӣ барои бақои худ кӯмаки молии қобили мулоҳиза нагирифтаанд ва ба фарқ аз бонкҳои маъмулӣ амнияти пулҳои муштариёни худро таъмин карда тавонистанд.

Дар вазъияти таҳдиди бӯҳрони ҷаҳони молиявӣ татбиқи низоми молиявии исломӣ метавонад таъсири онро ба иқтисодиёти кишварҳо коҳиш дода, дар бунёди иқтисоди нерӯманд нақши муҳиме дошта бошад. Татбиқи низоми мазкур боварии аҳолиро ба сохторҳои молиявӣ бештар ва ҷалби амонатҳоро бамаротиб афзун менамояд. Аз сӯи дигар, ин омил сабаби ҳамгирои байналхалқӣ ва ҷалби сармоягузорони кишварҳои мутараққи ҷаҳони хусусан мамолики арабӣ ба иқтисоди кишвар хоҳад шуд. Кишварҳое, ки қисмати зиёди аҳолиашон мусалмонон мебошанд, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд низоми иқтисодӣ ва молии хоси худро дошта бошанд, ки бо дин ва фарҳанги мардуми мусалмон мутобиқат дошта бошад. [4, 6]Тавре ҳамагон медонанд, 99 дарсади аҳолии Тоҷикистонро мусалмонон ташкил медиҳанд ва маълум аст, ки молиядории вижаи исломӣ бо тамоми ҷанбаҳояш (аз ҷумла мамнӯъ будани рибо – фоиз ва ҷоиз будани тиҷорат) яке аз умдатарин арзишҳои эътиқодии мусалмонон маҳсуб меёбад,ва дар натиҷа мардум пасандозҳои худро дар бонкҳои исломӣ, ки тибқи дини Ислом фаъолият мекунад, сармоягузорӣ хоҳанд кард. Албатта дар минтақаи Осиёи Миёна аввалин шуда ба ин низом Қирғизистон ва баъдан Қазоқистон майл намуданд, аммо он шароиту заминаҳои мусоид ва дастгирие, ки дар Тоҷикистон вобаста ба татбиқи ин низом аён гашт, аз қабили нисбатан баланд будани сатҳи тамоили мардуми Тоҷикистон ба арзишҳои Ислом, нахуст дар сатҳи Ҳукуматӣ истиқболу пуштибонӣ шудани низоми молии исломӣ дар Тоҷикистон (дар ду кишвари номбурдаи Осиёи Миёна дар ин самт асосан бахшу ниҳодҳои молиявии маҳаллӣ ташаббус нишон доданд, на Ҳукумат) ва ғайра шояд дар ҳеҷ мамлакати минтақаи Авруосиё мушоҳида нашуда бошад. Дар Қазоқистон низоми мазкур агарчи аз ҷониби Президенти ин кишвар дастгирӣ ёфт, вале ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои дахлдори он, ба низоми бонкдории исломӣ имкон надод, ки ҳамчун равзанаи исломӣ ҳамзамон бо фаъолияти бонкҳои амалкунандаи муқаррарӣ рӯи кор ояд. Яъне мувофиқи Қонунгузории Қазоқистон фаъолияти бонкҳои исломӣ дар алоҳидагӣ ва танҳо дар асоси таъсиси бонки ҷудогонаи исломӣ ҷоиз дониста шудааст.Қобили қайд аст, ки барои роҳандози бонкдории исломӣ дар кишвари мо қадамҳои хело устувор гузошта шудаанд. Дар ҳоле, ки кишварҳои ҳамсояи дуру наздики мо (Қирғизистон, Қазоқистон ва Озорбойҷон) ба ин раванд рӯ овардаанд, кишвари мо низ аз ин раванд дар канор намонда, пешравиҳои назаррасро касб намуда санадҳо (барномаҳо)-и гуногунро дар ин самт рӯи даст гирифтааст. Яке аз қадамҳхо муҳим ин бо дастгирии якмароми Асосгузори сулҳу ваҳдати-милли , Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар байни Бонки Миллӣ ва Ширкати байналмилалӣ - машваратии «Зайд Иброҳим ва Ко» (Малайзия) шартномаи ҳамкорӣ оид ба рушди бонкдории исломӣ ба тасвиб расида буд, ки тибқи ин шартнома коршиносон барои густариши низоми бонкӣ лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" – ро таҳия намуданд.Пас аз омӯзиш ва баррасии мутахассисон ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шуд ва 28 марти соли 2014 дар маҷлиси навбатии Ҳукумат таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати-милли , Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, ки дар он лоиҳаи конуни мазкур маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод ва 14 майи соли 2014 қабул гардид. Ёдрас мекунем, ки палатаи болоии парлумони ҶумҳурӣҚонун «Дар бораи фаъолияти

бонкии исломӣ»-ро ҷонибдорӣ намуд ва он санаи 26 июли соли 2014 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд.[5;4]

Бонкдории исломӣ низ ба монанди дигар бонкҳо ҳамчун миёнарав баромад намуда, амонатҳои аҳолиро ҷалб намуда, дар навбати худ барои амали гаштани лоиҳаҳои тиҷорати соҳибкорон ба онҳо маблағгузорӣ менамояд.

Дар соли 2015 дороиҳои бонкҳои исломӣ дар кишварҳои Қатар, Индонезия, Арабистони Сауди, Малайзия, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Туркия ҳудуди 753 млрд доларро ташикил мекард.[4;25]







Бино ба маълумотхои омори, айни замон гардиши маблағгузории исломӣ, зиёда аз 1 трилион долларро ташкил медиҳад, ва хаҷми он мувофиқи пешгӯи

мутахассисони соҳа бо сӯръати чашмрас дар ҳоли афзоиш қарор дорад ва қариб ҳафтфоизи дороиҳои молии ҷаҳонро дар бозори молияви ташкил медиҳад.

Тибқи пешгӯи Бонки Исломии Рушд то соли 2020 (Расми 1.) суръати афзоиш низоми бонкдории исломӣ 14%- и солона ва ҳаҷми гардиши маблағгузори дар бозори молиявии ҷаҳони то 2 трилион долларро ташкил хоҳад дод. [3,35 ]




Расми 1. Афзоиши низоми бонкдории исломӣ

Дар вазъияти кунунӣ, ки таҳдиди бӯҳрони ҷаҳонӣ тамоми кишварҳои сайёраро фаро гирифтаст, татбиқи низоми бонкдоии исломӣ, ки як низоми босаммар аст, метавонад ба афзоиши суръати татбиқи аксарияти барномаҳои давлатӣ, ба монанди паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, кам кардани таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти кишварро то ҳадде коҳиш дода, дар бунёди иқтисоди неруманд ва рушди бомароми кишвар муосидатменамояд.

**Адабиёт**

1. Беккин Р.И. Исламские финансовые институты и инструменты в мусульманских и немусульманских странах: особенности и пер-спективы развития: автореферат дис. … докт. экон. наук. – М., 2009. – С. 7

2.Хайров Ш.Қ. Низоми молиявӣ ва бонкдории исломӣ.\ Воситаи таълимӣ.-Душанбе: «Ирфон», 2016.-232 саҳ.

3.World Islamic Banking Competitiveness Report 2016

4.Отчёт о конкурентоспособности исламских банков в международной банковской системе 2014–2015 гг.

5.Маҷҷалаи Тоҷиксодиротбонк. №23(50) аз 30.11.2014, - 3-4сах.
ва №12(65) аз 30.06.2015с - 3-4 сах.

## РАҚОБАТПАЗИРИИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ШАРОИТИ БӮҲРОНИ МОЛИЯВӢ

**Мухтаво:** муаллиф дар мақола аҳамияти муҳим доштани низоми бонкдории исломӣ ва имконоти раҳои аз бӯҳрони молиявиро дар иқтисодиёти ҷаҳон мавриди барраси қарор дода, татбиқи низоми молиявии исломиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморад.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкдории исломӣ, навоварии бонкӣ, бӯҳрони молиявӣ, рақобатпазирӣ, фаъолияти бонкии исломӣ, хизматрасониҳои бонкӣ,институтҳои молиявии исломӣ.

## COMPETITIVENESS OF ISLAMIC BANKS IN THE FINANCIAL CRISIS

**Annotation**: In the article the author emphasizes the importance of the Islamic banking system and the opportunity to consider the financial crisis in the world economy taking into account the review and implementation of the Islamic financial system in the Republic of Tajikistan.

**Keywords**: islamic banking system, banking innovation, financial crisis, competitive, Islamic activity banking, banking services, Islamic financial institution

**ДУСТОВ** Меҳровар
магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**ДУСТОВ** Мехровар
магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана
специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
**DUSTOV** Mehrovar
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit

## МАСЪАЛАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МАҲСУЛОТИ ТАЙЁР ВА ФУРӮШИ ОН
## ПРОБЛЕМЫ УЧЕТА ГОТОВОЙ ПРОДУКЦИИ И ЕЁ РЕАЛИЗАЦИЯ

**Аннотация**

В этой статье рассматриваются теоретический и методологический учет готовой продукции, от производства до склада предприятия поступления и продажи, а также учет НДС при продаже продукта, показатели средний баланс готовый продукт и проблемы продажа продуктов.

**Ключевые слова:** готовая продукция, затраты, доход, активность на рынке, продажи, качество, деньги, кредит.

Маҳсулоти тайёр маҳсулотест, ки пурра коркардаш (истеҳсолаш ё пурракуниаш) ба охир расида, аз санҷиши зарурӣ гузашта, сифаташ муайян шуда, талаботи бозорро қонеъ мегардонад ва ба анбори маҳсулоти тайёр супорида ё худ аз тарафи фармоишгарон қабул карда шудааст.

Аз истеҳсолот баровардани маҳсулоти тайёр анҷоми ҷараёни истеҳсолотро ифода мекунад. Маҳсулоти тайёр маҳсулотест, ки пурра истеҳсол ва кор кардаю печонида шудааст ва онро шӯъбаи назорати техникӣ қабул кардааст. Маҳсулотҳое, ки ба ин шартҳо мувафиқат намекунанд, ба маҳсулоти нотамом мансубанд.

Дар корхонаҳои саноатӣ таиноти асосии ҳисобгирӣ аз он иборат аст, ки ба ҳамин восита зери назорат гирифтани барориши маҳсулот ва ба низом даровардани фурӯши он мебошад. Маҳсулоти тайёр таърифи худро дорост ва як қисми маҳсулоти умумии истеҳсолшуда мебошад, ки барои фурӯш таъин шудааст: [1]

- маҳсулоти тайёре (моле), ки дар сехҳои асосӣ ё ёрирасон барои фурӯш истеҳсол шудааст. Ба истисноии маҳсулоте, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ дар дохили корхона истеъмол мегардад;
- маҳсулоти сехҳои ёрирасон, ки ба дигар корхонаҳо дода шудааст (қувваи барқ, об, буғ ва ғ);
- маҳсулоти нимтайёре, ки дар худии корхона истеҳсол гардида, вале ба дигар ташкилот дода шудааст.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ корхонаҳо диққати махсусро барои беҳтар кардани сифати маҳсулот ва васеъкунии хелҳои он бояд равона кунанд.

Дар корхонаҳои истеҳсолӣ ба фурӯши мол, мувофиқи шартномаи молсупорӣ аҳамияти муҳим дода мешавад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои иҷрои нақшаи фурӯши мол ба фаъолияти корхона баҳо медиҳанд. Маҳсулоти умумии корхона натиҷаи фаъолияти истеҳсолии давраи муайян буда, бо пул ифода меёбад. Маҳсулоти умумӣ аз маҳсулоти молӣ бо ҳачм ва арзиши қисмҳои таркибии ҳуд фарқ мекунанд ва инчунин як қисми маҳсулоти умумӣ дар истеҳсолот мемонад, ки онро ба дигар корхона додан мумкин нест. Маҳсулоти истеҳсолоти нотамом ва бақияи он маҳсулоти нимтайёри истеҳсолоти худӣ корхона буда, барои минбаъд кор фармудан дар корхонаи мазкур таин шудааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои ҷамъбастии самаранокии иқтисодии истеҳсолот ин афзоиши истеҳсоли маҳсулот (кор, хизматҳо) бо ифодаи арзишӣ мебошад. Он маҳсулоте, ки корхона истеҳсол мекунад, натиҷаи ниҳоии мустақими фаъолияти асосии он мебошад. Истеҳсоли маҳсулот бо ченаки аслӣ, шартан аслӣ, меҳнатӣ ва пулӣ баҳо дода мешаванд. Нишондиҳандаҳои асосии ҳаҷми истеҳсол инҳоянд: маҳсулоти молӣ, умумӣ ва фурӯхташуда. Ҳаҷми умумии маҳсулот, кор ва хизматҳо ба таври воқеъӣ ба нархҳои яклухт бе ААИ, аксиз ва андозҳои махсус чен карда мешавад. Маҳсулоти умумӣ ҳаҷми истеҳсолотро ҳам бо истеҳсолоти пурра ба итмомрасида ва барои фурӯш нигаронида ва ҳам бо истеҳсолоти нотамом тавсиф медиҳад. Махсулоти фурӯхташуда ин арзиши маҳсулоти барои харидорон боркардашуда ва пардохтгардида мебошад.

Махсулоти корхона натиҷаи фаъолияти самарабахши истеҳсолии он мебошад. Миқдор ва сифати истеҳсол ва фурӯши онро худи корхона муайян мекунад. Ин чунин маъно дарад, ки якум, маҳсулоти аълосифат одатан бо нархи баландтар фурӯхта мешавад. Ин барои ба фонди ҳавасмандии моддии коркунон зиёдтар ҷудо кардани маблағ имкон медиҳад. Дуюм махсулоти пастсифат, баръакс бисёр вақт аз сабаби ба навъи паст гузоштани он ба корхона зарар меоварад.

Сифати махсулотро дар асоси меъёрҳои махсус муайян карда мешавад, ки онҳоро ба се навъ ҷудо намудан мумкин аст.

Ба навъи олӣ чунин маҳсулоте дохиланд, ки аз ҷиҳати нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии худ нисбат ба беҳтарин комёбиҳои ватанӣ ё хориҷӣ бартарӣ дошта, дар бозори берунӣ харидорони бисёр доранд. Ба чунин навъи маҳсулот мувофиқи тартиботи мурраргардида нишони давлатии сифат гузошта мешавад.

Ба навъи дуюм маҳсулоти аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳнашуда дохил мешавад, ки ба талаботи ҳозира мувофиқат намекунад ва бояд сифати он беҳтар кардашуда ё аз истеҳсолот бароварда шавад, яъне истеҳсоли минбаъдаи он бояд маън гардад.

Дар ҳисобгирии муҳосибӣ маҳсулот дар сурате фурӯхташуда шуморида мешавад, ки ба бонки хизматрасонии корхонаи фурӯшанда аз ҳисоби бонки хизматрасонии корхонаи харидор пул гузаронида шуда бошад.

Ҳисобгирии муҳосибӣ доир ба амалиёти фурӯши маҳсулот чунин вазифаҳоро ба ӯҳда дорад: [2]

• назорат аз болои миқдор ва сифати маҳсулоти фурӯхташуда ва сари вақт даромад кардани маблағи аз фурӯши маҳсулот дохилшуда;

• нишон додани таркиби маҳсулоти фурӯхташуда;

• муайян кардани иҷрои нақшаи фурӯши маҳсулот аз рӯи нархи фурӯш;

• муқаррар кардани натиҷаи молиявие, ки вақти иҷро кардани нақшаи фурӯши маҳсулот ба даст омадааст;

• барои иҷрои ин вазифа ҳисобгирии муҳосибӣ бояд маълумотҳоро оид ба миқдору сифати маҳсулоти фурӯхташуда, навъҳо ва мухлатҳои фурӯш таъмин кунад.

Дар корхонаҳо оид ба фурӯши мол, мувофиқи шартномаҳои молсупорӣ, аҳамияти муҳим дода мешавад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои иҷрои нақшаи фурӯши мол ба фаъолияти корхона баҳо медиҳанд.

Лаҳзаи фурӯшро бояд лаҳзаи бор кардани маҳсулот ҳисоб кард, агар дар ин ҳолат қарзи тиҷоратӣ ҷой дошта бошад ё ин лаҳза байни таъминкунанда (истеҳсолкунанда) ва харидор муайян карда шавад. Дар дигар ҳолатҳо лаҳзаи фурӯш ин дохилшавии пули фурӯш ба рақами ҳисоббаробаркунӣ, ҳисоби махсуси қарзӣ ё хазинаи корхона ба ҳисоб меравад.

Ба анбор супоридани маҳсулоти тайёр бо борхати қабул ва – супоридан масолеҳ тартиб дода мешавад, ки дар он номи коргоҳи маҳсулотсупоранда, анбори маҳсулотқабулкунанда, рақами феҳраст, номи маҳсулот, воҳиди ченак, миқдори маҳсулоти барои супоридан пешниҳод кардаи коргоҳ ва қабул кардаи анбор нишон дода мешавад. Ба ҷои борхатҳои қабулкунӣ - супоридани якмаротибагӣ истифодаи борхатҳои ҷамъбастии даҳрӯза ё моҳона қулай аст, зеро миқдори ҳуҷҷатҳоро кам карда барои назорат кардани рафти супориши маҳсулот ба анбор кумак мерасонад. [3]

Тақсимкунии намудҳои алоҳидаи маҳсулотро байни гурӯҳҳо ва дар дохили гурӯҳҳо корхона мегузаронад. Дуршавиҳоро дар сабткунакҳои ҷузъӣ на аз рӯи номгӯи маҳсулот, балкӣ гурӯҳи якхелаи маҳсулоти тайёр iникос мекунанд. Барои маҳсулоти сермасрафи аз партовҳои истеҳсолӣ тайёркардашаванда дуршавиҳоро алоҳида ба ҳисоб мегиранд. Чунин тартиби нархгузории маҳсулоти тайёр аз он бар меояд, ки арзиши аслии ҳақиқии маҳсулотро, ки дар давоми моҳ истеҳсол карда шудааст, баъди гузаштани моҳ муайян менамоянд.

Шӯбаи муҳосиботӣ корхона қайдҳои варақчаҳои ҳисобгирии маҳсулотро мунтазам санҷида мебарояд. Дар бораи мукоиса кардани маълумоти муҳосибӣ ва анбор санадҳои дутарафа тартиб додашуда, ба он коркунони анбор ва коркунони муҳосиб имзо мекунанд. Муҳосибот аз болои кори шахсони масъули моддӣ назорати қатъӣ бурда аз онҳо дар бораи бақия ва ҳаракати молу маҳсулот ҳисобот талаб менамояд. Ин тадбир эҳтиёти пурраи маҳсулотҳоро таъмин мекунад.

Дар анбори маҳсулоти тайёр тамоми ҳар се моҳ (квартал) як маротиба рӯйхат гирифта шуда, натиҷаи камомад ё ин ки маҳсулоти барзиёд муайян карда мешавад.

**Адабиёт**


5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013.
7. Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ – Душанбе: «Контраст», 2011 – 315 саҳ.

## МАСЪАЛАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МАҲСУЛОТИ ТАЙЁР ВА ФУРӮШИ ОН

**Аннотасия**

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии маҳсулоти тайёр, аз истеҳсолот ба анбори корхона дохил намудан ва фурӯши он, инчунин баҳисобгирии ААИ ҳангоми фурӯши маҳсулот, нишондиҳандаҳои бақияҳои миёнаи маҳсулоти тайёр ва мушкилиҳои фурӯши маҳсулотҳо.

**Калидвожа:** маҳсулоти тайёр, хароҷот, даромад, фаъолияти бозорӣ, фурӯш, сифат, пул, қарз.

## PROBLEMS OF ACCOUNTING OF FINISHED PRODUCTS AND ITS IMPLEMENTATION.

**Annotation**

This article the theoretical and methodological basis of the accounting of finished products, the production and sale of the warehouse of the enterprise, as well as the VAT record when selling the product, the average value of the finished product and the problems of selling products.

**Keywords:** products, costs, income, market activity, sales, quality, money, loan.

**ИДИБЕКЗОДА** Ҳанифаи Сафолбек
Магистранти курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси андоз ва андозбандӣ
**ИДИБЕКЗОДА** Ханифа Сафолбек
Магистранка 2-го курса Финансово-экономического института Таджикистана, специальностьи налоги и налогообложения
**IDIBEKZODA** Hanifai Safolbek
Second-year Master of Science. Financial and economic Institute of Tajikistan specialty accounting, tax and tax

## СОХТ ВА НИЗОМИ БУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## СТРУКТУРА И СИСТЕМА БЮДЖЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

В статье раскрыта сущность и роль в организации и развития социальной и экономической структуры, бюджету дана оценка как одному из механизмов , способствующих проведению со стороны государства социальной и экономической политики. Дана характеристика системе государственного бюджета, структуре его доходов и расходов, показано значение целевых государственных фондов, используемых для осуществления той или ной цели.

**Ключевые слова:** бюджет, налоги, социальная политика, экономика, оплата, инвестиции, фонд, контроль.

Дар ташкил ва рушди сохти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа накши муҳимро танзими давлатӣ мебозад, ки дар доираи сиёсати дар ҳар як марҳилаи таърихӣ қабулшуда амалӣ мегардад. Яке аз механизмҳое, ки барои аз ҷониби давлат гузаронидани сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамояд, низоми молиявии ҷомеа ва муҳимтарин қисми таркибии он - буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Маҳз тавассути буҷети давлатӣ таъсири мақсаднок ба ташкил ва истифодаи фондҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда расонида мешавад.

Буҷети давлатӣ шакли ташкил ва истифодаи фонди пулии умумидавлатии марказиест, ки барои иҷрои вазифаҳои давлат, амалисозии барномаҳои иҷтимоӣ истифода мешавад. Давлат буҷетро ба сифати воситаи муҳимтарини таъмини фаъолияти худ, барои танзими давлатии иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ истифода мебарад.

Буҷет категорияи иқтисодӣ буда,  муносибатҳои муайяни иқтисодиро дар бар мегирад. Вазифаҳои тақсимотӣ ва назоратӣ моҳияти буҷетро ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян менамоянд.

Даромадҳои буҷетӣ - маблағҳои пулии дар шакли беподош ва бебозгашт, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ихтиёри мақомоти ҳокимият ва идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идораи фондҳои мақсадноки давлатӣ воридшаванда мебошанд.

Даромадҳои буҷет вобаста ба андозсупорандагон, объекти андозбандӣ, усулҳои ҷамъоварӣ ва мӯҳлати пардохти андозҳо ва ғайра фарқ мекунад. Дар баробари ин даромадҳои буҷет як мақсад доранд - таъмини қисми даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногун.

Даромадҳои буҷет метавонанд характери андозӣ ва ғайриандозӣ дошта бошанд. Бо ибораи дигар сарчашмаи асосии ташкили буҷетро даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ташкил менамояд. Сарчашмаи асосии даромадҳои андозӣ арзиши  аз нав ташкилшуда, яъне даромади миллӣ ва даромадҳое, ки дар натиҷаи тақсимоти аввалини даромади миллӣ пайдо шудаанд (фоида, музди меҳнат, арзиши иловашуда, фоизи қарзӣ, рента, дивидент ва ғайра), ба шумор меравад. Даромадҳои ғайриандозии буҷет ё дар натиҷаи фаъолияти иқтисодии давлат ва ё аз нав тақсимкунии даромадҳои аллакай гирифташуда, вобаста ба сатҳи низоми буҷетӣ, ташкил карда мешаванд. [2. С. 11]

Даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз даромадҳои андозӣ,  ғайриандозӣ, инчунин аз воридоти маблағҳои беподош иборат мебошанд.

Ба даромадҳои андозӣ инҳо дохил мешаванд:

- андозҳои умумидавлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, ки феҳристу меъёри онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

Ба даромадҳои ғайриандозӣ инҳо дохил мешаванд:

- даромад аз хизмати пулакӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетии тобеи мақомоти мазкур расонида мешавад;

- фоидаи Бонки миллии Тоҷикистон тибқи меъёрҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

- даромад аз фурӯши захираву пасандозҳои давлатӣ, фоизи сармоягузории давлатӣ, ҳаққулсаҳмия аз дороии молиявӣ;

- воридоти маблағи бо тартиби ҷазоҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба фоидаи давлат ситонидашаванда.

Ҳамчунин ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таалluқ доранд:

- грантҳо ва дигар маблағҳои беподош, ки аз шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ ворид мешаванд;

- маблағе, ки дар натиҷаи ҳисоббаробаркунии байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба вуҷуд меояд;

- маблағҳое, ки аз истифода ва фурӯши амвол ворид мешаванд, ҳамчунин қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ, ки  дар буҷети ҷумҳуриявӣ берун аз даромад ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет истифода мешаванд. [2. С. 12]

Сохти даромадҳои буҷет тағйирёбанда буда, вобаста ба шароити мушаххаси иқтисодӣ муайян карда мешавад. Хароҷоти буҷет - маблағҳои пулии барои таъмини молиявии вазифаҳои давлат ва мақомоти маҳаллӣ равонашуда мебошанд. Ташкили хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои ягонаи сохт, шакл ва роҳу воситаҳои фаъолият, меъёрҳои ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ ва таъминоти буҷетӣ, хароҷоти маблағ барои хизматрасонии давлатӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, асос меёбад.

Хароҷоти буҷет хосияти транзитӣ дорад. Дар буҷет фақат ҳаҷми хароҷоти буҷетӣ мувофиқи моддаҳои хароҷот муайян карда мешавад, хароҷоти бевосита бошад аз ҷониби қабулкунандагон ва ё ихтиёрдорони маблағҳои буҷетӣ амалӣ мегардад.

Сохти хароҷоти буҷетӣ ҳар сол дар нақшаи буҷетӣ муқаррар карда мешавад, ки он ҳам аз даромади буҷет ва ҳам аз вазъияти иқтисодӣ, афзалиятҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

Сохти буҷетӣ ҷараёни ташкили буҷети давлатӣ ва низоми буҷетии мамлакат, муносибати байни звеноҳои алоҳидаи он, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти буҷетҳое, ки ба низоми буҷетии мамлакат дохил мешаванд, таркиби буҷетҳо, тартиби ташкил ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайраро муайян менамояд. Сохти низоми буҷетӣ аз сохти давлатӣ вобаста мебошад. [1. С. 10]

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатӣ унутарӣ буда, низоми буҷети давлатии он аз ду сатҳ иборат мебошад:

- сатҳи якум - буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- сатҳи дуюм - буҷетҳои маҳаллӣ.

Асоси низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро принсипҳои гуногун ташкил медиҳанд (нигаред ба расми 1). Ҳар яке аз принсипҳои дар расми 1 инъикосшуда дар ташкили низоми буҷетӣ нақш ва аҳамияти муҳим доранд.




**Расми 1. Принсипҳои ташкили низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ба низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин фондҳои мақсадноки давлатӣ дохил мешаванд. Фондҳои мақсадноки давлатӣ - фонди

маблағҳои пулиест, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби даромадҳо ё бо роҳи ҷудо кардани маблағ аз намудҳои мушаххаси даромад барои амалӣ гардонидани ин ё он мақсад истифода мешавад, ташкил меёбанд. Даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин ташкил меёбад:

- андоз ва боҷҳои махсуси мақсаднок ва ҳатмӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;
- маблағҳои ихтиёран супурдаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- маблағҳои буҷети давлатӣ;
- фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ, ки фонди дахлдор ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардонад;
- даромадҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Ҷамъоварӣ ва назорати пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад. [3. С. 8-9] Маблағҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ танҳо барои иҷрои амалҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст ва мутобиқи буҷети фондҳои мазкур, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ тасдиқ гардидааст, истифода мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки барои самаранокии чараёни буҷетӣ таъмини шаффофияти соҳаи буҷетӣ-андозӣ аҳамияти муҳим дорад. Ин маънои кушод ва озод будани ҳадафҳои сиёсати андозӣ, пешгӯикуниҳои буҷетиро дорад. Дар амал ин имкон медиҳад шахсони манфиатдор оиди амалиётҳои молиявии давлатӣ маълумоти пурра ва аниқро дар вақти зарурӣ дастрас намоянд. Риояи ин принсип имкон медиҳад дурнамои рушди молияи давлатӣ баҳогузорӣ шуда, сиёсати мақсадноки иқтисодӣ гузаронида шуда, нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва воқеии буҷет муқоиса карда шавад.

**Адабиёт**


1. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010-2014».
2. Қонунигузории молиявии Тоҷикистон, қисми 1, ш. Душанбе, 2010 с.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2012.


## СОХТ ВА НИЗОМИ БУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Аннотатсия**

Дар мақола моҳияти буҷети ҶТ ва нақши он дар ташкил ва рушди сохти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа нишон дода шуда, вай яке аз механизмҳое, ки барои аз ҷониби давлат гузаронидани сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамояд, арзёбӣ карда шудааст. Низоми буҷети давлатӣ, сохти даромадҳо ва хароҷотҳои буҷет шарҳ дода шуда, аҳамияти фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки барои амалӣ гардонидани ин ё он мақсад истифода мешаванд, нишон дода шудаанд.



**Вожаҳои калидӣ**: буҷет, андоз, сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодиёт, пардохт, сармоягузорӣ, фонд, назорат.


## STRUCTURE AND BUDGET SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Annotation**

The article reveals the essence and its role in the organization and development of the social and economic structure, the budget is assessed as one of the mechanisms that facilitate the state's social and economic policies. The characteristics of the system of the state budget, the structure of its incomes and expenditures are given, and the value of the targeted state funds used for this or that purpose is shown.



**Keywords:** budget, taxes, social policy, economics, payment, investment, fund, control.

**ҚУРБОНОВ** Гулбидин
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**КУРБОНОВ** Гулбидин
Магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана
специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
**KURBONOV** Gulbidin,
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit

# МОДЕЛҲОИ ТАШАККУЛИ ҲИСОБОТИ ИДОРАКУНӢ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# МОДЕЛИ ФОРМИРОВАНИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ ОТЧЕТНОСТИ В СООТВЕТСТВИИ С МЕЖДУНАРОДНЫМИ СТАНДАРТАМИ

**Аннотация**

В данной статье моделирование формирования управленческой отчетности обоснованно с международными стандартами научного изучения. При изучении данной задачи можно придти к такому выводу, что бухгалтерско-управленческая отчетность в настоящее время, на основе этой модели, является более выгодной и актуальной.

**Ключевые слова:** управленческая отчетность, бухгалтерская финансовая отчетность, управленческий учет, МСФО, стоимость.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт таваҷҷуҳ ба системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси заминаҳои иттилоотии стандартҳои байналмилалӣ торафт зиёд мешавад; сабаби инро мутахассисон дар он медонанд, ки ҳисоботи идоракунӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои пешрафтаи хориҷиро дар кори баҳисобгирии кооперативҳои тиҷоратӣ муттаҳид мекунад. Маълум аст, ки барои қабули қарорҳои муҳимми тактикӣ ва стратегӣ ба ҳар як кооперативи тиҷоратӣ системаҳои босифату кафолатноки гирифтани иттилооти идоракунӣ зарур аст.

Аммосистемаҳоибаҳисобгириииидоракуниибаиттилоотимолиявӣасосёфтаибаҳис обгириииидоракунииҶумҳурииТоҷикистоннаҳамавақтталаботиидоракунироқаноатма ндмесозанд. Маҳз ба ин сабаб кооперативҳои тиҷоратии мамлакат ба ҳамон иттилооте, ки тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ташаккул ёфтаанд, бартарӣ медиҳанд.

Чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки манбаи маълумоти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) барои тартиб додани ҳисоботи идоракунӣ оё мувофиқат мекунанд ё на? Барои ин зарур аст, ки то чӣ андоза ба ҳам мувофиқат кардани ҳадафҳои ҳарду намуди баҳисобгирӣ: Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва Стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Тоҷикистон (СБМТ) таҳлил карда шаванд. Дар ҷадвале, ки дар зер пешниҳод карда мешавад, муқоисаи системаҳои гуногуни баҳисобгирӣ, ки дар асоси СБҲМ ва СБМТ ташаккул ёфтаанд, вобаста ба истифодаи онҳо бо ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ анҷом дода шудааст.

Инҷо дар бораи хусусиятҳои асосии Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) андак маълумот додан зарур меояд. Зеро онҳо аз СБМТ то андозае фарқ мекунанд. Ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирӣ, ҳамчунин, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) хусусиятҳои ягона доранд: онҳо дар асоси маълумоти баҳисобгирии молиявӣ тартиб дода мешаванд ва бояд он далелҳои саҳеҳро, ки ба истифодабарандагон манфиат медиҳанд, инъикос намоянд. Албатта, баҳисобгирии идоракуниро мумкин аст дар асоси маълумотҳои бадастоварда чун дар баҳисобгирии СБҲМ тартиб дод. Аммо мушкилот дар он аст, ки байни баҳисобгирии миллӣ ва

байналмилалӣ дар тарзи омодакунии ҳисобот, ҳамчунин, баҳодиҳии моддаҳои он фарқият мавҷуд аст. Фарқият асосан дар ҳадафҳо мушоҳида мешаванд, ҳамчунин, аз он иборатанд, ки ин стандартҳо ба категорияи гуногуни истифодабарандагон, ки ин намудҳои баҳисобгирӣ баонҳо пешниҳод мегарданд, нигаронда шудаанд. Бо вуҷуди ин чунин равия барои истифода имконпазир аст ва барои боз ҳам самаранок ва аниқ гаштани баҳисобгирии идоракунӣ ёрӣ мерасонад. Дар натиҷаи таҳлили ҳадаф ва талаботи истифодабарангони ҳисоботҳо маълум мегардад, ки бо мақсади идоракунӣ бештар далелҳои молиявии СБҲМ мувофиқанд. Зеро дар оғоз ин стандартҳо бо баҳисобгирии талаботи сармоягузорон барои аз тарафи онҳо қабул шудани қарорҳои иқтисодӣ тартиб дода шудаанд[1]. Бояд қайд кард, ки дар шароити ҳозира Стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Тоҷикистон (СБМТ) ба СБҲМ дар ҳоли наздик шудан аст. Аз ин рӯ, сифати маълумоти молиявӣ тибқи стандартҳои миллӣ рӯ ба беҳбудӣ нигарондааст. Аммо гуногунии ҳадафҳои тартибдиҳии ҳисобот аз рӯйи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ нишон медиҳад, ки усули ба роҳ мондани ҳисоботҳо тибқи СБҲМ баҳри ҳадафҳои идоракунӣ баръало бартарӣ доранд.

Аммо аксар вақт иттилооти молиявие, ки дар асоси Стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Тоҷикистон (СБМТ) ташаккул ёфтаанд, ҷавобгӯи талаботи идоракунӣ нестанд. Сабабҳои онро номбар мекунем:

1) иттилооти молиявӣ дар ҷумҳурии мо асосан барои мақомоти назоратӣ тартиб дода мешаванд, аз ин рӯ, хеле ба тартибу қоида даровардa шудаанд;

2) методологияи баҳисобгирии муҳосибӣдар Тоҷикистон аксар вақт дар асоси талаботи баҳисобгирии мақомоти андоз сохта шудааст;

3) дар тартиби (продседураҳои) баҳисобгирии мо равиши расмиятпарастӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад;

4) далелҳои овардаи молиявии СБМТ мумкин аст барои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ нокифоя бошад [2].

Дар мавриди муқоисаи хоначаҳои пуркардашудаи мафҳумҳои ҳисоботҳои идоракунӣ ва молиявӣ баръало дидан мумкин аст, ки ҳисоботи идоракунӣ нисбат ба баҳисобгирии молиявӣ мафҳуми хеле васеъ аст. Барои мақсади идоракунӣ иттилооти гуногунранг зарур мешавад (ҳам молиявӣ ва ҳам ғайримолиявӣ). Дар ин ҳолат барои системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ далелҳои молиявӣ асоси иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд.

Ин ҷо махсусиятҳои системаҳои баҳисобгирии СБҲМ ва СБМТ, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ ба кор мераванд, барои муқоиса оварда мешаванд [3]:

| Соҳаи муқоиса | Баҳисобгирии идоракунӣ | СБҲМ | СБМТ |
|---|---|---|---|
| Ҳадафҳо | Ташаккули иттилоот барои идораи стратегӣ ва фаврии ташкилоти тиҷоратӣ, қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ, баланд бардоштани самаранокии идора. | Ба истифодабарандагон дастрас намудани иттилооти аниқ ва манфиатовар барои аз тарафи онҳо қабул кардани қарор нисбат ба кооперативи тиҷоратие, ки ҳисоботро оид ба СБҲМ тартиб медиҳад. Дар ҳолати ҳатмӣ будани ташаккули баҳисобгирии молиявӣ қабули қарорҳои идоракунӣ, пешниҳоди онҳо ба мақомоти назоратӣ. | Пешниҳоди иттилооти аниқ ва манфиатовар, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ заруранд. Пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти назоратӣ тибқи меъёрҳои қонунгузориҳои ҶТ, муайян кардани манбаъҳои андоз. |
| Методология | Методологияи дохилие, ки ташкилоти тиҷоратӣ таҳия намудааст, мумкин | СБҲМ-е, ки дар саннаи ҷории ҳисоботӣ мавриди истифода аст, истифодаи васеи таҷрибаи касбии | Қонунгузориҳои ҶТ, ҳамчунин, метавон аз |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | аст роҳҳо ва усулҳои маъмул истифода бурда шаванд. | муҳосиб. | СБҲМ ё таҳияи дохилии кооперативи тиҷоратӣ истифода бурд – агар дар қонунгузорӣ барои далели аниқи фаъолияти хоҷагӣ батартибандозӣ (регламент) набошад. |
| Талаботи қонунгузорӣ | Талабот ва батартибандозӣ (регламент)-и ҶТ хеле маҳдуданд (онҳо танҳо барои ташкилотҳоибузурги истеҳсолии тиҷоратӣ мавҷуданд). | Талабот ва батартибандозӣ (регламент)-и ҶТ маҳдуданд (танҳо барои ташкилотҳои кредитӣ,суғуртавӣ, клирингӣ, ширкатҳои илмию истеҳсолӣ (ШИИ), нархмуайянкунанда ва ташкилотҳои бузурги истеҳсолию тиҷоратӣ мавҷуданд). | Талаботи муфассали қонунгузорӣ ва регламентҳо барои баҳисобгирии фактҳои зиёди фаъолияти хоҷагӣ, шакл ва тартиб (протседураҳои) пешниҳоди баҳисобгириҳои молиявӣ. |
| Назорати ташаккул ва пешниҳоди ҳисоботдиҳиҳо | Менеҷмент | Сармоягузорҳо, менеҷмент, дар ҳолати ташаккули ҳатмии ҳисоботдиҳии муттаҳидшудаи(консолидиразияшудаи) ҳисоботдиҳии молиявӣ аз тарафи Бонки миллии ҶТ, мақомоти назораткунанда барои кооперативҳои тиҷоратӣ. | Мақомоти давлатии назоратӣ. |

Дар мавриди гузориши масъала оид ба системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккули ҳисоботдиҳии идоракунӣ кооперативи тиҷоратиро зарур аст, ки муайян кунад кадом иттилооти молиявиро бояд ба системаи мазкур муттаҳид созад. Дар ин ҳолат асоси иттилоотӣ ҳангоми ба роҳ мондани системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ мумкин аст аз инҳо иборат бошанд:

1. Иттилооти молиявие, ки дар асоси Стандартҳои ҳисоботдиҳии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон (СҲМТ) ташаккул ёфтаанд;
2. Иттилооти молиявӣ дар асоси СБҲМ;
3. Иттилооти молиявии алоҳида ҷамъоварда мутобиқи батартибандозӣ (регламент)-и дохилии кооперативи тиҷоратӣ (чи тавре ки иттилооти молиявии «идоракунӣ» номида мешавад) [4].

Вобаста ба таъмини иттилоотии ташкилот системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар кооперативи тиҷоратӣ метавонад се модели (шакли) ташаккули ҳисоботдиҳии идоракунӣ дошта бошад, ки онро дар расми 1 нишон медиҳем.

Махсусиятҳои ҳар як моделро алоҳида дида мебароем. Дар доираи модели аввал дар кооперативи тиҷоратие, ки баҳисобгирии муҳосибиро танҳо бо стандартҳои ватанӣ анҷом медиҳад, системаи мухтори (автономии) баҳисобгирии идоракунӣ ташкил карда намешавад. Чун қоида инҳо кооперативҳои хурди тиҷоратӣ мебошанд. Онҳо дар ҳолати мазкур қарорҳои идориро дар асоси ҳисоботдиҳии молиявии муайянкардаи СБМТ, бо далелҳои баҳисобгирии таҳлилӣ пурракардашуда қабул менамоянд.




Манбаи маълумот: Дуванская Н.А., Сверчкова О.Ф. Разработка модели формирования управленческой отчетности в соответствии с международными стандартами.

**Расми 1**. **Моделҳои ташаккули ҳисоботдиҳии идоракунӣ вобаста ба таъмини иттилоотии ташкили системаҳои баҳисобгирии идоракуниӣ дар кооперативи тиҷоратии «Гулбидин»**.

Дар доираи модели дуюм, вақте ки дар кооперативи тиҷоратӣ баҳисобгирӣ аз рӯйи стандартҳои ватанӣ ва байналмилалӣ сурат мегиранд, баҳисобгирии идоракунӣ дар пойгоҳи таъминоти баҳисобгирию таҳлилӣ дар доираи ин ду шаклҳо (форматҳо)ташаккул меёбад. Ҳисоботдиҳии идоракунӣ дар ин маврид дар асоси фазои иттилоотие, ки аз якҷоягии ҳисоботдиҳии муҳосибӣ (молиявӣ) СБМТ, ҳисоботдиҳии молиявӣ аз рӯйи СБҲМ, ҳамчунин, далелҳо барои тағйирдиҳӣ (трансформатсияи) ҳисоботдиҳии муҳосибӣ (молиявӣ) ба ҳисоботдиҳии идоракунӣ дар асоси методҳои дахлдори тағйирдиҳӣ (усули муттаҳидкунанда –интегриронида) ҳосил шудааст, шакл мегирад. Чунин маълумот ба роҳбарияти корхона дар шакли тасдиқшудаи ҳисоботдиҳии идоракунӣ пешниҳод мегардад. Бояд гуфт, ки ин усули муттаҳидшаванда (интегриронида)-и бурдани баҳисобгирии идоракунӣ дар ҳамон корхонаҳои тиҷоратӣ мавриди истифода аст, ки баҳисобгирӣ аз рӯйи СБМТ ва СБҲМ анҷом дода мешаванд, дар онҳо баҳисобгирии тасвирӣ (зеркальный) ба кор намеравад. Дар чунин корхонаҳо дар шароити баамаломада кооперативи тиҷоратӣ алгоритми ягонаи ҳисобҳо (счетҳо) ва гузарониши (проводкаҳои) типии муҳосибиро ба кор мегирад.

Ҳангоми ташкили системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботдиҳии идоракунӣ омили асосӣ самаранокии иқтисодии он ба ҳисоб меравад. Самаранокии иқтисодӣ сифати қарорҳои идоракунии қабулшударо дучанд зиёд мегардонад [5]. Бояд гуфт, ки ташкил ва амалкарди муҳосиботи идоракунӣ ба мақсад мувофиқ аст. Зеро натиҷаи манфиатноки аз он ба даст омада аз хароҷоти нигоҳдории он афзун хоҳад буд. Новобаста ба он ки ба ҳар ҳол, натиҷаи мусбати ба роҳ мондани фаъолияти муҳосиботи идоракунӣ ба зудӣ чашмрас мегардад, муҳлати баровардани хароҷоти сарфшуда дар кооперативи тиҷоратӣ метавонад дароз бошад. Самаранокии иқтисодии он аз ҳаҷми ҷоришавии системаҳои муҳосиботи идоракунӣ,

ҳамчунин, дараҷаи автоматикунонии он вобаста аст. Ба таври анъана, баҳисобгирии муҳосибии молиявӣдар кооперативҳои тиҷоратӣ дар доираи нақшаи ҳисоботии ягона, яъне, аз рӯйи схемаи муттаҳидшаванда (интегрированикарда) мавриди амал қарор дода мешавад.

Дар доираи модели сеюм дар кооперативи тиҷоратӣ фаъолияти ҳисоботӣ аз рӯйи стандартҳои ватанӣ ва байналмилалӣ ташаккул меёбад; системаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботдиҳии идоракунӣ бошад, дар асоси мунтазам шакл мегирад.Ногуфта намонад, ки агар шакли мухторӣ (автономӣ) бошад, ҳар як системаи баҳисобгирӣ: молиявӣаз рӯйи далелҳои СБМТ ва СБҲМ ва идоракунӣ ба таври сарбаста шакл мегиранд. Дар муҳосиботи молиявӣ, ки дар асоси маълумотҳои СБМТ ва СБҲМ мавриди истифода қарор мегиранд, хароҷотҳо аз рӯйи ҷузъҳои иқтисодӣ ва дар идоракунӣ аз рӯйи моддаҳои нархгузорӣ (калкулятсия) ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд.

Ҳангоми ба роҳ мондани ҳар як модели зикршуда дар кооперативи тиҷоратӣ бояд давраҳои тартибдиҳӣ ва пешниҳоди ҳисоботдиҳии идоракунӣ ҷудо карда шаванд; ин ҳолат дар расми 2 нишон дода мешавад.

Дар мавриди ташкили системаи баҳисобгирии идоракунӣ истифодаи маълумотҳои молиявии СБҲМ ҳамчун асос метавонад бештар самарабахш бошад. Дар ин маврид махсусиятҳои методологияи стандартҳои байналмилалиро бояд ба назар гирифт. Аз ҷумла метавон тамоми нишондоди СБҲМ ё мумкин аст танҳо баъзе стандартҳо ва равишҳо мавриди истифода қарор гиранд. Барои он ки самаранокии истифодаи ҳисоботдиҳии СБҲМ баланд бардошта шавад, бояд равиши кор бо маълумотҳои СБҲМ на ба таври расмиятчигӣ, балки аз рӯйи талаботи бизнес ба роҳ монда шавад [6]. Дар умум, ҳангоми қабули қарор оид ба истифодаи методологияҳои СБҲМ дар баҳисобгирии идоракунӣ зарур аст, ки тамоми бартариҳо ва норасоиҳои стандартҳои байналмилалӣ барои ҳадафҳои идора дар назар дошта шаванд.




**Расми 2. Давраҳои тартибдиҳӣ ва пешниҳоди ҳисоботдиҳии идоракунии кооперативҳои тиҷоратӣ**

Дар асоси маълумоти ҷамъоварда ду модели ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботдиҳии идоракунӣ дар кооперативҳои тиҷоратӣ таҳия карда шудааст, ки онро дар расми 3 пешниҳод менамоем.




**Расми 3. Моделҳои ташаккули ҳисоботдиҳӣ аз рӯйи СБҲМ кооперативи тиҷоратӣ**

Манбаи маълумот: Дуванская Н.А., Сверчкова О.Ф. Разработка модели формирования управленческой отчетности в соответствии с международными стандартами.

Модели якум, ки ҳисоботдиҳии молиявии он аз рӯйи СБҲМ ташаккул ёфтааст, дар корхонаҳо бештар мавриди истифода аст. Дар ин усул ташаккули ҳисоботдиҳии молиявӣ дар асоси иттилооти ҳисоботдиҳии молиявии муҳосиботӣ аз рӯйи СБМТ, ҳамчунин, маълумоти таҳлилие, ки барои тартиби (проседураи) тағйирдиҳии (трансформатсияи) ҳисоботдиҳӣ дар шакди СБҲМ зарур аст, сурат мегирад.

Модели дуюм дар амал вақте ҷорӣ мегардад, ки системаи молиявӣ дар асоси иттилооти идоракунӣ сохта шавад. Ин ҳолат барои мисол ҳамон вақт амалӣ мегардад ва имконпазир аст, ки сатҳи методологияи системаи ташаккулёфтаи баҳисобгирии идоракунӣ хеле баланд аст ва кооперативи тиҷоратӣ ҳангоми татбиқ намудани СБҲМ коркарди худ ва маълумоти баҳисобгирии идоракуниро мавриди истифода қарор медиҳад. Дар ин ҳолат баҳисобгирии идоракунӣ дар ҷойи аввал меистад. Аммо дар амал талабот ба бунёд ё муносибкунии баҳисобгирии идоракунӣ бо назардошти системаи муайяни молиявӣ ба миён меояд. Барои мисол, ташкилоти тиҷоратӣ СБҲМ-ро ба роҳ мондааст. Дар ин ҳолат қарор дар бораи муносибкунии (оптимизатсияи) баҳисобгирии идоракунӣ ва истифодаи методология ва маълумоти СБҲМ барои ҳадафҳои идоракунӣ қабул карда мешавад. Дар ин ҳолат системаи молиявӣ барои таркиби молиявии баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун манбаи (базаи) иттилоотӣ хизмат мекунад. Ҳангоми муайян кардани системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси СБҲМ зарур аст, ки ҳолатҳои зерин дар назар дошта шаванд:

- «идентификатсияи ҳадафҳои менеҷмент, вазифаҳои фаврӣ ва стратегӣ, муайян кардан ва ба дараҷаи камтарин расондани муросои манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагони ҳисоботи СБҲМ ва ҳисоботи идоракунӣ;
- алоқаи байниҳамдигарии методологияҳои ҳисоботдиҳии идоракунӣ бо асосҳои методологии СБҲМ, аз он ҷумла ҷудо намудани он қисмати батартибандозӣ (регламент)-ҳое, ки ба талаботи СБҲМ пурра ҷавобгӯянд. Ҳамчунин, интихоби ҳамонметодологияеро бояд дар назар дошт, ки он танҳо барои мақсадҳои идоракунӣ истифода мешаванд, ё ҳамонеро, ки мумкин аст ба талаботи СБҲМ ҷавобгӯ нестанд.

Масъалаҳои методология мумкин аст дар сиёсатҳои баҳисобгирии дахлдор инъикос ёбанд;

- интихоби модели баҳисобгирии хароҷот;
- шакл (форматҳо)-и ҳисоботҳо ва таҳлилҳои молиявии ба ҳисоботҳо воридгардида, нақшаи ҳисобҳо ва дигар фишангҳои техникӣ барои ташаккули ҳисоботдиҳиҳо;
- баробаркунонӣ (синхронизатсияи), ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти молиявӣ барои кам кардани муҳлати омодакунии ҳисоботдиҳии СБҲМ ва ҳисоботдиҳии идоракунии фаврӣ;
- ташкили истифодаи босамари иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ барои ташаккули ҳисоботдиҳии СБҲМ;
- таъмини барномавӣ бо имконияти баробаркунонӣ (синхронизатсияи) системаҳои баҳисобгирии СБҲМ ва системаҳои идоракунӣ;
- ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти ғайримолиявӣ».

Аз ҷумлаи ҷиҳатҳои мусбати баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси СБҲМ, ҳамчунин, афзоиши муқоисакунонии иттилооти натиҷаҳои фаъолият бо ширкатҳои дигар (ҳангоми ба миён омадани чунин зарурат)-ро зикр кардан мумкин аст. Зеро баҳисобгирии дар асоси танҳо як талабҳо (принсипҳо) бунёдёфта чунин имконияти мусоидро фароҳам хоҳад овард.

Баробари ин, омодакунии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси СБҲМ дорои норасоиҳо низ мебошад. Аз ҷумла дар ин бобат ба таври доимӣ тағйир ёфтани стандартҳоро номбар кардан мумкин аст. Дар натиҷа ба таври фаврӣ ба назари эътибор гирифтани онҳо барои баҳисобгирии идоракунӣ амалан имконнопазир аст.

Яке аз дигар мушкилоти тартибдиҳии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси маълумоти СБҲМ аз он иборат аст, ки на ҳама вақт натиҷаҳои ин намуди баҳисобгириҳо ба ҳам мувофиқ меоянд. Ин ба агрегиризатсияи гуногун ва аз ҳад зиёд тақсим намудани маълумотҳо вобаста аст.

Ҳамин тавр, имконияти ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси СБҲМ ва СББМ-баҳисобгирӣ аз рӯйи манбаи иттилооти баҳисобгирии муҳосиби идоракунӣ имконпазир мебошад. Ҳарчанд ин кор аз тарафи кооператив барои ташкили он саъю кӯшиши бештарро мехоҳад. Бо вуҷуди ин, пеш аз он ки ин лоиҳа мавриди амал қарор дода шавад, ҳадафҳои рушди минбаъдаи бизнес ва зарурияти андешидани чунин чораҳо аз нуқтаи назари ин ҳадафҳо бояд бодиққат таҳлил карда шаванд. Системаи нисбатан беҳтарини омодагии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии идоракунӣ, ҳамчунин, СБҲМ истифодаи на танҳо маълумоти ҳар ду баҳисобгирӣ, балки дар зарурат истифода аз манбаъҳои иттилоотии Тоҷикистонро дар назар дорад. Ҳангоми ба кор гирифтани чунин равиш системаибаҳисобгирӣ ҳам аз рӯйи СБҲМ, ҳам аз рӯйи баҳисобгирии идоракунӣ босамар хоҳад буд.

**Адабиёт**


1. Воронченко Т.В. Оптимизация процесса подготовки отчетности, составленной российскими организациями в соответствии с МСФО // Аудиторские ведомости. – 2015. - №6. – С.38-47.
2. Дружиловская Т.Ю.,Дружиловская Э.С. Реформирование системы нормативного регулирования российского бухгалтерского учета на основе МСФО // Международный бухгалтерский учет. -2014. - №19 (313). – С. 2-18.
3. Богатая И.Н., Евстафьева Е.М. Исследование современных тенденций развития бухгалтерского учета и отчетности в Российский Федерации // Международный бухгалтерский учет. -2013. -№25. – С. 2-17.
4. Дуванская Н.А. Эволюция реализации перехода российского бухгалтерского учета в формат международных стандартов финансовой отчетности / Н.А. Дуванская, О.Ф. Сверчкова // Экономика и предпринимательство. – 2015. - №2 (ч. 1). – С. 1069-1072.
5. Концептуальные основы финансовой отчетности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http: //www/minfin.ru / common // main / kontseptualnyeosnovynasaytbezpredislovie (дата обращения: 01.10.2016).

6. Роганова С. Управленческий учет и МСФО варианты взаимодействия // Актуальная бухгалтерия. – 2014. - №7.

## МОДЕЛҲОИ ТАШАККУЛИ ҲИСОБОТИ ИДОРАКУНӢ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Аннотатсия

Дар мақолаи мазкур моделҳои ташаккули ҳисоботи идоракунӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиши илми қарор гирифтааст. Ҳангоми омӯзиши масъалаи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки ташкил намудани ҳисоботи идоракунӣ дар шароити имрӯза дар асоси ин моделҳо манфиатовар ва актуалӣ мебошад.

**Калидвожа:** ҳисоботи идоракунӣ, ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, СБҲМ, арзиш.

## MODELS FOR THE FORMATION OF MANAGEMENT REPORTING IN ACCORDANCE WITH INTERNATIONAL STANDARDS

**Annotation**

In this article the models of the management of accounting reports are studied scientifically based on international standards. While studying this issue, it is possible to conclude that the creation of management reports in today's context on the basis of these models are beneficial.

**Keywords:** management reporting, accounting reporting, management accounting, IFRS, cost.



**АЛИШЕРИ** Сулаймон
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**АЛИШЕРИ** Сулаймон
Магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана
специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
**ALISHERI** Sulaimon
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit

## МОҲИЯТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК
## СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНО – ЭКОНОМИЧЕСКОГО ЗНАЧЕНИЕ СОВМЕСТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Аннотация:**

В этой статье автор предложил свои пожелания по социально-экономической значимости совместных предприятий и пути их совершенствования.
**Ключевые слова**: производственные сферы, первичный капитал,
рыночная экономика;

Дар замони муосир вақте ки муносибатхои иқтисодӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон дар зери таъсири қонунхои бозор амал мекунад, мутобиқшавии иқтисоди миллӣ ба ин қонуниятхо зарурияти объективи гирифта, дар иқтисодиёт шаклхои нави ташкили-хуқуқии фаъолияти хочагидори ба вучуд меоянд, ки дар шароити иқтисоди бозори дар байни онхо корхонахои муштарак мақоми намоёнро ишғол менамояд. Тачрибаи чахони то чи андоза самаранок будани шакли саххомии хочагидориро дар раванди таърихии тараққиёти муносибатхои бозорӣ баръало нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки чунин номуайянӣ асосан бо сабаби дастрас набудани ахбори пурраву боэътимод, дуруст истифода бурда натавонистани ахбори мавҷудбуда оид ба бозор ба миён меояд. Дар ин шароит барои иштирокчиёни асосии бозор – корхонаҳои гуногуни истеҳсолӣ, аз қабили ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои

муштарак, тиҷоратӣ ва ғайра интихоби дурусти стратегияи хоҷагидорӣ, нақшаи рушди иқтисодии ба таври оқилона тартибдодашуда, сиёсати ҳисобдорӣ, системаи идоракунӣ ва таҳлили иқтисодӣ дар маҷмӯъ устувории молиявиро таъмин менамоянд.

Устувории молиявӣ натиҷаи фаъолияти якҷояи тамоми ҷузъҳои системаи муносибатҳои молиявӣ дар корхонаи муштарак буда, онро маҷмӯи омилҳои истеҳсолию хоҷагидорӣ ва молиявӣ муайян мекунад. Истифодаи самараноки тамоми намудҳои захираю сарватҳо, кам намудани хароҷот ва афзун намудани даромаднокӣ вазифаи муҳимтарини фаъолияти корхонаҳои муштарак мебошад.

Корхонаи муштарак – ин шакли нисбатан нави ташкилию иҷтимоии соҳибкории байналхалқӣ мебошад.

Корхонаи муштарак гуфта чунин шакли ҳамкории хоҷагӣ ва ҳуқуқиро бо шарикони хориҷӣ меноманд, ки дар он моликияти умумӣ ба захираҳои моддию молиявӣ ташкил ёфта, барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ, илмию техникӣ, тиҷорати хориҷӣ ва ғайра истифода карда мешавад.

Хусусияти хоси корхонаҳои муштарак аз он иборат аст, ки молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолшуда моликияти умумии шарикони ватанӣ ва хориҷиро ташкил мекунад. Фурӯши ҳамаи намудҳои маҳсулот ҳам дар мамлакати ҷойгиршудаи корхонаҳои муштарак ва ҳам дар хориҷи он ба амал баровара мешавад.

Моликияти муштарак яке аз хусусиятҳои фарққунандаи корхонаҳои муштарак мебошад, онҳо намуди махсуси моликият буда, дар натиҷаи инкишофи ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ пайдо мешаванд.

Хусусияти муҳими дигари корхонаҳои муштарак бар хилофи дигар шаклҳои ҳамкориҳои иқтисодии байналхалқӣ ҳассосии онҳо ба вазъи тағйирёфтаистодаи сиёсӣ дар кишвари ҷойгиршуда мебошад.

Айни замон ба шарофати устувории сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкилу фаъолияти иқтисодии корхонаҳои муштарак шароити мусоид фароҳам омадааст. Бинобар ин қайд кардан бамаврид аст, ки дар давлатҳое, ки ояндаи сиёсии онҳо ноустувору номуайян аст, соҳибкорони хориҷӣ аз сармоягузорӣ ба ин кишвар худдорӣ менамоянд.

Корхонаҳои муштарак бо мақсади дар амал татбиқ намудани ҳадафҳо, мақсадҳо ва манфиатҳои тарафҳо таъсис дода мешаванд. Сармоя ба қаламрави бегона ҳаракат намуда, дар ҳисобу китоб на фақат арзиши қувваи коргар, балки сифати замину канданиҳои фоиданоки истифодашаванда, тайёрии касбии кадрҳо, параметрҳои техникию технологӣ, имкониятҳои бозории дохилии мол, инчунин имкони зиёд кардани содироти маҳсулоти истеҳсолшаванда ба бозори кишварҳои сеюм ва омилҳои дигари ба фоидаи корхонаҳои муштарак таъсиркунандаро ба инобат мегирад. Бояд қайд кард, ки аз нигоҳи иқтисодӣ иштироки соҳибкорон дар ташкили воҳидҳои муштараки хоҷагидорӣ, чун шакли содироти сармоя дониста мешавад.

Кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри дастгирии ҳамаҷониба ва рушди соҳибкорӣ ҳам бо истифодаи усулҳои бевоситаи иқтисодӣ, ҳам бо роҳи дастгирӣ ва идораи бевоситаи баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ равона карда мешавад. Давлат бо мақсади муҳайё намудани шароити ташаккул ва рушди соҳибкорӣ заминаи қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии онро такмил медиҳад, асоси қонунии муттаҳидшавии доираҳои соҳибкорӣ ва инфраструктураи бозории фаъолияти соҳибкориро таҳким медиҳад.

Дастгирии давлатӣ дар мавриди таъсиси корхонаҳои муштарак, муқаррар намудани системаи афзалиятҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавиро дар назар дорад. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми мониторинги доимии татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки фаъолияти истеҳсолию иқтисодии корхонаҳои

муштаракро танзим мекунанд, ташаккул дода мешавад.

Бинобар ин иштироки соҳибкорон дар ҷараёни рушди иқтисод тавассути таъсиси корхонаҳои муштарак, татбиқи барномаю лоиҳаҳои калони давлатӣ дар асоси рақобат ташкил карда мешавад. Дар навбати худ рақобати одилона тариқи гузаронидани музояда ва тендерҳо ташкил карда мешавад.

Давлат барои ташаккул додани рушди корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар шароит фароҳам меоварад, ки ба инкишоф додани асосҳои институтсионалию молиявӣ, гирифтани ҳуқуқи захираҳо, технологияи пешқадам ва роҳ ёфтан ба бозори ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, вобаста ба шароитҳои мушаххас ба баъзе намудҳои фаъолияти корхонаҳои муштарак системаи андозбандии имтиёзнок ҷорӣ карда мешавад.

Давлат инчунин аз ҷониби худ корхонаҳои муштаракро дар бобати ташаккул додани сармояи ибтидоӣ, ташкилу рушди истеҳсолот дастгирӣ намуда, дар асоси қонунҳои амалкунанда ёрии амалӣ мерасонад.

Аз ин рӯ бо мақсади маблағгузории таъсиси корхонаҳои муштарак ва тараққӣ додани корхонаҳои муштараки амалкунанда давлат аз ҳисоби фондҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дастгирии молиявӣ низ пешбинӣ менамояд. Барои аз бонкҳои тиҷоратӣ гирифтани қарзҳои кӯтоҳмӯҳлат ва дарозмӯҳлат ба корхонаҳои муштарак мусоидат менамояд.

Таъсис ва ташаккули корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар давраи аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак бо иштироки корхонаҳои хориҷӣ таъсис дода мешуданд, ки мақсади асосӣ гирифтани фоида ба ҳисоб мерафт.

Солҳои охир таъсиси корхонаҳои муштарак ҳамчун воридшавии сармоя ба кишвар баҳо дода мешавад. Дар ин давра фаъолияти корхонаҳои муштарак на барои ба даст овардани даромад, балки ба мақсади ба бозори ҷаҳонӣ баровардани молу хадамот сурат гирифтааст.

Корхонаҳои муштарак бештар дар соҳаҳое таъсису инкишоф ёфтаанд, ки барои рушди ин соҳа маблағ нокифоя буданд. Дар давраи аввал корхонаҳои муштарак танҳо дар соҳаҳои ғайриистеҳсолию тиҷоратӣ инкишоф ёфтанд.

Имрӯз бошад, имконияти рушди корхонаҳои муштарак дар соҳоҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла иншооти бузург ба назар мерасад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 400 корхонаҳои муштарак бо ҷалби сармояи хориҷӣ фаъолият доранд, ки аз байни онҳо ба таври махсус таъкид кардани он корхонаҳои муштараке, ки солҳои охир фаъолияти худро хуб ба роҳ мондаанд, аз қабили корхонаҳои муштараки «Зарафшон», «Дарвоз» оид ба истихроҷи тилло, корхонаҳои муштараки «Тоҷиктекстайлз», «Ҷавонӣ», «Ришта» оид ба коркарди нахи пахта ва саноати ресандагию бофандагӣ, корхонаҳои муштараки «Оби зулол», «Буратино» оид ба истеҳсоли нӯшобаҳо ва оби минералӣ ва ғайра бамаврид аст.

Заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои таъсис ва рушди корхонаҳои муштарак ба вуҷуд омадааст, шумораи ширкатҳои азими хориҷие, ки дар ҳамкорӣ бо мо корхонаҳои муштарак таъсис доданӣ ҳастанд, тадриҷан меафзояд.Аввалин маротиба фикри таъсиси корхонаи муштарак дар даврони бозсозии Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омада буд. То он дам дар мавзӯи таъсиси корхонаи муштарак ягон дошишманди соҳаи иқтисод таклифи судманде пешниҳод накарда буд.

Аз ин рӯ оғози ҷараёни таъсисдиҳии корхонаи муштарак дар қаламрави давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ ба давраи бозсозӣ мансуб аст. Дар ин раванд монеаҳои зиёде мавҷуд буданд ва ба воридоту содироти сармоя дар он вақт аксарият назари манфӣ доштанд.

Он солҳо ба ягон корхона барои мустақилона татбиқ намудани равобити иқтисодии хориҷӣ иҷозат дода намешуд. Аз тарафи дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии

танзимкунандаи ин амал вуҷуд надошт.

То ба даст овардани истиқлолият (соли 1991) мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон корхонаи муштарак амал намекард. Яке аз аввалин корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон бо ҷалби сармояи хориҷӣ – ин корхона оид ба истеҳсоли тилло- «Зарафшон» мебошад, ки то ҳол мунтазам фаъолият дорад.

Ҳоло бошад, мувофиқи тибқи маълумоти Вазорати адлия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 478 корхонаҳои муштарак бо сармояи зиёда аз 120 давлати ҷаҳон ба қайд гирифта шудааст. Вале қайд кардан бамаврид аст, ки бо сабабҳои гуногун аксари ин корхонаҳои муштарак танҳо сабти ном шудаанду дар асл фаъолият надоранд.

Инчунин таҳлили соҳавии онҳо нишон медиҳад, ки аксарияти корхонаҳои муштарак  дар соҳаи тиҷорату истеҳсоли металлургияи ранга, коркарди пахта ва истеҳсоли нӯшобаҳо фаъолият менамоянд.

Дар солҳои охир бошад, ҷалби сармоя ва ташкили корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои инфрасохторӣ, телекоммуникатсия ва энергетика вусъати тоза пайдо карда истодааст. Мисол, корхонаҳои муштараки зеринро номбар кардан мумкин аст:

- дар соҳаи алоқа:
- «ТТ-Мобайл»;

1. «Индиго-Тоҷикистон»;
2. «ТК-Мобайл»;
3. «М-Теко»;

- дар соҳаи сохтмони неругоҳҳо:

4  «Сангтӯда-1»;
5. «Сангтӯда-2»;
6. «Роғун»;

Мақсад аз ташкили корхонаҳои муштарак пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ инкишоф ёбанд. Дар ин маврид таваҷҷӯҳи асосӣ бештар ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва рушди саноати майли содиротидоштаи  ва соҳаҳои ивазкунандаи воридот ҷалб карда мешавад.

Афзоиши миқдори корхонаҳои муштараке, ки бо мақсади ташкили истеҳсолот таъсис дода мешавад, раванди мусбат дорад. Танҳо дар соли 2016 дар мамлакат 102 корхонаи муштарак ба қайд гирифта шуд, ки қисми зиёди онҳо маҳз барои афзун намудани иқтидори содиротии кишвар фаъолияти худро ба роҳ мондаанд.

Дар баробари ин ташкили корхонаҳои муштарак дар ҷумҳурӣ барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ва кам шудани сафи бекорон, ба кори манфиатнок сафарбар кардани шаҳрвандон таъсири мусбат расонида истодааст.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои муҳими қонунгузорӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ», «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Кодексҳои гражданӣ, меҳнат ва андозу гумрук ҷиҳати ҳимоя ва ташвиқи манфиатҳои сармоягузорон таҳияву кабул шуданд.

Дар робита бо инҳо сабабҳои асосии таъсиси корхонаҳои муштаракро ба таври зерин маънидод кардан мумкин аст:

7. Ҳар чӣ бештар ба даст овардани манфиати иқтисодӣ;
8. Мусоидат кардан ба рушди соҳаи дахлдор;
9. Таъмини шуғли аҳолӣ;
10. Мусоидат барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ;
11. Ҷорӣ намудани технологияи муосири истеҳсолот;
12. Ба даст овардани бозорҳои нави фурӯши маҳсулот;
13. Ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи хориҷӣ ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан

судманд бо кишварҳои хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак имконияту захираҳои зиёди табиию меҳнатӣ вуҷуд дорад. Истифодаи оқилонаи ин захираҳо, барои таъмини суръати баланди устувори рушди иқтисодии ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.


**Адабиёт**

1.Азрилиян А.Н. Краткий экономический словарь. М.: Институт новой экономики, 2008. С.1088.
2.Бланк И.А. Управление формированием капитала. Киев: Ника-Центр Эльга, 2008. С.469.
3.Васильева Л.С., Петровская М.В. Финансовый анализ: учеб. М.: КНОРУС, 2008. С.544.
4.Едронова Е.Н. Анализ кредитоспособности заемщика // Финансы и кредит. 2007. №18. С.3-9.
5.Ефимова О.В. Финансовый анализ. М.: "Бух. Учет", 2008. С.528.
6.Миронов М.Г., Замедлина Е.А., Жарикова Е.В. Финансовый менеджмент - М.: изд. «Экзамен», 2004.
7.Савицкая Г.Ф. Методика комплексного анализа хозяйственной деятельности. М.: Инфра-М. 2007. С.384.
8.Уроқов Д.У. «Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ» - Душанбе, 2008, 351с.
9.Харченко О.Н. «Бухгалтерский учет, анализ и аудит»- Москва, 2008г, 176с.
10.Шерназаров А.Ш ва дигарон. "Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ" Душанбе, 2003с.


## МОҲИЯТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК


**Аннотатсия:**

Дар маколаи мазкур муаллиф таклифу пешниҳодҳои худро дар бораи моҳияти иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои муштарак ва роҳҳои такмилдиҳии онҳо пешниҳод намудааст.



**Вожаҳои калидӣ:** соҳаҳои истеҳсолӣ, сармояи ибтидоӣ, иқтисоди бозорӣ;


## ESSENCE OF SOCIAL AND ECONOMIC IMPORTANCE OF JOINT VENTURES


**Annotation**:

In this article, the author offered his wishes on the socio-economic importance of joint ventures and ways to improve them.



**Key words**: industrial spheres, primary capital, market economy;





**ҶУЛИЕВ** Музаффар
магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ , таҳлил ва аудит
**ДЖУЛИЕВ** Музаффар
магистр 2-го курса Финансово – экономического института Таджикистана
специальности бухгалтерский учёт, анализ и аудит
**JULIEV** Muzaffar
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan specialtu accouting, analysis and audit


## ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДИИ МУҚОИСАВИИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ
## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ ЭКОНОМИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ


В рассматриваемой статье изучены особенности сравнительного экономического анализа в промышленности с учетом современных требований и проблем. Своеобразность экономических ситуаций на стадии финансово хозяйственной деятельности предприятий создают объективную необходимость для проведения экономического анализа с помощью сравнений. В данной статье представлена организация и ее конкретный свод аналитических результатов на примере промышленных предприятий Республики Таджикистан.



**Ключевые слова:** сравнительный экономический анализ, межотраслевой анализ, экономические показатели, объем продукции, рейтинговый анализ, индекс общего объема

промышленной продукции, анализ эффективности предприятий, риск показателей, мониторинг сравнительных аналитических показателей.

Дар айни замон, қайд кардан мумкин аст, ки таҳлили иқтисодии муқоисавӣ чун шакли таҳлили иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ барои шароитҳои замонавии иқтисодӣ ташкил карда мешавад.

Дар тӯли чандин солҳо дар иқтисодиёт тадқиқотҳое гузаронида мешуданд, ки дар онҳо таҳлили муқоисавӣ ё таркибҳои он истифода бурда мешуд. Ҳамин тавр, тадқиқотҳои муқоисавиро оммавӣ гуфтан мумкин аст. Аммо муқоисаи натиҷаҳои фаъолият бо бадастории рақибони асосӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои нав аст, ки бо сабаби гузаштан ба иқтисоди бозорӣ пайдо шудааст.

Дар иқтисодиёти нақшавӣ мақсади муқоисаи таҳлили байнисоҳавӣ муайян карда шуда буд, яъне он аз муқоисаи самаранокии кори гурӯҳи корхонаҳо, таносуби натиҷаҳои бадастовардашудаи фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои гуногун ё ташкилот, омӯзиши сабабҳои фарқият дар истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ, пайдонамоии захираҳои ояндаи баландбардории самаранокии истеҳсолот ва дарёфти қарорҳои дуруст ва беҳтарин иборат буд. [1] Ҳоло бошад, мақсади ниҳоии таҳлили байнисоҳавӣ ошкорнамоии захираҳои баландбардории самаранокии истеҳсолот дар он қисме мебошад, ки бо фарқиятҳо дар нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои якхела ва наздик алоқаманд аст. Бинобар он, омӯзиши мушаххаси онҳо ба миён меояд. Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии саноат дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии саноат**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 1473 | 1586 | 1804 | 2164 | 2310 |
| Ҳаҷми маҳсулот (бо нархҳои с 2015), млн сомонӣ | 8578 | 9504 | 9952 | 10535 | 12196 |
| Шумораи миѐнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 75,4 | 79,6 | 76,3 | 81,7 | 83,9 |
| аз он ҷумла: коргарон | 60,4 | 57,6 | 55,4 | 62,8 | 67,0 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016. -С.278.* [4]

Аз маълумотҳои ҷадвал дида мешавад, ки шумораи корхонаҳо дар соли 2011 1473 ададро ташкил намуда буд, соли 2015 бошад, теъдоди онҳо ба 2310 адад расидааст ё ба 837 адад зиёд шудааст. Нисбат ба фоиз бошад, ба 1,57% афзудааст. Ҳаҷми маҳсулот ба 3618 млн сомонӣ афзудааст, ки ин аз ҳисоби зиёд шудани шумораи корхонаҳо дида мешавад. Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ ба 8,5 ҳазор нафар афзуда, миқдори коргарон низ ба 6,6% зиёд шудааст.

Яке аз масъалаҳои асосии таҳлили муқоисавии рушди иқтисодии корхона ошкорнамоии он тағйиротҳое мебошад, ки дар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба амал меоянд ва ин тағйиротҳо ба низоми идоракунӣ сари вақт таъсир расонда метавонанд. [2] Ба воситаи таҳлили муқоисавӣ сари вақт ошкор намудани тағйирёбиҳои мусбат ва манфӣ дар рушди ин ё он ҷараёнҳо ва муайян намудани роҳҳои нисбатан беҳтарини самаранокии қарорҳои идоракунанда мумкин аст.

Ба масъалаҳои асосии таҳлили иқтисодии муқоисавӣ инҳо дохил шуда метавонанд:

- мунтазам ошкорнамоии дараҷаи иҷроиши нишондиҳандаҳои нақшаи рушди стратегӣ ва тактикӣ дар даврахои ҳисоботӣ барои идоракунӣ дар ҳамаи сатҳҳои бенархӣ;

- муайяннамоӣ ва баҳисобгирии омилҳое, ки ба тамоили аҳамиятнокии ҳақиқии ҳар нишондиҳанда аз бузургиҳои муқарраршуда (ишораҳои берунаи

нишондиҳандаҳои меъёрӣ) таъсир мерасонанд. Ба омилҳое аҳамияти махсус додан лозим аст, ки онҳо ба нишондиҳандаҳои натиҷавӣ-манфӣ таъсир расонидаанд. Дар баробари ин, барои мақсадҳои идоракунӣ таъсири мусбати омилҳоро баҳо додан зарур аст;

- ба низоми идоракунанда саривақт пешниҳод намудани маълумоти аналитикӣ, ки дар натиҷаи таҳлил ба даст омадааст;

- коркарди чорабиниҳои муайян, ки ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда (фоидаҳои аздастрафта, захираҳои истифоданашуда), барҳамдиҳӣ ё пешгирии таъсири манфии омилҳо ва аз рӯйи имконият мусбат истифодабарии пурра равона шудаанд;

- қабули саривақтӣ ва асоснокии қарорҳои идоракунӣ;

- ташкил ва тартибдиҳии рейтингҳо;

- маниторинги натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ дар сатҳҳои гуногун бо чопи корҳои аналитикӣ дар сарчашмаҳои махсус.

Муаллиф яке аз нуктаҳои назари олимон-иктисодчиёни машҳурро риоя мекунанд, ки дар гузаронидани таҳлили иқтисодии муқоисавӣ на ба зиёдшавии ояндаи шумораи нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда ва ҳисоббаробаркуниҳои аналитикӣ, балки ба муайянкунии нишондиҳандаҳои мушаххас ва ботафсил, ки дар асоси онҳо тарафҳои алоҳида ё самаранокии тамоми фаъолияти корхона таҳлил карда мешавад, ҳамфикранд.

Азбаски рушди иқтисодиёти корхона, пеш аз ҳама ба дастовардҳои дараҷаи устувории самаранокии фаъолият ва инкишофи иқтисодӣ баҳо дода мешавад, он гоҳ аз тамоми маҷмӯъҳои нишондиҳандаҳои мавҷуда барои баҳодиҳии онҳо интихоб намудани беҳтарин бо мақсади баҳодиҳии маҷмӯи рушди иқтисодии корхона барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ зарур мебошад. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар асоси низомҳои нишондиҳандаҳо ё махсус коркардашуда амалӣ мешавад. [3] Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи корхонаю ташкилотҳои шахсони ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ва вобаста ба минтақаҳо, ки фаъолият доранд, чунин аст.

**Ҷадвали 2.**

**Шумораи корхонаю ташкилотҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 29068 | 32684 | 39824 | 42206 | 42358 |
| ВМКБ | 1134 | 1208 | 1478 | 1603 | 1724 |
| Вилояти Хатлон | 8800 | 9876 | 11917 | 12516 | 12350 |
| Вилояти Суғд | 7109 | 7695 | 9926 | 10611 | 10328 |
| ш. Душанбе | 7045 | 8546 | 9940 | 10556 | 10860 |
| НТҶ | 4980 | 5359 | 6563 | 6920 | 7096 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. –С.230.*

Дар асоси ҷадвали овардашуда дида мешавад, ки шумораи корхонаю ташкилотҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 дар маҷмӯъ 29068 ададро ташкил намуда буд, аммо дар соли 2015 ба 42358 адад расидааст, ё ин ки ба миқдори 13290 адад зиёд шудааст. Ҳамчунин, ин зиёдшавӣ дар минтақаҳо дар соли 2015 дида мешавад: ВМКБ -590, Вилояти Хатлон-3550, Вилояти Суғд – 3219, ш. Душанбе – 3815, НТҶ – 2116.

Дар адабиёти иқтисодӣ таснифоти гуногуни самаранокии нишондиҳандаҳо пешниҳод шудаанд. Муқоисаи нишондиҳандаҳо асоси методологии таҳлили муқоисавӣ мебошанд, чунки муқоисаи маълумотҳои қиёснопазир ба натиҷаҳои манфии хоҷагӣ ва қарорҳои идоракунии нодуруст оварда метавонад.

Зери мафҳуми муқоисакунӣ таъмини шароитҳо барои гузаронидани муқоисаи як нишондиҳанда бо нишондиҳандаҳои дигар бо мақсади бадастории хулосаҳои асоснок фаҳмида мешавад.

Муаммоҳои муқоисавӣ ҳалли якчанд саволҳоро дар бар мегиранд:

1) Дар таҳлили муқоисавӣ инъикос намудан нишондиҳандаҳое, ки бо ишораҳои онро ташкилкунанда фарқ мекунад;

2) Ҷудонамоии намудҳои фарқиятҳо, ки бартарафнамоиро то саршавии таҳлили муқоисавӣ ё дар рафти гузаронидани он талаб мекунанд;

3) Интихоби усул ва роҳҳое, ки барои таъмини муқоисавии маълумотҳо истифода бурда мешаванд.

Якчанд роҳҳои аналитикӣ маълуманд, ки таъмини зарурии нишондиҳандаҳои муқоисашавандаро имконият медиҳанд: тафсилнамоӣ, усули фарқиятҳо, гурӯҳбандӣ, усули гузориши занҷирӣ, тафриқанамоӣ, интегратсия, истисноии таркибҳои муқоисашаванда, мувофиқанамоӣ, азнавгурӯҳбандии маълумотҳо, тасҳеҳи нишондиҳандаҳо бо ёрии коэффитсиентҳо (давраҳои якхелаи мушоҳида ба воҳиди якхелаи ченак овардан) ва ғайраҳо.

Ба усулҳои дар боло зикршуда илова намудани истифодабарии таҳлили муқоисавии корхонаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ, нишондиҳандаҳои меъёрии тадқиқотшаванда, бо мақсади бадастории нишондиҳандаҳои ҷамъбастии муқоисашаванда, мақсаднок, рейтингҳои комплексӣ ва муттаҳид дар сохтори онҳо зарур аст. Нишондиҳандаҳои асосии коэффитсиентҳо дар муқоисанамоии корхонаҳои доираи гуногуни фаъолият бояд тағйир ёбанд. Ҳамин тавр, муқоисаи мушаххаси нишондиҳандаҳо ва дурустии натиҷаҳо ба даст оварда мешаванд.

Дар гузаронидани таҳлили муқоисавии корхонаҳо дар дараҷаи мезо – минтақаҳо, миллӣ ва байналмилалӣ ду усули назария истифода мешаванд. Аввалан, роҳҳо дурустии таҳлили иқтисодии муқоисавиро ташкил намуда, чун шакли алоҳидаи тадқиқот мебошанд. Дуюмин, роҳҳое, ки дар он қисми асосии таҳлили иқтисодии муқоисавӣ сохтори рейтингҳоро меомӯзад ба ҳисоб меравнд.

Таҳлили рейтингӣ дар назария чун усули муқоисавӣ нишон дода шудааст. Он муқоиса намудани самаранокии нишондиҳандаҳоро, аҳамиятнокии предмети таҳлилӣ бо дигар объектҳои монандро бо мақсади муайян намудани доираи умум ё фарқияти байни онҳо нишон медиҳад. Ба ақидаи муаллифон таҳлили рейтингиро чун усул дида баромадан мақсаднок нест, чунки он бояд дар намуди қисми мустақили таҳлили муқоисавӣ ҷудо карда шавад. Дар шароити иқтисодии замонавӣ рейтинг дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нисбатан машҳур аст ва чун қисми марказии таҳлили муқоисавӣ баромад карда метавонад, чунки муайянкунӣ ва сохтори рейтинг яке аз масъалаҳои асосии таҳлили муқоисавӣ, махсусан дараҷаи рушди иқтисодии корхона мебошад. Хусусияти асосии рейтинг аз он иборат аст, ки он худ натиҷаи таҳлили муқоисавӣ мебошад.

Маќсади асосии гузаронидани тањлили муќоисавї бо таъмини истифодабарандагони шавќманди дохила ва беруна ба мањсулоти гуногуни фоиданоки аналитикї аз рўйи натиљањои тадќиќоти миќдори ками корхонањо, инчунин корхонањое, ки њиссаи асосии њаљми фурўши молњо, мањсулот, кор, хизматрасонї ва арзиши иловагиро дар сатњи гуногун ташкил мекунанд, алоќаманд аст. Натиљањои тањлили муќоисавї бояд, дар кори корхонањои алоњида барои интихоб ва ќабули ќарорњои иќтисодї истифода бурда шаванд. Дар ин асос индекси њаљми умумии мањсулоти саноатиро дар сатњи вилоятњо ва ш. Душанбе дида мебароем.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал дида мешавад, ки индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 105,7%-ро ташкил намуда, соли 2015 ба 111,3%, яъне 5,6% зиёд шудааст. Ин гуна тағйирёбиҳо дар дигар минтақаҳо низ дида мешавад.

**Ҷадвали 3.**

**Индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар сатҳи вилоятҳо ва ш. Душанбе (бо ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта)**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 105,7 | 110,8 | 103,8 | 105,0 | 111,3 |
| ВМКБ | 102,2 | 114,6 | 94,5 | 125,6 | 116,9 |
| Вилояти Хатлон | 104,8 | 111,0 | 102,6 | 105,7 | 114,2 |
| Вилояти Суғд | 118,5 | 117,5 | 108,1 | 108,6 | 118,7 |
| ш. Душанбе | 111,1 | 102,8 | 91,6 | 105,2 | 106,3 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. –С.282.*

Маҷмӯи қоидаҳои асосӣ, ки дар бораи таҳлили иқтисодии муқоисавӣ тасаввуроти умумӣ медиҳанд, методика ва ташкили истифодаи таҷрибавии онро муайян менамояд, ки он иборат аст аз:

- муайянкунии роҳҳои умумии методи ҳисоббаробаркуниҳо ва истифодабарии нишондиҳандаҳои нисбӣ;
- сохтори рейтингҳо – асоси таҳлили муқоисавӣ, ки дар маркази он воқеъ аст, барои истифодабарии натиҷаҳои он дар давраҳои ояндаи таҳлили муқоисавӣ пешбинӣ шудааст;
- эҳтимолияти нишондиҳандаҳои рейтингҳои ҷамъбастӣ ва комплексӣ дар таҳлили муқоисавӣ;
- коркарди таснифоти нишондиҳандаҳо, ки дар алоқамандӣ бо таҳлили омилӣ асос ёфтааст;
- истифодаи ҳатмии зиѐда аз ду гурӯҳи корхонаҳо (якумин ва дуюмин) бо мақсади муайяннамоии ҷойи онҳо, комёбии муқоисаи маълумотҳои ибтидоӣ ва хусусиятҳои охирин;
- ташкилнамоии гурӯҳи ягонаи дуюмини корхонаҳо аз рӯйи рамзҳои номгӯй, ки ҳам тарафҳои алоҳида ва ҳам сатҳи рушди иқтисодиётро баҳо медиҳад;
- таъмини дурустии базаи маълумоти асосӣ, ки дар ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) пешниҳод карда мешавад;
- истиснои маълумоти ибтидоӣ дар натиҷаи набудани маълумотҳои муқоисавии корхона дар дохили доираи фаъолият ва байни соҳаҳои фаъолият дар ҳолатҳои хусусӣ (тағйирёбии намуди фаъолият, қатъ намудани фаъолият, мавҷуд набудани нишондиҳандаҳо дар тавозун дар аввали сол, агар фаъолият камтар аз як сол амалӣ шуда бошад, мавҷуд набудани фаъолият дар давраи ҳисоботӣ);
- ба идораҳои маълумотӣ – таҳлилӣ пешниҳод намудани маҳсулоти таҳлилӣ (аналитикӣ) дар намуди ҷадвал бо тартиби рейтингии ҷамъи корхонаҳо ва дигар маълумоти аналитикӣ ба ҳар гуна истифодабарандагон, дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ, инчунин байналмилалӣ;
- мунтазам гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва маниторинги натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ дар сатҳи гуногун бо нашри маҳсулоти аналитикӣ дар сарчашмаҳои махсус.

Ба таҳлили муқоисавии иқтисодии рушди корхонаҳо дохил мешавад тартиби рейтингҳо, таҳлили омилӣ ва таҳлили қатори динамикӣ, ки назорат намудани рушди ҳақиқиро дар алоқамандӣ бо тадқиқи динамикии ҳаҷми фурӯши корхона ва пешгӯйиии муайяни рушди худи корхонаҳо, соҳаи фаъолият ва минтақаҳоро нишон медиҳад.

Дар натиҷаи низомноккунии таҳлили муқоисавии иқтисодӣ дар доираи фаъолият байни соҳаҳои фаъолият дар холдингҳо ташкилкунандагони таҳлили рейтингиро ҷудо намудан пешбинӣ шудааст: мақсаднок, ҷамъбастӣ, маҷмӯӣ ва рейтинги мустаҳкам.

Доираи қарорҳои ҳалшаванда, инчунин бартарият дар интихоби роҳҳои асосии таҳлили муқоисавии иқтисодии рушди корхона ба талаботи истифодабарандагони ҳавасманд вобаста аст. Чунин маълумот ҳам истифодабарандагони берунӣ ва ҳам дохилӣ дархост шуда метавонад.

Истифодабарандагони дохилии натиҷаҳои таҳлили муқоисавии иқтисодии рушд буда метавонанд:

- мулкдорони корхона барои қабули қарорҳо оид ба васеънамоии истеҳсолот, ҳиссаи нави бозор ва ғайра;
- менеҷерони корхона барои бадастории маълумотҳо оид ба арзиши иловашудаи корхонаи истеҳсолкунанда, ҳиссаи он дар доираи фаъолият ва коркарди роҳҳои комёбшавии мақсадҳои корхона.

Истифодабарандагони берунии натиҷаҳои таҳлили муқоисавии иқтисодӣ буда метавонанд:

- идораҳои ҳокимияти давлатӣ ва минтақавӣ барои баҳодиҳии имкониятҳои ташкилнамоии буҷа, ҳалли масъалаҳои маблағҷудонамоии корхона;
- идораҳои ҳокимияти давлатӣ ва минтақавӣ бо мақсадҳои баҳодиҳии иқтидори андоз, назорот аз болои саривақт пардохтнамоии андозҳои корхонаҳо – андозсупорандагон, агентҳои андоз, пешниҳоди имтиёзҳои андоз (маблағгузориҳои қарзии андоз) дар мушкилотҳои муваққатии молиявӣ, интихоби асоснокии объекти тафтиш;
- идораҳои оморӣ барои ҷамъбаст ва баҳодиҳии натиҷаҳо, самаранокии фаъолияти корхонаҳои доираи фаъолияташон гуногун;
- таъминкунандагони корхона барои бастани шартномаҳо бо мақсади пайдо намудани харидорони боэътимод.

Натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ ошкор намудани на танҳо сатҳи рушди иқтисодии корхонаҳои алоҳида, балки дар маҷмӯъ ба доираи фаъолияти иқтисодӣ, ки онҳо дар амал татбиқ менамоянд, имконият медиҳанд. Вобаста ба он ки оё моҳияти нишондиҳандаҳои меъёрии тадқиқшаванда аҳамиятнокии берунаро таъмин менамоянд, чунин индикаторҳо дар сатҳи гуногуни идоракунӣ барои баҳодиҳии корхонаҳо истифода бурда мешаванд.

**Адабиёт**

1. Свидрова Н.В. Система рейтингового анализа финансового состояния организаций / Н.В. Свидрова; под ред. В.И. Бариленко. – М.: Альфа-М, 2007. -256 с.
2. Ершова С.А. Анализ и диагностика финансово-хозяйственной деятельности предприятия: учебное пособие / С.А. Ершова. -СПб ГАСУ. – СПб., 2007. – С. 155.
3. Ковалев В.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: учебник / В.В. Ковалев, О.Н. Волкова. –М.: Велби, Изд-во Проспект, 2004. – С. 424.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. –С.278-282.

## ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДИИ МУҚОИСАВИИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Дар мақолаи илмии таҳияшуда хусусиятҳои таҳлили муқоисавии иқтисодӣ бо назардошти проблемаҳо ва талаботи муосир баррасӣ гардидааст. Гуногунрангии ҳолатҳои иқтисодӣ дар раванди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона зарурияти гузаронидани таҳлили иқтисодиро тавассути ин муқоисакуниҳо ба миён мегузорад. Дар мақолаи илмӣ фаъолияти корхона ва ҷамбасти нишондиҳандаҳои таҳлилии он дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум гардидааст.

**Калидвожаҳо:** таҳлили иқтисодии муқоисавӣ, таҳлили байнисоҳавӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ҳаҷми маҳсулот, таҳлили рейтингӣ, индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, таҳлили самаранокии корхона, хавфи нишондиҳандаҳо, мониторинги нишондиҳандаҳои таҳлили муқоисавӣ.

## COMPARATIVE ECONOMIC ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

In this article are particularly studied the comparative economic analysis in the industry with the current requirements and problems. Originality economic situation in the stage of financial and

economic activities of enterprises need to create an objective economic analysis using comparisons. This article presents the organization of its particular set of analytical results of industrial enterprises of the Republic of Tajikistan.

**Key word:** a comparative economic analysis, cross- sectoral analysis, economic indicators, the volume of production, rating analysis, the index of total industrial production, analysis of enterprise performance, risk indicators, monitoring comparative analytical indicators.

**НАБОТОВ** Шомилҷон Убайдуллоевич –
магистранти соли 2,
ихтисоси 1-96010100 "Хадамоти гумрук"
**НАБОТОВ** Шомилджон Убайдуллоевич
магистрант 2 курса
специальность 1-96010100 "Таможенные орган"
**NABOTOV** Shomiljon Ubaidulloevich
Secondary year student
Specialty 1-96010100 «Customs authority»

# ТАНЗИМИ ИНТИҚОЛИ МОЛУ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ ДАР АСОСИ ИСТИФОДАИ ПРИНСИПҲОИ ГУМРУКӢ
# РЕГУЛИРОВАНИЕ ПЕРЕВОЗКИ ТОВАРОВ И ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ НА ОСНОВЕ ПРИМЕНЕНИЯ ТАМОЖЕННЫХ ПРИНЦИПОВ

**Аннотация:**

В статье приведены основные правовые и таможенные вопросы принципов перемещения товаров и транспортных средств в современных условиях деятельности таможенного органа Республики Таджикистан.

В данной статье обаснованы и предложены пути регулирования перемещения товаров и транспортных средств на основе применения таможенных принципов

**Ключевые слова:** таможня, право, таможенная политика, экономическая безопасность, правовые таможенные принципы, перемищения товаров, транспортные средства, таможенная граница

Мақомоти гумрук мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ буда, ҳимояи истиқлолият, амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеи ва ҳуқуқиро ҳангоми интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

Мақомоти гумрук вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1. Дар таҳияи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, ин сиёсатро амали менамояд.
2. Дар доираи салоҳияти худ ҳимояи соҳибихтиёри ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.
3. Риояи қонунгузориҳои гумрук ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти гумрук гузошта шудааст, таъмин мекунад.
4. Ҳуқуқу манфиатҳои давалат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар соҳаи фаъолияти гумруки ҳимоя менамояд.
5. Заминаи моддию техники ва иҷтимоии мақомоти гумрукро тараққӣ медиҳад.
6. Дар доираи салоҳияти худ барои ҳифзи амнияти миллӣ, ҳайёт ва саломатии инсон ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангӣ тадбирҳо меандешад.

7. Барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукиро тадбиқ мекунад, барои тезонидани интиқоли молу востиаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ шароит фароҳам меорад ва ғайраҳо.

Принсипҳои интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумруки ин ғояҳои бунёдие мебошанд, ки дар асоси онҳо интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумруки бароҳ монда мешавад.

Принсипҳои асосии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ барои танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ба амал бароварда мешавад. Дар бештари адабиёҳои ҳуқуқи ғайр аз принсипҳои мазкур, инчунин “принсипҳои ҳуқуқи гумрукӣ” низ мавҷуд буда ин ду мафҳум аз ягдигар тафовут доранд. Зери мафҳуми “принсипҳои ҳуқуқи гумрукӣ” он принсипҳое дар назар дошта шудааст, ки доираи васеъи муносибатҳои ҳуқуқи гумрукиро дар бар мегирад. Масалан прродессор А. Н. Козирин принсипҳои ҳуқуқи гумрукиро ҳамчун меъёрӣ-роҳбарикунандаи асоси танзими ҳуқуқи гумрукӣ баҳогузорӣ намуда онҳоро ба ду гуруҳ ҷудо менамояд (Нақшаи 1.):




**Нақшаи 1. Принсипҳои ҳуқуқи гумрукӣ**

Чӣ тавре аз нақша бармеояд ду навъи принсипҳои ҳуқуқи гумрукӣ мавҷуд мебошад, ки муфассал онҳоро шарҳ медиҳем:

- умумӣ (принсипи эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, принсипи қонуният, принсипи ҳамоҳангсози ва робитаи тарафайни мақомоти давлатӣ, принсипи башардустӣ, принсипи маҳдуднасозӣ, принсипи шароити мусоид, принсипи илмият, принсипи бартарияти меъёрии ҳуқуқии байналмилали аз ҳуқуқи милли, принсипи баробарҳуқуқӣ, принсипи ҳимояи судии ҳуқуқи субъективӣ, принсипи ҷавобгарӣ танҳо барои рафтори зиддиҳуқуқӣ)

- соҳавӣ (принсипи ҳимояи бехатарии давлатию ҷамъиятӣ, принсипи ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат, принсипи ягонагии қаламрави гумрукӣ, принсипи ягонагии мизони пардохти гумрукӣ, принсипи танзими ҳуқуқии тафриқавии низомҳои гумрукӣ, принсипи мутаҳидсозии меъёрҳои моддӣ, мурофиави ва расмиёти дар қонунгузории гумрукӣ)[1] ҷудо намудааст.

Принсипҳои асосии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ” он принсипҳое мебошанд, ки ба танзими муросилоти моли равона карда мешаванд. Яъне

[1] Ниг.: Косаренко Н.Н. Таможенное право: Курс лекций. -М.: Волтере Клувер, 2010. С.3-4

принсипҳои мазкур танҳо як қисми муносибатҳои ҳуқуқи гумруки (интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумруки)-ро фаро мегирад. Принсипҳои асосии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукиро мувофиқи нақшаи 2. нишон медиҳем.

Инак принсипҳои зикргардидарро муфассал маънидод менамоем:

1) **принсипи баробарии шахсон ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ**. Ҳамаи шахсон ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумруки ҳуқуқи баробар доранд ба истиснои ҳолатҳои муқарарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон , санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Яъне принсипи мазкур маънои онро дорад, ки ҳамаи шахсон новобаста аз милат,нажод, ҷинс, забон, эътиқоди дини, мавқеи сиёси таҳсил ва молу мулк ҳуқуқи интиқоли молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ доранд.




**Нақшаи 2. Принсипҳои асосии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ**

2) **принсипи риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ.** Муофиқи мазмуни принсипи мазкур моле, ки воридоташ ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст бояд ин намуди мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда нашавад ва дар ҳолати ворид шудан аз ҷониби мақомоти гумрук боздошта шуда, нисбати онҳо тадбирҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд, аз ҷумла:

- агар дар Кодекси гумрукӣ ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумхурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, чунин мол бояд бетаъхир аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровар да шавад;
- ҳангоми набудани имконоти баровардан ё фавран набаровардан ин мол бояд дар анбори нигаҳдории муваққатӣ ё маҳали дигаре, ки минтақаҳои назорати гумрукӣ

мебошанд ҷойгир карда шавад (Мӯҳлати ниҳоии нигаҳдории чунин мол 3 шабонарӯз муайян карда шудааст, агар мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати моли алоҳида мӯҳлати дигаре муқаррар нашуда бошад);

- моли мазкур ҳангоми ба охир расидани мухлати нигоҳдорӣ ва набаровардани он, мувофиқи Кодеки гумрук ихтиёрдорӣ карда мешавад.[1]

Моле, ки воридоташон ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудааст ва молҳое, ки содироташон аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудааст воридот ва содироти чунин молҳо танҳо баъди риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

Моле, ки содироташ аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, бояд аслан содир карда нашавад.

Хароҷотҳое, ки декларантҳо, интиқолдиҳандагон ё шахсони алоҳида вобаста ба риояи принсипи мазкур менамоянд (масалан, хароҷотҳои нигоҳдории мол дар анбор) муофиқи қонунгузории гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ҷуброн карда намешавад.

3) **принсипи расмиёти гумрукӣ ва назорати гумрукӣ.** Типқи принсипи мазкур ҳамаи мол ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, бо тартиб ва шартҳои муайяннамудаи Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман мавриди барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ қарор гиранд. Ҳангоми амалӣ намудани расмиёт ва назорати гумрукӣ мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо ҳуқуқ надоранд талабот ва маҳдудиятҳоеро муқаррар намоянд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии гумрук ва ё дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд.

4) **принсипи истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёт.** Дар ҳолтаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт ҳеҷ кас ба истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёт то замони иҷозати онҳо ҳуқуқ надорад, ба истисноии тартиб ва шартҳое, ки Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст. Баъди иҷозати мол ва воситаҳои нақлиёт истифодабарӣ ва ихтиёрдории онҳо тибқи низоми арзгардидаи гумрукӣ анҷом дода мешавад.

5) **принсипи уҳдадорӣ оид ба татбиқи амалиёти гумрукӣ барои иҷозати мол.** Яъне шахсон барои тадбиқи амалиётҳои гумруки барои иҷозати мол дар назди мақомоти гумрук ухдадор мебошанд. Уҳдадориро барои тадбиқи амалиётҳои гумруки барои иҷозати мол инҳо ба зима мегиранд:

**1.** агар мол аз сарҳади гумрукӣ тибқи аҳди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби шахси ватанӣ басташуда интиқол дода шавад - шахси ватание, ки чунин аҳдро бастааст ё аз номи ӯ ё бо супориши ӯ аҳд ба имзо расидааст;

**2.** агар мол аз сарҳади гумрукӣ бе бастани аҳд аз ҷониби шахси ватанӣ интиқол дода шавад - шахсе, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибӣ ё ҳуқуқи истифодабарии молро дорад;

**3.** шахсони дигаре, ки тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта барои иҷрои амали дорои аҳамияти ҳуқуқӣ аз номи худ ба сифати дахлдор баромад карда метавонанд.

**6) принсипи кафолатҳо барои иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории гумрукӣ.** Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати мол мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд аз шахси кафолатдиҳанда иҷрои ӯҳдадориҳояшро

[1] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе соли 2005

мувофиқи муқаррароти Кодекси гумрук,  талаб намоянд. (аз ҷумла  ҷиҳати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин риояи низоми гумрукии интихобшуда).

Ҳамлу нақли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумруки дар асоси принсипҳое, ки дар боло қайд кардем аҷом дода мешавад ва принсипҳои мазкур дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Хулоса, бо амали шудани принсипҳои мазкур танзими муносибатҳои интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт ва таъмини уҳдадориҳои шахсони интиқолшаванда аз сарҳади гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Адабиёт:**


1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2004.
2. Раҷабов М.Н. Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2013.
3. Козырин А.Н. Таможенное право России. М.1995.
4. Косаренко Н.Н. Таможенное право: Курс лекций. –Москва Волтере Клувер, 2010.
5. Китоби руийимизии гумрукчиён. – Душанбе: КВД КТН «Шарқи озод», 2015


## ТАНЗИМИ ИНТИҚОЛИ МОЛУ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ ДАР АСОСИ ИСТИФОДАИ ПРИНСИПҲОИ ГУМРУКӢ


**Аннотатсия:**

Дар мақола масъалаҳои асосии ҳуқуқӣ ва гумрукии принсипи интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт дар шароити муосири фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Масъалаи мазкур асоснок карда шуда дар он роҳҳои танзими интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар асоси истифодаи принсипҳои гумрукӣ оварда шудааст.



**Вожаҳои калидӣ:** гумрук, ҳуқуқ, сиёсати гумрукӣ, амнияти иқтисодӣ, принсипҳои ҳуқуқи гумрукӣ, интиқоли мол, воситаҳои нақлиёт, сарҳади гумрукӣ.


## REGULATION OF THE TRANSPORTATION OF GOODS AND VEHICLES BASED ON THE APPLICATION OF CUSTOMS PRINCIPLES


**Annotation:**

The article provides the basis for the legal and customs issues of the principles of the movement of goods and vehicles in the current conditions of the activities of the customs boby of the Republic of Tajikistan.

This task is justified and proposed ways to regulate the movement of goods and vehicles on the basis of the application of customs principles.



**Keywords**

Customs, law, customs policy, economic security, legal customs principles, moving goods, means of transport, customs barder.



**МАҲМАДАМИНОВ** Фаридун
магистри курси 2-юми, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси молия
**МАХМАДАМИНОВ** Фаридун
магистр 2 –го курса, Финансово-экономического института Таджикистана, специальность финансы
**MAKHMADAMINOV** Faridun
Magister of 2 courses, Financial and Economic Institute of Tajikistan, specialty finance


## КАСРИ БУҶЕТ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ОН
## ДЕФИЦИТ БЮДЖЕТА И ИСТОЧНИКИ ЕГО ФИНАНСИРОВАНИЯ


**Аннотация**

В статье раскрыта экономическая сущность бюджетного дефицита, определены его причины, источники и методы финансирования, уточнены положительные и отрицательные

аспекты финансирования дефицита бюджета. Определено, что бюджетный дефицит является важным инструментом макроэкономического регулирования.
**Ключевые слова:** бюджет, дефицит бюджета, доходы бюджета, расходы бюджета, причины дефицита бюджета, монетарный метод, финансирования дефицита бюджета.

Ба ҳам мувофиқ омадани даромад ва хароҷоти буҷет дар шароити иқтисоди бозорӣ дар кам ҳолатҳо рух медиҳад. Мувофиқи назарияи молия дар сурати аз 50 фоизи маҳсулоти умумии миллӣ зиёд набудани қарзи давлатӣ ва ба 2-3 фоизи маҳсулоти умумии миллӣ баробар будани касри буҷет вазъияти иқтисодиёти мамлакат назоратшаванда дониста мешавад. Мувофиқи таносуби даромад ва хароҷот се ҳолати буҷетро фарқ мекунанд [1]:

- касри буҷет (кам будани даромад аз хароҷот);
- барзиёдӣ ё профитсити буҷет (зиёд будани даромад аз хароҷот);
- тавозуннокӣ ё баробарии буҷет (бо ҳам баробар будани даромад ва хароҷот).

Мувофиқи моддаи 21-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барзиёдии хароҷоти буҷет нисбати даромади он касри буҷет номида мешавад.

Сабабҳои касри буҷет гуногун мебошанд [2]:

1. Амалисозии маблағгузориҳои ҳаҷман калони давлатӣ барои рушди иқтисодиёт. Дар чунин ҳолат касри буҷет на ҳолати бӯҳронии иқтисодиёт, балки танзими давлатии соҳаҳои иқтисодиётро инъикос мекунад.
2. Ҳолатҳои фавқулодда, ки бо ҷанг, офатҳои табиӣ, ҳодосаҳои вафқулодда ва ғайра вобастаанд.
3. Бӯҳрони иқтисодӣ, молиявӣ, ки дар пастравии сатҳи истеҳсолот, самаранок набудани робитаҳои молиявӣ-қарзӣ, вазъияти молиявиро дар мамлакат пурра зери назорат дошта натавонистани ҳукумат ва болоравии дараҷаи таваррум ифода меёбад. Дар чунин ҳолат касри буҷет на танҳо амалисозии чорабиниҳои фаврии иқтисодӣ, балки қабули қарорҳои сиёсиро низ талаб менамояд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳолати қабули буҷет барои соли навбатии молиявӣ бо барзиёдии хароҷот нисбати даромад, яъне касри буҷет, қонун дар бораи буҷети далхлдор манбаъҳои маблағгузории касри буҷети мазкурро тасдиқ мекунад [3].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар кардааст, ки хароҷоти ҷории буҷетҳои маҳаллӣ аз маҷмӯи даромадҳои буҷетҳои мазкур зиёд шуда наметавонад. Маҷмӯи касри буҷети ҷумҳуриявӣ аз маҷмӯи маблағгузории буҷетӣ ва хароҷоти пардохти қарзи давлатӣ зиёд шуда наметавонад. Маҷмӯи касри буҷетҳои маҳаллӣ аз се фоизи маҷмӯи даромади онҳо, ба истиснои кӯмаки молиявӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда наметавонад.

Воридоти даромад аз манбаъҳои маблағгузории касри буҷетҳои маҳаллӣ танҳо барои хароҷоти маблағгузорӣ равона карда мешавад ва истифодаи он барои маблағгузории хароҷоти хизматрасонӣ ва пардохти қарзи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ манъ аст.

Сарчашмаҳои классикии маблағгузории касри буҷет инҳоанд [4]:

- андозҳо;
- вомбаргҳои (заёмҳои) давлатӣ (дохилӣ ва берунӣ);
- баровардани пул (эмиссия);
- фурӯши захираҳои тиллоӣ-асъорӣ;
- секвестри буҷет.

Ду усули маблағгузории касри буҷетро фарқ мекунанд [5]:

1. Усули монетарӣ (пулӣ), яъне баровардани (эмиссияи) пул, ки дар натиҷа сатҳи таваррум афзуда, он ба иқтисодиёт ва талаботҳои аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

2. Усули ғайримонетарӣ, яъне гирифтани қарзҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ. Давлат пулро дар шакли қарз бо фоизи муайян гирифта, касри буҷетро маблағгузорӣ менамояд.

Касри буҷет яке аз сабабҳои афзудани ҳаҷми қарзи дохилӣ ва берунии давлат мешавад. Аксари давлатҳои тараққикунанда мекӯшанд масъалаи касри буҷетро тавассути қарзи давлатӣ ҳал намоянд.

Барои бартараф намудани касри буҷет давлат бояд чорабиниҳоеро амалӣ созад, ки вазъияти иқтисодиётро мӯътадил карда, рушди босуботи онро таъмин намояд. Аз ҷумла, тадбирҳо оиди ҳавасмандкунии воридоти маблаҳо ба буҷет, кам кардани хароҷоти буҷет метавонад танзими касри буҷетро самараноктар гардонад.

Дар моддаи 20-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки манбаъҳои маблағгузории касри буҷети ҷумҳуриявӣ инҳоанд:

а) манбаъҳои дохилӣ;

- қарзҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муассисаҳои қарзӣ бо асъори миллӣ мегирад;

- вомбаргҳои (заёмҳои) давлатӣ, ки дар шакли коғазҳои қиматнок бо асъори миллӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешаванд;

- қарзҳои буҷетӣ, ки аз сатҳҳои болоии низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешаванд;

б) манбаъҳои берунӣ:

- вомбаргҳои (заёмҳои) давлатӣ, ки дар шакли коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешаванд;

- қарз аз кишварҳои хориҷӣ, бонку ширкатҳо, ташкилоти байналмилалии молиявӣ ва ғайрирезидентҳо, ки бо асъори хориҷӣ гирифта мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳар яке аз манбаҳои маблағгузории касри буҷет ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфӣ дорад:

1. Манбаъҳои дохилии маблағгузории касри буҷет:

- ҷиҳати мусбиаш - қарзи берунаи давлатиро зиёд намекунад, рушди бозори дохилии қоғазҳои қиматнокро ҳавасманд мегардонад;

- ҷиҳати манфиаш - қарзи дохилии давлатро зиёд мекунад, сармоягузориро ба иқтисодиёти воқеӣ маҳдуд менамояд; нархи нисбатан баландро, ки бори руйпуш намудани қарз зарур аст, зиёд менамояд; хусусияти кутоҳмуҳлати баргардонидани захираҳои қарзӣ талаботро ба воситаи такрортақсими сармоя ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ маҳдуд менамояд:

2. Манбаъҳои берунаи маблағгузорӣ касри буҷет:

- ҷиҳати мусбиаш - нархи нисбатан пасти захираҳои ба қарз гирифташуда, имконияти муайян намудани дараҷаи ҷолибнокии муҳити тиҷорат дар давлате, ки объекти сармоягузорӣ дар ҳудуди он мебошад; хусусияти дарозмуҳлати баргардонидани захираҳои қарзӣ ба вазъи талабот таъсир намерасонад, дар ин ҳол ҳаҷми пул дар иқтисодиёд тағйир намеёбад;

- ҷиҳати манфиаш - қарзи берунаи давлатро зиёд мекунад; надоштани сиёсати иқтисодии худӣ; ислоҳоте, ки дар мамлакат гузаронида мешавад бо назардошти тавсияҳои Фонди байналмилалии асъор мегузарад [6].

Дар бисёри ҳолатҳо касри буҷет ҳамчун воситаи муҳими сиёсати иқтисодии давлат ва, пеш аз ҳама, танзимкунии макроиқтисодӣ баррасӣ мешавад. Идоракунии оқилона ва самараноки касри буҷет ба давлат имкон медиҳад масъалаҳои вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамалакатро ҳал намояд.

**Адабиёт**


1. Бокова Ф.М. Финансы и кредит. Курс лекций. - М.:ИНФРА, 2015. - 421 с.
2. Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ., Содиқов Р.Ҳ. Молия ва қарз (китоби дарсӣ). - Душанбе: «Ирфон», 2010, - 340 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Точикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №7, соли 2011.
4. 3. Зайков В.П. Финансы: Конспект лекций. - Ростов н/Д: Феникс, 2014. – 329 с.
5. Левин В.П. Финансы и кредит. Учебное пособие. М.: ЮНИТИ, 2014. – 328 с..
6. Раҳимов З.А., Ятимов Х.М., Ҷураев Ш.Ҷ. Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. Васоити таълимӣ. - Душанбе, 2012. - 357 с.

## КАСРИ БУҶЕТ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ОН

**Аннотатсия**

Дар мақола моҳияти иқтисодии касри буҷет кушода шуда, сабабҳо, сарчашмаҳо ва усулҳои маблағгузории он муайян карда шуда, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии маблағгузории касри буҷет аниқ карда шудааст. Муайян шудааст, ки касри буҷет воситаи муҳими танзимкунии макроиқтисодӣ ба шумор меравад.

**Вожаҳои калидӣ:** буҷет, касри буҷет, даромадҳои буҷет, хароҷоти буҷет, сабабҳои касри буҷет, усули монетарӣ, маблағгузории касри буҷет.

## THE BUJET DEFICIT AND ITS FINANCING SOURUS

**Annotation**

In article is revealed economic essence of the budgetary deficit, are determined his reasons, the sources and methods of the financing, are elaborated positive and negative aspects of the financing the deficit of the budget. It is determined that budgetary deficit is an important instrument macroeconomic regulations.

**Keywords:** budget, deficit of the budget, incomes of the budget, expenses of the budget, reasons of the deficit of the budget, monetary method, financing the deficit of the budget.

**МУСОЕВ** Манучехр
магистрант 2-го курса Финансово-экономического института Таджикистана
по специальности 1-250111-аудит и ревизия
**МУСОЕВ** Манучехр
магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-250111
аудит ва ревизияи Донишкадаи молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
**MUSOEV** Manuchehr
Second-year Master of Science Financial
and economic Institute of Tajikistan,
specialty audit and inspection

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИЯ И ПРОВЕДЕНИЯ ПРОВЕРКИ СЧЁТНОГО ПАЛАТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## FEATURES ORGANIZATION AND REALIZATIONS OF VERIFICATION REGISTRATION CHAMBER OF REPUBLIC OF TADJIKISTAN

***Аннотатсия.*** Дар мақола хусусиятҳои ташкил ва гузаронидани аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Ҳамчунин дар мақола принсипҳои дар рафти санҷишҳо риояшаванда таҳлил карда шуда, аҳамияти онҳо дар баланд бардоштани сифати санҷишҳои аудиторӣ нишон дода шудааст. Муаллиф тавонистааст дар мақола хусусияти объекти санҷишии Палатаи ҳисобро муайян намуда, баъзе аз рақамҳоро аз ҳисоботҳои ин ниҳод таҳлил кунад.

***Аннотация.*** В статье рассматриваются особенности организация и проведения аудита Счётного палата Республики Таджикистан. Также в статье анализируется принципов, которые надо соблюдать в процессе аудита и раскрываются их сущность в повышение качества аудиторских проверок. Автор в статье мог определить особенности объект проверки Счётного палата и анализировать некоторые цифры отчеты этого органа.
***Annotation.*** In the article features are examined organization and realizations of audit registration Chamber of Republic of Tajikistan. Also in the article analyzed principles that is necessary to be observed in the process of audit and open up their essence in upgrading of public accountant verifications. An author in the article could define to the feature the object of verification registration Chamber and to analyze some numbers reports of this organ.
**Вожакалимаҳо:** камомад, назорат, зарари молиявӣ, сармоягузорӣ, захираҳои давлатӣ, харҷнома, аудити молиявӣ, аудити самаранокӣ, аудити натиҷанокӣ.
***Ключевые слова:*** недостатки, контроль, финансового убытка, инвестиция, государственный запас, смета, финансовый аудит, рациональный аудит, результативный аудит.
***Key words:*** defects, control, financial loss, investment, state supply, estimate, financial audit, rational audit, effective audit.

Дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти низоми давлатии молиявӣ ва аудит, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорати молиявии дохилӣ ва беруна ислоҳот гузаронида шуда, аз тарафти Ҳукумати кишвар як қатор тадбирҳои судманд андешида шудааст.

Дар пешрафти сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат сохтори назорати молиявӣ чун ҷузъи зарурӣ нақши муҳимро мебозад, ки барои гузаронидани аудити мустақили беруна Палатаи ҳисоб мақомоти ваколатдор мебошад.

Тартиби гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ дар доираи самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки онҳоро сараудиторони Палатаи ҳисоб роҳбарӣ менамоянд, амалӣ карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки ташкил ва гузаронидани санҷишҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Яке аз ин хусусиятҳо дар асоси принсипҳои заминавӣ ташкил ва гузаронидани санҷишҳо мебошад. Принсипҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб инҳо мебошанд: қонуният; мустақилият; беғаразӣ, саҳеҳӣ, поквиҷдонӣ; ошкорбаёнӣ то андозае, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта бошад; риояи стандартҳои касбӣ; риояи принсипи коллегиалӣ[1].

Санҷиши аудитории аз тарафи Палатаи ҳисоб гузаронидашуда як шакли ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти назоратию санҷишӣ мебошад, ки тавассути он вазифа ва ваколатҳои Палатаи ҳисоб дар бахши назорати давлатии молиявӣ татбиқ ва таъмин мегардад. Хусусияти дигари санҷишҳои Палатаи ҳисоб дар чорабиниҳои хоси ин ниҳод дида мешавад, ки инҳо мебошанд: дар асоси нақшаи кории солонаи Палатаи ҳисоб ба анҷом расонидани санҷиш; бо фармоиши дахлдор ба расмият даровардани он; мувофиқи барнома, ки бо тартиби муқарраршуда тасдиқ шудааст, гузаронидани он; ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод кардани ҳисобот оид ба натиҷаи санҷиш ва ғ.

Хусусияти фарқкунандаи санҷишҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо аудити бахши хусусӣ дар объекти санҷидашаванда дида мешавад. Вобаста ба ин объекти санҷиши аудитории Палатаи ҳисоб намудҳои фаъолияти зеринро дар бар мегирад: тамоми мақомоте, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз ҷумла сохторҳое, ки қисман ё пурра дар ҳисоби хоҷагӣ қарор доранд; тамоми ташкилотҳое, ки дар онҳо ҳиссаи сармояи давлат ба таври назоратӣ маҳсуб меёбад; Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; фондҳои ғайрибуҷетӣ ва барномаҳои мақсадноки умумидавлатӣ;

Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа; ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун, ки ба онҳо маблағҳои буҷетӣ дар намуди кӯмаки молиявӣ (дар асоси бебозгашт) ҷудо мегарданд; амалӣ намудани созишномаҳои байниҳукуматӣ, ки оқибатҳои молиявӣ ва оқибатҳои дигари хоҷагӣ доранд; хусусигардонии моликияти давлатӣ, аз ҷумла иҷрои шартномаҳои хусусигардонии бо давлат басташуда аз ҷониби соҳибони нав; идоракунӣ ва истифодабарии захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла татбиқи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот; истифодабарии кӯмакҳо ва хизматрасонии маблағҳои қарз ва захираҳои давлатӣ бо асъори хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз сарчашмаҳои хориҷии сармоягузорӣ ва мувофиқи мақсад сарф кардани онҳо, инчунин, мавзӯи санҷиши аудиторӣ, фаъолияти объектҳои санҷиши аудиторӣ оид ба ташаккул ва истифодаи маблағҳои давлатӣ мебошад[1].

Санҷишҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти ба худ хос дошта, вобаста ба мақсади гузошташуда ва хусусияти масъалаҳое, ки бояд ҳал карда шаванд, ба намудҳои зерини назорати молиявӣ гуруҳбандӣ мешаванд: *аудити молиявӣ, аудити самаранокӣ ва аудити натиҷанокӣ.*

Ташкили санҷиши аудиторӣ марҳилаҳои зеринро, ки ҳар яке аз онҳо иҷроиши амали муайянро дар назар дорад, дар бар мегирад: омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ; гузаронидани санҷиши аудиторӣ; ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ[2].

Дар марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ, омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳо гузаронида мешавад, ки аз рӯи натиҷаи он мақсад ва тартиби гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ҳамчунин меъёрҳои баҳогузории самаранокӣ ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ, муайян карда мешаванд. Натиҷаи марҳилаи мазкур, омода намудан ва тасдиқи барнома ва нақшаи кории гузаронидани санҷиши аудиторӣ мебошад. Марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ мутобиқи фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул аст, амалӣ мегардад.

Марҳилаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ин аз санҷиш ва таҳлили маълумот ва иттилооти тибқи дархости Палатаи ҳисоб ва (ё) бевосита дар объектҳои чорабинии назоратӣ ба даст овардашуда, ки барои ҷамъоварии далелҳо ва асосноккунии камбудию норасоиҳои ошкоршуда заруранд, иборат мебошад. Натиҷаи гузаронидани марҳилаи мазкур, санадҳои тартибдодашуда ва ҳуҷҷатҳои корӣ мебошанд. Санҷиши аудиторӣ дар асоси барномаи тасдиқшудаи санҷиши аудиторӣ ва фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб дар бораи гузаронидани чорабинии назоратӣ, ки тибқи Дастури Палатаи ҳисоб ба расмият доровarda мешавад, амалӣ мегардад.

Дар марҳилаи барасмиятдарории натиҷаи санҷиши аудиторӣ, ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудитории гузаронидашуда тартиб дода мешавад, ки дар он бояд хулосаҳо ва пешниҳодҳои (тавсияҳо) дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти маводи санҷиши аудиторӣ омодашуда, дарҷ гарданд. Инчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ пешниҳодот, мактуби иттилоотӣ ва мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омода карда мешавад.

Бо мақсади воқеӣ будани рафти санҷишҳои аудиторӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ аз назорати гузаронидашуда, санҷишҳои аудитории аз тарафи Палатаи ҳисоб амалишаванда хусусияти назоратӣ ва таҳлилию ташхисӣ дорад. Хусусияти назоратӣ ва таҳлилию ташхисӣ доштани санҷишҳои Палатаи ҳисоб имконият медиҳад, ки ҳамасола истифодаи ғайрисамараноки воситаҳои буҷетӣ аз тарафи ин ниҳоди давлатӣ ошкор карда мешавад. Барои исботи ин гуфтаҳо рақамҳои ҳисоботи Палатаи ҳисобро дар нимсолаи аввали соли 2017 дида мебароем. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2017 дар вазорату идораҳо, субъектҳои хоҷагидории давлатӣ, марказу гуруҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ,

бонкҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо 214 санҷиши аудиторӣ гузаронида зарари молиявиро ба маблағи 75,7 млн. сомонӣ муайян намуд. Аз маблағи умумии зарари молиявии ошкоргардида, хароҷотҳои ғайриқонунии пулию молӣ 5,8 млн. сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ 2,6 млн. сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 11,6 млн. сомонӣ, талафи воситаҳои пулию молӣ 16,4 млн. сомонӣ, маблағҳои кам ҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо 39,3 млн. сомониро ташкил медиҳад[3].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ташкил ва гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дар нимсолаи соли ҷорӣ истифодаи ғайримақсаднок ва ғайрисамараноки воситаҳои давлатиро ба маблағи 57,8 млн. сомонӣ, захира ва талафи буҷетро ба ҳаҷми 40,9 млн. сомонӣ муайян намуд. Дар ин давра ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоргардида, чораҳои мушаххас андешида шуда, ба буҷет ва корхонаҳо зарари молиявӣ ба маблағи 40,1 млн. сомонӣ барқарор ва маблағгузории сметаҳои хароҷотии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба 1,8 млн. сомонӣ кам карда шуд.

Хулоса, аз натиҷаи омӯзиши санҷишҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо маълум гашт, ки хусусияти санҷишҳои Палатаи ҳисоб дар он ифода меёбанд, ки самти санҷиш ба ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумоти беғаразона ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусоидат ба назорати истифодабарии маблағҳои гирифташуда ва харҷгардидаи буҷети давлатӣ ва идоракунии зарурии захираҳои давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷишҳо мегузаронад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.- ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, № 749.
2. Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 январи соли 2013, № 3.1
3. Ҳисоботи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2017. http://sai.tj/index.php/tj/onunguzori-dar-borai-palatai-isob.
4. Маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Палатаи ҳисоби ҶТ.-ш. Душанбе “Адиб” 2014, 448с.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Аннотатсия.*** Дар мақола хусусиятҳои ташкил ва гузаронидани аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Ҳамчунин дар мақола принсипҳои дар рафти санҷишҳо риояшаванда таҳлил карда шуда, аҳамияти онҳо дар баланд бардоштани сифати санҷишҳои аудиторӣ нишон дода шудааст. Муаллиф тавонистааст дар мақола хусусияти объекти санҷишии Палатаи ҳисобро муайян намуда, баъзе аз рақамҳоро аз ҳисоботҳои ин ниҳод таҳлил кунад.

**Вожакалимаҳо:** камомад, назорат, зарари молиявӣ, сармоягузорӣ, захираҳои давлатӣ, харҷнома, аудити молиявӣ, аудити самаранокӣ, аудити натиҷанокӣ.

## FEATURES ORGANIZATION AND REALIZATIONS OF VERIFICATION REGISTRATION CHAMBER OF REPUBLIC OF TADJIKISTAN

***Annotation.*** In the article features are examined organization and realizations of audit registration Chamber of Republic of Tajikistan. Also in the article analyzed principles that is necessary to be observed in the process of audit and open up their essence in upgrading of public accountant verifications. An author in the article could define to the feature the object of verification registration Chamber and to analyze some numbers reports of this organ.

***Key words:*** defects, control, financial loss, investment, state supply, estimate, financial audit, rational audit, effective audit.

**НАИМОВА** Марҳабо Каюмҷоновна
магистри курси 2, Донишкадаи молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси молия
**НАИМОВА** Мархабо Каюмджоновна.
магистр 2 курса, Финансово-экономического
института Таджикистана, специальность финансы
**NAIMOVA** Marhabo Qayumjonovna
Magister of 2 courses, Financial and Economic
Institute of Tajikistan, specialty finance

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.
# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ В ГОДЫ НЕЗАМИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН.

**Аннотация:** В статье анализирована роль государственной финансовой системы в развитии экономики Республики Таджикистан, необходимость совершенствования финансовой политики и направления ее развития на основе нормативно-правовых актов и статистических данных.

**Ключевые слова:** экономика, государственная финансовая политика, финансовые ресурсы, дополнительные финансовые ресурсы, рыночная экономика.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ низоми молияи давлатӣ нақши муҳимро дар самаранок ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ иҷро намуда, аз дуруст бароҳ мондани он пешрафти соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин вазифаҳои давлат ва сиёсати молиявии он ташкили шароит барои ташаккули ҳарҷи зиёдтари захираҳои молиявӣ, кам кардани вазнинии андоз, батанзимдарории уҳдадориҳои давлатӣ, истифодаи захираҳои молиявӣ барои ҳалли вазифаҳои афзалиятнок, кам кардани вобастагии даромадҳои буҷет аз тағйирёбии қурби пул ва нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ, ташкили низоми самараноки муносибатҳои байнибуҷетӣ ва идораи маблағҳои молиявии давлат ба шумор меравад

Таъмини саривақтии иҷрои ин вазифаҳо имкон медиҳад, ки ниҳодҳои дахлдор ба мақсадҳои муайянгардида, ки аз ташаккул, тақсим ва истифодаи дурусти маблағҳои буҷетӣ, назорати истифодаи самараноки онҳо, дуруст муайян кардани объектҳои андозбандишаванда ва меъёри андозҳо, ташкили фаъолияти самараноки низоми суғуртавӣ ва назорати муассисаҳои он, фаъолияти самараноки низоми аудитории мамлакат иборат мебошанд, ноил гарданд. .[1 ]

Қайд кардан ба маридаст, ки баъди истиқлолият бадаст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон  сохтори низоми молиявии кишвар куллан тағйир ёфта, муносибатҳои нави молиявӣ, пеш аз ҳама идоракунии устувори молияи давлатӣ, афзоиши даромадҳои буҷет, такмили низоми андозбандӣ, шаффофият ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет, нигоҳ доштани вазъи муътадили маблағгузории буҷет, ташкили бозори қоғазҳои қиматнок ва ғайраҳо равиши навро дар ин низом ба миён оварданд. Инчунин таҳия, баррасӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ, тартиби маблағгузорӣ ва танзими истифодаи самараноки воситаҳои пулӣ низ дигар шуда, низоми молиявӣ дар кишвар ба як низоми устувори идоракунии молияи давлатӣ мубаддал гашт. .[ 2]

Тайи даҳ соли охир ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ 11,2 маротиба афзоиш ёфта дар соли 2010 ба 7023,9 миллион сомонӣ ва дар соли 2017 ба 19568,6  миллион сомонӣ баробар гардид, ки он 31,7 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Агар соли 2000 ҳаҷми умумии қарзӣ берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 105,2 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дода бошад, баъди кӯшишҳои ҳукумати ҷумҳурӣ соли 2016 он ба 28,5 фоиз расид. Умуман, солҳои охир нақшаи буҷети давлатӣ новобаста аз хусусияти иҷтимоӣ доштанаш, ба  рушди иқтисодии воқеъӣ ва сармоягузории соҳаҳои истеҳлои зиёд буда, дар панҷ соли охир маблағгузорӣ ба ин

мақсад зиёда аз 25%-и ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатиро ташкил намуд. [ 3]

Дар шароити кунунӣ низоми муккамалӣ идоракунии молиявӣ дар кишвар ташаккул ёфта, воҳидҳои дохилии хазинадорӣ, идоракунии қарзҳои давлатӣ, рушди бозори қоғазҳои қиматнок, кор бо металлу сангҳои қимматбаҳо, хазинаи дороиҳои давлатӣ, мониторинги корхонаҳои азим, аудити дохилӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ таъсис дода шуда, шуъбаҳои молияи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ба раёсат, департамент ва минбаъд ба сарраёсату раёсатҳо табдил дода шудаанд. Дар самти такмили низоми молиявии давлатӣ бо назардошти хароҷоти давлатӣ, харид ва ҳисоботи давлатӣ, ислоҳоти хазинадорӣ, мустаҳкам намудани иқтидори аудиторӣ, ҳисобдорӣ, татбиқи стандартҳои байналхалқӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ корҳои зиёд амалӣ карда шудааст. .[ 4]

Қисмати муҳими идоракунии низоми молиявӣ ин такмилдиҳии низоми андоз ва андозситонӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт тайи солҳои минбаъда корҳои зиёде анҷом дода шудааст. Дар таҳияи нави кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор сабукиҳо, аз қабили номгӯи андозҳо то 50% кам карда шуда, андоз аз фуруши чакана ҳамчун андози такроркунандаи андоз аз арзиши иловашуда муайян карда шудааст. Инчунин боҷи гумрукӣ, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз номгӯи андозҳои Кодекси андози амалкунанда хориҷ карда шуда, онҳо бо Кодекси гумрук ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пардохтҳои ҳатмӣ» ва «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба танзим даровaрда мешаванд. Бо мақсади такмили идоракунии низоми андоз, кам кардани вақт ва хароҷоти соҳибкорон тавассути сода ва сабук намудани расмиёти андозсупорӣ шумораи эъломияҳо аз рӯи андозҳо ва пардохтҳои алоҳида то 40%, ҳисобҳои андозӣ то 60%, ба расмиёт даровардани ҳуҷҷатҳои гумрукӣ то 30% кам карда шудаст. [5]

Яке аз унсурҳои асосии ислоҳоти идоракунии низоми молиявӣ дар ҷумҳурӣ ин ташкили низоми иттилоотии равандҳои муомилоти молию пулӣ ва хазинадории буҷет, ҷорӣ намудани суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ, стандартҳои муҳосибот ва нақшаи якхелаи суратҳисобҳо мебошад. Тавассути ин раванд таъсиси КВД «Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ», таъмини он бо таҷҳизоту технологияи пешқадами муосир ва мутахассисони сатҳи баланди касбӣ шомил мебошад, ки татбиқи ниҳоии босифату саривақти қисматҳои автоматикунонии стратегияи мазкур то соли 2018 пешбинӣ шуда, пурра амалӣ гардидани он иштироки шахсони мансабдорро дар амалиётҳои молиявии гуногун, пеш аз ҳама дар низоми хазинадорӣ ҳамчун омили коррупсионӣ маҳдуд менамояд. Бар замми ин бо супориши ҳукумати кишвар Шабакаи ягонаи электронӣ иттилооти байни Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук, ки фаъолияти низоми хазинадорӣ, андозу буҷет ва умуман идоракунии самараноки молияи давлатиро таъмин менамояд, ташкил карда шудааст.

Умуман, низоми идоракунии молиявӣ ин низоми устуворе мебошад, ки дар таъмини самараноки сиёсати молиявӣ, аз он ҷумла сиёсати фискалӣ, назорати молиявии давлат, рушди бозори қоғазҳои қиматнок, суғурта, дастгириҳои молиявии соҳибкорӣ ва тайёр кардани мутахасисони соҳаи мазкур нақши муҳимро мебозад. .[ 6 ]

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои соли 2017

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 №723

3. Аъламхон Наимӣ. Рушди молияи давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017. - 52с.

4. Оймаҳмадов Г.Н. Молияи корхона (корпаративӣ) / Китоби дарсӣ.- Душанбе: ДМИТ, 2016. - 452с.

5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав соли 2013
6. Тағоев Ҷ.Ҳ., Мирсаидов М.Н., Сафаров А.А. Фаъолияти сармоягузорӣ, маводҳои конфронси ҷумҳуриявӣ Кулоб-2016.

## ТАКМИЛИ НИЗОМИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Аннататсия:*** Муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки то андозае нақши низоми молияи давлатиро дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ, зарурияти такмили низоми молиявӣ ва самтҳои рушди онро дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва маълумотҳои оморӣ таҳлил намояд.

***Калидвожаҳо:*** иқтисодиёт, низоми молияи давлатӣ, захираҳои молиявӣ, дарёфти захираҳои иловагии молиявӣ, иқтисоди бозорӣ.

## IMPROVEMENT OF THE STATE FINANCIAL SYSTEM IN THE YEAR OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.

**Abstract:** In the article is analyzed the role of the state financial system in the development of the economy of the Republic of Tajikistan, the need to improve financial policies and the direction of its development on the basis of normative legal acts and statistical data.

**Keywords:** economy, state financial policy, financial resources, additional financial resources, market economy.

**РИОЕВ** М.А. магистранти
курси 2-юми ихтисоси
Ҳуқуқи иқтисодӣ.
**РИОЕВ** М.А. магистрант
2-го курса специальности
Экономическое право.
**RIOEV** M.A. Second year student
of Master deqree curses of
Economis riqlt department.

# ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АРБИТРАЖИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИҶОРАТӢ

## ПРИНЦИПЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЕЖДУНАРОДНОГО АРБИТРАЖНОГО ТРИБУНАЛА ПО ТОРГОВЛИ

В данной статье был проанализирован международный арбитражный трибунал по торговли, который был создан для конкретного рассмотрения на территории Республики Таджикистан. На основе метода сравнительного иследования законодательства Содружества Независимых Государств, автор пришел к выводу, что совершенствование принципов поможет улучшить правовую основу деятельности арбитражного трибунала.
Ключевые слова: принципы, постоянно - дествующий международный арбитражный требунал по торговли, третейский суд, диспозиция,обсуждение.

Дар шароити гузуриш ба иқтисоди бозоргонӣ ва рушду такомули фаъолияти берунаи иқтисодӣ, савдои хориҷӣ ва дигар робитаҳои байналмилалии иқтисодӣ зарурати таъсис ва фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ба миён омада, ҳамчун тарзи алтернативии ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкию граждании онҳо тақозои замон аст. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тавассути арбитраж баррасӣ намудани баҳсҳои ҳуқуқӣ дар муқоиса бо судҳои давлатӣ якчанд афзалияту сабукиҳоро (таъҷилӣ, камхарҷ ва м.и.) нисбати тарафҳои муносибатҳои баҳсӣ доро аст [9; 12]. Аз ин ҷо таъсис ва фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами рӯз буда, бинобар сабабе, ки дар ҷумҳурии мо асосҳои ҳуқуқии танзими арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар марҳилаи

шаклгирӣ қарор дорад, баъзе масъалаҳои назариявии таъсис ва фаъолияти он, ба хусус принсипҳои фаъолияти арбитраж тадқиқоти ҳаматарафа ва амиқро талаб менамояд. Бо назардошти ин, мо қарор додем атрофи масоили назариявӣ ва инъикоси принсипҳои фаъолияти арбитраж дар қонунгузории ҷумҳуриамон изҳори назар намоем.

Принсип (аз лотинии principum – асос, қонун, усул, бунёд, таҳкурсӣ) гуфта дар илми ҳуқуқшиносӣ ақидаҳо, асосҳои пешбарандаи ҳуқуқро меноманд, ки аз ақидаҳои озодиву адолат ва баробарӣ манша гирифта, моҳияти ҳуқуқро ифода менамоянд [10, саҳ. 208]. Озодиву адолат ва баробарӣ принсипҳои пешбарандаи ҳуқуқ маҳсуб ёфта, дар муҳимтарин санадҳои ҳуқуқӣ эълон дошта мешаванд. Ҳамчун ақидаҳои марказии ҳуқуқи фитрӣ онҳо, қабл аз ҳама, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфта, баъдан дар қонунгузории кишварҳои алоҳида мушаххас мегарданд ва дар фаъолияти арбитражӣ низ ба роҳбарӣ гирифтани онҳо ногузир аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои асосии озодию адолат ва баробарии одамонро муқаррар намудааст, ки дар қонунҳои ҷории кишвар мушаххастар мегарданд.

Ба андешаи олими шинохтаи тоҷик профессор М.З. Раҳимов принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, асосҳои аввалини қонунгузорӣ роҷеъ ба арбитражи байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд. Дар навбати худ – менависад ӯ – принсипҳои мурофиаи арбитражӣ низомеро ташкил медиҳанд, ки фаъолияти ниҳоди арбитражи байналмилалӣ дар заминаи он ба амал бароварда мешавад. Ҳамзамон онҳо бояд мантиқан беихтилоф, ба ҳам алоқаманд бошанд ва дар ягонагӣ устувории низоми мурофиаи арбитражиро таъмин созанд [9, саҳ. 28].

Принсипҳо ин ақидаҳои роҳбарикунандаи сохти муҳокима ва фаъолияти арбитражро муайянкунанда мебошанд. Онҳо бояд ба як қатор талаботҳо ҷавобгӯй бошанд: а) принсипҳо на ҳама ақидаҳои худсарона интихобшуда оид ба шакл ва тарзи муҳокимаю фаъолияти арбитражӣ, балки онҳое мебошанд, ки ҷавобгӯйи шароити иқтисодӣ – иҷтимоии инкишофи ҷамъиятанд; б) вазифаҳои муҳокимаву баррасии арбитражӣ ҳамон вақт амалӣ мегарданд, ки агар ташкили таҳқиқу тафтиши баҳс дар асоси принсипҳои демократӣ сурат гирад; в) принсипҳои фаъолияти арбитраж ақидаҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ муқаррар гардидаанд. Талаботи мазкур ба принсипҳо моҳияти ҳатмӣ, муайянӣ ва кафолатнокии риояи онҳоро медиҳад [4, саҳ. 712]. Моҳияти принсипҳо дар фаъолияти арбитраж гуногунанд: мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои хоси муҳокимаву фаъолияти арбитражиро ифода менамоянд; низоми меъёрҳои ҳуқуқии хусусияти умумидоштаро ташкил карда, таҳкурсии асосии қонунгузорӣ оид ба фаъолияти арбитражӣ ба ҳисоб мераванд; вайрон кардани меъёрҳои принсипҳо барои бекор кардани санадҳои қабулкардаи арбитражҳо асос шуда метавонанд [6, саҳ. 75-77].

Хусусияти умумиҳатмӣ доштани принсипҳои ҳуқуқӣ дар татбиқи мустақили онҳо ҳангоми баррасии ихтилофоти ҳуқуқӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, ба принсипҳои ҳуқуқӣ дар муқоиса ба меъёрҳои ҳуқуқӣ афзалият дода мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки дар сурати рақобати принсипҳои хуқуқӣ ва меъёрҳои муқаррарии ҳуқуқӣ бартарӣ ба принсипҳои ҳуқуқӣ дода мешавад [4, саҳ. 218].

Бояд таъкид намуд, ки қонунгузории на ҳама мамлакатҳо принсипҳои таъсис ва фаъолияти арбитражи байналмилалиро дар худ инъикос намуданд. Масалан, агар дар Қонуни Федератсияи Русия «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» меъёру муқаррарот оид ба принсипҳои таъсис ва фаъолияти арбитражи байналмилалӣ ҷой дода нашуда бошад, пас дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» принсипҳои таъсис ва фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ сабт гаштаанд, ки мувофиқи моддаи 4-уми он чунинанд: 1) баробарҳуқуқии тарафҳо; 2) интихоби озоди ҳайати арбитраж, ҳуқуқи татбиқшаванда, расмиёт ва забони мурофиаи арбитражӣ аз ҷониби тарафҳо; 3)

тобеияти шартномавии парвандаҳои баррасишаванда; 4) афзалияти принсипҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ; 5) мустақилияти арбитраж ва арбитрҳо; 6) махфиёна будани муҳокимаи арбитражӣ; 7) мусоидат ба хотимаёбии баҳс бо роҳи созиши оштии тарафҳо; 8) қатъӣ будани ҳалномаи арбитражии аз ҷониби арбитраж қабулгардида [2].

Бояд ёдовар гардид, ки дар маъхазҳои таълимию илмии кишварҳои аъзои ИДМ мафҳум ва намудҳои принсипҳои таъсису фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ҷой надорад. Дар маъхазҳои таълимӣ ва илмӣ баҳс асосан дар атрофи мафҳум ва табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ ва принсипҳои фаъолияти онҳо меравад. Бо дарназардошти умумияти зиёди принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бо принсипҳои фаъолияти судҳои ҳакамӣ тадқиқу таҳлили қонунгузорӣ оид ба судҳои ҳакамӣ ва фикру ақидаи муҳаққиқони гуногун дар хусуси мафҳум ва табиати ҳуқуқии принсипҳои муҳокимаи ҳакамӣ аз аҳамият холӣ нест. Дар воқеъ дар моддаи 21-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» принсипҳои муҳокимаи ҳакамӣ номбар карда мешаванд, ки бо принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалӣ қариб якхелаанд ва барои қиёс моддаи мазкурро меорем: муҳокимаи ҳакамӣ дар асоси принсипҳои қонуният, ихтиёрӣ, махфӣ, мустақилият ва беғаразии ҳакамон, диспозитивӣ, мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ба амал бароварда мешавад [3].

Муаллифони мухталиф ба таркиби гуногуни принсипҳои муҳокимаи ҳакамӣ ишора мекунанд. А.И. Зайцев чунин принсипҳоро зикр месозад: мустақилияти ҳакамон; ба тариқи дастаҷамъона ва ё танҳо баррасӣ намудани парвандаҳо; баробарии тарафҳо; хаттӣ ва шифоҳӣ будани пешбурд; дар маҷлиси пӯшида баррасӣ намудани парванда; қонуният; баррасии таъҷилии парванда; забони миллии пешбурди судӣ [6]. Баъзе муаллифони дигар на танҳо ба чунин принсипҳои фаъолияти суди ҳакамӣ, ки ҳамзамон хоси ташкили ҳокимияти судӣ ва адолати судӣ мебошанд (баробарии ҷонибҳо, мубоҳиса, диспозитивӣ), инчунин ба принсипҳои махсуси фаъолияти судҳои ҳакамӣ, аз қабили эътимоднокӣ, дастрасӣ, фаврӣ, махфӣ, созишӣ ва назорати давлатӣ ишора менамоянд [4; 8; 11]. Ғайр аз ин дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши адабиётҳои дахлдор чунин принсипҳои муҳокимаи ҳакамиро дучор шудан мумкин аст, аз қабили мустақилият дар татбиқи шаклҳои баррасии баҳс; аз тарафи иштирокчиёни баҳс интихоб намудани судяҳо ҷиҳати баррасии парванда; вобаста набудани суди ҳакамӣ ба пешбурди судии гражданӣ ва арбитражӣ; ҳимояи қарорҳои суди ҳакамӣ тавассути иҷрои маҷбурии онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ; расмияти мурофиаи ҳакамӣ; ҳақиқати судӣ; роҳбарии судии мурофиа; озодии шартнома; маҳдуд намудани ҷавобгарии давлат барои муҳокимаи ҳакамӣ ва истиқлолияти суди ҳакамӣ аз мақомоти судҳои давлатӣ; аз ҳайати тоқ иборат будани суди ҳакамӣ; холисии судяи суди ҳакамӣ ва риояи қонуният аз тарафи ӯ зимни баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳс дар хусуси ҳуқуқ; ба амал баровардани муҳокимаи ҳакамӣ дар асоси ихтиёрӣ ва мувофиқаи тарафҳои баҳс, мадад ба ҳамкории байни тарафҳо; соддагии маросими хакамӣ; қатъӣ будани қарори суди ҳакамӣ ва нораво будани тафтиши он аз тарафи суди давлатӣ.

Тавре ба назар мерасад, дар хусуси миқдор, низом ва мазмуни принсипҳои муҳокимаи ҳакамӣ дар илм ақидаи ягона ҷой надорад. Қонунгузории муосир бошад аксарияти зиёди принсипҳои фавқузикрро ба сифати асос, ибтидои меъёрӣ, ки бояд суди ҳакамӣ онҳоро зимни баррасии парвандаи ба ӯ таҳвилшуда ба роҳбарӣ гирад, эътироф намекунад. Аммо он тавре, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дарҷ мегардад, дар худи қонунгузорӣ, дар низоми меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ аҳамияти умумиҳатмиро доро мешаванд, чунки онҳо аз ҷониби қонунбарор муқаррар шудаанд [7; 10].

Ҳамин тавр, хусусияти умумиҳатмии принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар татбиқи бевоситаи принсипҳои мазкур зимни баррасии

мухолифатҳои ҳуқуқӣ ифода мегардад. Дар ин маврид, ба принсипҳои ҳуқуқӣ дар қиёс ба меъёрҳои ҳуқуқӣ афзалият дода мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки дар сурати ихтилоф ва рақобати байни принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалӣ ва меъёрҳои муқаррарии ҳуқуқии танзимкунандаи ин навъи фаъолият бартарӣ ба принсипҳо дода мешавад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: Ирфон, 2016. –84 с.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18.03.2015, 1183 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2015. -№ 3. -Мод. 205.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 05.01.2008, 344 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2008. -№ 1. -Мод. 10.
4. Арбитражный процесс. Учебник /Отв. ред. проф. В.В. Яркое. 2-е изд.. перераб. и доп. М., 2003.
5. Григорьева И.В. Теория государства и права: учебное пособие. – Тамбов : Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2009.
6. Зайцев А.И. Диспозитивность - основополагающий принцип третейского судопроизводства //Третейский суд. 2000. №1.
7. Марченко М.Н. Теория государства и права: Учебник. –2-е изд., перераб. И доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2004.
8. Решетникова И.В. Основные формы взаимодействия арбитражных и третейских судов //Третейский суд. 2004. №4 (34).
9. Танзими ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ / Муҳаррири масъул д.и.ҳ., проф. М.З. Раҳимов. Душанбе: "Ирфон", 2010.
10. Чепурнова Н.М., Серёгин А.В. Теория государства и права: Учебное пособие. – М.: ЕАОИ, 2007. – 465 с.
11. Шонасриддинов Н. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналхалқии тиҷоратӣ: Васоити таълимӣ. Душанбе: "Сино", 2007.


**ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АРБИТРАЖИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИҶОРАТӢ**


Дар мақолаи мазкур принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷорати, ки барои баррасии баҳси мушаххас дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар заминаи таҳқиқоти муқоисавӣ бо қонунгузории давлатҳои ИДМ муаллиф ба хулоса омадааст, ки такмили принсипҳо барои беҳтар намудани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти арбитраж мусоидат хоҳад кард.



**Калидвожаҳо**: принсипҳо, арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунанда, арбитражи байналмилалии тиҷоратии якборамалкунанда, судҳои ҳакамӣ, диспозитивӣ, мубоҳиса.


**PRINCIPLES OF ACTIVITY OF INTERNATIONAL COMMERCIAL ARBITRATION.**


This article was analyzed by the Arbitration Tribunal of International Trade, which was established for special consideration on the territory of the Republic of Tajikistan. On the basis of a comprehensive review of the legislation of the Cooperetion of Independent States, the author concluded that improving the principles would help to improve the legal framework for arbitration.



**Keywords**: principles, permanent international arbitration trade, ... arbitration court, disposition, discussion.

**ЗАРОВИДИНОВ** Ф
Магистр 2-го курса
финансы и кредит во ВЭД
**ZARAVIDINOV** F
Master of 2 course
finance and credit in
Foreign Economic Activity
**ЗАРАВИДДИНОВ** Ф.
магистр курси 2-юм
молия ва қарз дар
фаъолияти иктисодии хориҷӣ

# САРМОЯИ ВЕНЧУРӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ВЕНЧУРИ: ТАҶРИБАИ ҶАҲОНӢ ВА БАРНОМАҲОИ ОНҲО ДАР ТОҶИКИСТОН
# ВЕНЧУРНЫЙ КАПИТАЛ И ВЕНЧУРНОЕФИНАНСИРОВАНИЕ: МИРОВОЙ ОПЫТ И ИХ ПРИМЕНЕНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Аннотация**

Целью настоящий статьи является рассмотрение мирового опыта венчурного бизнеса для выявления наиболее проблемных звеньев механизма венчурных инвестиций что позволит найти эффективные пути реализации приоритетных планов в будущем.

**Ключевые слова**: венчурный капитал, венчурное финансирование, технологические развития, экономические выгоды, экономический инструмент, рисковое предприятия, финансовый рычаг, корпоративные затраты.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ бизнес намуди нисбатан баланди технологииидоракунии молиявии муосир ба ҳисоб рафта, вазифаи мусоидат барои рушд, инчунин ғоя ва технологияҳоро тавассути сармоягузории мақсаднок иҷро мекунад. Он барои дастгирӣ ва инкишоф додани бахши воқеӣ ва махсусан корхонаҳои хурд ва миёна воситаи таъсирбахш мебошад. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон сармоягузории венчурӣ ҳанӯз рушд наёфтааст. Бозори сармоягузории венчурӣ ва маҷмӯи сармоягузории венчурӣ дар соҳаи илм, ки мавқеи устувори бозаргонии худро дар иқтисодиёти ҳамаи кишварҳои рушдёфта ишғол намуд, бешубҳа аҳамияти худро барои баланд бардоштани самаранокии рушди иқтисодиёт нишон дод. Дар тафсири муосир мафҳуми сармоя қабл аз ҳама бо қобилияти ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, чунин навъи сармоя, чун венчуриро мо метавонем ҳамчун як воситаи иқтисодӣ, ки барои маблағгузории рушди сармоягузориҳои венчурӣ дар соҳаи илм истифода мегардад, тавсиф намоем.

Истилоҳи "венчурӣ" аз калимаи англисии "venture", яъне "корхонаи хавфӣ ё иқдоми хавфӣ" бармеояд. Мафҳуми сармояро мумкин аст ҳамчун моликияти асосӣ, қимате, ки арзиши иловагӣ меорад, таъриф намуд. Яъне сармоя - арзишест дар шакли пул ва молҳо, ки барои афзоиши ба даст овардани афзоиши иловагӣ ё фоида истифода мешавад. [2]

Дар асоси назарияи Паули Гулкин, ҳадафи сармоягузории венчурӣ чунин аст: пакети саҳмияҳо ё саҳми камтар аз пакети назоратиро ба даст оварда, сармоягузор умедвор аст, ки роҳбарияти ширкат пули ӯро ҳамчун фишанги молиявӣ истифода хоҳад бурд. [1] Бахши ғайрирасмии сармояи венчурӣ – ин ба ном “бизнес-фаришта” ва инчунин аъзои оилаҳои ширкатҳои хурди азнавсохташуда мебошанд. “Бизнес-фаришта” - одатан мутахассисони кордони дорои таҷриба дар тиҷорат мебошанд. Сармоягузори венчурӣ одатан як шахс ё гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки дар тиҷорати худ муваффақиятҳои назаррас ба даст овардаанд ва акнун ба сармоягузории самараноки маблағҳои бекор, яъне сармоя ҳамасманданд.

Онҳо розӣ ҳастанд, ки нисбат ба қарздиҳандагони анъанавӣ тавакали калон кунанд, вале ба ивази он онҳо мехоҳанд подоши мувофиқ гиранд. Таваҷҷӯҳи онҳоро нақшаҳои молиявии ширкати шумо, ҳадафҳои он, тарафҳои қавӣ ва заиф ҷалб мекунад, вале ғайр аз ин онҳо маҳсулоти истеҳсолнамудаи ширкати шумо, бозори ин маҳсулот ва дурнамои рушди он, инчунин афзоиши иловагӣ ё фоидаро бо диққат меомӯзанд. Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ, соҳибони лоиҳаҳо,соҳибкорон ва роҳбарони ширкатҳои ҷавон ба чунин як ҷараёни тез ва пурқуввати маблағҳои берунӣ ҳавасманд мебошанд. Ҳангоми таъхир, ҳатто сармоягузориҳои беҳад калон метавонанд бефоида гарданд, зеро чунин идея метавонад дар байни рақибон пайдо шавад. Сармоягузор низ наметавонад интизор шавад. Шарикони асосии ширкатҳои венчурӣ дар шахси сармоягузорон инчунин метавонанд шариконе бошанд, ки онҳоро сармоягузори венчурӣ меноманд, роҳбар ҳастанд, бо ибораи дигар - онҳо мутахассисони корозмудаи тиҷорати сармоягузорӣ мебошанд. Таҷрибаи муваффақи кории онҳо метавонад фарқ кунад, аммо дар аксарият ин шарикон роҳбарони кулли ширкатҳои бонуфузе чун дигарон, ки шарикии онҳоро маблағгузорӣ мекунанд, буданд. Сармоягузорони фондҳои венчуриро шарикони дорои масъулияти маҳдуд меноманд. [3] Агар идея дар муҳлати худ маблағгузорӣ нагардад, он аз назди сармоягузор шинокунон меравад, ончунон ки аз дасти эҷодкорони он меравад. Маблағгузории венчурӣ сармоягузорӣ ба сармояи саҳмиявиро бар ивази саҳм ё пакети саҳмияҳо бе пешниҳоди ягон намуди гарав пешбинӣ менамояд. Дастрасии сармоягузории венчурӣ аз шароити бозор вобастагии сахт дорад, ки он ин намуди сармоягузориро ноустувор мегардонад. Истифодаи сармоягузории венчурӣ инчунин метавонад ба тағйирёбӣ дар тақсимоти ҳуқуқ ба моликият ва аз даст додани назорат дар қабули қарорҳо оварда расонад [1] Рушди сармоягузории венчурӣ пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз ёфта, дар солҳои 1980-ум миқёси намоёнро инғол намуд. Дар муқоиса ба сармоягузории классикӣ (дарназардошти баргардонидани маблағ) дар шакли сармоягузории венчурӣ эҳтимоли бузурги талафи сармоя дар ҳар як ширкати мушаххас, чун ќоида, бо эҳтимоли зиёда аз 50% гузошта шудааст. Даромаднокӣ аз ҳисоби натиҷаи баланд дар сармоягузориҳои нисбатан муваффақ ба даст меояд. Дар индустрияи венчурӣ Иёлоти Муттаҳидаи Америко ҳамеша мавқеи пешсафиро иншғол менамуд. Дар Аврупо низ бизнеси венчурӣ фаъолона инкишоф ёфтааст, ҳарчанд аз ҷиҳати фарогирӣ нисбат ба ИМА камтар аст. Дар минтақаи мазкур Британияи Кабир пешсаф аст. Бо навъҳои хоси субъектҳои венчурӣ дар ҷаҳон Исроил мавқеи хос дорад. [4] Маблағгузории венчурӣ - як навъ сармояи пулӣ мебошад, ки дар зери таъсири низоми ёрии молӣ (ёрии пулӣ) ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯи лоиҳаҳо ва барномаҳои инфиродӣ пайдо шудааст. Сармояи венчуриро инчунин чун василаи маблағҳои сармоявии аз ҷониби мутахассисони корозмуда идорашаванда метавон таъриф намуд. Дар асл, маблағгузории венчурӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи сармояҳои дарозмуҳлат, одатан барои 5-7 сол ба корхонаҳое ки дар марҳилаҳои аввали рушди худ қарор дошта ва инчунин ба корхонаҳои амалкунанда барои барои васеъ намудан ва азнавсозии онҳо пешниҳодшаванда тавсиф карда шавад. Инчунин нақши сармоягузории венчурӣ дар рушди фаъолияти илмӣ – техникӣ, ҳамчунин хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дигар намудҳо ва шаклҳои сармоягузорӣ муайян гардидааст. Ҳадафҳо ва вазифаҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) барои дастгирии коркардҳои илмӣ –техникӣ муайян шудаанд. Намудҳои гуногуни дастгирии ғайримустақими фаъолияти илмӣ –техникӣ пешниҳод гардидаанд. Ва бинобар ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки монанди бисёре аз кишварҳои дигари дунё яке аз роҳҳои нисбатан таъсирбахши рушди ояндаро дар коркарди стратегияи сармоягузории усулан нав интихоб намояд, ки бо кӯмаки он бояд сиёсати нави сармоягузорӣ амалӣ гардад ва механизми сармоягузории гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ бо рушди афзалиятноки соҳаҳои фаъоли илмии иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани иқтидори бозори дохилӣ сохта шавад. Вобаста ба ин бояд заминаи консептуалии стратегияи сармоягузорӣ, ки чун механизми татбиқи стратегияи

иҷтимоӣ - иқтисодии ҷумҳурии мо ҳангоми гузариш ба самти инноватсионии рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ба тасвиб расонда шавад.Аз ҷумла, бояд ба таҳлили натиҷаҳои рушди индустрияи венчурӣ дар Аврупо машғул шуда, ҷараёни инкишофи оянdаи онро пешгӯӣ намуд ва барои беҳтар намудани шароити фаъолияти бизнеси венчурӣ равишҳо ва тавсияҳоро коркардан лозим аст. Яке аз чунин равияҳои истифода намудаи муаллиф - арзёбӣ намудани фазои сармоягузорӣ аз нуктаи назари сормоягузори венчурӣ мебошад. Инчунин тадқиқоти олим П. Артус, ки ба бартараф намудани таъсири «ҳамворкунии" ҷараёни инкишофи даромаднокӣ аз сармояи венчурӣ бо сабаби пӯшида будани фондҳои венчурӣ ҳангоми таҳлили портфелӣ бахшида шудааст, хеле ҷолиб аст. [6] Ҷараёни молиявии сармоягузории фаъолияти илмӣ –техникӣ дар ҳамаи кишварҳои бо сохтори инноватсионии миллӣ рушдёфта аз бахшҳои зерин иборат аст:

системаи грантҳои давлатӣ барои патенткунонии натиҷаҳои онҳо ва мақсадҳои дигар сармояи венчурӣ хароҷотҳои корпоративӣ барои амалигардонии натиҷаҳои онҳо; хароҷоти сармоягузорони инфиродӣ. Сармоягузории венчурӣ дорои якчанд хусусиятҳое мебошад, ки бо он аз сармоягузории бонкӣ ва ё сармоягузории шарики стратегӣ тафовут дорад. Сараввал, он бе шарти “хавфи писандида” имконнопазир аст. Ин маънои онро дорад, ки маблағгузорони сармоя қаблан бо имконияти аз даст додани маблағҳо ҳангоми нокомии корхонаи сармоягузоришуда бар ивази меъёри баланди фоида дар сурати муваффақияти он розӣ мешаванд; Дуюм, ин навъи сармоягузорӣ маблағгузории дарозмуддати сармояро ба назар мегирад, ки ҳангоми он сармоягузорро лозим меояд, ки ба ҳисоби миёна аз се то панҷ сол интизор шавад, то ба самаранокии лоиҳа эътимод пайдо кунад, ва аз панҷ то даҳ сол интизор шавад, то аз сармояи гузоштааш фоида гирад; Сеюм, сармоягузории венчурӣ на ҳамчун қарз, балки дар шакли ҳаққи саҳм дар сармояи оинномави венчурӣ ҷойгир карда мешавад. Корхонаҳои нав таъсисёбанда, чун қоида аз мақоми ҳуқуқии шарикӣ бархӯрдор мешаванд, маблағгузорони сармоя бошанд шарикони масъул бо андозаи маҳдуди саҳм мегарданд. Чорум, вобаста ба ҳиссаи иштирок, ки ҳангоми пешниҳоди маблағ шарт карда мешавад. Сармоягузорони хавфӣ барои гирифтани даромадҳои муносиби оянда корхонаи аз сармоягузоришаванда ҳуқуқ доранд; Панҷум, соҳибкори венчурӣ дар тафовут аз шарики стратегӣ хеле кам барои ғасби пакети назоратии ширкат саъй мекунад. Одатан ин пакет аз 25% то 40% -ро ташкил медиҳад. Шашум, боз яке аз хусусиятҳои шакли хавфии сармоягузорӣ дараҷаи баланди таваҷҷуҳи шахсии сармоягузорон барои муваффақиятиояндаи корхонаи нав аст. Ин ҳам аз сабаби хатари баланд доштани лоиҳа ва ҳам аз мақоми шариксоҳибии лоиҳаи таъсисёфта сарчашма мегирад. Бинобар ин, сармоягузорони хавфӣ аксар вақт ба пешниҳод намудани маблағ маҳдуд намешаванд, балки хизматрасониҳои гуногуни машваратӣ, идоракунӣ ва дигар хизматрасониҳоро, ки аз ҷониби сармоягузорони хавфӣ сохта шудаанд, таъмин мекунанд. Дар Тоҷикистон сармоягузории венчурӣ ҳоло рушд наёфтааст, аммо сарфи назар аз ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло истифодаи лизинги молиявиро ҳамчун яке аз усулҳои сармоягузорӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ –техникӣ азхуд намудааст.

Тавассути фондҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат метавонад бо истифода аз сармояи венчурӣ барои ҳалли масъалаҳои афзалиятнок фаъолона амал намояд. Дар хотима мехоҳам илова кунам, ки маблағҳои давлатӣ, ки ба фондҳои венчурӣ сармоягузорӣ мегарданд, хавфи сармоягузорони хусусиро, ки ба ин фондҳо шомиланд, коҳиш медиҳанд. Чунин шакли кӯмаки давлатӣ дар марҳилаи аввали ташаккули индустрияи венчурӣ самаранокии худро қариб дар ҳамаи кишварҳо нишон додааст.

**Адабиёт:**

*1.*Дворжак И., Кочишова Я., Прохазка П., Венчурный капитал в странах Центральной и Восточной Европы // Проблемы теории и практика управления.-2000.-№5.
2.http://www.grandars.ru/college/biznes/venchurnoe-finansirovanie.html

3.https://ru.wikipedia.org/wiki/

4.http://www.grandars.ru/college/biznes/venchurnoe-finansirovanie.html
5.http://dislib.ru/ekonomika/85618-1-analiz-mehanizmov-razvitiya venchurnogo-kapitala-rossii.php

**САРМОЯИ ВЕНЧУРӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ВЕНЧУРИ: ТАҶРИБАИ ҶАҲОНӢ ВА БАРНОМАҲОИ ОНҲО ДАР ТОҶИКИСТОН**

**Аннотатсия**

Мақсади ин мақола ба назар гирифтани таҷрибаи чахонии бизнеси венчурӣ барои муайян кардани робитаҳои бештаре, ки дар механизми сармоягузори вобастагӣ дорад. Ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои самарабахши татбиқ ин нақшаҳои афзалиятноки ояндаро пайдо кунем.

**Вожахои асоси:** Сармояи хатарнок, сармоягузорӣ дарсоҳаи рушд, рушди технологӣ, имтиёзҳои иқтисодӣ, воситаҳои иқтисодии корхона, хавфи молиявӣ, хароҷоти корпоративӣ.

**VENTURE CAPITAL AND VENTURE FINANCING; WORLD EXPERIENCE AND THEIR APPLICATIONS IN TAJIKISTAN**

**Annotation**

The purpose of this article is to consider the global experience of the venture business to identify the most problematic links in the venture investment mechanism, which will allow us to find effective ways to implement priority plans in the future.
**Keywords:** venture capital, venture financing, technological development, economic benefits, economic instrument, risk enterprise, financial lever, corporate costs.



**ФИРУЗИ Талбак .,**
магистранти курси 2, ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии ДМИТ
**ФИРУЗИ Талбак**
магистрант 2-го курса ФЭИТ по специальности: Экономическое право .

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ГРАЖДАНСКИХ ОТНОШЕНИЙ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена проблеме регулирования отношений в законодательстве Республики Таджикистан. Автор анализирует регулирование гражданских отношений согласно законодательству страны и в связи с темой предлагает несколько рекомендаций.
**Ключевые слова**: гражданство, гражданин, иностранные граждане, законодательство, законодательные акты, международное законодательство.

Масоили шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин барои ҳар як давлати соҳибихтиёр аст. Ҳар як давлати тозаистиқлол кӯшиш мекунад, ки муносибатҳои муҳим ва доираи фарогири шаҳрвандиро дар қонунгузории худ мустаҳкам намояд. Шаҳрвандӣ ҳолати табии инсон буда, барои нишон додани робитаҳои ҳуқуқии инсон бо давлат мушаххас истифода мешавад. Ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ ҳуқуқи дахлнопазирӣ инсон мебошад. Шаҳрвандӣ ин мафҳуми васеъ буда, ки шахс ҳангоми соҳибияти он ба худ мақоми шаҳрвандро мегирад. Шаҳрванд дар ҳуқуқи конститутсионӣ шахси ҷисмониест, ки бо давлати дар он қарор дошта расман алоқаманд буда, шаҳрвандӣ он мебошад. Шаҳрванд дар алоқаи доимии ҳуқуқӣ бо давлат қарор дорад. Аз ин рӯ, ӯ дорои ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳоест, ки дар Конститутсия ва қонунгузории давлат пешбинӣ мешавад.

***Шаҳрвандӣ алоқаи устувори сиёсӣ - ҳуқуқии одам ва давлат аст, ки дар маҷмӯи ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти байниҳамдигарии онҳо ифода мешавад*** [7, 157].

Ба ҳамин мазмун шаҳрвандӣ равобити ҳуқуқии миёни фард ва давлат, ки мазмуну муҳтавои онро пойдорӣ, ҳуқуқ ва қобилиятҳои фард нисбат ба давлат ва давлат нисбати фард, тобеияти фард аз ҳокимияти олии давлат ташкил медиҳанд, дарк мегардад. Шаҳрванд шахсест, ки садоқатмандии худро нисбат ба кишваре, ки зодгоҳаш аст ва ё нисбат ба кишваре, ки дар он ҷо ҳуқуқи шаҳрвандӣ **натурализатсия** (ба шаҳрвандӣ қабул намудани шахси хориҷӣ) [10, 89] – ро нигоҳ медорад ва ҳуқуқҳои ӯ аз тарафи он кишвар таҳти ҳимоя қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, шаҳрвандӣ мақомест, ки шахс ба он соҳиб шуда метавонад. Аҳамияти ҳуқуқии падидаи шаҳрвандӣ дар давлатҳои ҳуқуқбунёд дар он аст, ки шаҳрванди давлати мазкур ғайр аз ҳуқуқҳои эътирофшудаи, инсон ҳуқуқҳои иловагие соҳиб мешавад, ки ба он асосан ҳуқуқҳои сиёси дохиланд. Ҳамин тариқ, шаҳрвандӣ ҳамчун алоқаи ҳуқуқии идомаёбанда буда, шаҳрванд дар ҳолати дар хориҷӣ мамлакат будани худ, ҳатто ҳуқуқи талаб кардани ҳимояи ҳуқуқҳои худро дорад.

Бояд қайд намоем, ки масъалаҳои шаҳрвандӣ яке аз муносибатҳои муҳим дар алоқамандии шахс бо давлат мебошад ва танзими худро бояд пурра дар қонунгузорӣ ёбад. Яке аз шартҳои муҳими муввафақ шудан дар танзими муносибатҳои шаҳрвандӣ ин фароҳам овардани санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ ва мутобиқати ин санадҳо дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа мебошад. Инчунин танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳамаи котегорияҳои шаҳрвандон, яъне шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ бояд аз тарафи давлат дар асоси қонун муайян карда шавад. Ин ақидаро олимони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла Г. И. Тункин, С. В. Черниченко, В. И. Менжинский, Н. Т. Блатова, низ пазируфтанд [9,70].

Аз ин рӯ, аз тарафи созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ якчанд санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷумла, аз тарафи Созмони Милалли Мутаҳид як қатор санадҳое, ки дар меъёрҳои худ муносибатҳои шаҳрвандиро мустаҳкам менамоянд. Аз ҷумла, Эъломияи умуми ҳуқуқи башар, 10 – декабри соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16- декабри соли 1966, Конвенсия оид ба вазъи апатрид аз 28- сентябри соли 1954, Конвенсия оид ба кам кардани ҳолати бешаҳрвандӣ аз 30 - августи соли 1961, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ соли 1966, Конвенсияи СММ «Дар бораи мақоми гурезаҳо» соли 1951 ва Протоколи соли 1967 марбут ба он, Аҳднома дар бораи танзими баъзе масъалаҳое, ки бо коллизияи қонунҳо доир ба шаҳрвандӣ робита дорад аз 12- апрели соли 1930, Аҳднома оид ба вазъи апатридҳо аз 28- сентябри соли 1954, Аҳднома «Дар бораи шаҳрвандии занҳои шавҳардор» аз 30 - августи соли 1961, Эъломия «Дар бораи паноҳгоҳи қаламравӣ» аз 14 декабри соли 1967, Эъломияи СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар муносибат ба шахс, ки дар қаламрави давлате истиқомат менамояду шаҳрвандӣ он намебошад аз 13- декабри соли 1985 ғ [8, 146].

Масалан, дар Эъломияи умуми ҳуқуқи бошар аз 10- декабри соли 1948 дар моддаи 15 оид ба масъалаҳои соҳибияти ҳуқуқи шаҳрвандӣ чунин омадааст: «Ҳар як инсон ба шаҳрванди ҳақ дорад. Ҳеҷ касро худсарона аз шаҳрвандӣ ё аз ҳаққи тағйири шаҳрвандӣ маҳрум кардан мумкин нест» [5]. Дар санади дигари байналмилалӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16- декабри соли 1966, ки дар моддаи 24- он дар масъалаи соҳибияти шаҳрвандӣ чунин зикр шудааст: «Ҳар як кӯдак ба дарёфти шаҳрвандӣ ҳақ дорад» [6].

Чун сухан дар бораи танзими ҳуқуқии соҳибият ва қатъшавии шаҳрвандӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, қайд кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати соҳибихтиёр, узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар ҳудуди он тоҷикон ва дигар халқиятҳои гуногун зиндагонӣ мекунанд, ки дар маҷмӯъ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил мекунанд. Ҷумҳурии

Тоҷикистон низоми махсуси шаҳрвандии худро дорад, ки онро дар қонунгузори мустаҳкам кардааст ва ба санадҳои ҳуқуқӣ байналмиллалӣ, ки фарогири муносибатҳои шаҳрвандӣ мебошад ҳамроҳ аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарин ин мустаҳкам кардани муносибатҳои шаҳрвандӣ дар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки баъди ташкилёбии ИҶШС шаҳрвандии ягонаи иттифоқи муқаррар шуда буд ва ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар як вақт шаҳрванди ИҶШС ба шумор мерафт. Бинобар ин, аксарияти масъалаҳои шаҳрвандӣ тавасути қонунгузории иттифоқӣ ҳалу фасл карда мешуд. Хусусан, қонунҳои ИҶШС дар бораи шаҳрвандӣ аз 19 августи 1938 ва 1- декабри соли 1978 дар ҳалли масъалаҳои шаҳрвандӣ мавқеи хеле баланд доштанд. Дар Конститутсияи ИҶШС соли 1977 ва Конститутсияи Тоҷикистон соли 1978 бори аввал дар фасли давлат ва шахс баробари дигар масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии шахс, масъалаҳои асосии шаҳрвандии Тоҷикистон, асоси вазъи ҳуқуқии шахс, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ба тариқи канститутсионӣ танзим ёфтаанд [7, 160].

Асосҳои соҳибият ва қатъи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ба воситаи қонунгузорӣ танзими худро меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи шаҳрвандӣ амал мекунанд.

Пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар худ меъёрҳоеро муқарар кардааст, ки ба танзими масоили шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Масалан, дар моддаи 15- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: «Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад.

Мансубияти шаҳрванди Тоҷикистон ба шаҳрванди давлати дигар эътироф намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун ё шартномаҳои байнидавлатии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Тартиби соҳиб шудан ва қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд». Аз муқарароти моддаи зикршуда чунин бар меояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҳамчун давлати ягона дорои шаҳрвандии ягона буда, баъди қабули конститутсияи худ ҳолати қабул шуданро ба шаҳрванди дар асоси конститутсия ва қонунгузории ҷадиди худ муайян мекунад. Инчунин муқарароти дигаре низ дар конститутсия оиди шаҳрвандӣ муқарар шудааст. Аз ҷумла моддаи 16- Конститутсия «Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад. Ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад.

Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷие, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад».

Ғайр аз ин, дигар санадҳо, ба монанди Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 8- августи соли 2015 яке аз санадҳои дигари муҳимми меъёрии ҳуқуқест дар танзими муносибатҳои шаҳрвандӣ, ки дар дебочаи он чунин омадааст: «Қонуни конститутсионии мазкур муносибатҳо оид ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим дароварда, асосҳо, принсипҳо, шартҳо ва тартиби соҳиб шудан ва қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд» [2]. Дар баробари танзими соҳибият ва қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ҳифзи ҳуқуқҳои ҳама гуна категорияи шаҳрвандон аз ҷумла шахсони хориҷи ва шахсони бешаҳрвандро низ

пурра ба танзим медарорад. Ба сифати танзими асосҳои соҳибият ва қатъи шаҳрвандиро барои шахсони хориҷӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1- феврали соли 1996 ба танзим медарорад. Мутобиқи муқарароти ин қонун ба шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои дахлдор кафолат дода мешавад.[3]

Барои танзими муносибатҳои шаҳрвандӣ дар баробари санадҳои қонунӣ боз як қатор санадҳои зерқонуни низ қабул шудааст. Ба монандӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби баррасии масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 1996, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи шиноснома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 1997, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷори кардани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 1997, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қоидаҳои убури транзитии шаҳрвандон хориҷӣ аз тариқи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тақсими салоҳият оид ба масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ» соли 1999, инчунин дигар санадҳои қонуни ва зерқонун масъалаҳои марбут ба шаҳрвандиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Аз таҳлили мавзӯъ хулоса кардан мумкин аст, ки шаҳрвандӣ ҳамчун падидаи Конститутсионӣ бояд таҳлили пурраи худро дар қонунгузорӣ ёбад. Пас, аз ин ҷо бар меояд, ки мавҷуд будани норасоиҳо дар қонунгузории соҳаи шаҳрвандӣ боиси риоя нагаштан ва амали нашудани муносибатҳои шаҳрвандӣ мегардад. Дар ин замина таҳкими қонунгузории шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, шахсони хориҷӣ ва пешгирии бешаҳрвандӣ, яке аз роҳҳои муваффақ шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6- ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 22- майи соли 2016. Душанбе - 2016.
2. Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8- августи соли 2015.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1996, №3,
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 394; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с, № 1186.
5. Эъломияи умуми ҳуқуқи башар, аз 10- декабри соли 1948.
6. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, аз 16- декабри соли 1966.
7. Ашурбой Имомов. Ҳуқуқи Конститутсионӣ. Душанбе, 2004.
8. Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ - Душанбе: «Эр- граф» 2010.
9. Ҳакимов Ш.Қ. Усмонов Ф.Н. Ҳуқуқи байналмилалӣ (Дастури таълимӣ) - Душанбе: «Ирфон», 2009.
10. Ҳуқуқи инсон, Зери таҳрири умумии М.А. Маҳмудов, А.Г. Холиқов, Е.М. Павленко, Т. Н.Зиёев ва С. Сайфуллоев.- Душанбе, 2007.


## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақола оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои шаҳрвандӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он муаллиф танзими ҳуқуқии муносибатҳои шаҳрвандиро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, дар робита ба мавзӯъ якчанд тавсияҳо пешниҳод кардааст.



**Калимаҳои калидӣ:** шаҳрвандӣ, шаҳрванд, шаҳрвандони хориҷӣ, қонунгузорӣ, санадҳои зерқонунӣ, қонунгузории байналмилалӣ**.**

**ADJUST LEGAL OF CITIZENS ATTITUDES OF LEGISLATION REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article is devoted to the adjust legal attitudes at the legislation of the Republic of Tajikistan.

In this the author analyses the adjustment legal attitudes of citizens according to legislation the Republic of Tajikistan and in connection with the theme suggests some recommendations.

**Key words:** Citizenship, citizen, foreign citizens, legislation, legislative acts, the international legislation.

**ҲАБИБОВ** Кароматулло
Магистри курси 2-юми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит
**ХАБИБОВ** Кароматулло
Магистрант 2-го курса, Финансово-экономического института Таджикистана
специальность бухгалтерский учет, анализ и аудит
**HABIBOV** Karomatullo
Second-year Master of Science, Financial and economic Institute of Tajikistan
specialty accounting, analysis and audit

# МЕТОДИКАИ МУАЙЯНКУНИИ ЗАХИРАҲО ДАР ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ
## МЕТОД ОПРЕДЕЛЕНИЯ РЕСУРСОВ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ АНАЛИЗЕ.

**Аннотация**

В этой статье рассматривается методология определения ресурсов для экономического анализа: затраты на переработку и закупки ресурсов, их фактический источник издержек, метод измерения и оценки запасов, цена покупки, импортные пошлины и налоги. Расходы на транспорт и обучение и другие расходы, непосредственно связанные с покупкой готовой продукции, продуктов и услуг, подлежат изучению и анализу.

**Ключевые слова:** ресурс, стоимость, доход, оценка, деньги, цена, кредит, финансовая деятельность, продажи.

Калимаи «захира» - арабӣ буда дар адабиётҳои иқтисодии муосир ҳамчун ҳаммаънои калимаи французӣ «reserve» - захира, ё лотинин «reservere» - нигоҳ доштан, эҳтиёт кардан истифода мешавад. Вобаста ба ин гуфта маънии захира (резерв) бо ду маъно фаҳмида мешавад.

Якум, захираҳо ба маънои захираи сарватҳои моддӣ (ашё, масолеҳ, сӯзишворӣ ва ғайра), меҳнатӣ ва пулӣ, ҳамчун шарти тағмини истеҳсолот.

Дуввум, захираҳо ҳамчун имконияти зиёдгардонидани истеҳсоли маҳсулот, баландкунии сифати он, пасткунии арзиши аслӣ, масъултар ва оқилонатар истифодабарии тамоми намудҳои сарватҳо (моддӣ, пулӣ). Захираҳо метавонанд бо роҳи барҳамдиҳи талафоти вақти корӣ, мустаҳкамунии интизоми аст, баландбардории ихтисоси кормандон, пасткунии бекорҳо ба техника ва таҷҳизот, сарфакорона истифода бурдани воситаҳои моддиву пулӣ ва ғайра ба истеҳсолот кӯш карда шаванд.

Ҳамин тариқ, захираҳои хоҷагӣ – ин имкониятҳои потенсиалии корхона барои баландбардории самаранокии истеҳсолот ва сифати он мебошанд.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми захира бештар ҳамчун пасткунии талафот ҳангоми истифодабарии сарватҳо фаҳмида мешавад. Дурустш ин аст, ки захира ҳамчун имкониятҳои истифоданашудаи камкунии хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар дараҷаи мушаххаси инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва

муносибатҳои истеҳсолӣ фаҳмида шавад. Бартараф намудани ҳама гуна талафот ва харочоти оқилона – ин яке аз роҳҳои истифодабарии захираҳо мебошад. Роҳи сарфи истифодабарии захираҳо - ин вусгат додани прогресси илму техника ҳамчун фишанги баландбардории шиддатнокӣ ва самаранокии истеҳсолот мебошад. Ҳамин тариқ, захираҳо бо ҳаҷми пуриқтидор ҳамчун фарқи байни дараҷаи бадастомадаи истифодабарии сарватҳо дараҷаи имконии онҳо чен карда мешаванд.

Моҳияти иқтисодии захираҳои зиёдгардонии самаранокии истеҳсолот ин аст, ки тамоми иқтидори корхона барои гирифтани миқдори зиёди маҳсулоти баландсифат бо истифодабарии харочоти камтарини меҳнат бар воҳиди маҳсулот пурратар ва оқилонатар истифода шаванд.[1].

Дар назария ва амалияи ҳисобгирии байналхалқии захираҳои истеҳсолӣ дар мавриди аз анбор хориҷ. кардани онҳо ба истеҳсолот ё ба дигар мақсадҳо баҳодиҳии захирахоро бо яке аз ин усулҳо гузаронидан мумкин мебошад:

- ✓ бо арзиши аслии ҳар як воҳид;
- ✓ бо арзиши аслии миёна;
- ✓ бо арзиши аслии дар аввали вақт харида шуда (усули ФиФо);
- ✓ бо арзиши аслии дар охири вақт харидашуда (усули ЛиФо).

Истифодаи яке аз ин усулҳо оиди намуди (гурӯҳи) истифодаи захираҳо дар сиёсати ҳисобгирии корхона нишон дода шуда бошад.

Баҳодиҳии захираҳои истехсолӣ бо арзиши аслии дар як воҳид дар ҳолатҳои махсус (таносубан ба металлҳои қимматбаҳо, сангҳои қимматбаҳо ва ҳ.к.), ки захираҳоро бо усулҳои оддӣ баҳо додан имконпазир мебошад, истифода бурда мешавад.

Арзиши аслии миёнаи захираҳо барои ҳар як намуд (гурӯҳ) муайян карда мешавад ҳамчун арзиши аслии умумии намуди (гурӯҳи) масолеҳ ба миқдори онҳо, мувофиқатан аз арзиши асли ва миқдори бақияи онҳо дар аввали моҳ ва дохилшавии захираҳо дар давоми моҳ ташкилшударо мефаҳмонад.

Ду усули. нишондодашуда дар таҷрибаи ҳозираи баҳодиҳии захираҳои молию масолеҳӣ истифода бурда мешаванд.

Дар ҳолати, истифодаи усули ФиФо чунин қоидаро истифода мекунанд. Якум партия - даромад, дуюм партия - харочот. Ин чунин маъно дорад, новобаста ба он, ки кадом партияи масолеҳ ба истеҳсолот дода шудааст, аввал масолеҳро бо нархи (арзиши аслии) партияи якуми харидашуда хориҷ мекунанд, сонӣ бо нархи партияи дуюи ва ҳ.к. муайян карда шавад.

Дар ҳолати истифодаи усули ЛиФо чунин қоидаро қабул мекунанд: партияи охирон ба даромад, якум - ба хародот, яъне аввал масолеҳро бо арзиши - аслии партияи охирин хориҷ карда, сипас бо арзиши аслии пешина ва ҳ.к.

Мисоли баҳодиҳии харочоти 100 дона масолеҳро бо усули ФиФо ва ЛиФо дида мебароем (ба ҷадвали №1 нигаред).

Истифодаи ин усулҳои баҳодиҳии захираҳои моддию - масолеҳиро корхона бо мақсади ташкили ҳисобгирии ҷузъии онҳо дар миқёси ҳар як партия (маблағи бо намуди масолеҳҳо) нигаронида шудааст.

Баҳодиҳии захираҳои масолеҳию – истеҳсолӣ дар охири давраи ҳисоботӣ вобаста аз усулҳои қабулшудаи баҳодиҳии захираҳо дар ҳолати хориҷшавӣ (ба ғайр аз молҳое, ки бо арзиши фурӯшашон ба ҳисоб гирифта мешаванд) бо истифодаи усулҳои зерин гузаронидан мумкин мебошад.[2].

Дар баробари муайян кардани нархи устувори ҳисобгирӣ хеле муҳим мебуд, ки воҳиди ҳисобгирии арзишҳои қимматнокро гузорем. Чунин воҳид буда метавонад: ҳар як намуд, навъи марка ҳаҷми масолеҳ, яъне ҳар як рақами номгӯй, ҳар партия, гурӯҳи якхела ва ҳ.ҳ. Ин нишондодҳо аз тарафи корхона муайян карда шуда ва сарчашмаи ташаккулёбии ахбори пурра ва боэътимод оиди захираҳои масолеҳӣ, назорати қатъӣ оиди ҳаракат ва ҳолати онҳоро дар корхона таъмин менамоянд.[6].

Ҷадвали 1.

**Баҳодиҳии масолеҳҳо бо усулҳои ФиФо ва ЛиФо**

| № | Нишондодҳо | Миқдори воҳид, дона | Нархи як воҳид, сомонӣ | Маблағ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Бақияи масолеҳ дар 1.06.2016с. | 20 | 10 | 200 |
| 2. | Масолеҳ дохил шуд: | 30 | 10 | 300 |
| | Партияи якум | 20 | 12 | 240 |
| | Партияи дуюм | 40 | 15 | 600 |
| | Партияи сеюм | 90 | х | 1140 |
| 3. | Ҷамъ дар як моҳ | | | |
| 4. | Хароҷоти масолеҳ дар давоми моҳ: | | | |
| | а) бо усули ФиФо: | 50 | 10 | 500 |
| | Партияи якум | 20 | 12 | 240 |
| | Партияи дуюм | 30 | 15 | 450 |
| | Партияи сеюм | 100 | х | 1190 |
| | Ҷамъ дар як моҳ | | | |
| | б) бо усули Лифо: | 40 | 15 | 600 |
| | Партияи якум | 20 | 12 | 240 |
| | Партияи дуюм | 40 | 10 | 400 |
| | Партияи сеюм | 100 | х | 1240 |
| | Ҷамъ дар як моҳ | | | |
| 5. | Бақияи масолеҳ дар 1.07.2016с. | | | |
| | а) бо усули ФиФо | 10 | 15 | 100 |
| | б) бо усули ЛиФо | 10 | 10 | |

Дар асоси меъёрҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (МБҲМ) захираҳо гуфта активҳоеро меноманд, ки

- ✓ барои фурӯш дар ҷараёни фаъолияти мукаррарӣ пешниҳод карда шудаанд (маҳсулоти тайёр, молҳо);
- ✓ дар ҷараёни истеҳсолот бо ҳамин намуди фурӯш истифодашудаанд (нимфабрикат);
- ✓ бо шакли ашё ва ё масолех, барои истифода дар ҷараёниистеҳсолот ва ё дар иҷрои кору хизматҳо иштирок доранд.

Захираҳо бояд бо назардошти на кам аз ду бузургӣ баҳо дода шаванд: арзиши аслии хақиқӣ ва арзиши тозаи фурӯш. [5].

Хароҷотҳо барои харидани захираҳо, ки арзиши аслии хақиқии онҳоро ташкил мекунад, иборат мебошанд: аз нархи харид, боҷи воридот, андозҳо. хароҷотҳои нақлиётӣ-тайёркунӣ ва дигар хароҷотҳое, ки бевосита ба харидани маҳсулоти тайёр, масолеҳ ва хизматҳо гузаронида мешаванд.

Хароҷотҳо оиди коркарди захираҳо иборат мебошанд: аз хароҷотҳое, ки бевосита ба истеҳсоли як воҳиди маҳсулот гузаронида шудаанд, (ашёи хом, масолеҳ, хароҷоти мехнат) ва хароҷотҳое, ки таъиноти умумихоҷагӣ доранд. Ба дуюмаш дохил мешаванд хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбандаи борхатии истеҳсолие. ки дар мавриди истеҳсоли маҳсулот ба вуҷуд меоянд ва байни намуду гурӯҳҳои маҳсулот таносубан ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардашуда, музди меҳнати коргарон ва ҳ.қ. тақсим карда мешаванд.[6..

Ба арзиши аслии захираҳои молию масолеҳӣ боз дохил карда мешаванд хароҷотҳо оиди саривақт оварда расонидани онҳо ба ҷойҳои муқарраркардашуда

(хароҷотҳои бемасъули борхатӣ ё ки хароҷотҳо барои коркарди маҳсулот барои харидорони алоҳида).

Арзиши аслии захираҳо дар ҳисобгирии ҷорӣ - асосан бо истифодаи усулҳои меъёрии хароҷот ва усули нархи ҳисобӣ муайян карда мешаванд.

Хароҷотҳои меъёрӣ - ин дараҷаи меъёрии истифодаи ашёи хом, масолеҳ, меҳнат, самаранокӣ ва иқтидор мебошад. Онҳоро доимо назорат мекунанд ва ба танзим медароранд.

Усули нархи ҳисобӣ - бештар дар савдои чакана барои баҳодиҳии захираҳое, ки аз миқдори зиёди ивазшавандаи нархи ягона дошта иборат мебошанд ва барои онҳое, ки барои истифодаи дигар усулҳои баҳодиҳии арзиши асли мувофиқ, нестанд истифода бурда мешаванд.

**Адабиёт**


*1.* ҚонуниҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702

2. Каримов Б. Х., Кодирова Г. Қаюмова Ф. Назарияи ҳисобдории бухгалтерӣ Душанбе-2007

3. Каримов Б. Х. Таҳлили иқтисодӣ. Ирфон 2005

4. Бабаев Ю. А. Теория бухгалтерского учета. Москва 2006

5. Холиқова С., Турдиев М. «Баҳисобгирии муҳосибӣ-молиявӣ» -Душанбе 2010с, 378с.

6. Данилов Е. Н. Заборников В. Е., Шипика Л. К. Анализ хозяйственной деятельности бюджетных и научных учреждений. Минск, 000 Интерсервис Экопереспектива. 2005


## МЕТОДИКАИ МУАЙЯНКУНИИ ЗАХИРАҲО ДАР ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ

**Аннотасия**


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои методикаи муайянкунии захираҳо дар таҳлили иқтисодӣ: хароҷотҳо барои коркард ва харидани захираҳо, ки арзиши аслии хақиқии онҳоро ташкил мекунад, усулҳои ченкунӣ ва баҳодиҳии захираҳо баҳисобгирии нархи харид, боҷи воридот, андозҳо. хароҷотҳои нақлиётӣ-тайёркунӣ ва дигар хароҷотҳое, ки бевосита ба харидани маҳсулоти тайёр, масолеҳ ва хизматҳо лозим мебошанд мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта шудааст.



**Калидвожа:** захира, хароҷот, даромад, баҳодиҳӣ, пул, нарх, қарз, фаъолияти молиявӣ, фурӯш.


## METHOD OF DETERMINING RESOURCES IN ECONOMIC ANALYSIS.

**Annotation**


This article examines the methodology for determining resources for economic analysis: the costs of processing and purchasing resources, their actual source of costs, the method of measuring and estimating stocks, the purchase price, import duties and taxes. The costs of transport and training and other expenses directly related to the purchase of finished products, products and services are subject to study and analysis.



**Keywords:** resource, cost, income, valuation, money, price, credit, financial activity, sales.

# МУНДАРИЧА – СОДЕРЖАНИЕ


| | | |
|---|---|---|
| ***Вступительное слово ректора ФЭИТ Давлатзода К.К.*** | | *4* |
| **КАНДИЕРОВА Д.О.** | *Региональная интеграция как фактор эффективного использования гидроресурсов* | *5* |
| **БУБИН М.Н., РОСТЕЦКИЙ Р.В.** | *Особенности управления корпоративной собственностью в России* | *11* |
| **МАКСИМОВА Т.В., КОРОТКОВА О. В.** | *Характеристика финансово-экономических моделей расчета достоверности оценки эффективности и стоимости денежных потоков* | *14* |
| **МАҲМАДОВ Н.К.** | *Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар танзими ҳуқуқии конститутсионии муносибатҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *19* |
| **ФИЛИППОВ И.В.** | *Принцип долевого участия как составляющая финансирования многоквартирных домов* | *26* |
| **ПЕРЕВОЗОВА О.В., РАХИМОВ И.Х.** | *Современные тендеции кадрового бренда в крупных компаниях* | *29* |
| **КОПЧЕНОВ А.А.** | *Конкурентные преимущества в сельском хозяйстве промышленных регионов* | *36* |
| **ДОЛГОВ М.В.** | *К вопросу об управлении денежными потоками в организации* | *40* |
| **УГРЮМОВА Н.В.** | *Организационные преобразования предприятия как механизм повышения его конкурентоспособности* | *42* |
| **ЁРАҲМАДОВ Р.** | *Автоматикунонии ҷои кори муҳосибон ва ташкили он дар муҳити шабакаҳои локалӣ* | *46* |
| **ЗАРНИГОРИ Ҳ.** | *Имтиезҳои андозӣ-омили ҷалби сармояи хориҷӣ* | *52* |
| **НАЗАРОВ С.** | *Самтҳои такмили андозбандӣ хамчун омили рушди кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *54* |
| **ИСОЕВ З.** | *Таҳлили ҳолати молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ* | *58* |
| **ЛОЛАХОНОВ М.** | *Қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба фаъолияти сармоягузорӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ* | *62* |
| **ШОДИЕВА М.** | *К вопросу создания и развития банка международных расчетов* | *68* |
| **ТАБАРОВ А.** | *Тартиби баҳисобгирии андозҳо ва музди меҳнат аз рӯи барномаи 1 С Муҳосибот дар корхонаҳо* | *71* |
| **СОҲИБОВ С.** | *Моҳияти иқтисоди ва иҷтимоии хароҷоти корхонаҳо дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ* | *74* |
| **ШОЕВ Ш.** | *Таърих ва пайдоиши андоз аз арзиши иловашуда дар Тоҷикистон* | *78* |
| **КАРИМОВ А.** | *Таҳлили воридоти андозӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ пардохтшаванда дар қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *81* |
| **ҚАДРИДДИНИ Қ.** | *Мавқеъ ва аҳмияти низоми андози миллӣ дар* | *88* |

| | | |
|---|---|---|
| | *пешравии иқтисодиёти кишвар* | |
| **ШОЕВ Ф.** | *Автоматикунонии ҷои кори корманди мақомоти молия доир ба даромад ва хароҷоти буҷети ноҳия (дар мисоли барномаи sgb.net)* | *92* |
| **ТОИРОВ Э.** | *Самтҳои асосии такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *103* |
| **МАДАМИНОВА Ф.** | *Нақши соҳаи гидроэнергетика дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *108* |
| **ШАРИПОВ Н.** | *Государственный аудит как система управления социально-экономической сферой* | *112* |
| **УБАЙДЗОДА Ғ.** | *Хусусиятҳои баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ дар корхонаҳо* | *115* |
| **МИРЗОЕВ Т.** | *Дурнамои воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ* | *117* |
| **МИСКИНОВ С.** | *Ҷанбаҳои назариявии усулҳои таъмини ҳифзи иттилоот дар системаи идоракунии корхонаҳо* | *122* |
| **НАЗАРАМОНОВА М.** | *Рынок банковских слияний и поглощений в период кризиса и его дальнейшие перспективы* | *125* |
| **ҲОҶИМАТОВ А.** | *Роҳҳои маъмурсозии системаи иттилоотӣ* | *128* |
| **САИДОВ А.** | *Баҳисобгирии муҳосибӣ асоси рушди муносибатҳои молиявӣ* | *130* |
| **НАСИРЛОЕВА С.** | *Пули миллӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонанда* | *133* |
| **ХОДЖИЕВ Д.** | *Учетная политика и её роль в бюджетных организациях* | *137* |
| **ФАЙЗОВ Ф.** | *Этапы развития и задачи бухгалтерского учета в условиях рыночной экономики* | *142* |
| **ФИРДАВСОВ С.** | *Баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун сарчашмаи ахборотии баҳодиҳии ҳолати молиявии фаъолияти корхонаи муштарак дар шароити муосир* | *146* |
| **ҲАМРОҚУЛОВ Д.** | *Усулҳои татбиқи имкониятҳои Ms Excel дар ҳалли масъалаҳои молиявӣ* | *150* |
| **КАРИМОВ Б.** | *Таҳлили вазъи макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *155* |
| **ИСМОНОВ Э.** | *Баҳодиҳии иқтидори андозии минтақа* | *162* |
| **ҚОСИМОВА Қ.** | *Муаммоҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагӣ алоқаманд* | *165* |
| **ГАДОЕВ Н.** | *Ташкили низоми электронӣ дар бахши молияи ҷумҳурии тоҷикистон* | *168* |
| **МАВЗУНАИ** О. | *Нақши сармоягузориҳо дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ* | *172* |
| **БУХОРИЕВ М.Ҳ.** | *Барасии даромад аз фурӯш ва дигар натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона тибқи СБҲМ* | *176* |
| **МИРЗОҚУРБОНОВ** Н. | *Роҳҳои мукаммалгардонии буҷети давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ* | *179* |

| | | |
|---|---|---|
| **БОБОЁРЗОДА З.** | *Нақши технологияҳои иттилоотии муосир дар идоракунии корхона* | *182* |
| **ТОҶИДДИНИ Т.** | *Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таълими* | *185* |
| **ГУРЕЗОВ** Ш. | *Таҳлили низоми пулӣ устувори ва муаммоҳои он дар шароити имрӯза* | *188* |
| **САФАРОВ** М. | *Равандҳои қарздиҳии ипотекӣ ва ҷорӣ намудани он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *191* |
| **САМАРИДИНИ** Ш. | *Усулҳои баҳогузорӣ ва идоракунии хавфҳо дар фаъолияти бонкӣ* | *195* |
| **СОЛИҲОВ** С. | *Амалиётҳои қарзии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»* | *199* |
| **ДАВЛАТОВ** У. | *Зарурият ва механизмҳои гузаронидани амалиётҳои сейфӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ* | *202* |
| **ФИРУЗИ** С. | *Асосҳои ҳуқуқии ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ дар низоми бонкии ҶТ* | *206* |
| **ЧАҚАЛОВ** К. | *Интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун омили асосии пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *209* |
| **ХАЛИЛОВА** У. | *Зарурияти татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди коркарди маълумоти муҳосибӣ* | *213* |
| **ИСЛОМОВ П.** | *Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар тадбиқи китобхонаи электронӣ* | *216* |
| **РОЗИҚОВ** Б. | *Нақши пардохтҳои ҷории андоз дар ҷараёни ҳисоби андоз аз фоида* | *218* |
| **НИГМАНОВА** Н. | *Моҳият ва хусусияти уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат* | *222* |
| **ОДИНАЕВ** Ф. | *Буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ* | *225* |
| **САИДОВ** Б. | *Таҳлил ва истифодаи сармояи мустақими хориҷӣ ва дурнамои он дар мисоли корхонаҳои муштараки ҶТ* | *229* |
| **МУМИНОВ** С. | *Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *232* |
| **НАЗАРОВ** Ш. | *Буҷети давлатӣ қисми асосии идоранамоии молияи давлатӣ* | *236* |
| **НАРЗИЕВ** А. | *Механизмҳои имконпазири муътадилсозии молиявии корхонаҳои саноатӣ* | *241* |
| **ДАВЛАТОВ Ф.** | *Нақши технологияи иттилоотӣ дар рушди соҳаи маориф ва илм* | *245* |
| **ДАВЛАТОВ** Ҳ. | *Ҳавасмандгардонии молиявии инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *247* |
| **НАСРУЛЛОЕВ** Қ. | *Рақобатпазирии бонкдории исломӣ дар шароити бӯҳрони молиявӣ* | *251* |

| | | |
|---|---|---|
| **ДУСТОВ** М. | *Масъалаҳои баҳисобгирии маҳсулоти тайёр ва фурӯши он* | *256* |
| **ИДИБЕКЗОДА** Ҳ. | *Сохт ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *259* |
| **ҚУРБОНОВ** Г. | *Моделҳои ташаккули ҳисоботи идоракунӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ* | *263* |
| **АЛИШЕРИ С.** | *Моҳияти иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои муштарак* | *270* |
| **ҶУЛИЕВ** М. | *Таҳлили иқтисодии муқоисавии рушди корхонаҳои саноатӣ* | *274* |
| **НАБОТОВ** Ш. | *Танзими интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар асоси истифодаи принсипҳои гумрукӣ* | *280* |
| **МАҲМАДАМИНОВ** Ф. | *Касри буҷет ва манбаъҳои маблаггузории он* | *284* |
| **МУСОЕВ** М. | *Хусусиятҳои ташкил ва гузаронидани санҷишҳои палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *287* |
| **НАИМОВА** М. | *Такмили низоми молияи давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *291* |
| **РИОЕВ** М.А. | *Принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ* | *293* |
| **ЗАРОВИДИНОВ** Ф. | *Сармояи венчурӣ ва маблағгузории венчури: таҷрибаи ҷаҳонӣ ва барномаҳои онҳо дар Тоҷикистон* | *297* |
| **ФИРУЗИ Т.** | *Танзими ҳуқуқии муносибатҳои шаҳрвандӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *300* |
| **ҲАБИБОВ** К. | *Методикаи муайянкунии захираҳо дар таҳлили иқтисодӣ* | *304* |

ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ И УПРАВЛЕНИЯ. / СБОРНИК СТАТЕЙ И ТЕЗИСОВ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ (10 НОЯБРЯ 2017 ГОДА).

Подписано в печать 27.11.2017. Формат 60х84 $1/_8$.

Офсетная бумага. Гаринитура Times New Roman.

Офсетная печать. Усл. п.л. 39,0.

Тираж 100 экз.

Отпечатано в типографии ФЭИТ